ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/2 (109)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2013

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Каримов М.Б. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Каримов Н. - зам.гл.редактора, кандидат филологических наук

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Асозода Х. - доктор филологических наук, профессор
Исматов С. - кандидат филологических наук, доцент
Камолиддинов Б.- доктор филологических наук, профессор
Маджидов Х. - доктор филологических наук, профессор
Муроди М.- доктор филологических наук, профессор
Раджабов Х. - доктор филологических наук, профессор
Сулаймонов С.- доктор филологических наук, профессор
Саломов М. - кандидат филологических наук, доцент
Сафаров У. - доктор филологических наук, профессор
Ходжаев Д.- доктор филологических наук, профессор
Шарипов Х. - доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Нарзикул М. - доктор филологических наук, профессор

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2013
Вестник Таджикского национального университета, 2013

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

НАЗАРЕ БА ЧАНД НОМИ ЛИБОС ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

С.М. Исматов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Абулқосим Фирдавсӣ барои воқеӣ ва реалӣ офаридани лаҳзаҳои гуногуни воқеаҳои асар, мисли дарбори шоҳ ё майдони ҷанг ба зоҳири қаҳрамонон, сарулибос, муҳити фарогири ӯ ва воситаҳои гуногун, мисли асбобу афзори расмиву размӣ кор гирифтааст. Ин принсип аз ибтидои «Шоҳнома» то охир риоя шудааст. Дар ин ҷо ба пӯшокҳое, ки аз чарм ё пӯсти ҳайвоноти гуногун таҳия мешуданд, диққат дода мешавад.

Дар ибтидо Ҳушанг ва Таҳмурас ба либосу ойини бофандагӣ диққат додаанд. Чунончи, Ҳушанг либоси мардумро аз чарми ҳайвоноте аз қабили санҷоб, қоқум, рӯбоҳ, самур таҳия сохт:

Зи пӯяндагон ҳар чӣ мӯяш накӯст,
Бикушту аз эшон бароҳехт пӯст.
Чу санҷобу қоқум, чу рӯбоҳ гарм,
Чаҳорум самур аст, к-аш мӯй нарм .
Бад-ин гуна аз чарми пӯяндагон,
Бипӯшид болои гӯяндагон (1-55).

Ва Таҳмурас:

Пас аз пушти мешу барра пашму мӯй,
Буриду ба ришта ниҳоданд рӯй (1-56).

Гарчанде ҷойи дигар шоир ба ҳайвоноти дигар монанди хаз, кимоли бур ва рангу бӯйи он диққат медиҳад:

Чи аз мушку кофуру хаззу самур,
Сиёҳу сапеду зи кимоли бур (9-360).

Аммо шоир аввалин подшоҳи пешдодиён Каюмарсро бо либоси аз ҳама нодир, ки нишонаи шуҷоат ва мардӣ буд, яъне палангина тасвир мекунад:

Сари тахту бахташ баромад зи кӯҳ,
Палангина пӯшид худ бо гурӯҳ.
Аз ӯ андаромад ҳаме парвариш,
Ки пӯшиданӣ нав буду нав х(в)ариш (1-46).

Маҳз ба хотири фарру бозуву бурз ва либоси махсус, яъне палангина мардум аз ӯ итоат мекарданд. Ба ин восита шоир тавонистааст психологияи ҷомеаи ибтидоиро тасвир намояд. Гузашта аз ин бо ин либос шахсе тасвир карда мешавад, ки қувваи фавқулода дошта, аз дигар шахсони қаторӣ боло меистад. Воқеан, пӯшандаи чарми паланг шахси хеле пурқудрат тасаввур карда мешавад.

Чунончи, фариштаи некӯкор Суруш низ бо либоси палангина тасвир меёбад:

Якояк биёмад хуҷаста Суруш,
Ба сони парие, палангинапӯш (1-47).

Шоир ба воситаи ягонаи абзори ҷангӣ будани чарми паланг дар қадим (дар тани Сиёмак) ишора мекунад:

Бипӯшид танро ба чарми паланг,
Ки ҷавшан набуд он гаҳ ойини ҷанг (1-48).

Бояд гуфт, ки қаҳрамонҳои мусбат ва дӯстдоштаи шоир бо либосҳои аз чарми ҳайвоноти нодир таҳияшуда тасвир меёбанд. Масалан, Рустами Дастон - идеали шоир бо либоси ҳайвони ниҳоят тездав ва нодир – бабри баён, ки барои шикор ва дарёфти он як қувваи фавқулодае мисли қувваи Таҳамтан лозим аст, тасвир меёбад.

Таҳамтан бипӯшид бабри баён,
Нишаст аз бари жандапили жаён (4-249)

Ва он чӣ гуна либосест, ки Фирдавсӣ дар тавсифи он ҷеҷ муболиғаеро фурӯ намегузорад:

Яке ҷома дорад зи чарми паланг,

Бипӯшад ба бар, андарояд ба ҷанг,
ҳаме ном бабри баён хонадаш,
Зи хафтону ҷавшан фузун донадаш.
Насӯзад бар оташ на бар об тар
Шавад, чун бипӯшад барояд-ш пар (4-129).

Гарчанде дар баъзе маворид онро чарми шер ва паланг низ мегӯяд:

Ба бозу каманду ба тан чарми шер,
Зи пайкор ҳаргиз нагаштаст сер (4-246).
Зи дарё наҳанге ба ҷанг омадаст,
Ки ҷавшан-ш чарми паланг омадаст (4-168).

Аммо қаҳрамонони дигар вобаста ба зӯри бозу ва мавқеи иҷтимоӣ бо чарми гов ва гӯр тасвир ёфтаанд:

Хӯриш гӯру пӯшиш ҳама чарми гӯр,
Гиё хурд гоҳеву гаҳ оби шӯр (3-298).

Аз абёти фаровони шоир чунин бармеояд, ки эрониён аз санъати коркарди чарм бархурдор будаанд, ки миқдори зиёди чармро ба расми туҳфа ё андоз равона мекарданд:

Зи чарми гавазни муламмаъ ҳазор,
Ҳама ранг бар ранг буд пурнигор (7-91).

Шикори ҳайвоноти тезхашму дарранда мисли паланг маъмул будааст, ки миқдори зиёди пӯсти он коркард мешудааст:

Паланге, ки хонӣ ҳаме барбарӣ,
Аз ӯ чорсад пӯст буд бартарӣ (7-91).
Пароканда аз чарми говони меш,
Ки бар пушти пилон ҳаме бурд пеш.
Ҳазору саду шаст қинтор буд,
Дирам буду ҳам ганҷи динор буд (7-560).

Як қинтор баробари 45 кг аст, ки ин миқдори зиёд (52,2 тонна) бешак аз рушди саноати коркарди чарм дарак медиҳад. Вожаи **пайдовасӣ** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънии воҳиди пули тилло баробари 5 динор омадааст, ки аз чарми порсӣ омода мекарданд:

Пароканда афканда пайдовасӣ,
Ҳама чарми пайдовасӣ порсӣ (9-359).

Ин аст, ки аз чарми ҳайвонот ба ғайр аз либос, инчунин зеҳи камон, кӯси (нақораи) ҷангӣ, каманд, машк ва дигар афзор месохтанд:

Камоне, ки будӣ зеҳ аз чарми шер,
Ба чанг андароварду омад далер (4-121).
Яке кӯс будаш зи чарми ҳизабр,
Ки овози ӯ баргузашти зи абр (7-58).

Аммо баръакси пӯшокҳои аз пӯсти ҳайвонҳои нодир сохташуда, шахсони манфӣ ва баднишон бо пӯстин:

Чунин гуфт, к-омад яке баднишон,
Фиристодаву пӯстине кашон (9-272).

Ва зоҳидону дарвешон пашминапӯш ва гилемпӯш тасвир ёфтаанд, ки ин яке аз махсусиятҳои портретофаринии шоир аст:

Парастиш ҳамекард пашминапӯш,
Зи ғораш ҳаме нола омад ба гӯш (5-397).

Муаллиф инчунин аз вожаҳои арабии махруту мадҳун, ки матоъ ё либосро мефаҳмониданд, истифода намудааст, ки чунин мисолҳо ниҳоят каманд:

Чу сесад шутур ҷомаи чиниён,
Зи махруту мадҳуну аз парниён.

Тасвири бойгариву шаҳомату шукӯҳи шоҳон рафта-рафта услуби ҳамоса гаштааст. Шоир таҳти муҳити ин услуб номҳои зиёди матоъ ва ашёҳои марбут ба бойгариву шаҳомати шоҳонро пайи ҳам меорад, ки матоъҳое аз қабили дебо, махруту мадҳун дар он қаторанд:

Ҳаюн хост аз ҳар сӯе даҳ ҳазор,

Пароканда дар дашту дар кӯҳсор.
Ҳазор уштур аз ганҷи динори шоҳ,
Чу сесад зи дебову тахту кулоҳ.
Сад аз мушк в-аз анбару гавҳарон,
Сад аз тоҷ в-аз номвар афсарон,
Аз афкандаиҳои дебо ҳазор
Бифармуд то барниҳоданд бор.
Чу сесад шутур ҷомаи чиниён
Зи махруту мадҳуну аз парниён.
Иморӣ **бисечид** дебо ҷулайл
Канизак бибурданд чинӣ ду хайл (6-314).

Ҳамин тариқ, назаре андохтан ба чанд номи либос ба ҳамосаи бузургамон «Шоҳнома» аҳамияти бузурги этнографӣ ва забоншиносӣ дошта, таърихи пӯшиши мардумиро аз ибтидо то асри 10 таҳти назар қарор медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ // Куллиёт.- ҷ.11.- Кит.1.-Душанбе: Нашрдавлтоҷ.- 1963.- С.16-23.
2. Ализода И. Сухане чанд оид ба луғати «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ//Ахб. Аф РСС Тоҷикистон, шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ.-Сталинобод, 1957.-бароришш 12,-№12.-С.53-65.
3. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома». - Душанбе: Маориф.- 1994. -118 с.
4. Андарзи «Шоҳнома» (Мураттиб ва муаллифи Сарсухан Маҳадов М).-Душанбе: Адиб.- 1994.-112 с.
5. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) қ.1.- Душанбе, 2003.-490с.
6. Муллочаев С.А. Аз таърихи луғати ҳарбии тоҷику форс дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ//Мактаби советӣ.-1974, №3-с.83-89.
7. Муллочаев С. А. Мавқеи истилоҳоти ҳарбии арабӣ дар «Шоҳнома» // Мактаби советӣ.-1977.-№1.-с.20-24.
8. Муллочаев С.А. Военная лексика «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. Автореф.дис.кан.фил.наук.-Душанбе, 1980.-24с.
9. Набиева Г. В. Инъикоси лексикаи сару либос дар адабиёти хаттӣ // Ахб.АФ.РСС Тоҷ .-Душанбе: Дониш.-1975.-с.71-83.
10. Саломов М. Ифодаҳои маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ.-Душанбе, 2001.-138с.

ВЗГЛЯД НА НЕКОТОРЫЕ НАЗВАНИЯ ОДЕЖДЫ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

«Шахнаме» Фирдоуси - национальный эпос персов и таджиков, памятник мирового значения, огромная, состоящая из 55 тыс. бейтов, который пользуется необычайной популярностью с момента своего появления. «Шахнаме» Фирдоуси представляет собою один из шедевров мировой цивилизации, в мифологических героях которого воплощены идеи любви к Отчизне, уважительное отношение к личности, высочайшая человеческая мораль, чистота помыслов и справедливость, добросовестность и честность, патриотизм и общечеловеческий гуманизм. В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению некоторые названия одежды в «Шахнаме» Фирдоуси, которые имеют очень важное этнографическое и лингвичтическое значение и охватывает историю создания и использования различных элементов одежды до X века.

Ключевые слова: «Шахнаме» Фирдоуси, национальный эпос,этнография, лингвистика, одежда в «Шахнаме» Фирдоуси, элементы одежды.

LOOK AT SOME OF THE NAMES OF SERVICE IN SHAHNAMEH OF FERDOWSI

Shahnameh of Ferdowsi national epos Persians and Tajiks, a monument of world importance, huge, consisting of 55 thousand bayts, which enjoyed extraordinary popularity since its inception. Shahnameh of Ferdowsi represents one of the masterpieces of world civilization, in mythological heroes which embodies the ideas of love to the Motherland, respect for the individual, the highest human morality, purity and justice, honesty and integrity, patriotism and universal humanism. In this article the author subjected to examination and review some of the names of service in Shahnameh of Ferdowsi, who have a very important ethnographic and лингвичтическое value and covers the history of creation and use of various items of clothing to X century.

Key words: Shahnameh of Ferdowsi, national epic,Ethnography, linguistics, clothes in Shahnameh of Ferdowsi, items of clothing

Сведения об авторе: ***С.М. Исматов*** –доцент кафедры таджикского языка ТНУ. Телефон: **2-24-14-81**

НАҚШИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФӢ ДАР ТАЪЙИН НАМУДАНИ ҲУДУДИ (ХАРИТАИ) ЭТНИКӢ

Х. Ш. Кабиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷойи тазаккур аст, ки тайи солҳои охир илми забоншиносӣ ба масъалаи тадқиқоти этнолингвистӣ ва сотсиолингвистии забони халқияту миллатҳо бештару чиддитар рӯ овардааст, ки ин бесабаб нест. Аввалан, аз лиҳози этносотсиолингвистӣ таҳқиқу баррасии забон бо илмҳои таъриху ҷомеашиносӣ, бостоншиносиву мардумшиносӣ ва ҳатто қиёфашиносӣ иртибот гирифта, бо ин усули тадқиқ муҳаққиқ метавонад, ки ба асоси маводи забонӣ таъриху сарнавишт, таҳаввулу ташаккули забону фарҳанг, чеҳраву қиёфа, суннату анъанаҳои халқро дар масири таърих муайян кунад. Сониян, тадқиқоти этносотсиолингвистӣ имконият медиҳад, ки ҳудуди интишору сукунат, яъне харитаи этникии халқҳоро дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ муқаррар намояд, ки ин масъала дар шароити кунунӣ хеле муҳим ва дархӯри тақозои давр мебошад, зеро ки, аз як тараф, инкору таҳрифгарӣ ва ғаразҳо нисбати халқияту миллатҳои куҳанбунёд пайваста зиёд шуда истодааст, аз ҷониби дигар, раванди ҷаҳонишавии пурихтилоф ҳар як халқи соҳибтамаддуну бофарҳангро водор месозад, ки дар шинохт ва ҳифзу нигоҳдории ҳудуди этникӣ ва забону фарҳанги худ бедор ва устувор бошад, то ки аз ин раванди хатарафзо наҷот ёбад.

Дар иртибот ба ин масъала номҳои ҷуғрофӣ, яъне ойконимҳо (юнонӣ: aikos– хонаву ҷой ва onuma– ном), ки як шохаи топонимҳоро (юнонӣ: topos– ҷой ва onuma– ном) ташкил медиҳанд, дар муайян ва муқаррар намудани ҳадду ҳудуди сукунат ва харитаи этникии халқу миллатҳо маводи боэътимод шуда метавонанд.

Акнун пеш аз ин ки оид ба номҳои ҷуғрофии мавриди назар дар ҳудуди Туркистони Шарқӣ ё худ Бухорои Хурд, алҳол Ноҳияи худмухтори Синсзяну Уйғури (НХСУ) Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ) таваққуф намоем, лозим аст, ки ба таъриху сабабҳои пайдоиши номҳои ҷуғрофии эрониасл дар ин минтақа мухтасаран маълумот диҳем.

Бояд зикр кард, олимоне, ки ба омӯзишу тадқиқи таъриху фарҳанги мардумони Осиёи Марказӣ машғул шудаанд, Туркистони Шарқӣ, яъне Бухорои Хурдро яке аз гаҳвораҳои тамаддуни мардуми эрониасл меҳисобанд ва онро барҳақ ба ҳудуди этникии халқи тоҷик шомил мекунанд [3;4;5;6;7;8;9;10] ва ҳатто зикр мекунанд, ки қабилаҳои эрониасл то доманакӯҳҳои Тибетро макони зист қарор дода буданд ва ин минтақаи паҳншавии қавмҳои ориоӣ Скифияи бузург номида мешуд. Воқеан, дар марзҳои паҳновар ва биёбонҳои нопайдоканори ин минтақа ҳанӯз қабл аз солшумории мелодӣ мардуми ориёӣ мезист ва ин нуктаро академик Б. Ғафуров дар шоҳасараш «Тоҷикон» низ таъкид мекунад, ки: «Дар замонҳои қадим маҳалли паҳншавии забонҳо ва тоифаҳои эронӣ назар ба асрҳои миёна ва давраи нав хеле васеътар буд. Вай сарзамини паҳновареро аз Европаи Ҷануби Шарқӣ то Туркистони Шарқӣ ва аз назди Урал то ҷануби Эрон фаро мегирифт» [3, 50], ки ҳанӯз дар ҳамон аҳд макону маҳалли зисти онҳо номҳои эронӣ доштанд.

Тибқи шаҳодати сарчашмаҳои фаровони таърихӣ ва мадракҳои бостоншиносӣ ҳанӯз дар аҳди биринчӣ дар ҳудуди Туркистони Шарқӣ қабилаҳои ориёии сакоиву хутанӣ мезистанд. Иловатан оид ба вусъати ҳудуди паҳншавии қабилаҳои эронизабон муаррих Ҳ. Шарифов қайд мекунад, ки: «То аввали қарни II пеш аз милод мардуми эронизабон аҳолии асосии Муғулистони Ғарбиву Марказиро низ ташкил медоданд. Аҷдоди худи туркону муғулони ҳозира он дам дар атрофи кӯли Байкал, Муғулистони Дохилӣ ва Манҷурияи Шимолӣ мезистанд» [7, 15].

Аз ҷониби дигар, дар асри дуюми пеш аз милод кушода шудани Роҳи бузурги абрешим, ки дар давраи қадим ва асрҳои миёна Чинро бо кишварҳои Осиёи Миёна ва Осиёи Наздик мепайваст, яке аз халқҳои ориёинажод– суғдҳо дар тиҷорат аз тариқи шоҳроҳи мазкур нақши асосиро дар дасти худ гирифта буданд [2, 46, 52]. Тоҷирони суғдӣ ҳанӯз дар қарни III то мелод Шоҳроҳи абрешимро соҳибӣ карда, то Чин расида буданд. Дар қад–қади ин шоҳроҳ корвонсарой, работу деҳу шаҳракҳои зиёде сохта, диаспораи онҳо ҳазорон нафарро ташкил медод. Чунончи, аввали асри IV мелодӣ

танҳо дар шаҳри Дунхуан беш аз 1000 нафар суғдӣ зиндагӣ мекард. Ҳатто забони суғдӣ ҳамчун забони муошират на танҳо байни тоҷирону дипломатҳо, балки миёни мардуми бумии Туркистони Шарқӣ мустаъмал буд [7, 27].

Ин бунёдкориҳову нуфузи суғдиён, бешубҳа, боиси ба миён омадани силсилаи номҳои ҷуғрофӣ–топонимҳо гардид. Баъдан, тӯфони даҳшатноки ҳуҷуми муғул ва қатлу ғорати гӯшношуниди эшон дар Осиёи Миёна ҳамватанони моро ба гӯшаҳои дурдасти Осиёи Марказӣ парешон намуд ва ҳатто соли 1248 дуртар аз Урумчӣ шаҳре бо номи Самарқанд ва деҳкадае дар вилояти Кошғар аз ҳисоби ҳамватанони муҳоҷиршудаи мо бунёд гардида буданд [8,81]. Хусусан, дар асрҳои охир бар асари ҳодисаҳои хунрез теъдоди зиёди ҳаммиллатони мо барои наҷоти ҷони худу аҳли хонаводаашон аз Осиёи Миёна ба сӯйи Туркистони Шарқиву Ҳиндустон фирор карда бошанд, теъдоди дигараш барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ ва таъмини рӯзгор бо Туркистони Шарқи пайваста тоҷирӣ менамуданд, ки ин омилҳо низ дар зуҳури номвожаҳои ҷуғрофии эрониасл дар ин ҳавза беасар намонд. Лекин, тавре ки осори фаровони таърихиву илмӣ шаҳодат медиҳанд, дар асари тохту тоз, фишору тазйиқ ва қатли бераҳмонаи қабилаҳои кӯчманчии туркнажод мардуми эронитабори Туркистони Шарқӣ ба сӯйи Моваруннаҳру Хуросон рӯй меовардаанд ва бад–ин сабаб тадриҷан ба парокандагӣ ва таназзулёбӣ мувоҷеҳ мешаванд. Ин раванди фоҷиаборро муаррих Ҳ. Шарифов хеле одилона ба қалам додааст: «Ба касрати муҳоҷирати паёпай ва пурфоҷиа аҳолии тоҷики Кошғар сахт коҳиш ёфт ва оқибат ба нестӣ расид. Шамъи тоҷик танҳо дар баландкӯҳ–водии Сарикӯл ва баъзе мавзеоти атрофи Ёрканду Хутан фурӯзон монду халос» [7, 135]. Албатта, ҳоло аниқ намудан мушкил аст, ки дар шебу фарози садсолаҳо чӣ қадар ва кадом номҳои ҷуғрофии ориёасли ин минтақаи ориёнишин аз саҳифаи таърих густурда шудаанд, лекин теъдоди топонимҳои эрониасл, ки такмили феҳристи онҳо ҳанӯз ҳам аз ҷониби мо идома дорад, чун таърихи гӯё ва бурҳони қотеъ собит менамоянд, ки Туркистони Шарқӣ ҳудуди этникии тоҷикон, яъне аслан сарзамини тоҷикнишин будааст.

Инак, ойконимҳоеро, ки аз ин минтақа гирдоварӣ шудаанд, аз лиҳози сохтор ва мансубияти забонӣ мо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудем:

1. Ойконимҳои содаи аслан тоҷикӣ, яъне номҳои шаҳру деҳоти тоҷикиасл: Ниё, Шанбе, Кӯча (номи шаҳр), Хутан, Артуч, Шинҷон (Синҷон), Пил, Пишанг, Турфон, Сайрам, Гума, Кирпанг ва ғ.

2. Ойконимҳои сохта ва мураккаби тоҷикиасл: Ҳафтшаҳр, Ёрканд, Самарқанд, Навобод, Озодобод, Куҳнашаҳр, Чорсӯ, Саракӣ, Амборчӣ, Сарикӯл, Шамолбоғ, Душанбе, Чоршанбе, Карамбоғ, Барногул, Казгул, Шаҳриёр, Пойгабон, Андиҷонраста, Андиҷонсарой ва ғ.

3. Ойконимҳои тоҷикие, ки дар қолаби ибора ифода шудаанд: Гулбоғи Кошғар, Артучи Кошғар, Бӯстонсарои Шамолбоғ, Куҳна Дарвоза, Мӯйи Муборак, Сарои уротеппагиён ва ғ.

4. Ойконимҳои омехта, яъне ойконимҳое, ки аз ҷузъҳои туркиву тоҷикӣ ва арабӣ ташаккул ёфтаанд: Ёттишаҳр, Олтишаҳр, Юмолақшаҳр, Учтурфон, Қарошаҳр, Кичик Артуч, Такла Майдон, Майдаулғун, Яшилкӯл, Чунгбозор, Устунгӯй, Ҳайитгоҳ, Дадабозор, Янгиҳисор ва ғ.

Бояд зикр кард, ки таҳлили решашиносии ойконимҳои мазкур аз доираи мавзӯи баҳси мо берун буда, лекин оид ба баъзеи онҳо, ки ё тағйири шакл (овоз) кардаанд ва ё дар ду забон ҳаммаъноанд, назар меандозем.

Минтақае, ки тоҷикон дар он ба таври сарҷамъона зиндагӣ мекунанд, ба номи Сарикӯл ва забони онҳо забони сарикулӣ ёд мешавад, лекин таҳти таъсири забони уйғурӣ он минтақа дар шакли Сариқул роиҷ аст. Маркази ин ноҳияи тоҷикнишин, ки қаблан Варшиде (х) ном дошт, ҳоло ҷойи номи тоҷикии онро вожаи туркии Тошқӯрғон гирифтааст. Бояд ёдовар шуд, ки Варшиде(х) вожаи эронӣ буда, аз *варш* шакли тағйиркардаи varz–баланд, баландӣ ва *де*(х) вожаи dahyai форсии қадим –деҳа ташаккул ёфта, яъне деҳаи дар баландӣ воқеъбударо ифода мекунад ва чиниён Тошқӯрғонро Пулӣ мегӯянд. Муаррих Ҳ. Шарифов номи аслии Тошқӯрғонро на Варшиде (х), балки ба шакли Барчидев ба қалам додааст [7, 117], ки, ба андешаи мо, бунёди илмӣ надорад. Ҳамчунон ойконими Кошғар, ки вожаи суғдӣ ва маънояш *кӯҳи яшм* сабт шудааст [7, 43], дар муҳити туркзабонон ба шакли Қошғар мустаъмал мебошад.

Ҳафтшаҳр расман номи давлате буд, ки ҳафт шаҳри калонтарин: Кошғар, Янгиҳисор, Хутан, Оқсу, Ёрканд, Кӯча ва Курларо дар бар мегирифт ва бунёдгузори ин давлат тоҷики пискатӣ (Пискат шаҳракест дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон) Яъқуббек буд, тоҷике, ки баҳри озодӣ ва истиқлолияти халқҳои Туркистони Шарқӣ ҷонбозиҳо карда, лаёқати беназири сипаҳсолорӣ нишон дода ва беҳтарин лашкаркаши замон эътироф гардида, дар замонаш дар саросари Осиёи Марказӣ ғулғула афканда, давлате бо номи Ҳафтшаҳр таъсис дод, ки дар аҳди давлатдориаш забони тоҷикӣ забони расмиву давлатии Ҳафтшаҳр буд. Ин абармарди таърих барои гиромидошти забону миллати хеш номи давлати худро тоҷикӣ –Ҳафтшаҳр гузошт. Лекин бо мурури замон номи ин давлат низ ба уйғурии Еттишаҳр иваз карда шуд. Гузашта аз ин, гӯё пойтахти қадимаи уйғурон Панҷакент ном доштааст, ки он низ баъдан бо номи Бешбалиқи туркӣ бадал карда мешавад.

Дар воҳаи Турфон шаҳраке бо номи суғдии Чинанчканд вуҷуд дошт, ки он муродифи Хитойшаҳр мебошад. Қобили зикр аст, ки дар таъвиз ва махлутсозии номҳои ҷуғрофии тоҷикӣ таъсиру тазйиқи забони чинӣ камтар ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, зикри андаке аз номвожаҳои ҷуғрофии мазкур андешаи илман бунёдии олими шаҳир Б.А. Литвинскийро, ки Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ дар аҳди бостон ва қуруни вусто як минтақаи аз нигоҳи этникиву фарҳангӣ ва таърихӣ махлуту ягона буданд [5, 23], чун бурҳони қотеъ ва далели муътабари лингвистӣ тақвият медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон– Душанбе: Ирфон.- 2008.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон. Тоҷикони қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум.– Душанбе: Ирфон.- 1998.
3. Бӯстонова Д.Д. Робитаҳои таърихии Тоҷикистон ва Чин (аз таърихи пайдоиши Роҳи бузурги абрешим) // Сухане чанд аз робитаҳои ду сарзамин тамаддунофар. – Душанбе, 2012.
4. Давыдов А.С. О восточных пределах этнической территории таджикского народа // Этнография в Таджикистане.– Душанбе, 1989.
5. Литвинский Б.А. Исторические судьбы Восточного Туркестана и Средней Азии (проблемы этнокультурной общности) // Восточный Туркестан и Средняя Азия. История. Культура. Связи.–Москва: Наука.- 1984
6. Негматов Н.Н. Таджикский феномен: история и теория. –Душанбе, 1997
7. Шарифов Ҳ. Тоҷикони бурунмарзӣ. –Хуҷанд, 1996.
8. Шарифов Ҳ. Яъқуббеки бадавлат (тоҷики арҷманде дар тахти Кошғар). – Москва, 2001.
9. Ширин Қурбон, Мадалихон. Тоҷикони Чин.– Урумчӣ, 1994 (ба забони уйғурӣ).
10. Яқубшоҳ Ю. Тоҷикон (перомуни этногенез).- Душанбе, 1995.

РОЛЬ ОЙКОНИМОВ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ЭТНИЧЕСКОЙ ГРАНИЦЫ

В данной статье автор путем семантико-структурного анализа нескольких географических названий (ойконимов) Циньсзяно-уйгурского автономного района Китайской Народной Республики определяет историческую территорию расселения ираноязычных племен на указанном регионе.

Ключевые слова: географические названия (ойконимы), таджикские простые ойконимы, таджикские сложные ойконимы, смещанные ойконимы.

ROLE OF OICONOMS IN DEFINITION OF ETHNIC BORDER

In this article the author by the semantiko-structural analysis of several geographical names (oiconoms) the Tsinszyano-uygurs autonomous region of People's Republic of China defines the historical territory of moving of iranic-languages tribes on the specified region.

Key words: geographical names (oiconims), tajik simple oiconims, tajik difficult oiconoms, mixed oiconims.

Сведения об авторе: ***Кабиров Х.Ш.***- докторант Таджикского национального университета

ТВОРЧЕСКОЕ НАСЕДИЕ ГЕРБЕРТА МАРШАЛЛА МАКЮЭНА И ТЕОРИЯ КОММУНИКАЦИИ

М. Бекмурадов
Таджикский национальный университет

Образование – это самозащита общества против вреда, который приносят медиа [4]. (Маршалл Маклюэн).

Все, кто так или иначе, связан с проблемами «электронной» коммуникации и современных масс медиа, разумеется, наслышаны о «The Gutenberg Galaxy»(галактике Гутенберга) и Global village (глобальной деревне), а также не раз слышали фразу: «The medium Is the message» (носитель информации -есть само сообщение) Герберта Маршалла Маклюэна. Любопытно, что сам Маклюэн позже предложил и иной вариант фразы – «Средство коммуникации - это массаж» и назвал так одну из своих книг (The Mediumisthe Massage). Несмотря на то, что эти фразы Маклюэна у всех на слуху, мало кто читал его книги.

Эти идеи Маклюэна, а также такие как «холодные и горячие средства коммуникации» и многие другие, и сегодня оказываются востребованными в рамках различных наук и, особенно в рамках различных видов междисциплинарных исследований.

Среди множества работ, принадлежащих егоперу, нам наиболее известны такие, как; «Галактика Гутенберга» (The Gutenberg Galaxy, 1962), «Понимая медиа: продолжения человека» (Understanding Media: The Extensionsof Man, 1964), «Медиум– это Послание» (The Mediumisthe Message, 1967), «Война и мир в глобальной деревне» (Warand Peaceinthe Global Village, 1968).Однако, ясное изложение мысли на бумаге не является основным из его талантов.

Герберт Маршалл Маклюэн(*MarshallMcLuhan*) родился в 1911 году в городе Эдмонтоне в канадской провинции Альберта. После получения степеней бакалавра и магистра в Университете Манитобы он защитил докторскую диссертацию в Гарварде и в 1936 году получил первую преподавательскую должность в Висконсинском университете. Затем он преподавал в Университете Сент-Луиса, а после возвращения в Канаду в 1946 году - в Торонтском университете.Маклюэн мало заботился об укреплении своей научной репутации. Доктор философии, профессор, а к преподавательским обязанностям относился небрежно, коллег игнорировал и не вырастил учеников, способных приумножить его наследие. Академический мир относился к нему с презрением, а в массовой прессе он слыл эксцентричным интеллектуалом. Репутации первопроходца и классика в области теории массовых коммуникаций при жизни Маклюэна сопутствовала его известность в качестве персонажа американской массовой культуры, в 60-е буквально не сходившего с экранов телевизоров и страниц периодических изданий, прославившегося своими остроумными изречениями «пророка из Торонто». В эти годы имя Маклюэна в сознании среднего американца стояло в одном ряду с Фрейдом и Марксом. Его книги переведены на все европейские языки и изданы огромными тиражами. Афоризмы и высказывания Маклюэна, прочно вошли в западный менталитет и культуру. Так, Оксфордский энциклопедический словарь насчитывает 346 ссылок на Маклюэна. Еще в начале 60-х Маклюэн предсказал эффект воздействия телевидения на общество, суть и природу рекламы, а также ясно описал изменения в обществе, которые мы наблюдаем вместе с появлением Интернета. Маршалл Маклюэн говорил тогда: *Связь с помощью электричества - это мгновенная связь. Распространение связи посредством электричества по всей Земле означает, что пространство на ней как бы исчезает. Изо дня в день, вступая в связь, друг с другом, люди рассуждают и поступают так, как если бы они были совсем рядом, как если бы они жили в одной деревне. Они вольно или невольно все основательнее влезают в жизнь друг друга, рассуждая при этом обо всем, что им приходится видеть и слышать. На космическом корабле Земля нет пассажиров, здесь каждый является членом экипажа [1].*

Редко упоминаемой является также религиозная направленность творчества Маклюэна: будучи католиком по убеждению (принял католичество в 1937 г.), он полагал, что масс-медиа являются Посланием, ниспосланным человеку свыше.

Слова Маклюэна о том, что изначально «мы формируем технологии, а затем они формируют нас» сейчас как нельзя актуальны. В свое время ученый обозначил выход в большую жизнь «*поколения с телевизором*», а сегодня в эту жизнь выходят мальчики и девочки с компьютером. Он предсказал «*большое слияние руки с кнопкой*», «*телевизора с глазом*», «*компьютера с телом*» и наконец, «*человека с Сетью*».

Сообщество Сети в первую очередь нам следует понимать как коммуникационное общество, коммуникация в котором опосредована электронными средствами связи, например сетью Интернет. Примером этих сообществ могут служить коммуникационные сообщества, сформированные посредством социальных сетей, таких как Facebook и т.п. Первые социальные сети (socialnetwork) начали появляться в 1995г., это такие проекты, как Classmates.com, SixDegrees.com, Frendster.Таким образом, W.W.W. действительно сегодня можно было назвать «глобальной деревней», но только в самом начале его существования. То есть тогда, когда основными его пользователями были ученые, профессионалы IT, журналисты и т.д. Это люди с высоким уровнем образования, знанием языков и широким кругозором, подразумевающим толерантное восприятие чужих культур.

Все переменилось, когда Сеть стала массовым достоянием. В неё хлынули те, кто вырос и сформировался как личность на «культуре телевизора». Интернет для них стал, скорее, продолжением телевизионного реалити-шоу, источником информации о белье знаменитостей, местом виртуального флирта и общения, 80% которого сводится к фразе «Привет! Как дела?». Сегодня Интернет все больше напоминает мегаполис. Большой город, в котором присутствуют свои арабские, китайские, латиноамериканские и индийские кварталы с четким делением культур, есть свой деловой центр, квартал красных фонарей и спальные районы. Но мегаполис - это никак не «глобальная деревня». Судя по всему, футурологи немного поторопились, высказав мнение, что Интернет и есть прообраз «глобальной деревни»:Китай отгораживается от мира цифровой китайской стеной (вспомним взаимоотношения с Google). У испаноязычных «свой Интернет», ресурсы в котором коренным образом отличаются от англоязычных аналогов. Арабские страны также создают свой собственный виртуальный мир. Япония и Тайвань, наоборот, максимально интегрированы в Сеть. Таким образом, скорость обмена информацией не смогла сблизить культуры.

Эволюции средств коммуникации посвящена одна из главных работ Маршалла Маклюэна – книга «Галактика Гуттенберга: Сотворение человека печатной культуры». Цель «Галактики Гуттенберга» – «проследить, каким образом сначала фонетический алфавит, а затем книгопечатание изменили формы опыта, мировоззрения и самовыражения» [1]. По словам Маклюэна, метод различения устной и письменной форм выражения был позаимствован им у Милмана Парри и Альберта Лорда [5].

Основным средством коммуникации в *дописьменную эпоху* оказывается речь. Коммуникация осуществляется путем прямой передачи информации на уровне индивидуального общения, при этом хранителем информации оказывается человеческий мозг. Широко известны литературные формы, отражающие дописьменную культуру: мифы, сказки, притчи и т.п. Маклюэн отмечает отсутствие в России телефонных книг рядом с телефонными будками, говоря о том, что заучивание номеров наизусть является свидетельством доминирования в стране устного типа культуры. В период доминирования устной культуры человеческая память могла хранить значительно бóльшие объемы информации, чем в период доминирования письма.

Переход от устной культуры к *эпохе письма* начинается с момента возникновения письменности. С точки зрения Маклюэна, принципиальным изменением оказывается изобретение именно фонетического алфавита в противоположной иероглифическому письму. Именно с изобретением фонетического алфавита происходит раскол между речью и словом, письмо переводит звук в визуальную плоскость. Благодаря письму человек способен расчленять предметную реальность и располагать ее в линейную последовательность. Технологией новой культуры Маклюэн называет печатный станок,

изобретенный Гутенбергом. С распространением технологии печати литература превращается в бизнес, а «печатный текст становится не только первой, массово производимой вещью, но и *первым* однотипным и воспроизводимым товаром» [1]. С процессом коммерциализации литературы связывает Маклюэн и возникновение современного понимания автора текста.

Следующей технологией после печатного станка Гутенберга оказывается технология Маркони, или *электрическая технология*. О ней Маклюэн пишет в более поздних своих работах, например в работе «Понимание медиа: внешние расширения человека», опубликованной в 1964 г. Маклюэн не застал период бурного развития интернет-коммуникации, однако, его методология исследований применима к анализу феноменов современной электронной культуры. С возникновением Интернета, который предполагает свободную передачу информации, актуальность проблематики авторского права сложно недооценить. Однако электронная форма хранения и передачи данных, так же как это было в случае с печатной технологией, меняет и содержание электронных текстов. Формой существования письменного текста в Сети Интернет оказывается *гипертекст*. Гипертекст – это «форма письма, которое ветвится или осуществляется по запросу», или «непоследовательная запись» [3]. Такие характеристики гипертекста, как интерактивность и мультимедийность, и влекут за собой трансформацию понимания соотношения *автор – текст*.

Таким образом, Маклюэн предлагает следующую периодизацию социально-исторического процесса; устное *(человек слушающий)*, рукописное, книгопечатное общество (*человек смотрящий*), электронная эра (*слушающий и смотрящий*).

Маклюэн считал, что электронная революция перекраивает жизнь. На более высоких стадиях электронная революция выступила в качестве первопричины крупных социальных перемен. Компьютеризация создает технологическую основу информатизации общества, в котором информатика и владение компьютером является второй грамотностью.Маклюэн позаимствовал из мира джаза деление средств коммуникации на «горячие» (hot) и «холодные» (cool). К первым, требующим осмысления и изучения, относится, например, печатное слово; ко вторым, восполняющим недостаток информации активным вовлечением потребителя в акт сопереживания, - телевидение.

Маклюэн делает вывод том, что технологии вообще, а технологии коммуникации в первую очередь являются средством «расширения» (extension) человеческих органов. В случае электронных (или «электрических»терминов Маклюэна) средств коммуникации, ведущих свое происхождение от телеграфа, речь идет уже о «расширении» самой нервной системы человека. Данный тезис является полностью применимым по отношению к новому, тогда Маклюэну неизвестному (ПК был изобретен спустя три года после его смерти) средству массовой коммуникации - Интернету. Данный тезис приобретает характер удивительно точного предсказания.

Многие положения Маклюэна не бесспорны, зачастую его модели представляют картину взаимодействия коммуникационных технологий и социальных структур несколько односторонне. Будь он жив сейчас, возможно, писал бы книги, противоречащие тому, что он утверждал тридцать или сорок лет назад. Однако, вполне может быть, что пройдет энное количество лет, и мы своими глазами увидим то, о чем нам пытался сказать «пророк из Торонто».

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Мак-Люэн, Маршалл. Галактика Гутенберга: Сотворение человека печатной культуры.— Киев: Ника-Центр, 2004.— 432 с.— ISBN 966-521-295-8 Серия «СДВИГ ПАРАДИГМЫ», ISBN 966-521-224-9 Издательство «Ника-Центр» (© Universityof Toronto Press, 1962). (http:// rutracker.org/ forum/ viewtopic.php?t=1935737).
2. Лорд А.Б.Сказитель. Москва: Наука (Изд-во восточной литературы), (http: //rutracker.org /forum/ viewtopic.php?t=3276967).
3. Дедова О.В. Теория гипертекста игипертекстовые практики в Рунете.Филологический факультет МГУ им. М.В. Ломоносова. М.: МАКС Пресс, 2008г. 284с.
4. Афоризмы Маршалла Маклюэна – «маклюэнизмы», *в пер. Сергея Тетерина*,(http:// www.mcluhan.ru /aphorisms/).
5. Lord Albert B. The Singer of Tales.Cambridge, 1960 (изданиенарус. яз.А.Б. Лорд. М., 1994).

ТВОРЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ ГЕРБЕРТА МАРШАЛЛА МАКЮЭНА И ТЕОРИЯ КОММУНИКАЦИИ

В статье анализируется творческое наследие основоположника компьютерных технологий Герберта Маршала Маклюжена. Автор, анализирует влияние глобальной сети на поведение и сознание человека.

Ключевые слова: интерактивность, мультимедиа, электронная эра, технологии коммуникаций, социальная сеть, толерантное восприятие чужих культур.

CREATIVE HERITAGE OF HERBERT MARSHALL mc LUHAN AND THEORY OF COMMUNICATION

The present article analyses creative heritance of one of the founders of computer technologies Marshall mc Luhan. The author examines the influence of global network on the person's behavior and conscious.

Key words: interactive, multi-media, electronic era, communicative technologies, social network, tolerative adaptation of different cultures

Сведения об авторе: ***Бекмурадов М***.- докторант Таджикского национального университета

ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ВАРЗИШ АЗ ҶИҲАТИ СОХТ

А.Н.Шафоатов
Донишгоҳи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

Вожасозӣ яке аз роҳҳои асосии тараққиёту такомулоти луғат ва омили басо муҳимми ба система даромадани таркиби луғавии забон маҳсуб меёбад. Дар забоншиносии рус муҳимтарин роҳҳои зуҳур намудани калимаҳои нав дар забон зимни калимасозӣ кайҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта буд [Левковская 1954, 1957; Даниленко 1977; Валгина Н. 1987, Головин Б.Н., 1983]. Ин масъала дар забоншиносии тоҷик низ дар доираи солҳои панҷоҳуми асри XX ба тадқиқ гирифта шуда (Ниёзӣ 1954, Неменова 1955) бошад ҳам, раванди он давра ба давра то нимаи дуюми солҳои ҳаштод (а.XX) идома ёфт (Муҳаммадиев 1967, Рустамов 1972, 1981, Забони адабии ҳозираи тоҷик (барои мактабҳои олӣ) 1973, Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик 1985).

Таркиби луғавии забон ва сохти грамматикии он бо фаъолияти ҳамешагии инсон дар ҷомеа иртиботи қавӣ дорад ва ин аст, ки пайваста таркиби худро аз ҳисоби вожаҳои нав ва шаклу қолабҳои нодир, ки вобаста ба меъёрҳои калимасозиву калимабандӣ, иборасозиву ҷумлаорӣ ба зуҳур меоянд, такмил медиҳад.

Ҷараёни рушди таркиби луғавии забон чандин манбаъ дорад, ки яке аз манбаъҳои асосии он калимасозист. Калимасозӣ дар забони тоҷикӣ роҳҳои гуногун дорад, ки маъмултарини онҳоро ба таври зерин метавон муайян кард:

1. Роҳи морфологии калимасозӣ;
2. Роҳи лексикӣ – семантикии калимасозӣ;
3. Роҳи лексикӣ – синтаксисии калимасозӣ;
4. Роҳи морфологӣ – синтаксисии калимасозӣ;
5. Роҳи ихтисораи калимасозӣ [27, 88-89].

Роҳу усулҳои калимасозӣ, ки асосан хоси вожаҳои умумиистеъмолӣ мебошанд, барои сохтани истилоҳот низ мувофиқат мекунанд, зеро истилоҳот дар забон аз ҳисоби вожаҳои решагӣ, умумитоҷикӣ ва калимаҳои махсус сохта мешаванд ва аз ҷиҳати сохтор шабеҳи калимаҳои дигари забонанд, онҳо сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешаванд [32,89]. Қолабҳои мазкур ба сохтори истилоҳоти соҳаи варзиш низ мутааллиқанд. Ниёгони мо дар офаридани истилоҳоти соҳаи варзиш ҳанӯз дар даврaҳои аввали ташаккули забони адабии тоҷик кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Ин аст, ки номи бисёре аз вожаҳои гуногунсохти марбут ба соҳаи варзишро дар забони асарҳои бадеӣ, таърихӣ ва ёддоштӣ дучор меоем. Масалан: дар «Самаки айёр», «Футувватнома», «Бадоеъ – ул – вақоеъ» ва ғайра. Ин амал нишони он аст, ки варзиши бадан дар гузаштаи дуру наздик ба ҳайси як шарти муҳимми беҳдошти саломатӣ ва рӯҳияи низоми шахсият муҷиби эътироф будааст. М. Шукуров мегӯяд: «Яке аз шартҳои принсипи илмии истилоҳсозӣ ин аст, ки аввал роҳҳои асосии истилоҳсозии халқӣ ва классикиро муайян кардан лозим аст. Мо аввал бояд донем, ки халқи тоҷик бо кадом

роҳҳо истилоҳ месохт...» [153, 216]. Таҷрибаи Ибни Синоро дар офаридани истилоҳоти илмии фалсафӣ ва тиббӣ дар ин ҷода ба роҳбарӣ гирифтан ба мақсад мувофиқ аст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки истилоҳоти соҳаи варзиш дар забоншиносии тоҷик аз нигоҳи лингвистӣ то имрӯз таҳлил ва тасниф карда нашудаанд ва аз ҷиҳати сохтор низ гурӯҳбандӣ нагардидаанд. Бештарини истилоҳоти ин соҳаро дар луғату фарҳангномаҳо дучор меоем, ки онҳо дар шаклҳои классикияшон он мафҳумотеро, ки дар марҳалаҳои гуногуни таърих ба уҳда доштаанд, дар айни замон ифода карда натавониста, ба қатори истилоҳоти куҳнашудаю аз истеъмол монда ва таърихӣ гузаштаанд. Баъзе аз истилоҳот бо ҳамон шаклу маънии табиӣ имрӯзҳо низ дар гардишанд. Қисми дигар табаддулоти фонетикиро аз сар гузаронида, шакли овозии худро тағйир додаанд.

Ҳамин тариқ, истилоҳоти марбут ба соҳаи варзишро аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ тариқи зайл тақсимбандӣ мекунем: истилоҳоти сода, сохта, мураккаб, таркибӣ. Истилоҳоти ҳар бахшро дар алоҳидагӣ мавриди бозбинӣ қарор хоҳем дод.

Истилоҳоти сода. Пӯшида нест, ки барои истилоҳ ифодаи маънои мушаххас хос аст ва зуҳуроти сермаъногӣ, гуногуншаклӣ, образнокӣ барои он бегона аст. Аз ҳамин лиҳоз ба истилоҳот аксаран хусусияти маҳдудияти маъно ва моносемиро нисбат медиҳанд. Беҳуда нест, ки terminis дар лотинӣ маънои “ҳад”, “ҳудуд”, “сарҳад”, яъне “ҳадди муайян” – ро ифода мекунад [146, 78] ва ин ном барои таҷассуми мафҳуми лингвистии худи он мувофиқ мебошад. Истилоҳот хусусияти калимасозӣ надоранд ва моҳияти масъаларо “бо як калима ифода менамоянд, аксари онҳо ба забони дигар айнан тарҷума намешаванд ва ҳамчун калимаи эзоҳӣ низ намеоянд” [85, 127].

Дар гузашта вожаҳои зерини сохташон сода дар баробари ифодаи маънои маъмулии худ, инчунин ба ҳайси истилоҳ дар мавриди гузаронидани мусобиқоти гуногун, сифати паҳлавонон, номи онҳо, зӯрозмоиҳо, қувваозмоиҳои ҷисмонӣ ва фикрӣ, бахше аз анвоъ ва ловозимоти варзишӣ, унвони бозӣ ба кор бурда мешаванд. Аз қабили акка, акво, бон, бозӯ, буҷул, башқ, ворӯ, гӯй, гурд, гав, гол, дав, дор, дона, каъб, камон, кеш, коб, қувва, наъл, лез, машқ, мот, марс, нард, омоч, отиф, силӣ, саъй, тос, тов, тоҷ, тӯр, уфт, убур, хол, хода, чашк, чах, шах, ҷуфт, ҷарг.

Вожаҳои мазкур аз он лиҳоз содаанд, ки онҳо ба дигар ҷузъҳои морфологӣ тақсим намешаванд. Ин қабил вожаҳоро калимаҳои решагӣ низ мегӯянд. Онҳо чун асос барои ба вуҷуд омадани калимаҳои гуногунсохт заминаи муҳим маҳсуб мешаванд.

Вожасозии лексикӣ – семантикӣ дар самти маънои истилоҳӣ касб намудани унсурҳои луғавии умумиистеъмолӣ зуҳуроти назаррас буда метавонад, зеро бисёр калимаҳои фаҳмову серистифодаи забон бо ҳамин роҳ гоҳо хусусияти истилоҳӣ касб мекунанд.

Ба кадом маъно ба кор рафтани калимаро матн муайян мекунад, вале дар ҳолати алоҳидагӣ ва шакли луғавӣ истилоҳот ягонагии маънои худро нигоҳ дошта метавонанд: акка – унвони бозӣ, акка – номи парранда: шоҳ – мансаби давлатӣ, шоҳ – номи яке аз донаҳои асосии шоҳмот; тос – зарфи обгирӣ, тос – сари бемӯй, тос – муҳраи устухонӣ, ки рақамҳои аз як то шашро дар тарафҳои худ дорад ва дар бозии нард истифода мешавад: гӯй – асоси замони ҳозираи феъл, гӯй – лела, тӯби чӯбин дар чавгонбозӣ, бон – асоси замони ҳозираи феъл (бонидан), бон – як навъ тири оҳанин; коб – бозии коб (кобкобак), коб – асоси замони ҳозираи феъл; дор – асбоби қатл, дор – банде, ки варзишгар дар болои он бозӣ мекунад, мот – ҳайрон, саргардон, мот – роҳи гурез надоштан, банд шудан ҳангоми шоҳмотбозӣ, хол – ҳолат, вазъият аҳвол, хол – миллаҳои атрофи майдон дар бозии чавгон, хол – нуқтаи сиёҳ, хол (балл очко) баҳо додан дар варзиш, гол – навъе гул, гол – фарёд, гол - ғалтидан, гол – тӯб вориди дарвозаи ҳариф шудан, уфт – асоси замони ҳозираи феъл, уфт – афтонидани ҳариф ба тахтапушт ва ё ҳолати дигар дар гӯштин; марс – номи сайёра, марс – маҳкам шудан,

баста шудани роҳи ҳаракат дар бозии нард; омоч – тӯдаи хоке барои нишон гирифтан, омоч – асбоби шудгоркунӣ ва ғайра.

Истилоҳоти мазкурро аз рӯйи дараҷаи истеъмолашон дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва хусусиятҳои семантикӣ ба таври зайл тасниф мекунем:

а). Истилоҳоте, ки хусусияти семантикиашон дар соҳаи варзиш бештар зоҳир мегардад ва онҳо хосияти якмаъноӣ касб карданд: нард, гурд (паҳлавон), гав, зеҳ, дов (навбат), чашк (чӯби севаҷаба), чах (ғилоф), ворӯ (пуштак), башк (давидан), убур ва ғайра. Ин қабил вожаҳо унвони навъҳои гуногуни варзишу асбобу анҷоми соҳаи варзиш, сифати варзишгар ва дигар хусусиятҳои ба ин соҳа марбутро ифода мекунанд.

б). Истилоҳоте, ки хусусиятҳои сермаъноӣ пайдо кардаанд: акка, камон, коб, силӣ (зарба), уфт, мот, хол, шоҳ, буҷул, хода ва ғайра. «Сермаъно шудани истилоҳ баъзан дар фаҳмидани маънии аслии истилоҳ душворӣ ба амал меоварад» [85, 125]. Дар ин гуна ҳолатҳо маънои истилоҳӣ зимни гузаронидани мусобиқоти варзишии ба он истилоҳ вобаста ба аҳли варзиш ва тамошогар лозим мешаваду халос, яъне зуҳуроти маънои истилоҳӣ характери яклаҳзаина ва ё муваққатӣ пайдо мекунад.

в). Истилоҳоте, ки як ҷузъи силсилаи омонимҳоро ташкил медиҳанд: бон, дор, тос, гӯй, гол, кеш (тирдон, мазҳаб), марс, омоч, тӯр, ҷуфт ва ғайра.

Истилоҳоти шаклан якхелаю гуногунмаъно зимни мавриди корбаст қарор гирифтани маънои истилоҳии соҳаи варзиш дар ҷараёни гуфтор ё худ бевосита дар матн ин хусусияти худро зоҳир мекунанд.

г). Истилоҳоте, ки хусусияти муродифӣ зоҳир кардаанд: камон, қавс камонсоз, қаввос; гав, гурд (паҳлавон), буҷул, каъб; дав, тоз, сайъ; силӣ, зарба; ақво, қавӣ, зӯр, ҳилла, фиреб; чил, ҳалук; убур, гузаштан; чах, ғилоф; шикор, қаъл; дов, навбат, гашт.

Дар як қатори синонимӣ ҷойгир шудани ду ва ё зиёда истилоҳоти ҳаммаъно падидаи қобили қабул аст ва ин нукта дар “Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ” чунин зикр ёфтааст: “Як мафҳумро бо ду термини ҳаммаънои байналхалқӣ ё тоҷикӣ ифода кардан мумкин аст, ба шарте ки терминҳо ба қоидаҳои забони тоҷикӣ мувофиқ бошанд” [101, 19-48].

ғ). Бархе аз истилоҳоти соҳаи варзиш, ки қаблан дар забони тоҷикӣ роиҷ буданд, аз оғози қарни гузашта (XX) сар карда, ба истилоҳоти архаистӣ ва ё таърихӣ мубаддал шудаанд: бон (тири оҳанин), башк (давидан), ворӯ (пуштакӣ шино кардан), гав (паҳлавон), гӯй, омоч, отиф, чах (ғилоф), хода (чӯби киштиронӣ).

Сабаби ба архаизм дохил шудани истилоҳоти мазкур дар он аст, ки дар натиҷаи тараққиёти ҷомеа, таъсири байниҳамдигарии забонҳо, пешрафти илм ва техника мардум истеъмоли калимаҳои болоро авло надонистанд. Масалан, ба ҷойи истилоҳи тоҷикии гӯй калимаи русии шайба, ба ҷои чах вожаи ғилоф, ба ҷойи гурд, гав калимаи паҳлавон-ро истифода мебаранд, вале баъзе мафҳумҳо тадриҷан бо сабаби барҳам хӯрдани худи ашё ва минбаъд дар нутқи мардум корбаст нашудан аз истеъмол монданд: отиф, омоч, кеш, қаъб, башк, ақво, лез (лағжидан).

Истилоҳоти мазкур дар осори илмию адабӣ, таърихию фарҳангӣ бо мақсади нишон додани ҳаққонияти тасвир, воқеаҳои таърихӣ - сиёсӣ, фарҳанг ва расму русуми мардумӣ ба кор бурда мешаванд.

Истилоҳоти соддаи соҳаи варзишро аз ҷиҳати семантика ва муносибат ба ҳиссаҳои нутқ ба бахшҳои зерин ҷудо кардан мувофиқи мақсад аст:

1. Истилоҳоти марбут ба исм, ки гурӯҳи калони вожаҳои решагиро дар бар мегиранд ва онҳо дар навбати худ ба мавзӯъҳои гуногун тасниф мешаванд:

а) истилоҳоте, ки номи бозиҳо ва унвони мусобиқоти варзиширо ифода мекунанд; акка, дока (давидан), нард, сайъ (7 бор давидан дар мавриди ҳаҷ), тоз (тохтан, давидан), башк (давидан), коб (номи бозӣ) ва ғайра.

б) истилоҳоте, ки номи асбобу анҷом ва лавозимоти варзишро мефаҳмонанд: бож, буҷул, қаъб, камон, зех, дор, рӯй, хода, хеш, чашм, чах, тос, чавгон ва ғайра.

Истилоҳи чавгон имрӯзҳо аз нав фаъол гардида шакли рехтаро гирифтааст ва ба маънои клюшка (русӣ) дар гардиш аст. Ин вожа таркибан аз ҳиссаҳои чав (чӯб) ва гон (гӯй), ё ин ки чӯбгон ба маънои чӯбдор ба вуҷуд омадааст.

в) истилоҳоте, ки натиҷаи бозиро нишон медиҳанд: марс, шоҳ, мот, ҳалол, хол, ҳаром, гол.

г) истилоҳоте, ки марбути исмҳои амаланд: машқ, каъб, шиком, убур, чил, ҳалук.

2. Истилоҳоти марбут ба сифат: акво, кавӣ, зӯр.

3. Истилоҳоте, ки аз асосҳои феъл рӯйидаанд: тоз, уфт, дав, лез.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу таснифи мухтасари истилоҳоти сохторашон сода бармеояд, ки калимаҳои решагии забон дар баробари дар нутқ хусусияти умумиистеъмолӣ зоҳир кардан, имконияти маънои истилоҳӣ касб карданро низ доранд. Ҳамчунин вожаҳои истилоҳзеби тоҷикию иқтибосӣ, ки дар гузаштаҳои дуру наздик мавриди корбурди мардум қарор доштанд, бархе маънои аввалаи худро нигоҳ дошта бошанд, қисми дигар ба қатори архаизму историзмҳо шомил гаштаанд ва ҷойи худро ба синонимҳояшон додаанд. Инчунин истилоҳоте низ мавҷуданд, ки онҳо якҷоя бо мафҳуми ашёро ифода мекардагиашон аз истифода мондаанд ва ба сафи вожаҳои куҳнашудаи забон гузаштаанд.

Хулоса, „роҳи луғавӣ-семантикии калимасозӣ яке аз усулҳои аввалини истилоҳсозӣ буда, роҳи мувофиқ гардонидани калимаҳои умумихалқӣ ба аломатҳои истилоҳ маҳз тавассути махсусгардонии семантикӣ, ки истеъмоли он дар матнҳои алоҳида шурӯъ шудааст, ба мушоҳида мерасад” [32, 98].

Истилоҳоти сохта. Бо роҳи морфологӣ сохта шудани калима - истилоҳоти нав яке аз роҳҳои сермаҳсули истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Ҳол он ки истилоҳот “Хусусияти калимасозӣ (ба ғайр аз калима-терминҳои ба гурӯҳи калимаҳои умумистеъмолӣ гузаштаистода) надоранд” [84, 45].

Ишораи мазкур аз он дарак медиҳад, ки истилоҳот имкониятҳои маҳдуди калимасозӣ ва грамматикию услубиро моликанд, вале набояд фаромӯш кард, ки заминаи муҳими истилоҳофарӣ пеш аз ҳама, калимаҳои умумистеъмолии худи забони тоҷикӣ мебошанд.

Вазни қиёсии ин гуна вожаҳоро морфемаҳои решагии забонамон, ки дар захираи асосии луғавӣ фароҳам омадаанд, ташкил медиҳанд. Маҳз фаҳмову дастраси омма будан ба унсурҳои луғавии решагӣ имкон додааст, ки зимни қабули воситаҳои калимасоз (вандҳо) бештар истилоҳоти нав сохта шаванд. Дар забоншиносии тоҷик «калима-асосҳоеро, ки ба морфемаҳо тақсим мешаванд, «вожаҳои сохта» номидаанд» [27, 85].

Шарти муҳими сохта будани калима аз як асос ва морфемаи ёридиҳанда иборат будани он мебошад. Асос – реша метавонад як, ду ва ё якчанд морфемаи ёрирасон қабул намояд.

Аз нигоҳи сохт истилоҳоти соҳаи варзиширо, ки бо роҳи морфологӣ сохта шудаанд, ба тарзи зайл гурӯҳбандӣ мекунем:

1. Бо пешванд сохта шудани истилоҳот. Дар сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш маҳсулнокии ҳамаи пешвандҳо якхела нест. Баъзе пешвандҳо зиёдтар, баъзеи дигар камтар истилоҳ сохтаанд. Ин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, мо пешвандҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудем.

а) пешвандҳои сермаҳсул: бар -, боз -, бе -, ба -, но -, дар -, бо -;
б) пешвандҳои каммаҳсул: во -, фур -, ҳам -, ба -, би -.

а). Сохта шудани истилоҳот бо пешванди бар -. Пешванди бар – таърихан маънии ба боло, берун, ба рӯй, сатҳ ва қафо ҳаракат доштанро ифода мекунад. Дар ҷараёни гузаронидани мусобиқоти варзишӣ истилоҳот ва номвожаҳоеро дучор меоем, ки дар таркиби худ пешванди бар – доранд. Ин пешванд барои равшанӣ ва мушаххасии маънои умумии калимаи истилоҳшуда мусоидат карда, аксаран бо феълҳо ҳамроҳ мешаванд, мешаванд барзадан (барзадани остин, ба ҳам бархурдани ду чиз; доман ба замин барзадани ҳариф); бархостан (аз ҷой бархостан, бархостани ҳариф); баргузидан (интихоб намудани ҳариф ва ё асбоби варзишӣ, ҳарб); баркашидан (чен кардани вазни варзишгар, кашидан ё баркашидани банд); баромӯхтан (бо ҳам часпидани ҳарифон дар гӯштингирӣ); барафтонидан (ба болои замин хобонидани ҳариф): бармачидан (ламс кардан, соидан, молидани ду даст): баркандан (аз замин ҷудо шудани пойҳои ҳариф дар гӯштин).

Гоҳо бо сифат омадани пешванди бар – низ мушоҳида мешавад. Мисолҳо далели онанд, ки вожаҳои зикршуда аз ҳисоби калимаҳои умумиистеъмолӣ рӯйиданд ва танҳо дар мавриди гузаронидани бозиҳои варзишӣ характери истилоҳӣ касб менамоянд.

б). Сохта шудани истилоҳот бо пешванди бо -. Пешванди бо- асосан бо исмҳои маънӣ ҳамроҳ шуда, истилоҳоте месозад, ки дар ифодаи маънои дорӣ ва соҳибият хизмат мекунанд: бошитоб, босуръат, ботааннӣ.

в). Сохта шудани истилоҳот бо пешванди боз-. Пешванди боз- бо асосҳои феъл ҳамроҳ омада, ба истилоҳоти сохта маънои такрор ёфтани амал, ба ҳолати аввал баргаштанро ифода мекунад: бозпеч (ресмоне, ки дар айёми ҷашнҳо ба ҷое овезанд ва духтарону бачагон бар он нишинанд ва дар ҳаво оянду раванд). Истилоҳи бозпеч дар лаҳҷаҳои ҷанубии забонамон дар шакли «ҳой рафтан» роиҷ аст. Истилоҳоти бозомадан (зимни мусобиқоти ба давидан марбутбуда ба кор меравад, яъне такрорӣ омадан); боздоштан (дастгир кардан, манъ кардани бозӣ); бозмондан (дармондан) низ дар қолаби бозпеч рехта шудаанд.

г). Сохта шудани истилоҳот бо пешванди дар -. Пешванди дар- бо феъл омада, маънои равон шудан ба дарун, дар ҳолате буданро мефаҳмонанд [1,228]: дарафтодан муродифи он даровехтан зимни навъҳои гуногуни гӯштин ба ҳам часпидани варзишгаронро ифода мекунад: даррасидан (ба маррагоҳ расидани давандагон); дармондан (ноилоҷӣ, бечорагӣ дар варзишҳои якҳарбӣ), дартоз (тозон давида истодан).

ғ). Сохта шудани истилоҳот бо пешванди во -. Ин пешванд бо асосҳои феъл ҳамроҳ омада, маънои ҳаракат ба сӯй, самт ва амалро нишон медиҳад ва каммаҳсул аст: вонамуд (ҳаракати сохта, ҳилла дар бозиҳои гуногуни варзишӣ аз қабили гӯштин, футбол, баскетбол, волейбол ва ғайраҳо), вохӯрдан (рӯ ба рӯ шудани ҳарифон), ворастон (аз ҳолати ногувор баромадан дар гӯштин, халос шудан), вогир (навъи варзиш), вору (рӯболо, навъи варзиши шиноварӣ).

д). Сохта шудани истилоҳот бо пешванди ба –. Пешванди мазкур бо асосҳои феъл ва исмҳои гуногун пайваст шуда, истилоҳоте месозад, ки маънои дорӣ ва молик буданро ба чизе ифода мекунад: бадав (давида истода, давон), башикам (усул дар гӯштин), бапушт (пуштнокӣ афтодани ҳариф дар гӯштин ва пуштинокӣ шино кардан дар об), баҳуш (зирак, сифати варзишгар).

е). Пешванди би-. Ин пешванд чун воситаи калимасоз сермаҳсул нест. Он бештар ба асосҳои феъл тобиши маъноии таъкид, даъвату муроҷиатро фаҳмонда, дар ҷараёни бозиҳо бештар дар ифодаи амру фармон хизмат мекунад: бинеҳ, бирав, бидав. Вале, истилоҳи бидав ҳамчун сифати асп – аспи даванда низ ба кор бурда мешавад.

ё). Пешванди бе -. Чун воситаи вожасоз барои далолати маънои набудани аломату хосият ва чизе хизмат мекунад: беҳуш (зиди баҳуш дар муштзанӣ) (бокс)- ҳолати сахт беҳуш шудани рақибро “накаут” мегӯянд ва шакли беҳуши сабукро “нагдаун”

мемонанд, бемадор (сифати варзишгаре, ки дар охири бозӣ хаста шудааст), бераҳм (сифати варзишгар дар бозиҳои якҳарба), беилоҷ (ноилоҷ), беист (пайваста ҳуҷум кардан), бекор (ба ҳисоб нагирифтани усули гашт).

ж). Пешванди но – ба асосҳои гуногун ҳамроҳ шуда, бештар истилоҳоте месозад, ки маънои манфиро доро мебошанд ночор (вазъи варзишгар дар бозиҳои якҳарба), ноилоҷ (беилоҷ, роҳи дигар надоштан), нобакор (сифати баъзе варзишгарон), нораво (усули манъшуда), нобозӣ (тарҷумаи русии ин истилоҳ "внеигри" мебошад, ки махсуси бозии футбол ва хоккей аст), ноком (варзишгари мағлубшуда), норизо (баҳс бо довар).

Ба ҳамин минвол, дар сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш мавқеи пешвандҳо кам нест. Мисолҳои дар боло нишондодашуда аз он дарак медиҳанд, ки барои ба таври дақиқу аниқ бо усул ва амали ин ё он соҳаи варзиш сохтани истилоҳ пешвандҳои бар -, дар -, бо -, ба -, но -, боз -, во -, би нақши муайян доранд.

2. Бо пасванд сохта шудани истилоҳоти соҳаи варзиш

Нақши пасвандҳо дар офаридани вожаҳои истилоҳзеб нисбат ба пешвандҳо равшантар ба мушоҳида мерасад ва теъдоди онҳо низ дар ҷодаи истилоҳсозӣ зиёдтар аст. Бояд тазаккур дод, ки дараҷаи истилоҳсозии пасвандҳои истилоҳсоз дар забон яксон нест. Вобаста ба ин хусусияташон пасвандҳои дар соҳаи варзиш корбасташударо мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

а). Пасванди - ак. Пасванди - ак дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамчун морфемаи ёрирасон сермаъно ва сервазифа мебошад [Мирзоев 1936, Исмоилов 1982, Рустамов 1987, Давлатов 1990 ва диг]. Доир ба шаклсозии - ак муаллифи "Бурҳони қотеъ" чунин нигоштааст: «ва ҳуруф ва калимоте, ки ифодаи маънии тасғир намояд, яке кофи сокин аст, ҳамчу: писарак ва духтарак» [80, 31]. Оид ба масъалаи тафовути шаклсозӣ ва вожасозии пасванди -ак Ш. Рустамов чунин мулоҳиза рондааст: «Аффикси калимасози -ак аз аффикси шаклсози -ак бо он фарқ мекунад, ки дар калимаҳои сохта тағйироти сифатӣ, вале дар шаклҳо тағйироти миқдорӣ мушоҳида мешавад» [101, 4].

Дар бобати сохтани истилоҳоти нав -ак пасванди сермаҳсул аст. Масалан, зимни ба исми барг ҳамроҳ шудани -ак шакли тасғири баргак ҳосил мешавад, ки ин қолиб ба истилоҳоти варзиш чандон муносибат надорад, аммо дар заминаи кӯчиши маъно калимаи нав сохтани -ак ба мушоҳида мерасад. Масалан, калимаи баргак, -дастаи найза ё шамшерро мегирем, ки аксаран гулкорӣ карда мешуд ва ҳамчун номи асбоби соҳаи варзиш ва ҳарб моҳияти истилоҳӣ пайдо кардааст.

Айни ҳамин ҳодисаро дар истилоҳоти дигар низ метавон мушоҳида кард: белак – тир, пайкони ба шакли бел сохташуда, бедак – муррабӣ, пиёда, роҳнамо дар сафар ва номи яке аз муҳраҳои шатранҷ, аврак – ресмоне, ки атфол дар шохи дарахт кунанд ва бар он нишаста оянду раванд, харак – ба маънои ҳашарот, ҷойи нишаст ва асбоби варзиш сермаъно мебошад, лезак – аз решаи лез (лағжанда) – чӯб ё оҳанеро гӯянд, ки ба пой банданд ва бо вай дар рӯйи барф ва ях гарданд, мушак – ба маънои ракета, хирсак – номи бозӣ, туфак – чӯби дарози дарунхолӣ, ки бо гулӯлаи гил ва зӯри нафас бад-он гунҷишк шикор кунанд, асбоби шикор, новак – навъе аз тир ва асбоби ҳарб, пуштак – навъи варзиши шиноварӣ, пуштнокӣ шино кардан, фирфирак – асбоби бозии атфол, ки бо вазидани бод давр мезанад, шиншинак – намуди бозӣ.

Ҳамин тариқ, пасванди -ак вазифаи шаклсозӣ ва калимасозии худро аз даврaҳои қадим то имрӯз иҷро карда истодааст, аммо сохтори истилоҳоти боло далели он аст, ки вай бештар аз исму феъл истилоҳоти соҳаи варзиш месозад.

б). Пасванди - а. Дар сохтани истилоҳоти бахши варзиш аз исму феъл пасванди -а мавқеи калон дорад: зарба – чизеро задан бо мушт, бо тӯб ва ғ., варзида – обутобёфта, варзишгари соҳибтаҷриба, барга – жӯпин, найзаи кӯтоҳ, заҳра – шамшери дудамаи нӯгборик, сакиза – барҷастан, лағжидан, ғалтидан, тофта – ресмони абрешимӣ, ки дар бозиҳои варзишӣ ба кор бурда мешавад, тайёра – тездав, пешсафи бозиҳо, киштии

тезрав, киноя аз аспи тездав. Пасванди -а монанди -ак дар забони адабӣ хусусияти омоморфемавӣ дорад ва унсури сермаънои калимасоз маҳсуб мешавад [14,114].

в). Пасванди -ӣ. Ин пасванд аз исм, сифат ва асосҳои феъл истилоҳоти соҳаи варзиш месозад ва маънои мансубиятро ифода мекунад. Доир ба сермаънову сервазифа будан, хусусияти омоморфемавӣ зоҳир кардан ва таърихи хеле куҳан доштани пасванди -ӣ дар забошиносии тоҷик муаллифони зиёде изҳори ақида кардаанд [4,91, 14,47). Чунончи: шатранчӣ – шоҳмотбоз, чобукӣ – тезҳаракатӣ, чаққонӣ, тозӣ - навъе аз саги шикории зудҳаракат, амалиёте, ки дар бозии шоҳмот хавфи аз даст рафтани гардишро ба миён меоварад, гурозӣ – пешсафӣ, далерӣ, бозӣ – амалиёти гуногун дар мавриди варзиш.

г). Пасванди гоҳ. Ин пасванд истилоҳоте месозад, ки ба маънои макон ва ҷойи гузаронидани бозиҳо ва мусобиқоти варзишӣ муносибат доранд: машқгоҳ – ҷойи машқ, бошгоҳ (толори бошгоҳ) – ҷойи гузаронидани бозиҳо, ки шакли дигари овозии он бошишгоҳ аст, варзишгоҳ – стадион, ҷойи варзиш, тохтгоҳ – хате, ки аспҳои даванда рӯйи он медаванд.

ғ). Пасванди – ча. Пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ бештар барои ифодаи маънои хурдӣ ва навозиш ояд ҳам, дар иртибот ба ҳамон маъно дар сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш низ мавқеи муайян дорад: камонча – камони хурд, бозича (воситаи шуғли бачагон), қаиқча – навъи қаиқи махсуси варзишӣ, хонича – ҳавзи кӯчак барои оббозии кӯдакон, таппонча, тавонча – асбоби тирпарронии варзишӣ ва ҳарбӣ, шаппотӣ ба рӯй, белча – чӯбҳои махсус барои ба ҳаракат даровардани қайиқ .

д). Пасванди – вар. Пасванди вар бо исмҳои моддӣ ва маънӣ ҳамроҳ шуда, истилоҳоте месозад, ки маънои ашхоси ба ин ё он намуди варзиш шуғлдоштаро ифода мекунад: камонвар (тирандоз бо камон), ҳамлаовар (ҳуҷумкунанда), ошновар, шиновар (оббоз). Истилоҳоте, ки пасванди – вар доранд, онҳо ҳамеша пасванди – ӣ қабул карда, исми касб месозад: камонварӣ, шиновариӣ, ҳамлаоварӣ.

е). Пасванди – навард чандон маҳсулнок нест. Вай бо исмҳо ҳамроҳ омада, ба кадом навъи варзиш шуғл варзидани шахсро далолат мекунад: кӯҳнавард – алпинист, дарёнавард, баҳрнавард – маллоҳ ва ё баҳрчӣ.

ё). Пасванди -иш. Пасванди -иш дар сохтани номи истилоҳоти соҳаи варзиш ва амалиёти ба варзиш вобаста фаъол аст: варзиш (спорт), ҷаҳиш (ҷаҳидан, паридан, ба дарозӣ ё баландӣ): тозиш (давидан), таркиш (дар оташбозӣ), гардиш (дар бозии шоҳмот).

ж). Пасванди -акӣ каммаҳсул аст ва дар ифодаи маънои номи амалиёти варзиш ва тарзу воситаи иҷрои амал нисбат ба ҳаракати ашёи дигар ба кор бурда мешавад: чархакӣ – чарх задан ва ё рақси гӯштингирон, сагакӣ (киноя аз попечии сагон, усули ҳалукандозӣ)– пойро ба пой сахт печонидан, аспакӣ - савора, ростакӣ – иҷрои амал ҳангоми рост будан, хобакӣ- иҷрои амал зимни ба пушт ғалтидан.

з). Пасванди -гор. Пасванди –гор асосан дар натиҷаи ба тағйироти фонетикӣ дучор омадани вожаи кор рӯидааст. Яъне пасванди -гор варианти фонетикии вожаи кор маҳсуб меёбад (98, 129). Ин аст, ки то ҳол дар забони форсӣ истилоҳи варзишгар дар шакли варзишкор истеъмол меёбад. Ҳамин тавр, пасванди -гор, (кор) ва варианти он -гар истилоҳоте месозанд, ки ба шуғли ашхос вобастагӣ доранд: тамошогар - тамошобин, мухлиси варзиш, шиногар – ғаввос, ҳамлагар- ҳуҷумкунанда, шамшергар – шамшерсоз, муҳофизатгар - дар хоккей ва футбол, бозигар /бозингар.

и). Пасванди -бон. Ин пасванд дар натиҷаи заъиф шудани маънои луғавии феъли бонидан зуҳур намуда, истилоҳоте месозад, ки онҳо зимни амалиёти бардавоми одамон сар задаанд, вале дар мисоли бодбон ва соябон ин нигошта мувофиқ намеояд. Мисолҳо:

дарвозабон (дар бозии футбол, хокей), аспбон (саиси аспҳои тозӣ), посбон, дарбон (қаравул).

й). Пасванди -он. Бо вуҷуди сермаъно ва сервазифа будан дар бобати сохтани истилоҳот дар соҳаи варзиш имкониятҳои -он маҳдуд мебошад: бозон (бозиро бохтагӣ), тозон (давон, давидан), хобон (хобонидани даст дар қувваозмоии искандарӣ) (армреслинг).

к).Пасванди -дон бо исмҳои ҷинс ҳамроҳ омада, маънои зарфиятро дорост: тирдон (халтаи чармин барои гузоштани тир дар мусобиқаи тирандозӣ), бордон (халтаи боргирӣ дар мусобиқаи кӯҳнавардӣ).

қ). Пасванди -сор одатан ба исмҳо ҳамроҳ омада, ба бисёрӣ ва анбӯҳии ягон чиз дололат мекунад. Вай каммаҳсул аст: оташсор (оташбозӣ).

л). Пасванди -ор. Дар истилоҳсозӣ ин пасванд бемаҳсул буда, ба маънои дорои чизе будан, соҳибият ба кор бурда мешавад: суфор – ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш ба маънои чӯб ё ҳалқае, ки дар камони варзишӣ гузошта мешавад, мустаъмал буда, дар ҳамин шакл ба маънои “сӯрох” низ фаҳмида мешавад.

м). Пасванди -ос бемаҳсул аст, танҳо дар таркиби истилоҳи барҷос – ба маънои ҳадаф ё ҷойи муайянгардидаи тирзанӣ истифода мешаваду бас.

Ҳамин тавр, сайри мухтасар оид ба таҳлили таркибии истилоҳоти сохта собит месозад, ки яке аз рукнҳои фаъоли истилоҳофарии соҳаи варзиш дар забони тоҷикӣ роҳи морфологии калимасозӣ (тавассути пешванду пасвандҳо) ҳисоб меёбад. Маълум гардид, ки вандҳои маъмули калимасози забони тоҷикӣ дар сохтани номвожаҳои соҳаи варзиш низ мавқеи назаррас доранд, вале ширкати онҳо дар ин бобат баробар нест. Масалан, пешвандҳои бар- боз-, пасвандҳои -ак, -а, -и, -гоҳ, -ча нисбатан сермаҳсул мебошанд. Қобили қайд аст, ки ҳамаи вандҳои зикршуда баромади тоҷикӣ доранд ва онҳо асосан бо вожаҳои марбут ба забони тоҷикӣ ҳамроҳ шуда, истилоҳ офаридаанд.

Ҳодисаи бо вожаҳои иқтибосӣ ҳамроҳ омадани вандҳои тоҷикиасос низ ба мушоҳида мерасад: зарб+а, арс+а. Баъзе асосҳо дар айни замон хусусияти архаистӣ гирифтаанд: лез(ак), заҳр(а), сикиз(а), габур ва ғайра.

Бозбинӣ аз сохтори истилоҳоти соҳаи варзиш нишон дод, ки бисёр қолабҳои истилоҳсозии классикӣ имрӯз дар истифодаанд: машқгоҳ, чархакӣ, сагакӣ гардиш, муштбозӣ, бозон, тамошогар, тохтгоҳ ва ғайра, ки бо мурури замон дар олами кунунии варзиш босуръат паҳн шуда истодаанд. Ин падида, аз як тараф, боиси ба забони тоҷикӣ ворид шудани вожаҳо ва унсурҳои нави истилоҳсоз гардад, аз тарафи дигар, имконияти инкишофи луғати забони тоҷикиро ба миён меорад. Ҳамчунин баъзе вожаҳои тоҷикӣ хусусияти вандӣ пайдо мекунанд ва дар сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш фаъолият менамоянд. Аз ҷумла, асоси замони ҳозираи феъл -боз дар таркиби истилоҳоти футболбоз, хоккейбоз, баскетболбоз ва ғайра ба ҳамин гуна хусусият соҳиб гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони тоҷикӣ.- Душанбе, 1985.- 228 с.
2. Принсипҳои асосии терминологии забони тоҷикӣ.- Душанбе, 1971.-62.
3. Расторгуева В. С., Каримова А.А. Система таджикского глагола.- М.: наука, 1964.-292с.
4. Расторгуева В. С. Среднеперсидский язык.-М., 1966.-121 с.
5. Рауфов Ҳ. Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс.- Душанбе: Дониш, 1973.-192 с.
6. Раҷабов А. Варзиши миллии тоҷик.- Душанбе, 1999.- 67 с.
7. Розенталь Д.Э., Летенкова М. А.Словарь трудностей русского языка.-М., 1985.-704 с.
8. Русско-английский словарь-М., 1977.-463.
9. Русско- таджикский словарь спартивных терминов (мурраттиб- Н. Турсунов).- Душанбе: Дониш, 1985.- 258с.
10. Русско- тажикский словарь.- М., 1985.- 1279 с.
11. Рустамова А. Таджикская грамматическая терминология.- Душанбе, 1972.- 256 с.
12. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм.- Душанбе: Ирфон.- 1972.-90с.

13. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе: Ирфон, 1972.- 88 с.
14. Рустамов Ш. Исм.- Душанбе: Дониш.- 1981.- 256 с.
15. Сабзаев С. М. Лингвинистическое исследование суфийксокой терминологии таджикско- персидской прозе.

СПОРТИВНАЯ ТЕРМИНОЛОГИЯ И ЕЕ ПОСТРОЕНИЕ

Спортивная терминология очень значительна по своему объему и разнообразна по тематике, и неоднократно становилась объектом лингвистического изучения. Каждый вид спорта обладает своей терминосистемой, что обусловливает необходимость всестороннего исследования и лексикографического описания терминологии по отдельным видам спорта. Сегодня остро ощущается необходимость в разработке узкоспециальных словарей по разным видам спорта. Несмотря на внимание, которое уделяют языковеды проблемам спортивной терминологии, она по-прежнему остается мало исследованной областью. Как показывают наблюдения, спортивная терминология в таджикском языкознании не подвергалась исследованию и изучению с лингвистической точки зрения В данной статье автор рассматривает данную проблему.

Ключевые слова:спортивная терминология, узкоспециальные термины, лексикографические требования, узкоспециальная терминология, спортивные терминосистемы, таджикская спортитвная терминология.

SPORTS TERMINOLOGY AND ITS DESIGN

Sports terminology is very significant in scope and diverse topic, and repeatedly became the object of linguistic study. Each sport has its терминосистемой that causes the need for a comprehensive study, and of lexicographic description of terminology for individual sports. Today, there are acute need to develop highly specialized dictionaries in various sports. Despite the attention given to the linguists problems of sports terminology, it still remains unexplored area. As the observations, sports terminology in Tajik linguistics not be the subject of research and study of the linguistic point of view In this article the author considers the problem.

Key words:sports terminology, highly specialized terms, lexicographic requirements, узкоспециальная terminology, sports term systems, Tajik спортитвная terminology.

Сведения об авторе: ***А.Н.Шафоатов*** - кандидат филологических наук, заведующий кафедрой языков ТИФК им.С.Рахимова

КАЛИМАҲОИ ОККАЗИОНАЛӢ ВА САБАБҲОИ ТАВЛИДИ ОНҲО ДАР НУТҚ

М. Музофиршоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мувофиқи аксари назарияҳои навтарин наввожаҳоро аз падидаҳои ба онҳо наздик ва монанд, ба мисли **калимаҳои потенсиалӣ ва окказионалӣ** ҷудо мекунанд. Дар забоншиносии тоҷик ин масъала то ҳол мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Ҳудудгузории мақсаднок байни наввожаҳо, калимаҳои потенсиалӣ ва окказионалӣ боиси зуҳури тағзияи сохтори воҳидҳои луғавии тоза ба тоза мешавад. Аз ин хотир, месазад, ки гурӯҳҳои мазкур мавриди назар ва пажӯҳиши махсус қарор гиранд. Дар ин мақола тасмим гирифта шуд, ки дар бораи яке аз қабатҳои лексикаи забони муосири тоҷикӣ, ки дар забоншиносии тоҷик гоҳо бо унвони «неологизмҳои услубӣ» ё «наввожаҳои услубии фардӣ» номгузорӣ шудаанд ва мо имрӯз онҳоро окказионализмҳо меномем, ақидае ба арза расида бошад.

Дар забоншиносии рус ба окказионализмҳо корҳои илмии зиёде бахшида шудаанд [3; 4; 6; 7; …], аммо ба ин нигоҳ накарда, назарияи ягона ва умумиқабулгардида нисбати ин навъ калимахо ба назар намерасад.

Дар нутқ маъмулан воҳидҳои тайёри забон ба кор бурда мешаванд, аммо дар он боз чунин вожаҳои фардие низ вомехӯранд, ки танҳо ба ҳамон матн ва нутқи яклаҳзаинаи муайян хизмат мекунанд. Фарқияти асосии ин падидаҳои нави фардии забон аз наввожаҳо, ки мавқеи худашонро аллакай дар забон пайдо кардаанд, маҳз дар ҳамин аст. Аксари забоншиносон ин навъ вожаҳоро калимаҳои окказионалӣ (*лот*инӣ occasion - «тасодуфан», франсавӣ – occasionel – «тасодуфӣ») номидаанд. «Калимаҳои окказионалӣ гуфта, вожаҳое дар назар дошта мешаванд, ки онҳо дар шакли каммаҳсул ё бемаҳсули забон ё нутқ созмон ёфта, барои тасодуфи воқеӣ ба мақсади ифодаи ахбори муқаррарӣ, ё бадеӣ истифода гардидаанд. Ба мисли калимаҳои потенсиалӣ окказионализмҳо низ воқеияти нутқанд, на забон» [7, 76] менигорад муҳаққиқи рус Н.

И. Фелдман. Моҳияти истилоҳи мазкур ҳам ҳаминро ифода мекунад, ки чунин калимаҳо танҳо барои як бор ва ба хотири як ҳодиса пайдо шудаанд.

Калимаҳои фардӣ воҳидҳои луғавии «яккарата» буда, аз истеъмоли минбаъда ва тамдиди таърихӣ маҳруманд, яъне ин калимаҳо куҳна намешаванд, аммо дар муқобили наввожаҳо калимаҳои архаистӣ (куҳна) истодаад. Маҳз бо шарофати воридшавӣ ба забон, фаъол шудан дар қабатҳои услубӣ, таъсир ба система ва фаъолияти таърихии он наввожа ба воҳиди доимии забон табдил меёбад. Ин хусусиятҳоро окказионализмҳо надоранд.

Қайд кардан зарур аст, ки бо вуҷуди фарқиятҳо ва хосиятҳои махсуси мавҷуда барои ин гурӯҳ калимаҳо номи хоса – истилоҳи махсус дар сатҳи забоншиносии умумӣ муайян нагардидааст. Баъзе аз муҳаққиқон окказионализмҳоро ҳамчун калимаҳои муаллифӣ ба қалам дода, ба онҳо эгологизмҳо, калимаҳои худсохт ном ниҳодаанд, баъзеҳо истифодаи лаҳзавии онҳоро ба назар гирифта, онҳоро калима–метеорит, «якрӯзакҳо» номгузорӣ кардаанд. Гурӯҳи сеюми олимон нисбати онҳо истилоҳи наввожа (неологизм)-ро мувофиқ медонанд, аммо бо назардошти хусусиятҳои онҳо ба истилоҳи наввожа муайянкунандаҳои бадеӣ, эҷодӣ, фардӣ, услубиро изофа мекунанд, вале ин амал ҳам наметавонад окказионализмҳоро аз наввожаҳо пурра ҷудо созад. Истилоҳи окказионализм бошад, вожаи аз ҳама паҳнгаштатар буда, хосиятҳо ва мафҳуми ин қабил луғатҳоро мушаххасан муқаррар мекунад.

Дар масъалаи моҳияти окказионализмҳо дар забоншиносии Аврупо, хусусан Россия назар ва ақидаҳои гуногун мавҷуданд, ки онҳоро ба ду гурӯҳи умумӣ ҷудо намудан мувофиқи мақсад аст. В. В. Лопатин- олими рус, ҳама гуна вожаҳои яккарата, ки барои матни мушаххас новобаста аз мувофиқаташон ба қоидаҳои забон ба вуҷуд омадаанд, дохил мекунад. Аммо дар забоншиносии рус калимаҳои батозагӣ пайдошудае, ки ба шаклҳои қонунии вуҷуддоштаи забон мувофиқанд ва дар асоси шаклҳои маъмул ба вуҷуд омадаанд, аз дигар гурӯҳҳои луғати навпайдошуда аллакай ҷудо шудаанд. Онҳоро вожаҳои потенсиалӣ ном ниҳоданд. Пас, вожаҳои потенсиалӣ гуфта, калимаҳо ё ибораҳоеро мегӯянд, ки онҳо дар қолаби маъмули калимасозии забон бо риояи қонуниятҳои он ба вуҷуд омадаанд. Онҳо гӯё ки дар таркиби луғавии забон вуҷуд доранд, танҳо як омилу шароити нутқе аз берун лозим аст, ки онҳоро ба истеъмол биёрад. Онҳо дар нутқ хеле зуд ва осон ҳатто, дар шакли ибора ва ҷумла пайдо мешаванд. Ин намуд калимаҳо баосонӣ ба забон ворид мешаванд.

В.В. Лопатин ва боз баъзе аз забоншиносон вожаҳои потенсиалию окказионализмҳоро як чиз мешуморанд. Аз нигоҳи аввал чунин менамояд, ки ин ду истилоҳ як мафҳумро ифода мекунанд, яъне вожаҳои навбавуҷудомадае, ки дар нутқ зуҳур мекунанд ва ҳатто баъзе аз забоншиносон ҳар дуи онҳоро наввожаҳои услубӣ гуфтаанд, ҳамин хел ақидаро «назарияи васеъ» дар наввожаҳо унвон гузоштаанд.

Назарияи дигар, ки назарияи «танг» оид ба моҳияти окказионализмҳо унвон гирифтааст, дар корҳои Е. А. Земская, Э. И Ханпира ва Р. Ю. Намиткова муаррифӣ шудааст. Эшон зери мафҳуми окказионализмҳо фақат калимаҳои фардии муаллифдоштаро эътироф мекунанд ва вожаҳои потенсалиро, ки муаллиф надоранд, ба онҳо муқобил мегузоранд. Ба ақидаи ин олимон калимаҳои потенсиалиро наввожа шумурдан мумкин аст, аммо окказионализмҳо наввожа нестанд.

Муқобилгузории ин ду воҳиди забон пеш аз ҳама аз ҷиҳати калимасозиашон – усули созмон ёфтани онҳо мувофиқи мақсад аст: вожаҳои потенсиалӣ дар асоси қоидаҳои маъмули калимасозӣ пайдо мешаванд, окказионализмҳо бошанд, шаклан ҳам наванд, онҳо ба қонунияти калимасозии забон итоат намекунанд.

Гумон меравад, ки окказионализмҳо ҳодисаи нодир ва бемаҳсули нутқанд, аммо чунин нест. Мувофиқи таҳқиқоти забоншиноси рус М. С. Улуханов, окказианализмҳо дар нутқи ҳаррӯзаи мо ҳар лаҳза пайдо мешаванд, танҳо мо инро пай намебарем [6, 94-95].

Сабабҳои зуҳури наввожаҳо, калимаҳои потенсиалӣ ва окказионализмҳо гуногунанд. Қабл аз ҳама, вуҷуд надоштани ном барои воқеияти нав, баъдан, тамоюл ба пешгирӣ аз такрори нолозим ва ногувторро сабабҳои асосӣ мешуморанд. Борҳо мо шоҳиди ниҳодани номи тоза барои мафҳуми вуҷуддошта гаштаем, ки он ҳам барои пайдоиши воҳиди лексикии нав омил шуда метавонад. Гоҳо ҳатто, дар нутқ вожаҳои нав бевосита ба вуҷуд меоянд, ки муайян кардани сабабашон номумкин аст.

Модом ки фаъолияти фардии гӯянда дар лаҳзаи гуфтор дар назар дошта мешавад, пас нотиқ дар ин ҳолат танҳо ба захираи лексикии худаш бояд такя кунад. Дар ин ҳол гуфта метавон, ки пайдо шудани вожаи нав сабаби равонӣ низ доштааст: гӯянда ё калимаи зарурии маъмулро намедонад, ё дар лаҳзаи гуфтор онро фаромӯш мекунад ва ба ҷойи он худаш нохост як воҳиди лексикии ҷадидро месозад.

Ҳамин тавр, сабабҳои зарурати тавлиди воҳидҳои фардии соҳиби муаллиф – окказионализмҳоро ба таври зайл номбар кардан мумкин аст: а) барои дақиқ ифода намудани фикр (вожаҳои маъмул барои тасвири дурусти он мумкин аст, нокифоя бошанд); б) майли муаллифи сухан барои бо роҳи кӯтоҳ ва муъҷаз ифодаи фикр (калимаи сохтаи наваш метавонад ибора ва ҳатто ҷумларо иваз кунад); в) зарурати таъкид намудани муносибат ва ё баҳои шахсии худаш ба шайъи нутқ; г) бо роҳи ғайримуқаррарӣ диққати шунавандаро ба маънои шайъи гуфтор равона кардан; ғ) худдорӣ кардан аз такрор (тавтология); д) дар арӯз ва, умуман назм, барои риояи қонуниятҳои шеър (вазн, қофия…) бо роҳи коҳишу афзоиш ва усулҳои дигар сохтани воҳиди тозаи забон. Се сабаби аввал ва яктои охир омилҳои муҳим ва асосӣ ба ҳисоб мераванд. Гоҳо ба тавлиди калимаи нав муаллифро якбора якчанд сабаб водор мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик: Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1982.–462 с.
2. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. – Душанбе, 1981. – 106 с.
3. Лопатин В.В. Рождение слова. Неологизмы и окказиональные образования [Текст]. – М., 1973.
4. Лыков А.Г. Современная русская лексикология [Текст] // Русское окказиональное слово : учеб. пособие для филолог. фак-ов. ун-тов. – М.,1976.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷилди I. –Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 243 с.
6. Улуханов И.С. Единицы словообразовательной системы русского языка и их лексическая реализация [Текст]. – М., 1996.
7. Фельдман Н.И. Окказиональные слова и лексикография [Текст] // Вопросы языкознания. – 1957. – № 4.
8. Ханпира Э.И. Об окказиональном слове и окказиональном словообразовании [Текст] // Развитие словообразования современного русского языка. – М., 1966.

ОККАЗИОНАЛЬНЫЕ СЛОВА И ПРИЧИНЫ ИХ ПОЯВЛЕНИЯ В РЕЧИ

В данной статье подвергнуты рассмотрению и изучению окказиональные слова и причины их появления в речи. Окказионализмы возникают под влиянием контекста при особом коммуникативном задании, они специально «придумываются». Повышенная выразительность окказионализмов обеспечивается их необычностью на фоне нормативных канонических образований. Окказиональное словотворчество обнаруживается на всех уровнях языковой системы, но более всего в области лексики и словообразования.

Ключевые слова: словообразование, лексика, речь, речевая деятельность, разговорный стиль общения, словопроизводство, окказиональные новообразования, реализация возможностей языка.

OCCASIONAL WORDS AND THEIR CAUSES IN SPEECH

This article subjected to review and study occasional words and the causes of their appearance in the speech. Nonce words arise under the influence of context with special communicative task, they specifically «invented». Increased expression of nonce words is their uniqueness on the background of the regulatory canonical formations. An occasional word is detected at all levels of the language system, but mostly in the vocabulary and word formation.

Key words: word-formation, vocabulary, speech, speech activity, speech communication style, словопроизводство, occasional neoplasm's, language feature implementation.

Сведения об авторе: ***М. Музофиршоев***- кандидат филологических наук, старший преподаватель, ТНУ

АТРИБУТИВНЫЕ ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКИЕ СОЧЕТАНИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

С. А. Хайдарова
Таджикский национальный университет

Синтаксический способтерминообразования является одним из продуктивных средств пополнения терминологической лексики. Этот способ заключается в преобразовании обычных свободных словосочетаний в сложные эквиваленты слов. Словосочетание служит средством номинации, обозначая предмет, явление, процесс,

качество, названные стержневым компонентом и уточняемые, конкретизируемые зависимым компонентом.

Термины-словосочетания по количеству занимают одно из первых мест почти в любой отраслевой терминологии (от 60 % до 90 % от всего объема номинативных единиц) [1] в силу того, что у терминологического словосочетания есть больше возможностей для выражения нужного смысла, чем у простого термина. Составные термины вербализуют максимальный объем информации, отражают системность понятий, как правило, обозначая подвид и иерархическую соподчиненность. Значительное место в их составе занимают номинации, включающие в свой состав сложный адъектив, выраженный прилагательным или адъективированным причастием. Так, в частности, в подъязыке строительства термины с такими адъективами составляют около 13% всех составных наименований [2].

Потребность в терминологических словосочетаниях обусловлена необходимостью обозначений, какие конкретизируют и уточняют понятия о различных сферах науки.

Терминологические словосочетания являются словосочетаниями, которые образуется путем распространения терминологического слова определителями или конкретизаторами, добавляющимися как в пре-, так и в постпозиции к определяемому слову. В сопоставляемых языках амплитуда таких словосочетаний содержит от двух до девяти компонентов.

Следует подчеркнуть, что как наименование научного понятия составные термины проявляют единство в семантическом отношении, что проявляется в слиянии значений компонентов в одну целостную единицу. В этом отношении степень слитности или фразеологичности может быть различной.

Анализ содержания отношений между компонентами ТСС с позиций теории парадигматического синтаксиса выявил определенный набор семантико-синтаксических отношений между компонентами ТСС, т.е. отношений, складывающихся под влиянием структуры и семантических характеристик компонентов и отражающих реальные отношения между предметами и явлениями окружающей действительности.

Одним из основных типов ТСС в научном тексте является атрибутивные ТСС.

Как подчеркивает А.И.Смирницкий, «только атрибутивная связь, являясь самой тесной и прочной, всегда дает такие сочетания, которые выступают в предложении как «цельные комплексы», в собранном, готовом виде[3] (Смирницкий 1957: 51).

Осуществленный анализ терминологических словосочетаний (ТСС) атрибутивного типа различной терминосистемы показал, что: 1) ТСС атрибутивного типа характерно разнообразие структурных и семантических типов; 2) по мере увеличения количества компонентов количество многочленных ТСС в текстах научного подъязыка значительно уменьшается. Среди выделенных нами 1025 единиц двухкомпонентные ТСС составили *568* единиц, трёхкомпонентные 350 единиц, четырёх-, пяти- и шестичленные — соответственно 92, 11 и 4 единицы; 3) широкое распространение неразложимых ТСС можно рассматривать как один из способов расширения номинативных средств языка; 4) в терминообразовании составных многокомпонентных ТСС активное участие принимают простые однокомпонентные термины; *5)* расширяя свою синтаксическую структуру, ТСС углубляют семантическое наполнение стержневого термина, уточняют его лексическое значение.

Чаще всего между компонентами атрибутивные отношения, при котором главное слово получает конкретизацию, дополнительную характеристику, уточнение с определенной точки зрения, что включает классификационные, видовые и типовые признаки предметов, явлений, процессов и т.д.

Анализ семантических связей между компонентами терминологических словосочетаний атрибутивного типа разрешил нам установить следующие классы семантических отношений: 1) класс поссесивных отношений; 2) класс локативных отношений: *longitude west: longitude east – тули шаркӣ* - *тули ғарбӣ* - долгота западная: долгота восточная; 3) класс темпоральных отношений; 4) класс субъектно-объектных отношений. Между компонентами выявляются также типы атрибутивных отношений: 5) назначения: *valley main* - *водии асосӣ* - долина главная*; 6)* класс *л*окализации: *valley lake* - *кулхои води* - долинные озёра, *valley landscape* - *ландшафти води* - долинный ландшафт,

valley glaciers - пирәхҳои водӣ - долинные ледники*; 7)* класс происхождения: *mountains volcanic, mountains erosion - кӯҳҳои вулканӣ; кӯҳҳои эрозионӣ* - горы вулканические, горы тектонические, горы эрозионные; 8) класс рельефно-ландшафтных особенностей: *valley dry, valley end-to-end, valley river, valley breakout, valley caughted - водии хушк; водии кушод, водии рахнашуда* - долина сухая, долина сквозная, долина речная, долина прорыва; 9) форма: *transverse valley, valley of the longitudal, valley asymmetric - водии кифмонанд, - водии кундаланг, - водии каддӣ, - водиҳои ассиметрӣ, - водии V-монанд, - кӯҳҳои конусшакл,* - долина воронкообразная, долина поперечная, долина продольная, долины асимметричные, долины V-образного типа, горы конусические, горы складчатые и др.

Среди прилагательных, выступающих в качестве одного из компонентов модели атрибутивных ТСС, можно выделить следующие группы:

1) отонимные прилагательные (96 ед.): а) образованные от антропонимов – фамилий известных писателей и других известных исторических личностей (69 ед.), например: *Chaucerian stanza* ‘Чосеровская строфа’, *Homeric epithet* ‘Гомеровский эпитет’; б) образованные от этнонимов (27ед.), например: *French forms* ‘французские метрические формы’, *Irish Renaissance* ‘ирландское Возрождение’, Italian sonnet ‘итальянский сонет’;

2) качественные и относительные прилагательные общелитературного языка (418 ед.), например: *figurative language* ‘образный язык’, dumb show ‘немая сцена, пантомима’, *free verse* ‘верлибр’, *full rhyme* ‘полная рифма’.

Именно прилагательные второй группы образуют с определяемыми существительными самые тесные сочетания, отличающиеся цельностью номинации, фиксированностью значения и стабильным характером участвующих в них элементов, что приближает такие ТС к фразеологическим единицам.

Наиболее распространенной моделью двухкомпонентных терминологических словосочетаний в английском и таджикском языках является (адъективно-субстантивная) модель A + S – 255 единиц в английском языке и 289 единиц в таджикском.

Прилагательные в структуре атрибутивных ТСС разнообразны по семантике. Прежде всего, в атрибутивных ТСС, связанных, к примеру, с технологией производства кондитерских изделий[4] [Каримбаева 2009], выделяются прилагательные, обозначающие качественную характеристику предметов, явлений, процессов, непосредственно:1. Прилагательные, обозначающие различные мотивационные признаки, отражающие видов кондитерских изделий:1) прилагательные, обозначающие общую типизацию: *following types, different raw material, general rates - намудҳои зерин, ашёи хоми гуногун, меъёри умумӣ* - следующие типы, различное сырье, общие нормы и др.; 2) прилагательные, характеризующие отношение предмета к ядру или периферии, главный или второстепенный признаки предмета**:** *main raw material, additional raw material, separate types cheese, peripheral part - ашёи хоми асосӣ, ашёи хоми иловагӣ, намудхои алохидаи ашёи хом, қисми иловагӣ, қисми гайриасосӣ* - основные полуфабрикаты, основное сырье, дополнительное сырье, отдельные виды сырья, периферийная часть и др.; 3) прилагательные, характеризующие пространственные признаки предмета: *the local product, belorussian products, east sweetnesses, foreign enterprises, east kitchen, sea algae and others - маснуоти маҳалӣ, маснуоти белоруссӣ, шириниҳои шарқ, корхонаҳои хориҷӣ, равғани вологодагӣ, хӯрокҳои шарқӣ обсабзҳои баҳрӣ* - местные изделии, белорусские изделия, восточные сладости, зарубежные предприятия, вологодское масло, восточная кухня, морская водоросль и др.; 4) прилагательные, характеризующие признаки предмета по материалу: *coco shaving, , albumens, fruit-berry stocking up, yeast dough, colloidal material* - параҳои *кокосӣ*, маҳсулоти *ширӣ*, ашёи *сафедагӣ*, маҳсулоти *мевагӣ*, мармелади *полуда*, моддаи *полудагӣ,* моддаҳои *коллоидӣ* - кокосовая стружка, химические разрыхлители, белковые вещества, фруктово-ягодные заготовки, дрожжевое тесто, коллоидные вещества и др.; 5) по времени: *dayly need, modern technologies, old-time recipes, long отлежка, initial characteristic - талаботи шабонарузӣ, технологияи замонавӣ, намудҳои замонавӣ, дастури қадима, хусусиятҳои*

ибтидоӣ, нигоҳдории дарозмуддат - суточная потребность, современные технологии, старинные рецепты, длительная отлежка, первоначальные свойства и др.; 6) по качеству: *dying material, springy, viscous liquid, thick consistency, dry products, sticky mass, saturated solution –молҳои рангдавонӣ, навъи аъло, маҳлули часпак, маҳлули сер, ширешаки сусти ғалла, ширешаки кувватноки ғалла, ширешаки хоми ғалла, зарраҳои калан-калони орд, хамиртуруши хушк* - красящие вещества, упругая, неэластичная (сильная) клейковина, коротко-рвущаяся клейковина, вязкая жидкость, густая консистенция, сухие продукты, липкая масса, насыщенный раствор и др.; 7) по температуре: *hot water, cool products, low temperature, cooling drink – оби гарм, маҳсулоти хунук, ҳарорати паст* - горячая вода, холодные продукты, низкая температура, прохладительные напитки; 8) по консистентному составу: *chemical composition grain, physico-chemical characteristic, physical characteristic of the test,* и др. - *таркиби кимиёвии ғалла, хусусияти физикию кимиёвӣ, хусусияти физикии хамир, таркиби гидрататсионӣ* - химический состав зерна, физико-химические свойства, физические свойства теста, гидратационный состав и др.; 9) видовой классификации предприятий: *food industry, public feeding, specialized enterprises, professional-technical educational institutions – саноати хурокворӣ, хӯроки ҷамъиятӣ, корхонаҳои махсусгардонидашуда, мактаби касбӣ-техникӣ* - пищевая промышленность, общественное питания, специализированные предприятия, профессионально-технические учебные заведения и др.; 10) по степени преобладания или уменьшения качества: *raised contents lowered contents, high quality, optimum characteristic, intensive and long-lasting замес - миқдори барзиёд, калориянокии суст (паст), сифати баланд, хусусияти оптималӣ, хамиркунии шиддатнок ва бардавом, миқдори калон (баланд), фаъолнокии баланди ферментативӣ, фишори баланд, нимқандиҳои бисёрмолекулавӣ, омехтаҳои бисёрхузъӣ* - повышенное содержание, пониженное содержание, высокое качество, оптимальные свойства, интенсивный и продолжительный замес, высокомолекулярные полисахариды и др. 11) Особое место в системе атрибутивных отношений в научном тексте занимают прилагательные, обозначающие цвет, среди наименований которых встречаются в РЯ: *white, red, green, black, brown, blue, green, yellow, rose* и др– в ТЯ: *сурх, зард, кабуд, сиёх, сафед* и др. - *белый, красный, зеленый, черный, коричневый, голубой, зеленый, желтый, розовы.* Наиболее распространенный и продуктивно используемый цвет в текстах по технологии производства кондитерских изделий является *white -белый,* который в выбранном нами отрезке текста из 10000 словоупотреблений встречается в 27 атрибутивных словосочетаниях, а во всем тексте в 116 словосочетаниях. Это следующие словосочетания: *white colour, blanching tin plate, white pepper, white powder* -

белый цвет, белая жесть, белый перец, белый порошок и др. - *white* употребляется как самостоятельное определение к существительным, в которых оно характеризует цвет, основное содержание, в котором это и другие прилагательные употребляются в тексте. Поэтому основное значение, в котором реализуется содержание прилагательных, обозначающих цвет, это прямое дефинитивное, без осложнения и накладывания переносных.

В словосочетаниях главными, доминирующими также являются существительные. Например; *ҷараёни бӯҳронӣ - ток критический, дастгоҳи ресандагӣ – станок прядильный*. Термины-словосочетания с наибольшей полнотой отражают необходимые отличительные признаки именуемого понятия. Имя прилагательное, наречие, местоимение, числительное, главным образом используются в качестве зависимых компонентов (исключение составляют субстантиваты этих частей речи) и в словосочетаниях выполняют функции определяющих терминоэлементов. В таких словосочетаниях обе части, как определяемая, так и определяющая, также могут быть существительными *(accomodation to industry, wall of the building –ҷойгузории саноат, - девори бино* - размещение промышленности, стена здания). Термины-словосочетания бывают беспредложные (*white cast iron, head of the rivet - чуяни сафед,сараки парчин* – белый чугун, головка заклепки) и предложные (a casting

under pressure accomodation to industry - *рехтагарии зери фишор, талаф дар печаҳо* – литье под давлением, потери в обмотках).

По степени смысловой разложимости ТСС и по степени отображения в них системности понятий определённого терминологического ряда мы разделили атрибутивные ТСС на 2 типа: 1) неразложимые ТСС и 2) ТСС, которые сохраняют самостоятельность каждого из компонентов.

Неразложимые термины-словосочетания (h.p. - *тавони асп* – лошадиная сила) являются простейшими терминологическими единицами и не могут быть расчленены на составные части.

В разложимых словосочетаниях (*шиддати баланд, суръати кунҷӣ, ҳарорати гудозиш – high power, angular velocity, temperature of the melting* – высокое напряжение, угловая скорость, температура плавления) составные части терминов находятся в отношениях определяющего к определяемому (выражают родовидовые отношения), где первые компоненты сочетаний представляют собой общие родовые понятия, а вторые классифицирующие компоненты являются видовыми понятиями по отношению к первым, или наблюдается связь **часть-целое**, например, *чархи мошин* – колесо машины. В этих примерах термином может быть либо определяемая часть (*шиддат*), либо определяющая (*чарх*). Другая часть этого сочетания (*баланд*) представляет собой обычное слово. Словосочетания типа ***чархи мошин*** обладают тем свойством, что вторая часть (*мошин*) независимо от контекста может опускаться. В этом случае термин частично теряет наглядность, но все же его применение не вызывает ошибки или недоразумений.

По степени переосмысления компонентов устойчивые терминологические словосочетания можно разбить на три основные группы: 1) словосочетания, все компоненты которых сохранили свои прямые словарные значения; 2) словосочетания, один или все компоненты которых подверглись переосмыслению, но значения которых можно вывести из значений компонентов; 3) словосочетания, значения которых нельзя вывести из значений компонентов.

Словосочетания, компоненты которых сохранили свои прямые лексические значения, также несколько неоднородны по своей смысловой монолитности, по степени близости к свободным сочетаниям слов. Наиболее близки к свободным словосочетаниям определи тельные устойчивые терминологические словосочетания, в которых определитель выражает отношение принадлежности в широком смысле слова, будучи оформлен синтаксически в виде конструкции с предлогом *of: spar of the wing* («лонжерон крыла»), *depressurization of the cabin* («разгерметизация кабины»; и т. п. Каждый из компонентов таких словосочетании несет одинаковую смысловую нагрузку. В отличие от других типов определительных словосочетаний каждый компонент словосочетаний данного типа может иметь отдельное определение, причем от этого устойчивое словосочетание не разрушается*: longeron of the star wing, main longeron of the wing, depressurization of the passenger cabin, partial depressurization of the cabin* и т. д.

Однако, несмотря на относительную смысловую самостоятельность компонентов словосочетаний данного типа, эти словосочетания отличаются большей смысловой цельностью по сравнению с аналогичными свободными сочетаниями слов: ср. *spar of the wing* и свободное сочетание слов *room of the father* или свободное сочетание слов *книга друга* и устойчивое словосочетание *книга жалоб и предложений.*

Механизм образования этих ТСС - преимущественно семантического содержания. Структуры образовываются вследствие метафоризации. В результате анализа отобранного материала было выделено 84 неразложимых терминологических единицы. Значение ТСС второго типа полностью или частично мотивируется значением компонентов. ТСС этого типа образованы синтаксическим способом. ТСС второго типа сохраняют самостоятельность каждого из компонентов: *eficit financing* - дефицитное финансирование*, bank deposit* - банковский депозит*, investment bank* - инвестиционный банк. Семантизация неразложимых ТСС, усложнённых идиоматическим характером взаимоотношений между компонентами, благоприятствует углублению терминологической компетентности, упрощает процесс понимания банковской терминологии, поскольку дает возможность декодировать информацию, основными носителями которой в КВТ являются термины и

терминологические словосочетания. Словосочетания второго типа не фиксируются в специальных словарях как самостоятельные единицы. Эти ТСС характеризируются прозрачной семантической структурой.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Лейчик В.М. Оптимальная длина и оптимальная структура термина // Вопросы языкознания. 1981. №2; Белоусова А. Р. Субстантивные терминологические словосочетания в языке английской научной литературы: дис. … канд. филол. наук: 10.02.04 / Белоусова А. Р. – М., 1988. – 147 с.; Верещака М. В. Основные признаки составных терминов / М. В. Верещака // Лингвистические исследования. – М., 1983. – С. 49-58.
2. Бекмуродов М.М. Строительная терминология в таджикском и английском языках. АКД. –Душанбе, 1999. –С. 12.
3. Смирницкий А.И. Синтаксис английского языка. – М., 1957. –С. 73.
4. Каримбаева Х.К. Структурно-семантический анализ научного текста по технологии производства кондитерских изделий (на материале русского и таджикского языков): АКД. -Душанбе 2012. –С.7.

АТРИБУТИВНЫЕ ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКИЕ СОЧЕТАНИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье анализируются атрибутивные терминологические сочетания в английском и таджикском языках. Выявляется место атрибутивных терминологических словосочетаний в системе терминов-словосочетаний, определяются их семантические и структурные модели в сопоставляемых языках.

Ключевые слова*:* термины-словосочетания, семантико-синтаксические отношения, атрибутивные терминологические словосочетания, классы семантических отношений, структурные и семантические модели.

ATTRIBUTE PHRASE COMBINATIONS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The author analyzed attribute phrase combinations in English and Tajik languages in the present article. She revealed the position of attribute phrase combinations in the structure of phrase – combinations determining their semantic and construction models in comparing languages.

Key words: phrase combinations, semantic-syntaxes relation, attribute phrase combinations, course of semantic relations, structural and semantic models.

Сведения об авторе: ***С. А. Хайдарова*** – соискатель Таджикского национального университета

О ДВУСОСТАВНОМ ХАРАКТЕРЕ ПРЕДЛОЖЕНИЙ СО СЛОВАМИ КАТЕГОРИИ СОСТОЯНИЯ

Е.С. Паташкова
Челябинский государственный педагогический университет, Россия

Важнейшей целью синтаксиса как раздела грамматики является всестороннее изучение структуры предложения, его грамматической организации как выражения определенного смыслового содержания. В ряде синтаксических исследований последних лет предложение изучалось как синтаксическая единица, которая, по определению Э.Бенвениста, «имеет одновременно смысл и референт: смысл, потому что несет смысловую информацию, а референт, потому что оно соотносится с соответствующей ситуацией» [1,114].

Распространенной в настоящее время является номинативная (денотативная) концепция семантики предложения, которая наиболее последовательно разработана в трудах Н.Д.Арутюновой, Е.С.Кубряковой, В.Г.Гака, Е.В.Гулыги, С.Д.Кацнельсона, Г.П.Ломтева, О.И.Москальской, И.П.Сусова и др., концепция пропозициональной семантики предложения (Г.Н.Манаенко) и др.

В соответствии с номинативной концепцией предложения при выявлении его формально-семантической структуры учитываются не только грамматические свойства, но и способ представления информации об отражаемом в предложении событии (Е.С.Кубрякова). Отношение предложения к объективной действительности очень сложно, так как предложение отражает не только объективную действительность, но и процесс познания ее,

и в то же время опирается на исторически закрепленные языковые категории с их формами и содержанием.

Цель данной статьи заключается в определении синтаксической двусоставности (В.Г.Адмони) предложений со словами категории состояния в современном русском языке. Объектом исследования являются предложения со словами категории состояния. Выбор в качестве объекта исследования данных конструкций объясняется рядом причин, среди которых важной является то, что данные синтаксические единицы представляют собой один из способов интеллектуализации языка (компрессии формы простого предложения для выражения сложного диктумно-модусного содержания) как ведущей тенденции синтаксической системы языка. Предметом исследования выступают структурно-семантические особенности и специфическая двусоставность характера предложений со словами категории состояния.

Данный тип предложений, на наш взгляд, вызывает интерес и в сопоставительно-типологическом аспекте, так как «…подход к обозначению с позиций речевой номинации открывает возможность удовлетворить авторские интенции и представить денотаты или денотативные ситуации с максимальной степенью семантической и экспрессивной достаточности» [2,9].

Главным конституирующим признаком предложения является предикативность как соотнесенность предложения с действительностью. Приняв во внимание то, что для возникновения предикативных отношений в предложении, а, следовательно, и для возникновения самого предложения нужна предикативность, можно говорить об обязательном наличии субъекта и предиката предложения.

«Предложение возникает в результате сопряжения субъекта и предиката, предицируемого и предицирующего компонентов» [3,248]. При этом предикат понимается как «пропозициональная функция или высказывательная функция», как «особые семантические сущности языка, которые типизируются в форме «структурных схем предложения»» [4,74].

Основанием для структурно-семантической типологии предложений может быть характер предиката (его семантика и валентные свойства), однако, при этом необходим и учет взаимоотношений предиката со всеми именами. Не случайно синтаксистами уделяется основное внимание типам предикатов, поскольку именно на типологии предикатов основана типология базовых моделей предложения.

Сказуемое предопределяет количество и характер членов (актантов) в структуре предложения. Например, сказуемое *светает* предполагает нулевое окружение, т.е. отсутствие субъектного и объектных членов; сказуемое *спит* предопределяет наличие одного члена — субъектного (*Ребенок спит);* сказуемое *читает* при неабсолютивном употреблении требует наличия двух членов - субъектного и объектного (*Мальчик читает книгу).* С этой точки зрения, структура предложения - это только «проявление», раскрытие того, что в имплицитном виде уже содержится в сказуемом, в его грамматической и особенно семантической структуре. Значит, сказуемое представляет собой даже не член предложения (главный, ядерный, конститутивный), а свернутое предложение. В наиболее ярком и законченном виде данная теория представлена у Л.Теньера.

По другой теории, сказуемое детерминирует внутреннюю сущность предложения - предикативность, поскольку последняя оказывается равной грамматическим категориям времени и наклонения, выраженным формами сказуемого. Однако, считается, что предикативность как «единство синтаксического времени и объективной модальности» выражается не только формами глагола-сказуемого, но и другими средствами, в частности «самой структурной схемой предложения» [5, 312]. Такой подход к предложению наиболее

последовательно представлен в синтаксической концепции «Грамматики современного русского литературного языка».

Мы придерживаемся точки зрения А.С. Попова, согласно которой классификация предикатов должна быть связана «с построением такой типологии описываемых ими «положений дел», в основе которой лежали бы лингвистически существенные признаки, в первую очередь - признаки, соотносимые с семантическими компонентами, обладающими грамматической релевантностью» [6,101].

Однако, не только предикат, но и субъект предопределяет тип предложения. Форма предложения - цельная единица, для нее в одинаковой мере необходимы субъект и предикат. Они существуют только во взаимной связи и зависимости. Форма субъекта и предиката взаимно обусловливают друг друга, образуя предикативное ядро предложения, поэтому структура предложения определяется взаимодействием двух организующих центров предложения - субъекта и предиката.

Таким образом, начало создания таджикской научной, в том числе геологической терминологии связано с введением в научный обиход литературного языка фарси-дари в начале XI века. У его истоков стояли великие ученые Абуали Сино и Беруни. Получив широкое развитие в XX веке, геологическая терминология вызывает огромный интерес и в наши дни. Самыми продуктивными способами формирования и передачи геологических терминов в таджикском языке являются калькирование из русского языка и заимствование из русского и арабского языков. Самым распространенным способом геологического терминообразования является словосложение.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. – Д.: Дониш.- 1986.
2. Бобохоҷаев С., Ҷанобилов М. Луғати тафсирии русӣ ба тоҷикии истилоҳоти геология. – Д: Дониш.- 1991.
3. Даниленко В.П. Лексико-семантические и грамматические особенности слов терминов. – М.: Наука.- 1971.
4. Джураев Т.К. Формирование отраслевой технической терминологии современного таджикского языка. – Автореферат док. диссертации. – Д., 1997.
5. Лившиц В.А., Смирнова Л.. Язык Дониш-наме и роль Ибн Сино в развитии персидско-таджикской терминологии. – М., 1981.
6. Луғати инглисӣ-тоҷикӣ-русӣ, тоҷикӣ-русӣ-инглисӣ, русӣ-тоҷикӣ-инглисии геологияи муҳандисӣ, механикаи хокҳо, асосу таҳкурсиҳо. – мураттибон Тоҳиров И., Аҳмадов Ҷ., Комилов О., Саидов Р. – Д., Ирфон.- 2008.
7. Суперанская А.В., Подольская Н.В. Общая терминология: Вопросы теории. – М: Наука.- 1989.
8. Развитие терминологии на языках союзных республик СССР. – М.: Наука.- 1987.
9. Зерноводческая терминология таджикского языка. Автор: Хакимова, Башорат Наимовна. -Душанбе , 2008.

ФОРМИРОВАНИЕ И СТРУКТУРА ТЕРМИНОЛОГИИ ПОЛЕЗНЫХ ИСКОПАЕМЫХ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

За последние годы значительно расширились общественные функции таджикского языка: он стал обслуживать общественно-политическую и народно-хозяйственную сферы жизни. В период научно-технического прогресса большое значение приобретает научный стиль языка. Как известно, каждая отрасль знания обладает присущей только ей спецификой, содержанием, теоретическими и практическими задачами. Развитие любой отрасли научного знания связано с появлением новых терминов. Любая терминосистема неотделима от системы понятий данной науки и развивается вместе с ней. Это относится и к геологическим терминам. Статья посвящена изучению данной темы.

Ключевые слова: месторождение, общественные функции таджикского языка, научный стиль языка, термины, появление новых терминов, терминосистема, геологические термины.

THE FORMATION AND STRUCTURE OF MINERAL RESOURCES TERMINOLOGY IN THE TAJIK LANGUAGE

For last decades public functions of the Tajik language have considerably extended: it began to serve political and economic spheres of life. In scientific and technical progress the great value gets scientific style of language. As it is known, each branch of knowledge possesses to it inherent only specificity, the maintenance, theoretical and practical problems. Development of any branch of scientific knowledge is connected with occurrence of new terms. Any is inseparable from system of concepts of the given science and develops together with it. It concerns and geological terms. Article is devoted studying of the given theme.

Key words: field, public functions of the Tajik language, scientific style of language, terms, occurrence of new terms, thermo-system, geological terms.

Сведения об авторе: ***Раззокбердиев. Ш.С***. – аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка Таджикского национального университета. Телефон: **(+992)93-454-77-07; sharafjon 22@ mail.ru**

МУРОДИФҲОИ ФЕЪЛҲОИ ЁВАРИ НАМУДҲОИ МУТЛАҚ ВА ДАВОМДОРИ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛИИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ

Бурҳониддин Аловиддинов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ибораҳои фразеологии феълӣ (ИФФ) ҳиссаи бузурги захираи фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Онҳо сарфи назар аз махсусиятҳои сохторию таркибӣ ва маъноияшон аз лиҳози грамматикӣ мансубияти ҳиссаинутқӣ дошта, яке аз гурӯҳҳои сохтории феълҳои забони тоҷикиро ташкил медиҳанд [1, 218-237]. ИФФ-ҳо монанди феълҳои одӣ амалу ҳаракатро ифода карда, дар дохили категорияҳои грамматикии феъл, аз ҷумла, категорияи намуд махсусиятҳо ва воситаҳои мушаххаси ифодаи худро доранд. Шаклҳои грамматикии категорияи намуд –намуди мутлақ ва давомдор дар ИФФ-ҳо ба монанди феълҳои одӣ шакли аналитикӣ дошта, ба воситаи феълҳои ёвари махсус ифода мегарданд [2, 46-49].

Муродифшавии воситаҳои ифодаи маъно танҳо зуҳуроти лексикӣ набуда, он дар грамматика ва байни воҳидҳои грамматикӣ низ ба назар мерасад. «Синонимияи грамматикӣ аз ҷиҳати маънои асосии худ ба ҳамдигар мувофиқ омадани морфемаҳо ва таркибҳои гуногун мебошад. Аз ин рӯ, синонимия на дар сатҳи луғавии забон балкӣ дар грамматика низ мушоҳида карда мешавад» [4, 14]. Феълҳои ёвари ифодагари намуди давомнок: **истодан, гаштан, нишастан, омадан, гирифтан, мондан** ва феълҳои ифодагари намуди мутлақ: **мондан, баромадан, гирифтан дидан, шудан, фиристодан** ва **партофтан** сарфи назар аз ифодаи маънои гуногуни луғавӣ аз лиҳози грамматикӣ вазифаҳои муайян дошта, боз муродифҳои грамматикиро ташкил менамоянд. Онҳо ҳамчун ҷузъи ёвари ИФФ-ҳо вазифаи намудсозиро иҷро мекунанд. Вазифаи асосии онҳо дар ин мавқеъ нишон додани чигунагии ҷараёни амал мебошад. Чунончи, ИФФ-ҳои **гап парронданн** «сухан кардан», **ақлро ғундоштан «**фикр кардан», **мурч хӯрондан «**фиреб кардан», **аз гӯшт фаромадан «**лоғар шудан**», чашм дӯхтан «**нигоҳ кардан**», тор танидан «**пайгир шудан**»,** ки моҳиятан, маъно ва сохтори гуногун доранд, феълҳои ёвари **дидан, гирифтан, баромадан, истодан** ва **гаштанро** дар ҷумлаҳои зер қабул карда, шаклҳои грамматикии намуди мутлақ ва давомдори онҳоро ба вуҷуд овардаанд**:**

–Ман имрӯз, –гуфт ба сухани худ давом карда Неқадам, –худам ба ӯ **гап парронда дидам** (С. Айнӣ. Ғуломон, 136). Ман инро махсусан баъде ки як қадар **ақламро ғундошта гирифтам**, бештар ҳис мекунам (С. Турсун. Камони Рӯстам, 22). Чаллоби фиребгарро бад карда мегуфт, ки вай фиреб дода ҳаққи ятимчаҳои ӯро хӯрд, насибаш накунад, **аз бинияш зада барояд** (Р. Амонов. Шарораҳои меҳр, 181). Ба ин сабабҳо аз соли 1916 сар карда, Корӣ-ишкамба … **аз гушт фаромадан гирифт** (С. Айнӣ. Осори баргузида, Ҷ. II, 294). Қазоқ, ки … ба доғи хуне, ки ба як ҷойи тақири замин чакида буд, **чашм духта меистод** (С.Айнӣ. Ғуломон, 104). …суханчинони сершумори қозикалон дар гирди ин ҳавливу дар гирди ман **тор танида мегарданд** (Ю. Акобиров. Дунё ба умед, 285).

Феълҳои ёвари намудсоз аксаран дар таркиби ИФФ-ҳо бидуни он, ки чигунагии ҷараёни амалу ҳаракат тағйир ёбад, метавонанд муродифҳои грамматикии худро иваз намоянд. Чунончи, ИФФ-и **чашм (назар) андохтан** «нигаристан» ва **ба даҳон об гирифтан** «хомӯш истодан» бо худ феълҳои ёвари ифодагари намуди мутлақи **дидан, гирифтан, баромадан** ва феълҳои ёвари ифодагари намуди давомноки **нишастан, гаштану истодан**ро дар матнҳои зер қабул карда, шаклҳои гуногуни намуди мутлақ ва давомдорро ба вуҷуд овардаанд:

Ба ҳар тарафи канори дарё **чашм андохта дид**, дар канори дарьё на як киштӣ, на як гупсар ва на як одам (С. Айнӣ. Ятим, 72). Полковник, баъд аз он ки як дам хомӯшона ба атроф **назар партофта гирифт**, аз Сафар пурсид (Ф. Ниёзӣ. Вафо, 73). …қорӣ боз нафасе лаб фурӯ баста, аз як тараф номаълумона ба ҳама **назар андохта баромад**(Р. Ҷалил. Асарҳои мунтахаб, Ҷ. II, 67). Ман кайҳо ҳис кардам, ки шумо якдигарро дӯст медореду **ба даҳон об гирифта гаштед** (А. Ҳаким. Ашки сари мижгон, 30). **Ба даҳонат об гирифта нишастаӣ,** чӣ? –аз китфи хароби Ориф такон дод Микола (Ю. Акобиров. Норак, 308). – Ин хомӯшии ту, ин **ба даҳон об гирифта истодани** ту дер ё зуд зарараш ба худи ту мерасад («Муҳаббат ва оила», 21.09.2007, 3).

Бояд ёдовар шуд, ки аз лиҳози грамматикӣ муродиф шудани феълҳои ёвари намудсоз низ ҳадди худро дорад. Ҳар як феъли ёвари намудсоз дар вазифаи ёвар дар баробари ифода кардани чигунагии ҷараёни амал, боз ба он тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшад, ки танҳо ба худи ҳамон феълҳо дар алоҳидагӣ хос мебошанд. Ин тобишҳои маъноии феълҳои ёвари намудсоз хусусиятҳои фардии ифодаи маъноии онҳо ба шумор рафта, ивазнашанда ва нотакроранд. Чунончи, ИФФ-ҳои **чангол зада**н «гирифтан», **гӯши касеро тоб додан «**фаҳмондан**», гап задан «**сухан кардан**», дандон ба дандон мондан «**тоқат кардан**», дар худ гирифтан «**дар хотир нигоҳ доштан**», ба чон расондан *касеро* «**ба танг овардан» дар матнҳои зер ҷараённокии амалу ҳаракатро бо тобишҳои гуногуни грамматикӣ ифода кардаанд:**

Ин бача, Сазонов –бригадирашон. Мон, ки пешакӣ **гӯшашонро тофта монад** (Ф. Муҳаммадиев. Муҳоҷирон, 89). Ба ӯ дар хусуси додарзодааш як **гап зада бинад**, ки чӣ мешавад (С. Турсун. Камони Рустам, 175). … закотчӣ беихтиёр аз ҷойи худ барҷаста, монанди калхоте, ки порчаи гӯштеро дида, бо иштиҳои тамом чанг занад, тӯби сатини мазкурро **чангол зада гирифт** (С. Айнӣ. Одина, 236). … аз ин «гапи нав» сахт оташин шуду ночор барои эҳтироми бародар **дандон ба дандон монда менишаст** (Ю. Акобиров. Дунё ба умед, 232). Ман ин аҳмақии туро ба чашми худ дида, то имрӯз **дар худ гирифта гаштам** (С. Турсун. Камони Рустам, 181). Ҳамин муллоҳои будагӣ ҳам-ку **ба чонам расонда истодаанд** (С. Айнӣ. Куллиёт, Ҷ. III, 220)

Хусусиятҳои фардии феълҳои ёвари намудсоз ин тобишҳои фардии маъноии онҳо мебошад, ки дар ҳар як феъли ёвар тобиши ба худ хос дорад. Масалан, феъли ёвари **мондан** аз он ки ба гурӯҳи калимаҳои умумиистеъмол ва сермаъно дохил мешавад, дар вазифаи ёвар мутлақияти амалро бо тобиши бартарафкунӣ ва ҷамъбасткунӣ ифода карда, қатъияти онро бидуни тобишҳои лаҳзавӣ ифода менамояд. Вале феъли ёвари **баромадан** бо сареҳият қатъшавии амалро таъкид карда, ба зудӣ аз вазъият берун шуданро ифода менамояд, ва ё феъли ёвари **рафтан** қатъияти амалро бо тобиши лаҳзавӣ ифода карда, бо фардияти ифодаи маъноии худ дуршавӣ аз нуқтаи муайянро нишон медиҳад. Чунончи ИФФ-ҳои **чарх задан «**сайр кардан**», мижа таҳ накардан «**хоб накардан**», мурч хӯрондан «**фиреб додан**», ба тақдир тан додан «**ризо шудан» ва **лаҷоми *касеро* кашидан** «монеи худсарии касе шудан» бо ёрии феълҳои ёвари мазкур дар матнҳои зайл мутлақии амалро бо тобишҳои зикршуда ифода кардаанд:

Дар ҳолате, ки оташи торф ғуррос зада мебаромад… монанди аспони харос **чарх зада мебаромадем** (С. Айнӣ. Осори баргузида, Ҷ. II, 92). Зан медонист, ки чӣ хел шаби дароз шавҳараш дар ҷойгаҳ **мижа таҳ накарда баромадааст** (Ю. Акобиров. Ҷонфидо, 210). – Ӯ пирсаг набудааст, балки пиррӯбоҳ будааст, **ки гургони ҷавонро мурч хӯронда рафтааст**, – гуфт посбон ба онҳо… (С. Айнӣ. Ғуломон, 294). Лекин кори Наимов ҳамин зайл омад накардан гирад, баъд чӣ илоҷ? **Ба тақдир тан дода мемонад** (С. Турсун. Камони Рустам, 173). Агар якта-нимта баднафсон ба мақсади савдо ба он сӯ карасин ё шароб гузаронанд, фаҳмида, дарав **лаҷомашро кашида мемонданд** (Ф. Муҳаммадиев. Сози Мунаввар, 48).

Фардияти ифодаи маъноӣ дар феълҳои ёвари ифодагари намуди давомдор низ мавқеи муҳим дорад. Тобишҳои фардии маъноии феълҳои ёвари мазкур бештар ба мавқеъ ва лаҳзаи бакорбарии онҳо вобаста буда, дар матн муайян кардани онҳо бештар имконпазир аст. Масалан, агар феъли ёвари **истодан** давомнокии амалу ҳолатро бо тобишҳои яккаратии давомнок ва такрори мӯлкаратӣ ифода кунад, феъли ёвари **гаштан** давомнокии амалу ҳаракатро дар замони гузашта ва оянда бо тобишҳои такрори фосилавӣ ифода карда, дар марҳилаҳои тӯлонӣ гоҳ-гоҳ такрор шуда истодани амалро нишон медиҳад. Муродифи дигари феълҳои ёвари мазкур феъли **омадан** бошад, давомнокии амали нотамоми дуру дароз дар ҷараёнбударо ифода карда, бо тобишҳои фардии маъноии худ наздикшавӣ ба лаҳзаи нуткро нишон медиҳад. Чунончи, ИФФ-ҳои **дили касеро ёфтан «**ба боварӣ даромадан**», чашм духтан «**нигаристан**», каландро аз даст намондан** «мунтазам банди кор будан**», думи касеро лесидан «**хушомадгӯию лагандбардорӣ кардан**», гул додан «**фиреб кардан ***касеро***» дар мисолҳои зайл ба воситаи феълҳои ёвари мазкур давомнокии амалро бо тобишҳои зикршуда ифода кардаанд:

Азбаски онҳо **дили калононро ёфта меистанд**, ягон бор беобрӯ нашуда будаанд (С.Айнӣ. Осори баргузида, Ҷ.II, 41). Қазоқ, ки … ба доғи хуне, ки ба як ҷои тақири замин чакида буд, **чашм дӯхта меистод** (С.Айнӣ. Ғуломон, 104). Одатан, обҳои калони

равон аз боло **ях баста меоянд** (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 139). Охир, ман чилупанҷ сол боз **каландро аз дастам намонда меоям** (С. Улуғзода. Навобод, 135). Сафар ба мулло Наврӯз: –Чаро **думи бекҳоро лесида мегардед**? (С. Айнӣ. Ғуломон, 165). Ӯ имрӯзу фардо карда, **гӯл дода гаштааст** (С. Айни. Ғуломон, 234).

Ифодаи фардияти тобишҳои маъноӣ дар феълҳои ёвари намудсоз гунонгун мебошад. Дар баъзеи он феълҳо ба таври хира, вале дар баъзеи дигарашон хеле равшан зоҳир мегардад. Феъли ёвар ҳар қадар дар ташаккули намуди феъл нақши фаъол дошта бошад ва дар ин вазифа марҳилаи грамматикализатсияро хубтар аз сар гузаронида бошад, хусусиятҳои фардии ифодаи маъно дар он ҳамон қадар хира ва ба назар нонамоён мегардад ва ҷараённокии амалро ба таври одӣ ва бидуни хусусиятҳои ҷудогона ифода менамояд. Масалан, феъли ёвари **истодан** ва **нишастан** аз оне ки калимаҳои умумиистеъмоланду дар вазифаи ёвар марҳилаи грамматикализатсияро хубтар аз сар гузаронидаанд, давомнокии амалу ҳолатро ба таври хеле суфта, вале орӣ аз ҳар гуна тобишҳои фардии маъноӣ ифода менамоянд. Фардияти ифодаи маъно дар онҳо ба таври хеле хира зоҳир мегардад. Феъли **мондан** низ дар вазифаи ёвар марҳилаи грамматикализатсияро аз сар гузаронидааст, вале на ба андозаи **истодан** ва **нишастан.** Аз ин рӯ, хусусиятҳои фардии маъноии он махсусан, тобишҳои ҷамъбасткунӣ ва бартарафкунӣ дар он низ баъзан ба назар мерасад. Чунончи, ИФФ-ҳои **зеҳн мондан** «диққат додан»**, ҷилави касеро сар додан** «соҳибихтиёр кардан»**, шикамро хорида нишастан** «коҳилӣ кардан», **дандон ба дандон мондан** «тоқат кардан»**, ба гӯши касе хондан** «фаҳмондан»**, қабат-қабат гӯшт гирифтан** «фарбеҳ шудан» дар матнҳои зайл дар алоқамандӣ бо феълҳои ёвари мазкур ҷараённокии амалу ҳолатро ба таври возеҳ, вале бидуни тобишҳои ҷудогонаи маъноӣ ифода кардаанд:

Ҳайдаров ба кори Ашраф хеле **зеҳн монда истоду** сонӣ мамнун шуда… (Ю. Акобиров. Ҷонфидо, 235). Ман ҳис кардам, ки **қабат-қабат гӯшт гирифта истодам** (П Толис. Осори мунтахаб, 414). – Ман **ба гӯшаш хонда монда будам**, – гуфт оқсақол дар ҷавоби Амин – «ин ғуломонро як тарсонда мондан даркор аст» гуфта буд (С. Айнӣ. Ғуломон, 170). …ба назарам, аз рафтори келини пиразан дида, бештар ба шавҳари ӯ тааллуқ доштааст: мард шуда истода ин хел **ҷилави занашро сар дода мондааст-а**! (Р. Амонов. Шарораҳои меҳр, 86). ...аз фоидаи он маблағ ҳар сол садҳо ҳазор сӯм даромад карда **шикамашонро хорида нишастанду** оммаи мардум аз гуруснагӣ бимирад (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 173). … шоир аз ин «гапи нав» сахт оташин шуду ночор барои эҳтироми бародар **дандон ба дандон монда менишаст**(Ю. Акобиров. Дунё ба умед, 232).

Агар феъли ёвари намудсоз дар ташаккули намудҳои феъл нақши кам дошта бошад, фардияти ифодаи маъно дар он ба таври хеле равшан зоҳир мегардад ва баракс, ҳар қадаре, ки фардияти ифодаи маъно дар феъли ёвар хубтар инъикосёбанда бошад, он иштироки ин феъли ёварро дар ташаккули намудҳои феълӣ ҳамон қадар маҳдуд мегардонад ва ба ИФФ хусусиятҳои хоси ифоданокӣ мебахшад. Масалан, феъли **партофтан,** ки дар вазифаи ёвар мутлақияти амалро бидуни тобишҳои лаҳзавӣ ифода менамояд, бар хилофи дигар муродифҳои грамматикии худ дар он хусусиятҳои фардии маъноӣ ба таври хеле равшан маҳфуз мондаанд. Ин хусусиятҳо ифодаи мутлақиятро дар феъли мазкур тобишҳои хоси маъноӣ бахшида, иштироки онро низ дар сурат додани намуди мутлақи дилхоҳ ИФФ маҳдуд гардондааст. Он то ин ки марҳилаи грамматикализатсияро аз сар нагузаронад, наметавонад дар сурат додани намуди мутлақи ИФФ-ҳои навъи **ба ҷанг даромадан** «ҷанг кардан»**, ба сари касе об рехтан** «нест кардан»**, чашм дӯхтан** «нигоҳ кардан» иштирок намоянд. Ин феъл дар сурат додани як гурӯҳи муайяни ИФФ-ҳои навъи **аз хаёл кандан** «фаромӯш карда», **лат додан** «лату куб карда» **астару абраи касеро кандан** «касеро расво кардан» иштирок карда метавонаду бас. Чунончи, аз мундариҷаи фразеологизмҳои мазкур дар матнҳои зер бармеояд:

Ман дар ин миён хаёли Қорӣ-ишкамбаро тамоман **аз хаёлам тарошида партофта будам** (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 108). …Шоҳмирзо ҳамаи паноҳандагони он ҷоро, ки ба масхара доштани он мард ҳамроҳӣ карда хандида буданд, **лат дода партофт**(С. Айнӣ. Одина, 365,). –Ту ба онҳо бозӣ накун! Ин кори шухӣ не, **астару абраатро канда мепартоянд** («Муҳаббат ва оила», 12 03.2009, 5).

Дар феълҳои ёвари ифодагари намуди мутлақи **дидан, баромадан ва** феъли ёвари ифодагари намуди давомноки **хобидан** низ хусусиятҳои фардии ифодаи маъно то ҳол боқӣ буда, онҳо ба монанди феъли **партофтан** аз як тараф хусусиятҳои хоси фардиро

соҳиб буда, аз ҷониби дигар, то андозае аз маҳдудиятҳои ҳуқуқи иштирок кардан дар ташаккули намудҳои ИФФ-ҳо бархӯрдоранд. Чунончи, аз мундариҷаи намудии ИФФ-ҳои **давр задан** «сайр кардан», **аз бинии касе зада баромадан** «насиб накардан**», хок лесидан** «азоб кашидан**», даст задан** «ламс кардан», **гап парронда*н ба касе*** «гуфтугӯ кардан» дар матнҳои зайл маълум аст

То хиёбон ва Регистон ҳамаро **давр зада баромадам** (С. Айнӣ. Осори баргузида, Ҷ. II, 55). Ҷаллоби фиребгарро бад карда мегуфт, ки вай фиреб дода ҳаққи ятимчаҳои ӯро хӯрд насибаш накунад, **аз биниш зада барояд** (Р. Амонов. Шарораҳои меҳр, 181). Шогирдпешагон ва ясавулоне ҳастанд, ки як моҳ боз ягон ҳаққи хизмат нагирифта **хок лесида хоб кардаанд**… (С. Айнӣ. Дохунда, 29). Осмухин… харидори асп барин гирдогирди трактор гашта, гоҳ ба мотору гоҳ ба рулу тормозҳои ӯ **даст зада дид** (Ф. Ниёзӣ Вафо. 104). –Ман имрӯз, –гуфт ба сухани худ давом карда Неқадам, –худам ба ӯ **гап парронда дидам** (С. Айнӣ. Ғуломон, 136).

Ҳамин тариқ, муродифшавии феълҳои ёвари намудсоз зуҳуроти сирф грамматикӣ буда, танҳо дар вазифаи намудсозӣ якдигарро метавонанд иваз намоянд. Хусусиятҳои фардии ифодаи маъно дар ҳар як феъли ёвари мазкур ба таври ба худ хос зоҳир гардида, аксаран нотакрор ва ивазнашавандаанд. Фардияти ифодаи маъно ҳамчун тобишҳои ҷудогонаи маъноӣ, агар аз як ҷиҳат имкони иштироки фаъолонаи феълҳои ёвари намудсозро дар вазифаи намудсозӣ маҳдуд намояд, аз ҷониби дигар, дар забон зарурати дер боқӣ мондани феълҳои ёвари мазкурро дар ин вазифаи грамматикӣ таъмин менамояд. Суфта ва грамматикализатсия шудани феълҳои ёвар дар вазифаи намудсозӣ хусусиятҳои фардии ифодаи маъноии онҳоро аз байн бурда, имкони иштироки онҳоро дар вазифаи намудсозӣ васеъ мегардонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
2. Маҷидов Ҳ. Оид ба категорияи намуди феъл дар забони тоҷикӣ. // Паёми Донишгоҳ (бахши II). –1999. –№1. –С.45-51.
3. Расторгуева В. С., А. А. Керимова. Система таджикского глагола. – Москва: Изд. Наука.-1964. –290с.
4. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ. –Хуҷанд: Нури маърифат.- 2010. –235 с.

СИНОНИМЫ ВСПОМОГАТЕЛЬНЫХ ГЛАГОЛОВ СОВЕРШЕННОГО И НЕСОВЕРШЕННОГО ВИДА ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА

В данной статье рассмотрены вспомогательные глаголы синонимов совершенного и несовершенного вида глагольных фразеологических единиц таджикского литературного языка. Вспомогательные глаголы, выражающие совершенный и несовершенный виды, выражают процессы действия, и изменяют его грамматические синонимы в структуре глагольных фразеологических единиц. Каждый из данных глаголов, выражающих совершенный вид (или несовершенный) действия с разным оттеноком в большинстве случаях, не неизменен и не уникален.

Ключевые слова: вспомогательные глаголы, синонимы совершенного и несовершенного вида, глагольные фразеологические единицы таджикского литературного языка.

SYNONYMS OF AUXILIARY VERBS OF EXPRESSING OF PERFECTIVE AND AN IMPERFECTIVE OF ASPECT OF VERBAL PHRASEOLOGICAL UNITS OF THE TAJIK LITERARY LANGUAGE

In given article, synonyms auxiliary verbs of expressing of perfective and an imperfective aspect of verbal phraseological units of the Tajik literary language are considered. Auxiliary verbs expressing of perfective and an imperfective of aspect express action processes, and changes himself the grammatical synonyms in structure of verbal phraseological units in many of positions. Each of given verbs expressing of perfective (or imperfective) actions with a miscellaneous a shade and these features in the majority a case are not unchanging and unique.

Key words: auxiliary verbs, synonyms perfect and imperfect tense verbal phraseological units of the Tajik literary language.

Сведения об авторе: ***Бурхониддин Аловиддинов*** – аспирант Таджикского национального университета

МАВҚЕИ ВОЖАИ ХОНА ДАР ТАШАККУЛИ ИСМҲОИ МУРАККАБ
(дар мисоли забони «Маснавии маънавӣ»)

Д. Назаралиева
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Заминаи асосии калимаҳои мураккаб воҳидҳои наҳвӣ, пеш аз ҳама, ибора мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат калимасозии исмҳои мураккаб масъалаи муносибати исмҳои мураккаб ва ибораҳоро ба миён мегузорад. Мо ин мавқеъ дар назди худ вазифа гузоштем, ки дар мисоли осори хаттии гузаштагон ба ин қазия равшанӣ андозем.

Яке аз шоҳкорҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ ба шумор меравад ва калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ дар асари мазкур барои ҳалли бисёре аз масъалаҳои сарфи забони тоҷикии муосир кӯмак хоҳад расонд.

Бояд тазаккур дод, ки дар забони тоҷикии имрӯза ва дар забони осори Мавлоно тарзи тобеи вожасозӣ қолиби сермаҳсули калимасозии исм ба шумор меравад. Дар ин маврид яке аз ҷузъҳои калима асосӣ буда, дигаре ба он тобеъ аст ва дар онҳо муносибатҳои гуногуни ҷузъҳо мушоҳида мешавад.

Таҳлили муқоисавии исмҳои мураккаб ва ибораҳо нишон медиҳад, ки бисёре аз калимаҳои мураккаб дар асл аз ибораҳои изофӣ ва ғайриизофии исм ба амал омадаанд. Ин ҳолат дар исмҳои мураккабе, ки ҷузъҳояшон муносибати муайянкунандагӣ доранд, равшан зоҳир мешавад. Исмҳои мураккаби тобеъ аз ҷиҳати муносибати ҷузъҳояшон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: 1) калимаҳое, ки ҷузъи якумашон асосӣ буда, ҷузъи дуюм ба он тобеъ мебошад; 2) калимаҳое, ки ҷузъи дуюмашон асосӣ буда, ҷузъи якум тобеи он аст.

Дар мақолаи мазкур мо як гурӯҳи исмҳои мураккаби тобеи «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхиро мавриди баррасӣ қарор додем[1], ки вожаи **хона** чун ҷузъи асосӣ дар онҳо иштирок дорад.

Ҳамон гуна ки устод Шарофиддин Рустамов қайд менамояд, дар ин тарзи калимасозӣ исмҳои зиёдеро ном бурдан мумкин аст, ки ҳамчун ҷузъи асосӣ ва серистеъмол истифода мешаванд ва вобаста ба муносибаташон бо калимаи тобеъ тобишҳои зиёди маъноиро ифода мекунанд [2,156]. Яке аз чунин ҷузъҳои серистеъмол вожаи **хона** мебошад, ки дар таркиби исмҳои мураккаби истифодакардаи Мавлоно ба таври фаровон корбурд дорад. Мусалламан, вожаи **хона** маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1. маскан, утоқ, як истиқоматгоҳ дар ҳавлӣ. 2. иморат, ҳавлӣ, ки чанд ҳуҷра дорад. 3. макон, ҷой, ошён [3,466].

Инак, ба далелҳои зер тавоҷҷуҳ хоҳем кард: *майхона* (саҳ. 103), *дидахона* (саҳ.104), *хумхона* (саҳ.203), *гӯрхона* (саҳ.219), *пинҳонхона* (саҳ.279, 346), *ниҳонхона* (саҳ.302), *зиндонхона* (саҳ.312), *зарродхона* (саҳ.321), *хархона* (саҳ.323), *шаккархона* (саҳ.351, 458), *бутхона* (саҳ.363), *девхона* (саҳ.404), *иллохона* (саҳ.417), *хилватхона* (саҳ.540), *меҳмонхона* (саҳ.541), *соҳибхона* (саҳ.581), *қаҳрхона* (саҳ.607), *кабутархона* (саҳ.609) ва ғайра. Ба хотири наафзудани ҳаҷми мақола бо овардани ду-се байт иктифо хоҳем кард:

Пурхуморон аз дами мутриб чаранд,
Мутрибоншон сӯйи ***майхона*** *баранд (саҳ.576).*

Дар ҳама ***хумхона****ҳо ӯ май надид,*
Гашта буд пур аз асал хумми набид (саҳ.203).

Исмҳои мураккаби тобеъро, ки ҷузъи асосии онҳо калимаи **хона** мебошад, аз рӯйи тобишҳои маъноӣ ба ин гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

а) ҷузъи тобеъ шахсро ва исми мураккаб ҷойи машғулият, касбу кор ва будубошро ифода мекунад, амсоли **зарродхона ва меҳмонхона. Маънои калимаи меҳмон мафҳум аст, аммо и**сми **заррод** маънои зиреҳсоз ва зиреҳбофро дорад ва **зарродхона** ҷоеро мегӯянд, ки аслиҳа месозанд ё онро нигоҳ медоранд, яъне силоҳхона, қӯрхона (4-1, с.442):

Тег дар ***зарродхона****й авлиёст,*
Дидани эшон шуморо кимиёст (саҳ.321).

*Ҳаст **меҳмонхона** ин тан, эй ҷавон,*
Ҳар сабоҳе зайфи нав ояд давон (саҳ.541).

б) исм дар мақоми ҷузъи тобеи вожаи **хона** қарор мегирад ва номи ҳайвоноту паррандагон, ҳашароту хазандагонро ифода мекунад. Дар ин ҳолат исми мураккаб чун иқоматгоҳи ҷузъи тобеъ воқеъ мегардад. Калимаҳои **хархона, кабӯтархона ва девхона** далели ин гуфтаи мо мебошанд:

*Харбате ногоҳ аз **хархонае***
Сар бурун овард чун таъъонае (саҳ.323).

*Гирди ин бому **кабӯтархона** ман*
Чун кабӯтар пар занам мастона ман (саҳ.609).

***Девхона** карда будӣ синаро,*
Қиблае созида будӣ кинаро (саҳ.404).

Аз миёни ин мисолҳо, ба назари мо, вожаи **девхона** шарҳталаб аст. Исми мураккаби **девхона** дар «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ» чунин шарҳ дода шудааст: **Девхона** -1. жилище дивов; *2. пер.* тёмное, мрачное место, яъне маънои аслии он ҳамчун иқоматгоҳи девон ва маънои маҷозиаш ҳамчун ҷойи тираву торик [5, 197]. Аммо Мавлоно ин исми мураккабро ба маънои маҷозии худ овардааст.

Бояд зикр намоем, ки дар забони асарҳои адабиёти классикӣ, аз ҷумла дар «Маснавии маънавӣ», исмҳои мураккаби бо ҷузъи **хона** таркибёфта, ки ҷузъи тобеи онҳо номи ҳайвоноту паррандагон, ҳашароту хазандагон бошанд, камтар ба назар мерасанд, аммо дар забони тоҷикии имрӯза теъдоди чунин исмҳо нисбатан зиёд аст. Ба ақидаи мо, сабаби ин чун калимаи сермаъно тобишҳои зиёди маъноӣ пайдо кардани ҷузъи **хона** мебошад. Масалан, дар фарҳанги мазкур гурӯҳи зерини исмҳо бо ҷузъи «хона» мушоҳида гардид: **аспхона, говхона, гургхона, занбӯрхона, кабӯтархона, канахона, лаклакхона, молхона, мурғхона, мушхона, мӯрчахона, орӯхона, пашшахона, сагхона, филхона, хархона, хирсхона, шутурхона**;

в) аксари исмҳои мураккабе, ки ҷузъи тобеашон мафҳуми ашёро ифода мекунанд, ҷойи чизнигоҳдорӣ, маҳфузгоҳ ва анборро мефаҳмонанд. Масалан, **майхона, хумхона, шакархона.** Калимаҳои **майхона** ва **хумхона** муродифи ҳамдигар буда, маънои майкада, шаробхонаро ифода менамоянд:

майхона:

*Чунки аз **майхона** масте зол шуд,*
Тасхуру бозичаи атфол шуд (саҳ.103).

Хумхона:

*Гирди **хумхона** баромад он мурид,*
Баҳри шайх аз ҳар хуме ӯ мечашид (саҳ.203).

Шаккархона:

Чун бидонистӣ, ки шаккардонаӣ,
*Пас бидонӣ, к-аҳли **шаккархонаӣ** (саҳ.351).*

г) ҷузъи тобеи исмҳои мураккаб бо исмҳои маънӣ низ ифода меёбад. Вобаста ба маънои луғавии калимаи тобеъ исми мураккаб ҳамчун макони амалу ҳаракат ва ҳолату вазъият воқеъ мегардад: **пинҳонхона, ниҳонхона, хилватхона** ва ғайра:

пинҳонхона – ҷузъи якуми он маънои пӯшида, ниҳон, нонамоён; *муқоб.* **ошкор**; махфӣ, рустиро мефаҳмонад ва **пинҳонхона** аз рӯйи маънои луғавии худ ҷойи пинҳон шудан ё пинҳон карданро мефаҳмонад [3, 100]:

*Ҳеҷ **пинҳонхона** он занро набуд,*
Сумчу даҳлезу раҳи боло набуд (саҳ.346).

ниҳонхона – хилватхона, ҷойи хилват, ки дар зери замин барои нигаҳдории хӯрокворӣ ва ҳимоя аз сардиву гармӣ сохта мешавад. Маҷозан ба маънои қабр, гӯр истифода бурда мешавад [6, 937]. Дар забони тоҷикии муосир ҳамчун муродифи калимаи **хона** бо пасванди **-гоҳ** истифода мешавад ва калимаи мазкур дар шакли **ниҳонгоҳ** мавриди истифода аст:

Раҳмате афшон бар эшон ҳам кунун,
*Дар **ниҳонхонай** ладайно муҳзарун (саҳ.302).*

хилватхона – маъноҳои зеринро ифода мекунад: макони хилват, хилватсаро, ҷое, ки холӣ аз бегонагон аст [7-2,477]:

*Қурси хуршед аст **хилватхонааш**,*
Кай ҳиҷоб орад шаби бегонааш? (саҳ.539).

Калимаи **хона** дар ифодаи макон гоҳо аз маънои маъмули луғавиаш дур меравад [8-1, 124]. Чунончи, дар вожаи **дидахона** на ин ки хона, балки ҷойи ишғолкардаи он **хона** ном гирифтааст. Масалан, дар «Маснавии маънавӣ» вожаи **дидахона** истифода шудааст, ки хоси услуби адабии китобӣ буда, дар забони тоҷикии имрӯза дар шакли **чашмхона** ба кор рафта, косахонаи чашмро мефаҳмонад:

Ҳар чӣ он ҷо дид, ин ҷо беҳ намуд,
*Дидаро аз **дидахона** мерабуд (саҳ.104).*

Аз баррасии исмҳои мураккаби тобеи бо вожаи **хона** ташаккулёфта ба ин натиҷа расидем, ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз он чун ҷузъи фаъол кор гирифта, дар заминаи сохтмони воҳидҳои луғавии мураккаби дарбаргирандаи мафҳумҳои гуногун ҳунари вожасозии хешро нишон додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. (Бар асоси матни Р.Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар). Таҳия, танзим ва баргардони матн: Баҳриддин Ализода (Алавӣ) (Т), Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ (Т). Нашри замон. -Теҳрон, 2001.
2. Рустамов Ш. Исм (категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ.- Душанбе, 1981.-220 с.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.- Ҷ.II. -Душанбе, 2008.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ.- Ҷ.I. -Москва: Сов. Энциклопедия.- 1968.
5. Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ. -Душанбе, 2006.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.- Ҷ.I. -Душанбе, 2008.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ.- Ҷ II. -Москва: Сов. Энциклопедия.- 1969.
8. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. - Душанбе: Дониш.- 1985. -ч.I. - 356 с.
9. Анварӣ С. Пайванди сухани Мавлоно бо гӯйиши тоҷикӣ // Офтоби маърифат. –Душанбе.- 2007.- С. 211-217.
10. Кабиров Х.Ш. Султони мулки сухан. -Душанбе, 2011. -150 с.

МЕСТО СЛОВА ХОНА В ФОРМИРОВАНИИ СЛОЖНЫХ СЛОВ
(на примере языка «Маснави маънави»)

В данной статье речь идёт о формировании сложных слов подчиненного типа с компонентом ***хона*** в «Маснави маънави» Джалолуддина Балхи.

Ключевые слова: компонентом ***хона***, «Маснави маънави» Джалолуддина Балхи, сложные слова подчиненного типа с компонентом ***хона*** в «Маснави маънави» Джалолуддина Балхи.

THE PLACE OF THE WORD *KHONA* IN THE FORMATION OF COMPOUND WORDS
(on the example of the language «Masnavii ma'navi»)

In this article it is said about forming of complex words (word -building) of subordinate type with the component of ''khona'' (house) in ''Masnavii ma'navi'' of Jaloliddin Balkhi (Rumi).

Key words: component khona, «''Masnavii ma'navi » of Jaloliddin Balkhi, complex words subordinate type of component khona «''Masnavii ma'navi » of Jaloliddin Balkhi».

Сведения об авторе: ***Д. Назаралиева*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

ИБОРАҲОИ ИСМИИ ИЗОФИИ ҚОЛАБИ ИСМУ СИФАТИ АСЛӢ ДАР АФСОНАҲОИ ХАЛҚИИ ТОҶИКӢ

Салтанат Қодирова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мардум ба воситаи афсонаҳо зарурати некию накӯкорӣ, одамдӯстӣ ва саховатмандӣ, мардонагӣ ва бофаросатиро тарғиб кардаанд ва пайваста чунин ақидаро ба миён овардаанд, ки покдилӣ, далерӣ, ҳиммatбаландӣ ва ҷавонмардӣ ҳусни инсон аст. Инсони комил бояд барои пойдории некию накӯкорӣ мубориза барад. Инсоне, ки ба некӣ бовар дорад ва дар ҳаққи дигарон бесабаб бад фикр карданро дар шаъни худ раво намебинад ва накӯкориро пеша мекунад, аз самараи некии худ баҳра мегирад ва

хушбахт мегардад. Дар афсонаҳо мо ба бисёр саволҳое, ки ба сари одами солимфикр омада, ӯро ба кӯйи андеша раҳнамун месозад, ҷавобе дарёфтем. Ҳамин ақида бо забони шевои тоҷикӣ дар эҷодиёти шифоҳии мардум, хусусан дар афсонаҳо, хеле равшану возеҳ зуҳур меёбад. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи забони жанрҳои гуногуни фолклорӣ, алалхусус афсонаҳои тоҷикӣ барои муайян намудани бунёди феълии қабатҳои мушаххаси забони тоҷикӣ: савтиёт, луғат, сарф, наҳв аҳамияти муҳимми назарӣ, амалӣ ва илмӣ дорад.

Мо дар ин мақола мулоҳизаҳои худро оид ба мавқеи корбурд ва хусусиятҳои наҳвии истифодаи ибораҳои исмии изофии қолаби исму сифати аслӣ дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ баён хоҳем намуд.

Оид ба ибораҳои исмии изофӣ, хосса (қолаби исму сифат) дар забоншиносии тоҷикӣ баъзе қайду ишораҳои мухтасар ба чашм расад ҳам, онҳо дар асоси маводи забони адабӣ, саҳеҳтараш насри бадеии тоҷикӣ таълиф шудаанд. Мутаассифона, то имрӯз дар забоншиносии тоҷик на танҳо масъалаҳои мушаххаси наҳви тоҷикӣ дар асоси афсонаҳои тоҷикӣ баррасӣ нашудааст, балки дар бораи сохти наҳвиёти афсонаҳо, ки яке аз жанрҳои маъмул ва машҳури эҷодиёти шифоҳии мардуми мо маҳсуб меёбад, таълифоте сурат нагирифтааст.

Дар забоншиносии тоҷик доир ба ибораҳои изофии исму сифати аслӣ дар бархе аз асару мақолаҳо маълумот ироа шудааст. Чунончи, дар таълифоти Д. Т. Тоҷиев. «Тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [1955, 3, 50], А. Халилов «Ибораҳои изофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [1964, 30, 37], М. Қосимова «Мухтасар оид ба ибораҳои изофии номӣ» [1967, 2, 3, 4], С. Абдураҳимов «Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик» (1973), А. Мирзоев «Ибораҳои синтаксисии забони адабии ҳозираи тоҷик», [Мактаби советӣ. №4. -1969, 54 – 60], «Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ» [Душанбе: Деваштич 2002, 308] ва ғайра.

Бо мақсади саҳму арзиши ибораҳои исмии изофии қолаби исму сифати аслиро дар сохти наҳвиёти афсонаҳои халқии тоҷикӣ нишон додан 53 афсонаро аз китоби «Афсонаҳои халқии тоҷикӣ» [Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Сталинобод 1957] аз назар гузаронидем.

Аз маводи дарихтиёрдошта, мо аз китоби афсонаҳои халқии тоҷикӣ 73 ибораи изофии исму сифати аслиро пайдо намуда, мавриди пажӯҳиш қарор додем.

І. Ибораҳои исмии изофии қолаби исму сифати аслӣ. Сифатҳои дараҷаи олӣ ва одӣ ба исм ғайр аз изофат бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ низ тобеъ мешаванд, вале ҷузъҳои ибораҳои қолаби исму сифат бештар тавассути бандаки изофӣ алоқаманд мешаванд. Хусусан сифатҳои дараҷаи муқоисавӣ танҳо ба воситаи бандаки изофӣ ба исм тобеъ гардида, муносибати атрибутиро бо тобишҳои гуногуни ранг, ҳаҷм, ҳолат, аломати физикӣ ва масоҳавӣ, хосияти зоҳирӣ ва ботинӣ мефаҳмонанд. Гуногунмаъноии ибора ба гуногунии маънои луғавии ҷузъҳои он вобаста аст.

Маъноҳои гуногунро ифода намудани ибораҳои исмӣ нишон медиҳад, ки дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ ибораҳои исмии бо сифат вобаста ба ҷузъҳо хеле сермаъно мебошанд. Аз ин лиҳоз ибораҳоро аз рӯйи маъноҳояшон ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, аз назар мегузаронем.

Сифати аслӣ ҳамчун ҷузъи тобеи ибора ба ҳамаи гурӯҳҳои исмҳо алоқаи грамматикӣ баста, муносибати атрибутивиро бо тобишҳои гуногун мефаҳмонад:

а) аз ҷиҳати аломати зоҳирӣ; б) аз ҷиҳати хислати ботинӣ; в) аз ҷиҳати ҳолат; г) аз ҷиҳати хислат; ғ) аз ҷиҳати ҳаҷму андоза.

Гуногунмаъноии ибора ба гуногунии ҷузъҳои он пеш аз ҳама ба калимаи асосӣ «исм» вобаста аст. Мисол: Сифати аслии «калон» - ро аз назар мегузаронем. Чуноне ки маълум аст ин сифат ба вожаи хурд зидмаъно аст. Агар мо сифати «калон» - ро алоқамандона бо исмҳо маънидод кунем, маъноҳои гуногунро ифода менамояд, ки он маънои иборагии калима ба ҳисоб меравад:

1. Ибораҳои исмӣ бо сифати аслии «калон» ҳаҷм ва андозаи ашёро нишон медиҳад. Калимаи асосии ин хел ибораҳо исмҳои ҷондор - номи ҳайвон, парандаҳо, хазандаҳо, исмҳои беҷон - санг, кӯҳ, роҳ, навдаи дарахт, дег, арғамчин ва ғайра ҷузъи тобеи сифатҳои аслии «калон» ифодакунандаи ҳаҷм мебошанд. Мисол: Ҳамин вақт

паҳлавон дид, ки як парандаи калон бо нӯлаш шутуреро бардошта, парида омада истодааст (128).

Сифати аслии «калон» чун ҷузъи эзоҳдиҳандаи ибораҳои исмии изофӣ дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ серистифода буда, бештар ҳаҷмро ифода менамояд: Як марди соддадили кӯҳистонӣ аз бозори шаҳр деги калон мехарад (486). … ба пеши онҳо як тағораи калон лаб-лаб оби софи хунук бароварда монд (478). Дарахте, ки Ҳамдам бори аввал ба канор баромада, дар таҳти он истироҳат карда буд, акнун дар байни боғи калон воқеъ шуда, ғарқи баргу мева гардида буд (255). Писар нисфишабӣ омада, хоҳарашро ба асп бор карда, ба болои кӯҳи калон гирифта бурду куштанӣ шуд … (416). Рафта дар мобайни як роҳи калон мурда барин дароз кашида хобид (67). Ҳамсоя зуд дусе касро даъват намуда, гӯсфанд кушта дегҳои калонро монда ош кардан гирифт (426). Девонаҳо як арғамчини калон оварда ба пои маҳмадоноящон бастанд (401). Подшоҳ ҳайрон шуд, ҷуволчаро кушода дид, ки як санги калон (395). Девона як шохи дарахтро шикаста покиза кард, як калтаки калон шуд (391).Вале роҳи ҳавлии ӯро палангҳои бадҳайбат посбонӣ мекунанд ва дар даромадгоҳи ҳавлиаш аждаҳои калон хобидааст (217).

Берун аз ин шаклҳои синтаксисӣ доираи сермаъноии калимаи мазкур тангтар мегардад, аз ин рӯ дар таркиби чунин қолабҳои муайянкунандагӣ омӯзиши ин ҳодисаи забонӣ бамаврид мебошад [1; 24, 7].

Чуноне ки дар боло қайд намудем сифати аслии «калон» чун ҷузъи эзоҳдиҳандаи ибораҳои исмии изофӣ дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ сервазифа аст. Инчунин баъзан дар ибораҳо хусусияти такрор шуда омаданро низ дорад. Мисол: Ман хамир мекунаму то дами субҳ ду нони калон-калон мепазам. Сифати аслии «калон-калон» калонҳаҷмии нонро таъкид мекунад. Ибораҳои исмии изофӣ бо сифати «калон» маъноҳои дигарро низ ифода намудаанд, ки онҳо аз маънои аслии он сар задаанд. Маҳз табиати шеваҳо имкони сермаъно гаштани калимаи «калон»-ро фароҳам овардааст, ки дар натиҷа, он муродифоти зиёде пайдо кардааст. 2. Сифати аслии «калон» дар афсонаҳои тоҷикӣ вобаста ба маъноҳои луғавии ҷузъи асосии ибораҳо маъноҳои гуногунро низ ифода менамояд: дар ин ибораҳо сифати аслии «калон» бо исмҳои савдогар, истеъдод тобеъ гашта маънои маҷозӣ пайдо намуда, ифодагари мартаба ва мавқеи шахс дар ҷамъият мебошад. Мисол: Ман зани савдогари калон (одами обрӯманди мансабдори пулдор (С. Қ)) ҳастам (359). Писари подачӣ ба хондан шавқу мароқи зиёд, зеҳни нағз ва истеъдоди калон (истеъдоде, ки Худо ба одам додааст С. Қ)) зоҳир мекард (273).

3.Ибораҳои исмии изофӣ бо сифати аслии «калон» маъноҳои дигарро низ ифода намудаанд, ки онҳо аз маънои аслии он сар мезанад. Табиати гӯйиши афсонаҳои тоҷикӣ сермаъно гаштани калимаи «калон»-ро фароҳам овардааст, ки дар натиҷа чун муродифи синтаксисӣ ба ҷойи калимаҳо зиёд истифода мегардад: Баъзан маънои «калон» дар ибора мушаххас намегардад, тобиши маъноии он дар ҷумла ва матн равшан мегардад. Мисол: Подшоҳ аз писардор шуданаш шод гашта, ба ин муносибат зиёфати калон (зиёфати пурдабдаба (С. Қ)) барпо кард (296). Сифатҳои аслии ифодакунандаи аломат бо ашёҳои мушаххас омада ҳаҷму андозаи ашёъро ифода кардаанд: Рӯзе вай дар беша як дарахти хушки арчаро афтонда, майда карда истода буд, ки аз куҷое як хирси калон пайдо шуда, ба пешаш омад (77). Занак пешвоз баромад дид, ки шавҳараш бо як хирси бадҳайбат омада истодааст (78). Афандӣ ба балоғат расида, зан гирифтанӣ шуд ва тӯйи калоне (тӯйи пурдабдаба (С. Қ)) дод (493). Қозӣ тӯйи калон сар кард (389).

Ибораҳое, ки аз исмҳои маънӣ ва ҳолат ба монанди «қаноатманд», «музаффарият», «воҳима» ва сифати аслии «калон» ташкил ёфтаанд муносибати гӯяндаро ба ирода ва ҳиссиёти худи ӯ ифода мекунанд. Ин ибораҳо аксар вақт дар забони гуфтугӯ, инчунин дар забони персонажҳои асари бадеӣ истифода мешаванд. Ҳамчунин дар афсонаҳои тоҷикӣ низ истифода мешавад: - Оре, ту дили бузург дорӣ, дар он муҳаббати калон ҷӯш мезанад, вале баъзе чизҳоро фаромӯш мекунӣ (240).

Сифати аслии «калон» ҳам дар забони гуфтугӯ ва ҳам дар забони матбуот баъзан нодуруст истифода мешавад [1, 53].

Ба андешаҳои Абдураҳимов мувофиқ ҳастам, чунки дар забони гуфтугӯ ва матбуот баъзан сифати аслии «калон» нодуруст истифода мешавад. Мисол: ибораи «раҳмати

калон», ки дар натиҷаи тарҷумаи таҳтуллафзии ибораи русии «большое спасибо» пайдо шудааст дар забони матбуот ва ҳам дар забони гуфтугӯӣ бемавқеъ истифода мешавад.

Ба сермаъно гаштани калимаи «калон» дар ибора пеш аз ҳама иҳотаи синтаксисӣ сабаб гаштааст. «Маълум аст, ки калима маъмулан дар худ маъноҳои гуногун ва бо ҳам алоқамандро ифода мекунад. Бисёре аз ин маъноҳо сохт ва сабаби синтаксисӣ ҳисобида мешаванд» [1; 97, 212].

4. Дар афсонаҳои тоҷикӣ сифати аслии «калон» вобаста ба ҷузъи тобеъкунанда маънои миқдору дараҷаро низ ифода мекунад. Мисол: Дуздон он гилемро дар бозор ба пули калон (пули бисёр (С. Қ)) фурухтанд (362). – Дар қаср як устои овозадор ҳаст, вай ба ин гилем баҳои калон (баҳои баланд) монда медиҳад (363). – Ман ба шумоён фоидаи калон (манфиати бисёр) мерасонам (362).

Бо дарназардошти он ки дар забони тоҷикӣ ибораҳои исмии бо сифат вобаста ба ҷузъҳо хеле сермаъно мебошанд, тасмим гирифтем, ки ин ибораҳоро аз рӯи маъноҳояшон ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, таҳлил намоем:

1.Ибораҳое, ки аломати зоҳирии ашёро нишон медиҳанд. Ибораҳои исмӣ бо сифати аслӣ, ки ҷузъҳо ба воситаи изофат алоқаманд гаштаанд, дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ муносибати муайянкунандагӣ (атрибутӣ)-ро бо тобишҳои зиёди маъноӣ ифода месозанд. Масалан, ҷузъи асосии ибора исми шахс, калимаи эзоҳдиҳанда сифати аслии ифодакунандаи ранг буда, дар ин навъи ибораҳо аломати зоҳирии шахс ифода ёфтааст. Мисол: Ман духтарамро ба ғуломи сиёҳ дода наметавонам, бинобар ин, ҷазо додани ӯро амр мекунам! (247)

Ибораҳои исму сифатро аз рӯйи тобишҳои нозуки маъноӣ наметавон бо дигар навъи ибораҳои исмӣ қиёс кард, зеро «аломатҳои хоси он одатан дар дохили ибора равшан зоҳир мегардад» [1; 29.132].

Ибораҳое, ки ҷузъи асосиашон исми шахс, хос ва ҷузъи тобеашон сифати аслии ифодакунандаи аломати хоси инсон аст, бо семантикаи худ чунончӣ, дар ибораҳои Зуҳрои нозанин, Ширини нозанин, духтари нозанин, марди хушсурат, сифатҳо ифодагари симои зоҳирии исм (шахс) мебошанд. Мисол: – Аз кӣ мегӯӣ? Аз худи Зуҳрои нозанин шунидаам (240). Ширини нозанин бо ҳамроҳии падару модари солхӯрдаи худ дар қалъаи бошукӯҳи мустаҳкаме истиқомат доштааст (269). Як вақт дид, ки як духтари нозанин аз сандуқ баромад (109). Духтараки нозанин зарду хароб гардида хазон шуд (111). Эраҷ бодиққат ба он шахс нигоҳ кард: вай як марди хушсурат ва баландқомат буд (148).

Бо ҳамин маъно дар афсонаҳо боз ибораҳои исму сифат дар саҳифаҳои 58, 98, 109, 151, 175, 176, 180, 181, 185, 209, 212, 218, 230, 236, 239, 257, 259, 275, 295, 316, 323, 369, 416 корбаст шудаанд.

– Ту саги кистӣ? – пурсид Гург аз Саги сафед (29). Ибораи «Саги сафед» аломати зоҳирии ҳайвонро нишон медиҳад, «саг» исм, ҷузъи асосии ибора, «сафед» сифати аслие, ки аломати зоҳирии вожаи асосиро нишон медиҳад. – Ман саги як кулол, – ҷавоб дод Саги зард (29). Калимаи асосии ибораи «Саги зард», «Саг» исм, ҷузъи тобеъ «зард» сифати аслии нишондиҳандаи аломати зоҳирии калимаи асосӣ. Рӯбоҳ мазаи ҳаловатбахши думбаро тасаввур намуда, ба худ як қувваи иловагие ҳис намуду беихтиёр аз ҷояш хеста нигоҳ кард, ки дар ҳақиқат дар таги чоҳ як думбаи сап - сафеди калон намудор аст (72).

Дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ ибораҳое, ки ҷузъи асосиашон исмҳои ғайришахси ҷондор ва ҷузъи тобеашон сифатҳои аслии нишондиҳандаи аломати зоҳирии ҳайвон аст, хеле фаровон қолаббандӣ шудаанд: саги устухондор, гови пир, гови ҷавонтар, хари бедум ва ғайра.

Саги устухондор бо тамоми қувваташ давида, худро ба тарафи дарё заду аз купрук гузашта истода назараш ба об афтода монд (11). Ибораи «саги устухондор» аломати зоҳирии ҳайвонро нишон медиҳад, «саг» ҷузъи асосӣ, исми ҷондор, ҳайвон, «устухондор» ҷузъи тобеъ сифати аслӣ нишондиҳандаи аломати зоҳирӣ.

– Ман мехоҳам, ки аз ҳамин ду гови пир яктоашро фурӯхта ба ҷояш як гови ҷавонтар харам (394). Ду ибораи исму сифат дар ҷумла корбаст шудааст. Ибораҳо вобаста ба ҷузъи тобеъ-сифат ба ҳамдигар муқобилмаъно буда, ҷиҳати аломати зоҳирии ҳайвонро нишон медиҳанд.

Айнан бо ҳамин маъно чунин ибораҳои исму сифат дар саҳифаҳои 21, 35, 37, 90, 55, 59, 155, 170, 192, 203, 216, 260, 317, 350, 423, 427, 488, 506, 521 корбаст шудааст.

Дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ барои ифодаи аломати хоси ҳайвонот сифатҳои аслии хоса маъмуланд: Бегоҳӣ бузаки ҷингилапо аз чарогоҳ омад (59).

Дар гӯйиши афсонаҳои халқии тоҷикӣ барои ифодаи аломати хоси парандаҳо сифатҳои аслии хоса маъмуланд: зоғи ало, кабки ҳилол, мурғи марҷон ва ғайра.

Вай ба пеши Зоғи ало рафта, бо ғамгинӣ арз кард (66): Ҳафтдодарон ҳамеша ба шикор рафта, дар байни кӯҳҳои баланд гашта, оҳу, кабки ҳилол, ҳайвонҳои ваҳширо зада меоварданд (106). Бача ҳайрон шуда, ба таги сандуқча нигоҳ кард, ки дар ҳақиқат як мурғи заррин хобидааст (118).

Ҷузъи асосии ибора исмҳои конкрет ва калимаҳои эзоҳдиҳанда сифатҳои аслии ифодакунандаи ранг буда, дар ин навъи ибораҳо аломати ашё ифода ёфтааст: Ях об шудааст, дар лаби ҷӯй сабза дамидааст, гулҳои зард рӯйида, райҳону занҷабил баромадааст(105).

Бо исмҳои маънӣ пеш аз калимаи асосӣ омадани ҷузъи тобеи бо сифат ташкилёфта барои афсонаҳои халқии тоҷикӣ хос мебошад. Ин навъи тарҳбандии ибораҳои исмӣ, махсусан дар гӯйиши афсонаҳои тоҷикӣ доираи васеи истеъмол дошта, бо исмҳои шахсу ғайришахс ва мушаххас алоқамандшавии сифатҳои аслӣ маъмул аст: – Дар як лаҳза қаҳру кинаи Аваз, монанди сиёҳии шаб аз фурӯзон шудани чароғ гум шуда, ҷойи онро нисбат ба чунин духтар меҳру шафқати фораму гуворо фаро гирифт.

Дар афсонаҳои тоҷикӣ дар қолабҳои «сиёҳии шаб», «шаби сиёҳ», «тафси ҷубор», «ҷигари тафсон» омадани ибораҳои исму сифат маъмултар мебошад.

Ҳарчанд муайянкунандаҳои препозитивӣ дар забони адабӣ мустаъмал бошанд ҳам, вале ин ҳодиса дар гуфтугӯ ва гӯйишҳо бештар истеъмол мешавад.

Ҷузъи асосии ибора исми ҷондор ва калимаи эзоҳдиҳанда сифати аслии ифодакунандаи ранг бошад, дар ибора аломати предмет ифода меёбад: Диданд, ки мушаки хокистарранг аз даруни хонааш ба сару фукаш хок бароварда партофта истодааст (283).

Сифат дар ибора ба ғайр аз маънои асосии худ вобаста ба семантикаи исмҳо маъноҳои маҷозӣ зоҳир менамоянд. Мисол: Вожаи асосии ибораҳои аслӣ исмҳои ҷондор ва ҷузъи тобеъ сифати аслӣ буда, дар ин ибора аломати зоҳирии ҷузъи асосӣ ифода мегардад: Чанд шабу чанд рӯз роҳ рафта, ба манзили деви сесара мерасад (98).

Сифатҳои аслии ифодакунандаи ранг дар афсонаҳои тоҷикӣ метавонанд бо исмҳои маънӣ аломати ашёро нишон диҳанд: – Акаи Зоғ, ба сари ман кайҳо боз як рӯзи сиёҳ афтидааст (66). Ҷузъи асосии ибора исмҳои конкрет ва калимаи эзоҳдиҳанда сифатҳои аслии ифодакунандаи ранг буда, дар ин навъи ибораҳо аломати ашё ифода ёфтааст: Ҳалим – Паҳлавон гушнаву ташнаю маҷрӯҳ дар дами марг хобида буд, ки ногаҳон дар осмони соф абри сиёҳе пайдо шуду як пораи он канда шуда, ба пеши ӯ омада афтод (126). Музаффар берун баромада, боғҳои сабз, осмони кабуд, обҳои равонро дида зор-зор гиря кард, ки ҳамин қадар илмҳоро аз худ карда, дар бораи олами равшану зинда чизе намедонистааст (198). Рушноии зардчатоби рӯзро тумани нукраранг иваз кард (249).

Сифатҳои аслии ифодакунандаи аломат бо ашёҳои мушаххасмаъно омада, таъмро ифода кардаанд: – Ана нишоллои ширин, ҳар кас, ки хӯрад ҳузуру ҳаловат мекунад, ин хел нишоллои балаззат дар Самарқанду Бухоро ҳам ёфт намешавад (489). Зани бозургон меҳмонро обу зиёфат кард, оши балаззате пухта оварда, ба пешаш монд (407). Дар ҳар дег хӯроки бамазза тайёр шуда истодааст (86). – Хайр, акнун мо палави болаззатро аз дасти кӣ мехӯрем? (450)

Барои ифодаи аломат сифатҳои аслии «тоза», «сахт», «пуршиддат» дар афсонаҳои тоҷикӣ сеистеъмол буда, шаклҳои бо ин калимаҳо ташкилёфта маъноҳои якрангро ифода мекунанд: Ҳавои тоза (357). Вақте ки вай ба болои ағба мебарояд, шамоли сахте мехезад, раъду барқ ба амал омада, бошиддат борон меборад ва жола мезанад (487). Шамоли пуршиддат сабзаҳои заминро ба замин пахш карда мешикаст, дарҳои хонаҳоро пора мекард (287). Баъди ҳар як тӯфони сахт вай се рӯз бемадор шуда мехобад (287).

2.Ибораҳои ифодакунандаи хислати ботинӣ. Дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ бештар ибораҳое мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ҷузъи асосӣ бо исмҳои шахс, ҷондор

ва ҷузъи тобеъашон бо сифати аслии оқила, нодон, зирак, қобилакак, доно, фиребгар ва ғайра ифода ёфта, хислати ботинии шахсро ифода менамоянд. Мисол: – Зоғ гуфт, ки «зани оқила, марди нодонро оқил карда метавонад» – ҷавоб дод вазир (405).

Ибораҳои исму сифат бо сифати аслӣ, ки ифодагари маънои хислатҳои ботинии одамон мебошанд, инчунин дар саҳифаҳои 98, 101, 104, 112, 119, 121, 127, 134, 141, 179, 196, 223, 233, 238, 240, 249, 255, 268, 280, 283, 284, 285, 309, 313, 316, 372, 394, 404, 406, 418, 424, 428, 453, 462, 464, 477, 481, 482, 502, 506 мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Маводи гирдовардаи мо нишон медиҳад, ки ибораи исмӣ бо сифатҳои аслӣ нишондиҳандаи хислати ботинии вожаи асосӣ дар афсонаҳо хеле фаровон истифода гардидаанд: – Қуд-қуд-қуд, уй Рӯбоҳи маккор, асо ба даст гирифтаӣ, худро ба пирӣ задаӣ, мехоҳӣ, ҷондоракеро фиреб карда хӯрӣ (12)! – Эй Фили бераҳм, хонаамро вайрон, бачаҳоямро нобуд кардӣ (19)!

Саги чашмгурусна дар рӯйи дарёи тез бо азоб шино карда истода, фаҳмид, ки фиреб хӯрда, «аз ин монда ва аз он ронда» шудааст» (11). Бо ҳамин Сангпушт ва Мӯрча аз Рӯбоҳи ҳилагар халос шуда, ҳосили арзанро дар байни худ тақсим карда гирифтанду тамоми зимистон аз хӯрокворӣ таъмин гардиданд (35). Ба гӯшаш овози мавзуни зане расид (170).

Ба ҳамин монанд ибораҳо боз дар саҳифаҳои 30, 39, 50, 54, 55, 90, 230, 321, 497 ба назар мерасанд.

Ҷузъи асосӣ бо исмҳои ҷондор ва ҷузъи тобеи ибора бо сифати аслии ифодакунандаи хислату хусусияти парандаҳо ифода ёфта, хусусият ва хислати ботинии парандаҳоро ифода менамояд: Саъба бо чашми пуробу бо дили кабоб ба назди ошнои худ Зоғи доно рафт (19). Мурғи зирак душманро дида, доду фарёдкунон ба шохи дарахт парида шишт (25). Буд – набуд як Симаки қобилакак буд (66). Пасванди «акак» дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ хело фаровон истифода шудааст. Нақши пасванди «-акак» дар афсонаҳо ниҳоят бузург аст. Барои муъҷазбаёнӣ ва ҷаззобнокии гӯйиш гӯянда ин пасвандро мавриди истифода қарор медиҳад.

Аз омӯзиши ибораҳои исмӣ бармеояд, ки гуногун қолабандӣ гардидани ибора дар лаҳҷа зиёдтар мебошад ва ин аз мавқеъ доштани навгониҳо дар он дарак медиҳад. Вобаста ба ҳолату рӯҳияи сухангӯ фикр дар шаклҳои гуногун намоён мегардад. Ибора масолеҳи сохтмонии воҳиди ифодагари фикр – ҷумла, мебошад ва дар дохили он гуногун намоён мегардад. Г.А. Золотова вазифаи ибораро дуруст муайян кардааст: «Ибора фақат тавассути ҷумла ба системаи робитаи забон дохил мешавад» [1; 41. 66].

Именно у приматов в коре головного мозга появилось чувство понимания. У «австралопитеков» более развита познавательная зона головного мозга, в отличие от шимпанзе. Генетики однозначно выдвигают гипотезу о появлении человеческого языка около 180-190 тыс. лет назад. Якобы, язык появился одновременно на Земле на нескольких материках, с центром в Африке, где вместо лесов появились саванны. Именно в Северной и Южной Африке появился современный человек. Именно отсюда около 50-60 тыс. лет назад появились группы уже говорящих существ, именуемые «Гомо сапиенс»(«У человечества был один праязык» С.Старостин. М.,2006 г.)

С появлением языка, мир разделился на слушающих и говорящих, поощрялись те говорящие, которых понимали слушающие. Отсюда и пошло развитие языка. Если бы не было бы эволюции, то горилла и шимпанзе, которые до сих пор сидят и смотрят на нас, пытаются понять нас. Они еще тысячелетиями будут смотреть на нас и не заговорят. Отсюда и вопрос, а когда же они заговорят? (вопрос палеонтологам и нейрофизиологам). Только

приматам свойственно такое чувство - понимание. Обезьяна с гориллой так и не заговорят, т.к. им не свойственно главное, которое различает человека от обезьяны – понимания. Не случайно, многие лингвисты и философы научно доказали и отстаивают единство языка и мышления. Последние десятилетия, они же стараются доказывать обратное, связь языка и мышления имеет не постоянный характер.

Первым праязыком был не такой уж развитый язык. Большинство языковедов считают праиндоевропейский язык как основу языка-предка. Однако, другая группа ученых-лингвистов считают, что на Земле с появлением «Гомо сапиенса» (человека говорящего) одновременно у всех человеческих групп появились свои языкы. Вновь появившиеся на Земле языки, не имели общую коммуникативную связь между человеческими группами, они развивались самостоятельно. Группа лингвистов во главе с видным лингвистом в области праязыка С. Старостиным, (которого многие ученые признают лингвистом № 1 в России) считают, что первый праязык появился приблизительно 180-190 тыс. лет назад(С.Старостин. Ностратический язык. М.,2005 г.

Профессор А.А. Тюняев (МГУ им. Ломоносова) в своей статье «Праязык современного человека» выдвигает теорию о том, что человекообразные приматы одновременно начали развиваться по двум линиям. Эти две человеческие линии говорили на разных языках. Наука определила возраст праязыка современного человека «Гомо сапиенса». Человеческое стадо разделенное на 2 группы, в течение 150 тыс. лет развивалась независимо друг от друга. Одна группа развивалась со своим языком на Юге Африки, вторая – в пределах Русской равнины и Европе. По мнению Тюняева носителем «Евразийского» языка стал свой вид древних людей-синантроп, а в Африке- родезийский человек. Их языки ничего общего не имели. Эти два вида стояли на разных ступенях развития, что не имели нечего общего. Процесс оледенения и потепления планеты не дал «евро-русантропу» и «африкантропу» вместе воссоединиться. Как утверждает Я.Гримм, «проявления языка просты, безыскусственны, полны жизни, подобны быстрому обращению крови в молодом теле. Все слова кратки, односложны, образованы почти исключительно с помощью кратких гласных и простых согласных, слова теснятся густой толпой как стебли травы» («О происхождении языка», в книге Звегинцева,М,1963 стр 61).

Существующее в науке множество теорий и гипотез не дают однозначного ответа на вопросы, волнующие исследователей. Где, когда, как и почему человек начал говорить, перейдя от животных звуков к осмысленной речи? Как человек научился обозначать абстрактные понятия и почему другие виды и животные не сделали этого до сих пор?

Хотя, приблизительную дату и время происхождения самого человека (Гомо сапиенс-около 200-400 тыс лет назад), его языка (180-190 тыс. лет) и место появления языка (возможно Африка), а также причины возникновения языка - «эволюция» и «неизбежность», в приведенных выше гипотезах ,некоторые ученые пытались ответить. Однако, вне зависимости от того, к какому выводу придут ученые, без языка человек не стал бы человеком – самым высокоорганизованным и глубоко социализированным существом на планете.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Амирова Т.А., Ольховиков Б.А., Рождественский Ю.В. Очерки по истории лингвистики.- М.,1975 г.
2.Березин Ф.М.История лингвистических учений.- М.,1975 г.
3.Блумфилд Л. Язык. - М.,1968 г.
4.Бодуэн де Куртенэ А.И. Избранные труды.- М.,ч1.1963, в 2-х томах.
5.Бодуэн де Куртенэ. Человечение языка. -Изб труды.,т1,стр 258-263.
6.Вандриес Ж. Язык. Лингвистическое введение в историю. -М.,1937 г.
7.Вандриес Ж. Происхождение языка. История языкознания Х1Х – ХХ веков в очерках и извлечниях.- М, 1960,ч.1.
8.Гарнер Р.Л. Язык обезьян. -СПб.,1899, 90 стр.
9.Газов-Гинзберг А.М. Был ли язык изобразителен в своих истоках?.- М.,Наука,,1965 г.,183 стр.
10.Головин В.А. К проблеме возникновения языка в антропогенезе. Вопросы антропологии,1996 г. 11.Гримм Я. О происхождении языка. Очерки по истории языкознанияХ1Х нач. ХХ веков.Звегинцев,В.А.,1960., стр. 53-6
12.Нудельман Р. Язык предков.- М.,2007 г.
13.Старости С.У человека был один праязык.-М.,2008 г.
14.Тюняев А.А. Праязык современного человека.-М,2007 г.

ТЕОРИЯ СТРУКТУРАЛИЗМА В ЯЗЫКОЗНАНИИ XIX ВЕКА

На основе различных гипотез, теорий и фактов выдвинутых различными учеными, автор раскрыл наиболее научно -достоверные теории о происхождении человеческого языка. Тем самым, на основе полученных последних научных исследований, поэтапно раскрыл наиболее близкие к науке теории об эволюции человеческого языка.

Ключевые слова: происхождение, язык, гипотеза, теория, факты, исследование.

THEORY OF STRUCTURALISM IN LINGUISTICS XIX CENTURY

On the basis of different hypotez theory and facts supposed differents scientific ,author showed more scientific authentic theores about origin the human language. In that way, on the basis of last scientehcs research more near to science theory about development of human language.

Key words: origin,language, theory, hypotez, facts, investigation.

Сведения об авторе: ***Р.У. Бокиев*** **-** соискатель КГУ им.А. Рудаки. Телефон: **901-10-95-96**

ВОПРОСЫ ГЕНДЕРНОЙ СТРАТЕГИИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Н.И. Шарипова
Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

В эпоху, когда происходят глобальные изменения во всех сферах жизни и деятельности, женщины обычно выбирают стратегию выживания, которая столь необходима в нашевремия, но она не даёт возможности развиваться, т.е. менее перспективна (Г. Силласте, С. Айвазова, Л. Штылёва). Очень мало можно встретить женщин в сфере управления политикой, экономикой, бизнесом, наукой, они лишены доступа к финансовым и природным ресурсам, высокооплачиваемым рабочим местам, и в этом свою роль сыграли системы мотиваций и ценностей общества, господствующие в массовом сознании стереотипы мужественности и женственности, статусные роли полов. (К примеру, в Таджикистане всего 25%, или 6 тысяч госслужащих являются женщинами).

Коррекция процесса социализации молодёжи в зависимости от пола в эпоху глобальных социально-экономических и культурологических трансформаций является одной из предпосылок исследования гендерной педагогики.

Многие российские ученые (И. Кон, О. Здравомыслова -Стоюнина, Н. Римашевская, Л. Попова, Т. Клименкова, Т. Журженко, Н. Давыдова, С. Айвазова, Г. Силласте, Л. Штылёва и др.) считают, что наиболее заметными объективными процессами, происходящими во всех индустриальных и постиндустриальных культурах мира, которые повлияли на изменения парадигмы исследований гендерной социализации молодёжи, являются: во-первых, ломка традиционной системы гендерной стратификации, резкое ослабление поляризации женской и мужской социальных ролей, когда нет традиционного жесткого и нормативного гендерного разделения; во-вторых, изменение самих культурных стереотипов маскулинности и феминности, которые становятся менее жёсткими и полярными, когда значительно полнее учитывается разнообразие индивидуальных ситуаций; в-третьих, серьёзная трансформация брачно-семейных отношений, когда старые экономические и социальные функции семьи ослабевают, увеличивается ценность духовной и психологической близости между всеми членами семьи. Центром семейно-брачных отношений становится индивид, на чем и основывается трансформация этих отношений.

Такая переориентация – результат длительного исторического развития, и она свойственна не только семейно-брачным, но и трудовым отношениям, свободному общению. Современные брачно-семейные отношения, акселерация изменяют систему гендерной социализации девушек и юношей. Ясно, что трансформация семейных ценностей не может позволить семье оставаться основным способом включения молодого поколения в культурную традицию.

Почти во всех культурах принято, что главенствующее положение в семье принадлежит мужу, а жене отводится, в основном, роль обычной хозяйки. Красноречивую картину дает этимология английских слов **wife** и **husband.** Существительное **wife** происходит от древнеанглийского слова **wif**, означающего **woman**, а слово **husband –** от древнеанглийского **husbonda**, означающего **master of house** (хозяин дома). Происхождение

данных слов показывает, что в основе значения слова «жена» лежит обычная половая принадлежность женщины, а в основе слова «муж» - социальный статус мужчины, его главенствующее положение в семье. Такое положение дел является обычным в обществе, где царит патриархат, но сегодня налицо перемены, вносящие определенные коррективы в семейные отношения.

Гендерная стратегия предусматривает не только адаптацию мужчин и женщин к переменам, но и их становление главными действующими лицами в современном обществе.

Но трансформация взаимоотношений полов вносит в общество определенную коррекцию. Система жизненных ориентиров современной женщины претерпела коренные изменения. Адаптация женщины к переменам происходит намного быстрее, так как для нее важным является выживание в сложившихся условиях, хотя это бесперспективная стратегия. Но сегодня более приоритетной для женщины является уже стратегия развития. И, следовательно, для нее на первом месте оказываются ценности самореализации, индивидуальной успешности, социальной престижности, которые, в свою очередь, влияют на жесткое распределение семейных обязанностей, дифференциацию труда в публичной и частной сферах, основанную как добровольный социальный контракт равноправных агентов. Подобный социальный контракт, к сожалению, исходит из сложившихся традиционных представлений о содержании половых ролей и убеждений о «природном» предназначении полов.

Ролестатусные характеристики мужчин также подверглись изменениям. Важнейшим изменением является утрата современным мужчиной традиционной монополии в браке, в частности, социального приоритета на выбор партнера, что является очевидным следствием общепризнанной тенденции гендерного равноправия в семейных отношениях. Сегодня мужчина - один из возможных партнеров по брачному рынку, а не бесспорный субъект брачного выбора.

Еще одна культурная трансформация – растущая инфантилизация («кризис мужской идентичности») молодых и не очень молодых мужчин, снижение их самостоятельности в образе жизни («самости»), самообеспечиваемости, инициативности в поведении и т.д. Такая обстановка нашей стране пока еще не свойственна, но она существует.

Гендерной стратегией предусматривается не только адаптация мужчин и женщин к изменениям, но и их становление действующими лицами в современном обществе, которое определяется в Кельнской Хартии как общество знания.

Еще детьми, и мужчины, и женщины, делая свои первые шаги в школе как члены общества, повышают свой социальный статус, берут на себя новые обязательства. Все их окружение ожидает от них самостоятельности, активности, целеустремленности, ответственности, определенных успехов в учебной деятельности. И от того, как активизируется процесс сознательного усвоения норм поведения, прав и обязанностей, нормативных знаний и нравственных чувств, возникающих у ребенка под влиянием оценки со стороны взрослого, зависит успешность адаптации в новой социальной ситуации.

По мнению Л. Штылевой, школа – это та социальная среда, где в полную силу обнаруживается практическое значение гендерных стереотипов, окончательно определяются гендерные роли, отчетливо закрепляются основы взаимоотношений с противоположным полом.

Ю.Е. Алешина А.С. Волович в своих работах указывают на то, что поло-ролевая социализация в современном виде приводит к парадоксальным результатам: мальчиков как бы толкают на пассивность или внесоциальную активность, девочек же, напротив, - на гиперактивность и доминантность. Но жить им предстоит в обществе, во многом ориентированном на традиционные поло-ролевые стандарты.

Смена обстановки, изменение окружающей среды менее болезненно воспринимают женщины, они испытывают большее удовлетворение от результатов адаптации, более коммуникабельны. Юношеский возраст (студенческий) является решающим периодом развития самосознания, его упрочения и закрепления. Как показывают исследования А.С. Берберян, молодежь более адаптивна и менее подвержена воздействию внешней среды, чем старшее поколение. Следовательно, именно в этот период необходимо более серьезно подойти к проблеме, как образования, так и воспитания.

Гендерный подход в образовании дает возможность учитывать восприятие учащимися, лицами с различными интересами, предварительным опытом, различными жизненными ситуациями дальнейшей стратегии обучения, его сильных и слабых сторон. Известно, что различия существуют не только между мужчинами и женщинами, но и внутри этих групп, а значит, здесь не может быть и речи о жестких правилах гендерной теории, которая должна вписываться в любую ситуацию образования.

Но есть и другие взгляды на отличия мужского и женского самосознания. Например, философ Г.Е. Астафьев считает, что женщина должна лишь следовать тому предназначению, которым ее наградила природа, и тогда в обществе изменится очень многое: начнутся оздоровительные процессы в области морали и нравов, семейное воспитание возымеет свое действие, и излечатся социальные болезни общества. Тогда, само собой, возникает вопрос о том, можно ли историю и время повернуть вспять. Ведь все те процессы, которые происходят сегодня во всем мире, требуют другого подхода к роли женщин в обществе, тем более, что эти процессы – результат многолетних изменений. Здесь хочется подчеркнуть, что эти изменения происходили именно в традиционном патриархатном обществе, а значит, они являются велением самого общества.

Сегодня возможности отдельного человека во многом зависят от его усилий, от его мнения о самом себе, от субъективного взгляда на собственную жизнь. В современном обществе профессиональная карьера и творческая самореализация становятся все более значимыми в жизни людей. Именно сомнение в социокультурной и исторической неизменности в положении мужчин и женщин вызвало к жизни необходимость в новом понятии, которое бы раскрывало природу пола не столько с биологических позиций, сколько с социокультурных. Этим можно объяснить введение в поле научного дискурса категории «гендер».

Перечисленные выше условия приводят к автономизации и индивидуализации каждого человека. Как отмечает С.И. Голод, «в техногенном мире, большинство людей не действуют по тотально заданным шаблонам, всегда остается место для вариаций и самостоятельных решений. Чем выше уровень цивилизационно-культурного развития общества, тем полнее член такого социума сознает себя как индивидуальность. Тем, в принципе, насущнее его потребность в обособлении». Это говорит об актуальности контента гендерной теории для работы, учебы и повседневной жизни и мониторинга различия точек зрения, которые должны составлять категорию «гендер». Данный процесс предусматривает междисциплинарные проекты, включающие различные методы и процессы обучения, в том числе в виде многообразия в качестве элемента совместной образовательной деятельности мальчиков и девочек, парней и девушек, особенно в высокоразвитой гендерной сегрегации.

Гендер – сложное личностное образование, которое определяет ментальные, эмоциональные и поведенческие характеристики субъектов (Д. Скот, Г. Рабин), предпочтительные социокультурные роли (И.С. Кон), предписываемый статус личности (Р. Унгер), а также половую идентичность как продукт социализации и воспитания (О.А. Воронина, Л.В. Штылева).

Гендерный подход в образовании предусматривает деконструкцию традиционных ограничений потенциалов личности в зависимости от биологического пола, осмысление и создание условий для реализации и раскрытия юношей и девушек в процессе педагогического воздействия (Л. Штылева). Гендерный подход изменяет уже устоявшуюся учебную среду таким образом, что дает возможность обучающимся более полно реализовать свой потенциал, повысить уровень самостоятельности в изучении какого-либо предмета (в том числе и русского языка). И сегодня введенная в наших вузах кредитная система создает благоприятную почву для использования новых путей успешного самоусовершенствования и самореализации.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Мухортова Е.А. Истоки гендерных исследований. Теория и практика гендерных исследований в мировой экономике// Материалы международной научно-практической конференции 5-6 мая 2010г. – Пенза – Ереван – Прага: ООО Научно-издательский центр «Социосфера», 2010. – 212с.
2. Сальникова О.Н. Специфика понимания женского самосознания в философии П.Е. Астафьева: современное прочтение. Теория и практика гендерных исследований в мировой экономике// материалы международной

научно-практической конференции 5-6 мая 2010г. – Пенза – Ереван – Прага: ООО Научно-издательский центр «Социосфера», 2010. – 212с.
3. Штылёва Л.В. Педагогика гендер: развитие гендерных подходов в образовании.
4. Арутюнян М.Ю. Гендерная педагогика в семье //Материалы первой российской школы по женским и гендерным исследованиям «Валдай-96». М., 1997.
5. Бергер П., Лукан Т. Социальное конструирование реальности //Трактат по социологии знания/ Моск. филос. фонд. М., 1995.

ВОПРОСЫ ГЕНДЕРНОЙ СТРАТЕГИИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Современное общество претерпевает изменения, которые влияют на все сферы жизни людей. В статье подчеркивается важность этих изменений в гендерном аспекте, и когда раскрытие потенциалов мужчин и женщин зачастую зависит от стереотипов в обществе. Проводимая сегодня гендерная политика, гендерная педагогика дают современной молодежи больше возможностей для развития и самосовершенствования. К происходящим изменениям более адаптивны женщины, так как для них очень важна стратегия выживания, которая в то же время, к сожалению, является бесперспективной. В основе гендерной стратегии лежит цель сделать мужчин и женщин, независимо от стереотипов, действующими лицами в современном обществе, что нужно начинать со школьной скамьи.

Ключевые слова: гендерная политика, гендерная педагогика, гендерныйм аспект,гендерная стратегия, стратегия выживания, гендерный подход в образовании.

THE PROBLEM OF GENDER STRATEGY IN THE MODERN SOCIETY

The modern society needs into the changes, which spread in all the sphere of our life. This article underlines the importance of these changes in gender aspect and when the development of potential of men and women depends of stereotypes of the society. Today the gender policy and pedagogy gives more opportunities for the development of the young people. The women are more adapted to the changes which are taking place in the society, because the strategy of living conditions is more, important for them and unfortunately they are non perspective today. The main aim of the gender strategy is to learn men and women to be independent from the stereotypes in the modern society that must begin from the school ages.

Key words: gender policy, gender education, гендерныйм aspect gender strategy, strategy of survival, gender approach in education.

Сведения об авторе: ***Шарипова Н.И***. - соискатель ХГУ им.Б.Гафурова

МУКОЛАМА ЯКЕ АЗ РОҲҲОИ САМАРАБАХШИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Б. Х. Ҷабборова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маҳорати суҳбат кардан бо забони омӯхташаванда, яке аз паҳлӯҳои асосии амалии омӯзиши ин забон мебошад. Барои ҳамин ҳам солҳои охир барои инкишофи маҳорату малакаи забономӯзӣ аҳамияти калон дода мешавад. Дар донишҷӯён бояд маҳорати азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират инкишоф ёбад. Омӯзгорони оянда маводи лексики-граммтикии омӯхташударо истифода бурда, ба хонандагон суҳбат карданро дар мавзӯъҳои ҷамъиятӣ ва ҳаётӣ омӯзонанд. Барои ин ба донишҷӯён зарур аст, ки хусусиятҳои хоси забонии муколамаро донанд.

Хусусиятҳои нутқи муколамавӣ гуногуннақшаанд, ки мавриди омӯзиши психологҳо, сотсиологҳо, лингвистҳо ва методистҳо қарор гирифтааст.

Сухан рондан ҷараёне мебошад, ки дар он ахбор ба воситаи нутқи шифоҳӣ ифода мегардад. Ҳангоми суханронӣ шахс фикрашро ба воситаи забон ифода карда, як навъ мубодилаи афкорро ба миён меорад. Дар вақти суханронӣ ду шахс метавонанд мубодилаи афкор кунанд, ки дар он яке фикрашро баён мекунад ва дигаре онро дарк менамояд, яъне гуфтугӯйи ду шахс муколама ном дорад.

Нутқи муколамавӣ бо элиптӣ буданаш хос аст. Шахси пурсанда метавонад бо як калима ҷавоб гирад. Нутқи муколамавӣ бо имою ишора бо қиёфа ва луқма, қувватноктар карда мешавад. Ҳангоми муколама дар нутқи ҳамсуҳбат вазъияти фавқулода ҳис карда мешавад. Нутқи муколамавиро метавонем ҳамчун инкишофдиҳандаи нутқи ду шахс шарҳ диҳем, чунки аз рӯйи рафти нутқи шахси якум рафти нутқи шахси дуюм муайян мешавад. Барои ҳамин ҳам нутқи муколамавиро ба монанди нутқи монологӣ, ки аз тарафи як шахс баён карда мешавад пешакӣ ба нақша гирифтан мумкин нест. Нутқи муколамавӣ ҳамчун яке аз воситаҳои омӯзиши забони

хориҷӣ, барои мувофиқи мақсад ҷараён додани нутқи фаъол аз ҷониби муаллим таълим дода мешавад. Яке аз вазифаҳои мушкиле, ки нутқи даҳонӣ талаб мекунад, тартиб додани муколама ё порчаи муколамавӣ мебошад.

Дар адабиёти методӣ барои мустақилона тартиб додани муколама, аз бар кардани он ва гузаронидани саволу ҷавоб тавсияҳо дода мешавад.

Муколама мубодилаи байни ду ва ё якчанд шахсест, ки ҳангоми суханронии онҳо ба миён меояд. Ҳар як баёне, ки дар нутқи муколамавӣ ба ҳам алоқаманданд, луқма (реплика) номида мешавад. Луқма бо ҷумла шабоҳат надорад. Вай метавонад аз якчанд калима иборат бошад.

Профессор И.Ю Шведова луқмаи муколамавиро ҳамчун сарҳади хотимаи баёни гӯянда нишон додааст. Он ҳамеша метавонад байнӣ гӯяндаи аввал ва сонӣ алоқаи маъноӣ барқарор кунад. Ҳар як муколама аз қисмҳои маънои томдоштаи баён ҳосил мешавад.

Барои сухан рондан донишҷӯ бояд на танҳо захираи ибора ё ҷумла дошта бошад, балки аз ин захира мустақилона истифода бурда тавонад. Аз худ кардани маводи нутқи муколамавӣ тарзи хоси худро дорад, ки он бо хусусиятҳои худи ҳамон мавод ва хусусиятҳои амалии нутқ вобаста аст. Тавсияҳо бояд тавре аз худ карда шаванд, ки донишҷӯ тавонад, қисми тағйрёбандаро дигар кунад. Ҷараёни ҳосилшавии матни муколамавии даҳонӣ дар айни замон ҳамчун ифодаи фикри ҳамсуҳбат, ҳангоми мусоҳиба ба амал меояд.

Дар ҷараёни мусоҳибаи муколамавӣ иштирокунандагони вай аз ду амали нутқӣ истифода мебаранд, яке сухан мегӯяду дигаре гӯш мекунад, ки онҳо бояд то як дараҷаи муайян бо ҳам алоқаманд бошанд, то ки якдигарро мувофиқи тартиби саволу ҷавоб фаҳманд. Нутқи муколамавӣ бояд дорои мазмун ва баён бошад. Яъне он воситаи забоние мебошад, ки бо мазмуни баён ифода мегардад. Яке аз хусусиятҳои психологии нутқи муколамавӣ ин вазъиятнокии вай мебошад. Мазмуни вай баъзан аз рафти ҳамон ҳолате дарк карда мешавад, ки аз он ифода ёфтааст. Вазъияти алоқамандии забонӣ ва биноӣ низ мавҷуд аст. Ба ин муколама дар мағоза мисол шуда метавонанд.

- Willst du es nehmen?
- Gern, aber ich habe nicht genug Geld mit.
- Mir gefällt es. Ich nehme es.

Дар ҳолате, ки вазъияти зоҳири ягон нақшро дар нутқи муколамавӣ иҷро намекунад ва дар нутқ ҳамон мазмун бо забон ифода карда мешавад, он гоҳ дар бораи нутқи вазъиятӣ ҳарф задан лозим меояд. Ба он чунин нутқи муколамавӣ мисол шуда метавонад:

- Haben Sie sich den neuen Film “Zwei in der Stadt” angesehen?
- Nein. Ist etwas Interessantes?
- Ich würde Ihnen den Film empfehlen.

Нутқи муколамавиро ба ду намуд ҷудо мекунанд:

1. Инкишофи малакаҳои дурусти ҷавобгардонӣ ва машқҳои даҳонӣ
2. Ҳосил кардани малакаи муколамавӣ дар машқҳои эҷодии даҳонӣ суҳбати гурӯҳӣ ё мусоҳибавӣ ва суҳбати озод [1,31-40].

Нутқи муколамавӣ воситаи самараноки омӯзиши забонҳои хориҷӣ, боиси фаъолсозии маводи нутқӣ ва ҳосил намудани малакаҳои нутқӣ мебошад. Таълими нутқи муколамавӣ дар чор сатҳ гузаронида мешавад:

1. Дар сатҳи ҷумла, ибора;
2. Дар сатҳи ду-се ҷумлаҳои алоқаманд, яъне аз ибора калонтар;
3. Дар сатҳи муколамаи кушод;
4. Дар сатҳи муҳокимавӣ, гурӯҳи мусоҳибавӣ ва суҳбати озод.

Маълум аст, ки талаботи муошират доимӣ зарурати гуфтугӯро ба миён меорад:

1.Пурра кардани дониш;
2.Ташкил намудани фаъолияти якҷоя;
3.Таъсиррасонӣ ба шахс, ҳамсуҳбат ва баён кардани ҳиссиёти худ.
4.Барқарор кардани робитаи иҷтимоӣ;

Ин талабот метавонад дар шароити зерин пайдо гардад:

1.Расидани чунин хабаре, ки онро як кас медонад, аммо дигаре намедонад;

2.Ягон кас кореро иҷро мекунад, ё иҷро кардааст ва мехоҳад, ки дигаронро низ ба ин кор ҷалб кунад. Аммо гап дар сари он, ки оё дигарон ба ҷунин таклиф розианд ё не;

3.Ба касе як фикр пайдо мешавад. Ӯ мехоҳад, ки дурустии онро ба каси дигар исбот кунад ва ғайра.

Дараҷаи аввали ташкили нутқи муколамавӣ байни нутқи донишҷӯ ва муаллим бо саволу ҷавоб оғоз меояд. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки луқмаҳои ҳавасмандкунандаи муаллим дар машқҳои гуфтугӯйӣ – шартии ABCDE барои донишҷӯён далелҳои кофӣ мебошад.

Муаллим барои ҳар як амали нутқи намунаҳо меоварад, ки аз он майли донишҷӯён дар ташкили луқмаҳои гуногун зиёд мешаванд:

- Das ist eine Stadt. Stimmt das?
- Ja, das Stimmt. Das ist eine Stadt.
- Und was ist das? Ist das auch eine Stadt [2].
- Бо ёрии луқмаҳои Stimmt das? Frage, ob? Wiederspricht ! Frage wer? (wo? Was?).. Sebo an die Tafel gehen! ё ин ки Bitte Rustam das Buch zu geben!

Муаллим амали нутқии донишҷӯёнро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, донишҷӯён чунин лаҳзаҳои шавқоварро чун тақлидкунӣ истифода мебаранд.

Чунин муколамаҳоеро меорем, ки дар шароити омӯзиш муҳиманд. Муколамаи дуаъзодор. Ин намуди муколама саволу ҷавоб буда, ба воҳидҳои муколамавие дохил мешаванд, ки фикри пурсандаро тасдиқ мекунанд:

- Wer fehlt heute – талаби ахбор.
- Heute fehlt Kamolov – расонидани ахбор.
- Ja, das Stimmt. Er ist heute krank – тасдиқи ахбор.

Муколамаи сеаъзодор дар воҳидҳои намуди саволу ҷавоб ва аксулҷавоб истифода мешавад:

- Was hast du gestern abend gemacht?
- Ich bin ins Kino gegangen. Und du?

Нутқи диалогӣ бо аломатҳои тасдиқ, шубҳа ифода гашта метавонад:

- Rustam war gestern in Zug.
- Was sagst du? Er ist doch aus Moskau nicht gekommen.
- Doch, ich habe ihn gesehen [3,175].

Донишҷӯён шунидан, мушоҳида кардан ва муайян кардани равиши одии амалҳоро дар ҳолатҳои гуногун меомӯзанд. Қайд кардан зарур аст, ки ин дараҷа маъноҳои мавҷуда метавонанд нутқи муколамавии донишҷӯёнро устувор гардонанд. Дар натиҷа амал дар ин зина дар сатҳи муайяне меистад, ки мумкин аст барои инкишофи нутқи муколамавӣ хизмат кунад. Дар баъзе ҳолатҳо таъсиррасонии байниҳамдигарии шифоҳии гӯянда ва шунаванда зоҳир мегардад.

1.Пурсиши якҷониба;

2.Пурсиши дуҷониба ва муколама, мубодилаи афкор, мусоҳиба;

3.Муколама – изҳори хоҳиш.

Дар ин зинаҳо донишҷӯён аллакай ғайр аз он муколамаҳои озоде, ки сохти муайян доранд (ибтидо, хотима) муколамаҳо барои ифодаи этикети нутқ пешниҳодкардашуда; табрикнома ва саломномаро аз худ мекунанд. Ғайр аз ин, дар нутқи муколамавӣ луқмаҳое, ки илтимос, хоҳиш, таклиф, минатдориро ифода мекунанд, кор фармуда мешавад [4,76-86].

Дар амал нишон дода мешавад, ки нутқи муколамавиро дар шакли тайёри муколама, ки дар китоб ҳамчун воситаи омӯзиш оварда шудааст, аз бар кардан мумкин нест. Чунин муколамаҳои азёдкардашуда ба донишҷӯён ба кор намеоянд. Барои ҳамин ҳам ба онҳо омӯзонидани иҷрои ҳар гуна амалҳои нутқӣ ва машқҳои ҳаётие лозим аст, ки онҳо ба вазъияти нутқ алоқа дошта бошанд.

Давраи дуюми тартиби муколама аз таълими ҳар гуна амалётҳои нутқӣ ва алоқаи мантиқии муколамаҳо иборат аст.

Барои тартиб додани муколама роҳу тариқи сохтани онро аз худ намудан лозим аст. Барои ин донишҷӯёнро лозим аст, ки нутқи фаъолро тавассути воситаҳои ғайринутқӣ (воситаҳои айёнӣ) омӯзанд. Онҳо инчунин саволу ҷавоб ва суҳбатро ба ҳар гуна воситаҳои забонӣ аз худ намоянд.

Дар зинаи сеюм шартан аз худ кардани муколамаи пурраи васеъ дохил мешавад, ки дар байнӣ онҳо ҷойи асосиро дар рафти омӯзиш муколамаҳое ишғол мекунанд, ки онҳо робитаи вазъияти муқаррариро инъикос мекунад. Яке аз хусусиятҳои асосии нутқи муколамавӣ ба вазъият вобаста будани он мебошад. Чунин муколама, хусусан вазъият талаб ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, маънои он ҳамон вақт фаҳмо мегардад, ки агар шаклан мураттаб гашта бошад. Лаҳзаи муошират мумкин аст, танҳо ҳолати лингвистӣ айёнӣ қабул шуда бошад. Мисоли ин лаҳза метавонад муколама дар истгоҳи автобус шавад:

- Steigen Sie ein?
- Nein, ich fahre mit dem nächsten.
- Gestatten Sie! Lassen sie mich, bitte, hinein!

Аз худ намудани матнҳои муколамавӣ барои машқҳои нутқӣ ва тарзи дурусти талаффуз фоидаовар мебошад.

Нутқи муколамавӣ барои инкишофи нутқи шифоҳӣ дар забони хориҷӣ нақши асосиро мебозад. Нутқи муколамавӣ инчунин барои он лозим аст, ки донишҷӯён метавонанд маҳорати суҳбати озодро омӯзанд ва фикрронии худро дуруст инкишоф диҳанд. Маҳорати омӯзиши нутқи муколамавӣ на танҳо барои омӯхтани забони хориҷӣ, балки барои бо забонӣ модарии худ дуруст ҳарф задани донишҷӯёнӣ мо низ ёрии калон мерасонад.

А Д А Б И Ё Т

1. И.Ю Шведова. К изучению диологическую речь. – М. 1957.- С.31-40.
2. Щерба Л.В . Диалогическая речь как цель и средство обучения иняз в школе.
3. Бим И. Л. Теория и практика обучения нем. Языка средней школе.-Москва, 1988.-С.175.
4. Бим И. Л. Некоторые проблемы обучение диалогической речи. -ИЯШ №5 1979- С. 76-86

ДИАЛОГ - ЭТО ПЛОДОТВОРНЫЙ ПУТЬ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ

Статья посвящена одному из методов обучения иностранным языкам. Это проблема возникала ещё в 60 – ых годах прошлого века и находится в центре внимания ведущих методистов и учёных, занимающихся исследованием и разработкой методов преподавания иностранных языков. До настоящего времени она не потеряла своего научного и практического значения. Фактологический материал хорошо проанализирован и его могут использовать преподаватели немецкого языка в практической учебной деятельности.

Ключевые слова: обучение иностранным языкам, методы обучения иностранным языкам, практическая учебная деятельность.

THE DIALOGUE IS FRUITFUL WORK, THE WAY OF STUDY FOREIGN LANGUAGE

The title of this article is “The dialogue is fruitful work, the way of study foreign language”. This matter was discussed in 60th year’s last century. It was the argument between teachers. Specialist in educational methods and sciences. Jabborova B. Kh analyzed in this article the deferent kind of dialogues. The aim of this woks is for workout pedagogical bases of integral development of a future teacher personality in the process of professional training.

I hope that this work will be useful for the German teachers and they we’ll used it.

Key words: language training, methods of teaching foreign languages, practical training activities.

Сведения об авторе: ***Джабборова Б.Х*** **.-** ассистент кафедры немецкого и французского языков ТНУ

КАЛИМАСОЗИИ ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ КАЛИМАҲОИ СИНОНИМӢ

Талабшо Назриев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маъмулан муҳаққиқон бар он назаранд, ки ба вуҷуд омадани ҷуфтҳои синонимӣ дар забон бо сабабҳои муносибатҳои наздик доштани он бо забонҳои дигар мебошад, аммо бояд зикр кард, ки падид омадани калимаҳои иқтибосӣ омили асосии ба вуҷуд омадани синонимҳо мебошанд. Дар ҳақиқат мавҷуд будани чунин синонимҳо дар забон шумораи зиёдеро дар таркиби луғавии забонҳо дар бар мегирад, лекин синонимҳо метавонанд инчунин дар натиҷаи пайдо шудани маънои нав дар калимаҳои мавҷудаи забон, дар натиҷаи калимасозӣ, бо роҳи аффиксатсия ва бо роҳи конверсия, бо ёрии калимабандӣ, дар натиҷаи ба вуҷуд омадани ибораҳои мураккаб ва ғайраҳо низ ба миён оянд.

Дар ҳамин мавзӯъ забоншинос М. Норматов қайд мекунад, ки «синонимҳо бо роҳҳои гуногун пайдо мешаванд: якум бо роҳи инкишоф ва такомули таркиби луғавии забон ба воситаи калимасозӣ ва бой гардидани забони адабӣ аз ҳисоби лаҳҷаю шеваҳо, дуюм бо роҳи иқтибос, яъне аз забонҳои дигар гузаштани калимаҳо» [7,45]. Дар тавзеҳи ҳамин мавзӯъ номбурда иқтибоси зиёди калимаҳои арабӣ, русӣ ва ӯзбекиро ба ҳайси синонимҳои калимаҳои забони тоҷикӣ қайд намудааст.

Дар забони англисӣ дар натиҷаи хусусиятҳои рушди таърихии забон иқтибосот хеле нақши бузург дар инкишофи таркиби луғавии он бозидааст. Дар аксар сарчашмаҳо дидан мумкин аст, ки мавҷуд ва серистеъмол будани иқтибосҳои форонсавӣ ва лотиниро дар забони англисӣ зикр намудаанд ва онҳо дар ҳақиқат дар забон хеле фаъол ва серистеъмоланд, ки дар баробари калимаҳои аслии забон истифода мешаванд: 1. (калимаи аслии англисӣ: **ask**) – He **asked** her the way to the village. – *Ӯ роҳи тарафи деҳаро **пурсид** [5,36]*; (Иқтибоси форонсавӣ: **question**) – The students **questioned** the teacher. – *Донишҷӯён ба муаллим **савол** доданд [5,272]*; (иқтибоси лотинӣ: interrogate. 2. (калимаи аслии англисӣ: **teaching**)- There is a distinction between **teaching** and education [11,244]. – *Миёни таълим ва маълумот тафовуте ҷой дорад**. (Иқтибоси форонсавӣ: **guidance**) – Instinct is not always the best **guide**. – *Гувоҳии дил на ҳама вақт **роҳнамои** беҳтарин аст* [5,157]. (иқтибоси лотинӣ: **instruction**) - She gave us **instruction** in swimming. – *Вай барои оббозӣ ба мо **дастур** дод* [5,181].

Дар баробари чунин мавқеи синонимҳо дар забони англисӣ дар забони тоҷикӣ низ иқтибосот хеле зиёд ҷой доранд, ки онҳо асосан аз забонҳои арабӣ, ӯзбекӣ, русӣ ба забон ворид шудаанд, масалан: **дил-қалб, хирад-ақл, анҷуман- съезд, туфанг- милтиқ** ва ғайраҳо.

Бо вуҷуди чунини мавқеъ доштани калимаҳои иқтибосӣ дар забони англисӣ баъзе ҳолатҳои дигар низ ҷой доранд, яъне калимаҳои аслии забон ба дараҷаи хеле баландтар дар забон устуворанд. Онҳо дар забон ҳифз мешаванд, чунки дар баробари ифода кардани мафҳумҳои нав, баъзан ба маъноҳои ибтидоиашон боқӣ мемонанд ва дар баробари мафҳумҳои нав мавриди истифода қарор мегиранд: **inn, hotel, hostel** ва ғ.

Дар забони англисӣ, махсусан дар услуби гӯйишии он васеъ паҳн шудани ибораҳои феълӣ бо феълҳои синонимие, ки аз рӯйи намуд ва тобиши услубӣ фарқ мекунанд, хеле хуб маъмул аст; **to laugh** - *хандидан* - **to give a laugh** - *хандидан, табассум кардан*; **to walk** - *сайр кардан* - **to take a walk, to go for a walk** - *сайр кардан, сайругашт кардан*.

Дар забони тоҷикӣ ҳамин хусусияти феълҳо дар натиҷаи маъноҳои маҷозиро касб кардани онҳо ба вуҷуд омадаанд, масалан, **нигаристан-чашм духтан, хурсанд шудан - гул-гул шукуфтан** ва ғайраҳо. Феълҳо дорои обуранги услубӣ ва эмотсионалӣ буда, муносибати гуногуни мутакаллим ва ҳиссиёту ҳаяҷонро табиӣ ва барҷаста ифода мекунанд. Дар ифодаи чунин муносибатҳои субъективона ва тобишҳои маъно муродифоти феъл аҳамияти калони услубӣ доранд [4,25].

Дар робита ба ибораҳои ҳаммаъно дар забони тоҷикӣ забоншиносон таъкид сохтаанд, ки «онҳо на танҳо дар забони хаттӣ ва гуфтугӯйӣ фарқ мекунанд, балки аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол низ баробар намеоянд: сухани Рӯдакӣ (умумиистеъмол, Рӯдакиро сухан (адабии китобӣ), Рӯдакия суханаш (гуфтугӯйӣ ғайриадабӣ)» [4,40].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ дар истифодаи ихтисораҳо дар баробари калимаҳои пурра он қадар маъмул нест, аммо дар забони англисӣ ин тарзи истифода хеле серистеъмол аст, ки ба зиёд шудани миқдори синонимҳои забон боис гардидаанд. Калимаҳои бо ин тарз ба вуҷудомада бо калимаҳои мукаммал асосан чун синонимҳои услубӣ мувофиқат мекунанд, аммо бо тобишҳои маъноӣ фарқ мекунанд: **examination- exam** - *имтиҳон*; **bicycle- bike** - *дучарха*; **laboratory-lab** - *ташхисгоҳ*; **mathimatics-math** - *риёзӣ* ва ғ.

Бо роҳи аффиксатсия ба вуҷуд омадани ҷуфтҳои синонимӣ дар забони англисӣ зиёд ба чашм мерасад, ки ҳамин хусусиятро дар забони тоҷикӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст: **changeable - changeful** - *тағйирпазир*, тағйирёбанда; **undefended - defenseless** – беҳимоя, бепушту паноҳ; **anxiety** – **anxiousness** - *изтироб, хавотирӣ ва г.* Дар ин раванд дар забони тоҷикӣ як қатор элементҳои калимасозӣ иштирок мекунанд, ба монанди, *тоҷир-савдогар, муштарӣ - фармоишгар, хазинадор - хазинабон, устои андова -андовачӣ* ва ба ҳамин монанд воситаҳои дигар – *гор, ҷӯй, янда, хоҳ, чӣ, боз, гон, вар, манд, рон* ва ғ.

Яке аз хусусиятҳои дигари забони англисӣ, ки аз таҳлилҳо бармеояд ташкили калимаҳои нав бе ёрии элементҳои калимасозӣ мебошад, ки ба рушди синонимия дар забони англисӣ мусоидат кардаст: **commandment (**исм)**, command** исм. – *фармон, ҳукм, амр*; **laughter** (исм), **laugh** (исм). – **ханда, табассум; trial** (исм), **try** исм.- *кӯшиш, саъй, ҳаракат* ва ғйраҳо, ки поёнтар муфассал оварда шудаанд.

Пеш аз ҳама, бояд таъкид сохт, ки калимасозӣ бахши алоҳидаи илми забон аст, вале новобаста аз ин, он бо бахшҳои дигар ва алоҳидаи забоншиносӣ, аз он ҷумла лексикология алоқаи ногусастанӣ дорад. Мувофиқи андешаи олимон-забоншиносон ибораи калимасозӣ ду маънои асосӣ дорад, ки дар маънои аввал он дар ифодаи раванди доимии ташкили калимаҳои нав дар забон меояд. Дар маънои дувум бахши алоҳидаи забоншиносиро ифода месозад, ки ба омӯзиши раванди ташкили воҳидҳои забонӣ сару кор дорад [3,8].

Аслан худи истилоҳи калимасозӣ бар он далолат мекунад, ки раванди сохтани калимаҳои аслӣ дар заминаи калима ё ибораҳо тибқи роҳҳо ва қолабҳои дар забон мавҷудбуда аст ё ба таври дигар, раванди тавлиди воҳидҳои лингвистии нав, ки бо воҳиди ибтидоӣ робитаи бевоситаи мазмунӣ дорад. Аз ин нуқта, ҳамин робитаи бевоситаи мазмунӣ заминаи синоним шуда омадани воҳидҳои навро ба миён меоранд.

Ташкили воҳидҳои нави забонӣ дар заминаи модулҳои муайяни калимасозии ҳамон забон ба вуҷуд меоянд. Қонуният ва хусусиятҳои ташкили воҳидҳои нав асосан дар раванди таҳлили калимасозӣ муайян карда мешаванд. Дар раванди калимасозӣ тағйироти семантикии калимаҳо ба вуҷуд меоянд ва онҳо хусусиятҳои гуногунро касб менамоянд.

Дар забони тоҷикӣ мавзӯи калимасозӣ, аз ҷумла калимасозии исм аз тарафи забоншинос Ш.Рустамов мавриди тадқиқоти алоҳида қарор гирифтааст. Рисолаи муҳаққиқ яке аз пуразиштарин манбаъҳо дар ҷодаи омӯзиши калимасозӣ ба ҳисоб меравад, ки тавонистааст паҳлӯҳои мухталифи калимасозии забони тоҷикиро тадқиқ ва таҳлил намояд.

Забоншинос Ш.Рустамов оид ба калимасозии исм дар забони тоҷикӣ зикр менамояд, ки «дар исм усулҳои зерини калимасозӣ мушоҳида мешаванд: 1.- морфологӣ : а) бо суффикс, б) бо префикс; 2.- синтаксисию морфологӣ: а) исмҳои мураккаб, б) исмҳои омехта; 3.- луғавию синтаксисӣ – ба калимаи мураккаб гузаштани ибораҳо: мардикор, рӯйхат, рӯйидарича ва ғ» [8,93].

Оид ба роҳу воситаҳои калимасозӣ забоншинос Ф.Р. Амонова қайд мекунад, ки аффиксация, калимасозии калимаҳои мурракаб, транспозитсия, яъне бе воситаи аффикс сохта шудани калимаи нав: ҷавон (исм) – ҷавон (сифат), ҷангӣ (исм), ҷангидан (феъл) ва ғайраҳо аз қабили роҳҳои асосии калимасозӣ ба шумор мераванд [1,68].

Бояд зикр кард, ки раванди калимасозӣ ва воситаҳои он ба грамматика алоқаи мустаҳкам дорад. Ҳар як калимаи нав дар навбати худ ҳамчун воҳиди суратёфтаи грамматикӣ, ҳамчун калимаи мансуб ба ин ё он ҳиссаи нутқ ташаккул меёбад, ба категорияҳои морфологӣ, вазифаи синтаксисии он молик мешавад. Аз ин нуқтаи назар калимасозӣ яке аз воситаҳои ғанӣ гардонидани хазинаи луғавии забон ба шумор меравад.

Дар ҳамин маврид бояд зикр кард, ки бо усули морфологӣ ба вуҷуд омадани калимаҳо дар забонҳои мавриди омӯзиш нисбатан сермаҳсул ҳастанд. Яъне тавассути истифодаи суффику префиксҳо дар забон калимаҳои нав ва гуногун ба миён омадаанд, ки ба инкишофи муродифот низ дар забонҳои муқоисашаванда замина гузоштаанд. Дар исботи ҳамин андеша метавон якчанд намунаи калимаҳоро дар забонҳои муқоисашаванда оварда:

(забони тоҷикӣ) ***шогирд*** *–хонанда, омӯзанда, таълимгиранда;* ***муаллим*** *– мураббӣ, тарбиятгар, тарбиятдиҳанда;* ***ҳимоятгар*** *– мудофиакунанда, тарафдор;* ***муаллиф*** *– тартибдиҳанда, эҷодкунанда, нависанда, офаранда;* ***оила*** *– хонавода, хонадон;* ***танаффус*** *– истироҳат, дамгирӣ, нафасросткунӣ ва ғ. (забони англисӣ)* ***teacher*** *(омӯзгор) tutor, supervisor, lecturer, instructor;* ***author****(муаллиф) – writer originator, producer, former;* ***chief*** *(роҳбар, сардор) – leader* ва ғ.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин тарзи ба вуҷуд омадани ҷуфтҳои синонимӣ на танҳо дар исмҳо, балки дар дигар ҳиссаҳои нутқ низ хеле фаъоланд. Азбаски калимасозӣ худ як мавзӯи васеъ аст, мақсад гузоштем, ки танҳо калимасозии

суффиксҳое, ки исм месозанд ба шакли ҷадвал дар муқоиса бо забони англисӣ пешниҳод созем. Пеш аз ҳама бояд зикр кард, ки системаи калимасозии ҳар як забон аз усулҳои гуногуни калимасозӣ иборат аст, ки воситаҳои мувофиқи калимасозиро дар бар мегиранд. Дар ҳамин раванд истифодаи суффиксҳои исмсоз дар забонҳои муқоисашаванда нисбатан сермаҳсул буда, дар созмон ёфтани ҷуфтҳои синонимии забонҳо мусоидат намудаанд.

Дар забони тоҷикӣ дар созмон ёфтани исмҳо як қатор суффиксҳо серистеъмол ва сермаҳсул ба ҳисоб мераванд. Ба ин гурӯҳ чунин суффиксҳоро метавон дохил намуд: *-чӣ, -гар, -гор, -гар, -кор, -бон, -ор, -навард, - во/вой, -вода, -андар, -вар, -а, -ак, -ча, -она, -ок, -дон, - гоҳ, -зор, -истон, -сор, -бор, -ина, -шан, -но, -када, -ӣ, -гӣ, -гарӣ, -иш, -ор, -ат/ят, -ия, -ият,-анда, -янда, -каш, -манд ва ғ.*

Дар забони англисӣ ба ин гурӯҳ як қатор суффиксҳои сермаҳсулро дохил кардан мумкин аст, ки онҳо суффиксҳои исмсоз ба ҳисоб рафта, дар созмон додани муродифоти исм иштирок менамоянд: *-er, -or, -ee, -ete, -man, -ist, ness, -ism, -ity, -dom, -ship, - ation, -hood, acy,- ery, ment, age* ва ғ. масалан:

сарсилсила	муродиф	истифодаи суффикс
тоҷир	савдогар	-гар
муҳофиз	ҳимоятгар	-гар
бинокор	сохтмончӣ	-кор, -чӣ
пардозгар	пардозчӣ	-гар, -чӣ
ҳофиз	ашӯлачӣ сароянда	-чӣ -анда
муаллим	таълимдиҳанда	-анда
донишҷӯ	хонанда	-анда
толори маҷлис	маҷлисгоҳ	-гоҳ
гадо	талбанда	-анда
хунукӣ	сардӣ	-ӣ

Чи тавре ки дар ҷадвал ба сифати намуна нишон додем, бо воситаҳои калимасозӣ зиёд шудани калимаҳои синонимӣ, агар аз як ҷиҳат ҳолати маъмулии забон бошад, аз тарафи дигар боиси ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ мегарданд. Ҳамин хусусиятро, чи тавре ки болотар зикр кардем, исмҳо дар забони англисӣ низ доранд:

сарсилсила	муродиф	истифодаи суффикс
student	learner	-er
dark	darkness	-ness
growth, progress	development	-ment
amity	friendship	-ship
action	activity	-ity
departure	set-off	-ture
navigation	swimming	-ing
builder	constructor, designer	-or, -er
power	ability	-ity
strenth	intensity	-ity

Ҳамин тариқ, омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар забонҳои мавриди таҳқиқ на танҳо иқтибосҳо, балки барои ба вуҷуд омадани синонимҳо тамоми воситаҳои пурмаҳсул мусоидат мекунанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки рушду инкишофи таркиби луғавии забон аз ҳисоби калимасозӣ низ яке аз манбаъҳои асосии падид омадани синонимҳо дар ҳарду забонҳо мебошанд. Аз ин рӯ, аз назар гузаронидани ҳамин хусусиятҳо мувофиқи мақсад мебошад. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки бо роҳи калимасозӣ ба вуҷуд омадани синонимҳо, махсусан калимасозии исм дар созмон ёфтани ҷуфтҳои синонимии он робитаи қавӣ дорад. Яъне робитаи ибтидоие, ки калимаи нав бо аслаш зоҳир мекунад, хусусиятҳои ҳаммаъногии худро нигоҳ медорад.

Бояд таъкид сохт, ки ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ воситаҳои дар боло зикршуда дар исмҳо хеле сермаҳсуланд, ки барои ба миён омадани калимаҳои синонимӣ замина гузоштаанд. Баррасии бо чунин тарз ба миён омадани синонимҳо на

танҳо аз нигоҳи назариявӣ, балки аз нигоҳи амалӣ низ аз манфиат холӣ нест, зеро донистани ин гуна қонуниятҳо имкон медиҳад, ки мо дар истифодаи ин ва ё он калимаи зарурӣ ва интихоби маъно ба ғалаткории ифода роҳ надиҳем.

А Д А Б И Ё Т

1. Амонова Ф.Р. Мадхали забошносӣ. – Душанбе, 1992. – 95 с.
2. Виноградов В.А. Лексикология английского языка. – М.: Наука, 1977. – 312 с.
3. Каращук П.М. Словообразование английского языка. – М.: Высш. шк., 1977.- 303 с.
4. Камолиддинов Б. Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 123 с.
5. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ- тоҷикӣ. – Душанбе: Саҳбо, 2007. 1080 с.
6. Маҷидов Ҳ. Омезиши маъноии луғавӣ // Маърифат, 1977, № 9-12.-с.7-9.
7. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. –Душанбе: Маориф, 1995. -176 с.
8. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик. – Душанбе: Дониш, -1981.– С. 93.
9. Туйғунов Н.Х. Луғати мухтасари синонимҳои англисӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2010. -140 с.
10. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка. – Москва, 1972. -С. 51.
11. New Webster’s Dictionary of the English Language. College Edition, USA, Fifth Print, 1989. - 1856 p.
12. Gandelsman A. English synonyms. – Moscow, 1963. – 500p.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ИМЁН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В СИНОНИМИИ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье рассматривается словообразование имён существительных и их непосредственная связь в формировании синонимических единиц имён существительных. В ней анализируются способы формирования синонимов - существительных в английском и таджикском языках.

Ключевые слова: происхождение, словообразование**,** синонимы, важность, сравнение, общность.

WORD FORMATION OF THE NOUNS AND THEIR DIRECT CONNECTION TO FORMATION OF THE NOUNS - SYNONYMS

The article analyses the word formation of the nouns in English and Tajik languages and their direct connection to formation of the synonyms. At the same time, particular attention is given to the ways and methods of formation and derivation of the synonyms in the above mentioned languages.

Key words: derivation, word formation, synonyms, importance, comparison, similarity.

Сведения об авторе: ***Назриев Т.Р.*** **-**аспирант ТНУ. Телефон: **918-99-28-59**

НАҚШИ ПАСВАНДҲОИ ИСМСОЗ ДАР ЗУҲУРИ ВОЖАҲОИ СЕРМАЪНО ДАР ОСОРИ НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Замира Абдуллоева
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Дар осори Низомии Ганҷавӣ дар радифи унсурҳои луғавии зиёди гуногунсохт силсилаи калони вожаҳои муштақе дучор меоянд, ки дар баробари ба ин ё он маънои алоҳида ба кор рафтанашон, дар баёни ду ё зиёда маъно низ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Агарчи масъалаи **сермаъноии калимаҳои сохта** дар забони тоҷикӣ басо муҳим ба шумор меояд, он то ҳол ба таври алоҳида ва ҷиддӣ ба риштаи тадқиқ кашида нашудааст. Лозим ба ёдоварист, ки баъзе муҳаққиқон ҳангоми зикри сермаъноии ҳиссае аз воҳидҳои луғавии мухталифшакл доир ба ин самти масъала низ қайдҳои ҷолибе кардаанд. Чунончи, проф. Д. Т. Тоҷиев дар ҷараёни таҳлили вижагиҳои маъноии воҳиди луғавии «об» [9, 117], проф. М. Н. Қосимова ҳангоми баррасии хусусиятҳои калимасозии вожаҳои «об» [3,34-36], «оташ», «хок», «бад» [4, 184-185; 5, 23] аз хусуси баъзе маъноҳои чунин калимаҳо ишораҳои ҷолиб кардаанд. Аз ҷумла, проф. Д.Т.Тоҷиев дар бораи вожаи сохтаи «обӣ» андешаронӣ намуда таъкид кардааст, ки он дар матн метавонад дорои маъноҳои «рустаниҳои дар об мавҷуда», «асбоби бо об ҳаракаткунанда», «кабуд» ва монанди инҳоро дошта бошад [9,117].

Дар чанд соли охир баъзе муҳаққиқони ҷавони ватаниву хориҷӣ ҳангоми ба риштаи таҳлил кашидани феълҳои гуногунсохти осори бархе аз намояндагони аҳли адаби гузашта ба хусусияти сермаъноӣ зоҳир кардани чанде феълҳои сохта низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд [6, 15-19; 8,15-19; 10, 13-17].

Ишораи ин нукта айни маврид аст, ки олимони номбурда дар пажӯҳишҳои худ мақсади ба таври алоҳида таҳлил кардани хусусиятҳои сермаъноии калимаҳои мансуб ба исм ё сифатро нагузоштаанд.

Маводи фактологии осори манзуми асримиёнагӣ далели он аст, ки дар доираи ҳиссаҳои номии нутқ исму сифатҳои сохта на танҳо бо соҳиб буданашон ба вижагиҳои аҷиби калимасозӣ, балки боз бо доро гаштанашон ба маъноҳои зиёди ғайримаъмул аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фарқ карда меистанд. Ин хусусияти боризи онҳоро дар мисоли забони осори Низомии Ганҷавӣ нишон додан мумкин аст.

Шоири номбурда дар ҳамаи достонҳояш дастаи калони исмҳоеро мавриди истифода қарор додааст, ки тавассути пасвандҳо ташаккул ёфта, аксари онҳо бо хусусияти сермаъноии худ аз силсилаи дигари унсурҳои луғавӣ тафовут доранд. Чунин калимаҳоро аз лиҳози тарзи ташаккул ва доираи маъноӣ метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсимбандӣ кард:

1). Бояд гуфт, ки дар ҳамаи достонҳои Низомии Ганҷавӣ теъдоди зиёди калимаҳои сохта танҳо ба як маънои мушаххас мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аксари ин гуна воҳидҳои луғавӣ бештар бо ёрии пасвандҳои -ӣ, -анда, -иш, -а, -вар ва монанди инҳо ташаккул ёфтаанд. Ба сифати намуна ин ҷо метавон вожаҳои «**ҷодуӣ»**, «**ҷонвар»**, **«даманда», «ширинӣ»** ва монанди инҳоро зикр намуд. Чунин воҳидҳои луғавӣ, дар навбати худ, вобаста ба он ки чӣ гуна маъно: аслӣ ё иловагиро ифода менамоянд, боз ба зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Масалан, ду калимаи аввали фавқуззикрро Низомӣ ба ҳамон маъноҳои маъмули имрӯзаашон ба кор бурдааст:

Накисо дар тараннум **ҷодуӣ** сохт,
Пас он гаҳ ин ғазал дар роҳуӣ сохт.
(8, ҷ.1, с. 333)
Шигифте нашуд, к-оби ҳайвон гуҳар,
Кунад моҳии мурдаро **ҷонвар**.
(8, ҷ. 4, с. 434)

Вале дар байтҳои зерин шоир воҳидҳои луғавии **даманда** ва **ширириро** мутаносибан ба маъноҳои «равшан, тобон, сӯзон» ва «ришва, пора» мавриди истифода қарор додааст:

Зи шамъи **даманда** чунон рафт нур,
К-аз ӯ монд бинандаро чашм дур.
(1, ҷ.7, с. 9775)
Ба зар низ дилситон к-аз дин барояд,
Бад-ин **ширинӣ** аз Ширин барояд.
(1, ҷ.9, с.12959)

Мо бо мақсади нишон додани услуби хоси Низомӣ дар ин масъала ин гуна вожаҳоро дар се фарҳанг [1; 11; 12] муқоиса намудем. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маъноҳои: 1) «ғурранда, ғурросзананда; фарёдкунанда». 2) «туғёнкунанда, ҷӯшанда, хурӯшон, болобароянда»-ро доро будани калимаи «**даманда**» ишора шудааст [11, ҷ.1, 319]. Аз фарҳанги мазкур мо вожаи «**ширинӣ**»-ро пайдо накардем. Мураттибони «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» низ аз хусуси чунин маъноҳои ҳар ду вожа ишорае накардаанд [12, ҷ. 1,404; ҷ. 2, 645], аммо А. Деҳхудо истифода шудани ҳар ду воҳиди луғавиро ба маъноҳои зикргашта қайд намудааст [1, ҷ. 7, 9775; ҷ. 9,12959].

Чунонки қаблан қайд гардид, теъдоди ин гуна калимаҳо зиёд буда, ба силсилаи онҳо боз унсурҳои луғавии «**пеша»**, «**кабудӣ»**, «**тундӣ»**, «**гузориш»**, «**ҷонвар»** ва ғайраҳо мансуб ҳастанд.

2). Таҳлилу муқоиса нишон медиҳад, ки муаллифи «Хамса» миқдори зиёди чунин воҳидҳои луғавиро асосан ба ду маъно ба кор бурдааст. Лозим ба таъкид аст, ки ин навъи вожаҳо бештар бо ёрии пасвандҳои -а, -ӣ, -манд, -гоҳ, -иш, -ур, -обод ва монанди инҳо ташаккул ёфтаанд. Ба қатори чунин калимаҳо метавонанд воҳидҳои луғавии «**арҷманд»** (ба маъноҳои: 1) гаронбаҳо, пурбаҳо: маро бо чунин гавҳари арҷманд, ҳамин ҳоҷат ояд ба гавҳар писанд; 2) сазовор, лоиқ: сипаро ҷавоби чунон арҷманд, басанд омад аз шаҳриёри баланд- [1, ҷ.1,1412], «**молиш»** (ба маъноҳои: 1) мондагӣ, кӯфтагии роҳ: тане, к-он ҳама молишу тоб ёфт, ба молишгар осоишу хоб ёфт [8, ҷ. 4, 287]; 2) ҷазои амали бад: фиристод чандон бад-ӯ ганҷу мол, к-аз ӯ дур шуд молиши бадсигол [1,

ҷ.12, 17645], «**меҳнатобод»** (ба маъноҳои: 1) ҷои меҳнат, меҳнаткада: касе, к-ӯ шудӣ ноумед аз ҷаҳон, дар он меҳнатобод гаштӣ ниҳон; 2) киноя аз дунё: чу рӯзе бигзарам з-ин меҳнатобод, аз он тарсам, к-аз ин ҳам н-оварӣ ёд [1, ҷ. 12, 18061], «**муздур»** (ба маъноҳои:1. шахси коркунанда ва муздгиранда: ба ободиш дор маншури хеш, ки ҳар кас диҳад ҳаққи муздури хеш; 2. шогирд, чокар: аз ҷарас нафас баровар ғирев, бандаи дин бош, на муздури дев [1, ҷ.12,18324] ва ғайраҳо мансуб бошанд.

Бояд гуфт, ки мақоми пасвандҳои созандаи исмҳои сермаъно дар осори шоири номбурда ягона нест. Бархе аз чунин пасвандҳо на танҳо дар маъносозӣ фаъол ҳастанд, балки дар ташаккули воҳидҳои луғавии нав низ хеле зиёд ба кор рафтаанд. Намунаи равшани ин гуна унсурҳои калимасоз пасванди -ӣ буда метавонад. Дар осори Низомӣ бо ёрии он вожаҳои сермаънои «**тундӣ**» (1. -дурушт, сахтӣ: ба тундӣ гуфтам, эй бахти баландам, на ту қассобиву ман гӯспандам; 2. -тезӣ ва чустиву чолокӣ: аз он тезтар хусрави пилтан, ба тундӣ даромад ба он аҳриман [1, ҷ. 4, 6156-6157], «**чобукӣ**» (1.-чолокӣ , тундӣ: мекард ба чобукӣ шикебе, медод фиребро фиребе [8, ҷ. 2, 246]; 2. -аспи роҳраверо гӯянд, ки агар тозиёна бар ӯ зананд, роҳ ғалат накунад: на чобук шуд ин чобукӣ тохтан, каманде ба кӯҳе дарандохтан [1, ҷ. 5, 6982], «**чавгонӣ**» (1. -хамида, дуто: бар дари мақсураи рӯҳоним, гӯй шуда қомати чавгоним; 2. -аспи қобили чавгон: Сикандар, ки аз хусравон гӯй бурд, инонро ба чавгонии худ супурд [1, ҷ. 5, 7310-7311] «**гармӣ**» (1. -тундӣ, хашм: ҷаҳондор чун номаро кард гӯш, димоғаш зи гармӣ даромад ба хеш; 2. ҷалдӣ, тезравӣ, шитоб: ба гармӣ кори оқил беҳ нагардад, ба так донӣ, ки буз фарбеҳ нагардад [1, ҷ. 11, 16856] ва даҳҳо калимаи дигар сохта шудаанд.

Баъзеи ин гуна пасвандҳои калимасоз ба вожаҳои мустақилмаъно дар ду гуна ҳамроҳ гардидаанд, ки намунаи он метавонад унсури –**го**ҳ бошад. Ин пасвандро шоир ба ҷуз шакли мазкур боз дар мувозии **-га**ҳ низ мавриди истифода қарор додааст. Ҳар ду шакли пасванди мазкур ба калимаи **дар** ҳамроҳ гашта, дар натиҷа вариантҳои «**даргоҳ**» ва «**даргаҳ**» пайдо гардидаанд. Алиакбари Деххудо роҷеъ ба ҳар ду шакли зикрёфтаи ин воҳиди луғавӣ мулоҳиза ронда, маъноҳои гунаи «**даргоҳ**»-ро: 1) «остон, остона, остонаи мулук, салотин; пешгоҳи кох»; 2) «дарбор, қаср, кох» ва семантикаи калимаи дувумро: 1) «остон, остона» ва 2) «мадхали боргоҳ, дари хонаи бузургон» эзоҳ додааст ва ба сифати шоҳид байтҳои зеринро овардааст:

Даргоҳи ту қиблаи суҷудам,
Зинда ба вуҷуди ту вуҷудам.
(8,ҷ. 2, с. 109)
Ба даргоҳи Меҳинбону шабонгоҳ,
Шуданд он ахтарон бе талъати моҳ
(1,ҷ.7, с. 9351)
Ҷаҳон аз даргаҳаш тоқе камина-ст,
Бар ин тоқи осмон ҷом обгина-ст.
(1,ҷ.7, с. 9357)
Бар он даргаҳ чу фурсат ёбӣ, эй бод,
Биёр ин хоҷатоши хешро ёд.
(1, ҷ.7, с. 9358)

Баъзан чунин ҳам шудааст, ки яке аз чунин вариантҳо дар ифодаи ду, дигаре дар баёни се маъно мавриди истифода қарор гирифтаанд. Масалан, Низомӣ гунаи «**хобгоҳ**»-ро ба маъноҳои: 1) «ҷои истироҳат» (ҳар кӣ дар ин роҳ кунад хобгоҳ, ё сараш аз даст равад, ё кулоҳ [1, ҷ.6, 8717] ва 2) «бистар» (дидам афканда бар бисоти баланд, хобгоҳи ту парниёну паранд [1, ҷ. 6, 8783], вале шакли «**хобгаҳ**»-ро дар ифодаи: 1. «утоқи хоб, ҷои оромидан» (ба ҳар манзиле к-оварӣ тохтан, нашояд дар ӯ хобгаҳ сохтан [1, ҷ. 6, 8784]; 2.«бистар, фарш» (он хобгаҳаш гаҳе, ки хуфтӣ, рӯбоҳ ба дум замин рӯфтӣ [1, ҷ.6, 8784] ва 3. «мадфан, гӯр, қабр» (чу аз чашми гиряндаи ашкбор, бар он хобгаҳ кард лахте нисор [1, ҷ. 6,8784] ба кор бурдааст.

Қисме аз унсурҳои луғавии дар осори шоир истифодагашта танҳо бо ду маъно маҳдуд намонда, балки баъзан то чор маъноро низ ифода кардаанд. Чунончи, Низомӣ вожаи «**мардумӣ**»-ро ба маъноҳои: 1) «муруввват, одамият» (соҳибҳунаре ба мардумӣ тоқ, шоистатарини ҷумла офоқ [8, ҷ.2, 77], 2) «бузургворӣ» (мардумӣ кард дар

ҷаҳондорӣ, мардумӣ беҳ, ки мардумозорӣ), 3) «мардонагӣ, пойдорӣ» (мардиш мардумишро бифрефт, мард буд, аз думи занон нашгифт [1, ҷ.12, 8232], 4) «вафо» (вафо мардист, бар зан чун тавон баст, чу зан гуфтӣ, бишӯй аз мардумӣ даст [1,ҷ.12, 18232] мавриди истифода қарор додааст.

Чунин ҳолат на танҳо ҳангоми ба ин ё он вожа ҳамроҳшавии ягон пасванди алоҳида, балки дар мавриди пайвастгардии якҷояи ду унсури созандаи калимасоз низ мушоҳида мешавад. Аз рӯйи мушоҳидҳои мо, дар ибтидо ба вожаҳо пасвандҳои гуногун ҳамроҳ шуда, баъдан ба ин унсурҳои калимасоз ҳамеша пасванди -ӣ илова гардидааст. Дар натиҷа, ба воҳидҳои луғавӣ пасвандҳои -варӣ,-ворӣ, -гарӣ, -нокӣ ва ғайраҳо ҳамроҳ шуда, сабабгори ташаккули калимаҳои сохтаи зиёде гаштаанд. Воҳидҳои луғавии «**бозигарӣ**» (1. -шуъбада, чашмбандӣ, фиреб: даромад ба бозигарӣ сохтан, чу гардун ба ангуштарӣ бохтан; 2. -рақс, раққосӣ: барорoста қавсро Муштарӣ, Зуҳал дар тарозу ба бозигарӣ), «**хатарнокӣ**» (1.-ҳолати хатарнок: аз он се, ки дидам, дилам пора шуд, хирад з-он хатарнокӣ овора шуд; 2. -боарзишӣ, пурбаҳоӣ: чу гавҳар ниҳодасту гавҳарнажод, хатарнокии гавҳар орад ба ёд [1, ҷ. 6, 8667] ва силсилаи дигари калимаҳо метавонанд далели гуфтаҳои фавқ бошанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили чанд гурӯҳи вожаҳои сохта маълум мегардад, ки Низомии Ганҷавӣ ҳамчун шоири тавоно на фақат дар эҷоди калимаҳои нав маҳорати беназир дорад, балки боз дар истифодаашон ба маъноҳои мухталиф низ услуби ба худ хосе дошта, онҳоро мавридшиносона ба кор бурдааст. Дар ташаккули ин гуна маъноҳо танҳо пасвандҳои алоҳида ширкат надошта, инчунин ду ё зиёда унсурҳои калимасоз низ иштирок кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Деҳхудо А. Луғатнома. Ҷилдҳои 1,3,4,5,6,7,9,11,12. -Теҳрон, 1373.
2. Касимов О. Х. Лексика «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси. Автореф. докт. филол. наук. -Душанбе, 2011. -53 с.
3. Қосимова М. Н. Об дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ. -Душанбе: Деваштич, 2003. -102 с.
4. Қосимова М. Н. Чор унсур: маъниофарӣ, калимасозӣ (дар асоси маводи «Маснавии маънавӣ»). -Душанбе: Деваштич, 2007. -265 с.
5. Қосимова М. Н. Вожаи «бад»: маъно, калимасозӣ, вазифаҳои грамматикӣ (дар асоси осори асрҳои IX-X). -Душанбе, 2011. -91 с.
6. Мирмухаммедов О. Т. Семантические поля разноструктурных глаголов «Таърих-и Байхаки». Автореф. канд. филол. наук. -Худжанд, 2011. -26 с.
7. Саиди Б. Ф. Глагольная лексика в «Таърихи Бейхаки». Автореф. канд. филол. наук. Душанбе, 2009. -24 с.
8. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Ҷилдҳои 1-5. –Душанбе: Ирфон, 1983-1984.
9. Тоҷиев Д.Т. Осори мунтахаб. –Душанбе: Деваштич, 2005. -С. 108-138.
10. Усмонов Р. А. Глагольная лексика в «Маснавии маънавӣ». Автореф. канд. филол. наук. Худжанд, 2003. -23 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилдҳои 1-2. –М.: Советская энсиклопедия, 1969.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилдҳои 1-2, -Душанбе, 2008.

РОЛЬ СЛОВООБРАЗУЮЩИХ СУФФИКСОВ В ПОЯВЛЕНИИ МНОГОЗНАЧНЫХ СЛОВ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ НИЗАМИ ГЯНДЖЕВИ

Низами Гянджеви – азербайджанский поэт, мыслитель, философ, писал на языке фарси. Жил и творил в 12 в. Наследие поэта с давних времен было в центре внимания ученых-филологов Востока. В традиции известно огромное количество антологий, в которых упоминается имя поэта, даются, хоть и краткие, сведения о биографии и сочинениях Низами. Низами в своих произведениях не оставлял без внимания актуальные проблемы времени и из произведения в произведение совершенствовал их темы. Они составляли гуманистическую концепцию творчества Низами. В данной статье автором подвергнута изучению и рассмотрению роль словообразовательных суффиксов в образовании многозначных слов в наследии Низами Гянджеви.

Ключевые слова: Низами Гянджеви, языкознание, словообразовательные суффиксы, многозначные слова.

THE ROLE OF СЛОВООБРАЗУЮЩИХ SUFFIXES IN THE APPEARANCE OF WORD MEANINGS IN THE WORKS OF NIZAMI GANJAVI

Nizami Ganjavi Azerbaijani poet, thinker, philosopher, wrote in Farsi. Lived and worked in the 12th century poet's Heritage from the ancient times, was in the focus of scientists-philologists East. In the tradition there are numerous anthologies, which mentioned the name of the poet was given to, though brief, information about the

biography and works of Nizami. Nizami in their works not left without attention actual problems of time and from work to work perfected their themes. They were the humanistic concept of Nizami. In this article the author subjected to examination and review, the role of derivational suffix in education of word meanings in the heritage of Nizami Ganjavi.

Key words: Nizami Ganjavi, linguistics, derivational suffix and polysemantic words.

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Замира*** – соискатель ХГУ им. Б.Гафурова. Телефон: **928201085**

ҶУМЛАИ СОДАИ ЯКТАРКИБАИ МУАЙЯНШАХС ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

М. Р. Назарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оид ба ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс ҳамчун як навъи ҷумлаи содаи яктаркиба дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқон фикру ақидаҳояшонро изҳор намудаанд. Дар таҳқиқи назарии ҷумлаи яктаркиба дар забоншиносии рус А.А. Шахматов саҳми бузург гузоштааст ва онро чунин тавсиф кардааст: «Член предложения, соответствующий по своему значению сочетанию субъекта и предиката, мы называем главным членом односоставного предложения» [20, 36]. Дар таҳқиқи сохти ҷумлаи яктаркиба В.В. Бабайцев, А.М. Пешковский, В.В. Виноградов. ва Н.Д. Арутюнова саҳми арзанда гузоштаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар бештари корҳои назариявии олимони хориҷӣ, аз ҷумла олимони англис масъалаи ҷумлаи яктаркиба ба миён гузошта нашудааст.

Дар забоншиносии тоҷик то охирҳои солҳои шастуми асри XX на дар китобҳои дарсӣ ва на дар асарҳои ҷудогона оид ба ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс маълумот набуд. Бори аввал дар забоншиносии тоҷик профессор Д.Т. Тоҷиев оид ба ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс дар мақолааш бо номи «Оид ба ҷумлаи содаи яктаркиба» [18;1966] маълумоти мухтасар додааст. Вай хусусияти семантикии ҷумлаи содаи яктаркиба ва роҳи ифодаи хабарро дар он нишон дода, чунин мисолҳо овардааст: “Рӯзе дар лаби ҳавзи Девонбегии Бухоро сайёҳат карда мегаштам. Ба навозиши модарат табассум кардӣ. Ба омӯзиши падарат писханд задӣ. Бо ҳаёт гӯштин гирифтӣ.” Баъдтар Ш. Рашидов дар мақолааш аломату хусусиятҳои ҷумлаи содаи муайяншахсро то андозае нишон додааст.

Дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» - Б. Ниёзмуҳаммадов ва Ш. Рустамов оид ба ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс, чунин маълумот додаанд: «Ҷумлаи бемубтадое, ки иҷрокунандаи амал - мубтадо, аз хабари он муайян мегардад, ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс ном дорад. Сардори бригадаи истеҳсолии мактаб мешавӣ? Аз пагоҳ то бегоҳ туро кофтам. Пагоҳ ба саёҳат мебароем» [9:86]. Дар китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» барои мактабҳои олӣ, (соли 1970) оид ба ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс чунин гуфта шудааст: «Амал ба воситаи хабари феълӣ ифода мешавад». Мувофиқи маълумоти китоби «Маҷмӯаи машқҳо ва синтаксиси забони тоҷикӣ» аз хабари ҷумлаҳо соҳиби амал маълум аст ва воситаи ифодаи шахс дар ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс бандаки феълӣ аст [9,1976]. Ш. Рашидов дар рисолааш бо сиғаи хабарӣ, шартию-хоҳишмандӣ, ҳиссаҳои номии нутқ ва феълҳои ёридиҳандаи «будан» ва «шудан» дар шахсҳои якум ва дуюми танҳову ҷамъ ифода ёфтани хабари ҷумлаи яктаркибаи муайяншахсро нишон медиҳад [11,31]. Баъдан М. Норматов ва Ш. Рашидов таъкид мекунанд, ки «хабари ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс на танҳо феълӣ, балки номӣ ҳам мешавад ва хабари ин навъи ҷумлаҳо на танҳо аломат, балки амалу ҳаракат ва ҳолатро низ ифода карда, ба иҷрои амал на фақат бандакҳои феълӣ, балки бандакҳои хабарии шахсӣ низ далолат карда метавонанд [10, 8].

Дар байни англисшиносони рус ақидаи ягона оид ба мавҷудияти ҷумлаи содаи яктаркиба набуд. Муҳаққиқон чунин меҳисобиданд, ки дар забони англисӣ дар ҳолати ҷудо кардани ҷумла аз сохтори мубтадою хабар нутқ дар бораи яктаркибагии ҷумла не, балки дар бораи нопуррагии ҷумла меравад (Ученый считает, что в случае «отклонения» английского предложения от подлежашно – сказуемостной структуры реч

идёт не об односоставности, а об эллипсе) [5,178]. Stop and speak to me – You listen to me. Sewer weather, Sam - It is sewer weather [5,180-183]

Зимнан бештари забоншиносони рус қабул кардаанд, ки дар забони англисӣ ҷумлаи яктаркиба мавҷуд аст [14,51]. (Каушансая, Ковнер. 1963. с124. Хаймович, Роговская, 1967. с241; Ильиш 1971. с.252-262. Почепцов.- 1971 с. 49. 103, М. Я. Блох ва дигарон). Аз ҳама бештар ҷумлаи содаи яктаркиба аз тарафи М. Я. Блох васеъ нишон дода шудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки дар забони англисӣ дилхоҳ ҷумлае, ки мубтадо ё хабар надорад ва қатъи назар аз барқароршавии аъзои набудааш дар матн ҷумлаи яктаркиба мебошад. М. Я. Блох нуқтаи назари худашро чунин нишон додааст:

1) «Между односоставным и двусоставными типами предложения нет четкой демаркационной линии.» (Дар байни навъҳои ҷумлаи яктаркиба ва дутаркиба аломати муайяни фарққунанда нест.)

2) «Любое односоставное предложение можно соотнести с двусоставным». (Дилхоҳ ҷумлаи яктаркиба имкони ба ҷумлаи дутаркиба баргардонданро дорад): Come on! Подразумивает кто должен произвести действие. (Come on!- Маълум аст, ки касе бояд амалро иҷро кунад.) All right! Имеет четкую соотнесенность с каким - то явлением действительности» (All right!- бо ким кадом ҳодисаи воқеӣ муносибати аниқ дорад) ва. ғ [6, 208 – 270]. Бо чунин тасвир М. Я. Блох ҷумлаи яктаркибаро ба ду гурӯҳ тақсим кардааст:

1). Ҷумлаҳои яктаркибаи озод (свабодные односоставные предложения), ки дар он мубтадо ё хабари дар ҷумла набуда, аз матн барқарор шуда метавонад. Glad to see you after all these years. Who' ll meet us at the airport? Mary;

2). Ҷумлаҳои яктаркибаи қатъӣ (фиксированные односоставные предложения в которых подлежащее или предикат не могут быть в восстановлены из контекста с такой же легкостью, а главное - семантическое точностью, как в случае со свободными односоставными предложениями), ки дар он мубтадо ё предикат аз матн ба осонӣ фаҳмида намешавад*: No answer for a long time.* Баъзе аз муҳақиқон қайд кардаанд, ки *No answer for a long time* фикран бо *There was no answer for a long time* ё *No answer was given for a long time* монанданд ва чунин навъи ҷумлаҳои яктаркибаро ба ҷумлаи дутаркиба баргардондан мушкил аст.

С. Р. Давлатович қайд мекунад, ки ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс дар забони тоҷикӣ нисбат ба дигар оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ истифодаи васеъ доранд. Инчунин ӯ нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ хабари ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс дар шахси сеюми ҷамъ ва баъзан дар шахси сеюми танҳо низ ифода шуда метавонад. Шахси сеюми ҷамъ бо ифодаи пасванди «-анд» ва «-янд» барои ифодаи ҳурмат ва эҳтиром шахси дуюми танҳо мешавад.

Тақсирамон аз кадом қишлоқанд? Дар чунин ҷумлаҳо иҷрокунандаи амал шояд гӯянда бошад ё ҳамсуҳбати вай, яъне чунин навъи ҷумлаҳо якчанд умумияти сохторию семантикӣ доранд. Ифодаи хабари ҷумлаи содаи муайяншахс дар шахси сеюми танҳо низ ифода ёфта метавонад. Чунин шакл ба ҷумлаи содаи номуайяншахс наздик аст, лекин дар он иҷрокунандаи амал худи гӯянда шахси якум мебошад: Аз назди тарозу дур шав, ба ту мегӯянд. Баро, ба ту гуфта истодаанд [17,14].

Г. О. Валеревна дар рисолааш бо номи «Односоставное предложения в русском, английском и немецском языках в сопоставительном аспекте» чунин қайд кардааст: «Мо ба ақидаи бисёре аз таҳқиқотчиён ҳамроҳ шуда ҷумлаҳои яктаркибаро бо навъҳои зерин дар назар дорем: шахсӣ / муайяншахс, умумишахс, номуайяншахс, бешахс /масдарӣ (инфинитивные) ва номинативӣ». Ӯ чунин зикр кардааст, ки дар забони англисӣ ва олмонӣ ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс нест. Аксарияти ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс дар забони русӣ муродифи дутаркибагӣ бо мубтадо – ҷонишинҳои (я, ты, мы, вы) доранд. Чунин навъи сохтори ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс дар забони англисӣ ва олмонӣ сохтори дутаркиба мегиранд, ки чунин ҳолат дар тарҷумаи ҷумлаҳои содаи муайяншахси тоҷикӣ ба забони англисӣ мушоҳида карда мешавад. Мисол: Рафта ӯро гирифта овардам [15,42]. ~ I fetched him [16, 76].

Устоамакро ҷеғ зада овардам [15,111]. ~ I Shouted for Usto Amak[16,167]. Додарҳои хурд дорем [15,127]. We have younger brothers [16,191]. Инчунин ӯ таъкид кардааст, ки ҷумлаҳои яктаркиба на танҳо муродифи сохтори дутаркиба мешаванд, балки муродифи

навъҳои гуногуни ҷумлаи содаи яктаркиба шуда метавонанад. Масалан, ҷумлаи содаи муайяншахс ҷумлаи бешахс ё ҷумлаи масдарӣ шуда метавонад [7,8].

Ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс як навъи ҷумлаи яктаркибаи феълӣ буда, дар он иҷрокунандаи амал - мубтадо аз хабари он маълум мегардад. Хабари ҷумлаи муайяншахс, чи тавре ки қайд кардем, асосан дар шахси якум ва дуюми танҳову ҷамъ ифода мегардад. Дар забони тоҷикӣ ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс нисбат ба дигар навъҳои ҷумлаҳои яктаркиба бештар дучор мешавад. Ин қолиби ҷумлаи яктаркиба дар асарҳои бадеӣ ниҳоят серистеъмоланд, ки мо дар муқоисаи онҳо аз дилхоҳ асари бадеӣ истифодаи васеъ карда метавонем. Дар баррасии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс мо аз «Ёддоштҳо» - и устод С. Айнӣ ва тарҷумаи он ба забони англисӣ бо номи «The Sands of Oxus» истифода кардем.

Чи тавре ки аз сарчашмаҳо маълум аст, хабари ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс бо шаклҳои гуногуни сиғаи хабарӣ дар замони гузашта ва ҳозираву оянда истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ аз ҳама бештар хабари ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс дар замони гузаштаи сиғаи хабарӣ ба назар мерасад, ки чунин шакл барои баён намудани воқеаву ҳодисаҳои рӯйдода хеле мувофиқ буда, гӯянда иштирокчии бевоситаи он мебошад.

Шахси якуми танҳо ва ҷамъи замони гузашта. Ҷумлаи содаи яктаркибаи феълии муайяншахс дар «Ёддоштҳо» -и устод Айнӣ ба таври фаровон ба назар расид. Чунончи: нон хӯрданашро ба падару модарам хабар додам [15,41]. Дар ҷумлаи фавқ сиғаи хабарӣ дар замони гузашта буда, бо бандаки феълии - ам ифода ёфтааст ва маълум, ки иҷрокунандаи амал шахси якуми танҳо – ман, мебошад. Дар хона аз қурпачаҳо як суфаи хуб сохтем [15,12]. Аз ин кор ҳар моҳ 100 – 200 танга меёбам [15, 48]. Хабари ҷумлаи дуюму сеюм низ бо сиғаи хабарии замони гузашта ифода ёфта, аз хабараш маълум, ки иҷрокунандаи амал дар ҷумлаи дуюм шахси якуми ҷамъ ва дар ҷумлаи сеюм шахси якуми танҳо мебошад. Чунин навъи ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс дар тарҷумаи англисиашон сохтори дутаркибагӣ мегиранд. Чунончи*:* ~ *I told* my parents eating bread of him[16,75]. ~ *We' ve made* a very good sufa out of quilts…[16,40]. ~ *I … earn* between a hundred and two hundred tangas a month teaching them[16,85]. Дар ҳар се ҷумла ҳам сараъзоҳои ҷумла – мубтадову хабар иштирок доранд. Дар забони англисӣ иштирок надоштани яке аз онҳо (мубтадо ва хабар) дар чунин сохтори ҷумлаҳо ғайри имкон аст, ки ин аз вижагиҳои наҳви забони англисӣ мебошад.

Дар забони тоҷикӣ хабари ҷумлаи муайяншахс бо шакли ҳикоягии замони гузашта низ ифода меёбад:

Аз рӯд гузашта бо Эргаш ба пеши бачаҳо баромадем [15,21]. ~ *I crossed* over and joined Ergash and other boys [16, 51]. Ҷумлаи тоҷикии фавқ – ҷумлаи яктаркибаи феълии муайяншахс буда, иҷрокунандаи амал аз хабари ҷумла маълум аст, ки шахси якуми ҷамъ – мо мебошад. Дар ҷумлаи англисӣ сараъзоҳои ҷумла – мубтадо ва хабар пайи ҳам омадаанд ва ҷумла сохтори дутаркибагӣ гирифтааст.

Оқибат муаллақзанон ба замин ғалтидам [15,96]. ~ - Finally *I was thrown* head over the heels into the ground [16,148].

Ҳамон рӯз фурсате ёфта мактубро ба Ҳабиба супурдам [15,63]. ~ During the course of the day *I found* an opportunity to hand it to Habiba [16,163]. Дар ҷумлаи дуюм ва сеюми тоҷикӣ иҷрокунандаи амал зикр наёфта, бандаки феълии - ам бевосита шахси якуми танҳо будани онро муайян мекунад. Дар тарҷумаи англисии ин ҷумлаҳо ҳар ду сараъзои ҷумла – *I was thrown* (дар ҷумлаи дуюм) ва *I fond* (дар ҷумлаи сеюм) ифода ёфтаанд. Яъне сохтори навъи ҷумлаҳои яктаркибаи феълии муайяншахсе, ки бо шакли ҳикоягии замони гузашта ифода ёфтаанд, низ дар тарҷумаи англисиашон дутаркиба мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ хабари ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс дар шакли инкорӣ дар шакли ҳикоягии замони гузашта низ зиёд дучор мешавад, ки дар тарҷумаи англисиашон сохтори дутаркибагӣ мегиранд:

Лекин аз гиряи беовоз худдорӣ карда натавонистам [15,113]. ~ But *I could not help* crying silently [16,171].

Дар он ҷо чизеро намедидам. ~ *I didn' t see* anything there.

Шахси дуюми танҳо ва ҷамъи замони гузашта. Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахсе, ки хабарашон бо шахси дуюми танҳову ҷамъи сиғаи хабарӣ ифода меёбанд, бештар дар диалог мушоҳида мешаванд. Иҷрокунандаи амалро дар

чунин навъи ҷумлаҳо аз рӯйи бандакӣ феълӣ ба осонӣ муайян карда метавонем. Ин навъи ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс низ дар тарҷумаи англисиашон сохтори дутаркибагӣ доранд:

- Аз ёд байт медонӣ? [15,125] ~ *Do you know* any verses by heart [16,189]? - Ба кӣ кор доретон [15,19]? ~What *do you want*? [16,49]

- Ба ҷуворӣ дубора об додӣ? [15,110] ~ *Have you watered* the sorghum again [16,166]?

– Дер наменомонӣ, як даҳан гап мешунавӣ, меравӣ …[15,63] ~ "*You won't be late,*" he called. " *I just want* a quick word with you" [16,104].

Хабари ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахсе, ки дар шакли нақлии замони гузаштаи сиғаи хабарӣ ифода ёфтаанд:

- Аризаро ба амир расонидед? [15,52]. ~ "Have you sent the petition to the emir.» [16,91]

- Барои чӣ ба як нигоҳ шаҳр меравед? [15,95] ~ "Why *are you going* to the city without warning me?» [16,146].

- Аризаро аз номи кӣ навиштед? [15,52] ~ "In whose name *did you write* the petition?" [16,91]

Ҷумлаҳои содаи яктаркибае, ки хабарашон бо замони ҳозира - ояндаи сиғаи хабарӣ ифода меёбанд:

Ба ёбон ба тамошо мебароем, ба ҷавоб гирифтан омадем [15,20]. ~*" I' ve come* to ask if I can go out for a walk» [16,50].

Якеро фурӯхта дар зимстон харҷ мекунем, дигареро кушта тор кашида мехӯрем [15,120]. ~ "If *I sell* one we' ll have money to see us through the winter, and we can slaughter, salt and eat the other" [16,181].

Чи тавре ки аз таҳлили ҷумлаҳо дида гузаштем, ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахсе, ки хабарашон бо сиғаи хабарии замони гузашта ва ҳозираю оянда ифода ёфтааст, дар тарҷумаи англисиашон сохтори дутаркибагӣ доранд.

Ифодаи хабари ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс бо сиғаи амрӣ. Ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахсе, ки хабарашон бо сиғаи амрӣ ифода ёфтааст, дар баъзе ҳолатҳо дар тарҷумаи англисиашон сохтори яктаркиба доранд. Иҷрокунандаи амал дар чунин ҳолат ба шахси дуюми танҳо ё ҷамъ таалуқ дорад:

а) *амру фармон:* Ин тавр бошад ба назди падарам рафта « ҳалвои равғанӣ гирифта диҳед» гуфта зорӣ кун [15,16]! ~ "Then *go and beg* father for some[16,46]!" – Ба замин рез [15,22]!... ~ *" Pore* them on the ground [16,52]!" Чоятро тез тайёр кун [15,23]! ~ "Hurry with the tea [16,53]"… ~ Бас кунед [15,85]! ~ Enough for now [16,133]! Пешакӣ шодӣ накунед [15,85*]! ~Don't crowd* too soon [16,133]!

б) *орзуву хоҳиш:* Ба ҳазор дароӣ [15,43]!... ~ "May *you live* a thousand years [16, 171]" ~ Ана ҳамон гандумро бар [15,33]! ~ You can have it [16,65]. (you can have that weat)

в) *таъкид:* - Сабр кунед баъд мефаҳмед [15,324]!... ~ Have patience then you'll understand! … Ин пулро гиру аз ин шаҳр бадар рав [15,312]! ~ *Take this money and go away* from this town! Рухсат диҳед ва ҳушёр бошед [15,344] ! ~ *Give* permission, and be care!

Хабари ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс бо сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ низ ифода меёбад:

Биёетон, ҳашарчиҳоро «монда нашавед!» гӯем! [15,55] ~ *" Let's wish* the workers godspreed [16,94]." - Чаро тарсам? Магар аз падари худ метарсам! [15,111] ~ "Why should *I be*?" "How could *I be afraid* of my father?" [16,168]

Ифодаи хабари ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс бо ҳиссаҳои номии нутқ: Хафтаи оянда адаби ғиждувониҳоро медиҳем! [15, 85] ... ~ Next week *we'll teach* the Ghijduvon team a lesson [16,132]. … Магар 12- сола ҳаққи хизматам ним ҷувол гандум мешавад? [15,33] ~ Is half a sack of weat all *I get* for twelve years of labour? [16,65]

Чи тавре маълум аст, дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс аз рӯйи мақсади гуфтор ва оҳанг ҳикоягӣ, саволӣ ва амрию хитобӣ мешаванд ва онҳо ҳам шаклан ва ҳам мантиқан ба зикр кардани иҷрокунандаи амал эҳтиёҷ надоранд, зеро дар ин навъи ҷумлаҳо иҷрокунандаи амал иштирок надошта бошад ҳам, онро мо бевосита аз хабари он муайян карда метавонем. Хабар дар чунин навъи ҷумлаҳо ҳам маркази маъноии ҷумла ва ҳам маркази сохтории он шуда метавонад. Дар чунин навъи ҷумлаҳо калимаҳое ҷой дода мешаванд, ки мафҳуми наверо ифода карда, аксар ба

қисмати рема дохил мешаванд. Лекин дар тарҷумаи англисии чунин навъи ҷумлаҳо танҳо хабар, ҳам маркази маъноӣ ва ҳам маркази сохторӣ буда наметавонад.

Чи тавре ки аз сарчашмаҳо ва аз таҳлили ҷумлаҳо маълум гашт, дар забони англисӣ ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс сохтори дутаркибагӣ мегирад. Дар аксар мавридҳо танҳо аз як сараъзо иборат будани онҳо дар забони англисӣ ғайриимкон аст. Танҳо ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахсе, ки амру фармонро ифода мекунанд, дар баъзе ҳолатҳо дар тарҷумаи англисиашон сохтори яктаркибагӣ доранд ва аз мазмуни ҷумла маълум мегардад, ки иҷрои амал ба шахси дуюми танҳо ё ҷамъ тааллуқ дорад. Чунончи: Бас кунед! ~ Enough for now! Дур шав! ~ Go away! Инро гир! ~ Take this! Ин пулро гиру аз ин шаҳр бадар шав! ~ Take these money and go away from this town!

А Д А Б И Ё Т

1. Арутюнова Н. Д. Предложения и его смысл. - М., 1876. - 262с.
2. Арнольд И. В. Статистика современного английского языка. - М., 1990.- 300 с.
3. Аракин В. Д. Сравнительная типология английского и русского языков. - М., 1979. – 232с.
4. Бабайцев В. В. Односоставные предложения в современном русском языке. - М.,1968. – 160с.
5. Бархударов Л. С. Структура простого предложения современного английского языка. - М., 1966. – 199с.
6. Блох М. Я. О различении так называемых глубиной и поверхностной структура предложения.// Теоретические проблемы синтаксиса современных индоевропейских языков. - Л., 1975. – С.16- 20.
7. Валерьевна Г. О. Односоставные предложения в русском английском и немецком языках в сопоставительном аспекте. Афтореф. канд. филол. наук.
8. Ильиш Б. А. Строй современного английского языка. М., 1965. – 378с.
9. Қосимова М. Н., Камолиддинов Б. Маҷмӯаи машқҳои синтаксиси забони тоҷикӣ.- Душанбе, 1976.
10. Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Забони тоҷикӣ. Қ . 2.- Душанбе, 1983.
11. Норматов М., Рашидов Ш. Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба. - Душанбе, 1988.- 150с.
12. Рашидов Ш. Ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс. Мактаби советӣ, 1967. -№7.
13. Смирницкий. А. И. Синтаксис английского языка. М., 1957. – 284с.
14. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисми 1. Сарредаксияи Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2009. – 127с.
15. Тоҷиев Д. Оид ба ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс. Маориф ва маданият, 1966.- №49.
16. Harris, Z. S. String Analysis of Sentences Structure.The Hague, 1962.
17. Sadriddin Aini. The Sands of Oxus: Reminiscences of Sadriddin Aini. Mazda Publisher, - Iran, 1998. – 149 с.
18. Strang B. Modern English Structure. - London, 1974.

ОДНОСОСТАВНЫЕ ОПРЕДЕЛЕННО - ЛИЧНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ.

В статье рассматривается структура односоставных определенно - личных предложений на таджикском и английском языках. Автор статьи на основе материалов прозы устода Айни анализирует структуру односоставных определенно- личных предложений в таджикском и английском языках.

Ключевые слова: определенно - личные предложения, односоставное предложение, двусоставное предложение, структура односоставного предложения, структура двусоставного предложения.

ONE PART DEFINITELY- PERSONAL SENTENCE IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article considers the structure of one part definitely -personal sentence in Tajik and English languages. The author of article on the basis of materials of prose of ustod Aini analyzes the structure of one part definitely- personal sentence in Tajik and English languages.

Key words: definitely- personal sentence, one part sentence, two part sentence, the structure of one part sentence, the structure of two parts sentence.

Сведения об авторе: ***М.Р.Назарова –*** аспирантка Таджикского национального университета

ТАДҚИҚИ ЛИНГВОСТАТИСТИКИИ АНТРОПОНИМИЯИ ТОҶИКОНИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Ш. Ҳайдаров

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Душанбе дар оғози ташаккули давлати абарқудрати Шӯравӣ пойтахти навбатии давлату давлатдории тоҷикон гардида, ба гаҳвораи эҳёи дубораи миллати тоҷик, хонаи умеди ҳар фарди тоҷику тоҷикистонӣ табдил ёфт. Ин гаҳвораи зиёбахш ба истиқболи фарзандони вафодор ва сарсупурдаи миллат ҳанӯз аз рӯзҳои аввали таъсисёбии ҷумҳурӣ оғӯш кушода, онҳоро бо кулбаҳои фақирона ва кӯчаҳои хокфаршаш пешвоз

мегирифт. Ба ин шаҳри хурду назарногир, ки ҳатто номаш дар харитаи дунё сабт нашуда буд, аз чаҳор самти пойтахт арбобони илму фарҳанг, шоирону нависандагон, ходимони давлатию сиёсӣ, шаҳрсозону меъморон, хуллас фарзандони бедордили модари тоҷик гирд меомаданд. Ҳазорон мардони фидоӣ ҷойи гарму хонаҳои ободи худро дар шаҳрҳои хурду калон тарк намуда, роҳи Душанберо пеш мегирифтанд, то ки пойтахти тоҷиконро ба шаҳри пешрафтаи замонавӣ табдил диҳанд ва ба эҳёи навини давлати куҳанбунёду миллати сарбаланди мо мусоидат намоянд.

Бархе аз масоили таъриху фарҳанги маркази тамаддуни кунунии тоҷикон - шаҳри Душанбе дар баррасиҳои гуногунсоҳаи донишмандон арзёбӣ шуда бошад ҳам вале ҷиҳати гирдоварӣ ва таҳлилу тадқиқи фарҳанги мардумии бошандагони пойтахти имрӯзаи тоҷикон, бахусус эҷодиёти шифоҳӣ, лаҳҷаҳо, номҳои ҷуғрофӣ, номҳои одамон, лақабҳо ва чанди дигар то ҳол касе даст назада ва аз ин рӯ, коре ба сомон нарасида. Донишманди шинохтаи тоҷик, академик Муҳаммад Осимӣ дар сухани табрикотии хеш нисбати нашри моҳномаи “Мардумгиёҳ” маҳз ба ин ҷиҳати масъалаи фарҳанги мардум таваҷҷуҳу эътибори хоса додани сардабири маҷаллаи номбурдаро хоҳиш карда навиштаанд: “Душанбеи мо пойтахти имрӯзаи тоҷикон як деҳаи ноободе буд, ки инро мо аз ҳар гӯшаву канор аз Самарқанду Бадахшон, Бухорову Хатлон, Хуҷанду Зарафшон ва дигар ҷойҳо омада обод сохтем, ҳама расму ойин ва одатҳои рангоранги хешро овардем, ки дастраси дигарон низ шуд. Ин шаҳри васлу пайванди мардуми мо гашт. Агар аз мӯйсафедони ин шаҳр ҳикояту ривоятҳо ҷамъ оваред, аз ин ҷо гавҳарҳои зиёд марбут ва таърихи Душанбе пайдо мешавад” [Мардумгиёҳ, 1993, шумораи аввал, саҳ.9].

Бале, аз мӯйсафедон сарватҳои пурғановати мардумиро, аз қабили топонимҳо - номҳои ҷуғрофӣ ва вобаста ба ин ҳар гуна нақлу ривояти номҳо, шарҳу маънидоди мардумии номҳои маҳалҳои ҷудогонаи шаҳр, кӯчаву гузарҳо, мазорҳо, ҷойҳои муқаддас, номҳои боғоту заминҳо, талу теппаҳои гирду атроф, номҳои ҷӯю чашмаҳо ва деҳаҳои атрофи он ва ғайраҳо боясти ҷамъоварӣ намуд. Ҳамчунин антропонимҳо, яъне номҳои одамон, лақабу тахаллусҳо, таъбиру ҳикоёти лақабҳо, тахаллусҳои пешина ва ҳозираи бошандагони шаҳр, ки аксаран намояндагони аҳли илму адаб ва санъату маданият будаанду мебошанд ва маросимҳои марбут ба ному номгузорӣ ва чанди дигарро низ навишта гирифтан лозим. Ба ин муносибат як бахши фарҳанги мардумии сокинони шаҳри Душанберо мавриди баҳсу баррасии навбатӣ қарор додем, то бошад, ки заррае сафҳаеро аз олами пурасрору ғановатманди номҳои муосири тоҷикон ба хидмати ҳамватанони гиромӣ боз гардад.

Маълум аст, ки номҳо баёнгари орзуву омол, шавқу ҳавас, майлу рағбат, расму ойин, эътиқод, ҷаҳонбинӣ, тафаккуру рӯҳия, анъана, маишату рӯзгор, донишу маърифат, воқеаву ҳодисаҳои фарҳангӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва амсоли инҳо будаанд.

Ба мақсади ҷамъоварию таҳлил ва тадқиқи муқоисавию омории номҳои тоҷикони шаҳри Душанбе маводи шуъбаҳои сабти ҳолати шаҳрвандони ноҳияҳои Октябр, Марказӣ, Роҳи Оҳан ва Фрунзеро мавриди истифода қарор додем. Аз муоинаи китобҳои сабти навзодон маълум гардид, ки танҳо аз нимаи солҳои 30-юм сар карда навзодони тоҷик ба қайд гирифта шудааст. Барои ин солҳо тоҷикон хеле кам қайд шудаанд. Аз ин рӯ, барои номҳои бошандагони шаҳри Душанберо гирд овардану луғату фарҳангҳои гуногун тадвин намудан ва ҳамчунин баррасиҳои забоншиносиву мардумшиносиро анҷом додан лозим меояд, ки барои маводу далелҳои солҳои пешин бештар ба маводи шифоҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардад. Мутаассифона, имрӯз маводи сабти навзодон барои солҳои 20-30-юм дар саросари ҷумҳурӣ мукаммал нест. Зеро он солҳо мисоли имрӯз сари вақт ба қайд гирифтани навзодон расм набудааст. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз миёнаи солҳои 30-юм ба сабти номҳои навзодон шурӯъ карда будаанд.

Аҳолии шаҳри Душанбе соли 1926-6 ҳазор, 1939-83 ҳазор, 1959 -79 ҳазор, 1979 - 500 ҳазор буд. Соли 1992 ба 561,6 ҳазор расид. Аз 578,9 ҳазор аҳолӣ 283,0 ҳазор мард ва 295,9 ҳазор зан мебошад. Миқдори миёнаи оилаҳои шаҳр аз 4,3 кас иборат аст. Таркиби миллии аҳолӣ тибқи маълумоти соли 1989 тоҷикҳо 235392 нафар буда, 39,1 фоизро ташкил медиҳад ("Тоҷикистон", 10.07.1992,саҳ. 4).

Дар ин мақола танҳо маводи соли 1987 мавриди муоина ва тадқиқ карор дода шуд, то бубинем, ки дар ин сол миёни тоҷикони пойтахти ҷумҳурӣ чӣ гуна номҳо барои фарзандон интихоб ва дода шудааст; сарвату хазинаи умумии номҳои писарон чӣ қадару номҳои духтарон чи гуна; аз лиҳози дараҷаи истеъмол камӣ ва фузунии онҳо муайян гардад; ҳамчунин шавқу завқи падару модарон дар интихобу гузоридани ном то андозае муқаррар гардад; номҳои хушоҳангу сода ва хушмаъно чӣ гуна истеъмол ёфтаасту номҳои мураккабу пастмаъно чӣ гуна ва ғайра.

Бояд тазаккур шавад, ки ҳангоми ҷамъоварӣ ва тадқиқи номҳои сокинони ин ё он шаҳру ноҳия ва деҳа ба ҳар як таҳқиқгар лозим меояд, ки аз усули омории тадқиқ истифода ба амал орад, зеро бидуни истифодаи ин усул сарвати пурғановати номҳои одамонро таҳлилу тадқиқ амрест муҳол. Аз муоина ва баррасӣ аён гардид, ки дар соли 1987 барои 4122 нафар писарҳо 879 адад ном ва барои 3866 нафар духтарҳо 585 адад ном мавриди истифода қарор гирифтааст. Маҷмӯан барои 7988 нафар писару духтар 1464 адад ном дода шудааст.

Дараҷаи чандомади (басомади) номҳои духтарон нисбати номҳои писарон каме фузунтар будааст. Яъне аз лиҳози истеъмол дар сарвати номҳои духтаронаи соли мавриди тадқиқ дараҷаи баландтарини истеъмол 139 маротиба мебошад, ки ин номи Шаҳноза аст. Номҳои серистеъмолтарини духтарона дар ин сол чунин аст: Шаҳноза - 139 маротиба, Мижгона//Миҷгона - 126, Мадина 125, Таҳмина – 90, Фирӯза - 89, Заррина ва Насиба-84, Парвина 83, Нигора -81, Ситора - 70, Нигина - 61, Умеда 59, Марҷона - 57, Рухшона - 54, Мавзуна - 53, Дилафрӯз ва Маҳина -48, Замира - 46, Мавлуда - 44, Фарзона - 42, Гулнора ва Сайёра -41, Мунира-40,Фарангис ва Шоира 39, Наргис-35, Адолатмову Азиза ва Ҷамила 32, Шаҳло-31, Ганҷинаву Малика ва Саодат-30, Дилором-29, Бунафша ва Зуҳрову Фотима-28, Манижа ва Шабнам -27, Моҳира ва Назира - 26, Гулнозаву Мавҷуда ва Сабоҳат -25, Дилрабо ва Марҳабо - 22, Нодира-21, Нилуфар ва Сарвиноз -20, Манзураву Меҳринисо ва Таманно - 19, Маҳбуба ва Фарида - 18 ва ғайра.

Аз муоина ва таҳлили оморӣ аён гардид, ки ду адад ном 17 маротибагӣ, 4 адад ном 16 борӣ, 4 ном 75 борӣ, 4 ном 14 борӣ, 4 ном - 12 борӣ, 9 ном 11 борӣ, 5 ном 10 борӣ, 4 ном 9 борӣ, 5 ном -8 борӣ, 11 ном 9 борӣ, 5 ном 8 борӣ, 11 ном 7 борӣ, 24 ном 6 борӣ, 18 ном 4 борӣ, 59 ном ду бори ва 304 ном як борӣ истеъмол шудааст.

Дар хазинаи номҳои писарон серистеъмолтарин ном Далер мебошад, ки он 132 маротиба такрор шудааст. Яъне дар соли 1987 дар шаҳри Душанбе ба 132 нафар писар номи Далерро додаанд. Дар ҷойи дуюм номи Хуршед аст, ки он ба 33 нафар писарҳо номгузорӣ шуда, ҷойи сеюмро номҳои Дилшоду Рустам ишғол карда, ки 75 маротибагӣ истифода гардидааст. Ҳамин тавр, номҳои Алишер 73 маротиба, Фирӯз 71, Фирдавс -70, Бахтиёр - 67, Фаррух - 64, Умед ва Фарҳод - 63, Диловар -60, Бехрӯз -33, Парвиз 51, Сӯхроб -50, Азиз -42, Умедҷон -41, Манучеҳр -39, Баҳодур - 37, Фаридун -35, Тоҳир-28, Илҳом ва Ҷаҳонгир -27, Аҳлиддин ва Шуҳрат-25, Зафару Искандар ва Хусрав-24, Суннатулло ва Темур -23, Фурқат ва Эраҷ - 21, Акмал -20, Анвару Насим -18 ва ғайра.

Муоинаи омориро метавон ба таври зайл мухтасар зикр намуд. Яъне дар соли 1987 9 адад ном 17 маротибагӣ, 8 ном 16 борӣ, 1 ном 15 бор, 5 ном 14 борӣ, 7 ном 13 борӣ, 3 ном 12 борӣ, 9 ном 11 борӣ, 13 ном 10 борӣ, 16 ном 9 борӣ, 14 ном 8 борӣ, 11 ном 6 борӣ, 32 ном 6 борӣ, 50 ном 4 борӣ, 65 ном 3 борӣ, 126 ном 2 борӣ ва 447 ном як борӣ истеъмол шудааст.

Гурӯҳе аз номгузорон завқу салиқа ва савияи донишу маърифати худро дар интихоби номҳои хушоҳангу зебо ва хушмаънову бостонӣ будани онҳо зоҳир намудаанд. Аз ин ҷост, ки дар сарвату хазинаи номҳои соли зикршуда номҳои Анӯшервон, Ардашер, Барзу, Баҳман, Беҳзод, Беҳрӯз, Варшан, Ганҷ, Дилнавоз, Дониш, Дороб, Исфандиёр, Комрон, Куруш, Кӯшон, Манучеҳр, Меҳрангез, Меҳрдод, Меҳровар, Мубин, Озар, Орзуманд, Паймон, Парвиз, Ромин, Сипеҳр, Сомонӣ, Фаридун, Фаромуз, Фаррухрӯз, Фирдавсӣ, Хуррамӣ, Хусрав, Хушбахт, Шаҳзод, Шероз, Эраҷ ва ғайра ба назар расид ва доираи истифодаву истеъмолашон ҳам гуногун аст.

Дар номҳои духтарона номҳое, чун Анис, Вежа, Ганҷина. Гулафрӯз, Гулсухан, Дилангез, Дилафрӯз, Дилоро, Дурдона, Ёсуман, Зарангез, Мавзуна, Манижа, Марворид, Марҷона, Маҳлиё, Маҳпора, Меҳрафрӯз, Мичгона, Моҳпайкар, Навраста, Наргис, Нилуфар, Нушофарин, Ориёна, Рухшона, Руҳафзо, Симо, Сомона, Тоҷвар, Фарангис, Фараҳноз, Фарзона, Фархунда, Шаҳона, Ҳусноро, Ҷаҳоноро ва ғайра.

Дар сарвати номҳои тоҷикони сокини шаҳри Душанбе номҳое ба назар расиданд, ки онҳо аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду номи мустақил ва ё калимаву ҷузъҳо ва анҷомаҳои гуногун таркиб ёфтаанд. Инак, намунаи он номҳое, ки аз ду номи мустақил сохта шудаанд: Азизмаҳмад, Алиаскар, Аҳмадсаид, Боймуҳаммад, Давлатмамад, Дӯстмуҳаммад, Имомназар, Маликмурод, Маҳмаддовуд, Маҳмадлатиф, Маҳмадсалим, Маҳмадҷомӣ, Мирзовалӣ, Мирзоқадам, Муллоиброҳим, Муҳаммадзоир, Муҳаммадшариф, Рамазоналӣ, Раҳмонбердӣ, Раҷабвалӣ, Саидмавҷуд, Саидмуҳиддин, Сангинмурод, Тошмуҳаммад, Холмуъмин, Худойбердӣ, Ҳоҷикурбон ...

Ин хусусият дар хазинаи номҳои занона хеле кам ба назар расид. Чунонки дар боло ишора шуд, дар сотхмони номҳо ё ба ибораи дигар гӯем, дар фузун гаштану ғанӣ гардидани хазинаву сарвати номҳои тоҷикон як силсила калимаву ҷузъҳо ва анҷомаҳои номсоз саҳми хоса доранд. Онҳо ҳам дар номҳои занона ва ҳам дар номҳои мардона ба таври фаровон истифода шудаанд. Баъзеи онҳо аз лиҳози истифода чунин хусусиятро молик мебошанд, ки ҳам дар ҳиссаи аввал ва ҳам дар ҳиссаи охири номҳо ҳамроҳ шуда, номҳои гуногун сохтаанд. Вале мавқеъ ва дараҷаи истеъмоли онҳо якранг нест. Лозим аст, ки вобаста ба мақом ва ҷойи ишғолашон ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ тазаккур гардад.

Дар хазинаи номҳои мардона якчанд калимаву ҷузъҳо ва анҷомаҳое дучор шуданд, ки дар сохтмони номҳо саҳм гирифта, сарвати номҳоро фузунӣ ва ғановатмандӣ бахшидаанд. Аз муоина, таҳлил ва баррасии омории номҳо равшан гардид, ки дар системаи номҳои мардонаи шаҳри Душанбе як теъдод калимаву ҷузъҳо ва анҷомаҳо роиҷ будааст. Аз ҷиҳати дараҷа ва доираи истеъмол мавқеи ҳар кадоми онҳо мушаххасан тазаккур хохад шуд, то барои имрӯзиён ва махсусан номшиносон ва худи соҳибномҳо ҳар чи дақиқтар нишон дода шавад. Чун ишора рафт аз лиҳози истеъмол дар хазинаи номҳои мардона ҷойи аввалро -"ҷон" ишғол мекунад, ки он дар қисми охири 147 ном 510 маротиба истифода шудааст. Мақоми дуюмро – “дин” соҳиб аст, ки он дар таркиби 68 адад ном дучор шуда, дар ҳиссаи охири номҳои 327 нафар такрор шудааст. Дар ҷойи сеюм – “улло” ва гунаи дигараш -"илло" мавқеъ дорад, ки он дар ҷузъи охири 59 адад ном 222 бор истеъмол гардидааст. Мақоми чорум насиби “абд” гардида, ки он фақат дар ҳиссаи аввали номҳо корбаст шудааст ва дар таркиби 52 адад ном 129 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст. Сониян, ҷузъи - "алӣ" бештар ба назар расид, ки онро дар ҳиссаи охири 37 адад ном 184 бор истифода кардаанд. Пас аз он – “бек” серистеъмол аст ва он дар охири 34 ном 69 маротиба такрор шудааст. Ҳамин тавр дар сохтору корбасти номҳо калимаву ҷузъҳо ва анҷомаҳои –“шоҳ” дар таркиби 25 ном 32 бор, -“и” дар таркиби 19 ном 24 бор, -“мурод” дар таркиби 14 ном 28 бор, -“саид” дар ҳиссаи аввали 23 ном 55 бор ва дар ҳиссаи охири 4 ном ҳафт бор, -“хон” дар ҳиссаи охири 8 ном 9 бор ва -"хоҷа" гунаи дигараш – “хуҷа” дар таркиби 8 ном мавриди истифода қарор гирифтааст. Қисми дигари онҳо мисли -бой, -берди, -бобо, -вали, -кул дар сохтмони номҳо каммаҳсул мебошанд.

Дар сохтмони номҳои занонаи тоҷикони шаҳри Душанбе калима, ҷузъҳо ва анҷомаҳои гуногун саҳм гирифта, боиси рангорангӣ ва ғановатмандии сарвату хазинаи номҳо гардидаанд.

Тибқи баррасии омории номҳо маълум гардид, ки дар хазинаи номҳои занонаи шаҳри Душанбе аз лиҳози дараҷаи истеъмол ҷойи аввалро анҷомаи -а ишғол кардааст, ки вай дар ҳиссаи охири 141 адад ном 2091 маротиба такрор шудааст. Яъне ба таъбири дигар ташреҳ шавад, 141 адад ном дорои анҷомаи мазкур буда, 2091 нафар духтарҳо охири номашон бо ин анҷома аст. Ҷойи дуюмро –гул ишғол намуда, ки он дар ҳиссаи 35 адад ном 76 маротиба такрор шудааст. Ин калима дар қисми аввали номҳо низ хеле сермаҳсул буда, мисли ҳиссаи охир дар аввали 35 адад ном 204 маротиба такрор шудааст.

Анҷомаи -ат ва гунаи он -ят ҷойи сеюмро ишғол карда, ки дар ҳиссаи охири 33 адад ном 201 маротиба истеъмол гардидааст. Ҷузъи -хон мақоми чаҳорумро соҳиб

мебошад, ки дар охири 31 адад ном 44 маротиба истифода шудааст. Сипас аз лиҳози маком ва дараҷаи истеъмол - моҳ ва бештар шакли ихтисори он - мо дучор шуд, ки дар ҳиссаи охири 30 адад ном 56 маротиба ва дар аввали 19 адад ном 79 бор такрор шудааст. Ҳамин тавр анҷомаи -ия дар таркиби 28 ном 76 маротиба, -биби ва шакли мухаффафи он -би дар охири 19 адад ном 25 маротиба ва дар ҳиссаи аввали 16 адад ном 17 бор -нисо дар охири 19 ном 87 бор, - ой дар охири 14 ном 16 бор, -бону дар таркиби 13 ном 15 бор, -ина дар охири 12 ном 177 маротиба истеъмол шудаанд. Аз ҷузъҳову анҷомаҳои каммаҳсул, яъне нисбатан камистеъмол -она, -оро, -й, -бегим, -ҷон ва чанди дигар мебошанд.

Дар истифодаи баъзе номҳо эҳтиёт бояд кард. Ба гӯш зебо ва форам бошад ҳам, бо анҷомаҳои -а сохта шудани номҳои Баҳора, Гулчина, Дилафрӯза, Дилноза, Машҳура, Муаттара, Мушаррафа, Парвиза, Санавбара, Ширина ва амсоли инҳо чандон хуб нест. Ин номҳо бидуни анҷома ҳам хушоянду зебо ва латифанд. Набояд бо иловаи анҷомаю ҷузъҳо асолатӣ номҳои зеборо коста кард. Нуктаи дигарро ёдрас кардан лозим аст, ки як теъдод номҳо бидуни ҷузъҳову калимаҳои номсоз аз лиҳози истеъмол нисбатан сермаҳсул мебошанд. Ҳарчанд ба онҳо калимаву ҷузъҳои гуногун илова шудаанд, дараҷаи истеъмолашон аз онҳо зиёдтар аст. Дар маводи гирдовардаи мо чунин манзара ба мушоҳида расид. Аз ҷумла: Азиза - 32, Азизамоҳ – 3, Азизахон - 2; Барно - 11, Барнохон -1; Бунафша -8, Бунафшабону-1; Ганҷина –30, Ганҷинамоҳ -1; Дилафрӯз – 48, Дилафрӯза –1; Заррина – 84, Зарринамоҳ -1, Зарринаҷон –1; Зебо -15. Зебогул -1, Зебониссо –6, Зебуннисо –11; Зумрад –11, Зумрадбӣ -1, Зумрадой –2; Зуҳро -28 Зуҳроҷон –1; Лола –17, Лолахон -2; Мавлуда –44, Мавлудахон –3; Мадина –125, Мадинахон –2; Малика –30, Маликамо –2; Мунира –40, Мунирахон –1; Назира –26, Назирабону -1, Назирахон -1, Назирбӣ -1; Насиба –84, Насибахон –1; Озода –16, Озодамоҳ -6; Раъно – 14, Раъногул -1; Сайёра –41, Сайёрабегим -1, Сайёрахон -2; Ситора –70, Ситорамоҳ -5, Ситорахон -1; Таҳмина –90, Таҳминабону –1; Умеда –59, Умедахон –1; Фирӯза –89, Фирӯзахон -2; Ҷамила –32, Ҷамилахон -1 ва ғайра.

Дар номҳои мардона ин ҳолат ба чунин манзара сурат гирифтааст. Азиз –42, Азизбек -6, Азизмамад -2, Азизмурод -1, Азизулло -1, Азизхоҷа -1, Азизҷон -10; Акмал – 20, Акмалиддин -1, Акмалҷон –4; Далер –132, Далершо -2, Далерҷон -11; Диловар –60, Диловаршо -3; Дилшод –75, Дилшодбек -1, Дилшодҷон -4; Зафар –24, Зафарҷон -5; Илҳом –27, Илҳомиддин -7, Илҳомҷон -9; Искандар –24, Искандаршо -1; Рустам –75, Рустамбек -3, Рустамҷон –6; Сӯҳроб –50, Сухробҷон –3; Тоҳир –28, Тоҳирчон –6; Умед – 63, Умедали -1, Умедудло -2, Умедҷон –41; Фаррух –64, Фаррухрӯз -1, Фаррухҷон –6; Фарҳод –63, Фарҳодҷон -4; Фирдавс –70, Фирдавсӣ -2, Фирдавсҷон -2; Фирӯз –71, Фирӯзҷон -5; Фурқат –21, Фурқатҷон -2; Хуршед -83, Хуршедҷон -8; Шуҳрат –25, Шуҳратулло -1, Шуҳратҷон –1; Ҷамшед –74, Ҷамшедҷон -5 ва ғайра.

Баръакси ин ҳолат ҳам ба назар расид. Яъне номҳо баъзан нисбати номҳои анҷомадори гуна ва силсилаи хеш метавонанд кам истифода шуда бошанд.

Дар хазинаи номҳои шаҳри Душанбе як қисм номҳое дучор гардид, ки онҳо ҳам барои духтарҳо ва ҳам барои писарҳо мусаммо шудаанд, ки инро номҳои муштарак гӯянд. Инак чанд намунаи номҳои муштарак бо рақамҳои дараҷаи чандомадаш барои намуна пешкаш мешавад: Дилбар дар сарвати номҳои духтарон 16 маротиба ва дар номҳои писарон як бор, Дилнавоз дар ҳар ду ҳолат як маротибагӣ, Меҳрангез дар номҳои духтарона 12 бор ва дар номҳои писарон як маротиба. Меҳрубон дар номҳои духтарон 5 бор ва дар номҳои писарон се бор, Мунаввар дар номҳои духтарон се бор ва дар номҳои писарон як бор, Шабнам дар номҳои духтарон 27 маротиба ва дар номҳои писарон як бор, Ширин дар номҳои духтарон се маротиба ва дар номҳои писарон як бор истеъмол шудааст.

Агар ба хазинаи номҳои тоҷикони пойтахт аз нигоҳи баромади забони, яъне мансубияти ном ба ин ё он забон назар карда шавад, маълум мегардад, ки дар системаи номҳои тоҷикон дар баробари номҳои асили эронӣ номҳое, ҳам дучор мешаванд, ки онҳо ба забонҳои арабӣ, туркӣ -узбекӣ, русӣ- интернационалӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва ғайра мутааллиқ мебошанд.

Таҳлилу баррасии муфассали ин ҷанбаи номҳо мавриди махсусеро хостгор аст ва мутаассифона дар як мақола оид ба бахшҳои гуногуни номҳо наметавон батадриҷ ибрози назар кард. Вале арзи чунин нукта низ воҷиб аст, ки интихоби номҳо дар миёни

оилаҳои ақди никоҳашон аз миллатҳои гуногун, яъне падар тоҷику модар аз миллатҳои дигар ва ё баръакс басо муҳим аст. Зеро дар ин гуна оилаҳо тафаккуру завқу шавқи номгузорон аз нигоҳи урфу ойин ва арзишҳои маънавии миллатҳои гуногун сурат гирифтааст. Ва дар номҳои фарзандони ин гуна оилаҳо номҳои ҳам тоҷикӣ ва ҳам мутааллиқи дигар забонҳо ба чашм мерасад. Ё худ далелҳое, ҳам дучор мешаванд, ки номҳои баромадашон ба забони форсии тоҷики мансуб буда дар шаклу гунаҳои русиашон ҳамчун ном интихоб ва гузошта шудаанд ва дар ҳуҷҷатҳо ҳам ҳамин тавр сабт шуда. Мисол, номи Согдиана барои духтар як бор ва номи Руслан 9 бор барои писарҳо гузошта шудааст.

Таҳлилу баррасии ҷанбаҳои маъноӣ ва мавзӯии номҳои тоҷикони шаҳри Душанбе дар мавриди дигар пешкаши ҳаводорони ин бахши фарҳанги мардумӣ хоҳад гардид. Аз ин мавзӯъ нуктаеро бояд тазаккур дод, ки як идда номгузорон ба нияти неку орзуҳои наҷиб ва ба хотири эҳтирому эътиқод барои фарзандони хеш номҳои донишмандону мутафаккирону шоирони маъруфро гузоштаанд. Аз ҷумла, дар соли мавриди баҳси мо чунин номҳо барои фарзандон муносиб дониста шудааст: Абӯалӣ, Бедил, Биноӣ, Дониш, Мирзобедил, Саъдӣ, Сино, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Ҷомӣ.

Ҳамин тавр номҳо ҳамчун маҳсули тафаккури давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъият, сарвати маънавӣ, ганҷинаи боэътимоди таъриху фарҳанг ва ниҳоят як ҳиссаи муҳимми захираи луғавии забони халқ бояд ҷамъоварӣ ва тадқиқ гардад. Мехостем бифаҳмем, ки вазъи номҳои сокинони шаҳрҳои Кобул, Теҳрон, Самарқанду Бухоро ва марказҳои дигари тамаддуни бостонӣ чӣ гуна бошад?

Азбаски "маҷмӯи номҳои мустаъмали ҳар марҳилаи ҷамъият "симо"-и онро тавсиф мекунад" лозим дониста шуд, ки феҳристи номҳои тоҷикони шаҳри Душанбе барои соли 1987 ба се мақсад: аввалан, ба нияти интихоби номҳо барои навзодон ва сониян, ба умеди даст кашидан аз гузоштани номҳои мураккабу пастмаъно ва ниҳоят ба мақсади муоинаи сарвату хазинаи номҳои мустаъмали сокинони пойтахти тоҷикон манзури хонандагон гардад. Бошад, ки барои номгузорону алоқамандони номҳои мардумӣ заррае кӯмак расонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Осимӣ М. Сухани табрикӣ/ «Мардумгиёҳ», 1993, шумораи аввал.-С.9.
2. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён-Душанбе,2005
3. Тоҷикистон, 10.07.1992.-С.4
4. Ҳайдарӣ Ш. Сайре ба сарвати номҳои тоҷикони шаҳри Душанбе// Шоҳмуҳаммади Ҳайдарӣ. Маҳолаҳои номашиносӣ.- Перм, «Форвард»-са, 2001.- С.110-136
5. Ҳайдарӣ Ш. Номвожаҳо. Қариб 38000 номҳои халқҳои эронизабон,-Перм: «Форвард»-2003.-С.13-15; 123-125; 173-174; 176-177, 179-181.

ЛИНГВОСТАТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ АНТРОПОНОМИИ ТАДЖИКОВ ГОРОДА ДУШАНБЕ

Лингвостатическое исследование показало, что в 1987 г. в г. Душанбе для 4122 новорождённых мальчиков использовано 879 разных имён и для 3866 новорожденных девочек 585 разных имён. Частота употребления имён новорождённых девочек (139) выше, чем частота имён новорождённых мальчиков (132).

Ключевые слова: Душанбе, СССР, имя, антропонимия, Фаридун, Фирдавс, таджик, 1987, 1988, Ориёна, Адиба.

LINGIUSTIIC AND STSTISTICAL INVESTIGASHION OF ANTROPONIMY OF TADJIKS LIVING IN THE CITY DUSHANBEH

Accjding to linguistic and ststistical invetigashions which took place in the city of Dushanbeh in 1987? For 4122 new-born boys were used 879 different names/ Fregueucy of usage of new-born girls (139) was more than the freguency the usage of new-born boys (132)юamed by this name.

Key words: Dushanbe, SSSRCCCP, imya, antroponimiya, Faridun, Firdavs, tojik, 1987, 1988, Oriyona, Adiba

Сведения об авторе: ***Ш.Хайдаров*** - соискатель Института языка,литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ. Телефон: **92-754-66-65**

ТАҲАВВУЛ ДАР ДАСТУРНАВИСИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ ДАР ЭРОН

Ғуломризо Аскарӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дастури забон яке аз муассиртарин ва роиҷтарин васила барои ҳифзи як забон ба шумор меравад, аммо чи навъи дастурӣ ва чи гуна он дастуре метавонад ин вазифаи муҳимро анҷом диҳад, бастагӣ дорад, ки андешамандон ва мутахассисони он забон чи гуна бо қавоиди забонашон бархӯрд кунанд.

Дастури ҳар забон ба манзалаи риёзиёти он забон аст, яъне назме бар он ҳоким аст, ҳатто назме, ки дар забон ҳоким аст аз риёзӣ ҳам дақиқтар аст.

Дастури забон дар Эрон давраҳои мухталиферо сипарӣ карда дар ҳар давраи нуқоти заъф ва қувват мушоҳида мешавад. Ба қавли устод Хусрави Фаршидвард барои навиштани дастури забон дар Эрон ду саф дида мешавад: сафе, ки дил ба забон форсӣ дорад ва мехоҳад онро ҳифз кунад, дигар он ки барои бозори гарме ва ҷайби худ китоб менависад.

Ин мақола саъй дорад аввалан собит кунад, ки дастурнависӣ дар Эрон се давраи мухталифро сипарӣ кардааст.

1. Дастурнависии суннатӣ, ки аз Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ шурӯъ мешавад то дастури Парвизи Хонларӣ.
2. Дастурнависии созаӣ, ки аз Парвизи Хонларӣ шурӯъ шуда, то дастури Хусрави Фаршедвард идома пайдо мекунад
3. Дастурнависӣ бар асоси назарияи забоне (илмӣ), ки баъд аз Фаршедвард шурӯъ мешавад ва бо ҳузури забоншиносон Муҳаммадризо Ботинӣ ва Мушкотуддинӣ идома мёбад.

Дар ҳоли ҳозир дар давраи дастурнависии илмӣ ба сар мебарем.

Давраҳои дастурнависӣ дар Эрон. Забони форсӣ гаронбаҳотарин ёдгорӣ аст, ки аз аҷдоди мо монда, василаи бақо ва қавоми мадании миллати мост. Бо доро будани ганҷинаҳои азим, андешаҳои шигарф ва саршор аз гавҳарҳои пурбаҳои адабу фарҳанги мост. Аз ин рӯ, ҳар чӣ бештар ва беҳтар бояд дар нигаҳдории ин забон бикӯшем ва бад-ин тартиб нақш ва аҳамияти дастури забони форсӣ дар ҳаросати ин мероси нажоди эронӣ бикӯшем .

Ин мақола саъй шуда, ки заъфҳо ва қувватҳои дастурнависӣ дар Эрон бознамуд шаванд ва иллати тағйири сабк дар дастурнависии эронӣ баён гардад. Ҳавзаи мазкур аз як сӯ ба мутолиоти Шамс Қайси Розӣ дар қарни ҳафтум ва аз сӯйи дигар ба дастуршиносони муосир маҳдуд мешавад.

Дар ин пажӯҳиш аз дидгоҳи таҳаввул шинохтӣ се давра ташхис дода шудааст, ки иборатанд аз:

-дастурнависии суннатӣ дар Эрон;
- дастурнависии сохтагаро дар эрон;
- дастурнависии илмӣ дар Эрон.

Ҳар як аз дастурнависон китобҳое, ки навиштаанд дар ҳамин се унвон ҷой мегирд, аз дастури Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ то дастури Зиё Гашторӣ доктор Мушкотуддинӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Гарчанде дастурнависоне буда ва ҳастанд, ки дастурнависии суннатиро малок қарор медиҳанд ва ё муътқиданд, ки наметавон бидуни дастури суннатӣ ба суроғи дастурнависии ҷадид рафт.

«Дар навиштани дастур наметавон аз шеваҳои дурусти гузаштагон чашм пӯшид ва дастурнависиро ба як бор тоби назариёти забоншиносона кунем, зеро забоншиносӣ ва назарияҳои марбут ба он ҷавонтар аз он аст, ки битавонанд аз кори дастурнависони гузашта, сарфи назар кард ва ба ҳамин ҷиҳат ҳеҷ кишваре ҳар чи қадар ҳам забоншиносӣ дар он пешрафт карда бошад натавонистааст аз дастури забони суннатӣ бениёз гардад. Гузашта аз ин забоншиносон худ дар таҳқиқоташон аз пажӯҳишҳои дастурнависони гузашта баҳраманд мешаванд, зеро дастурнависии суннатӣ ҳатто ба бадтарин ва таҷвизитарин сурат навъи тавсифи забон аст» [8, 35].

Дастурнависӣ дар Эрон мухтал шудааст ва агар аз баъзе истилоҳот ва вожаҳои ҷадиде, ки чандон муносиб нест, чашмпӯшӣ кунем, дастурнависӣ дар Эрон илмитар шуда, бо дастурҳои собиқ ихтилофи муҳтавоӣ ҳам дорад

Далели дигаре, ки бояд ин тақсимбандиро бипазирем он аст, ки дастурҳои ҷадид бар пояи назарияе аз назариёти забоншиносӣ навишта шуда, ки ин амр лозим аст, зеро дастури забони форсӣ илм аст ва ҳар илми қобили тақсимбандӣ дар асоси назарияи қобили қабул навишта шавад.

Пас тақсимбандии ироашуда қобили қабул ва пазируфтанӣ аст. Собиқаи эрониҳо дар дастурнависӣ бо баррасиҳое ба амал омада, чунин натиҷагирӣ шуд, ки эрониҳо ҳам дар сарф ва наҳви арабӣ ва ҳам дар дастурнависии илмӣ собиқаи хубе доранд. Марҳум Ҷалолуддин Ҳумоӣ мегӯяд: «Юнониҳо аввалин бор қисмате аз қавоиди забони худро дар қарни панҷуми пеш аз мелод тадвин кардаанд ва румиҳо барои забони лотинӣ дар қарни аввали пеш аз мелод наҳв навиштанд».

Сибавайҳ, Абубашир Умар ибни Усмон ибни Қанбар ном дошт ва эронӣ буд. Тибқи бархе шавоҳид вай ҳудуди соли 180-и ҳиҷрӣ дар зодгоҳаш Форс даргузашта аст. Дар бораи номи ӯ Сибавйҳ бар ин ақида аст, ки вожаи *сибавайҳ* форсӣ аст ва маънои он «бӯйи себ» аст.

Дар овошиносӣ мушаххасаҳоеро бар пояи шева ва ҷойгоҳи тавлид ва вокдориву бевокӣ пардохтааст. Сибавайҳ дар тамоми сутӯҳи таҳлил забони дидаи мубтанӣ бар рафторнигарӣ ва нақшгироӣ доштааст.

Назарияи забоншиносии Сибавайҳ ҳамон назарияи амал аст дар таҳлили сохтории наҳвии забон ҳамчун назарияи ҳолат (бахше аз назарияи ҳокимият ва вобастагӣ)».

Ҳамон тавре ки мушоҳида мешавад, эрониҳо ҳам дар заминаи дастурнависии суннатӣ ва ҳам дар дастурнависии ҷадид пештоз будаанд.

Вижагиҳои забони форсӣ. «Тадвини қавоиди забон барои ҳар қавме чанд самараи муҳим ва натиҷаи мусаллам дорад, ки забон ва адабиёти ӯро аз нуфуз ва тасарруфи бегонагон ҳифз мекунад. Дигар ин ки василаи суҳулати таълим ва тааллуми забон мешавад ва натиҷааш ривоҷу пешрафти сареи он дар кишварҳо, милал ва ақвоми дигар мегардад».

«Ба ин далел дастур менависем, ки вақте як матлаб ба сурати зобита ва қоидаи куллӣ даромад шомили афроди бешумор ҳам мешавад».

«Тадвини сарф ва наҳви комили забони форсии имрӯза ҳам тозагӣ дорад ва ҳам аҳамият, зеро ҳар навъи матлаби илмӣ ё адабӣ ҳарчанд дар дохили донистаҳои фитрӣ бошад, вақте таҳти зобита ва қоида даромад, сурати таълиф ва тадвин ба худ гирифт тозагӣ ва аҳамият хоҳад дошт».

«Посдорӣ ва ҳимоят аз забони форсӣ, ки ҳувият ва мояи инсиҷом ва ваҳдати миллии мост бидуни таваҷҷуҳ ба шолуда ва чорчӯбаи он яъне дастури забони форсӣ кори нотамом аст» [6, 115-116-117].

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти дастури забони форсӣ, ки дар боло ба намунаҳое пардохтем, бояд дар навиштани дастур ба вижагиҳои дастури забони форсӣ ҳам таваҷҷуҳ шавад, зеро ҳар дастуре, ки дар ҳар даврае навишта мешавад, бояд аз як тараф ба вижагиҳои забони форсӣ таваҷҷуҳи амиқ ва ҷиддӣ дошта ва аз тарафи дигар бо боварӣ ба ин матлаб, ки дастури ҳар забоне мақмӯаи қавоиди он забон аст ва ихтисос ба ҳамон забон дорад дастур навишта шавад, зеро ба тақлид аз ҳар дастуре чӣ аврупоӣ бошад ва чӣ арабӣ қатъан дастури форсӣ нахоҳад буд.

Дар ин ҷо ба чанд вижагии забони форсӣ ишора мешавад:

- забони форсӣ замирандоз аст ва дар он ҳузури фоил ҷумлаи ихтиёрӣ аст. Ҳамвора миёни шиносаҳои феъл (шахсу шумор) бо фоили зоҳирӣ ё фоили ниҳон (замири ниҳон ё pro) мутобиқати иҷборӣ вуҷуд дорад. Ба ин ҷумлаҳо диққат намоед:

(бачаҳо) дарсҳояшонро ёд гирифтанд.

(бачаҳо) дарсҳояшонро ёд гирифт.

(бачаҳо) дар клос чурт мезаданд.

(Ҳасан) дар клос чурт мезаданд.

Ҷумалаҳои дувум ва чаҳорум дар ҷойгоҳи фоил нестанд ва илло мебоист мутобиқат дошта бошанд.

- ҷобаҷопазирии аҷзои ҷумла дар забони форсӣ бисёр чашмгир аст ва бахши барҷастае аз ҳунари бузургони адаби форсӣ, аз ҷумла Саъдиро дар баҳрагирии дуруст аз ин вижагӣ метавон донист.

- забони форсӣ ҷузъи бисту нуҳ забони муҳимми дунёст, ки адабиёт дорад ва беш аз даҳ миллион гӯянда. Ба матлаби зер таваҷҷуҳ шавад:

- ҳар чи бо забон бештар ошно бошем, ба қавоиди камтаре ниёзмандем ва ҳар чи бо забон камтар сару кор дошта бошем, ба қавоидаш муҳтоҷем. Бо ин истидлол қавоиди забон барои омӯхтани забони бегона бисёр муфид ва муассир аст. Масалан, «нахустин дастури забонро барои арабӣ эрониён ва барои англисӣ фронсавиён ва барои фаронса англисҳо навиштаанд, зеро аҳли забон худ чандон ниёз ба қавоиди забони хеш надоранд» [8, 38].

- забони форсӣ дар давраи бостон забони таркибӣ буд, сохт ва мушаххасоти зоҳирии ҳар калима бар рӯйи занҷири гуфтор муаррифӣ мавқеи сарфӣ ва наҳвии калима буд ва лоиҳаҳои забонӣ ва аҷзои сарфии созандаи калимоти нишонаҳои дастурӣ буданд, ки муҷиби шиносоии нақшҳои сарфӣ ва наҳвии ҳар калима мешуданд. Аз ин рӯ, шинохт ва нақши дастурии калимот аз рӯйи шакли зоҳирии онҳо муяссар буд. Ба иборати дигар таркиби суварии вожаҳо нақши дастурии онҳоро мушаххас мекард [3, 47].

- забони форсӣ аз лиҳози радашинохтӣ тасрифӣ нест ва бештар наҳвӣ аст.

«Тасриф яке аз падидаҳои муҳимми забонӣ ба шумор меравад, ки ба рағми аҳамияти он назди пажӯҳишгарони ғарбӣ, дар забони форсӣ чандон мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст. Шояд иллати ин амрро битавон дар он воқеият ҷустуҷӯ намуд, ки забони форсии имрӯза аз лиҳози радашинохтӣ тасрифӣ маҳсуб намешавад».

«Бойл (boyle, 1966) зимни баррасӣ дар бораи дастури забони форсӣ ба ин натиҷа мерасад, ки дар ин забон ба ҷуз поёнаҳои ҷамъӣ ҳеҷ тасрифи дигаре ба маънои дақиқи калима вуҷуд надорад».

«Ин ки аз баъзе шунида мешавад, ки форсӣ сарф ва иштиқоқ дорад, аммо наҳв надорад, пиндорест комилан нобаҷо ва номаврид, зеро забони хос забони адабии мисли форсӣ бидуни доштани наҳв, яъне қавоиди ҷумласозӣ ва таркиби калом аз аҷзоро наметавон тасаввур кард» [2, 52-55].

- забони форсӣ мисли бисёре аз забонҳои зиндаи дунё марҳилаест, яъне назарияе вуҷуд дорад, ки забонро маҷмӯае аз ҷумлаҳо медонанд, ки ҳар яки аз онҳо аз риштаи воҷ ва ба дарозӣ маҳдуд сохта шудаанд. Ин назария тавлиди забонро марҳила ба марҳила медонад ва равиши баррасиаш низ марҳила ба марҳила аст. Ба ин сурат, ки дар ҳар забон сухангӯ барои тавлиди ҷумла аз ҳолат ва нуқтаи оғозин шурӯъ мекунад ва ба василаи тартиби воҷҳо, таквожҳоро месозад ё аз таквожҳои мавҷуд дар забон истифода мекунад. Ба ҳар ҳол забони форсӣ мароҳиле номаҳдуд дорад ва ҳар ҷумла метавонад ба таври номаҳдуде густариш ёбад. Дарозии маҳдуду муайяне надорад, то нуқтаи поёни собите битавон барояш дар назар гирифт.

«Дар дастур марҳилаи ҳар ҷумла барои худаш шабака ва қоидаи муҷаззо меёбад» [1,79].

- забони форсӣ пайвандӣ аст: «Забони форсӣ ҷузъи забонҳои пайвандӣ аст, ки аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки худ ба шохаҳо тақсим мешавад. Аз ҷумла забон ҳиндуэронӣ, забони юнонӣ, забони германӣ (олмонӣ, англисӣ ва ...)» [7, 11].

- забони форсӣ забоне аст, ки дорои зарбулмасалҳои зиёде мебошад, ки корбурди онҳо дар ҳар замина муфид аст. Мустафо Раҳмондӯст дар ин замина мегӯяд: «Забони форсӣ аз назари шумор зарбулмасал ва танаввӯи онҳо дар миён се забони аввали ҷаҳон аст [4, 80].

- забони форсӣ забони классик аст. Забонеро классикӣ мегӯянд, ки дорои вижагиҳои зер бошад: бостонӣ бошад, адабиёти ғанӣ дошта бошад ва дар охирин ҳазораи умри худ тағйироти андаке карда бошад [5, 11].

«Дар соли 1382 дар нишасти адибон ва забоншиносони аврупоӣ дар Берлин забонҳои юнонӣ, форсӣ, лотинӣ ва санскрит ба унвон забонҳои классикии ҷаҳон баргузида шуданд».

1. Бо таваҷҷуҳ ба пешрафти донишу илм дар дастури забон ҳам пешрафтҳое ҳосил шуда ва бояд барои дастурнависӣ мабнои илмӣ ва назарияи забонӣ дошта бошем.

2. Дастури суннатӣ аз дастури созаӣ ва дастури илмӣ фарқ дорад, яъне дастур суннатӣ таҷвизӣ аст ва ба боядҳо мепардозад, дар ҳоле ки ду навъи дастури дигар тавсифӣ аст ва ба ҳастиҳо таваҷҷуҳ дорад.

Танҳо фарқ байни дастури созаӣ ва дастури илмӣ дар наҳваи тавсифи онҳост.

3.Забони форсӣ ҷузъи забонҳои классикии ҷаҳон аст ва яке аз забонҳои зинда ва пӯёи дунёи муосир аст.

Чӣ бояд кард?

Бо таваҷҷуҳ ба баррасиҳои баамаломада барои навиштани дастури забоне, ки ҷомеъ ва посухгӯйӣ ниёзи рӯз бошад беистӣ ба масоили зер таваҷҷуҳ кард:

1. Дар навиштани дастур ба вижагиҳои забони форсӣ таваҷҷуҳи комил кард.
2. Бояд дастури илмӣ навишта шавад, на дастури таълимӣ, зеро дар дониши илмӣ се вижагӣ бояд вуҷуд дошта бошад:

-далел ва исбот;

-баён ва тавсиф;

-бунёд ва ташкили дониш.

Аммо дар дастурҳои таълимӣ, ки, мутаассифона, аксар дастурҳои мавҷуд ин гуна аст, ба мавориди боло таваҷҷуҳе нашуда ва фақат маҳсули дигаронро бо вожаҳои ҷадидтаре таълиф менамоянд.

3.Тақсимбандии калимот асоси дастурнависӣ аст ва ҳар қадар тақсими калимот саҳеҳтар ва равшантар бошад фусулу абвоб ва матолиби дастур муназзамтар ва забти он барои навомӯзон осонтар хоҳад буд. Пас дар тақсимбандии калимот бояд диққати комил кард [6, 134].

А Д А Б И Ё Т

2. Абӯмаҳҷуб Аҳмад. Дастури равишманд. –Теҳрон,1381.
3. Дастур. Вижаномаи Фарҳангистон. -Ҷ.3. -Теҳрон, баҳмани -1386.
4. Меҳри Боқирӣ. Муқадамоти забоншиносӣ. –Теҳрон: Паёми нур.- 1383.
5. Мустафо Раҳмондӯст. Фути кӯзагарӣ. -чопи дувум.- Теҳрон,1387.
6. «Рӯзномаи ҳамшаҳрӣ».- Чопи субҳ, 26 шаҳривари 1387.
7. Ҷалолуддин Ҳумоӣ. Муқаддимаи «Луғатнома»-и Деҳхудо. Ҷ.1. –Теҳрон,1337.
8. Хайёмпур. Дастури забони форсӣ. –Табрез,1361.
9. Хусрави Фаршедвард. Дастури имрӯз.- Теҳрон,1379.

ЭВОЛЮЦИЯ В ГРАММАТИКЕ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА В ИРАНЕ

В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению эволюция грамматики персидского языка в Иране. Грамматики персидского языка появилась в Иране только в XVIII в., хотя осмысление грамматических явлений было представлено в лексико-грамматических очерках при словарях с XIV в., а также в развёрнутых теоретических приложениях — с начала XVI1 в.

Ключевые слова: грамматика, Иран, персидский язык, эволюция грамматики персидского языка, грамматические явления, периоды развития.

EVOLUTION IN THE GRAMMAR OF THE PERSIAN LANGUAGE IN IRAN

In this article the author subjected to review and study of the evolution of the grammar of the Persian language in Iran. Grammar of the Persian language appeared in Iran in the XVIII century, although the understanding of grammatical phenomena were presented in the lexico-grammatical essay in dictionaries from the fourteenth century, and in deployed theoretical applications - from the beginning of the century XVI1

Key words: grammar, Iran, the Persian language, the evolution of the grammar of the Persian language, grammatical phenomena, periods of development.

Сведения об авторе: ***Гуломризо Аскари*** – соискатель Таджикского национального университета

ВИЖАГИҲОИ ҲОЛ (ҚАЙД) ДАР “КАЛИЛА ВА ДИМНА”

Ҷаъфари Рӯдсаробӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Калила ва Димна” яке аз осори бузурги адабиёти форсу тоҷик аст, ки ҷойгоҳи вижае дар миёни осори дурахшони адабии ҷаҳон дорад. Ин асари шигарф ҳам аз назари вижагиҳои адабӣ ва ҳам аз дидгоҳи маънӣ навиштае қобили тааммул ва марвориде

дурахшон дар дарёи бекарони адабиёти ҷаҳон аст. Достонҳои бензир ва нигоҳи амиқи он ба дунёи пур аз рамзу рози инсонҳо, он ҳам бо баёне намодин аз забони ҳайвонот на танҳо гиройиву ҷаззобияти ин асарро боло бурда, балки бар ғинои адабӣ ва ҳамчунин бар умқи маънавии он афзудааст.

Мо дар ин мақола, имкони онро надорем, ки ба ин ҳама вижагиҳо бипардозем, аммо то он ҷо, ки дар тавон бошад, аз вижагиҳои наҳвии ин асари бузург, бахусус аз вижагиҳои ҳол (қайд) дар ҷумлаҳои он сухан бар забон меоварем. Ҳарчанд ки то кунун дар ин маврид бисёр андак пажӯҳиш шудааст, умедворам, ки битавонам ба андозаи кофӣ он чи мавриди ниёз аст, баён намуда ва абъоди тозатаре аз зебоиҳои забониву дастурии "Калила ва Димна"-ро равшан намоям.

Қайд (ҳол) ба калима ё гурӯҳе аз калимот гуфта мешавад, ки тавзеҳе ба ҷумла меафзояд ва аз ҷумла қабл ҳазф шудан аст, ба гунаи ин ки, агар онро аз ҷумла ҳазф намоянд, ҳеҷ латмаи ба он ворид намешавад барои мисол дар ин ҷумла: Матвуқа ва ёронаш Матлуқ ва Эмон боз гаштанд (с.114).

Қайд анвое дорад, ки аз ҷумла метавон ба қайди макон, замон, ҳолат, кайфият, миқдор, таъкид ва ғайра ишора намуд. Дар ин мақола ба корбурди анвои қайд дар "Калила ва Димна" мепардозем.

Қайди замон. Қайд ё ҳоли замон ба гунае аз қайд гуфта мешавад, ки замони вуқӯи феълро баён мекунад ва монанди тамоми қайдҳо, аз ҷумла қобили ҳазф шудааст. Қайди замон дар "Калила ва Димна" фаровон мушоҳида мешавад, ки бархе аз ин навъи қайдро баён мекунем:

Соати оҳуро интизор намудан наёмад ("Калила ва Димна"-и Насруллои Мунши. Теҳрон, 1385 шамсӣ. 100 с.)*.

Дар ҷумлаи фавқ калимаи соати қайд ё ҳоли замон воқеъ шудааст, аммо дар ҷумлаи зер қайд ё ҳоли замон ҳамроҳи ҳарфи изофаи "дар" ва сифати ишораи "ин" омадааст: Дар ин миёна бохабар шуд (с.115).

Қайди макон. Қайд ё ҳоли макон ба гунае аз қайде гуфта мешавад, ки макон ва вуқӯи феълро баён мекунад. Монанди тамоми қайдҳо, аз ҷумла қобили ҳазф шудааст. Қайди макон монанди қайд ё ҳоли замон дар "Калила ва Димна" фаровон мушоҳида мешавад, ки бархе аз ин навъи қайдро баён мекунем:

Падарро марде бар пушт ба хона бурд (118).

Дар ҷумлаи фавқ ду қайди макон ҳамроҳи ҳарфи изофа "бар ӯ ба" омадааст. Аммо дар ҷумлаи зер қайд ё ҳоли макон ҳамроҳи сифати мубҳам ба кор рафтааст:

Фалон ҷой яке росуст (116).

Қайди ҳолат. Қайд ё ҳоли ҳолат ба гунае аз қайде гуфта мешавад, ки ҳолате ва вуқӯи феълро баён мекунад. Қайди ҳолат низ монанди қайдҳои замон ва макон дар "Калила ва Димна" фаровон мушоҳида мешавад, ки бархе аз ин навъи қайдро баён мекунем:

Бар даргоҳи малик мулозим набудаме ва пойи шикаста мунтазири бало нишастаме (135).

Дар ҷумлаи фавқ "пойи шикаста" ҳолати воқеии феълро баён мекунад ва метавон онро аз ҷумла ҳазф кард.

Қайди кайфият. Қайд ё ҳоли кайфият ба гунае аз қайде гуфта мешавад, ки кайфияти воқеъии феълро баён мекунад ва монанди тамоми қайдҳо, аз ҷумла қобили ҳазф шудан дорад. Қайди кайфият нисбат ба қайдҳои замон ва макон дар "Калила ва Димна" камтар мушоҳида мешавад, ки бархе аз ин навъи қайдро баён мекунем:

Муш ин фусул бишнид ва зуд дар буридани бандҳо истод (122).

Дар ҷумлаи фавқ калимаи "зуд" кайфияту суръати буридани бандро баён мекунад.

Қайди нишонадор. Бархе аз анвои қайд ё ҳол дорои нишона ҳастанд, аз ҷумла метавон ба қайдҳои ишоракарда, ки дар интиҳои онҳо танвин аст, монанди "зоҳиран" ё қайдҳое, ки бо пешванд ба кор меравад ва баёнкунандаи ҳолат ё кайфияте ҳастанд, монанди "ба суръат, дар ҳақиқат ва...." ё феълҳое, ки пеш аз онҳо ҳарфи изофа меояд ва

* Минбаъд дар қавс танҳо саҳифа ишора мешавад.

мутмаинан қайде месозад монанди дар Душанбе то Эрон ва... дар ин ҷо ба ҷумлаҳои аз “Калила ва Димна” ки дар онҳо анвои қайдҳои нишонадор омадааст, ишора мекунем:

Агарчи дар баъзе аз ахлоқ ӯ дар зоҳир номарзӣ бошад (121).

Дар ҷумлаи фавқи пешванд ҳамроҳи исм қайд ё ҳоли нишонадорро сохтаанд, аммо дар ҷумлаи зер ҳарфи изофа ва исм қайди мазкурро ба вуҷуд овардаанд.

Оҳуро дар банд дид (131).

Дар ҷумлаи зер қайд ё ҳол бо танвин омадааст, ки ин навъи қайд дар “Калила ва Димна” бисёр андак аст:

Бинобар исломро шарқан ва ғарбан ба фар ва баҳои алқоб маймун ва зинат номи мубораки шоҳаншоҳи музайян гардонад (14).

Қайди бенишона. Бархе аз қайдҳо бидуни нишона дар ҷумлаҳо ба кор мераванд. Аз ҷумла, метавон ба қайд ё ҳолҳое ишора кард, ки мухтас ҳастанд, қайд ё ҳоли мухтас ба қайде гуфта мешавад, ки ҳамеша ва дар тамоми ҷумлаҳои қайд ё ҳол аст. Монанди ҳаргиз, ҳамеша ва.... Бархе аз қайдҳо бе нишона исмҳои муштарак ба қайде ҳастанд, ки дар ин навъи қайд ё ҳол исм дар ҷумла қайд воқеъ мешавад. Монанди:

Онҳо поез ба мусофират рафтанд. Дар ин ҷумла, ки поез исм аст, қайд ё ҳол воқеъ шудааст. Бархе аз қайдҳо сифати муштарак бо қайде ҳастанд, дар ин ҷумлаҳо сифат дар нақши қайд ба кор меравад. Монанди: Ӯ хуб дарс мехонад. Дар ин ҷумла калимаи хуб, ки сифат аст, дар нақши қайд ба кор рафтааст. Дар “Калила ва Димна” ду навъи қайд ё ҳол бе нишона мушоҳида шуд, яъне; қайд ё ҳоли мухтас ва сифати муштарак бо қайди бисёр ба кор рафтааст, аммо исми муштарак бо қайди бисёр андак омадааст, ки дар зер намунаҳое аз онҳоро баён мекунем:

Дар ҷумлаи зер сифати муштарак бо қайд ба кор рафтааст.

Муш оҳанро нек дӯст дорад.

Аммо дар ҷумлаи зер қайд аз навъи мухтас аст:

Хун ҳаргиз нахусбад.

Ҷойгоҳи қайд (ҳол). Қайд низ монанди аҷзои дигари ҷумла дорои ҷойгоҳи мушаххасе аст. Маъмулан қайд пас аз ниҳод ва пеш аз феъл ба кор меравад, аммо гоҳе дар ҷумлаҳо ба иқтизои маъно ва сабки нависанда ҷойгоҳи қайд тағйир мекунад. Мисол, дар ибтидои ҷумла пеш аз ниҳод ва ё пас аз феъл ба кор меравад. Дар “Калила ва Димна” низ ҷойгоҳи қайдро ҷумлаҳои мутфовит тағйир кардааст, ки ба намунаҳое аз ин корбурдаҳояшро меоварем:

Он гоҳ ман худ ба чи сабаб ин хиёнат андешам? (136).

Дар ҷумлаи фавқ қайд дар ибтидои ҷумла ва пеш аз ниҳод омадааст. Пир аз ин ҷаҳони фонӣ ба дори наим гурехт бо дараҷоти шаҳодат ва саодат ва мағфират (118).

Дар ин ҷумла қайд пас аз феъл омадааст.

Дар “Калила ва Димна” ҷумлаҳои фаровоне мавҷуд дорад, ки ҷойгоҳи қайд ба фарохури сабки нависанда ва тақозои маънӣ тағйир кардааст.

Қайд аз дидгоҳи шумор (муфрад ва ҷамъ). Дар бархе аз ҷумлаҳо қайд ба сурати муфрад ба кор бурда мешавад. Дар ин ҷумлаҳо қайд (ҳол) фақат як аст: дар сурате, ки ҷамъ бошад, бо нишонаҳои ҷамъи мутафовит ба кор бурда мешавад: “ҳо”, “он”, “от”, “ин”, “ун” ва ... албатта, дар “Калила ва Димна” аксар қайдҳо ба сурати муфрад ба кор рафтаанд ва қайд ё ҳоли ҷамъ нисбат ба қайд муфрад бисёр андак аст. Намунаҳои мутафовити қайдро дар мисолҳои зер аз назари шумор мушоҳида менамоем.

Ҳаркиро ҳимате ва васлати ту бошад, дастҳояш ба хор маҷрӯҳ гардад (120).

Дар ҷумлаҳои фавқ (ба хор) қайди муфрад мебошад. Анӯшервон мисол дод, то онро ба хилатҳо аз диёри Ҳинд ба мамлакати Порс оварданд (19). Дар ин ҷумла ба хилатҳо ҷамъ аст ва қайд қарор гирифт.

Хулоса, ин мақола ба таърифи қайд оғоз шуд ва дар идомаи вижагиҳои он дар ҷумлаҳои мутафовити “Калила ва Димна ” баён гардид. Мушахас шуд, ки қайд дар ин ҷумлаҳо чи навъ калимае аст. Мисол, исм, замир ё сифат. Қайд аз назари шумор (муфрад ва ҷамъ) мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифт ва вижагиҳои он дар “Калила ва Димна” баён гардид. Мушаххас шуд, ки қайд дар ин ҷумлаҳо замир аст ё сифат ва навъи он низ аз назари замир ва сифат будан равшан шуд.

Дар мақола навъи қайд мушаххас шуд, яъне муайян шуд, ки маъмулан дар “Калила ва Димна” навъи қайди замон, макон, ҳолат, кайфият, нишонадор ё бенишона

аст. Он чи дар ин мақола оварда шудааст, ишораҳоест ба вижагиҳои мутафовити қайд, ки дар “Калила ва Димна” ба кор рафтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ Ҳасан, Гивӣ Аҳмад. Дастури забони форсӣ 2.- Теҳрон,1367ш., - 356 с.
2. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷ.18.-Теҳрон, 1325-1361.- с.1000 с.
3. Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури забони форсӣ. Чопи 4.- Теҳрон, 1363.- 367 с.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ).- Душанбе,1963.- 182 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1989.- 223 с.
6. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор.-Душанбе, 1998.-116 с.
7. Забон- рукни тоат. Маҷмӯаи мақолаҳо.- Душанбе, 2008.- 360 с.
8. Хаёмпур А. Дастури забони форсӣ.- Табрез, 1388.- 192 с.
9. Шариат Муҳаммадҷавод. Дастури забони форсӣ.- Теҳрон,1371.- 459 с.

ОСОБЕННОСТИ ОБСТОЯТЕЛЬСТВА В ПРОИЗВЕДЕНИИ “КАЛИЛА И ДИМНА”

«Калила и Димна» - знаменитый арабский сборник поучительных рассказов. Это - перевод недошедшего до нас индийского сборника притч. Данный сборник был переведен на пехлевийский, а затем с изменениями на арабский язык. Арабская редакция получила необыкновенное распространение. В данной статье автором предпринята попытка изучения использования видов обстоятельства и их особенности в произведении “Калила и Димна”.

Ключевые слова: произведение “Калила и Димна”, обстоятельство, использование обстоятельства в произведении, виды обстоятельства, особенности обстоятельства.

FEATURES OF THE CIRCUMSTANCES IN THE WORK “KALILA AND DIMNA”

«Kalila and Dimna» - famous Arabic collection of instructive stories. This is a translation недошедшего to us Indian collection of Proverbs. This collection was translated on пехлевийский, and then changes into Arabic. Arab editorial office received an extraordinary distribution. In this article the author attempts to investigate the use of types of circumstances and their features in the novel “Kalila and Dimna”.

Key words: work “Kalila and Dimna”, circumstance, use the circumstances of the work, the types of circumstances, especially the circumstances.

Сведения об авторе: ***Джаъфар Рудсароби*** - соискатель Таджикского национального университета

БАРРАСИИ ДИДГОҲҲОИ ДАСТУРНАВИСОН ДАР БОРАИ ФЕЪЛҲОИ МУРАККАБ ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ

Хадиҷаи Меҳдизода Номӣ

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Омӯзиш ва таҳлили сохтори феъл, махсусан феълҳои мураккаб яке аз масъалаҳои муҳим ва зарурии морфологияи забони форсӣ ба шумор рафта, ҷойгоҳи хосе дорад. Пажӯҳишгароне, ки дар заминаи тавсифи тартиб додани дастури забони форсӣ тадқиқот бурдаанд, корбурд доштани феълҳои мураккабро пазируфтаанд. Табиист, ҳар як таҳқиқгар ё гурӯҳе аз онҳо фикру мулоҳизаҳои ҷудогонаи хешро иброз намудаанд, ки аз ҳамдигар тафовути муайян доранд.

Аз ҷумла, шодравон Хонларӣ дар таърихи забони форсӣ ба ҷанбаи маъноии ифодаи феълҳо бештар эътибор додааст. Ӯ менависад: «Аз маҷмӯи онҳо (иҷозаи созандаи феълҳои мураккаб) маънии воҳидӣ дарёфт мешавад. Ҳар гоҳ ду калима аз ин навъҳое, ки зикр шуд, ду маъниро дарбар мегирад. Яъне ҳар як ҷузъ дорои маънии мустақил, маънои аслии худ мебошад. Истилоҳи «феълҳои мураккаб» ба онҳо дуруст намеояд» [1, 23-27].

Аз дидгоҳи Хонларӣ «Мушаххасии ин гуна феълҳо (ҷузъи феълии феълҳои мураккаб) ин аст, ки дар таркиби дигар маънии аслиро аз даст медиҳанд ва ё маънии сонавӣ пайдо мекунанд, ё танҳо ба унвони ҷузъи сирфӣ ба кор мераванд» [2]. Ӯ феълҳои ёридиҳандаи монанди «кардан»-ро танҳо дорои вазифаи ҷузъӣ дар таркиб медонад.

Ҳусайн Анварӣ ва Ҳусайн Аҳмадии Гевӣ дар «Дастури забони форсӣ» феълҳои мураккаб гуфта феълҳоеро мефаҳманд, ки таркибан аз як калима ё як феъли сода иборат мешаванд ва маъмулан маънои воҳидиро ифода мекунанд: ороиш кардан ва хӯрдан.

Ҷузъи ғайрисарфии ин таркиботро Фоқид нақши наҳвӣ дар ҷумла дониста ва мегӯяд: «Агар ҷузъи ғайрисарфӣ нақши мушаххасе дошта бошад ва аз маҷмӯи ҷузъи ғайрисарфӣ ва сарфӣ», яъне феъли сода, ду маънӣ ҳосил шавад, дар маҷмӯъ он дуро наметавон феъли мураккаб номид, монанди «хона сохтан», феъли мафъули он «хона сохтан» ва мавзӯи он ду феъли мураккаб нест» [2].

Ин ду пас аз анвои ҷузъҳои сарфии шомили сифат, исм, решаи феъл, исми масдар ва масдари арабӣ як тақсимбандӣ ироа намуданд. Хонларӣ низ ҷузъи феълиро ҳамкард» (ёридиҳанда) номидаанд, ба истиснои ёридиҳандаи «шудан», ки онро ҷузъи феълҳои ёридиҳандаи монанди «будан» табақабандӣ кардаанд ва аз он ҷое, ки ин феълро нишонаи «ораз шудани ҳолате ё сифате» ба ниҳоди ҷумла медонанд, онро феъли ёридиҳанда намешиносанд [1].

Муҳаммадҳавод Шариат дар «Дастури забони форсӣ» мегӯяд, ки аз мушкилоти дастури забон ташхис додани масдари сода ва мураккаб аст ва дар бораи асли падид омадани ин гуна феълҳо дар забони форсӣ муътақид аст: «Усулан эҷоди масдари мураккаб ё иллати таърихӣ дорад, монанди қисми «хӯрдан», ки тарҷумаи сукунади хӯрдан аст ва дар асл … хӯрданӣ будааст ё он ки калимаи «қудрат» таҳаммули маъниро надоштааст, мисли исми масдарҳо, ки бо вуҷуди ин ки маънии масдар бояд бидиҳанд, аммо масдаре ҳам ба унвони пасванд дар охири онҳо изофа мешавад. Монанди «ханда кардан» ба ҷои ханда ё дӯстӣ кардан ба ҷои дӯстӣ, ё ин ки масдари арабӣ аст, ки форсизабонон ба иллати доштани аломати масдарӣ онро ба унвони масдар напазируфтаанд, мисли «истеъмол кардан» ба ҷойи «истеъмол» ё «тавзеҳ додан» ба ҷойи тавзеҳ» [2].

Вай меъёри наҳвӣ ё сохтавожаӣ будани таркибро дар мавриде ки ҷузъи аввали исм ва ҷузъи дувуми феъл мутааддӣ аст, дар афзудани «-ро» пас аз ҷузъи аввал медонад. Агар бо ин кор ҷумлаи саҳеҳе ба вуҷуд биёяд, вай қоил ба вуҷуди феъли мураккаб нест. Ба чунин тартиб таркибҳои «автомобил рондан» ва «бозӣ кардан» яке сохти наҳвӣ ва дигаре феъли мураккаб аст, зеро таркиби «автомобилро рондан» ибораи саҳеҳ буда, «бозӣ кардан» як феъли таркибӣ аст» [3].

Ин назар танҳо дар он маврид рӯйи кор меояд, ки таркибҳо аз исм, феъл иборат мебошанд. Дар хусуси мавридҳои исм ба иловаи феълии мувофиқ меъёри фоил будан ё набудани исм дар таркибро арса мекунад ва дар натиҷа «ҷавоб омадан»-ро таркиби наҳвӣ ва «роҳи афтодан»-ро феъли мураккаб медонанд, ки ба назари мо ғалат аст. Ин ҷо «ҷавоб омадан» феъли таркибӣ (на наҳвӣ) мебошад. Дар мавридҳои дигар ӯ таркиби аз сифат ва феъл сохташударо дар тамоми мавридҳо феъли мураккаб медонанд. Масалан, феъли таркибии «хуш будан» ва «пайдо кардан»дар фаҳмиши Шариат ҳаргиз феъли мураккаб нест; мисли «тунд рафтан» ва «оҳиста гуфтан». Таркибҳои монанди «пеш омадан» ва «пеш бурдан» таркиби пешванд ва феълу ҳосили онҳо «масдари пешвандӣ» дониста шудаанд.

Таркиботи сеҷузъӣ (ҳарфи изофа+исм+масдари сода) дар таркиботе бо пешазҷузъӣ ва «ҷузъи аввали буни мозӣ» монанди «сар ба сар гузоштан» барои таркибот бо беш аз се ҷузъ ва «нобуд кардан» ва «гир кардан» низ алорағми ин нукта, ки ба таври сареҳ дар мавриди онҳо бар часпи «масдари мураккаб» ба кор рафтааст. Бояд дар назари доктор Шариат феъли мураккаб ба ҳисоб омада бошанд, зеро вай масдари мураккабро он медонанд, ки «беш аз як ҷузъе дошта бошад, монанди «боз кардан», «қонеъ кардан» [3].

Дуруст аст, ки Алиашраф Содиқӣ феълҳои гурӯҳи мазкури забони форсиро эътироф мекунад ва онҳоро ҳосили ҷамъи як исм ё сифат, ё қайд ва яке аз феълҳои роҷеъ дар ин сохтаҳо монанди «кардан», «шудан, «овардан», «хӯрдан», «сохтан» ва амсоли инҳо медонад.

Ӯ менависад: «Афъоли гурӯҳеро дар китобҳои дастурӣ афъоли мураккаб номидаанд, аммо аз он ҷо ки ин гуна афъоли ҳама аз мақола таркиботи наҳвианд, на аз таркиботи сарфӣ ва эҷодӣ созандаи онҳо дар аксарият наздик ба тамоми мавридҳо қобили тафкик ҳастанд, мо онҳоро афъоли гурӯҳе медонем» [4].

Содиқӣ ин қабил феълҳоро муҳимтарин навъи феълҳои форсӣ меҳисобад ва чунин мешуморад, ки ин гуна феълҳои камшумор феълҳои афъоли баситро ҷуброн мекунанд ва ин аст, ки форсизабонони имрӯза барои баёни мафҳумҳои нав ба суроғи сохтани

феълҳои басит, исмӣ, сифатӣ ва ё қайд сохта мешаванд. Содиқӣ мегӯяд: «Дар афъоли гурӯҳе қисмате, ки аз исм, сифат ё қайде ташкилшудаанд, асосан мафҳуми аслиро дар бар доранд ва қисамати феълии бештар барои баёни мафҳумҳои замон ва шахсу шумора ба кор мераванд» [4].

Содиқӣ шонздаҳ феъли баситро ба унвони ҷузъи феълии ин афъоли гурӯҳе бармешуморад ва аз миёни онҳо ду феъл - «кардан» ва «шудан», инчунин ҷонишинҳои сабки онҳо монанди «намудан», «фармудан», «сохтан» ва «гардидан»-ро холишуда аз маъно дониста, муътақид аст ҳамагӣ сирфан барои сохтани феъл аз исм, сифат ва қайд ба кор мераванд, соири ин феълҳои басит низ ба андешаи ӯ миқдоре аз маънои худро дар таркиб бо исмҳо, сифатҳо ва қайдҳо аз даст медиҳанд.

Вай сипас ба табақабандии чунин таркибот пардохта, ду қолиби кулли аз исм+феъл ва сифат+феъл сохташударо намуна меорад. Ду резтабақае, ки дар табақаи аввал ҷой мегиранд, «мафъули бевосита+ феъли гузаро» ва мафъули бавосита (бо зиҳофи изофа, маъмулан «ба») +феъли «гузаро» мебошанд. Содиқӣ намунаҳои «ранҷ бурдан», «осеб дидан» ва «такя кардан»-ро аз резтабақаи аввал ва «тан кардан», «қуфл кардан» ва «шавҳар кардан»-ро аз резтабақаи дувум мешуморад. Дар резтабақаи аввал вай ба мавридҳои монанди «иғфол кардан» ва «эъдом кардан» ишора мекунанд, ки дар онҳо бахши исмӣ дақиқан «мафъул бахши феълӣ» нест ва ба ҳамин хотир онро дорои вобастапазирии камтар ва кулли таркибро дорои қобилияти мафъулпазирӣ медонанд. Дар резтабақаи аввал Содиқӣ вобастапазирии ҷузъи аввалро ба унвони яке аз мушаххасҳои он ироа медиҳад, монанди «осеб дидан». Чунончи: Фаррух осеби сахте дид.

Дар табақаи дувум доктор Содиқӣ қолиби «сифат + феъл»-ро ворид карда, дар он сифатро маснади мафъули ҷумла дониста ва дар маҷмӯъ гурӯҳи феълҳои гузаранда меҳисобад. Ӯ феълҳои таркибии монанди «ҳозир кардан», «боз кардан» ва «ворид кардан»-ро ба ин гурӯҳ дохил мекунад.

Муҳаммадризо Ботинӣ таъкид мекунад, ки «афъоли таркибии форсӣ аз назари маъно як воҳид ҳастанд, вале аз назари сохтмони дастурӣ ду ҷузъе ҳастанд, ки дорои ду хусусияти аз ҳам фарқкунанда мебошанд. Масалан, «фирефтан» аз назари маънӣ муодиле аст бо фиреб додан», вале «фиреб додан» аз назари дастурӣ қобили таҷзия ба ду ҷузъ аст, ҷузъи аввали он метавонад маркази як гурӯҳ исме қарор гирад ва монанди як гурӯҳ исме густариш ёбад. Чун ҷузъи аввали ин қабил феълҳо таркибе ба сурати гурӯҳи исми қобили басит ҳастанд, бинобар ин аз назари гурӯҳбандии дастурӣ ҷузъи аввал ва дувум ба як гурӯҳ дохил намешаванд. «Ба ҳамин далел дар ин тавсифи сохтмонӣ, афъоли таркибӣ ба ду ҷузъ таҷзия мешаванд: қисмати ғайрифеълӣ, ки мутаммим номида мешавад ва қисмати феълӣ, ки иснод хонда мешавад, мисол: Ту ӯро фиреб додӣ» [4].

Вай ин истидлолро дар мавриди куллияи феълҳои таркибии форсӣ содиқ медонад ва таркиботеро, ки аз як феъли басит ҳамвора бо як «унсури ғайрифеълӣ» ташкил шудаанд, монанди «водоштан», «пас додан», «фурӯ бардан» ва «вар рафтан» на танҳо истиснои ворид бар ин таҷзия ба шумор мераванд. Дар мақола феълҳои мураккаб ба таври ғайримустақим дар таҳлилҳои забоншиносони дигар низ мавриди ишора қарор гирифтааст ва бо вуҷуди он дар забони форсӣ умуман муслим фарз шудааст.

Ба унвони як натиҷагирии куллӣ аз дидгоҳҳои арзашуда метавон гуфт, ки ҳамагӣ онҳо афъоли мураккабро мутааллиқ ба наҳву меҳвари ҳамнишин медонанд. Нуқтаи ифтироқи ин дидгоҳҳо дар бовари бархе бар мондагории ин сохтаҳо дар ҳавзаи наҳв ва бовар, бархе дигар мабнӣ бар ҳаракати онҳо ва вурудашон ба ҳавзаи сохтвожа аст. Албатта, бояд пазируфт, ки афъоли мураккаб, яъне афъоле, ки асли таркиби як таквожаи озод ва як феъл ва маъмулан аз миёни теъдоди феъл мушаххас ҳастанд, то ҳадди намунаҳои гумроҳкунандае аз худ барӯз медиҳанд бахусус, агар танҳо бар асоси меъёрҳои сохтаӣ қасди ташхис ва тамизи онҳоро дошта бошем.

Дар таҳлили феълҳои мураккаб профессор Хонларӣ бештар бар меъёрҳои маъноӣ такя дорад ва ба суроғи нусхаҳои сохтаи монанд густаришпазирӣ ва мубтадосозӣ намеравад. Раҳбонияти муҳимми доктор Хонларӣ, ки бар асоси меъёрҳои маъноӣ қарор гирифта, ишора ба ин нукта аст, ки ду феъли ёридиҳандаи ҳамкарди муҳимми забони форсӣ, яъне «кардан», «шудан» ва то андозае дигар феълҳои ёридиҳанда аз бори маъонӣ тиҳӣ шуданд. Бо вуҷуди ин бо таваҷҷуҳи дидгоҳи доктор Хонларӣ шумораи

бисёр зиёде аз таркибҳо, ки шояд натавон онҳоро ба ростӣ феъли мураккаб донист, дар ин радабандӣ ворид мешаванд, монанди «гириста шудан», «ҷанг кардан», «обод кардан», ки ҳатто бар асоси меъёрҳои маъноии на танҳо маънои ҷузъи аввал дар онҳо машҳур аст ва унсури феълӣ ё ҳамон феъли ёридиҳанда танҳо мафҳуми феълиро ба таркиб изофа мекунад. Пас, ин феъл метавонад дар канори ҳар исм ё сифати дигари забон, ки қасди ишғоли ҷойгоҳи феълиро дар ҷумла дорад, қарор гирад, то он унсур битавонад, бори маъноии худро бо кӯмаки ин мафҳуми феълӣ интиқол намояд. Аз сӯйи дигар вай на танҳо як маънои аслӣ барои ҳар феъли ёридиҳанда дар назар гирифтааст. Ҳол он ки, масалан, феъли басити «задан» дар мисолҳои зер дорои маънои комилан мутафовитӣ аст:

а). Ин тоблуро **бизан** ба девор.

б). Ӯ ҳар рӯз манро **мезад**.

в). Дар хиёбони ҷумҳурӣ таволиде **задан**.

г). Ҳоло агар мезанад ва пайдош намешавад чӣ.

Хонларӣ танҳо маънои сурбро бар асоси он фоил шудааст, афзун бар инҳо вай тамоми шоҳидҳое кор барад афъоли мураккабро аз мутуни шеърӣ нақл кардааст, ҳол он ки дар бархе мавридҳо таркиби ғайримураккаб дар корбурди маҷозии феъли мураккаб бинамояд.

Ҳасан Анварӣ ва Ҳасан Аҳмадии Гивӣ низ ба маънои воҳид ҳосил аз таркиб ишора карда ва дар канори он нақшадор будани унсури ғайрисарфиро ҳам меъёр донистаанд. Ҳарчанд дар назари онон таркиби «ороиш кардан» феъли мураккаб аст. Бинобар назари доктор Ботинӣ ин таркиб метавонад мутаммим ва феъле бошад ва низ густариш ёбад, монанди «ороиши ғалате карда буд», Анварӣ ва Гиравӣ ҳеч натиҷае барои тамизи феълҳои мураккаб лозим ба даст надодаанд ва таркибҳои сохташуда бо «шудан» низ аз назари онон ҳаргиз наметавонанд феъли мураккаб бошанд, ҳол он ки барои мисол таркиби «баланд шудан» дар мисоли «соат ҳашт шуда ва ин писар ҳанӯз баланд нашуда» феъли мураккаб воқеӣ аст.

Дар ҳолате ки «таб кардан» нишонаи ориз шудани ҳолате ё сифате аст, бар ин асос ёридиҳандаи «кардан»-ро низ бояд аз қатори феълҳои мураккабсоз канор бигузорем.

Шариат аз тарафе бар асоси нигориши маъноӣ «дӯстӣ»-ро исми масдар дониста, онро фоқиди қудрат таҳмили маънӣ дар назар гирифтааст ва аз сӯйи дигар меъёри яксара наҳвӣ барои бозшиносии ин афъол ироа медиҳад. Дар ин дидгоҳ бар асоси натиҷаи афзудани ҳарф нишонаи «-ро» пас аз унсури ғайрифеълӣ, таркиби «фалангро бастан», ки аз қабл дорои ин ҳарф нишона аст, бояд фоқиди маънои воҳид дар назар гирифта шавад ва ё таркиби «кор кардан» дар маънои анҷом додан чизе дар ҷумлаи «чӣ касе ин корро карда?» яке пиндошта шавад. Дар мавриди таркиби сифатӣ ва феълӣ вай ҳеч меъёри наҳвӣ ё ҳатто маъноиро ироа накарда ва вуҷуди феъли мураккаб аз ин навъро яксара пазируфтааст. Дар назари вай феъли мураккаб шомили ислоҳот низ мешавад.

Монанди «аз дасту по афтодан», ки ин худ агарчи дар таърифи ӯ мегунҷад, вале дар чорчӯбаи бозшиносии афъоли мураккаб ҷой намегирад. Содиқӣ ҳам монанди доктор Хонларӣ муътақид аст, ки «кардан» ва «шудан» аз маъно тиҳӣ шудаанд ва танҳо барои сохтани феъл аз исм, сифат ва қайд ба кор мераванд. Дар таҳлили Содиқӣ аз ин таркибот ишорае ба сохтаҳои дорои қайд ва феъл намешавад, ки ин шояд ба хотири наздик донистани мақола ба мақолоти исм ва сифат бошад, зеро дар мавридҳои ҳаммонанди «дур шудан», «берун кардан», «боло задан» ва низ «замин хӯрдан» ва «тан кардан», ки дар онҳо ҳарфи изофаи «ба» ҳифзшударо метавон таркиби қайд ва феъл донист.

Аз миёни дидгоҳҳое, ки то ба ин ҷо матраҳ шуд ва ба таври мустақим ва ё ғайримустақим ба сохти феълҳои мураккаб назар андохтанд, феълҳои ёридиҳанда ба таври амиқ махсусан дар китоби тавсияи сохтмони дастури забони форсӣ таҳлилу таҳқиқ карда шудаанд.

Ботинӣ дар тавсифи сохтмони банд ба вуҷуди ҳадди аксар се мутаммим дар он қоил шудааст, ки наздиктарини онҳо ба унвони устод (ҳамл коркарди гурӯҳи феълӣ) метавон ҳамон унсуре бошад, ки дар сохти афъоли мураккаб ҳамвора феъл меояд, монанди мисолҳои зер:

а). Ман ӯро хушҳол кардам.

б). Шумо ӯро кутаки маффасале задед.
в). Барои як дастмол Қайсарияро оташ мезанад.
г). Ман ӯро одами чоқӣ муҷассам мекардам.
ғ). Ӯро ҷаноби раис садо мекарданд. [5]

Ботинӣ дар таҳлили худ сифотро зери табақае дониста, ки дар сохтмони гурӯҳи исмӣ ба кор меравад ва аз он ҷое, ки гурӯҳи исмӣ метавонад, дар ҷойгоҳи маснадолия мутаммим (он унсури сохтмоние, ки маҳалли коркарди гурӯҳи қайдӣ аст) қарор гирад, аз таҳлили суннатии марбут ба афъоли мураккаб ба ду унсури сохтмонӣ дар таҳлил сурати гирифта дар тавсифи сохтмони дастури забони форсӣ мерасем.

1. - мутаммим + феъл
2. - адот +феъл

Дар шумораи 1 исм ё сифат метавонад ҷой гирад, монанди «ифтитоҳ кардан», «ғизо хӯрдан», «кутак задан» барои таркиби исму феъл ва «муфтазеҳ кардан», «савор кардан» барои таркиби сифату феъл дар шумораи 2 дар ҷойгоҳи адот метавонем гурӯҳҳоеро қарор диҳем, ки сурати онҳо тамоиз бахусус надорад, вале ба эътибори маънии худ маъмулан ҷойгоҳи адотро дар сохтмони банд ишғол мекунанд». Ва низ мехонем, ки «ин ҷойгоҳ метавонад ба василаи гурӯҳи исмӣ ва табақаи сифот, ки резтабақае аз гурӯҳи исмӣ аст, ишғол шавад» [5] намунаҳои «боло бурдан», «баланд кардан», «баланд шудан» ва «поин бурдан» мутааллиқ ба таркиботе ҳастанд, ки дар ин таҳлил дар онҳо як унсур аз зертабақаи сифат (ки дар сохтмони гурӯҳи исмӣ ба кор меравад) ҷойгоҳи адотро ишғол мекунад ва дар канори феъл меояд. Дар ҷойгоҳи адот, чунонки пештар гуфта шуд, гурӯҳҳои исмӣ низ метавонанд биёянд ва намунаи «замин хӯрдан» ва «ҳаво рафтан»-ро бояд аз ин навъи таркибот донист.

Ҳамон тавре ки гуфта шуд, таркиботи зайл шумораи 2 аз дидгоҳи Ботинӣ афъоли мураккаб ба ҳисоб намеояд, гарчи мо ба таври суннатӣ метавонем онҳоро афъоли мураккаб дар назар бигирем, дар ин ҷо метавон ба нуктае дархӯрад таваҷҷуҳе, ки аз раҳгузари ин таҳлил ҳосил мешавад, ишора кард. Дар таркиботи гурӯҳҳои исмӣ, ки дар ҷойгоҳи адот қарор мегиранд, гурӯҳе вуҷуд доранд, ки «аз назари маъно бар макон далолат мекунанд» [5].

Аз сӯйи дигар дар таркиботи дорои сифат низ, сифоте вуҷуд доранд, ки метавонад ба унвони исм ба кор рафта бошад, аз назари маъно ба макон далолат мекунанд, монанди «боло» ва «поин». Ин ҳар ду гурӯҳ аз қобилияти таҳрики бештаре ба нисбати дигар гурӯҳҳо бархӯрдоранд ва метавонанд пеш ё пас аз феъл қарор бигиранд».

Таҳлили Ботинӣ аз сохтмони дастурии забони форсӣ ва битабъ афъоли мураккаб бар нигариши наҳвӣ аст ва меъёрҳое дар он чандон ҷой надоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Хонларӣ Парвиз. Таърихи забони форсӣ. -Ҷ.2. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон.- 1349. – С. 25.
2. Анварӣ Ҳусайн, Аҳмадии Гиравӣ Ҳусайн. Дастури забони форсӣ. -Ҷ.3.- Фотамӣ.- 1370. – С.28. 2. 2.
3. Шариат Муҳаммадҷавод. Дастури забони форсӣ.- Теҳрон: Асотир.- 1370.- С. 97.
4. Содиқӣ, Алиашраф. Ғуломирзо Аржанг. Дастури забони форсӣ. –Теҳрон: Вазорати омӯзиш ва парвариш.- Ҷ.2.- С.149.
5. Ботинӣ, Муҳаммадризо. Тавсифи сохмони дастури забони форсӣ,.- Теҳрон: Амири кабир, 1348. - С. 94.

ИЗУЧЕНИЕ ВЗГЛЯДОВ ЛИНГВИСТОВ ОТНОСИТЕЛЬНО СЛОЖНЫХ ГЛАГОЛОВ В ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящается критическому анализу имеющихся в персидском языкознании научных трактовок иранских исследователей таких как Хонлари, Шариат, Содики, Анвари, Гиви и Ботани. относительно сложных глаголов в персидском языке,

Ключевые слова: глагол, пассивная форма глагола, исследователь, критический анализ, компонент.

THE STUDY OF ATTITUDES LINGUISTS RELATIVELY COMPLEX VERBS IN THE PERSIAN LANGUAGE

This article is dedicated to the walkthrough of having in Persian linguistics scientific interpretations of relatively difficult verbs in Persian, as Хонлари, Sheriat, Содики, Анвари, Гиви and Ботани.

Key words: verb, passive of verb, researcher, walkthrough, component.

Сведения об авторе: ***Хадиджа Мехдизаде Номи*** -аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А. Рудаки АН РТ

ЗЕБОИШИНОСӢ ВА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ НАЗАРИ ҶАЛОЛУДДИН МАВЛАВӢ

Муҳаммадҷаъфар Шариатмадорӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Абъоди мухталифи вуҷуди инсон ва зарфиятҳои гуногуни вай муҷиб мешавад, то дар тарбият ва таълим ба ҳама абъоди он таваҷҷуҳ гардад, чаро, ки инсон қобилият, зарфият ва тавоноии парвариши онро дорост. Низомҳои омӯзиш ва парвариш бояд заминаи парвариши ҳар як аз қувваҳои мавҷуди инсониро фароҳам кунанд, то фард битавонад аз он баҳраманд гардад. Бархе аз донишмандон ва соҳибназарон пояи аслии тарбиятро дар ҳунар медонанд. Ҳунар метавонад ақлу эҳсосоти моро мутаодил ва муттаҳид кунад. Яке аз он навъи тарбият, зебоишиносӣ аст, ки асоси онро ташкил медиҳад. То замоне ки дар омӯзиш ва парвариш сирфан ба дониши зеҳнӣ ва шиноҳтӣ таваҷҷуҳ шавад, ҳунари зебоишиносӣ мавриди ғафлат ва ё бетаваҷҷуҳӣ воқеъ мегардад ва воқеияти чандбӯъдии инсон нодида гирифта мешавад. Ба иллати моҳияти ҳунар ва зебоишиносӣ аст, ки дарки дуруст аз адабиёт ва ҳунар муҷиб мегардад, то фард ба маъруфияти воқеӣ дарҷ ёбад, эҳсосот ва андешаҳои ӯ шакл гирад ва дар масири зебоиписандӣ қарор гирад.

Дар тарбияти саҳеҳ тарбияти ақлонӣ баъд аз тарбияти зебоишиносӣ қарор мегирад. Нақши тарбияти ҳунарӣ ва зебоишиносӣ бештар аз тарбиятҳои шиноҳтӣ ва иҷтимоӣ аст, чаро, ки агар ҳунар дар хадамоти таҷзия ва парвариши равон қарор гирад дорои коркардҳои иҷтимоӣ ва фардиву тарбиятӣ хоҳад буд ва дар парвариши манши одамӣ ва биниши зебоинигории одамӣ таъсири фаровон дорад.

Бинобар ин, таълим гоме аст, дар роҳи тарбият ва дар ин раҳгузар мақсади ниҳоӣ, таҳаввули ҳамаи ҷанбаи инсон аст, на таъкиди беш аз ҳад бар ҷанбаи ақлонии фард, ки худ муҷиби коҳиши тағйири маниши ӯ мегардад.

Аз он ҷое ки инсон мавҷуди чандбӯъдӣ аст ва яке аз аҳдофи фалсафаи омӯзиш ва парвариш, тарбияти ҳунарӣ ва зебоишиносӣ медонанд ва онро сабаби иттиҳоди ақл ва эҳсос мешиносанд. Ҳунар асоси тарбият аст. Ҳунар, ақл ва эҳсос моро муттаҳид, таҳлили моро таҳрик ва муҳити моро дигаргун мекунад. Солҳо пас аз он, ки дастовардҳои моддии мо фаромӯш мешаванд, ҳунар ба манзалаи намоди нигоришҳои маънавии мо боқӣ мемонад. Ҳунар аз ҳар назар шоҳиде аст бар ҷустуҷӯйи башар барои ба даст овардани ҷовидонагӣ [1,10].

Дар ин ҷо ба бархе аз назароти андешамандон ва файласуфон ишораи мухтасар хоҳем намуд.

Зебоӣ аз назари Мавлавӣ. Мавлавӣ зебоишиносиро аз зебоинигорӣ медонад, дарки дурусти одамӣ ва дидгоҳи ӯ зебоӣ ё зиштиро қобили фаҳм мекунад. Бо ибороти дигар зебоӣ ва зиштӣ чизе аз воқеият доранд. Зебоӣ тобеи идроки шахс аст. Нигоҳ ва биниши фард аст, ки чизеро зишт ё зебо мебинад.

Ин нигоҳи Мавлавӣ буд, ки зебоиро дар шаш офарид, яъне азамат, қабл аз ҳар чиз, дар нигоҳи худи Мавлавӣ вуҷуд дошт, агар ин азамат, ки дар ҳақиқат азамати ишқ аст, дар нигоҳи ӯ таҳқиқ намеёфт, Шамсро то мартабаи худоӣ зебо намедид ва дар ниҳоят ин зебобинӣ дар нигоҳ ба тамоми падидаҳои олами ҳастӣ сараён намеёфт. Таҳқиқи ин падидаи зебобин, танҳо бо таҷрибаи шахсии Мавлавӣ, яъне ишқ муяссар аст. Дар ҳақиқат, он чӣ дар ин бахш ба унвони назарияи зебоинигорӣ матраҳ мегардад, бар асоси ҳамин таҷрибаи амалӣ пардохта шудааст Аз ин рӯ, арзишманд аст, на танҳо ба унвони як назария маҳз ё як фарзияи мантиқӣ, ки сирфан бо чида шудани муқадамот ва рабту натиҷа фароҳам омада бошад. Дар ин назария беш аз ҳар чиз, идроки одамӣ ва дидгоҳи ӯст, ки аҳамият дорад. Дар ин миён, зебоӣ бо зиштӣ як падида, на ба худ он падидае, ки ба идроки мадраки он бастагӣ дорад. Ин ҷост, ки мисдоқҳо аҳамияти худро аз даст медиҳанд ва дидаи одамӣ эътибор меёбад. Мавлавӣ аз он ҷо, ки худ соҳиби чунин дидае аст, саъй мекунад, то бо матраҳ кардани масодиқ ба зоҳири зишт ва шурури олами ҳастӣ, умқи таҷрибаи хешро баён кунад. Ин назария дар ҳақиқат, аз батни як таҷрибаи рӯҳонии ғайриқобили инкор бархостааст, на сирфан як таовури фалсафӣ барои ҳалли шурури олам, дар дидаи зебобинии ӯ, ҳатман саги кӯи Лайлӣ ҳам яке аз масодиқи зебоӣ маҳсуб мешавад, ки расад ба худи Лайлӣ» [2,109]

Гуфт Лайлиро халифа к-он туӣ,
К-аз ту шуд Маҷнун парешону ғавӣ.
Аз дигар хубон ту афзун нестӣ,
Гуфт: хомӯш, чун ту Маҷнун нестӣ.
(Маснавии Маънавӣ, дафтари аввал, абёти 407 ва 407)

Таассуроти равонӣ дар идроки зебоии мо нақш дорад, нисбати он низ дар афрод, мутафовит ва мутағайир аст.

Пас бад мутлақ набошад дар ҷаҳон,
Бад ба нисбат бошад инро ҳам бидон.
Дар замона ҳеҷ заҳру қанд нест,
Ки якеро под гарро банд нест.
Мар якеро под гарро пойбанд,
Мар якеро заҳру бар дигар чу қанд.
Мангар бар чашми худат он хубро,
Бин ба чашми Толиб он Матлубро.
Чашми худ бар банд з-он хуш чашми ту,
Орият кун чашм аз ушоқи ӯ.
Заҳри мор он морро бошад ҳаёт,
Нисбаташ бо одамӣ бошад мамот.
(Маснавии Маънавӣ, дафтари чаҳорум, абёти 67 то 72)

Зебоинигории Мавлавӣ мубтанӣ бар як тачрибаи ишқӣ аст, он ҳам бар як тачрибаи амиқ ба як назарияи сирф, нигориши ирфонӣ ва амиқи Мавлавӣ, табйинкунандаи тачрибаи ишқии вай аст, ки зебоие низ метавонад тачрибӣ ва амалӣ бошад.

Аз он ҷойе ки ҳунар бо офариниш пайванди муқаддас дорад ва маҳсули он ишқ варзидан аст, зебо дидану нигариши ҳунарӣ доштан, амри дарунӣ аст. Ин нигариш тарбият ёфта, мутаассир аз дониш аст.

«Аз ин рӯ, дидаи зебобин як дидаи тарбиятёфта ва адабомӯхта аст. Ишқ, ӯро адаб омӯхтааст. Ин бори адаби ишқ, адаби зебонигари нигаристан аст ва дидбони авҷи нигаристан, нишони ин тарбиятёфтагӣ ва адабомӯхтагӣ аст. Зебоинигарӣ, биниши фаррох ва баланде аст, ки аз авҷ, ба олами ҳастӣ ва падидаҳои он менигарад, дуруст монанди дидбоне, ки аз болои бом ба зер нигоҳ мекунад» [118].

Ҳалқаи кӯрон, ба чӣ кор андарид,
Дидабонро дар миёна оварид.
(Маснавии Маънавӣ, дафтари аввал, байти 2139)

Рӯҳи инсон, бо зебоинигорӣ пайванди зотӣ дорад. Ин рӯҳи зебописанд, ҳамвора рӯҳро аз бекасӣ хориҷ мекунад.

«Зебоинигарӣ бо рӯҳи одамӣ ва инсонияти ӯ пайванди амиқ дорад ва инсоне, ки ба Худованд наздиктар аст, ба лиҳози рӯҳӣ ҳам зеботар аст ва рӯҳи зебои инсонӣ, рӯҳе аст, ки Худованд, назди ӯ ҳозиртар аст ва баҳрае бештар ва олитаре аз Худопарастӣ бурдааст:

Чун шуди зебо, бидон зебо расӣ,
Ки раҳонад рӯҳро аз бекасӣ».
(Маснавии Маънавӣ, дафтари шашум, байти 3100)

Дар ҳақиқат, Мавлавӣ шеваи тачрибӣ ва ашрофиро дар зебоинигорӣ ироа медиҳад. Сулуки амалии Мавлоно дар воқеъ як сири дарунӣ аст, ки ба берун тачаллӣ меёбад.

Мавлавӣ дар авҷи ҳунар дидан, яъне динӣ, ҳусн, худобинӣ, яъне тачрибаи шуҳуди Худованд дар мартабаи камол ёфтатар, ки ҳамон тачрибаи зебо дидан аст, расид. Бузургтарин кашфи Мавлавӣ ин буд, ки ба зебоии Худованд расид, яъне тавонист ба кашфи зебоии парвардигор бирасад. Ҳамаи зебоиҳоро озмуд вале, зебоии мутлақро дарёфт.

Ҳамаро биёмузидам зи ту хуштарам наомад,
Чу фурӯ шудам ба дарё, чу ту гавҳарам номад.
Сари хунбаҳо кушудам, зи ҳазор хум чашидам,
Чу шароби дилкаши ту ба лабу сарам наомад.
Чӣ аҷаб, ки дар дили ман гулу ёсуман бихандад,

Ки суманбари латифе, чу ту дар барам наомад.
(Девони кабир, ғазали 770)

Баъзе аз таквожаҳо вобаста бар шароити гуногун тағйири шакл ё садо медиҳанд, аммо бисёре танҳо як шакл ё садо доранд. Ба шаклҳои як таквожа allomoeph мегӯянд. Барои мисол «s» дар вожаи ‘’books’ садои /s/, Дар вожаи «bags», садои /z/ ва дар вожаҳои «benches» садои /z/ медиҳад. Дар ин ҳолат мегӯем /z/, /z/, /s/ омоморфемаҳои таквожаи «s» ҳастанд. Ҳамчунин пешванди манфисози «in» дар забони англисӣ, дар вожаи inactive, /in/, дар вожаи irregular, /ir / дар вожаи impossible, /im /, ва дар вожаи illegal, /il / хонда мешавад. Ин кор барои осонии талаффуз сурат мегирад. Дар ин ҷо низ мегӯем /,/ /il /, / ir/, /in/, /im/, омоморфемаи таквожа ё морфем / / ҳастанд [6, 125].

Табдил «in» ба «il» дар вожае, ки бо ҳарфи «L» шурӯъ мешавад, ё табдили «s» /z/ дар вожаҳое, ки ба як ҳарфи босадо voiced (мисли /g /, / n/, /m/) хатм мешаванд, комилан қобили пешбинӣ ва собит аст. Ба ин вазъият фароянди воҷии машрут conditioning phonological мегӯянд. Аммо мавориде чун ҳолати ҷамъи вожаҳои deer (derr) ва man (men), child (children), аслан собит ва қобили пешбинӣ нест. Ба ин вазъият, вожаи машрута morphological conditioning гуфта мешавад [5, 98].

Хулоса, сохтори вожагони минералӣ низ таҳти таъсири фарояндҳои сохтории вожагон қарор гирифта аст. Вожагони минерал метавонад дорои анвои таквожаҳо, вожакҳо ва таквожагунаҳо бошанд. Равишҳои мутадовили вожасозӣ, таркиб, вожагони минерали мураккаб, омезиши вожагони минерал, иштиқоқ дар вожагони минерал, тағйири навъи дастури вожа ва эҷоди маънои ҷадид бо ҳифзи маънои қадимии он, вом гирифтани як вожа аз забони дигар ва номи овоҳо дар форсӣ ва англисӣ боиси тағйироти сохторӣ дар вожагони минерал шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Васуқи Ҳусен. Вожасозӣ ва фарҳангнигорӣ дар забони форсӣ.- Теҳрон, 1383.
2. Пошанг Мустафо. Решаёбӣ ва вожагони порсӣ.- Теҳрон, 1377.
3. Зандӣ Баҳман. Равиши тадриси забони форсӣ дар давраи дабистон.- Теҳрон, 1980.
4. Фолиқ Ҷавлиё Ас. Забоншиносӣ ва забон. (Тарҷумаи Алӣ Баҳромӣ).- Теҳрон, 1380.
5. Юул Ҷурҷ. Баррасии забон. (Тарҷумаи Насирин Ҳайдарӣ).- Теҳрон, 1374.
6. Kataba Francis. Morphology. Mac Milan press.- 1993.

СТРУКТУРНОЕ ИЗУЧЕНИЕ МИНЕРАЛОГИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ПЕРСИДСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ С АКЦЕНТОМ НА ФОРМЫ СТРУКТУРЫ СЛОВА

В данной статье автором проведено структурное изучение минералогических терминов в персидском и английском языках с акцентом на формы структуры слова.

Ключевые слова: минералогическая терминология, структурное изучение, способы строения слов, общеупотребительная лексика, сложные слова, научно-техническая лексика.

STRUCTURAL STUDY OF MINERALOGICAL TERMS IN THE PERSIAN AND ENGLISH LANGUAGES, WITH EMPHASIS ON THE FORM OF THE STRUCTURE OF THE WORD

In this article the author carried out a structural study of mineralogical terms in Persian and English languages, with emphasis on the form of the structure of the word.

Key words: mineralogical terminology, structural study, methods of structure of words, current vocabulary, complex words, scientific and technical vocabulary.

Сведения об авторе: ***Фарахноз Хочимухаммад Самии*** - соискатель кафедры иностранных языков АН РТ

ИФОДАИ МАФҲУМИ «ЗАН» ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Гулчеҳра Сафарова
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳар ашё, амалу ҳолат ва соири мафҳумоти олам ифодаи хосе доранд. Бузургтарин офаридаи Холиқи олам - зан низ соҳиби исми махсусест, ки хусусан дар оилаи бузургтарин ва густардатарин забонҳои дунё - ҳиндуаврупоӣ заминаи ягонаи рӯиш дорад. Ин исми фардест, ки бо хости Худованд, баъди Худованд офаридгориро пеша карда. Вожаи «зан» чун исми ҷомеъ аст, ки мафҳумоти зиёди ба худ иртиботдоштаро муттаҳид менамояд. Нахустин ва муқаддастарин мафҳуме, ки аз он бармеояд, вожаи «модар» аст ва дигар калимоти ин гурӯҳ ба ҳамхунию қаробати хешигарии зан- модар марбутанд.

Зан- модар чун узви ҷомеа дар рушду нумӯъ ва таҳкими ҳамаҷонибаи зиндагӣ мақоми волое дорад. Аз ин рӯст, ки ӯ чун яке аз симоҳои намоёни осори нафиса (рассомӣ, ҳаккокӣ, муҷассамасозӣ ва хоса бадеӣ) дар маркази диққати ҳунармандони соҳаҳои дар фавқ баёнгардида қарор дорад. Адибе нест, ки ба ин ё он дараҷа ба тасвири симои зан-модар таваҷҷуҳе накарда бошад. Алалхусус яке аз мавзӯоти бунёдии осори шоирон васфу тараннуми зан-модар аст.

Шоири шаҳир Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи хеш симоҳои барҷастаю такрорнашавандаи занонеро офаридааст, ки ҳамчун модар бузургу чун ҳамсар вафодор ва шафиқу меҳрубон буда, дар набардҳо алайҳи хасми малъун ҳатто аз марди мардон низ шуҷоътаранд.

Шоир ҳама ҷанбаҳои зиндагии занонро дар либоси бадеият бо музайян сохтани он бо зару зевари сухан тасвир намудааст, ки ҳар яке ифодаи махсуси худро дорад.

Дар ин нигоштаи афшурдаҳаҷме фақат ифодаҳои умумии мафҳуми зан-модар мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор хоҳанд гирифт.

Ҳамин тавр вожаи «зан» (ҷамъаш «занон») мафҳуми умумии ҷамъбасткунандаи ин гурӯҳи луғавӣ маҳсуб аст:

Чӣ некӯ сухан гуфт он ройзан,
Зи мардон макун ёд дар пеши зан. (10, 256)
Заноншон чунинанд з-эрониён,
Чӣ гӯянд гурдони ҷанговарон? (11, 215)

Зан чун инсон, ҳамчун соири аҳли ҷомеа дорои хислатҳои неку ҳамида ё баду нописандида буда метавонад. Инчунин вобаста ба синну сол низ занон аз ҳамдигар тафриқа доранд.

Фирдавсии ҷодусухан зани хубу писандидаро бо вожаи «некзан», зани солхӯрдаро бо ибораи «зани пир», зани барҷомондаю иллатдорро бо вожаи «нимзан», зани бадбахту нокомро бо ибораи «зани бенаво» ифода кардааст. Мутаваҷҷеҳ бошед ба истифодаи ин луғатҳо дар матн:

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки эй некзан,
Шудастам сарафроз бар анҷуман (12, 133).
Зани пир гуфт, ар майат орзуст,
Май асту яке низ куҳна кадуст (9,163).
Парастандаро гуфт, к-эй нимазан!
На зан дошт ин далву чарху расан? (16, 245)
Бад-ин хона дарвеш буд мизбон,
Зане бенаво, шӯй полезбон (16, 490).

Шоир барои ифодаи занони бадандешу бадният ва разилу пасту фитнакор вожаи «нопокзан», «ҷодузан» ва ибораҳои «зани бадкуниш», «зани ҷоду»-ро кор фармудааст:

Нишони бадандеш, нопокзан,
Бигуфтанд бо шоҳу бо анҷуман (12, 42).
Ки ин ҳар ду кӯдак зи ҷодузананд,
Падидору аз пушти Аҳримананд (12, 44).
Ҳамон шаҳру барзан ба пай ованд,
Зани бадкунишро ба ҷой ованд (12, 43).
Ба гӯши зани ҷоду омад суруд,
Ҳамон ҷомаи Рустаму захми руд (11, 66).

Олитарин мақому мартабаи зан дарёфти шарафи модарист. Фирдавсӣ барои ифодаи зани соҳибфарзанд вожаҳои «модар» ва «мом»-ро истифода бурдааст:

Ба модар хабар шуд, ки Сӯҳроби гурд
Ба пеши падар хаста гашту бимурд (2 ,6).
Намонад бару бум, на мому боб,
Шавад паст Рудобаро рӯди об (10, 300).

Зимнан мутазаккир бояд буд, ки вожаи «модар» алҳол дар забони тоҷикӣ серистеъмол аст, калимаи «мом» бошад, асосан дар гӯйиши ақвоми бадахшонӣ истифода мегардад.

Истифодаи вожаи «пок» бо калимаи «модар» таъкиди дигарест ба сафвату покдоманӣ ва иффати волида:

Чу ин гардад аз покмодар ҷудо,

Бикун ҳар чӣ фармон диҳад подшо (16, 232).

Як идда вожаҳои дигар мафҳуми дӯшизагӣ ва ҳамсарию соҳибхонагии занонро мефаҳмонанд. Чунончи, вожаи аслан тоҷикии «дӯшиза» ифодагари духтари шавҳарнакарда буда, калимаи «дӯшизагӣ» мафҳуми овони бокирагӣ, ҳанӯз ба шавҳар нарасидаро мефаҳмонад:

Расида бад-ин сол дӯшизаанд,
Ба дӯшизагӣ низ покизаанд (16, 467).

Чун духтар ба балоғат расад, бахт ба рӯяш хандаду ҷуфти ҳаётии худро ёбад, чун дар забони ҳозира бо вожаи «арӯс» ном мебарандаш:

Бисоид мушкин камандаш ба бӯс,
Ки бишинид овози бӯсаш арӯс (10, 274).
Дили подшо сард гашт аз арӯс,
Фиристод бозаш бади Файлақус (15, 504).

Вожаи «ёр» дар забони тоҷикӣ сермаъност, лекин аксар вақт чун симои адабӣ ба маънои дӯсту рафиқи ҳаётӣ (зан ё мард) ва маҳбубаю маъшуқа ҳам истифода мешавад:

Ҳар он кас ки бар вай бидаррид пӯст,
Маро бошад ӯ ёру домоду дӯст (15, 30).

Ба маънии маҳбубаву маъшуқа ва ҳамсар омадани вожаи «ёр» ҳангоми дар таркибҳои амсоли «ёр кардан», «ҷуфту ёр» омадан равшантару мушаххастар мегардад. Мавриди зикр аст, ки пас аз ёр шудан ёрон бо ҳам сахт паймон мебанданд, ки дар «Шоҳнома» ин амал бо таркиби «устувор аҳд бастан» ифода гардидааст:

Фарангисро бо Фарибурз ёр,
Бикарданду бастанд аҳд устувор (13, 72).
Яке нест ҷуз довари кирдгор,
Ки ӯро на анбозу на ҷуфту ёр (10, 278).

Дар «Шоҳнома» вожаи «ёр» ба маъниҳои дигар ҳам омадааст:

а) ба маънои шарик:

Худованди бе ёру анбозу ҷуфт,
Аз ӯ нест пайдову пинҳон нуҳуфт (11, 190).
На ман куштам ӯро, на ёрони ман,
На гирде гумон бурда аз он анҷуман (17, 345).

б) мададгор, шафиқ, пушту паноҳ:

Ҷаҳонофаринанда ёри ман аст,
Дилу теғу бозу ҳисори ман аст (11, 10).

Вожаю таркибу ибораҳои «ҷуфт», «ҷуфтҷӯй», «ҷуфти вай», «ҷуфт кардан», «ҷуфт гузидан», «ҷуфт набудан», «ҳангоми шӯй омадан», «ба шӯй писандидан» маънои ҳамсар шуданро доранд:

Падар гуфт, к-акнун ту ҷуфти вайӣ,
Чунон дон, ки андар нуҳуфти вайӣ (16,513).
Ба кохи падар духтари моҳрӯй
Бигаштӣ бар он анҷуман ҷуфтҷӯй (15, 23).
Наёсуд аз он паҳлавони сипоҳ,
Ки то кард мар маҳро ҷуфти шоҳ (13, 73).
Биёмад бари шоҳи Тӯрон бигуфт,
Ки духтар-т аз Эрон гузидаст ҷуфт (13, 311).
Бар ӯ пирамард офарин карду гуфт,
Ки ин духтарони маро нест ҷуфт (16, 467).
Чу гаштӣ баландахтару ҷуфтҷӯй,
Бидидӣ, ки омад-ш ҳангоми шӯй (15, 23).
Падар гуфт бо духтар: - Эй Орзуй,
Гузидӣ, писандӣ ту ӯро ба шӯй (16, 513).

Дар «Шоҳнома» қариб ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти зану мард ба риштаи тасвир кашида шудааст. Чунончи, дар асар маҳбуба бо вожаю ибораҳои «нигор», «нигори суманбар», «нигорин», «турки гулрух» ифода ёфтааст:

Ман ӯро кунам аз падар хостор,
Ки зебад ба мушкӯи мо он нигор (11, 124).
Чу бедор шуд Бежану ҳуш ёфт,

Нигори суманбар дар оғӯш ёфт (13, 310).
Маро офаринанда аз фарри хеш,
Чунин офарид, эй нигорини пеш (12, 31).
Камон турки гулрух ба зеҳ барниҳод,
Ба дасти чапи паҳлавон дар ниҳод (10, 261).

Зани шахси дорою сарватмандро вожаҳои «бону», «бонузанон» ифода кардаанд:

Ба ҳар ҷой номи ту бону бувад,
Падар пеши тахтат ба зону бувад (16, 615).
Писандидашон шоҳ, чун дидашон,
Зи бонузанон низ бугзидашон (16, 499).

Ибораҳои «бонуи шоҳ», «бонуи шаҳри Эрон», «бонуи Эрон» мушаххасан мутааллиқ будани бонуро ба касе ё мавзее ифода кардаанд:

Ту бонуи шаҳриву хуршеди гоҳ,
Сазад, к-аз ту н-ояд бад-ин сон гуноҳ (12, 34).
Чу хоҳӣ, ки бонуи Эрон шавӣ,
Ба гетӣ писанди далерон шавӣ (16,230).

Зебоию нафосати чунин занон бо ибораи «бонуи маҳрӯй», зани хайрхоҳ бо ибораи «зани некрой» ифода ёфтаанд:

Парастанда бо бонуи моҳрӯй,
Чунин гуфт, к-акнун раҳи чора ҷӯй (10, 271).
Кунун бишнав, эй бонуи некрой,
Маяндешу андӯҳ маёвар ба ҷой (10, 332).

Шоир дар ифодаи сарвару раҳбар ва афзали чунин занон ифодаҳои «бонуи бонувон», «сари бонувон», «афсари бонувони ҷаҳон», «бар тораки бонувон афсар»-ро корбаст намудааст. Ин ибораҳо инчунин дар зебоию назокату нафосат бартарӣ доштани чунин бонувонро мефаҳмонанд:

Чунин гуфт пас бонуи бонувон,
Парастандаеро, к-аз эдар давон (10, 271).
Ки Ҷамшедро ҳар ду хоҳар буданд,
Сари бонувонро чу афсар буданд (9, 72).
Ки эй афсари бонувони ҷаҳон,
Сарафроз духтар миёни меҳон (10, 257).

Вожаи туркии «хотун» ҳам ҳаммаънои калимаи «бону» аст:

Аз он кор мағзаш пурандеша гашт,
Ба сӯйи шабистони хотун гузашт (17, 252).

Аз истифодаи вожаи «хотунӣ» ва ибораи «духти хотун» ва мазмуни байт кас ба хулосае меояд, ки ин воҳидҳои луғавӣ маҳз барои ифодаи бонувоне истифода гардидаанд, ки воқеан ҳам туркнажоданд:

Бигуфто, ки аз мом хотуниям,
Ба сӯйи падар Офаридуниям (12, 10).
Магар духти хотун, ки афсар надошт,
Ҳамон ёраву тавқу гавҳар надошт (9, 412).

Вожаи «кадбону» соҳибхоназанро мефаҳмонад:

Намудаш ба кадбонуи хона дод,
Танашро бад-он чарми бегона дод (9, 163).

Ин калима алҳол дар забони тоҷикӣ бо ин маъно дар истифода нест. Шакли «кадбону» баъзан дар забони адабӣ ва шакли «кайбону» бештар дар гӯйишҳои мардум ба маънои зани дар пухтупаз машҳур ба кор бурда мешавад.

Маълум аст, ки дар «Шоҳнома» ва умуман дар забони адабиёти классикӣ вожаи «кадхудо» дар ифодаи мард ба маънои шавҳар, соҳиби хона, раиси шаҳр, подшоҳ, вазир ба кор меравад:

В-аз он пас чунин гуфт бо кадхудой,
Ки эй марди равшандили покрой (16, 237).
К-аз ин кас наёбӣ ту аз бахт баҳр,
Ба ман чун диҳӣ кадхудоии шаҳр (9, 164).

Ин вожа алҳол дар забони адабии тоҷик мустаъмал нест, вале дар баъзе гӯйишҳои маҳаллӣ ба маънои зани саховатпеша, дасткушод дар истифода вомехӯрад.

Як идда вожагони дигар ифодагари мафҳумҳои муносибатҳои хешутабории занон мебошанд. Аз инҳо калимаҳои «модар» ва «зан» чун саромади ин гурӯҳи луғавӣ дар ибтидои ин нигошта таҳлил ёфтанд.

Дар доираи ин гурӯҳ дар «Шоҳнома» калимаи «духтар» ва «духт» серистеъмолтаранд:

В-аз пас ба Ковус гӯянда гуфт,
Ки ӯ духтаре дорад андар нуҳуфт (11, 124).
Бад-ин номи худ дод хоҳӣ ба бод,
Чу ман зодаам духт, ҳаргиз кӣ зод? (10, 293)

Вобаста ба наслу насаб, синну сол ва тинату хислат духтарон аз ҳамдигар фарқ доранд. Ин фарқиятҳо дар «Шоҳнома» бо ибораҳои «духтари (духти) шаҳриёр», «духтари (духти) шоҳ», «духти деҳмеҳтар», «духти хотун», «духти радон», «духти Синдухт», «духти хоқон», «духти Афросиёб», «духтари Тур», «духтари Гаждаҳам» ифода ёфтаанд:

Бирафтанд бо духтари шаҳриёр,
Гаронмоягон ҳар яке бо нисор (15, 503).
В-аз ин духтари шоҳи Ҳомоварон,
Пурандеша гаштӣ ба дигар карон (12, 45).
Чу нуҳ моҳ бигзашт бар духти шоҳ,
Яке кӯдак омад чу тобанда моҳ (11, 200).
Бад-ӯ гуфт: -Ман духти деҳмеҳтарам,
Азеро чунин хубу кундоварам (16, 246).
Парастандагонро шигифт омад он,
Ки бадкорӣ ояд зи духти радон (10, 257).

Бо иловаи тавсифҳои (муайянкунандаҳои) дигар ба ин вожаҳо сарфарозию сарбаландӣ, диловарию шуҳратмандию матиниродагии духтарон тасвир гардидааст. Аз ҷумла мутаваҷҷеҳ бошед ба корбурди ибораҳои «сарафроз духтар», «духтари пешбин», «духти камандафкан», «духти номвар», «духти номдор», «духтари ҷангҷӯй» (11, 214) ва ғайра:

Ки эй афсари бонувони ҷаҳон,
Сарафроз духтар миёни меҳон (10, 257).
Чу бишнид Шопур, кард офарин
Бар он пурҳунар духтари пешбин (16, 329).
Биёмад дамон пеши Гурдофарид,
Чу духти камандафкан ӯро бидид (11, 214).
Чу аз дур Дастони Соми савор
Падид омад ин духтари номдор. (10, 272).

Ҳамин тариқ, дар ибораҳои «духти хуршедрӯй» (Аз он духти хуршедрӯй, Баромад ҳаме то ба хуршед бӯй. – 10, 272), «духтари хубрӯй» (16, 247), «духти гиромӣ» (Фиристода омад ба ҳангоми шом. – 16, 230) зебоию тароват ва азизу мукаррам будани духтарон ифода ёфтаанд.

Шоир духтари хурдиро бо ибораи «духтари кеҳтар», духтари дилдода, ошиқро бо ибораи «духтари дилшуда» ифода кардааст:

Ба ман деҳ кунун духтари кеҳтарат,
Ба ман тоза кун кишвару афсарат (15, 43).
Сӯйи хона шуд духтари дилшуда
Рухони муасфар ба хун ожада (10, 302).

Дар «Шоҳнома» вожаҳои мутааллиқи ин гурӯҳи луғавӣ калимаҳои «хоҳар» (ҷ. хоҳарон), «ҳамширагон» ва «амма» низ ба кор бурда шудаанд:

Куҷо хоҳарони ҷаҳондор Ҷам,
Куҷо номдорони бо боду дам? (10, 472)
Ки ман чун зи ҳамширагон бартарам?
Ҳаме б-осмон андар ояд сарам (11, 201).
Чу огаҳ шуд аз аммаи шаҳриёр,
Куҷо Нӯша буд номи он навбаҳор (16, 313).

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. –Душанбе, 1994.
2. Дили модар. –Душанбе: Ирфон, 1984.
3. Исматов С.М. Тоҷ андар «Шоҳнома». –Душанбе,2009. -166с.
4. Касимов О. Картина животного мира в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. –Душанбе: Дониш, 2011. -135с.
5. Мирзо Муллоаҳмад. Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем. –Душанбе: Шуҷоиён, 2011.-269с.
6. Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва щеъри ӯ). –Душанбе: Шуҷоиён, 2010.-338с.
7. Сабзаев С. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар. –Душанбе: Маориф, 1991. -80с.
8. Фазлиддинзода А. Даме бо «Шоҳнома». –Душанбе, 2006. -91с.
9. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». –Душанбе: Адиб, 1992.
10. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1987.
11. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.2. – Душанбе: Адиб, 1987.
12. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.3. – Душанбе: Адиб, 1988.
13. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.4. – Душанбе: Адиб, 1988.
14. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.5. – Душанбе: Адиб, 1989.
15. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.6. – Душанбе: Адиб, 1989.
16. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.7. – Душанбе: Адиб, 1989.
17. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.8. – Душанбе: Адиб, 1990.
18. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.9. – Душанбе: Адиб, 1991.
19. Шофакирова Р.М. Образ женщины-матери в «Шахнаме» Фирдоуси. -Душанбе: –АКД, 2004, -21с.

ВЫРАЖЕНИЕ ПОНЯТИЯ «ЖЕНЩИНА» В «ШАХНАМЕ» АБУЛКАСЫМА ФИРДОУСЇ

Великое творение Фирдоуси «Шахнаме» занимает важное место в истории литературы иранских народов. Он представляет собой неисчерпаемое поле исследования различных ее аспектов. Лексический состав речевой системы «Шахнаме» является богатейшим источником и потенциальным ресурсом развития современного таджикского литературного языка. В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению выражение понятия «женщина» в «шахнаме» великого Фирдоуси.

Ключевые слова: «Шахнаме» Фирдоуси, особенности языка «Шахнаме», образы женщин в «Шахнаме», выражение понятия «женщина», родственные отношения.

THE EXPRESSION OF THE CONCEPT «WOMAN» IN «SHAHNAME» ABULKASYM FERDOWSI'S

Great work of Ferdowsi's Shahnameh occupies an important place in the history of literature of the Iranian peoples. He is an inexhaustible field of research of different aspects. Lexical composition of the speech system «Shakhname» is the richest source and potential resource of development of modern Tajik literary language. In this article the author subjected to examination and review the expression of the concept «woman» in «Shahname» the great Firdausi.

Key words: Shahnameh of Ferdowsi, language features «Shahname», the images of women in Shahnameh, an expression of the concept «woman», family relations.

Сведения об авторе: ***Г. Сафарова*** **–** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

ВАЗЪИ ЗАБОН ВА АДАБИ ФОРСӢ ДАР АСРҲОИ XVI- XVII ҲИНДУСТОН

О. Ш.Саидҷаъфаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар асрҳои XVI- XVII аз Эрону Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон рӯ овардани аҳли илму адаб хусусан, шоирон сабабу омилҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиро дошт. Яке аз авомили муҳим ва асосии ин мусофират вазъи хуб ва қобили таваҷҷуҳи забони форсӣ дар Ҳинди Темурӣ буд.

Дар асрҳои мазкур, бо ин ки мавқеи забони форсӣ дар Эрони Сафавӣ бисёр танг гардид ва дар доираи дарбори қизилбошон ба ҷойи забони форсӣ забони туркӣ мавриди истифода қабул гардид, дар Ҳиндустон, Мовароуннаҳр ва Туркия забони форсӣ аз мавқеият ва манзалате бузург бархӯрдор буд. Дар ин асрҳо на танҳо забони илму адаб, ҳамчунин, забони асосии дарборҳои Темуриёни Ҳинд (дар Деҳлӣ ва Агра), яъне забони сиёсату давлатдорӣ забони форсӣ буд. Муҳаммадтақии Баҳор дар ин маврид дуруст қайд кардааст:

«Дар Деҳлӣ дарбори бузургтаре барпо шуд, ки бояд онро дарбори сонии Эрон номид, балки дарбори аслии Эрон. Чи ривоҷи забони форсӣ ва адабиёту улум дар дарбори Деҳлӣ зиёда аз дарбори Исфаҳон будааст ва зоҳиран, ки дар дарбори Исфаҳон подшоҳ ва хоссони даргоҳ ба забони туркӣ суҳбат мефармуданд, вале дар дарбори Деҳлӣ шоҳ ва дарбор ва ҳарамсароён ҳама ба форсӣ гуфтугӯ мекардаанд ва дар он аҳд забони форсӣ дар Ҳинд забони илмӣ ва забони мутараққӣ ва далели шарофату фазл ва иззат маҳсуб мешуд ва дар дарбори Исфаҳон ҳаргиз забони форсӣ ин аҳамиятро пайдо накард» [4, 257]. Забони расмӣ ва дарборию девондорӣ дар давлати Сафавиён дар ҳақиқат, забони туркӣ буд. Ин вазъ яке аз омилҳои асосии инҳитоту пастравии адаби форсӣ дар Эрон гардида буд. Камтаваҷҷуҳии шоҳону шоҳзодагони Сафавӣ ба забони форсӣ ва дар ҷойи он нисбат ба забони туркӣ ҳусни таваҷҷуҳ пайдо кардан, аксарияти шоиронро на танҳо маҷбур ба тарки муҳитҳои дарборӣ кард, ҳатто ононро аз ҳудуд ва марзҳои Эрон ба берун аз он водошта буд. Тамоми аҳли дарбори Сафавиён, гирифта аз худи хонадони сафавӣ, то поинтарин риҷоли давлат забони туркиро мавриди истифода қарор медоданд. Ҳатто, худи Шоҳ Исмоили Сафавӣ бо тахаллуси Хитоӣ бо туркӣ шеър мегуфт ва девони ашъоре низ бо ин забон мураттаб сохта буд [10, 57]. Яке аз сабабҳои беэҳтиромӣ нисбат ба забони форсӣ дар дарбори Сафавия ва касод гаштани бозори шеъри форсӣ дар аҳди мавриди назарро Аббос Парвиз дар ғайриформӣ будани унсурҳои ҳукмронии Эрон мебинад [1, 473].

Ба қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб, ҳам салотини сафавӣ ва амирони қизилбош ошноии чандоне бо забони форсӣ надоштанд ва бо сабаби саргармӣ ва машғулии зиёд дар умури сиёсию низомӣ маҷоли омӯзиши забон ва пайдо кардани завқу қариҳаи адабӣ ҳам намеёфтанд [9, 254].

Баръакси Эрони Сафавӣ, дар асрҳои **XVI- XVII** дар Ҳиндустон, ки дар зери фармонфармоии Темуриён қарор дошт, забони дарбор ва воситаи муносиботи сиёсию дипломатӣ забони форсӣ буд. Шоҳону амирони темурӣ дар аксари мавридҳо дар муносиботи сиёсию дипломатии худ бо дигар мамолики ҳамҷавор забони форсиро истифода мекарданд. Истифода аз забони форсӣ, махсусан, дар муносиботи Темуриёни Ҳинд бо Усмониёну Шайбониён ва баъдан бо Аштархониён бисёр сурат мегирифт. Шайбониён ҳам агарчи хонадони муғулӣ буданд, дар муносибати хориҷии худ забони форсиро муқаддам медонистанд. Масалан, соли 916 ҳ. // 1508, вақте ки Шайбониён ба қисмати Хуросони Эрон ҳуҷум менамоянд, миёни Шоҳ Исмоили Савафӣ ва Муҳаммад Шайбонихон ба воситаи забони форсӣ мукотибаи дипломатии бисёр тезутунд ҷараён мегирад, ки оқибати он ба эҷоди шиддатёбии муносиботи манфии тарафайн ва ҷанги хунин миёни эроniёну шайбониён мекашад. Дар «Таърихи алфӣ» ва «Таърихи Фариштa» чи гуна ҷараён гирифтани мукотибаи Исмоили Сафавӣ ва Муҳаммади Шайбонӣ, ки бо забони форсӣ ва аз тариқи шеър сурат пазируфта буд, бисёр дақиқ қайд гаштааст [13, 342- 343; 3, 200]. Ҳатто, байни худи шоҳону султонҳои туркинажод мукотиботу муросилот дар асрҳои мазкур бо забони форсӣ сурат мегирифт. Масалан,

вақте ки Султон- Салими Аввал - султони Туркияи Усмонӣ ва Убайдуллоҳхони Шайбонӣ, ҳокими Мовароуннаҳр бар зидди Шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ бо ҳам иттифоқ мешаванд, ҷараёни бар зидди Эрон аҳд бастани онҳо дар сурати мукотиботи сиёсии тарафайн амалӣ мешавад, ки он ба воситаи забони форсӣ сурат мепазирад.

Пас аз Султон Салим писари ӯ Сулаймон ҳам дар эҳтироми забони форсӣ нақши бузургро дар Туркия бар ҷой гузошта буд. Ӯ, ҳатто, дар муносиботи сиёсию дипломатӣ бо муғулҳову тоторҳо низ забони форсиро истифода менамуд ва бо шоҳону султонҳои қабоили мазкур бо форсӣ мукотиба мекард. Яке аз онҳо мукотиботи Султон Сулаймон бо Манглӣ Қаройхони тотор аст, ки соли 941 ҳ. // 1534, пас аз фатҳи Табрезу Бағдод аз ҷониби султони Усмонӣ миёни онҳо рӯх дода буд.

Нуфуз ва эътибори забони форсӣ дар асрҳои XVI- XVII миёни се давлати муҷовири муғуливу туркӣ махсусан, дар Ҳинди Темурӣ зиёдтар буд. Сабаби асосии тарвиҷи забони форсӣ дар даврони салтанати Темуриён он буд, ки салотин ва шоҳзодагони мазкур ҳама шоирпарвару шеърдӯст буданд. Ҳатто «умаро ва вузарои ин давлат низ, аксар шеършинос буданд ва ҷалолу шукӯҳи дарбор ва сарвати табиии Ҳинд ҳам саховатҳои афсонаомезро ҷиҳати онҳо мумкин менамуд» [9, 257]. Шоҳону шоҳзодагони темурӣ нисбат ба забони форсӣ муҳаббати беандоза доштанд ва форсиро дар қиёс бо туркию ҳиндӣ афзалтару беҳтар медонистанд. Аз муҳаббати зиёд нисбат ба забони форсӣ баъзе аз шоҳони ин хонадон забони обои худро ба фаромӯшӣ супурда буданд ва онро танҳо дар ҳолати маҷбурият истифода мекарданд [15, 156].

Забони форсӣ дар Ҳиндустон, бавижа, дар қисмати шимоли он собиқаи чаҳорасра дошт. Ҳатто, пеш аз он ки Темуриён ба саҳнаи сиёсати Шибҳи Қора ворид шаванд, ҳанӯз аз даврони аввалин салтанатҳои исломии Ҳинд, монанди Ғазнавиён, Ғӯриён ва хонадони Мамлук ё Ғуломшоҳиён, забони форсӣ якҷо бо дини ислом ба Осиёи Сағир ворид шуда буд. Султон Маҳмуд бо баҳонаи интишор додани дини ислом ва дар асл барои ғанимат гирифтани ганҷинаҳои Суманот 17 бор ба Ҳинд лашкар мекашад ва билохира, қисмати шимоли Ҳиндро дар тобеияти худ медарорад.

Зимнан, бояд қайд кард, ки дар интишор додани дини ислом дар минтақаҳои зери тасарруфи Султон Маҳмуд, бешубҳа, нақши забони форсӣ бисёр бузург буд, зеро дар даврони ҳукумати Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (388- 421 ҳ. // 998- 1030) дар дарборҳои Ғазнин ва Лоҳур, ки аввалӣ маркази салтанати Ғазнавиён ва дувумӣ нишастгоҳи шоҳзодагони ғазнавӣ маҳсуб мешуд, забони форсӣ ба ҳайси забони давлат, забони муносиботи сиёсӣ ва муоширати аҳли дарбор эътироф гардида, дар минтақаҳои тасарруфнамудаи Ғазнавиён дар доираи бисёр васеъ истифода мешуд [2, 61]. Дар аҳди ҳукумати сулолаи Ғазнавиён илму фарҳанги форсӣ дар қисмати шимоли Ҳиндустон рушду тараққии бесобиқаи худро пайдо намуд.

Ҳам дар шимоли шарқии Ҳинд - Ғазнин ва ҳам дар шимоли ғарбии он - Лоҳур бо иваз шудани тамаддуни ҳиндӣ ба исломӣ, ки дар қарни даҳи милодӣ аз ҷониби салотини ғазнавӣ, бавижа, Султон Маҳмуд ва писари ӯ Султон Масъуд сахт мавриди кӯшиш қарор мегирифт, бо дарборӣ шудани забони форсӣ, адабиёти форсизабон низ дар минтақаҳои мазкур рушди бесобиқаи худро пайдо менамояд. Дар ҳамин даврони ҳукумати Ғазнавиён омезиши ду тамаддун- эронӣ ва ҳиндӣ ба дараҷаи баланди худ расида буд.

Абдулваҳҳоби Нуронивисол дар ин маврид қайд менамояд: «Футӯҳоти Маҳмуди Ғазнавӣ иртиботи Эрону Ҳиндро рӯзафзун кард ва фарҳанги Эрон доманаи нуфузи хешро дар бештари булдони он сарзамин густард» [11, 274].

Ҳам дар Ғазнин ва ҳам дар Лоҳур марказҳои илмӣ ва доираҳои адабӣ ташкил мешаванд, ки дар онҳо аҳли илму адаб мавриди иноят ва тарбияти султонҳои ғазнавӣ қарор мегиранд. Аввалин шоири форсизабони Ҳиндустон, Нукатӣ, ки номи пурраи вай мувофиқи нишондоди Муҳаммад Авфӣ Рӯзбеҳ ибни Абдуллоҳи Нӯкатӣ ал- Лаҳурӣ мебошад, дар ҳамин доираи адабии Ғазнавиён тарбият ёфта буд. Дар асри XI- XII дар

доираҳои адабии Ғазнин ва Лоҳур шоирони бисёре монанди Абӯҳанифаи Искофӣ, Атои Яъқуб, Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Имодии Ғазнавӣ, Мухтории Ғазнавӣ, Саноии Ғазнавӣ, Сайид Муҳаммади Ғазнавӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Шиҳобуддин Шоҳалии Абирҷои Ғазнавӣ, Муҳаммади Рӯҳонӣ, Муҳаммади Утбӣ, Масъуди Нӯкӣ, Исмоили Зарреси Ғазнавӣ, Носири Шамс (маъруф ба Кофираки Ғазнин), Саъдуддин Алии Ғазнавӣ, Ҷамолуддин Абӯбакри Хусравӣ, Масъуди Шоликӯб, Камолуддин Ҳусайни Ҳоҷиб, Фатҳии Ғазнавӣ, Шиҳобуддин Муҳаммади Соиғ (заргар), Наҷибуддин Абӯбакри Тирмизӣ, Зиёуддин Маҳмуди Кобулӣ фаъолият мекарданд, ки дар рушду инкишофи забону адаби форсӣ дар Шибҳи Қора нақши бузург доштанд.

Дар охирҳои асри XII ва ибтидои асри XIII қисмати шимоли Ҳинд то маркази он Деҳлӣ аз ҷониби Ғӯриён фатҳ карда мешавад, ки дар натиҷа, бо шикастани нуфузи Ғазнавиён дар минтақаи Панҷоб доираи интишор ва истифодаи забони форсӣ тамоми қисмати шимоли Ҳиндро фаро мегирад. Султон Муизуддини Ғӯрӣ бо истифода аз заиф гаштани Ғазнавиён дар қисмати асосии салтанати худ Панҷоб ин вилоятро тасарруф менамояд ва ба воситаи ҳамин вилояти шимолӣ ҳудуди тасарруфоти худро то ба минтақаҳои наздики Ганг вусъат мебахшад. Ӯ, нахуст, амирону ҳокимони маҳаллии Роҷипутанаро шикаст медиҳад ва баъдан шоҳигарии нерӯмандтарин қабилаҳои ҳиндиро барҳам медиҳад. Султон Муизуддин соли 588 ҳ.**//**1192 Притвай Роҷи, Савум, шоҳи силсилаи Чаҳан ё Чаҳаманаро дар Аҷмир ва Деҳлӣ ва Ҷоячандра, шоҳи силсилаи Гоҳадуволаро дар Банорас, Қуннуҷ ва Лакҳнавтӣ мағлуб намуда, шоҳигарии онҳоро соҳиб мешавад ва бо тасарруфи шоҳигариҳои мазбур ҳудуди салтанати исломии худро вусъат медиҳад. Бо мағлубияти шоҳигариҳои мазкур ҳиндуҳо аз саҳнаи сиёсат дар ин қисмати Ҳинд барандохта мешаванд [5, 277].

Бо фатҳи Деҳлӣ аз ҷониби Муизуддини Ғӯрӣ, забони форсӣ дар дарбори марказии давлати Ғӯриён - Деҳлӣ аввалин бор ба ҳайси забони дарборӣ мақоми расмӣ ва давлатиро соҳиб мешавад, ки ин бешубҳа, дар рушду инкишофи минбаъдаи адабиёти форсизабони Ҳиндустон заминаи мусоидро фароҳам меоварад. «Шоҳони ғазнавӣ ва ғӯрӣ ва умарои турку темурӣ- ҳама дар марокизи аслияи худ ба забони форсӣ такаллум мекарданд ва дар дарбори эшон, мунҳасиран он забону он адабиёт ривоҷ дошт. Пас, чун ба Ҳиндустон омаданд, ногузир, он забону он адаб ва он русум ва билохира, ҳамон фарҳангро ҳамроҳи худ ба он кишвар оварданд» [2, 61].

Дар даврони салтанати Мамлукони Ҳинд, ки дар таърих бо номи Шоҳони Муиззӣ, Ғуломшоҳон ё Салотини Мамлук маъруф мебошанд, мавқеи забони форсӣ мустаҳкамтар ва аҳамияту нуфузаш бузургтар мегардад. Асосгузори хонадони салтанати Мамлукони Ҳинд Қутбуддини Ойбек буд (602 ҳ. // 1206), ки аз ғуломон, ходимон ва амирони вафодори Муизуддини Ғӯрӣ ба ҳисоб мерафтанд ва бо амри султони мазкур дар қисмати шимоли ғарбии Ҳиндустон зимоми ҳукумати Ғӯриёнро дар ихтиёри худ гирифта буданд. Дар давраи Қутбиддини Ойбек буд, ки қисмати Роҷипутанаи Ҳинд бо шаҳри Деҳлӣ аз дасти роҷипутҳо пурра ба тасарруфи мусулмонон медарояд ва нақши сиёсии ҳиндуҳо дар ин қисмати марказии Ҳинд комилан барҳам дода мешавад. Қутбуддини Ойбек доманаи мутасаррифоти Ғӯриёнро аз Панҷобу Дуоби Ганг ва Ҷамно то ба Гуҷарот вусъат медиҳад.

Дар даврони салтанати Ғуломшоҳон, хусусан, Шамсуддини Илтмиш (607- 633 ҳ. // 1211- 1236), Алоуддини Масъудшоҳ (639- 644 ҳ. // 1242- 1246) ва Ғиёсуддини Балбан (664- 686 ҳ. // 1266- 1287) доираи нуфузи забон ва адаби форсӣ вусъати зиёд пайдо мекунад. Ба вижа, дар аҳди Ғиёсуддини Балбан адибони зиёде фаъолият намуда, бо забони форсӣ осори зиёде эҷод менамоянд. Аз ҷумлаи маъруфтарин шоироне, ки аз ҷониби султони мазкур ва ҳокимони вай мавриди тарбият ва иноят қарор гирифтанд, Амир Хусрави

Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ буданд. Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ бо осори зиёде, ки ба забони форсӣ эҷод намуданд, нуфузи забони форсиро дар Шибҳи Қора боз ҳам вусъат доданд.

Амири дигари Муизуддини Ғӯрӣ, Ихтиёруддин Муҳаммади Хилҷӣ (689 ҳ. // 1290), ки ҳам ғулому ходими вай буд, аз ҷониби ӯ ба тасарруфи Биҳору Бангол эъзом мешавад. Дар натиҷа, ӯ ҳам доираи тасарруфоти Ғӯриёнро то ба шарқи Ҳинд вусъат медиҳад ва аввалин ҳукумати исломиро дар ин қисмати Шибҳи Қора бунёд мегузорад, ки минбаъд он бо номҳои силсилаи Хилҷиёни Ҳинд ё Хилҷиёни Ғӯрӣ маъруф мегардад. Ихтиёруддини Халҷӣ аввалин интишордиҳандаи дини ислом дар Бангола ва дигар минтақаҳои шарқи Ҳиндустон эътироф шудааст [5, 279]. Ба воситаи Ғуломшоҳиён ва Хилҷиён забони форсӣ дар шимолу шарқи Ҳиндустон нуфузи зиёд пайдо мекунад. Дар дарбори онҳо доираҳои адабӣ ташкил гардида буданд, ки шоирони зиёде дар онҳо фаъолият мекарданд.

Муосирони Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ шоироне монанди Садруддини Олӣ, Фахруддини Қаввос, Ҳамидуддини Роҷа, Мавлоно Ориф Абдулҳаким, Шамсуддин Дабир, Қозӣ Асир, Ҷамолуддини Даканӣ, Муҳаммад ибни Носир дар доираҳои адабие, ки дар дарборҳои шоҳони мамлук ташкил гардида буданд, фаъолият мекарданд.

Пас аз инқирози салтанати охирин намояндаи шоҳони Халҷии мамлук, Носируддини Хусравшоҳ, дар шимоли Ҳинд ҳукумат дар ихтиёри Ғиёсуддини Туғлуқ ва хонадони вай қарор мегирад (720- 816 ҳ. // 1320- 1413). Бо ҳукумати Деҳливу Панҷобро соҳиб шудани Туғлуқиён, сиёсати мамлукон дар Ҳиндустон хотима меёбад. Султонҳои туғлуқӣ ҳам нисбат ба забони форсӣ эҳтироми зиёде доштанд ва дар интишору вусъати доираи истифодаи он саъйю кӯшиши зиёде намуданд. Худи шоҳону шоҳзодагони туғлуқӣ забони форсиро бисёр некӯ медонистанд ва баъзе аз онҳо, ҳатто, бо форсӣ шеър мегуфтанд [5, 280]. Ба воситаи салотини туғлиқӣ ҳукумати мусулмонон дар қисмати ҷанубии Ҳиндустон- Дакан барқарор мегардад, ки бад- ин роҳ доираи нуфузи забони форсӣ дар Ҳайдаробод, Аҳмаднагар, Биҷопур, Бидор, Бирор, Хондаш, Гулканда, Молва ва дигар минтақаҳои ин қисмати ҷанубии Ҳинд интишор пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳанӯз пеш аз он ки Муғулҳои Бузург ё Темуриён ба саҳнаи сиёсии Ҳинд ворид шаванд, ҳанӯз аз вопасин солҳои асри X ва ибтидои асри XI забони форсӣ ҳам дар шоҳигарии Деҳлию дигар шоҳигариҳои тобеъ ва нимтобеи он дар шоҳигариҳои мустақилу мулукуттавоифи Шибҳи Қора ба ҳайси забони дарбору сиёсат истифода мешуд ва дар ҳама дарборҳои ҳиндие, ки шоҳону ҳокимони он мусулмонон буданд, олимон ва адибони зиёди форсизабон ҷамъ гардида, ба вазифаҳову мансабҳои гуногуни дарборӣ уҳдадор шуда буданд. Темуриён ҳам бо вуруд ба сиёсати Ҳиндустон, нисбат ба забони форсӣ эҳтиромотеро, ки дар собиқ дошт, риоят намуданд ва дар эътибору нуфуз ва интишори доираи он саъю эҳтироми зиёд варзиданд. Забони давлатдориву сиёсат дар Ҳинди темурӣ забони форсӣ боқӣ монд. Дар муддати ҳукумати чандсадсолаи Темуриён забони форсӣ ба ҳайси забони расмӣ ва девондорӣ эътироф гардида, тамомии асноду ҳуҷҷатҳо бо ин забон тарҳрезӣ мешуданд.

Нуронивисол дар ин маврид қайд менамояд: «Дар давраи салтанати Гӯракония сайру пешрафти тамаддуну фарҳанги Эрон дар Ҳинд шигифтангез буд. Ба тавре ки метавон гуфт, саросари тӯтиёни Ҳинд ба қанди порсӣ шакаршикан ва аҳоливу адонии он иқлим ба шеъри дарӣ пойкӯбон ва дастафшон буданд» [11, 284].

Темуриён, пеш аз он ки аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон муҳоҷират намоянд, дар марказҳои аслии худ, вилоятҳои Самарқанд ва Фарғона ҳама бо форсӣ такаллум

мекарданд ва забони форсиро дар муошироти дарбории худ ба ҳайси забони асосии давлатдорӣ истифода менамуданд ва нисбат ба он эҳтиромоти вижа доштанд [2, 61].

Ҳамин тариқ, онҳо чун ба сарзамини Ҳинд муҳоҷират намуданд, ин эҳтиромот нисбат ба забони форсиро низ бо худ ба Шибҳи Қора мебаранд ва забони форсиро ба ҳайси забони дарбор ва давлатдорӣ дар ҳудуди салтанати худ мақоми олӣ медиҳанд.

Забони форсӣ аз даврони Ғазнавиён то охирҳои салтанати Темуриён дар Ҳиндустон ба ҳайси забони сиёсату давлат боқӣ мемонад ва аз ҷониби давлатдорони Шибҳи Қора мавриди эҳтироми бесобиқа қарор мегирад. Алиасғари Ҳикмат дар ин мавзӯъ мегӯяд: «Ҳангоме ки забони форсӣ ҳамроҳи лашкари ғазнавӣ ва ғӯрӣ ва баъд ҳамъинони сипоҳиёни бобурӣ дар сарзамини Ҳинд рушд намуд, аз авоили қарни панҷуми ҳичрӣ (ёздаҳуми милодӣ) то авохири қарни сездаҳуми ҳичрӣ (нӯздаҳуми милодӣ) як давраи таҳаввул ва такомули тадриҷиро тай кард» [2, 84].

Ҳамин буд, ки дар Ҳиндустони аҳди Темуриён адабиёти форсӣ инкишофи зиёд меёбад. Ҳатто, баъдтар ба давраи авҷи рушду тараққиёти худ мерасад. Бо соҳиби эътибор гардидану расмият пайдо кардани забони форсӣ дар дарбори Темуриёни Ҳинд на танҳо мусулмонони хориҷиву бумӣ, ҳамчунон, аҳли илму адаби ғайримусулмони Ҳиндустон низ бо забони форсӣ осори насриву назмии худро эҷод менамуданд. Дар асрҳои XVI- XVII шоирони зиёди ҳиндунажод, ки баъзе аз онҳо ба ислом гаравида ва баъзе дини пешини худро нигаҳ медоштанд, зиндагонӣ мекарданд, ки бо забони форсӣ фаъолияти эҷодӣ менамуданд. Чанде аз онҳо Пондит Дунгармал, Манавҳадии Тавсанӣ, Кришно Дос, Чандр Баҳоки Бараҳман, Баҳупот Рой Беғами Куҳтароӣ, Макаҳҳан Лол Баҳаҷати Билгиромӣ, Лола Шаюром Дос, Лола Болмаканд Шуҳуди Монкапурӣ, Лаҳачман Нороин Шафиқи Аврангободӣ, Ройроён Онандром буданд, ки аз шоирони боистеъдоди форсигӯйи ҳинду ба ҳисоб мерафтанд.

Пондит дар аҳди Искандари Лудӣ ва баъдан, дар даврони Бобуру Ҳумоюн ба тадриси забони форсӣ шуғл меварзид. Тавсанӣ дар аҳди Акбар ва Ҷаҳонгир мезист ва шоире фалсафаманиш буд. Чандр Баҳоки Бараҳман муншии дарбори шоҳзода Дорошукӯҳ буд ва пас аз қатли шоҳзодаи мазкур соли 1070 ҳ. // 1659 дар Банорас вафот менамояд.

Бо сиёсати таассубомези худ, Сафавиён сабаб гардиданд, ки анбуҳи бузурги шоирону фозилон ва олимону донишмандон дар асрҳои XVI- XVII ҷилои ватан намоянд ва на танҳо дар рушду тараққии адаб ва илми форсии Ҳиндустон ҳамчунин, тавассути ҳунару истеъдод ва донишу маҳорати худ дар истиқрори сиёсии салтанати Темуриёни Ҳинд саҳми бесобиқа гузоранд. Ин буда, ки Маҳдии Тавҳидипур аҳди Сафавияро даврони инқироз ва таназзули адаби форсӣ дар Эрон қаламдод кардааст. Дар ҷое мегӯяд: «Давраи Сафавияро метавон ба таври куллӣ давраи инҳитоти адабии Эрон ба шумор овард, зеро харобиҳои давраи муғул ва темуриён таъсири умдаи худро дар ин давра бахшид» [14, 30].

Баръакси Сафавия, хонадони Темурии Ҳинд доимо аз шеъру шоирии форсӣ истиқболи содиқона менамуд ва дар эҳтирому бузургдошти забони форсӣ ва шоирони форсигӯ ва шеъру сухани форсӣ кӯшишу эҳтимоми бесобиқа меварзиданд. Абдулваҳҳоби Нуронивисол дар ин маврид чунин мегӯяд: «Саҳми азими подшоҳони Гӯрахонияи Ҳиндро дар ин густариши азим набояд нодида гирифт, чи ҳаққо, мардоне монанди Ҷалолуддин Муҳаммад Акбаршоҳ ва падараш, Ҳумоюншоҳ ибни Заҳируддин ва Шоҳҷаҳон бо басти адаби форсӣ дар Ҳинд хидмати гаронбаҳое ба шеъру сухани форсӣ карданд ва бо силоту хилъатҳои пурбаҳо шуаро ва сухансароёнр**о** мавриди ташвиқ қарор доданд» [11, 284].

Бо вуруди Темуриён ба саҳнаи сиёсати Ҳиндустон касодии шеъри форсӣ, ки дар Эрон ба вуҷуд омада буд, барҳам хурд. Чуноне ки Зарринкӯб қайд менамояд, «Ҳиндустон маркази адаб ва маҷмааи шуарои форсизабон гашт ва ривоҷу равнақи бозори шоирӣ дар он ҷо касоду беравнақии онро дар Эрон талофӣ кард» [9, 256]. Дар давраи Темуриёни Ҳинд буд, ки шоирони зиёди эронӣ ватани худро тарк намуда, рахти азимат ба Ҳинд мебастанд ва ин маконро иқлими омолу орзуҳои худ медонистанд. Ба сабабҳои асосии чунин тарзи рафтори Темуриёни Ҳинд нисбат ба забон ва адаби форсӣ он буд, ки «бештари аъзои хонаводаи подошоҳони темурии Ҳинд, зану мард, шоир в**а** дӯстдори шеъри форсӣ буданд» [15, 151].

Заҳириддин Бобур дар таърихи Ҳинд на танҳо чун сиёсатмадор ва сарлашкари бузург маъруф гаштааст, ҳамчунин, ӯ бо эҷоди осори насриву назмӣ ба ҳайси як шахсияти олим, нависанда ва шоири соҳибистеъдод шуҳрат пайдо кардааст. Бобур дар назми туркиву форсӣ ҳунари қавӣ дошт. Ӯ шоири зуллисонайн буд. Ҳам бо забони туркӣ ва ҳам бо форсӣ шеър эҷод мекард. Чунон ки худи Бобур дар «Воқеоти Бобурӣ» қайд кардааст, ӯ рисолаи «Валадия»- и Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро аз наср ба назми форсӣ баргардон кардааст [3, 210].

Ҳумоюн - писари Бобур низ дар забони форсӣ дасти қавӣ дошт ва бо форсӣ шеър мегуфт [9, 256]. Муаллифи «Таърихи алфӣ» ҳам дар хусуси ба илми риёзӣ шавқу рағбат ва маҳорати зиёд доштани Ҳумоюн маълумот дода, қайд менамояд, ки Ҳумоюн шеъри форсиро бағоят некӯ мегуфт [13, 564]. Лутфалибеги Озар ҳам дар ин мавзӯъ қайд менамояд: «Дар аҳди давлати ӯ арбоби камол иззат ва эҳтироми тамом доштаанд ва он олимиқдор ба суҳбати шуаро моил ва худ низ гоҳ**е** шеър мегуфт [12, 100].

Баъд аз Ҳумоюн писари ӯ - Ҷалолуддин Акбар ҳам дар бузургдошту иқдоси забон ва адаби форсӣ эҳтироми зиёд варзид. Мувофиқи нишондоди манбаъҳо Акбар ба шеъри форсӣ рағбати вижа дошт. Лутфалибеги Озар ва Гӯпомӯи Ҳиндӣ дар бобати табъи шоирӣ доштани Акбар ишора намуда, абёти зиёдеро, ки Акбар бо забони форсӣ суруда буд, дар тазкираҳои худ мисол овардаанд [12, 52; 7, 72].

Дар аҳди салтанати Ҷаҳонгир ҳам забон ва шеъру адаби форсӣ дар Ҳиндустон аз рушду равнақ бознамонд. Ҷаҳонгир ҳам, ки ба забон ва адаби форсӣ ишқи хосса дошт, дар такрим ва гиромидошти он бар падари худ пешӣ намуд. Зарринкӯб қайд карда, ки «Ҷаҳонгиру занаш, Нурҷаҳон низ ҳар ду ба шеъру адаб алоқа доштанд» [9, 257].

Давраи салтанати Шоҳҷаҳон ҳам аз даврони авҷи тараққии забон ва адаби форсӣ дар ҳудуди Ҳинд маҳсуб мешавад. Муҳаммади Афшор дуруст қайд кардааст, ки асри Шоҳҷаҳон пурравнақтарин замони шеър ва адаби форсӣ дар Ҳинд аст [15, 149]. Аз бузургтарин сабабҳои ривоҷи шеъри форсӣ дар аҳди Шоҳҷаҳон муҳаббат ва ҷозибаи бузурги ӯ ба забони форсӣ буд. Шоҳҷаҳон, бо он ки худ турк буд ва бо ин ки забони ҳиндиро низ аъло медонист, қиёсан меҳру кашиши вай ба забони форсӣ хеле бештар будааст. Соҳиби «Шоҳҷаҳоннома» дар ин хусус навиштааст:

«Он хаткушои қаламрави фасоҳат (Шоҳҷаҳон- С. О.) бештар ба форсӣ такаллум менамояд ва чароғи дилафрӯзи суханро, ки фурӯғбахши шабистони рӯҳ аст, ба оташи форсӣ меафрӯзад. Баъзе авқот ба ҳиндинажодон, ки фаҳмашон форси ҷавлонгоҳи форсӣ натавонад шуд, дар аснои ҳарф ба муҳовараи ҳиндӣ теғи забонро гавҳаромӯз месозад ва чун Хадиҷатуззамонӣ Руқия Султонбегим (яке аз занони Шоҳҷаҳон) туркизабон буданд, гоҳе ба забони туркӣ сеҳрпардози баён мегаштанд … Ва бисёре аз алфози ин забонро мефаҳманд (яъне, туркиро- С. О.) ва тавоноии гуфтор низ доранд, аммо, аз мамарри қиллати истеъмол, балки аз раҳгузари адами завқ ба муҳовараи ин забон камтар чошнипазири гуфтор мегарданд. Чи дар сиғари син табъи файзофаринро, ки забондони сухан аст, ба ёд гирифтани ин забон дониш набуд …» [15, 154- 155].

Шоҳҷаҳон дар пайравӣ ба гузаштагони илмпарвару шеърдӯсти худ дар интишори шеъру адаби форсизабони Ҳинд нақши бузург гузошта буд. Зарринкӯб дар ин хусус қайд менамояд:

«Дар солҳои охири салтанати Шоҳ Аббос … дарбори Муғули Бузург- Темуриёни Ҳинд рӯзи бозори шеъру адаб буд. Шоҳҷаҳон, ки вориси тахти Акбар ва Ҷаҳонгиршоҳ буд, мисли онҳо ба адабу ҳунар алоқа меварзид. Ҳарчанд завқу қариҳаи падараш Ҷаҳонгирро надошт, аммо дар тарбияти аҳли завқу истеъдод мисли ӯ эҳтимом дошт» [8, 78]. Шоҳҷаҳон, ки ба забони форсӣ меҳру кашиши зиёд дошт, ба китоб ҳам муҳаббати беандоза ва дар дарбори худ китобхонаи бузурге бунёд гузошта буд. Зарринкӯб ба нақл аз «Туҳфат- ул- олам» чунин меорад. Ӯ китобхонаи бузурге таъсис дода буд, ки дар он теъдоди ниҳоят зиёди кутуб ва осори хаттии форсӣ нигаҳдорӣ мешуданд. Зарринкӯб дар ҳамин маврид қайд карда, ки «дар китобхонаи Шоҳҷаҳон «се лак китоби мунтахаби хушхати покиза» буд», «аз ақсоми фунун ва аснофи улуми арабӣ ва форсӣ ва англизӣ» [9, 257].

Дар қиёс бо мамолики ҳамҷавор, ҳатто, дар қиёс бо Эрон, дар асрҳои **XVI- XVII** забони форсӣ дар Ҳинди Темурӣ соҳиби қадру манзалати бесобиқа ва бебадал буд. Ин вазъ мунҷар бар он гардид, ки дар аъсори мазкур дар Шибҳи Қора осор ва кутуби ниҳоят зиёд дар соҳот ва фунуни гуногун бо забони форсӣ ба вуҷуд омаданд ва доираи истеъмол ва истифодаи ин забонро бештар аз пештар интишор доданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аббос Парвиз. Таърихи 2500- солаи Эрон. Аз ташкили силсилаи Сафавия то асри ҳозир. Ҷ. 3.- Теҳрон, 1964 (1343).-418 с.
2. Алиасғари Ҳикмат. Сарзамини Ҳинд (Баррасии таърихӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон аз адвори бостонӣ то асри ҳозир).- Теҳрон: Донишгоҳ, 1337 ҳ. ш.- 547 с.
3. Астарободӣ, Мулло Муҳаммадқосими Ҳиндушоҳ. Таърихи Фариштa. 1321.- 376 с.
4. Баҳор, Маликушшуаро Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Ҷилди 3. - Теҳрон: Амири Кабир, 1375.- 441 с.
5. Биҳиштии Шерозӣ, Сайид Аҳмад. Шарҳи ҷунун. Тафсири мавзӯии девони Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ.- Чопи 1.- Теҳрон: Равзана, 1371.- 890 саҳ.
6. Босфорс Клиффорд Эдмонд. Силсилаҳои исломӣ. Тарҷумаи Фаридуни Бадраӣ.- Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1371.- 357 с.
7. Гупомӯӣ Муҳаммад Қудратуллоҳ. Натоиҷ- ул-афкор. Қум: Маҷмааи захоири исломӣ, 1387, - 837 с.
8. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Зоири Ҳинд - Теҳрон: Қатра, 1371.- С. 75- 85
9. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Нақди адабӣ. Ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳо ва мабоҳиси наққодӣ баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон. Ҷ.1.- Теҳрон: Амири Кабир, 1369.- 404 саҳ.
10. Озар Лутфалибек ибни Оқохон Бегдилии Шомлу. Оташкада.- Ҷ. 1.- Бамбай, 1299.- 454 с.
11. Нуронивисол, Абдулваҳҳоб. Сабки ҳиндӣ ва вачҳи тасмияи он Чопи 1.- Теҳрон: Қатра, 1371.- Саҳ. 283-297
12. Татавӣ Қозӣ Аҳмад, Осафхони Қазвинӣ. Таърихи Алфӣ. - Теҳрон: Фикри рӯз, 1378.- 868 с.
13. Тавҳидипур Маҳдӣ. Гулҳои ҷовидон дар бӯстон ва адаби Эрон // Паёми навин.- Душанбе: Анҷумани фарҳангии Эрон ва Шӯравӣ, 1345 ҳ.- 367 с.
14. Яздӣ Маҳмуд Афшор. Афғоннома.- Ҷ 3.- Теҳрон, 1361.- 185 с.

ПОЛОЖЕНИЕ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ В ИНДИИ В XVI- XVII ВВ

Персидский язык со своим распространением в Индии приобрел государственный статус и имел огромное политическое значение. Такое превосходство персидского языка в Индии имело четырехсотлетнюю историю до прихода к власти династии Тимуридов. Однако, во времена правления Тимуридов персидский язык не только не утратил своего значения, но поднялся еще выше. Все властители династии Тимуридов в Индии, особенно три из самых великих представителей этой династии - Джалаладдин Акбар, Джахангир и Шахджахан не только с большим уважением и любовью относились к персидскому языку, но и сами являлись его отличными знатоками, и даже пытались сочинять стихотворные произведения, в которых выражали свои внутренние чувства.

Ключевые слова: Джалаладдин Акбар, Джахангир, Захираддин Бабур, Индия, персидский язык, Султан Махмуд Газневи, Тимуриды Индии, Хумаюн, Шахджахан, язык двора

THE PROVIZION OF THE PERSIAN LANGUAGE AND LITERATURE IN INDIA IN THE XVI- XVII CENTURIES

The Persian language with the distribution in India got the state status and had huge political value. Such superiority of the Persian language in India had four hundred- summer history before dynasty coming to power

Timurids. However, at the time of board Timurids the Persian language not only didn't lose the value, but rose even above. All masters of a dynasty Timurids in India, especialli three of the greatest representatives of this dynasty- Jalal- ad- Din Akbar, Jahongir and Shakhdshakhan not only with big respect and live treated the Persian language, but also were his excellent experts, and even tried to compose poetic works in which expressed the internal feelings.

Key words: Jalal- ad- Din Akbar, Jahongir, Zahiruddin Babur, India, Persian language, Sultan Mahmud Qaznavi, Timurid Indias, Humaun, Shakhdshakhan, yard language

Сведения об авторе: ***О. Ш.Саидджаъфаров*** **–**докторант Таджикского национального университета

УБАЙДИ РАҶАБ - ТАРАННУМГАРИ ТАБИАТ

Ф. Ҳусейнзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ватани мо - Тоҷикистони азиз, табиати зебое дорад. Ҳанӯз аз даврaҳои қадим диққати олимону шоиронро ин гӯшаи дурдаст ба худ ҷалб намудааст. Касе нест, ки бо қуллаҳои осмонбӯси Боми ҷаҳон, қаторкӯҳҳои сарбасамои Зарафшон, манзараҳои зебои Қаротегину Ҳисор ва Хатлону Дарвоз шинос набошад.

Дар ҳамаи давру замон зебоӣ илҳомбахши шоиру нависандагон буд. На ҳар кас қодир аст, ки ин зебоиро хуб қабул кунад ва маводи хондани бобе ба хонанда диҳад. Як ҷиҳати ҳунари шеъру шоирӣ дар ҳамин аст, ки таввасути тахайюли бадеӣ тасвирҳои ҷолиб офарида, пешкаши хонанда мегардонад.

Аз таҳқиқ ва пажӯҳиш дар вақти омӯзиши эҷодиёти Убайди Рачаб маълум гардид, ки қариб дар тамоми шеъру достон ва қиссаву афсонаҳои шоир ҳам барои хурдсолону ҳам барои калонсолон нозукиҳои нотакрори табиати диёр эҳсос карда мешавад.

Шеърҳои шоир аз хурӯши чашмаҳои ҷӯшон, нағмаи оби равони ҷӯйборон суруди шаббодаи дараҳои ҳамешасабз, танини рӯҳбахши обшорон ва обилаи дастони кӯҳистониёни пуркор сарчашма мегирад. Ба қавли шоир «онҳо дар ин фан муаллими аввалин буданд ва ҳанӯз ҳам сабақомӯзи ӯ ҳастанд».

Дар эҷодиёти ӯ, тавре ки зикр кардем, бо силсилаи шеърҳое дучор шудан мумкин аст, ки дар онҳо табиати дилрабои Тоҷикистон хуб тасвир шудааст. Ба назар чунин менамояд, ки шоир нозукиҳои касби наққоширо хуб медонад.

Аз хониши булбул, садои чӯпон дар вақти чаридани рама ва тараддуди марди деҳқон бо дамидани субҳи содиқ дили кас ба ваҷд меояд. Тавре ки дар шеъри «Дилакам мекушояд» омада:

Булбул ғазал мехонад,
Дилакам мекушояд.
Барг нам мерезонад,
Дилакам мекушояд.
Абри гузар медавад,
Дилакам мекушояд.
Сабза мурғак медавад,
Дилакам мекушояд.
Чупон садо мекунад,
Дилакам мекушояд.
Рама чаро мекунад,
Дилакам мекушояд.
Деҳқон замин меронад,
Дилакам мекушояд.
Достак лона мемонад,
Дилакам мекушояд.
Модарам нон мебандад,
Дилакам мекушояд.
Чашми саҳар механдад
Дилакам мекушояд.

Дар шеъри «Ману моҳтоб» манзараи намудор шудани маҳтоб аз қуллаи кӯҳ ва ҷилодиҳии он дар оби ҷӯй тасвир гардидааст. Кас аз дидани ин манзара як ҷаҳон

ҳаловат мебарад. Хоса вақти дасту рӯй шустани кӯдакон ва гуфтугӯйи онҳо бо оби равон манзараи аҷибест.

Гӯё кӯдак бо маҳтоби оби ҷӯй розу ниёз мегӯяд. Ҷанбаи ахлоқӣ ва тарбиявии шеър ҳам дар ҳамин аст. Шоир хуб гуфтааст:

Сӯйи ман аз тори кӯҳ
Аз миёни оби ҷӯ
Хандон - хандон нигаҳ кард
Ду маҳтоби хандонрӯ.

Шеърҳои «Тиру камон дар рӯйи бом», «Хонаҳои деҳи мо», «Деҳаи мо саҳни кор аст» аз машғулияти мардуми деҳ ва табиати зебои он мужда медиҳад. Як фазилати ҷавонмардии деҳотиён аз он иборат аст, ки ҳама аз ҳоли якдигар хабар мегиранд. Ҳамаи корҳоро дастҷаъмона анҷом медиҳанд. Аз ин лиҳоз ҳама вақт серташвишанд. Дар он ҷо оромӣ ҳис карда намешавад:

Деҳа надорад ором
Аз субҳ то дари шом.
Кори деҳа бисёр аст,
Дасти ҳама ба кор аст.
Яке сӯйи пуштаҷо
Рамаро барад чаро,
Об яке мемонад,
Тут яке таконад
Пухтааст донаи ҷав,
Яке машғули дарав.
Яке бар тори ғарам,
Банди нав мекунад зам...
Яке хирман мекӯбад.
Яке хирман мерӯбад.
Яке коҳ мекашонад,
Яке замин меронад.
Яке бар рӯйи девор,
Лой гузораду хор.
Яке монад забаррав
Бар чӯби хонаи нав.
Яке ҷома медӯзад.
Яке сабақ омӯзад...
Кори деҳа бисер аст,
Деҳи мо саҳни кор аст.
Касе агар бекор аст,
Ҳама аз ӯ безор аст.

Аз мутолиаи шеъри „Боғи тори шах" кас зуд эҳсос мекунад, ки ҳар як ваҷаб хоки Тоҷикистони камзамин дар шароити кӯҳсор оқилона истифода бурда мешавад, то ин ки наслҳои баъдина ба қадри меҳан ва обу хоки он расанд.

Диққати шоирро манзараи аҷибе ба худ кашидааст. Маълум аст, ки дар натиҷаи шамоли сард ва сахт тухми аксар рустаниҳои кӯҳи аз замин ба само пош хӯрда, дар тори шах ҷойгир шуда, бо таъсири гармию сарди нумӯ мекунанд. Аз зери шахи азимҷусса чашмаи шаффофи об ҷорист. Шилдир-шилдири оби чашма ва аз бари шах дакка хӯрда гузаштани он боз ҳам гуворотар аст:

Чор тараф ҷару ҷӯ,
Чор тараф шаху шах.
Широсо аз ҳама сӯ,
Равон обаке чун ях.

Шеъри зикршуда ҷанбаи тарбиявӣ дорад. Шоир ба хонанда талқин мекунад, ки дарахти сермеваву серҳосил ҳама вақт сараш хам аст. Инсоне, ки ақлу тамиз, хираду дониш ва маданияти баланд дорад, мисли дарахти серҳосил ба ҷомеа манфиат меорад ва баръакс...

Аксар вақт омад - омади субҳро хурӯс пеш аз ҳама хабар медиҳад. Сониян субҳи содиқ хандакунон вориди хонадони мо мегардад. Шеъри "Шӯълаи лағзон омад" ҳамин манзараро васф мекунад:

Хурӯс аз сари девор
Бол заду садо дод.
Субҳ ба сӯйи деҳа
Бо табассум лаб кушод.

Баохиррасии рӯз дар деҳот хосияти аҷибе дорад. Бо омад - омади шом ғулғулае пайдо мешавад. Дар ин вақт ҳамаи деҳотиён серташвишанд. Яке аз кор меояд, дигаре рама меорад, севумӣ ба сурӯғи чизе мебарояд. Шеъри "Бегоҳ" ифодагари ҳамин маънист:

Садо пасу пеш омад,
Аз ҷониби пул омад.
Бо омад - омади шом
Дар деҳа ғул-ғул омад
Аз сӯйи ҷӯча омад,
Аз сӯйи кӯча омад.
Чангу губори деҳа
Чун абр гашт боло,
Яксара оромӣ рафт
Аз деҳи ороми мо...
Рӯз ба поён расид,
Пода омад аз чаро

Дар байни шеърҳои "Чилчашма", "Шаршара", "Сари ҷӯ" ба назари мо наздикие дида мешавад. Дар "Чилчашма" Убайди Рачаб тобишҳои рангоранги чашмаҳои кӯҳсорро нишон додааст. Ба назари шоир чил чашма чил кони ганҷ аст. Вай пур аз моҳӣ буда, мисли чил шадда марҷон аз тори кӯҳ овезон аст. Об нею гӯё чил ҷӯй шир аз ин чил чашма равон аст. Чил чашма монанди чил кокул аст, ки дар ду бари он себарга хоб кардааст.

Дар хотимаи шеър шоир ба хулосае меояд, ки деҳ монанди ин чашмаҳо чил чашми бино дорад. Бояд зодагони он аз рафтор ба кирдори зишт даст кашанд, зеро ҳар як амалиёти ношоистаи онҳо аз тарафи олами наботот ва чор унсури пайдоиши ҳаёт назорат карда мешавад:

Чил чашма оби равон,
Чил кокули парешон.
Монанди обшорон,
Бар дӯши кӯҳсорон.

Чил чашма пур-пури гул,
Кӣ майли чидан дорад?
Чил чашма пури моҳӣ
Кӣ майли дидан дорад?

Об рӯйи себарга,
Себарга рӯ-рӯйи об.
Дар ду бари чил чашма
Себарга меравад хоб.

Чил чашма, чил оина,
Оинаи мусаффо...
Чил чашма не, деҳи мо
Дорад чил чашми бино.

Обҳои шаффофи шаршараҳое, ки аз қуллаҳои баланди кӯҳсори Тоҷикистон ҷорист, рамзи бойгарӣ аст, зеро обу ободонӣ гуфтаанд. Бо ташаббуси Президент Эмомалӣ Раҳмон қарори Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 23.12.2003 даҳсолаи байналхалқии амалиёти "Об барои ҳаёт" дар солҳои 2005-2015 қабул гардид. Бояд ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ифтихор аз он кунад, ки дар чунин

иқлими биҳиштосо умр ба сар мебарад. Ба қадри обҳои ҷорӣ мебояд расид ва онро ба манфиати кишвар истифода бояд бурд. Мо шукр аз он мекунем, ки саъю кӯшиши сарвари давлатамон ба ҳамин масъалаи муҳим равона аст.

Сари ҷӯ ҷоест, ки дар он ҳамагуна гиёҳои худрӯй мерӯянд ва яке аз ҷойҳои хушманзара ба ҳисоб меравад. Дар шеъри "Сари ҷӯ" омадааст:

... Чукрию торон дорад,
сари ҷӯ.
Корч фаровон дорад,
сари ҷӯ,
Хуроки хушбӯ дорад,
сари ҷӯ.
Лолаи худрӯ дорад,
сари ҷӯ...

Таассуроти манзараи сари ҷӯ аз ёдҳо ҳеҷ фаромӯш намешавад. Шоир дар хотимаи шеър ба хонанда мурочиат карда, роҳи ҳалли масъаларо аз ӯ пурсон мешавад:

... Бурд дилу ақлу ҳуш,
сари ҷӯ,
Ҳеҷ шавад фаромӯш,
сари ҷӯ?.

Шеъри "Чаро? Чунки..." ба тариқи суолу ҷавоб эҷод шудааст. Убайди Раҷаб анъанаи беҳтарини адабиёти классикии тоҷику форсро идома дода, дар васфи табйат муваффақ шудааст:

Чаро дар намекӯбад
Шамолак барфолуд?

Сӯйи ҷар намерӯбад
Барфи фарози кабуд?

Чаро сафедии барф
Мепарад аз рӯйи хок?

Об ба хоки сиёҳ
Мечакад аз чашми ток?

Чаро дигар шабона
Об намекунад ях?

Шаб ҳама шаб тарона
Мехонад аз рӯйи шах?

Чаро пушта пури барф,
Аммо ҳаво хунук нест?

Дар шишаи тиреза
Нақши яхи тунук нест?...

Шоир дар хотимаи шеър аз омад-омади фасли баҳор хабар медиҳад. Ӯ мисраҳои зикршударо чунин ҷамъбаст мекунад:

Чунки тасфи дили хок
Берун зад ранги ғубор.
Чун кӯдаки гаҳвора,
Садо медиҳад баҳор.

Баҳор арӯси сол аст. Марди деҳқонро лозим аст, ки бо орзую омол ба замин дона пошад. Дар фикри ободии диёр бошад. Шоир рӯсурхии марди деҳқонро пас аз пухтани ҳосили ғалла мебинад ва дар шеъри "Хӯшаи гандум" мегуяд:

Сари хамида,
Пухта расида,
Нодаравида

Хӯшаи гандум...

Қуввати бобом,
Роҳати момом,
Давлати додом,
Хӯшаи гандум.

Гуфтан бамаврид аст, ки Убайди Рачаб аз эҷодиёти даҳонии халқ хуб бохабар аст. Дар аксар шеърҳояш ба он ишораҳо ҳам кардааст. Масалан, дар вақти хирманкӯбӣ мардум суруди "Майда, майда"-ро зери лаб қироат мекунанд, то ки хастагии худро ҳис накунанд:

Ба назари шоир дар ин вақт хоб аз дидаҳо дур мешавад ва аз ҳама ҷойи беҳтар барои инсон сари хирман ба ҳисоб меравад:

Шаббода аз бари кӯҳ
Гарди шабро мерӯбад.
Шаб асту дар сари кӯҳ
Додом хирман мекӯбад.
То саҳар аз дили шаб
Аз оғӯши хирманҷо
Ҳар тараф мешавад паҳн:
"Майда, майда, майдаё,
Майда, майда, майдае...»
Хобе дар дидаҳо нест,
Ҷойе беҳтар дар дунё
Аз сари хирманҷо нест.

Табиист, ки кӯҳистон манзараҳои зебое дорад ва пайраҳаҳои пурпечутоби он аз ин вазъ моро огоҳ мекунад. Агар инсон дар кадоме аз ин пайраҳаҳо по гузорад, шоҳиди оби мусаффо ва табиати зебои он мегардад:

Кӯҳистон ҷойи зебост,
Кӯҳистон чун китоб аст.
Дар ин китоб чун сатр
Пайраҳа беҳисоб аст.
Оғози ин пайраҳа
Аз самти обшор аст,
Анҷоми ин пайраҳа
Дар байни бурсзор аст.

Аз ин пайраҳаҳои пурпечутоб бӯйи деҳа ба машом мерасад. Ҳар қадар шахс ба деҳ наздиктар шавад, онро ҳамон қадар хуб ҳис мекунад. Шоир шеърро давом дода мегӯяд:

В-ин пайраҳаи пурчанг
Оварда бӯйи деҳа.
Рост бикун нафасро
Мерасад бӯйи деҳа...

Дар достони "Замин" Убайди Рачаб муносибати инсонро бо замин дар чор фасли сол нишон додааст. Зебоии табиат ба рафтор ва меҳнати инсон вобаста аст. Инсон метавонад онро аз будаш боз ҳам зеботар гардонад. Аз ин хотир "дасти инсон гул" гуфтани мардум асосе дорад:

Дастархонаш алвон аст,
Меҳнаташ фаровон аст.
Аз хайру файзи замин
Рӯйи сурхи деҳқон аст...

Замин ҳам ба худ ғамхорӣ ва парастириро талаб мекунад. Агар мо ҳар қадар ба он дилсӯз бошем ва ҳар як вачабашро оқилона истифода барем, дурру гуҳарашро мисли гавҳараки чашм нигоҳ дорем, ҳеҷ гоҳ хор нахоҳем шуд. Як хусусияти фасли сармо он аст, ки табиат ба худ ҷомаи сафед мепӯшад. Дар урфият барфро кӯрпаи деҳқон мегӯянд. Ин аз он дарак медиҳад, ки агар дар фасли зимистон барф ҳар қадар бисёр бошад, замин ҳамон қадар хуб истироҳат мекунад ва ҳосили дилхоҳ медиҳад. Деҳқон ба кишту кори баҳорӣ бо дасту дили гарм машғул мешавад. Ба машоми ӯ аз омад-омади баҳор бӯйи ҳулбӯ ва дигар гиёҳҳои хушбӯ мерасад. Қоқу аз тори кӯҳ лаб мекушояд. Сабзаву

себарга бинандаро мутаассир мекунанд. Шоир ин гуфтаҳоро қувват дода, дар қисми сеюми достон хуб мегӯяд:

Аз рӯйи роҳ, сари чӯ
Бӯйи ҳулбӯ меояд.
Бо ишва ба сӯйи ту
Қоқу лаб мекушояд.

Сабзаи наврасида,
Ҳусни рӯйи замин аст.
Чун хамири расида
Замини нозанин аст…

Дар ҳақиқат, баҳор бедоршавии фасли сол ва оғози кишту кор аст. Маҳз дар ин фасл шабу рӯз баробар мешавад. Мардум бо ҳазор умеду орзу ба замин дона мепошанд. Аз мӯйсафедони солхӯрда фотиҳа мегиранд. "Дон пошиду дуо кард, Бобоям чун пири кор" - гуфтани шоир низ ба ҳамин маънист.

Ба назари мо Убайди Раҷаб тавонистааст, ки муносибати инсонро бо замин дар ин достони начандон калон дуруст ба қалам диҳад. Аҳамияти достон низ дар ҳамин аст. Он моро водор месозад, ки табиатро дӯст дорем ва расму оини ниёгонамонро идома диҳем.

Ҷанбаи фалсафии шеъри "Оташе магар дорад" дар он аст, ки бо омад - омади арӯси зебоманзари сол-баҳор сардию сахтӣ ва душвориҳои дигари зиндагӣ аз байн мераванд. Ҳамаи барфҳо об шуда, изи пойҳо гум мешавад. Зиндагӣ рӯй ба беҳбуд мениҳад.

Шеърҳои "Баро, баро, офтоб!", "Бӯйи замин" ва "Қорч" хонандаро водор месозад, ки ватанро дӯст дошта, ҳалол кор кунад. Нозу неъмати дастархони мо таввасути заҳмат аз замин ба даст меояд. Аз ин рӯ, ба қадри осмони соф, обҳои шаффоф ва хоку оби он мебояд расид. Дар шеъри "Бӯйи замин" омадааст:

Додом замин меронад,
Замин сурмаро монад.

Паррандаҳо пуркоранд,
Бозори гарм доранд.
Аз ғув-ғуву қору қар
Ду гӯшам мешавад кар.

Аз қафои трактор,
Аз токи нарми шудгор.

Аз замини навкорам
Бӯйе меорад форам.

Бӯйи майса, бӯйи роғ,
Бӯйи мева, бӯйи боғ,

Бӯйи гандум, бӯйи нон,
Бӯйи хуши дастурхон,

Ояд аз хоки замин
Бӯйи арақи ҷабин.

Убайди Раҷаб фарзанди деҳқон аст. Аз ин рӯ шоир ба касбу кори деҳқонӣ аз наздик шинос аст. Дар шеъри "Боварат намеояд" манзараҳои аҷиб ба назар мерасад:

Фӯттаро салла кардам,
Заминро фалла кардам,
Арақро жола кардам,
Пал кардам, мола кардам.
Як каф тухми пошидам,
Андак пору чошидам,

То заминро накобанд,
Тухмиҳоро наёбанд.
Гурбаҳоро "пиш" гуфтам,
Чумчуқоро "киш" гуфтам.
Чак-чак резаборон рехт,
Табъи дили деҳқон рехт.
Парма карду аз замин
Баромад аҷриқ барин.
Шалғами барги тарра,
Пиёзе мӯйи барра,
Кам-кам хишова кардам,
Худам хишова кардам.
Вақти саҳар, вақти хоб,
Реза-реза додам об.
Шалғаме чун карам шуд,
Пиёзе чун шалғам шуд.
Намеояд боварат?
Биёву бин, марҳамат!

Фикри зикршударо шеърҳои "Тобистон", "Оби равон", "Олуча гули бодом", "Саволи Маҳмуд ва ҷавоби дарахти тут", "Миёнро маҳкам бастан", "Гандум", "Хӯшаи гандум", "Хирманкӯбӣ" ва чанде дигар боз ҳам пурратар мекунанд. Масалан, дар шеъри "Гандум" шоир мегӯяд:

Он, ки фасли тирамоҳ,
Коридам доман-доман.
Гандум не, зарри холис
Бардорад хирман-хирман.

Аз таҳқиқ ва пажӯҳиш оид ба омӯзиши эҷодиёти Убайди Раҷаб дар васфи табиат ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Шоир кӯшидааст, ки хусусияти хар як фасли солро ба кӯдакону наврасон ва навҷавонон дуруст фаҳмонад. Онҳоро ба ободкорӣ ва меҳнатдӯстӣ ҳидоят намояд ва дӯст доштани олами бототу ҳайвонотро аз шартҳои асосии кӯдакони синни миёна ва калони мактабӣ меҳисобад.

2. Эҳтироми обу хокро дар мадди аввал мегузорад. Аз иқтидори бузурги обанборҳои азими кишвар, аз қабили Роғуну Норак мужда медиҳад, ва аҳамияти табобатии гиёҳҳои кишварро аз қабили пудинаю торон, қорчу зира бодому писта, тути балхию зардолуи мисли қанд, себу анорро махсус таъкид мекунад. Ҳамаи онҳо тавассути заҳматҳои марди деҳқон ва оқилона истифода бурдани ҳар як вақаб хоки Тоҷикистони камзамин ба даст омадаанд. Бояд кӯдакону наврасон ва навҷавонон ин анъанаро давом диҳанд. Дастовардҳои илми муосирро аз худ кунанд ва ба тадриҷ нерӯи иқтисодӣ ва потенсиалии кишварро пурзӯр намоянд.

3. Асоси шеъру достонҳои ин силсиларо масъалаҳои мушаххасу актуалӣ фарогир аст, ки он дар тарбияи насли наврас ва пешрафти адабиёти кӯдакону наврасон падидаи тоза мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Рисолати шоир ва шеър. – Душанбе: Адиб.- 2009.
2. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон. – Душанбе: Ирфон.- 1982.
3. Бобокалонова Х. Таърихи адабиёти атфол. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг.- 2006.
4. Мирзозода Х. Афкори рангин. – Душанбе: Ирфон.- 1982.
5. Убайди Раҷаб. Тирукамон дар рӯйи бом. – Душанбе: Адиб.- 1987.
6. Файзуллоев Н. Назми кӯдакон. – Хуҷанд, 2010.
7. Ярмиш Ю.Ф. Детская литература Украины. – М.: Детская литература.- 1982.

КРАСОТА ПРИРОДЫ В ПОЭЗИИ УБАЙДА РАДЖАБА

В статье проводится анализ и интерпретация поэзии известного таджикского детского поэта - Убайда Раджаба, посвященной красоте природы Таджикистана. В детской поэзии поэт воспевает времена года как весна, лето и природные явления как ветер, дождь, радуга. Наряду с этим поэт воспевает труд, посредством которого человек еще больше и лучше украшает как природу, так и свою жизнь. В статье отмечается, что сила

человека также подобно природе создает прекрасные творения, но для этого ему нужно учиться и развивать свои интеллектуальные навыки.

Ключевые слова: детская поэзия, природа, красота, крестьянин, школа, дети, воспитание.

BEAUTY OF NATURE IN POETRY AND POEMS OF UBAID RAJAB

The article analyzes and interpretation of poetry famous Tajik poet - Ubaid Rajab devoted to the beauty of nature in Tajikistan. In the children's poetry, the poet sings of the seasons like spring, summer, and natural phenomena like wind, rain, rainbow. In addition, the poet sings of labor, by which a person has more and better adorns both the nature and the life. The article notes that the power of human nature also like creating beautiful works, but only if he can learn and develop their thinking skills.

Key words: children's poetry, nature, beauty, rustic, school, kids, parenting.

Сведения об авторе: ***Ф. Хусейнзаде*** **-** главный научный сотрудник кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы филологического факультета ТНУ. Телефон: **927538765**

ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ МАЪДАНИ ПОНҒОЗӢ
(муҳити адабии Хӯқанди асрҳои XVIII – XIX)

Зебо Абдулазизова
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар асрҳои XVIII - XIX дар Мовароуннаҳр се давлати мустақил: Аморати Бухоро, давлати Хоразм ва хонияи Хӯқанд вуҷуд доштанд.

Дар муҳити адабии Хоразм адабиёт асосан ба забони ӯзбекӣ инкишоф меёфт ва танҳо қисми ками девони шоиронро шеърҳои тоҷикӣ ташкил мекард.

Адибони Хоразм асарҳои адабию таърихии классикони адабиёти тоҷик-форсро ба забони ӯзбекӣ тарҷума мекарданд, аз ҷумла «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон», «Юсуфу Зулайхо»-и Ҷомӣ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир ва ғайра.

Ҳаёти адабӣ дар аморати Бухоро аз охирҳои ҳукумати Аштархониён (1605-1747) хеле паст рафт. Як дараҷа марказият ёфтани омилҳои иқтисодию сиёсӣ, аз солҳои 60 - 70-уми асри XVIII рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Ин беҳбудӣ дар давраи ҳукмронии амир Шоҳмурод (1785-1800), амир Ҳайдар (1800-1827) ва амир Насруллоҳ (1827-1860) нисбатан беҳтар гардид. Шоирони ин ҳавзаи адабӣ Мирзо Содиқи Муншӣ, Муҳаммадшарифи Ориф, Абӯраҳмонхоҷаи Носеҳ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Матлаби Самарқандӣ, Мирзо Атои Бухорой, Шавқии Каттақӯрғонӣ, Ансаби Бухорой, Раҳими Ғармӣ, Музтари Косонӣ буданд. Аз мероси ин шоирон ба шакли асари алоҳида осори 25 нафар ба даст омадаанд. Ба сабаби бехирадии ҳукуматдорони ин давр адабиёт дар ин аморат хеле парешону пароканда инкишоф дошт ва чандон шуҳрат надошт.

Дар доираи адабии Хӯқанд шоирон асосан бо ду забон (тоҷикӣ ва ӯзбекӣ) назм ва насри худро эҷод мекарданд. Дар садаҳои XIV – XV мероси адибони зуллисонайн осори Лутфӣ ва «Девони Фонӣ»-и Алишери Навоӣ буданд. Дар қарнҳои XVIII – XIX марбут ба шароити сиёсию иҷтимоии бисёри аҳли адаб девонҳои ашъори худро бо ду забон - тоҷикӣ ва ӯзбекӣ таълиф намудаанд, ки мисоли барҷастаи ин девонҳои Шавқии Каттақӯрғонӣ, Нозили Хуҷандӣ, Мирзо Сиддиқи Фано, Султонхони Адо, Муҳаммадшарифи Нодир, Макнуна Маъдан мебошанд.

Ба ин масъала Е.Э. Бертелс дар асари «Адабиёти форсӣ дар Осиёи Миёна» таваҷҷуҳ намуда, гуфта буд, ки «дар таҳқиқи адабиёти ин марҳалаи Осиёи Миёна донишмандони тоҷику ӯзбек бояд бо ҳусни ҳамкорӣ камари ҳиммат банданд» [1,110].

Хонияи Хӯқанд худро аз давраи Абдулкаримбӣ (1732-1753) мустақил ҳисоб менамуд. Аммо ин муҳити адабӣ танҳо дар замони Олимхон (1799-1809) муташаккил шуд ва дар аҳди Умархон (1809-1822) шуҳрат ёфт.

Мувофиқи маълумоти тазкираи «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ дар ин доираи адабӣ зиёда аз 75 шоир ҷамъ омада буданд. Худи амир Умархон шоир буд ва ба тоҷикию ӯзбекӣ девон тартиб додааст [2]. Дар ин доираи адабӣ шоирон бештар ба ашъори Амир Умархон назираю татаббӯот менавиштанд. Аввал Амирӣ шеъре ё ғазале мегуфт ва шоирони дигар бо мазмун, қофияву радиф ва вазни ашъори ӯ дар пайравиаш

шеърҳо мегуфтанд ва қувваи адабию маҳорати бадеии худро нишон медоданд. Бо ин равиш дар ин муҳити адабӣ суннати ашъори ҷавобӣ ва назираву татаббуот ривоҷ ёфта буд. Чунончи, Вазир, Нола, Маъюс, Фазлӣ, Ҳотиф, Мушриф, Дабир, Султонхони Адо, Нодир ва чанд нафари дигар аз ҷумлаи онҳо буданд. Ба ин доираи адабӣ Махмур, Гулханӣ, Акмал, Ғозӣ, Макнуна, Ҳозиқ, Нозил низ мансуб буданд. Дар эҷодиёти ин шоирон муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ бо нишебу фарозиҳояш, бо равиши услубҳои бадеии гуногун таҷассум гардидаанд.

Дар ин росто мероси адабии яке аз шоирҳои бомаҳорати муҳити адабии Хӯқанд, **Одинамуҳаммад ибни Авазмуҳаммад**, ки бо тахаллуси **Маъдан** шеър гуфтааст, бисёр ҷолиб аст.

Дар адабиётшиносии ӯзбек шахсе, ки ному тахаллуси ин шоирро соли 1939 дар маҷаллаи «Гулистон»-и Ӯзбекистон эълон кард, Пӯлодҷон Қаюмов [8, 26] буд. Дар ин мақола дар бораи моҳияти тахаллус, бо ду забон эҷод кардан, бадеҳагӯйӣ ва ҳаҷвиёти шоир сухан меравад. Дар матбуоти Тоҷикистон ҳам ду мақолаи ҷолиб дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Маъдан навишта, намунаҳои шеърҳои тоҷикии ӯро дарҷ намудааст [9,2]; [10,1].

Адабиётшиноси шинохтаи ӯзбек Азиз Қаюмов [11,154-156] соли 1961 роҷеъ ба муҳити адабии Хӯқанд монографияи пурқимати «Қӯқон адабий муҳити XVIII-XIX асрлар»-ро таълиф кард. Дар ин асари илмӣ А. Қаюмов дар қатори аҳволу осори Махмур, Гулханӣ, Увайсӣ, Нодира (Макнуна) ва чанд шоири дигар ба зиндагӣ, осори ӯзбекии то он вақт ба даст омадаи Маъдан маълумот додааст.

Дар соли 1964 В.Абдуллоев маълумоти мухтасар ва намунаи ашъори Маъданро ба «Ӯзбек адабиёти таърихи» дохил кард [1,154-156].

Адабиётшинос Ҳ. Мухторова «Шоир Маъдан» ном як асари мукаммале дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоир эҷод намудааст [16].

Дар Тоҷикистон нахустин шахсе, ки аз солҳои 1930 сар карда дар мақолаҳояш оид ба Маъдан ва эҷодиёти ӯ маълумоти нав ба нав додааст, Дилбар Аҳмадова мебошад [13,9]. Ҳамчунин ӯ «Ашъори мунтахаб» -и Маъданро тартиб додаст [14].

Доктори илми филология, профессор У.Каримов доир ба адабиёти асрҳои XVIII ва XIX тадқиқоти пурқиматеро ба анҷом расонидааст. Ӯ нахустин олиме, ки дар бораи Маъдан, ки шоири ғайри дарбор буду дар эҷодиёташ ғояҳои мутараққиро ифода мекард, дар китоби нуҳҷилдаи «Таърихи адабиёти ҷаҳонӣ» маълумот додааасту ҷаҳониёнро бо ин шоири бузург шинос намудааст [5,466-468].

Адабиётшиносон ва олимони тоҷик Н.Маъсумӣ, Э.Шодиев, Н.Азимов, С.Абдулазизов, Ш.Ҳайдаров ва дигар маъданшиносон дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти пурқиммати шоир, ки ҳамчун шоири халқпарвар, адолатхоҳ, озодидӯст шуҳрат пайдо кардааст, корҳои назаррасро анҷом додаанд [13,7].

Ашъори тоҷикии шоир аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва таҷассуми ғояҳои олии иҷтимоию сиёсӣ, инсонгароию эҳсоси баланди ошиқона, меҳру вафо, аз тарафи дигар, танқиди амалдорони маҳаллӣ, зоҳидони риёкор ва ҳамчунин маҳорати бадеию паҳлӯҳои фалсафӣ, истеъдоди ҳаҷвнигорию бадеҳагӯйии худ бисёр ҷолибанд.

Ҷараёни мухтасари зиндагӣ. Маъдан соли 1761 дар маҳаллаи Шахаки деҳаи Понғозии [20] ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст. Падари шоир шахси маърифатдӯст будааст. Вай писарашро дар мактаби ибтидоии деҳа хондааст. Маъдан аз овони ҷавонӣ ба шеъру шоирӣ шавқу ҳавас ва рағбати калон доштааст. Аз Муҳаммадаминхоҷаи Косонӣ, ки дар деҳаи Пунук зиндагӣ мекардааст, шеъру шоириро омӯхтааст. Осори адибони форс-тоҷикро, аз ҷумла Ҷомию Ҳилолӣ, Саъдию Ҳофиз, Мавлавии Балхию Бедил, Аҳлию Шӯхӣ ва аз адибони туркизабон, Навоию Фузулӣ ва дигаронро мустақилона омӯхтааст.

Шоир дар овони ҷавонӣ бо тахаллуси «Камина» шеър эҷод намудааст. Ӯ тахаллуси «Маъдан»-ро бо маслиҳати устодаш қабул кардааст, ки ишора ба хазинаи маъниҳои баланди сухан аст [18,231].

Маъдан шоири ҳозирҷавоб буд. Ривояте ҳаст, ки яке аз бойҳои Понғоз барои нишон додани боигарии худ шоирро ба хонааш таклиф намуда, гулҳои боғ ва шамшеру танбури дар девор овезонашро нишон медиҳаду бо ӯ дуру дароз суҳбат менамояд, лекин дастархон намекушояд. Шоир ин рубоиро вирди забон меоварад:

Гул ба сарам неҳу рангам бин,

Шамшер ба дастам деҳу ҷангам бин.
Ҳамчун танбӯр шиками холӣ дорам,
Нон ба дастам деҳу оҳангам бин [14,109].

Дар давраи зиндагии Маъдан деҳаи Понғоз ба хонигарии Хӯқанд нигоҳ мекард. Агар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангию адабии давраи султаи амир Олимхон (1799-1809), Умархон (1809- 1822) ва Муҳаммадалӣ (1822-1843)-ро бо ҳамдигар иҷмолан муқоиса намоем, ин нукта ба хубӣ муайян мегардад. Тибқи маълумоти Ҳоҷӣ Ҳакимхон: «Дар маҷмаъ ва маҷлисҳои рангини амир Олимхон одатан 15-20 адиби аср иштирок менамуданд. Дар замони амир Умархон дар вилояти Тошканд ҳангоми тӯйи писараш Абдуллосултон аз шуарои ширинкалом 40 тан дар пояи сарири олӣ ҳозир буданд. Қасидаҳои ғаррои худро қироат карданд ва аз ҷумла Мавлоно Ҳозиқ дар он ҷо ҳозир буд, ки шаш рубоиро аз барои таърихи тӯйи Абдуллохон қироат кард» [17,505а].

Дар поёни маҷлис амир Умархон ба ҳар кадом «сару пойи алоҳида, аспе бо ҷабдуқи нуқра ва ғаллаву зар инъом фармуд ва аз дунё бениёз гардонид» [18,506[а]].

Чунин марҳамати амир Умархон таваҷҷуҳи аҳли фарҳангу адабро ба дарбори ӯ бештар ҷалб менамуд.

Фазлӣ дар «Маҷмуат-уш-шуаро», чи хеле ки дар боло қайд намудем, ному тахаллуси зиёдтар аз 75 адиби ин кишварро дарҷ кардааст. Ӯ дар ин асар дар бораи Маъдан маълумот дода, шоирро «кони ганҷи сухан» номидааст:

Ҷу Маъдан ба гавҳартарозӣ бувад,
Ки аз мавзеи Панҷгозӣ [6] *бувад.*
Бувад Маъдан он кони ганҷи сухан,
Бувад қарияи Понғоз ӯро ватан [15,3].

Аммо натиҷаи тадқиқоти мо нишон дод, ки ба тазкираи Фазлӣ номи ҳамаи адибони ин доираи адабӣ, чунончи Нозили Хуҷандӣ, Мирзо Сиддиқи Фано ва ҳатто Моҳлари Макнуна, ки завҷаи амир Умархон буду девонҳои тоҷикию ӯзбекӣ тартиб додааст, дохил нашудаанд.

Ба ин далел, теъдоди шоирони ин доираи адабӣ шояд зиёдтар аз 80 нафар ҳам бошанд.

Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки дар байни амирони сулолаи манғитияи Фарғона ягона амири бофарҳанги нисбатан мардумсолори одил ҳамин амир Умархон будааст. Гузашта аз ин, амири мазкур аҳкоми шариатро назар ба амирони дигари манғитияи бештар риоя мекард.

Бинобар ин, ӯ дар осори таърихию адабиёти бадеӣ ба сифати амири фарҳангпарвару одил ва суханшиноси асри худ шинохта шудааст. Шоира Макнуна дар яке аз ғазалҳояш адлу адолати ӯро ба таври зерин васф кардааст:

Шаҳриёри мулкпарвар дар замони адли ӯ,
Ҳалқро масрур дидам, шафқаташ омад ба ёд [12,57[б]].

Шуҳрати шеъргӯии Маъдан то ба дарбори хони Қӯқанд расид. Маъдан дар васфи Амир Умархон чанд қасидаи ғарро эҷод намуд. Амир Умархон ӯро ба Қӯқанд таклиф менамояд.

Лекин шоир таклифи хонро қабул наменамояд, «ба шаҳр худам ғунҷам ҳам, оҳу нолаам намеғунҷад» гуфта ҷавоб медиҳад [16,4].

Боз як ривояте ҳаст, ки Маъдан ба Қӯқанд, ба дарбори хон ташриф оварда буд. Ӯ дастоварди худ девонашро ба Умархон пешкаш карданӣ буд, вале шоирони дарбор бо ҳар баҳонае нагузоштанд, ки Маъдан бо Умархон рӯ ба рӯ шавад. Маъдан маъюс шуда, ба Понғоз гашта меояду аз хизмат дар дарбор рӯй мегардонад [7].

Инчунин виҷдонфурушӣ, беҳаёӣ, беномусӣ дар он давра ривоҷ меёбад. Соли 1822, пас аз вафоти Умархон, ба маснади хонӣ писари калони ӯ Муҳаммадалихон менишинад. Муҳаммадалии нопок ҳангоми зинда будани падараш ба зани дувуми вай – модарандари худ Хонподшо, ки духтари Сайиднолаи Ғозӣ буд, ба таври пинҳонӣ ишқ меварзид [18,540[а]]. Бо баҳонаи покии шариати ислом ва чанд сабаби дигар чунончи, пешдастии ҳукмронӣ дар Мовароуннаҳр, амири Бухоро Насруллоҳ соли 1842 ба Хӯқанд лашкар мекашад ва дар ҷанг пирӯз гардида, дар давоми як ҳафтаи пурра дар шаҳр қатли ом мегузаронад. Дар ин куштор аксари хонаводаи хони Хӯқанд – Муҳаммадалӣ, додараш Маҳмудсултон, писараш Муҳаммадамини хурдсол ва модараш шоира

Макнуна бо фармони амир Насруллоҳ ба қатл расонида мешаванд. Маъдан бошад, дар яке аз ғазалҳояш чунин мегӯяд:

Бу маймунбозлар элгинда жунбон уйнатур маймун,
Чиқоруб эридан ҳар кас сотар пиру жавон хотун,
Бири ҳоким, бири қозӣ, бири догулидек малъун,
Бари бӯлди раият моли бирлан хожаи Қорун,
Худоё, ҳеч бандангни бу янглиғ шармсор этма,
Фаранг ила Хитойга солғилу Понғозда хор этма [12,127].

Тарҷума: Ин «маймунҳо» -ро дар ҷояшон бозӣ медоронанд. Занҳои пиру ҷавонро аз шавҳарҳошон мебароранду ба ҳар кас мефурӯшанд. Яке ҳоким, яке қозӣ, яке лаънатшуда – ҳамаашон барои моли раият шуда, худи хоҷаи Қорун барин мехоҳанд бошанд. Худоё ҳеҷ бандаатро чунин шармсор накун. Ба Фарангистон (Европа) ва Чин андозу дар Понғоз хор накун.

То 40 солагиаш дар маҳаллаи Шахаки деҳаи Понғоз зиндагӣ кардааст. Дар ғазалҳояш амалдорон ва бойҳои маҳаллиро танқид кардааст, барои он ки мардум дар натиҷаи истисмори амалдорони маҳаллӣ ва гумоштаҳои хон бисёр қашшоқ шуда буданд. Бовиҷдонию бошарафӣ аз байн рафтааст, киштзорҳо ба биёбонҳо мубаддал гаштаанд. Маъдан ҳокимони замонаашро аблаҳ, саг, номард меномад:

Диёнат рафт, ё раб, аз диёри мардуми Понғоз,
Ба дасти аблаҳон шуд ихтиёри мардуми Понғоз,
Ба вайронӣ муқаррар киштукори мардуми Понғоз,
Сагон серанд аз сайди шикори мардуми Понғоз,
Ки ин номардакон хасми кибори мардуми Понғоз [15,46].

Бо амри якчанд амалдорон Маъданро лату кӯб мекунанд:

Галаси бирла чиқди чинқириб қасдимға кӯп тӯнгуз,
Ани ҳай-ҳайламай қолдим арода якаю ёлғуз,
Бошимға тошу туфроқ осмондин ёгди чун юлдуз,
Будур ҳақдин муроду ифтихорим кечаю кундуз,
Бу золим қаама, ёраб, ҳеҷ бандангни дучор этма.
Фаранг ила хитоға солғилу Пангозда хор этма [12,127].

Тарҷума:Бойҳо гала шуда аз ман қасд гирифтанд. Ҳазор ҳайю ҳуй… Ман бошам танҳо мондам. Бар сарам ҳамчу ситора сангу хок борид. Вале ман ифтихор дорам, ки аз пайи ҷустуҷӯйи ҳақиқат будам. Аз худо зора дорам, ки бандагонашро ба ин хел золимҳо дучор насозад, ҳамаи одамони рӯзгордидаю ҳақҷӯйи Понғоз зор нашаванд.

Баъди ин воқеа Маъдан ба касалии фалаҷ гирифтор мешавад. Фазлӣ дар «Маҷмуат-уш-шуаро» ин маълумотро тасдиқ менамояд:

Таҷаммул зи арбоби гуфтор буд,
Ба амрози фалаҷ гирифтор буд [19,7].

Маъдан ба маҳаллаи Муллоён, ки аз падараш як порча замин мерос монда буд, кӯчида меояду бо деҳқонӣ рӯз гузаронидааст. Соҳиби шаш фарзанд будааст. То ҳанӯз санаи вафоти Маъдан аниқ муайян нашудааст. Доктори илми филология, профессор У.Каримов [5,466-468] санаи вафоти шоирро соли 1838, дар синни 77-солагӣ муқаррар кардааст. Аз тарафи дигар Дилбар Аҳмадова мешуморад, ки Маъдан соли 1846, дар синни 84-солагӣ аз олам чашм пӯшидааст [15,4].

То ба мо панҷ нусхаи дастнависи девони шоир омадааст, ки дар китобхонаи шахсии марҳум Дилбар Аҳмадова маҳфуз аст, вале танҳо як нусхаи он мукаммал аст [3,14-16].

Мероси адабии ба даст расидаи шоир иборат аз девони ашъор мебошад, ки он аз 3644 мисра иборат аст. Аз он ҷумла шоир 2644 мисра ба забони тоҷикӣ ва 1168 мисра ба забони ӯзбекӣ эҷод намудааст [16,14].

Ашъори Маъдан аз назари мазмуну мундариҷа ва ғоя хеле гуногуну рангин аст. Дар байни ин гуногунию рангинӣ мавзӯъҳои **баёни шарҳи ҳол, норозигӣ аз давру замон ва танқиди бою ашрофони маҳаллӣ, танқиди зоҳидони риёкор, тараннуми ишқи поки инсонӣ, панду насиҳат ва мавзӯъҳои дигар** ҷойгоҳи муҳим доранд

Танқиди бою дороиён.

Тазаллумҳои золим ҳаминони суръати бод аст,
Забони хома бар таҳрири бунёди ситам макшо [17,25].

Шикоятҳои амалдорони золим аз ситаму ҷабр ин ҳама сафсата асту ҳамчун бод вазида меравад. Ин сафсатаҳо барои ба иштибоҳ андохтани мардум гуфта мешаванд. Мардуми бечора бошад, ҳақ надорад, ки дар бораи аз зулму ситам раҳоӣ ёфтан ҳатто даҳон кушояд.

Биҳамдуллаҳ, зи даврон форигам аз тангдастиҳо,
Ба боло монеи ӯ чист парвозам зи пастиҳо [15,25].

Бо хости Худованд Маъдан ба табақаи поён тааллуқ дорад. Ӯ аз Худованд сипосгузорӣ менамояд, ки тобеи «боло», яъне бою амалдорон несту «парвозам зи пастиҳо», яъне бо мардуми оддӣ ҳамнишин аст.

Забардастон гурури комронӣ дар бағал доранд,
Ба хок афтодаӣ, Маъдан, зи заъфи зердастиҳо [15,25].

Дороиён такаббуру ғурур доранд ва аз зиндагии худашон қаноатманд мебошанд. Вазъияти иқтисодии Маъдан бисьёр паст фуромадааст, ки худро ба одами ба «хок афтода» монанд кардааст – яъне бисёр камбағал ва аз ҳолати ба дороён тобеъу мутеъ будани худ маъюсу оҷиз мебошад.

Ба чашми имтиҳон аввал дар ин гулшан назар бикшо,
Сари озодагӣ дорӣ, чу анқо болу пар бикшо.
Машав чун хайли анҷум сарфарози зулмати гардун,
Чу субҳ аз файзи фитрат ҷайби домони саҳар бикшо.
Насими навбаҳори умр зебо фурсате дорад,
Дар он фурсат ба сони ғунча тӯмори самар бикшо.
Писанди хотири ман нест авзои ту, эй воиз,
Бирав, ин дафтари беҳуда дар ҷойи дигар бикшо [15,13-14].

Шоир бар хилофи ақидаҳои иртиҷоии рӯҳониён, ки мардумро ба тарки дунё, ба гушанишинӣ даъват карда, аз нозу неъмат ва айшу тараби дунёи «бебақо» дасту дил шустанро тарғиб менамуданд, ба кӯшишу кор баҳравар шудан аз «фурсати зебои навбаҳори умр» ва дар ин фурсат «ба сони ғунча тӯмори самар бикшодан» даъват мекунад.

<u>Тараннуми ишқи поки инсонӣ.</u>

Муҳаббат оташафрӯз асту ман чун маҷмари ишқам,
Зи оҳи хеш месӯзам, шарори ахгари ишқам…

Маъдан дили худро ба маҷмар-оташдон монанд кардаасту муҳаббаташро ба оташ. Ишқ оташ асту дар оташдон, яъне дар дили ӯ месӯзад. Оҳи ошиқ ҳамчунон сӯзон аст, ки аз алангаи он худи ошиқ месӯзад. Шоир худро ба шарораи алангаи ишқ монанд кардааст.

Эй боди субҳ, овар аз зулфи ёр бӯе,
Дорам ба махзани дил сад гуна орзӯе.
Дар гулбуни хаёлам гул карда ин таманно,
Манзури ёр бошам як лаҳза рӯ ба рӯе.

Дар ин порчаи ғазал шоир ба «боди субҳ» муроҷиат менамояд, ки «аз зулфи ёр»-аш бӯе, яъне хабаре орад, барои он ки танҳо худи шоир дар хазинаи дил орзӯи лаззати дидори ёрашро дорад. Фақат як орзӯ дорад, ки лаҳзае бошад ҳам, ба дидори якдигар бирасанд.

Зи ҳастӣ то адам аз шаш ҷиҳат озодаам, Маъдан,
Зи файзи олами эҷод бошад ҷавҳари ишқам [15,41].

Шоир сар то ба по ошиқ аст. Ошиқи девонахӯе, ки ҷуз ишқи илоҳӣ сармоя надорад. Маънии ҳаёти ӯ дар ин дунёи бесомон танҳо тараннуми ишқи пок аст. Аз ин лиҳоз, шоир аз тақдири хеш, бо вуҷуди ғаму андӯҳҳои зиёди рӯзгораш изҳори ризоят мекунад Ӯ аз он мефахрад, ки эҷодкор, яъне шоир асту дар ҳаққи ишқ шеър эҷод менамояд.

Хулоса, Маъдан яке аз шоирони барҷастаи муҳити адабии Хӯқанди охири асри XVIII, аввали асри XIX мебошад. Ашъори Маъдан аз назари мазмуну мундариҷа хеле гуногун аст. Дар ғазалҳои ӯ мавзӯъҳои танқиди амалдорон, тараннуми ишқи поки инсонӣ, танқиди зоҳидони риёкор, дарёфти мақоми хеш дар дунё, панду насиҳат

ҷойгоҳи муҳим доранд. Гуфтан ҷоиз аст, ки мавзӯи муҳаббат дар эҷодиёти шоир мақоми хоса пайдо кардааст ва лоиқи омӯзиши алоҳидаи амиқ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллаев. В. Ӯзбек адабиёти таърихи (иккинчи китоб).- Тошкент: Ӯқитувчи, 1964. С.154-156.
2. Амирий. Девон. -Тошкент: Фан, 1972. - 359 с.
3. Аҳмадов Фахриддин. Ассалом эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо. – Душанбе, журнал Илм ва ҳаёт № 3, 1992.- 48с.
4. Бертельс Е.Э. Литература на персидском языке в Средней Азии.- М.: Советское востоковедение, 1948. - С.110.
5. История всемирной литературы (Коллектив У.Каримов).- М.: Наука, 1989. Т.6. -880с.
6. Калимаи Панҷгозӣ ихтисорёфтаи калимаи панҷсадгозӣ мебошад.
7. Каримов У. Аз архиви шахсӣ.
8. Қаюмов.П. Шоир Маъдан.-Тошкент: Гулистон журнали, 1939. 2-сон, 26 бет.
9. Қаюмов.П.Шоир Маъдан. –Душанбе: Шарқи сурх журнали,1957. 2-сон.
10. Қаюмов.П.Шоир Маъдан.- Душанбе: Маданияти Тоҷикистон журнали, 1958. 1-сон
11. Қаюмов.А. Қӯқон адабий муҳити.- Тошкент: ӮзССР ФА нашриёти, 1961. 154-156 бетлар.
12. Макнуна. Девон (нусхаи №7766 Тш).В. 57б
13. Маъдан Понғозий. Девон (Ӯзбек тилидаги шеърлар) / Мураттиб Ахмедов. Ф.- Понғоз, 2003. - 109б.
14. Маъдан. Ашъори мунтахаб / Мураттиб Д. Ахмедов - Душанбе:Ирфон, 1966.
15. Маъдан. Ашъори мунтахаб /Тартибдҳанда ва муаллифи сарсухан Д. Ахмедов/ - Душанбе: Ирфон,1985.- 94с.
16. Мухторова Ҳ. Шоир Маъдан (Ҳаёт ва ижодий фаолияти).- Тошкент: Фан, 1975.- 44С.
17. Муҳаммад Ҳоҷӣ Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих./ Осорхонаи А.А.Семенов.- Душанбе. Нусхаи № 63. – 731в.
18. Ӯзбек адабиёти таърихи/ Коллектив, т. IV. -Тошкент: Фан, 1978.- 444с.
19. Фазлӣ. Маҷмуат-уш-шуаро. Тш. инв. № 2371.

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО МА'ДАНА ИЗ ПАНГАЗА

(конец XVIII и начало XIX в.в. литературного круга Коканда)

Статья посвящена описанию жизни, творчества, так же в ней раскрыты некоторые особенности лирики талантливого поэта концв XVIII и начала XIX в.в. литературного круга Коканда – Одинамухаммеда ибн Авазмухаммеда, который известен под псевдонимом Ма'дан. В своих газелях он критикует местную аристократию, высмеивает лживых проповедников, однако воспевает искреннюю любовь, преданность и восхваляет трудовой народ. Ему предлагали стать придворным поэтом – он не согласился, его избили и он был сломлен.

Ключевые слова: поэт, Ма'дан, Макнуна, Коканд, газель, преданность, любовь, аристократия, проповедники, Умархан, Мухаммедалихан.

LIFE AND WORK MA'DAN OF PONGOZ

(the end of XVIII the beginning of XIX literary group of Kokand)

The article describes the life, creativity, and it revealed some of the features of the lyrics talented poet (the end of XVIII the beginning of XIX) literary group of Kokand – Odinamukhammed ibn Avazmukhammed, which is known under the pseudonym Ma'dan. In his ghazals, he criticizes the local aristocracy, ridicules the false preachers, but sings great love, devotion and praise the working people. He was invited to become a court poet - he did not, he was beaten - he was not broken.

Key words: poet Maadan, Maknuna, Kokand, ghazal, devotion, love, aristocracy, preachers, Umarkhon, Mukhammedalikhan.

Сведения об авторе: ***Абдулазизова Зебо*** – старший преподаватель кафедры истории и филологии Таджикского государственного университета коммерции.Телефон:(+992) 93-506-91-51(м.)

ВЛИЯНИЕ ЛЬВА ТОЛСТОГО НА ТАДЖИКСКУЮ ЛИТЕРАТУРУ

Гуландом Рустамзода
Институт энергетики Таджикистана

Изображение критического реализма, начиная с классической прозы, в основе правдивых ветвей появилось с конкретным образом, характером и содержанием, в первую очередь, в «Наводир-ул-вакоеъ» Ахмада Дониша. Между тем, как об этом писал устод Садриддин Айни в «Образцах таджикской литературы» (1926), Ахмад Махдум Дониш, по свидетельству источников, «был главой научной, литературной, социальной и политической революции в Бухаре».

В развитии «Наводир-ул-вакоеъ» в начале 20 века написаны «Савонех-ул-масолик» Возеха, «Тухфаи ахли Бухоро» Мирзо Сироджа Хакима, «Мунозира» Абдурофеъ Фитрата, как художественно- публицистические и историко - мемуарные произведения. С этой точки зрения можно сказать, что «Наводир-ул-вакоеъ» заложило основу новой таджикской прозы в целом. Фактически Ахмад Дониш является одним из основоположников нового мышления на Востоке. Особо исследователей привлекает содержание таких образцов таджикско-персидской прозы прошлых столетий, как «Гулистан».

Выразитель народно-демократических тенденций в развитии общественно-политической мысли своего народа Дониш активно содействовал своими произведениями и главным образом «Наводир-ул-вакоеъ» демократизации и упрощению таджикского литературного языка, что «позже с большим успехом было продолжено и реализовано на практике Садриддином Айни, Садри Зиё, Фитратом, Мирзо Сироджем другими представителями литературы и науки начала XX в.» [5].

Ахмади Дониш был из первых деятелей таджикской просветительской литературы, который одобрял русский прогресс, побывав три раза в Россию.

В конце 19 века таджикские просветители были знакомы с зарубежными газетами. Об этом С. Айни в своем воспоминании отметил:

«Иногда Хайрат доставал, неизвестно откуда, персидские газеты- „Хабл-ул-матин, выходившую в Индии, или же „Чехранама", выходившую в Египте. Из этих газет мы узнавали кое-что о том, что делается на свете» [6,63].

Далее он отмечает, что: «Никто из нас татарского языка не знал. О значении интернациональных и русских слов, которые в изобилии попадались в читавшихся нами газетах, мы вообще не имели никакого представления. Абдулкодир-Махдум утверждал, что знает все это как свои пять пальцев и „пояснял" нам то, что мы не понимали. Даже сейчас меня разбирает смех, когда я вспоминаю, как он объяснял нам слово „парламент"» [6,63].

Также С. Айни вспоминает как: «Один наш соученик, Абдулкодир Махдум, приносил нам, также неизвестно откуда, газету „Тарджуман". Эта газета печаталась в Бахчисарае, наполовину по-татарски, наполовину по-русски. В те времена царское правительство не позволяло татарам издавать газеты на своем языке. Издатель „Тарджумана" получил такое разрешение при условии, что все печатающееся по-татарски будет публиковаться также по-русски. Поэтому газета и получила название „Тарджуман"- переводчик» [6,64].

Все эти случаи постепенно влияли на мировоззрение таджикских писателей.

Просветитель таджикского народа Абдукадыр Шакури в книгу «Джомеъ – ул - хикоет» («Сборник рассказов»), изданную в качестве учебного пособия для второй ступени обучения в 1909 и 1911 годах, он включил ряд басен И.Крылова и рассказы Л.Толстогоо которых вспоминает Рахим Хошим ученик М.Шакури. По мнению Рахима Хошима Абдукадир Шакури с помощью Аджзи–таджикского просветителя, который знал русский язык, переводил рассказы Толстого. Также как упоминает Рахим Хошим, в предисловии было указано о том, что Абдукадир Шакури использовал азербайджанский вариант перевода рассказов Толстого. Эти переводы азербайджанского переводчика Аббоса Сиххата.

В том числе так переводится рассказ Толстого «Два товарища» (Ду рафик):

Ду рафиқ аз беша гузар мекарданд. Ногоҳ хирсе аз ҷангал барҷаст ва ба эшон ҳамла овард. Яке аз онҳо чобук буд, дарҳол гурехт ва дар гӯшае пинҳон шуд. Аммо дигаре оҷиз буд, маҷоли гурехтан наёфта бар замин афтод ва худро ба таркиби мурдагон андохта ҳеҷ харакат накард. Хирс бар сари вай омада ҳама аъзои ӯро бӯйид ва ӯро мурда пиндошта бирафт. Чун хирс нопадид шуд,он мард аз ҷои худ берун омад ва табассумкунон пурсид:

- Эй рафиқ, хирс ба гӯши ту чӣ гуфт?
Рафиқаш аз истеҳзои ӯ ранҷида гуфт:
- Хирс ба гӯши ман гуфт, ки:
Дӯст машмор он, ки дар неъмат занад
Лофи ёриву бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳоливу дармондагӣ».

Стихотворение присоединено к первой части «Гулистан»-а Саади, по мнению автора это даёт национальный характер рассказа Толстого.

У Толстого текст «Два товарища»:

«Шли по лесу два товарища, и выскочил на них медведь. Один бросился бежать, влез на дерево и спрятался, а другой остался на дороге. Делать было ему нечего- он упал наземь и притворился мёртвым.

Медведь подошёл к нему и стал нюхать: он и дышать перестал. Медведь понюхал ему лицо, подумал, что мёртвый, и отошёл. Когда медведь ушёл, тот слез с дерева и смеётся:

- Ну что, - говорит, - медведь тебе на ухо говорил?

- А он сказал мне, что – плохие люди те, которые в опасности от товарищей убегают [11,44].

Данный рассказ использовался не только в таджикских азбуках, но и в других среднеазиатских и восточных азбуках, как в китайских и японских азбуках.

Другой рассказ «Старый дед и внучек» тоже у Шакури А. формировался на основе таджикских рассказов, в том числе «Гулистана»:

«Марде солхӯрда аз ғояти пирӣ дасту пояш меларзид, чашму гӯшаш аз дидану шунидан бозмонда буд. Аз нотавонии аъзо ҳар чӣ таом мехӯрд, аз атрофи даҳони ӯ мерехт. Писар ва арӯси вай аз ин ҳол нафрат карда, ӯро аз худашон дуртар дар гӯшае ҷой доданд. Пирамарди бечора аз ин ҳаракати писар ва арӯси худ дилгир шуда, монанди кӯдак ба нолидан оғоз кард. Рӯзе арӯс дар коса барои пирамард ош оварда буд. Пирамард вақти хӯрдани ош коса аз дасташ афтода шикаст. Арӯс ӯро бисёр сарзаниш карда гуфт:

-Охир ту дар хона зарф нагузоштӣ, ҳамаро шикастӣ.

Пири бечора оҳе кашида сари худро поин андохт.

Билохира, аз ин ҳолати пирамард ба танг омада аз бозор косаи чубин гирифта ва дар ҳамон коса таомаш медоданд. Рӯзе писар дид, ки тифли чорсолаи ӯ чӯб метарошид.Падар гуфт:

-Фарзанд, ин чӯбро барои чӣ метарошӣ?

Тифл ҷавоб дод:

- Косаи чӯбӣ месозам, то рӯзе, ки шумо ҳам мисли бобои ман пир шудед, дар ин коса таом бидиҳам. Писар ва арӯс аз гуфтаҳои тифл огоҳ шуда, аз кардаи худ пушаймон гашанд. Пас аз он ба заҳомоти пирамард мутаҳаммил шуда, ӯро муҳтарам медоштанд:

Чу бад кардй, мабош эмин зи бадгӯй,
Ки бадро кас нахоҳад гуфт некӯй,
Нашояд одамӣ чун курраи хар,
Ки сер ояд, нагардад даври модар.
Ҷазои мардумӣ ҷуз мардумӣ нест,
Ҳар он, к-ӯ ҳак надонад, одамӣ нест».

Перевод приводится по монографии Самадовой З. «Назидания Саади в «Русских книгах для чтения» Льва Толстого»:

Совершил зло, доброго ответа не жди,
Ибо плохое никто не назовёт хорошим,
Не надо человеку уподобляться ослёнку,
Который, как только насытится (молоком), забывает свою мать.
Человека называют человеком по-человечески (по заслугам),
Тот, кто не знает справедливости, человеком быть не может.

Вариант Толстого в «Азбуке»:

«Стал дед очень стар. Ноги у него не ходили, глаза не видели, уши не слышали, зубов не было. И когда он ел, у него текло назад изо рта. Сын и невестка перестали его за стол сажать, а давали ему обедать за печкой. Снесли ему раз обедать в чашке. Он хотел её подвинуть, да уронил и разбил. Невестка стала бранить старика за то, что он им всё в доме портит и чаши бьёт, и сказала, что теперь она будет давать обедать в лоханке. Старик только вздохнул и ничего не сказал. Сидят раз муж с женой дома и смотрят - сынишка их на полу дощечками играет - что-то слаживает. Отец и спросил: «Что ты это делаешь,

Миша?». А Миша и говорит: «Это я, батюшка, лоханку делаю. Когда вы с матушкой старыми будете, чтобы вас из этой лоханки кормить».

Муж с женой поглядели друг на друга и заплакали. Им стало стыдно за то, что они так обижали старика; и стали с тех пор сажать его за стол со всеми» [9].

В том числе, русские идеи под влиянием царского правительства, с другой стороны большевиков коснулись мировоззрения не только рабочих и крестьян, но и просветителей и джадидов, те люди, которые противостояли старинному государственному строю. Хотя местный религиозный взгляд не давал согласие изучать, русский язык, переводы издавались ва газетах или те, которые знали русский, азербайджанский, татарский или турецкий языки помогали другим воспринимать смысл высказывания.

Можно сказать, что газеты «Туркестанская туземная газета» или «Тарджумон» (Переводчик), которые издавались с 1884 года в Крыме, и другие газеты на узбекском, татарском, тюркском, азербайджанском, башкирском, персидском, казахском и других языках были основными для формирования новых взглядов.Также с появлением газет начались выпускать учебники на узбекских и таджикских языках.

Один из тех, кто смог написать учебник для детей этот Махмудходжа Бехбуди. Он много видел и путешествовал в разные страны Востока, а также Казань, Уфа, Оренбург, Баку и в городах России. В 1906 году он составит книгу под названием «Алифбои мактаби исломия» (Азбука исламской школы)) и в предисловие подчеркивает о том, что данная книга помогает быстро изучать науки и выявить грамоту. Он также даёт совет о новейших методах изучения алфавита.[9,4].

После этого на узбекском и таджикском языке он напишет книги «Коротко об истории ислама (Мухтасари таърихи Ислом), «Амалиёти исломия» (Действия в исламе) «Мадхали чугрофияи имронї», а также «Коротко о географии России».

На основании новейшей школы в Бухаре Шакури, Мунзим и С. Айни тоже составляют книгу для детей.

С. Айни, как и Толстой, искал новые подходы для учёбы детей. Поэтому он в 1909 составлял учебное пособие. Эта книга под названием «Тахзиб-ус-сибён» («Воспитание детей») отражали новые черты работы Айни в педагогических работах. Хотя книга была религиозная, но эта книга основалась в новейшем методе.

«Тахзиб-ус-сибён» как отмечает Сохиб Табаров в предисловии данной книги, эта новая книга в которой изложены взгляды Айни в политике, географию, философию и педагогические аспекты писателя [7,4]. В этой книге Айни составляет русский календарь.

В пространстве, в котором жил Айни такая книга считалась подвигом. В 1916 году появляется другая книга «Счастливое семейство». В той книге в основном речь идёт о переписке юноши Мухаммада Фарида с родственниками. С другой стороны данная книга с реалистическим характером сходилась с книгами «Новое счастье Хамзы» и «Обучение детей» Бехбуди.

Во время изучения можно найти сходства содержания и структуры книг «Азбука» Толстого и «Тахзиб-ус-сибён». Толстой старается рассказать детям о домашних животных, разных приключениях, погоде. Айни тоже ярко изображает окружающий мир детей.

Первое то, что Айни обращает внимание основной деятельности учителя. Он отмечает: «Ҷаноби муаллимин бояд ки нахуст қосими ҳар сабакро ба атфол забони таҳрир кунанд. Сониян, ба худи атфол хононда, хатоҳояшонро тасҳеҳ намоянд, ҳар гоҳ шогирд такрор карда, ба тақдири хулосаи сабақаш иқтидор кунад, сабақи дигар интиқол диханд.Ба тафҳими манфиати ҳар сабақ неку диққат намоянд. Агар шогирд аз синфи дуввум бошад, ҳалли луғот низ кунанд» [7,7].

Толстой в «Азбук»-е под названием «Общие замечания для учителя» и «Как учить по слуховому способу» (Азбука, М.,1987, с.11-34) указывает основные задачи учителя: «упражнение то, чередуя его с изучением букв повторяется на первом урое два или три раза. когда учитель видит, что большинство учеников складывает на слух верно, начинается чтение с первой страницы…».

Толстой также выработал собственную педагогическую систему, исключавшую зубрежку и основанную на доверии к творческим способностям учеников; свои взгляды на школу он изложил в ряде статей в журнале «Ясная Поляна», который он выпускал в

течение 1862 г. Позже, в 1884 г., по инициативе Толстого и при его живом участии было основано издательство «Посредник», печатавшее книжки для народного чтения именем Азбука [2,130-151].

Таким образом, в первой половине XX в. С.Айни, С.Ализода, А.Лохути, Х.Карим, С.Улугзода, Х. Ахрори, Р.Хошим, Ч.Икроми, М.Миршакар, Манофзода и другие писатели старались написать такие произведения, которые смогли отвечать по ленинским принципам. Поэтому под девизом «Толстой – зеркало русской революции» стали изучать методы и принципы содержания Толстовского творчества. Они первые советские таджикские писатели были и переводчиками и редакторами этих произведений.

Как известно, В. И. Ленин высоко ценил творчество Толстого-реалиста, давшего «несравненные картины русской жизни», такие изображения быта помещика и крестьянина, которые принадлежат к лучшим произведениям мировой литературы. Толстовское искусство привлекало Ленина не только реалистическим изображением пореформенной, дореволюционной России, но и глубоко правдивой, точной, достоверной передачей психологии, настроения, чувств различных социальных групп и прежде всего патриархального крестьянства.

Поэтому, под влиянием ленинских принципов и идеологии времени таджикские писатели изучали Толстого как великого русского писателя и как революционер новой идеологии. То есть, идеологии дружбы крестьянина и рабочего, изображать в произведении сельской жизни, учитель новых школ и как художник с новым взглядом в проблеме простого народа, он использует метод критического реализма. Функция данного метода расширялась со времен советского режима.

Годовщина смерти Льва Толстого в 1930 году была отмечена изданием повести «Кавказский пленник» в переводе Хакима Карима. Уже тогда перевод превратился в неотъемлемую часть художественного развития, в акт обогащения национальных культур.

Айни - основоположник современной таджикской литературы считался одним из основных редакторов таджикских переводов произведений Толстого. В журнале «Шарқи сурх» (1958.г. № 4, с.36-48) печаталось - из лаборатории писателя замечание о переводе «Война и мир». Эта работа была издана со стороны К.Айни и С.Айни. В основном писатель обращает внимание на стиль и язык перевода. В том числе, эти замечания к переводу Х. Ахрори.

Редакторская работа над трилогией не говорит отом, что С. Айни знал только эту часть наследия Л. Тол-стого. Ему хорошо были знакомы все переводы, испол-ненные при его жизни, сотрудничал он со всеми перевод-чиками, посвятившими себя Л. Толстому. Как величай-ший мастер слова он не мог пренебрегать зтим уникаль-ным опытом реалистического бытописания, что не разбыло доказано в дальнейшем [8,47].

Такое слово не лишено значения, ибо нацеливает на дальнейшие поиски в этом иаправлении. Думаю, мысль, высказанная Х. Тошпулатовым в следующем абзаце, появилась на почве подобных наблюдений автора статьи над поисками С. Айни:

«Творчество Садриддина Айни располагает множеством страниц художественного постижения жизни, которые по своему уровню отображения близки реализму Льва Толстого. Многие черты творчества С. Айни близки по своим качествам поискам истины Л. Толстого, наблюдается много общего между их реализмом, который требует отдельного исследования на которое стоило бы обратить внимание критикам и литературоведам» [11,36].

Сходство смысла произведений С.Айни – «Рабы», «Воспоминание», «Одина», «Дохунда» и произведений Толстого можно увидеть в человеколюбим и борьбе человека за счастье свое и других людей.

Толстой и Айни, одновременно сходятся своей действительностью взглядов к жизни. Герои, которых создавал Толстой-это люди в основном разного профиля русского общества. Айни тоже старается излагать их народность.

Зная о жизни народов Азии большей частью из писаний древних мудрецов, не имея возможности в деталях следить за теми глубинными процессами, которые там происходили, Толстой не придавал значения тому факту, что там уже давно идет бурный

процесс проникновения капитализма, безжалостно разрушающего те вековые экономические и моральные устои, на благотворность которых он столь уповал.

Дж. Икроми в статье «Пири устодони сухан» отмечает, что был знаком с произведениями Толстого ещё в то время, когда в библиотеке имени Абуали Сино прочитал впервые турецкий перевод «Анны Карениной». Дж. Икроми вспоминает о великих мудрецах персидско-таджикской литературы Рудаки, Саади, Фирдоуси, далее отмечает, что Толстой - мудрец русского народа.

Можно сказать, что идея создавать Азбуку с новым взглядом и простейшей структурой до смерти не оставались у Толстого. Во времена Советского союза многие из рассказов Толстого с «Азбуки» уместили в книгах азбуки многонациональной страны, в том числе у таджиков. Хотя до сих пор некоторые из этих рассказов видны в современной книге «Алифбо» (Азбука) для детей. Например: рассказ «Муравей и голубка»:

«Муравей спустился к ручью: захотел напиться. Волна захлестнула его и чуть не потопила. Голубка несла ветку: она увидала – муравей тонет, и бросила ему ветку в ручей. Муравей сел на ветку и спасся. Потом охотник расставил сеть на голубку и хотел захлопнуть. Муравей подполз к охотнику и укусил его за ногу, охотник охнул и уронил сеть. Голубка вспорхнула и улетела» [3,92].

В «Азбуке» на таджикском языке: «Мӯрчае аз ташнагӣ ба ҷон омада буд, наздики хонае рафт, то об нӯшад, Тасодуфан пои мӯрча лағжиду дар об афтод. Наздик буд мӯрчаи бечора ғарк шавад, ки кабӯтаре аз болои дарахт ӯро дид. Кабӯтар баргеро аз дарахт ба минқор канду ба ин тартиб аз марг наҷот ёфт.

Ҳанӯз лахзае нагузашта буд, ки як шикорчӣ кабӯтарро диду хост ӯро ҳадафи тири худ созад. Мӯрча матлаби шикорчиро дарёфта, ба ӯ наздик шуд ва пои ӯро чунон сахт газид, ки тири ӯ ба хато рафт ва кабӯтар ҷон ба саломат бурд. Накӯӣ аз байн намеравад» [4,12].

Влияние Толстого как педагога и назидателя своеобразно больше знакомо в таджикской дидактике. Как писатель он смог открывать новейшие методы для изображения сущности человека и концепции человеколюбия. Поэтому факт влияния критического реализма можно увидеть в произведениях Айни, Икрами, Улугзаде, Ф.Мухаммадиева и других выдающихся писателей Таджикистана.

Дж. Икрами в своих воспоминаниях о Толстом отметил, что в Бухаре впервые в библиотеке имени Авиценны он знакомится с книгой «Анна Каренина», перевод с турецкого языка. Он также упоминает о том, что данная книга помогала написать книгу «Шоди». Дж. Икрами подчеркивает знаменитость пророчества Толстого как создателя громадной мировой книги «Война и мир». В действительности эта книга концепция сходства цели жизни человечества [1,118].

Таким образом, огромное значение для Востока имело художественное творчество Толстого - его трезвый реализм, тонкое умение раскрывать внутренний мир людей и механику общественных отношений. Писатели восточных стран в силу специфических условий развития своих народов и вследствие большого влияния национальных литературных традиций, возможно, в меньшей мере, чем писатели Запада, испытали на себе прямое воздействие Толстого-художника, в меньшей мере использовали его художественные открытия. Но в более широком плане его благотворное воздействие на литературу Востока, несомненно; оно усиливалось по мере становления и развития реализма в литературе Азии и Африки [13].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Икромӣ Ҷ.- Пири устодони сухан. - Шарки сурх. 1960, № 11.
2. Ислами Нодушан Мохаммад Али. Толстой – моулави доуране джадид. - «Ягма. 1974, №2».
3. Л. Толстой. Азбука. Новая Азбука.М.,Просвещение 1987.
4. Лутфуллоев М.,Шарипов Ф., Абдуллоев И. Алифбо.- Душанбе: Сарпараст, 2007,с.12.
5. Олимова Х. Художественная и реалистическая правда в «Наводир-ул-вакоеъ», Душанбе ,2007.- Автореферат канд. дисс.
6. Садриддин Айни, Коротко о моей жизни.- Сталинабад, 1958,63.
7. С.Айни, Тахзиб-ус-сибён. -Душанбе, 1994.с.4.
8. Самадова З.С. Назидания Саади в «Русских книгах для чтения» Льва Толстого.-Душанбе, 1999.
9. Самад В. Ғазали Ҳофиз аз диди Л. Толстой. - // Садои Шарк. 1991., № 10;

10. Толстой Л. Н. Круг чтения. Том 2. -М., Политиздат, 1991.
11. Тошпулотов Х. Рассоми ҳаёт, Шарқи сурх. № 4,1948, саҳ. 32.
12. Толстой Л.Н. Асарҳои мунтахаб, дар 8 ҷилд. -Душанбе: Ирфон.-1978-1982.
13. Шифман А.И. Лев Толстой и Восток. -М.,Наука.-1971.

ВЛИЯНИЕ ЛЬВА ТОЛСТОГО НА ТАДЖИКСКУЮ ЛИТЕРАТУРУ

Статья посвящена проблемам литературной связи – влиянию творчества Толстого на таджикских писателей. Автором отмечено в статье «Наводир-ул-вакоеъ» Ахмада Дониша, воспоминания Садриддина Айни, Рахима Хошима, Дж. Икроми и перевод А.Шакури рассказов «Старый дед и внук», «Два товарища», рассказ Льва Толстого «Муравей и голубка» в современной книге «Алифбо» (Азбука) на таджикском языке.

Ключевые слова: Восток, газета, воспоминание,книга, перевод, рассказ, азбука.

LEV TOLSTOI INFLUENCE ON THE TADJIK LITERATURE

Article is devoted problems of literary communication - influence of creativity of Tolstoy on the Tadjik writers. The author notes in article product of Al Ahmadi Donisch "Navodir-ul-vakoe", memoirs Sadriddin Aini, Rahim Shoschim, J. Icromi and A.Shakuri's transfer of stories «the Old grandfather and grand daughters», «Two companions», Lev Tolstoi story «the Ant and the pigeon» in the modern book «Alphabet» in the Tadjik language.

Key words: the East, the newspaper, memoirs, the book, transfer, the story, the alphabet.

Сведения об авторе: ***Гуландом Рустамзода*** – кандидат филологических наук, Институт энергетики Таджикистана в г.Курган– Тюбе. Телефон: **907913677**

ШОИРИ МУНАҶҶИМ ВА ҲИКМАТШИНОС

Нурмуҳаммад Одинаев
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Абӯҷаъфар Насируддини Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Ҳасан, ки бо номҳои Хоҷа Насир, Хоҷа Насируддин, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ маъруф ва ба лақаби Устозулбашар ё Устодулбашар [1,1-38] машҳур аст, дар соли 597 ҳичрӣ, мутобиқ ба соли 1201 мелодӣ дар Тӯс дида ба олами ҳастӣ кушод. Вай аз овони хурдию наврасӣ ба омӯхтани улуми замони худ шавқу рағбати беандоза зоҳир кард ва дар назди уламои маъруфи давр илмҳои фалсафаю мантиқ, фиқҳу тафсир, пизишкию риёзиёт ва ҳандасаю нуҷумро фаро гирифта, дар муддати хеле кӯтоҳ дар байни аҳли илму адаб мақому манзалати шоистаеро сазовор гардид.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар муддати умри бештар аз 70-солаи худ тақрибан 150 асари гаронбаҳои илмию адабӣ[†] таълиф намуда, чароғи равшанкардаи пешиниёни шарафманди худ – Абӯрайҳони Берунӣ ва Абӯалии Синоро дар маҳфили илму маърифати ниёгон фурӯзон дошт.

Тазкиранигорон ва муаррихони замони Хоҷа Насируддин ва асрҳои баъдӣ, аз ҷумла Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» ва Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ дар «Таърихи ҷаҳонкушо» аз мероси илмиву адабии ӯ ёд карда, саҳми беназири ӯро дар рушду такомули илму фарҳанги ниёгон таъкид намудаанд [2,339-722].

Дар оғози истилои муғул (1219-1225), ки дар таърихи инсоният чун «рӯзгори ваҳшатангезу фалокатбор» ёд мешавад, Хоҷа Насируддин нахуст дар дарбори Исмоилиён фаъолият намуда, пас аз заволи салтанати ин сулолаи мазҳабӣ, бо ақлу заковати камназири худ дар дарбори Ҳалокухони муғул роҳ ёфт ва бо тадбиру хиради худ тавонист монеи бисёр хунрезиҳои бераҳмонаи истилогарони муғул дар сарзамини аҷдодӣ гардад [2,13-15].

Дар он рӯзгори пурошӯб Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар Мароға азимтарин маркази ахтаршиносии ҷаҳонро бунёд намуд ва онро ба маркази таҷаммӯи риёзидонону мунаҷҷимони аҳди худ табдил дод [3,203-218].

Метавон гуфт, ки умри пурбори ин марди суханвар ва донишманди бузург дар ҳалқаи шоирони маъруф, олимони нуктасанҷ ва орифони камназир сипарӣ шудааст.

[†] Дар китоби «Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ» (Техрон, 1386) миқдори осори Хоҷа 212 асар ва дар «Ахлоқии Носирӣ» (Душанбе, 2009) миқдори осори ин донишманд 128 асар ишора шудааст.

Дар дарбори ҳокимони давр Хоҷа Насируддини Тӯсӣ имкон пайдо кард чароғи маърифати пешиниёнро фурӯзон дошта, онро ҳамчунон ба наслҳои оянда боқӣ гузорад ва дар байни асрҳою наслҳо риштаи илму маърифатро пайванд созад. Бо ин иқдоми наҷиб ва рисолати бузург Хоҷаи Тӯсӣ беш аз сад асар ба забони арабӣ ва тақрибан панҷоҳ асар ба забони форсӣ ба мерос гузошт, ки ин мероси бузурги илмӣ ба ӯ ҳаёти ҷовидонӣ бахшидааст.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар олами илму маърифат ба сифати ориф, ҳикматшинос, мутакаллим, ҷуғрофиядон, мусиқишинос, риёзидон, мунаҷҷим, арӯзшинос, мутарҷим ва ғ. шинохта шуда, дар навбати худ осори назму насри ӯ ӯро дар назари аҳли адаб чун шоири донишманд ва нависандаи нуктасанҷ соҳиби эътибори воло гардонидааст [4].

Муаррихон ва тазкиранависон зимни таъкиди осори гаронқадри илмии Хоҷа Насируддин ҳамзамон ӯро дар радифи шуарои бузург низ баршумурда, гоҳ-гоҳ шеъреро аз ӯ намуна овардаанд [4,91-94].

Муаззамаи Иқболӣ тамоми манобееро, ки дар онҳо аз ашъори Хоҷа намуна оварда шудааст, дар китоби «Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ» зикр кардааст. Ин муҳаққиқ дар ин асари арзишманди худ 38 сарчашмаи ашъори Хоҷа Насируддини Тӯсиро таъкид менамояд [4,91-94].

Маҷмӯаи ашъоре, ки ба номи Хоҷа Насируддин дар манобеи зиёде оварда шудааст, зиёда аз 700 байтро дар бар гирифта, мансубияти бархе аз онҳо ба Хоҷа Насируддин шубҳаангез аст ва як миқдори он ашъор мувофиқи таҳқиқ ва ҷустуҷӯҳои муҳаққиқони маъруфи Эрон Саид Нафисӣ [5,337-347] ва Мударриси Разавӣ [6,722] ба қалами Насируддини Тӯсӣ тааллуқ надоранд.

Масъалаи дақиқ муайян намудани ашъоре, ки ба Хоҷа Насируддин мансуб дониста мешавад, бори нахуст соли 1956 дар ҳамоиши байналмилалӣ бахшида ба бузургдошти Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, ки дар Теҳрон баргузор гардид, аз ҷониби донишманди бузурги Эрон Саид Нафисӣ ба миён гузошта шуд [5,625] Вай зимни гузориши пурмуҳтавои худ таҳти унвони «Ашъори форсии Хоҷа» иттилоъ дод, ки «Мирзо Муҳаммади Шерозӣ – сокини Бомбай, дар интихоби бархе аз китобҳои бузургони Эрон чандон диққат накарда ва шояд василае ҳам надоштааст. Аз ҷумла, китобе, ки ин эрод бар он ворид аст, китоби кӯчакест, дар 56 саҳифа ба унвони «Девони қудват-ул-ҳукамо ва зубдат-ул-фузало ал-мутақаддимин в-ал-мутааххирин Хоҷа Насируддин Тӯсӣ алайҳи-р-раҳма» дар 1314 қамарӣ, яъне шасту як сол пеш (1936 дар назар аст) чоп кардааст» [5,34-44].

Чуноне ки Саид Нафисӣ ба мушоҳида гирифтааст, 56 саҳифаи ин китоб мунтахаботи ғазалиётест, ки ағлаби онҳо тахаллуси Тӯсӣ доранд ва ҳамин сабаб шудааст, ки ношири китоб ин ашъорро ба Хоҷа нисбат додааст. Мирзо Асадуллоҳи Шаҳаншоҳӣ низ айнан ҳамин китоби чопи Бомбайро соли 1313 шамсӣ дар Теҳрон бори дигар ба чоп расонд [5,34-44].

Мударриси Разавӣ дар китоби «Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ» дар хусуси интишори китоби мазкур дар Теҳрон чунин менависад: «Лекин бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ҳар шеъре, ки ба номи Насири Тӯсӣ ё Тӯсӣ ва амсоли он дида шавад, набояд бетааммул ва таҳқиқ аз Хоҷаи Тӯсӣ донист, чунонки акнун девони ба номи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар Теҳрон чоп ва мунташир шуда, ки ҷуз чанд рубоии он, ки дар тазкираҳо ба номи вай сабт аст, мусалламан аз Хоҷаи Тӯсӣ нест» [6,625]. Масъалаи мазкур аз муҳаққиқони ашъори форсии Хоҷаи Насир тақозо мекард, ки муаллифи аслии рубоиёт ва ғазалиёти ин маҷмӯаро ошкор намуда, бо далелу санадҳои муътамад ба Насируддини Тӯсӣ мансуб будан ё набудани ин ашъорро таъйид намоянд.

Саид Нафисӣ аз пайи дунболгирии ин матлаб аввалин шуда ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир кард ва ба мавқеи адабии Насируддини Тӯсӣ баҳои сазовор дод. Вай зимни баррасии масъалаи мазкур ашъори ба Насируддини Тӯсӣ нисбатдодаи мураттибону муҳаққиқонро дар асоси ин далелҳо зери шубҳа қарор медиҳад:

1. Насируддини Тӯсӣ ҳеҷ гоҳ ба тахаллуси Тӯсӣ шеър нагуфтааст;

2. Аксари ин ашъор аз сабки нигориши Хоҷа дур аст ва дорои таъбирот ва афкорест, ки дар замони Хоҷа ривоҷ надоштааст;

3. Ин китоб мунтахабе аз ғазалиёти Тӯсии Машҳадии шоир аст, аз шоирони ғазалсарои қарни нуҳум (солшумории ҳичрӣ дар назар аст), ки аз шоирони дараҷаи дувуми он замон ба шумор мерафт ва ҳама ҷо дар ашъори худ Тӯсӣ тахаллус мекард;

4. Азбаски Насируддини Тӯсӣ низ аз мардуми Тӯс буд, мураттибон ва муҳаққиқон пиндоштаанд, ки ин ашъор мансуб ба ӯст.

Мударриси Разавӣ бештар ба ҳадсу гумон ба маъсалаи мазкур таваҷҷуҳ намуда, ба таъйини дақиқи муаллифи ғазалиёти ин девон майл накардааст. Танҳо бо далели он ки ноширони девони мазкур ҳар ғазалеро, ки тахаллуси «Тӯсӣ» дошта, ба тасаввури ин ки аз Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аст, дар он девон оварда ва ҳеҷ маъхаз ва мадраки онро ёд накарда ва онро ба номи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ мунташир кардаанд [6,625].

Мударриси Разавӣ ба масъалаи мазкур дахл карда, пешаи Хоҷа набудани ғазалсароиро борҳо таъкид мекунад. Вале ба ӯ пажӯҳиши сатҳӣ нисбат ба ин масъала имкон надодааст, ки шахсияти муаллифи ғазалиёти мазбур ва рубоиёти ба Хоҷа мансубнабударо дақиқ намояд: «Ва дигар он ки тахаллуси Тӯсӣ маълум нест, аз они Хоҷа бошад ва шоири Тӯсӣ бисёр буда, ки мумкин аст, тахаллуси Тӯсӣ аз онҳо бошад» [6,625].

Саид Нафисӣ бошад, ба ин масъала аз рӯйи сабку услуб ва тарзи нигариши ғазалиёти шоирон назар карда, мекӯшад, аз рӯйи махсусиятҳои сабку услуби осори Тӯсӣ ва дигар шуарои ба тахаллуси Тӯсӣ машҳур буда, муаллифи ашъори мазкурро дақиқ намояд. Вале суоле ба миён меояд, ки чаро Мударриси Разавӣ зимни таҳияи таҳқиқоти пуразиши худ оид ба аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ба далелҳои мақолаи Саид Нафисӣ мутаваҷҷеҳ намешавад ва ҳатто аз мақолаи Саид Нафисӣ ёд намекунад. Ҳол он ки соли 1956 китоби Мударриси Разавӣ ҳанӯз ба чоп нарасида буд ва Саид Нафисӣ зимни гузориш дар Кунгураи байналмилалӣ бахшида ба бузургдошти Хоҷа Насируддин таълифи китоби Мударриси Разавӣ «Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ»-ро истиқбол намуда, чунин нигошта буд: «Оқои Мударриси Разавӣ дӯст ва ҳамкори ман дар китоби ҷомее, ки ахиран дар аҳвол ва осори Хоҷа ба поён расонда ва ба муносибати ҳамин кунгура ‡ интишор хоҳад ёфт, дар саҳафоти 54 то 65 ва 332 то 336 дар ин замина баҳси мустафӣ карда ва бархе аз ашъори тозӣ ва форсии Хоҷаро нақл кардааст ва ман он чи дар он китоб ҳаст, худдорӣ мекунам…» [5,364]. Маълум мешавад, ки Саид Нафисӣ соли 1956 пеш аз баргузории Кунгураи байналмилалӣ бахшида ба бузургдошти Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз дастнавис ё чопи аввалияи ин асари Разавӣ огоҳ буда, ҳанӯз чопи расмии он иттифоқ наафтода будааст. Бо вуҷуди ин ки ин асари Мударриси Разавӣ пас аз нашри соли 1956 боз чанд бори дигар бо теъдоди зиёд ба нашр расид, фарзияҳои Саид Нафисӣ ба назар гирифта нашудааст. Саид Нафисӣ бори нахуст ғазалиётро ба Тӯсии Машҳадӣ § ва рубоиёти он маҷмӯаро ба Афзалиддини Кошонӣ** нисбат додааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки баъд аз ин мақолаи таърихии Саид Нафисӣ масъалаи ба Насируддини Тӯсӣ мансуб донистани ҳар гуна ашъор аз миён бардошта шуд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди баҳс қарор дорад, мутобиқати назарияи шеър бо мазмуну муҳтавои шеъри Насируддини Тӯсӣ мебошад.

Пеш аз ҳама қайд кардан лозим аст, ки Насируддини Тӯсӣ ба шеър ҳамчун падидаи ҳунарии мустақил муносибат мекунад ва ӯ ҳарчанд дар «Асос-ул-иқтибос» [7] ва «Меъёр-ул-ашъор»-и худ [8] ба мавзӯи мухайял будани шеър муътақид аст, аммо дар ашъоре, ки худ сурудааст, бештар пиромуни масоиле чун нуҷум ва авзони кавокиб, буруҷ, аносир ва нақши онҳо дар якдигар изҳори назар кардааст ва камтар ба хаёлангезии он ашъор таваҷҷуҳ доштааст.

---

‡ Кунгураи байналмилалие, ки соли 1956 бахшида ба бузургдошти Хоҷа Насируддини Тӯсӣ баргузор гардида буд, дар назар аст.

§**Тӯсии Машҳадӣ** – аз шоирони қарни нуҳуми ҳиҷрист. Алишери Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» ва Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» аз ӯ ёд карда, аз ашъораш намуна овардаанд. Дар тазкираи «Маҷмуъ-ул-фузало»(996) низ оид ба ӯ маълумот дарҷ аст.

Афзалиддини Кошонӣ – Мударриси Разавӣ дар китоби «Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ» ӯро дар радифи «чанд аз фузалои муосири вай (Хоҷа Насируддин дар назар аст)» ном гирифтааст. Афзалиддин Муҳаммад ибн-ул-Ҳусайн ибни Муҳаммади Кошонӣ машҳур ба Бобо Афзал аз орифон, ҳакимон ва шоирони маъруф аст, ки бештари умрашро дар Кошон ба сар бурда, дар Кошон ба ҷаҳон падруд гуфтааст. Бисёр муҳаққиқон ӯро дар радифи Абӯсаиди Абулхайр ва Умари Хайём аз шоирони хуби рубоисаро донистаанд. Рубоиёти Бобо Афзал ба саъю кӯшиши Саид Нафисӣ дар Теҳрон ба чоп расидааст.

Донишманди тоҷик Абдунабӣ Сатторзода ҳангоми баррасии масоили хаёлангезии шеър ба назари Хоҷа Насируддини Тӯсӣ нисбат ба ин масъала мутаваҷҷеҳ шуда, чунин ибрози назар мекунад: «Ба ақидаи Тӯсӣ, ҳамчунон ки Ибни Сино низ ҳамин назарро дошт, калом ё алфози маънидор вақте шеър мешавад, ки дар он тахайюл бошад, яъне каломи мухайял бошад» [9]. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» тахайюлро аз муҳимоти шеър дониста, ин ақидаи худро чунин асосманд мекунад: «Ва шубҳа нест, ки ғараз аз шеър тахайюл аст, то ҳусули он дар нафс, мабдаи судури феъле аз ӯ монанди иқдом бар коре, ё имтиноъ аз он, ё мабдаи ҳудуси ҳаёте шавад дар ӯ, монанди ризо ё сахт, ё навъе аз лаззат, ки матлуб бошад» [8,159]. Мутаассифона, Хоҷа дар шеъри худ муҳимтарин вижагии шеърро камтар ба назар гирифтааст, шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки бисёре аз ашъори Хоҷа Насируддинро аксари муҳаққиқон назм донистаанд, на шеър. Сабаби дигар шояд дар он бошад, ки шеъри Хоҷа Насируддин бештар масоили илми фалакиёт ва ситорашиносиро фаро мегирад. Албатта, дар рубоиёт, шеърҳои ҷудогона ва баъзе маснавиҳои ӯ унсури андеша ва хаёлангезӣ ба мушоҳида мерасад. Қасидаи «Меъроҷи шаҳодат», ки дар пайравии як қасидаи Саноии Ғазнавӣ суруда шудааст, бо таваҷҷуҳ ба нукоти ирфонӣ ва дигар хасоиси дарунмояи он, холӣ аз завқу лутф нест.

Бо таваҷҷуҳ ба миқдори ашъоре, ки аз Хоҷа Насируддин бар ҷой мондааст, наметавон ба хулосаи қатъӣ омад, ки шеъри ӯ комилан аз ҳунари суханварӣ ва ё хаёлангезӣ орӣ бошад. Вале қисмати асосии ашъори форсии Хоҷа, ки ба илми нуҷум бахшида шудааст ва муҳаққиқон барои ба Хоҷа Насируддин мансуб будани онҳо шубҳае надоранд, аз ҷиҳати мухайялӣ хеле заиф мебошад.

Мударриси Разавӣ дар «Аҳвол ва осори Хоҷа Насирудини Тӯсӣ» [6] дусад байт намуна оварда, онҳоро ба Хоҷа Насируддин мансуб медонад. Дар чопи сеюми «Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ», ки соли 1386 (2006) ба нашр расид, шеърҳои Насируддини Тӯсӣ ба миқдори 278 байт оварда шудааст, ки аз ин миқдор 28 байт мансуб ба шеърҳои арабии ин донишманд мебошанд.

Донишманди маъруфи Эрон Ҳабиби Яғмоӣ дар маҷмӯаи «Намунаи назму насри форсӣ» [12] теъдоди 335 байтро аз Хоҷа зикр кардааст. Дар маҷмӯаи ашъори форсие, ки тавассути Муаззамаи Иқболӣ (Аъзам) гирдоварӣ шуда, дар китоби «Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ» ба нашр расидааст, 662 байти Хоҷа Насируддин дарҷ гардидааст. Ашъори ин маҷмӯа чунин гурӯҳбандӣ шудааст:

1. Мадхали манзум дар маърифати тақвим (20- маснавӣ - 306 байт);
2. Рубоиёт (45 рубоӣ - 90 байт);
3. Ашъори фалсафӣ (86 байт);
4. Ашъори ахлоқӣ (24 байт);
5. Ашъори мутафарриқа (56 байт).

Дар адабиёти асримиёнагии тоҷик дар қолаби шеър ифода намудани мафҳумҳои илмӣ, бахусус дар фалсафа аз ҷониби Ибни Сино, Носири Хусрав, Абӯсаиди Абулхайр, Саноӣ, Саъдӣ, Умари Хайём ва дигарон ба ҳукми анъана даромада буд, вале дар ин тарзи нигориш биниши ҳунарии шеър камтар иттифоқ афтодааст. Муаззамаи Иқболӣ ин нуктаро пайгирӣ намуда, дар китоби «Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ» чунин менависад: «Агар мебинем, Носири Хусрав дар тасвири манзуми боварҳои худ муваффақ аст, бештар бад-он хотир аст, ки вай пеш аз он ки як файласуф ё соҳибназар дар улуми ақлӣ бошад, шоир аст, вале ҳам ӯ низ ҳар гоҳ мултазим ба баёни мустақим ва бепардаи ақоиди худ мешавад, ҷанбаи фаннии шеъраш суқут мекунад. Шеъри Хоҷа низ аз он чӣ гуфтем, дур нест» [13,89].

Агар ба мавзӯи ашъори ӯ назар андозем, хоҳем дид, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ақоиди фалсафии хешро дар қолаби шеър оварда, масъалаи муносибати сурат ва сиратро дар мисоли об ва хусусиятҳои дохилии он чунин арзёбӣ мекунад:

Обро сардӣ чу аз худ ҳосил аст,
Гар кунӣ гармаш, ба сардӣ моил аст.
В-аз ба худ бозаш гузорӣ ҷовидон,
Гармӣ андар вай наёбӣ бегумон [13,130].

Дар шеърҳои ба илми нуҷум ва ахлоқ бахшидаи Хоҷа Насируддин устухонбандии ансори дохилии шеър суст аст ва ин ашъор аз лиҳози устувории алфоз заиф мебошад:

Дараҷи осмон баристод,
Ҳаст сад раҳ дуву ду раҳ ҳаштод.

Ҳар яке бурҷ аз он дараҷ се даҳ аст,
Ҳар дараҷ аз дақиқа шаст раҳ аст
Сония шасту як дақиқа шинос,
Ҳамчунин то ба ошир аст қиёс [13,101].

Чунонки ба назар мерасад, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ андешаи фалсафиро равонтар дар қолаби шеър баён кардааст, вале дар баёни матлаби нуҷумӣ камтар тавфиқ ёфтааст. Дар миёни тақрибан ҳафтсад байт, ки аз вай дар тазкираҳо ва таърихномаҳо нақл шудааст, танҳо рубоиёт ва чанд шеъраш қобили таҳаммул ва то ҳадде қобили тавоҷҷуҳ аст:

Эй бехабарон! Шакли муҷассам ҳеҷ аст.
В-ин торами нуҳ сипеҳри арқам ҳеҷ аст.
Хуш бош, к-аз ин нишемани кавну фасод,
Вобастаи як дамему он дам ҳеҷ аст [13,113].

Суоле ба миён меояд, ки чаро ба Хоҷа Насируддин ҳамчун устод ва донандаи назарияи адабии шеър риояи меъёрҳо ва мавозини шеър муяссар наёмадааст. Донишманди машҳури Эрон Абдулҳусайни Зарринкӯб дар асари арзишманди худ «Нақди адабӣ» шояд ба эътибори шеъри фаннии Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва пайравонаш дунболгирӣ карда, сабаби нокомии ин қабил ашъорро чунин дарёфтааст. «Ба қавли қудамо шоири арӯзӣ наметавонад монанди шоири матбӯъ сухани дилнишину муассир бигӯяд» [14]. Ин андешаро метавон нисбат ба чандин бузургоне, ки ақоиди илмию фалсафии худро дар қолабҳои гуногуни шеър рехтаанд, баён намуд. Зеро онҳо аз шеър танҳо ба сифати василаи баёни ақоиди илмӣ истифода кардаанд ва чаҳорчӯбаи танги тафаккури илмӣ ба онҳо имкон надодааст, ки ба шеър ҳамчун василаи ифодаи ҳунар муроҷиат намоянд. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ нокомии худро дар шеър эътироф карда, дар «Меъёр-ул-ашъор» ин воқеиятро чунин ба қалам додааст: «Эътиқоди ман он аст, ки агар касеро дар мабдаи фитрат завқ набошад, мумкин бошад, ки ба малакаи арӯз ӯро иктисоби завқе ҳосил шавад ва ин маънӣ дар хештан мушоҳида кардам» [8165]. Бидуни тардид маълум мешавад, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз сабаби машғули таҳқиқу пажӯҳиши илмӣ будан, ба шеър ҳамчун ҳунари суханварӣ камтар рағбат зоҳир кардааст. Вале ашъори мансуб ба ӯ аз лиҳози сабку услуби баён ба шеъри асримиёнагии тоҷик қаробати устувор дорад. Бинобар ин, дар ашъори ӯ баёни ақоиди фалсафӣ, боло рафтани тафаккури илмӣ дар шеър, шабоҳати услуби баён ва истифодаи истилоҳоти улуми дақиқ ва фалакиёт бисёр ба мушоҳида мерасад.

Чунин ба назар мерасад, ки Хоҷа Насируддин боре ҳам ба тадвини ашъори худ кӯшише накардааст ва шояд ҳамин ҳолат боиси парокандагии осори манзуми ӯ гардидааст. Дар байни сурудаҳои Хоҷа Насируддини Тӯсӣ рубоиёти вай мақоми хос доранд ва ин бесабаб нест. Зеро анъанаи рубоисароӣ дар адабиёти асримиёнагии тоҷик роиҷ буд ва илова бар ин, қолаби рубоӣ барои баёни андешаҳои ҳакимона хеле мувофиқ мебошад. Шоир дар бархе рубоиёташ пеш аз ҳама дар бораи маърифати офариниши олам, ҳамчун файласуф ибрози андеша намуда, ақлу ҷонро аз аввалин офаридаҳои Худованд меҳисобад:

Аввал зи мукавванот ақлу ҷон аст,
В-андар паси ӯ нуҳ фалаки гардон аст.
З-инҳо чу гузар кунӣ, чаҳор аркон аст,
Пас маъдану пас наботу пас ҳайвон аст [13,113].

Ин андешаи ҳакимона, ки нахустофариниш хирад аст, дар «Шоҳнома»-и безаволи ҳаким Фирдавсӣ низ ба мушоҳида мерасад:

Нахустофариниш хиradро шинос,
Нигаҳбони ҷон асту они сипос [15].

Хоҷаи Тӯсӣ ба сифати ҳаким ва донишманди беназир донисташавандагии оламро дар рӯзгори худ зери шубҳа мегузорад:

Эй баски ба кӯйи фақр дартохтаам,
В-эй баски зи илм сар барафрохтаам.
З-ин ҷумла маро набуд тавфир аз он-к,
Бишнохтаам, ки ҳеҷ нашнохтаам [13,119].

***

Гуфтам, ки дилам зи илм маҳрум нашуд,

Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.
Акнун ки ба чашми ақл дарменигарам,
Маълумам шуд, ки ҳеҷ маълум нашуд [13,115].

Муаммои асрори азал дар тамоми давру замон мавриди баҳсу мунозираи донишмандон қарор доштааст. Хоҷа Тӯсӣ низ ба ин масъала мутаваҷҷеҳ шуда, ба хулосае меояд, ки мубоҳисони ин муаммо гарчи асрҳо андешаронӣ намуда бошанд ҳам, касе ба ҳалли он шарафёб нагаштааст:

Он қавм, ки роҳбин фитоданду шуданд,
Касро ба яқин хабар надоданду шуданд.
Он уқда, ки ҳеч кас натонист гушуд,
Ҳар як гираҳе бар он ниҳоданду шуданд [13,116].

Хоҷа Насируддин мавҷудияти асилро ҳақиқати мутлақ медонад ва ҳар он чизе ки дар назари мо мавҷуд аст, «мафҳуму мухайял», яъне сояи ашёи аввалия буда, ба мисли нақши дувум ва ё чу сояест, ки дар асл мавҷуд нест:

Мавҷуд ба ҳақ, воҳиди аввал бошад,
Боқӣ, ҳама мафҳуму мухайял бошад.
Ҳар чиз ҷуз ӯ, ки ояд андар назарат,
Нақши дувумини чашми аҳвал бошад [13,115].

Ин донишманд дар истифодаи вожаи «ҳеҷ» бебақоии дунёро таъкид мекунад ва ин мазмун дар аксари рубоиёташ омадааст. Вай мутаваҷҷеҳи оламест, ки дар асл ба бебунёдӣ асос дорад:

Чун бар сафарем, эй писар, ҳеҷ магӯй,
Аҳволи сафар дар ин ҳазар, ҳеҷ магӯй.
Мо ҳечу ҷаҳон ҳечу ғаму шодӣ ҳеҷ.
Медон, ки наӣ ҳеҷ, дигар ҳеҷ магӯ [13,123].

***

Эй бехабарон! Шакли муҷассам ҳеҷ аст.
В-ин торами нуҳ сипеҳри арқам ҳеҷ аст.
Хуш бош, ки аз нишемани кавну фасод,
Вобастаи як дамему он дам ҳеҷ аст [13,113].

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ эътиқод бар он дорад, ки қисмати одамӣ азалист ва аз доираи он набояд бурун пой ниҳод ва дар рубоии дигар шоир ба ононе, ки ба умеди шуҳратҷӯйӣ гӯшаи айвони худро бар осмон барафроштаанд, мегӯяд:

Чун доира, гар муҳитпаймой шавӣ,
Чун нуқта, агар сокини як ҷой шавӣ.
Аз қисмати хеш пой берун наниҳӣ,
Гар чун сари паргор ҳама пой шавӣ [13,124].

***

З-ин гӯшаву айвон, ки барафроштаӣ.
В-ин хостаи халқ, ки бардоштаӣ,
Чӣ фоида буд туро, чу ноёфта ком
Бигзаштиву инҳо ҳама бигзоштаӣ?! [121]

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар рубоиёти худ ҳамон рӯҳияеро, ки дар асрҳои миёна дар байни мутафаккирони бузурге чун Ибни Сино, Абӯсаиди Абулхайр, Умари Хайём ва дигарон роиҷ буд, ифода кардааст. То ҷойе ки дар баъзе рубоиёти Умари Хайём ва Насируддини Тӯсӣ қаробату ҳамгунӣ ба назар мерасад ва баъзе рубоиҳои Хайёмро ба Насируддини Тӯсӣ нисбат медиҳанд.

Аз Умари Хайём:

Эй бехабарон, шакли муҷассам хеҷ аст,
В-ин торами нуҳ сипеҳри арқам ҳеҷ аст.
Хуш бош, к-аз ин нишемани кавну фасод,
Вобастаи як дамем, он ҳам ҳеҷ аст [16,12].

Аз Хоҷаи Тӯсӣ:

Эй бехабарон! Шакли муҷассам хеҷ аст,
В-ин торами нуҳ сипеҳри арқам ҳеҷ аст.
Хуш бош, к-аз ин нишемани кавну фасод,
Вобастаи як дамем, он ҳам ҳеҷ аст [13,116].

Устоди Донишгоҳи Язд Муҳаммадкозими Каҳдӯй дар мақолаи худ «Муҳтаво ва мазомин дар ашъори форсии Хоҷа Насир» [17,348-351] нисбат ба шева ва назари Хайём дар рубоиёти Тӯсӣ мушоҳидаҳои ҷолиб баён намуда, баъзе шабоҳати фикриро дар эҷодиёти ин ду мутафаккири бузург мебинад:

Аз Хоҷаи Тӯсӣ:

Он қавм, ки роҳбин фитоданду шуданд,
Касро ба яқин хабар надоданду шуданд,
Он уқда, ки ҳеҷ кас натонист кушуд,
Ҳар як гираҳе бар-он ниҳоданду шуданд [13,116].

Аз Умари Хайём:

Онон, ки муҳити фазлу одоб шуданд,
Дар базми камол шамъи асҳоб шуданд.
Раҳ з-ин шаби торик набурданд ба рӯз,
Гуфтанд фасонаеву дар хоб шуданд [16,12].

Ё Умари Хайём мегӯяд:

Аз манзили куфр то ба дин як нафас аст,
В-аз олами шак то ба яқин як нафас аст.
Ин як нафаси азизро хуш медор,
К-аз ҳосили умри мо ҳамин як нафас аст [16,12].

Хоҷаи Тӯсӣ мегӯяд:

Сармояи умри одамӣ як нафас аст,
В-ин як нафас аз барои як ҳамнафас аст.
Бо ҳамнафасе гар нафасе биншинӣ,
Маҷмӯи ҳисоби умр, он як нафас аст [13,113].

Чунин монандиҳои афкори фалсафӣ дар осори мутафаккирони асримиёнагии тоҷик хеле зиёд ба назар мерасад.

Дар рубоиёти Насируддини Тӯсӣ андешарониҳои фалсафӣ оид ба таҳаввули табиии ҳаёт низ ба мушоҳида мерасад:

Аввал, зи мукавванот ақлу ҷон аст,
В-андар паси ӯ, нуҳ фалаки гардон аст.
З-ин ҷо чу гузар кунӣ чаҳор аркон аст,
Пас маъдану пас наботу пас ҳайвон аст [13,113].

Чунонки мебинем, дар ин чор мисраъ Хоҷаи Тӯсӣ ҷараёни ба вуҷуд омадани ҳаётро хеле хуб ба мушоҳида гирифта, ақлу ҷонро аз офаридаҳои аввалин меҳисобад. Баъд дар хусуси офариниши чор аркони олам: обу хок ва оташу бод изҳори назар карда, таҳаввули табиии ҳаётро аз маъдан то ба набототу ҳайвонот нишон додааст.

Хоҷаи Тӯсӣ шояд дар рубоии зер ақидаи файласуфони Юнонро дар назар дорад, ки ҷонро дар тан гирифтори зиндон медонистанд ва ҳар гоҳ ҷон аз тан ҷудо гардад, озод мешавад ва ба олами азалии худ пайванд мегардад:

Эй ҷони ту дар банд зи пайванди ҷаҳон,
Бардор зи пойи ҷони худ банди ҷаҳон.
Ҷон бандаи банд аст, чу баргирӣ банд,
Банда набувад, бувад худованди ҷаҳон [13,120].

Хоҷа гоҳе ҳаводиси муҳимми замони худро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, ба хотири он, ки ӯ дар муддати зиндагии худ дар маркази воқеоти сиёсиву фарҳангии замони худ қарор дошт, бархе аз ин воқеотро ба назм овардааст:

Дар алфу салосин ду қирон мебинам,
Аз Маҳдиву Даҷҷол нишон мебинам,
Ё мулк шавад хароб, ё гардад дин,
Сиррест ниҳону ман аён мебинам [13,119].

Аз дигар осори маъруфи Насируддини Тӯсӣ манзумаест бо номи «Мадхали манзум дар маърифати тақвим». Ин манзума аз 20 маснавӣ ва 306 байт иборат буда, ба расми маъмул 9 байти оғози он ба ситоиши Худованд, ки офарандаи осмону замин ва афлоку сайёрот аст, бахшида шудааст:

Марди доно сухан адо накунад,
То ба номи Ҳақ ибтидо накунад.
Молики лам язал, кариму қадим,

Сонеи бебадал, ҳакиму алим [13,97].

Чи хеле ки мебинем дар ин ду байт Хоҷа Насируддин сифоти Офаридгорро ба сифати соҳиби олам ва созандаи он эътироф мекунад. Аз оғози ин манзума пайдост, ки Хоҷаи Тӯсӣ бештар қудрати Офаридгорро дар офариниши аҷсоми фалак мебинад. Ин андешаи шоир дар ҳамаи 20 маснавии кӯтоҳ, ки дар масъалаи фалакиёт ва ҷисмҳои осмонӣ бахшида шудаанд, ба назар мерасад. Саид Нафисӣ зимни ибрози вижагиҳои ашъори Хоҷа бо таваҷҷуҳ ба масоили фавқ, чунин менависад: «Дар интихоби ин манзума (манзумаи «Маърифати тақвим» дар назар аст) ба Хоҷа набояд шак кард, зеро яке аз хасоиси фаннии вай ин буда, ки матолиби илмиро ба назм дароварда, қитаоти бисёре аз ашъори ӯ ба мо расида, ки дар онҳо душвориҳои улуми дақиқ монанди ҳикмату риёзиёт ва нуҷуму ҳайъатро тарҳ кардааст» [18,38].

Дар ҳақиқат, дар ин манзума Хоҷа Насируддин ақоиди фанни нуҷумро ба риштаи назм овардааст ва ин тарзи нигориш ба тасвир ва хаёлангезӣ махсус нест ва ин гуна тарзи нигориш нигориши образнокро тақозо надорад. Хоҷа Тӯсӣ дар ин манзума аз баёни афлок сухан оғоз карда, адади буруҷ, рақами кавокиб, толеи буруҷ ва ғайраро ба риштаи назм овардааст:

Рақами бурҷҳо гаҳи аъдод,
Аз ҳуруфи ҷумал гирифту ниҳод.
Аз Ҳамал «сифр», «алиф» зи Савр нишон,
«Бо» зи Ҷавзову «ҷим» аз Саратон.
Чун Асад «дол» карду Сунбула «ҳо»,
«Вов» Мизон ниҳоду Ақраб «зо».
Қавс « ҳо», «то» нишони Ҷаддӣ ниҳод,
Далв «йо», «ё» («алиф») ба Моҳӣ дод [13,99].

Дар қисмати «Ихтиёрот» муаллиф иртиботи фаъолияти инсонро ба ҷирмҳои осмонӣ нишон медиҳад ва иҷрои ҳар яке аз корҳои рӯзгорро ба ҳаракат ва зуҳури ҷирмҳои осмонӣ вобаста медонад. Масалан, аз рӯйи мушоҳидаҳои худ ҷома буридан, ба ҳаммом рафтан, савор шудан, нома навиштан, бино кардан, дарахт нишондан барин амалҳои неку созандаро мутобиқ ба ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ дониста, ин ақоидро шояд ба хотири ба тафаккури мардум наздик овардани ин донишҳо нисбат ба насри мушкили асримиёнагӣ ба назм овардааст.

Насируддини Тӯсӣ дар шеърҳои худ ҳамчун донандаи илми нуҷум андешаҳои илмии худро тавре иброз медорад, ки чунин равшанбаёнӣ бо тариқи наср кам иттифоқ меафтад.

Ҳамлаи муғул дар таърихи инсоният фоҷиаҳои зиёдеро ба бор овард ва боиси хунрезиҳои фаровон гардид. Дар чунин замони тираву хуношом Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз Хуросон фирор кард ва бо даъвати Исмоилиён ба Қаҳистон рафт ва мавриди эътибору иззат ва эҳтироми он ҷамоа қарор гирифт. Шароити мусоид ва зиндагии мувофиқ дар байни ин ҷамоа ба Хоҷа имкон дод, ки осори зиёди худро он ҷо таълиф намояд. Дар ҳамин айём пурхатар, лашкари муғул қасди қалъаи Исмоилиён кард. Пас аз музокироти тӯлонӣ ва бо салоҳдиди Хоҷа Насируддини Тӯсӣ бо мақсади пешгирии хунрезиҳои бераҳмонаи муғулподшоҳи Исмоилиён – Хуршоҳ ба хони муғул Ҳалоку таслим шуд ва ҳукумати бештар аз 175-солаи Исмоилиён ба охир расид. Ин воқеаи муҳимми таърихиро Хоҷа чунин ба назм овардааст:

Соли араб чу шашсаду панҷоҳу чор буд,
Якшанбе рӯзи аввали зилқаъда бомдод.
Хуршоҳ подшоҳи Симоилиён зи тахт,
Бархост пеши тахти Ҳалоку биистод [13,139].

Чун Ҳалокухон донист, ки фатҳи қалъаи Исмоилиён бидуни ҷангу хунрезӣ бо иқдоми Хоҷа Насируддини Тӯсӣ иттифоқ афтодааст, вайро назди худ хонд ва мавриди эҳтироми хос қарор дод. Насируддини Тӯсӣ бо истифода аз ин эътибор ва эҳтиром назди Ҳалокухон, бо дурандешии хеш Эрон ва донишмандони онро аз азобу уқубат ва бераҳмиҳои муғул бираҳонид. Бо ҳидоят ва муборизаи шадиди Хоҷа [19,268-272] бо зимомдорони дарбори Ҳалоку дар муҳаррами соли 656 қамарӣ хилофати 524-солаи

Аббосиён[††] ба дасти Ҳалокухони муғул суқут кард. Хоҷа ин воқеаи таърихиро низ ба назм овардааст:

Соли ҳиҷрат шашсаду панҷоҳу шаш,
Рӯзи якшанбе, чаҳорум аз сафар.
Шуд халифа пеши Ҳалокуву з-он,
Давлати Аббосиён омад ба сар [13,139].

Ҳалоку бо тарғиби Насируддини Тӯсӣ дастгири аҳли илму адаб буд ва расадхонаи маъруфи Мароға низ бо пешниҳоди Хоҷа Насируддин ва мусоидати бевоситаи Ҳалокухон бунёд ёфтааст. Хоҷаи Тӯсӣ дар марги ӯ қитъаи зерро гуфтааст:

Чун Ҳалоку ба Мароға, ба замистонгаҳ шуд,
Кард тақдири азал навбати умраш охир.
Сол бар шашсаду шасту се, шаби якшанбе,
Ки шаби нуздаҳум буд зи рабеъулохир [13,39].

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ баъзе масъалаҳои илми забоншиносиро низ ба тариқи назм иброз дошта, таваҷҷуҳи бисёр аз муҳаққиқон ва суханворонро ба худ ҷалб намудааст. Дар забони тоҷикӣ калимаҳое ҳастанд, ки аксаран бо ҳарфи «дол» навишта шаванд ҳам бо ҳарфи «золи муъҷам» навиштани онҳоро ғалат намеҳисобанд. Масалан, устод-устоз… Бисёр аз калимоте, ки имрӯз мо бо «дол» талаффуз мекунем, тақрибан то асри Х бо «зол» талаффуз мешудаанд. Ҳарчанд баъдтар Саноии Ғазнавӣ дар «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» аз ин изҳори ноқаноатмандӣ кардааст:

Фитнаро ном офият карда,
«Дол» бо «зол» қофият карда [20,683].

Дар мавриди истифодаи ин ҳарфҳо дар байни муҳаққиқон ва суханварон мубоҳисаи доманадоре ба вуҷуд омада буд ва Хоҷа Насируддин яке аз мубоҳиси ин майдон будааст, ки мегӯяд:

Онон ки ба порсӣ сухан меронанд,
Дар маърази «дол», «зол»-ро наншонанд.
Моқабли вай ар сокину ҷуз «вой» бувад,
«Дол» аст, вагарна «золи муъҷам» хонанд [13,116].

Шарафуддини Яздӣ ҳамин матлабро ба ин шакл баён кардааст:

Дар забони форсӣ фарқи миёни «дол»-у «зол»,
Бо ту гӯям з-он ки наздики афозил мубҳам аст:
Пеш аз ӯ дар лафзи муфрад гар саҳеҳ сокин бувад,
«Дол» бошад, варна боқӣ ҷумла «золи муъҷам» аст.

Таҳияи ашъори Насируддини Тӯсӣ, асосан дар заминаи маводи китоби «Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ», ки ба кӯшишу эҳтимоми донишманди эронӣ Муаззамаи Иқболӣ (Аъзам) ба нашр расидааст, сурат гирифтааст. Зикри ин матлаб ҳам муҳим аст, ки Муаззамаи Иқболӣ дар мактаби устодони бузургворе чун Муҳаммадҷаъфари Воҷиди Шерозӣ, Ҳабиби Яғмоӣ ва муаллифи китоби гаронқадри «Лаҳҷаи бухороӣ» - Аҳмадалии Риҷоии Бухороӣ таълим гирифта, ба пояи устодӣ расидааст. Бинобар ин, матни ашъори тасҳеҳкардаи ин донишмандро ҳангоми таҳияи маҷмӯи ашъори Насируддини Тӯсӣ асос қарор дода, ҳангоми зарурат бо таваҷҷуҳ ба манобеи дигар матнҳоро такмил дода шуда, баъзе байтҳои дар поварақҳо омадаро дар матни асосӣ дубора барқарор карда шуд.

Ҳамин тариқ, маҷмӯаи шеъри Хоҷа Насируддини Тӯсӣ бори аввал дар Тоҷикистон дастраси хонандаи азиз гаштааст.

Дар рафти таҳияву баргардони бархе шеърҳо ва шарҳи ашъори шоир аз эҳтимол дур нест, ки баъзе лағжишҳову ғалатҳо раҳ ёфта бошад. Бо вуҷуди ин умед дар он аст, ки шеъри Насируддини Тӯсӣ дар пажӯҳиш ва баррасии муҳити адабии асримиёнагии тоҷик саҳифаи тозаеро ба вуҷуд хоҳад овард.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳусайн Маъсуми Ҳамадонӣ. Устодулбашар. – Теҳрон, 1378. - С. 1-38.

[††] Аббосиён, Аббосия, Оли Аббос ё Банӣ Аббос – дувумин силсилаи хулафои исломӣ, баъд аз Уммавиён, ки аз 132 қамарӣ то 656 қамарӣ (750-1258 милодӣ) ҳукумат ронданд. 38 тан аз амирони ин силсила, дар тӯли ин муддат ба номи «халифа», «амирулмуъминин» бар ҳамаи сарзаминҳои исломӣ ҳукмронӣ карданд.

2. Мударриси Разавӣ. Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ – Теҳрон, 1386. - С. 339-722.
3. Ҳусайн Ҷамшедӣ. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва эҷоди расадхонаи Мароға. // мақ. «Офтоби Шарқ».- Теҳрон. – С. 203-218.
4. Муаззамаи Иқболӣ. Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. - Теҳрон, 1370.- 422 с.
5. Саид Нафисӣ. Ашъори форсии Хоҷа. // мақ. «Ёдномаи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ». – Теҳрон, 1336. – С. 337-347.
6. Мударриси Разавӣ. Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. – Теҳрон, 1386. – С. 722.
7. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Асос-ул-иқтибос.- Теҳрон, 1336 .
8. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор.// Замимаи китоби «Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ».- Теҳрон, 1370. - С. 147-422.
9. Абдунабӣ Сатторзода. Кӯҳна ва нав. - Душанбе: Адиб, 2004. - С. 130.
10. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор. // Дар мақ. Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. - Теҳрон, 1370. - С. 159.
11. Аҳвол ва осори Хоҷа Насрудинни Тӯсӣ – Теҳрон. 1386.
12. Ҳабибӣ Яғмоӣ. Намунаи назму насри форсӣ. –Теҳрон. -1343. Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, - Теҳрон,- 1370. - С.89.
13. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Нақди адабӣ.- Ҷ.1.- Теҳрон, 1338.
14. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома.-Ҷ.1.- Душанбе: Ирфон.- 1986.
15. Умари Хайём. Рубоиёт. - Душанбе: Дониш, 1983. - С. 12.
16. Муҳаммадкозими Каҳдӯӣ. Муҳтаво ва мазомин дар ашъори форсии Хоҷа Насир. //Дар мақ. «Офтоби Шарқ».- Теҳрон, 1387. – С. 348-351.
17. Саид Нафисӣ. Ашъори форсии Хоҷа // дар мақ. «Ёдномаи Хоҷа Насириддини Тӯсӣ». - Теҳрон, 1336. – С. 38.
18. Алӣ Синои Рахшандаманд. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва фатҳи Бағдод. // Дар мақ. «Офтоби Шарқ». - Теҳрон, 1387. - С. 268-272.
19. Саноии Ғазнавӣ. Ҳадиқат-ул-ҳақиқа. Чопи Мударриси Разавӣ. -Теҳрон, 1345. – С. 683.

ПОЭТ- АСТРОНОМ И МЫСЛИТЕЛЬ

В творчестве Ходжа Насириддина Туси стихи, которые посвящены вопросам астрономии, нравственности и философии, являются самыми ценными. В данной статье стихи Ходжа Насириддина Туси исследованы и изучены с точки зрения тематики и содержания.

Ключевые слова: тема, астрономия, стихи, воображение, философия, поэт, рубаи.

POET ASTRONOMER THINKER

In the work of Hodge Nasiriddina Tusi poems are the most valuable, are devoted to astronomy, ethics and philosophy.

In this article, verses Hodge Nasiriddina Tusi studied and studied in terms of subject matter and content.

Key words: theme, astronomy, poetry, imagination, philosophy, poet, rubaiyat.

Сведения об авторе: ***Нурмухаммад Одинаев*** – научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

МУХТАСОТИ ТАСВИРИ ТАБИАТ ДАР ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Л. Сафаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мутолиаи қасоиди девони Носири Хусрав ба он далолат мекунад, ки ӯ дар васфи табиат низ тозакориҳо дорад ва аз ин лиҳоз ҳам навиштаҳои ӯ аз мадеҳаҳои шоирони муосири вай тафовути куллӣ доранд. Ӯ васфи зебоиҳои табиатро «ба хотири намунаи хушдор ба инсони бохирад будан мегӯяд, ки ба ин ҷаҳони бебаҳо фирефта набошад. Дар пеш ин ҷилваи зебоиро нестӣ интизор аст ва гумон аз ҳастии ҳар рустание иштибоҳ аст, зеро онҳо бо ҳама ҷилои зоҳир сар нагунсор доранд. Каси инро дида ва соҳиби дилу ҷони бедору хушёр аз ҳусни он ғарра намешавад. Ин дарахти ҷаҳони бори ранҷу ғам кӯтоҳро ба баҳои ҳусни он додан лозим нест. Ҳамин гуна мазмун ва фикру андеша саропои ашъори ба васфи табиат бахшидаи Носири Хусравро ташкил медиҳад. Ӯ алорағми мадеҳасароёни муосири худ, ки тасвири баҳору Наврӯз, Меҳргон, ҳусни чаман ва дигар мазоҳири дилфиреби табиатро ба хотири таҳрики мамдӯҳ ба айшу лаззатҷӯйӣ ва комроиву бодагусорӣ анҷом медоданд, аз тасвири табиат панду андарз, ҳикмату мавъизаи динӣ ва ахлоқӣ, хулосаи ибратомӯз мечӯяд.

Ӯ дар табиат хасу хори хушкро, ки сазовори сӯхтан ҳастанд, дар қиёси Фиръавну Қорун мебинад ва себу биҳиро, ки сабзу хуррам ва нофеъ мебошанд, ба Мӯсову Ҳорун

ташбеҳ мекунад, ки аз ин қиёс низ муқобилгузории мазоҳири некиву бадӣ эҳсос мегардад:

В-он хушк хору хас, ки бисӯзандаш,
Фиръавни бесаломату Қорун аст.
В-андар ҳарири сабзу ситабрақҳо,
Себу биҳӣ чу Мӯсиву Ҳорун аст [2].

Дар ҷойи дигар себу биҳӣ, ки ғарқи самари пухтааст, дар зарриниву зебоии зоҳир ба Қорун қиёс шудааст. Дар феъли ҳар чизи доштаро ба мардум бахшидан бо сирати Қорун, ки «бахилу сифлаву ворун» аст, дар тазоди ахлоқист:

Себу биҳиро дарахту бораш бингар,
Ҷафдаву пурзар ҳамчу чатри Фаридун.
Гӯйӣ, ки аз зери хок тоза баромад,
Ганҷ ба сар барниҳода сурати Қорун.
Бар сари Қорун ба боғ гавҳару зар аст,
Гавҳару зарро ба мушку шаккар маъҷун.
Ҳар чи ки дорад, ба халқ бубахшад,
Нест чу Қорун бахилу сифлаву ворун [3].

Аз тасвирҳои зебои табиат, ки Носири Хусрав ба вуҷуд овардааст, метавон ба хулосае расид, ки ӯ аз лиҳози ҳунару таҷрибаи ғании шоирӣ ва забону шеваи баён аз Унсуриву Фаррухӣ, Манучеҳриву Рашидии Самарқандӣ, Муиззиву Амъақи Бухороӣ ва дигар шуарои аҳди Ғазнавиёну Салҷуқиён ҳеҷ камӣ надорад ва метавон гуфт, ки «якбора шоири андарзу ҳикмати мазҳабӣ нашуда, аз мактаби бузурги адабии омӯзишу таҷриба гузаштааст» [4].

Дар васфияҳои ӯ низ мебинем, ки дарахтони дар зимистон осоишёфта дар тобистон корбандонанд. Оби дар моҳи дай ёзану лоғар ба ҳаракат меояд ва ҷуфт меёбанд. Ҳама ба ин вазъи хуш бо чангу тараб ҳамроҳ мешаванд. Пас, шоир мепурсад, ки ҳамаи инҳо бар ин аҳвол чи гуна воқиф шуданд? Агар шоири маддоҳ баъди ин насиб ба мавзӯи аслӣ муроҷиат кунад, Хусрав ба андешаҳои мазҳабӣ ва фалсафии худ бармегардад. Аз ин тасвир Носири Хусрав ба хулосаи фалсафие меояд,ки ин табиати зебо як навъ фиреби дунёст, ки ба василаи он ҷони ширини фарзандони худро ба коми фано медиҳад. Фақат инсони бо завқи маърифатпарвар фиреби даҳрро мебинад ва ба зебоии зоҳири он фирефта намешавад. Ба ҷаҳони гузарон дил намебандад.

Дар девони Носири Хусрав васфи маю маъшуқ куллан вуҷуд надорад ва ҷилваҳои табиат низ дар шеъри ӯ на барои он васф мешаванд, ки дар қасоиди мадҳӣ дида метавонем. Ӯ «мехоҳад аз ин зебоиҳо ба офаринандаи ҷаҳон ва дини Худо рӯй кунанд. Табиат дафтари офариниш аст ва офаридаҳову мазоҳири хилқат хатҳо ва қаламҳои Худо бар ин дафтаранд. Аз ин хотир аст, ки ҳар гуна тасвири манзараи табиату ашё ва васфи онҳо хулосаи мазҳаби, фалсафӣ, ахлоқӣ ё ҳикамӣ дорад, ки мақсуди аслии шоир дар онҳост. Аз ҷумла, дар байти зайл шабу рӯз аз лиҳози сиёҳиву зулмат ва сафедиву рӯшнои ба ду писари Нӯҳи пайғамбар-Ҳом ва Сом, ки аввалӣ ба сабаби нафрини падар наслҳои минбаъдааш сиёҳпӯст шуданд ва дуюми ба шарофати дуои ӯ бунёдгузори сафедпустони ҷаҳон гардидааст, қиёс мешавад ва он мазҳари ахлоқӣ дорад:

Ҳамчу ду фарзанди Нӯҳанд, эй аҷаб,
Рӯз ҳамчун Сому тирашаб чу Ҳом [6].

Дар ҷойи дигар баҳору зимистон ба истиқболи мояи талмеҳии достони Юсуф тасвир мегардад. Ин ҷо ишора ба ин маънист, ки Зулайхо дар охирҳои умр пир гардида, бо дуои Юсуф аз нав ҷавону зебо мешавад. Олами пир ҳам, ки дар фасли зимистон пиру сафедмӯй шудааст, ҳамчун Зулайхост, ки бо файзи баҳори Юсуф бори дигар чун дувоздаҳсола ҷавон мегардад:

Гашт ҷаҳон кӯдаки дувоздаҳсола,
Аз суманаш рӯю аз бунафш хулола.
Гар на чу Юсуф шудаст, гул чу Зулайхо,
Боғ чаро боз шуд дувоздаҳсола [7].

Носири Хусрав «тасвиргаре мушоҳидакор ва бинандаи ҳусни беғараз нест. Ҳусни табиат ба ҳоли худ аз ҳастии табиӣ падид меояд ва бо завқу фаросати одамӣ коре надорад. Инсони бо завқу маърифатпарвар аст, ки ҳамаашонро мебинаду ба зиндагӣ гуворо ва ё номувофиқ дармеёбад… Ҳамаи он зебоӣ, ки дар баҳорон аст, рӯй ба зардию

хушкӣ оварда, далели ноустувории ҷаҳон шудааст. Эҳсони ин ҷаҳон каси мубталоро ба зорӣ мебарад, зеро ошноии зоҳири ту ботини равонхоратро мепӯшонад. Ин модар чун нопойдору беқарор аст, эҳсонаш низ ноустувор мемонад. Бунёди ҳусни ҷаҳон бар тазоди ҳастию нестӣ, тазоди зиндагӣ ва марги одам алоқаманд аст. Ин тазод вақеият аст барои касе онро шинохта аст. Он ки худро шинохта, пайванду фарзандии ин ҷаҳонро намеписандад, ба ҷиҳати он ки роҳу равиши кори ӯ дигар аст. Ин ақида ҳам ба таълимоти мусулмонӣ ва ҳам фалсафаи исмоилии Носири Хусрав гироишу ҳамбастагӣ дорад» [8].

Чунонки мушоҳидаҳои устод Х.Шарифов исбот менамоянд «тасвири зебоиҳои табиат дар ағлаби қасидаҳои Носири Хусрав ба вазифаи насиб меояд. Пас аз насиб шоир ба василаи санъати тахаллус ба панду ҳикмат ва ваъзҳои мазҳабию фалсафӣ рӯ меорад. Бо вуҷуди ин гирифторӣ иддаи касире аз қасоиди Носири Хусрав бо насиби наврӯзию баҳорӣ сар мешаванд ва дарак аз он медиҳанд, ки шавқи шоирӣ ва ҳунари суханварӣ аз мазоқи ӯ берун нарафтааст. Ҳарчанд ӯ дар охири кор тасвирҳои табииро ба тобеияти андешаҳои худ меорад ва худро аз кайфияти ҷаҳону ҳунари шоирӣ ба канори ноаёнӣ мезанад, боз ҳам воқеияти онҳо барояш хеле одатӣ ва муқаррарӣ омада шаҳодат аз таҷрибаи кофӣ доштанаш дар ҳунари шоирӣ медиҳад» [9].

Зикри ин нукта ҳам лозим аст, ки Носири Хусрав аз талмеҳот ва мазомини ахбори арабӣ-исломӣ ба маъниҳои мухталиф истиқбол менамояд. Мебинем, ки дар ашъори ӯ аз қассасу ахбори исломӣ чун Мӯсо, Ҳорун, Сулаймон, Исо, Марям, Нӯҳ ва соири онҳо маъниҳои гуногуни фалсафӣ, мазҳаби, ахлоқӣ ва ҳикамӣ сохта шудааст. Ҳамчунин дар ағлаби абёти шоир, ки дар васфи маноқиби хонадони Пайғамбари ислом аст, Мӯсо бо Муҳаммад (с) ва Алӣ бо Ҳорун қиёс мегардад, ки зоҳиран маъхази он ҳадиси набавии зайл аст, ки мегӯяд: Алийюн миннӣ биманзалати Ҳоруна мин Мӯсо (Али дар назди ман ба манзалати Ҳорун дар назди Мӯсост). Шоҳиди ин маъни байти зайл аст, ки дар он мурод аз Ҳорун Алӣ ибни Абӯтолиб аст:

Ба Ҳоруни мо дод Мӯсо Қуръонро,
Набудаст дасте бар он Сомириро [10].

Дар ҷойи дигар аз Мӯсо ба халифаи фотимии Миср - Мустансир Биллоҳ таъбир мегардад, ки дар қиёси Мӯсои замон ва забони шоир асои Мӯсост:

Бар рамаи илмхор бар шаби дунё,
Бар кафи Мӯсии замона шубонам.
Ҳеҷ шубон бе асову коса набошад,
Косаи ман дафтару асост лисонам [11].

Дар баъзе мавридҳо себу биҳӣ ба Мӯсову Ҳорун қиёс гардида, чун василаи маънисоз дар шеър хидмат намудааст:

В-андар ҳарири сабзи ситабрақҳо,
Себу биҳӣ чу Мӯсиву Ҳорун аст [12].

Дар истифода аз мояи талмеҳии Сулаймон низ чунин ҳолат ба назар мерасад ва мебинем, ки нафси орзуҳои инсонӣ бо деви фиребгар ва хирад бо Сулаймон қиёс мегардад. Масалан, дар абёти зерин:

Яке ғӯли фиребандаст нафси орзухоҳат,
Ки бебокӣ варо хур-ш асту нодони биёбонаш.
Ба раҳ боз ояд ин гумроҳ деват гар бихоҳӣ ту,
Мусулмони биёбад гар хирад бошад Сулаймонаш [13].

Ҳамчунин намунаҳои ашъори мадҳии зикршуда аз девони Носири Хусрав нуқтаеро ёдрас мекунад, ки ҳар шоире сарфи назар аз шахсияту бори фарҳангии худ, мазҳабу ақида, тарзи ҷаҳоншиносӣ ва хислату кирдори хеш, вақте ки ба мавзӯи мад рӯ меорад, ногузир бояд ду қонунияти асосии мадҳро риоя намояд. Аввалан,«мадеҳагӯии худро дар ҳоли дурӣ аз мавсуф мегузорад, ки гӯё васфи ӯ вақеияти мустақили берун аз табиати гӯянда аст. Гӯянда миёни худ ва васфи мавсуф фосилае ба вуҷуд меоварад. Гӯё ҳақиқати мадҳ дар худи мадҳ аст, на дар қиёси аслу воқеа ва на дар тасдиқи муҳокима. Аз ин ҷо вай падидаи ҳунарист, зеро тасдиқи ҳунари бурҳонӣ ва қиёсии баробари айни вуқӯъ нест. Қонунияти дуюм маънои ҳунарии мадҳ аст, ки тибқи он мавсуф бояд бо афроди тасвиршудаи худ айният надошта бошад ва ҳунари шоир ба василаи тахайюлу токату тавони шоири онро ҳадди имкон шоирона созад.

Умуман, таҳлили мухтасари баррасии масъалаи истиқболи унсурҳои ахбору асотир ва қассасу ривоёти арабӣ-исломӣ дар шеъри васфии Носири Хусрав аз он гувоҳӣ медиҳад, ки миёни ашъори ӯ ва қасоиди мадеҳасароёни муосири вай аз лиҳози истиқболи ахбору қассас тафовути назаррасе вуҷуд дорад. Ӯ ба ин васила шеърро аз чанги мадҳу сано ва васфи айшу шаробу ҳирсу оз раҳо намуда, ба шеъри форсӣ рӯҳу обу ранги тозае аз ахлоқу мазҳаб мебахшад, чунонки худ мегӯяд:

Сухан каргаси пири парканда буд,
Ба ман гашт товуси бо парру бол,
Ба ман тоза шуд пажмурда сухан,
Чу з-афсуни Юсуф Зулайхои зол [14].

Ҷасорат ва устувории иродату ақоид ба Носири Хусрав имкон додааст, ки аз унсурҳои қассасӣ ва ривоии арабӣ - исломӣ, ки дар қасоиди мадеҳасароён маҳз ба хотири мадҳу санои мамдӯҳ истиқбол карда мешуд. Барои исботи ҷаҳонбинии мазҳабии исмоилия ва таълимоти фалсафиву ахлоқии он истифода намояд ва ба шеър чун ба силоҳи мубориза ва ҷиҳоди оштинопазир бо тамоми мазоҳири куфру ситам ва анбӯҳи мутазоҳирони риёкору ҳақситез, ин ҳам дар густураи низоме ҷобир ва яксара аз меҳру утуфат орӣ» [15] паноҳ ҷӯяд ва ба ин васила бунёдгузори воқеии шеъри мазҳабии исмоилия дар адабиёти форсу тоҷик гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Х.Шарипов. А.Маниёзов. Ҳакими суханвар.- Душанбе, 2003.- С.214.
2. Маҳдии Муҳаққиқ Таҳлили ашъори Носири Хусрав. (Оёти қуръонӣ, аҳодис, луғат, амсол).-Теҳрон, 1344 ҳ.- С.16.

ОСОБЕННОСТИ ИЗОБРАЖЕНИЯ ПРИРОДЫ В ПОЭЗИИ НОСИРА ХУСРАВА

Учение Носира Хусрава стало темой для научных исследований многих философов и литературоведов как у нас в стране, так и за рубежом. В учении Носира Хусрава человек путём познания мира познаёт и его причины. С точки зрения мыслителя, мир не является вечным и изначальным, а имеет начало и конец. Он придерживаются мнения, что мир никогда не находится в одном состоянии и постоянно переходит из одного состояния в другое, как и различные явления в природе. Путем сопоставления различных явлений в окружающем мире и в природе в целом, Носир Хусрав приходит к мысли о том, что ничто не вечно на этой земле и призывает людей к гуманности и добродетельности.

Ключевые слова: Носир Хусрав, поэзия Носира Хусрава, изображение природы в поэзии Хусрава, сопоставления, нравоучения.

FEATURES IMAGES OF NATURE IN THE POETRY OF НОСИРА NOSIRI KHUSRAV DISTRICT

Teaching Носира Nosiri Khusrav district became a topic of scientific research of many philosophers and scholars both in our country and abroad. In the doctrine Носира Nosiri Khusrav district people by knowing the world knows and its causes. From the point of view of the thinker, the world is not eternal and original, and has a beginning and an end. He is of the opinion that the world is never in the same condition and is constantly moving from one state to another, as various phenomena in nature. By comparing the various phenomena in the surrounding world and to nature in General, Nosir Khusrav comes to think that nothing is forever on this earth and encourages people to the humanity and goodness.

Key words: Nosir Khusrav, poetry Носира Nosiri Khusrav district, images of nature in the poetry of Nosiri Khusrav district, mapping, moralizing.

Сведения об авторе: ***Л. Сафаров*** - соискатель Таджикского национального университета

АСАРҲОИ ИЛМИИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ

Ҳ. У. Солиев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти навини тоҷикӣ, ки баъди Инқилоби октябр ба вуҷуд омадааст, сохти сотсиалистӣ дар тафаккури гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва миллатҳои Иттифоқи Шӯравӣ табаддулот дароварда, умумияти нави таърихии одамон ва танҳо ягонагӣ ва ҳамрайъии сиёсию иҷтимоии тамоми миллатҳои иттиҳодро таъмин намуд, инчунин бо хусусиятҳои муштарак ба ягонагии ғоявию бадеӣ ва эстетикии тамоми адабиёту санъати сотсиалистӣ асос гузошт.

Ташаккули адабиёти навин бо боигарии мазмун, мавзӯъ ва барҷастагии ғояҳои нависандагони шӯравӣ алоқаманд мебошанд. Ин адабиёти нав дар ҳар марҳилаи сохтмони ҷамъияти тозабунёд мавзӯъ ва масъалаҳоеро дар маркази тадқиқ мегузошт, ки аҳамияти фавқуллода калон доштанд.

Устод Айнӣ дар ибтидои асри 20-замони Инқилоби солҳои 1905-1907 дар Россия, Инқилоби зидди империализм ва зиддифеодалии Эрон (Инқилоби Машрутахоҳии Эрон (1905) оғоз ёфтааст. Вай соли 1906 мадрасаро хатм кард ва ба ҳаракати пешқадами маорифпарварӣ (ҷадидия), ки дар роҳи ислоҳи мактабу мадрасаҳо, урфу одатҳои шахшуда, ислоҳи идораи кишвар ва ба низом андохтани музди хизмату андозҳои подшоҳӣ, барҳам задани худсарӣ ва торочгарии маъмурони амир вусъат меёфт, ҳамроҳ шуд. Аз он ҷо ки фаъолияти ҷараёни маорифпарварӣ ва неҳзати ҷадидия аслан бар иттиҳоди ислом (панисломизм) асос ёфта буд, Айнӣ низ як ҷадиди исломгаро буд ва чун ба арсаи фаъолияти ислоҳотхоҳӣ ворид шуд, ба таълифи дастурҳои таълимӣ ва осори динӣ пардохт ва дастури илмӣ бо номи «Таътил-ул-Қурон» (1908), «Таҳзиб-ус-сибиён» (1909-1917) ва «Заруриёти диния» (1913)-ро эҷод намуд. Ин аст, ки устрд Айнӣ то охири умр дар ҷодаи эҳтиром ба дини мубини Ислом ва иҷрои фарзу суннатҳои он устувор мондааст. Ӯ корро аз ислоҳи мактаб оғоз карда, ба Самарқанд сафар кард ва бо мактаби ҷадиди Абуқодири Шакурӣ ошно шуд. Сипас, соли 1907 мактаби хусусии тотириро, ки дар Бухоро ба кор даромада буд, рафта дид. Шаш моҳ дар ин мактаб бепул тарҷумонӣ карда, таҷриба омӯхт ва ҳамроҳи Мунзим дар ҳавлии ӯ мактаби нав кушод. Онҳо барои талабаҳои ин мактаб алифбо сохтанд ва Айнӣ дар киёси дарсҳое, ки дар мактаби тоторӣ барои тоҷикбачагон тарҷума карда буд, китоби қироати «Таҳзиб-ус-сибён»-ро тартиб дод. Ин китоб хусусияти илмӣ-адабӣ дошта, барои толибилмон шавқовар ва дорои маводи динӣ ҳам буд.

Дар «Таҳзиб-ус-сибён» ақидаҳои инсонпарварии Айнӣ мақоми муҳим доранд. Дар ин асар ормони ҷамъиятии як нависандаи ҷадид хизмат кардан барои ватан ва аҳли он равшан ифода ёфтааст.

Дар солҳои 20 асри XX ӯ якчанд вазифаҳоро иҷро мекард: ходими адабии маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», мушовири се мактаби Самарқанд, мушовири консулхонаи РҲСБ дар Самарқанд, мудири идораи тиҷорати Бухоро ва то охири соли 1933 муҳаррири адабӣ ва машваратчии илмию адабии Нашриёти давлатии Тоҷикистон буд. Соли 1923 узви КИМ-и Бухоро ва солҳои 1929-38 узви КИМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Садриддин Айнӣ июни соли 1917 ба Самарқанд кӯч баста, то октябри соли 1920 дар гузари Суфӣ Розиқ дар хонаҳои дӯстонаш зиндагӣ кард. Дар айни ҳол устод Айнӣ асаре бо номи «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ё «Таърихи усули савтия ва инқилоби фикрӣ дар Бухоро» таълиф намуд ва онро барои ба табъ расонидан ба Бухоро фиристод. Аммо дар Бухоро ин асар гум шуд. То охири умр Айнӣ дар ҷустуҷӯ ва орзуи дарёфти ин асар буд. Ба фарзандаш Камол Айнӣ васият кардааст, ин асарро пайдо карда, чун ҷилди 5-уми «Ёддоштҳо» ба табъ бирасонад. Китоби мазкур соли 2005 дарёфт шуд ва чун ҷилди 14-уми «Куллиёт»-и Айнӣ дар шаҳри Душанбе ба табъ расид.

Айнӣ олим ва донишманди бузург буд. Дар маҷаллаи «Шӯро» (1912, №2 нахустин мақолаи ӯ дар бораи Мирзо Абдулқодири Бедил ба забони тоторӣ чоп мешавад. Тадқиқоти минбаъдаи Айнӣ ба таърихшиносӣ, кишваршиносӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносии нави тоҷик асос гузоштанд. Ӯ луғатшинос ва мусиқидон ҳам буд. Очерки илмии Айнӣ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1923) аввал бо номи «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд» дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» (солҳои 1920-21) порча-порча чоп шудааст. Асари мазкур ҳукмронии амирони манғитияро дар Бухоро аз аҳди Раҳимхон ибни Ҳаким Оталиқи манғит (1747) то сарнагун шудани охирин намояндаи ин хонадон амир Олимхон (1920) дар бар гирифта, тохтутоз, ҷангҳо ва зулму ҷабри онҳоро нисбат ба аҳолии бегуноҳ нишон медиҳад. Очерки дигари ӯ «Материалҳои таърихи инқилоби Бухоро» (М, 1926, бо забони ӯзбекӣ) аз давраи мулкӣ-хусусӣ шудани ҳуҷраҳои мадрасаҳои Бухоро (дар аҳди Шоҳмурод (1785-1800) то ғалабаи Инқилоби Октябр ҷараёни худогоҳӣ, бедории иҷтимоӣ, ҳаракатҳои маорифпарварӣ, озодихоҳии халқ ва зиёиёни миллии он, ҷадидҳо, воқеаи Комсов ва дигарон амалиёти зиддиамириро фаро мегирад.

Айнӣ асосгузори адабиёти навини тоҷик мебошад. «Намунаи адабиёти тоҷик», ки таърихи бештар аз ҳазорсолаи адабиёти форс-тоҷикро то аввалин падидаҳои адабиёти тоҷикии замони шӯравӣ дар бар кардааст, якумин тадқиқоти бузурги ӯ оид ба мероси маънавии халқи тоҷик мебошад. Дар шароите, ки пантуркистон, ба қавли худи Айнӣ, «бар зидди барпо шудани Ҷумҳурияти Советии Тоҷикистон» иғво паҳн карда, «Дар Осиёи Миёна тоҷик ном як халқ нест, инҳо ҳамон ӯзбеконанд, ки бо таъсири эрониён ва мадраса забони худро гум кардаанд» мегуфтанд «Намунаи адабиёти тоҷик» бо далелҳои таърихӣ» пардаи он иғвогаронро даронид ва ба даҳони онҳо муҳри хомӯшӣ зад» [1].

Айнӣ баътар ҳамчун яке аз муҳаррирони «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) дар ҳозир кардани ин китоби дастаҷамъӣ ба чоп ва дар илм истифода бурдани истилоҳи «адабиёти тоҷикӣ-форсӣ» хизмати бузургеро анҷом дода, муштаракоти мероси адабии тоҷикону форсҳо (эрониҳоро) ба исбот расонид. Ин истилоҳ дар илми шарқшиносии ҷаҳон эътироф шудааст.

Таҳқиқот дар бораи «Фирдавсӣ ва Шоҳнома»-и ӯ (1934), «Шайхурраис Абӯалӣ Сино (1939), «Устод Рӯдакӣ», «Камоли Хуҷандӣ» (1940), «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ»(1940-42), «Мирзо Абдулқодири Бедил» (1954) ва ғ. мақоми ҳар яке аз ин алломаҳои илму адабиётро дар таърихи фарҳанги тоҷикӣ муайян намуданд ва дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти онҳо сухани тоза ва бозёфти нодир мебошанд. Устод Айнӣ ҳаёт ва эҷодиёти Восифиро муддате омӯхта, чандин мақола чоп кунонид ва ниҳоят солҳои 1946 асари муҳимеро бо унвони «Восифӣ ва хулосаи «Бадеъ-ул-вақоеъ» анҷом дод, ки он соли 1956 интишор ёфт. Айнӣ дар мустаҳкам гардонидани равобити иллмию адабии халқҳои тоҷику ӯзбек саҳми калон гирифтааст. Ҳамчун алломаи зуллисонайн аз солҳои авали Инқилоби Бухоро дар ин самт кор кард, солҳои 1946-50 мудири кафедраи адабиёти ӯзбеки Университети давлатии Самарқанд буд. Монографияи Айнӣ «Алишер Навоӣ» (1948), ки замони зиндагӣ, тарҷумаи ҳол, фаъолияти сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва эҷодии шоири бузурги ӯзбек Алишер Навоиро бо иловаи шеърҳои мунтахаби форсӣ-тоҷикиаш (бо тахаллуси Фонӣ) фаро гирифтааст, ҳамчунин дӯстӣ ва ҳамкории эҷодии ӯро бо классики адабиёти форс-тоҷик Абдурраҳмони Ҷомӣ мушаххас нишон медиҳад. Худи Айнӣ дар зиндагӣ ва фаъолияти эҷодию илмиаш ҳамин анъанаро идома дода ғанӣ гардонид.

А Д А Б И Ё Т

1. С. Айнӣ. Забони тоҷикӣ Куллиёт, Китоби дуюм (Тартибдиҳанда ва ба чоп таёркунанда: К.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон.- 1964.- С.361-362.
2. С. Айнӣ. Дар атрофии забони форсӣ ва тоҷикӣ, Куллиёт, ҷ.п.
3. С. Айнӣ. Куллиёт.Ҷ.1.- С.97.
4. Айнӣ С. Куллиёт.-Ҷ.1. –Душанбе: Ирфон.- 1964.- С. 97.

НАУЧНЫЕ ТРУДЫ САДРИДДИНА АЙНИ

Садриддин Айни приобрёл всенародную любовь и славу благодаря глубокому проникновению в судьбу своего народа и отображению в своём творчестве борьбы за справедливость и счастье людей. Произведения Айни воспитывают в читателе стремление к поиску правды, веру в исключительность человеческой личности. Садриддин Айни является великим писателем-реалистом и просветителем. Научные и художественные произведения Айни сыграли огромную роль в воспитании национального самосознания, в борьбе за свободу и национальную независимость таджикского народа. Основной темой произведений Айни являются политические и социальные события его времени, в связи с чем их можно назвать летописью таджикского народа.

Ключевые слова: Садриддин Айни, незаурядная личность, писатель, публицистика, научные труды С.Айни, летопись таджикского народа, художественные и научные произведения.

SCIENTIFIC WORKS OF SADRIDDIN AYNI

Sadriddin Ayni acquired national love and glory due to the deep penetration into the fate of their people and displayed in his work the struggle for justice and happiness of the people. Works of Ayni bring the reader desire to seek truth, faith in the exclusivity of the human person. Sadriddin Ayni is a great writer-realist and educator. Scientific and artistic works Ayni played a huge role in the upbringing of national self-consciousness, in the struggle for freedom and national independence of the Tajik people. The main theme of the Ayni are political and social events of his time, which can be called the chronicle of the Tajik people.

Key words: Sadriddin Ayni, extraordinary personality, writer, publicist, the scientific work of S. Aini, the chronicle of the Tajik people, artistic and scientific works.

Сведения об авторе: ***Х.У. Солиев*** – соискатель Таджикского национального университета

АҲАМИЯТИ АФКОРИ АДАБИЮ ЭСТЕТИКӢ ВА ТАЪРИХИИ ТАЗКИРАҲОИ АДАБИЁТИ ФОРС – ТОҶИК

Султон Саидзода
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ҳамаи он дастовардҳои илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва таърихии мардуми форс-тоҷик аз омӯхтан ва роҳандозӣ кардани он нақшаҳое оғоз ёфтааст, ки қабл аз мо, садсолаҳо пеш аҷдодони бозаковати мо, тавассути нигоштани сарчашмаҳо, яъне тазкираҳо тарҳрезӣ ва пешкаши мо кардаанд. Тазкираҳо, танҳо моли адабиёт ва адабиётшиносӣ нестанд.

Месазад қайд намоем, ки тавассути тазкираҳои дар тӯли ҳазор сол нигошташуда, мо бо намояндагони беҳтарини риштаҳои гуногуни илмҳои мавҷуда махсусан, адабиётшиносӣ ва гулчини ашъорӣ онҳо шинос гардидаем. Маҳз мавҷудияти чунин сарчашмаҳо боис гардидаанд, ки таърихи ҳазорсолаи адабиёти форс- тоҷик бо осори намояндагони маъруфи худ дастраси дӯстдорони илму адаби ҷаҳон гардад.

Аммо, бо қотеъият метавон гуфт, ки омӯзиши тазкираҳои мавҷудаи форс-тоҷик ба таври пурра ҷавобгӯйи талаботи имрӯза нест. Ҳақ ба ҷониби иддае аз адабиётшиносон аст, ки ба дараҷаи зарурӣ омӯхта нашудани тазкираҳоро зикр кардаанд. Адабиётшиноси маъруфи тоҷик марҳум А. Афзаҳзод дар мисоли «Тазкират- уш - шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ аз нуқтаи назари таърихӣ омӯхта нашудани онро чунин мегӯяд:

«Тазкират-уш- шуаро»-и Давлатшоҳ аҳамияти калони таърихӣ дорад, мутаассифона дар тадқиқоти таърихӣ кам андар кам истифода мешавад» [1,196].

Адабиётшиносони намоёни тоҷик, ки умри пурбаракати хешро сарфи омӯзиш ва дастраси хонандагон гардонидани сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ кардаанд, аз ҷумла профессорон А. Мирзоев, Р. Ходизода, У. Каримов, С. Воҳидов, М. Муллоаҳмадов дар осори қимматбаҳои худ, ҳамеша дар ин хусус ба такрор зикр кардаанд.

Агар ҷанбаҳои таърихии ҳар як тазкира ҳаматарафа ва пурра таҳқиқ карда шавад, таърихи пурраи асримиёнагии ҳаёти тоҷикон ва мардуми Осиёи Миёнаро низ бо саҳифаҳои то ҳанӯз ноошно ва торикаш метавон дастраси аҳли ҷомеаи имрӯза намуд.

Ҳар як маълумотномае, ки зимни шиносонидан ва овардани намунаҳо аз осори шоиру нависанда аз ҷониби тазкиранигорон сурат гирифтааст, бо зикри ҳодисаю воқеаҳои нодири сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва таърихию фарҳангӣ тавъам омадааст ва ҳар яке аз ин нуқтаҳои муҳимми зикршуда мунтазири омӯзиш, тадқиқот ва дасрас намудан ба хонандагони худ ҳастанд. Бояд зикр намоем, ки доир ба аввалин тазкираи адабиёти форс-тоҷик маълумотҳо гуногун ҳастанд. Аммо, бо мурури замон бештари муҳаққиқон дар он ақида қарор доранд, ки аввалин тазкираи адабиёти форс - тоҷик «Маноқиб-уш-шуаро»-и Абӯтоҳир Хотунии Муваффақуддавла будааст, ки мутаассифона, то ба мо нарасидааст.

Аз ин ҷост, ки аввалин тазкираи фарогири аҳвол ва осори шоирони асрҳои X-XIII адабиёти форс-тоҷикро ба «Лубоб-ул-албоб»- и Муҳаммад Авфии Бухороӣ нисбат медиҳанд ва он бо номи «Мағзи донишҳо» низ машҳур гаштааст.

Ҳамаи муҳаққиқони адабиёти форс-тоҷик «Лубоб-ул-албоб» -ро якдилона аввалин сарчашмаи мукаммали адабиётити форс-тоҷик ҳисобидаанд. Мисли Забеҳуллои Сафо, ҳарчанд ӯ «Таърихи Сиистон»-ро аввалин китоби фарогири шеъру шоирони форс медонад, аммо ба аввалин будани «Лубоб- ул-албоб» шак наовардааст» [7,43].

Дар фасли дуюми «Лубоб-ул- албоб» муаллифи он Муҳаммади Авфӣ аввалин тазкираи адабиёти форс- тоҷик будани китобашро зикр мекунад: «Дар табақоти шуарои араб чанд таълиф сохтаанд ва чанд тасниф пардохта, чун табақоти ибни Салом, табақоти ибни Қутайба ва табақоти ибн-ул- Муътаз ва «Ятимат-уд–даҳр»-и Абӯмансур ва аз шуарои Аҷам ҳеҷ таълиф мушоҳида наяфтидааст ва ҳеҷ маҷмӯа дар назар наёмада…» [2,10].

Бахшҳои «Лубоб-ул-албоб» аз фазилати шеър сар шуда, то аҳволи шоирону фозилон маълумоти нодир медиҳанд.

Бахшҳои «Лубоб-ул - албоб» иборатанд аз:

1. «Дар фазилати шеър ва шоирӣ»;

2. «Дар маънии аввалин касе, ки шеър гуфт»;
3. «Дар маънии шеър ва тариқи луғат»;
4. «Дар маънии аввал шеъри форсӣ, кӣ гуфт»;
5. «Дар латоифи ашъорӣ салотин ва мулук ва умаро»;
6. «Дар латоифи шеъри вузаро ва судур ва куфот»;
7. «Дар латоифи ашъори уламо ва судур ва фузало»,
8. «Дар латоифи ашъори шуарои оли Тоҳир ва оли Лайс ва оли Сомон ва ин табақаи авваланд»;
9. «Дар латоифи шуарои оли Носир ва ин табақаи дувуманд»;
10. «Дар табақоти шуарои аҳли Салчуқ то охири аҳди Саид ва ин табақаи сеюманд»;
11. «Дар зикри шуарои ин қарн, ки баъд аз аҳди давлати Санҷар буданд то ин аҳд»;
12. «Дар латоифи ашъори судур, шуаро ва афозил, ки бад- он ҳазрат муассиманд».

Махсусан, маълумоти муаллифи тазкира доир ба маънии шеър ва шоирӣ аз завқи баланди шеърфаҳмии М. Авфӣ дарак медиҳанд. Масалан, ӯ дар боби дуюми асар, таҳти унвони «Шеър аз тариқи луғат», чунин мегуяд:

«Бибояд донист, ки шеърро маънӣ илм аст, яъне донише, ки арбоби фитрат бад он чизе фаҳм кунанд ва идроки ин табақа бад-он муҳит шавад ва маънии шоир олим бувад, яъне доно, ки маъонии дақиқро идрок кунад. Маънии дақиқ, он ки фитрати ӯ дар зери пардаи замири хаёл бозиҳои латиф намояд ва илм умумӣ дорад ва шеър хусусӣ, зеро ки ҳар кас, ки чизеро идрок кунад, ва маънии дақиқро дарнаёбад, ӯро шоир нашояд хонд» [3,16].

Дар бораи кӣ будани муаллифи аввалин мисраъҳои шеърӣ сухан ронда, М. Авфӣ зикр кардааст, ки аввалин шеърро Ҳазрати Одам гуфтааст, аммо муҳаққиқони тоҷик мисли Ҳ. Мирзозода онро «моҳияти афсонавӣ дорад»- гуфтаанд ва адабиётишиноси дигари тоҷик Ҷ. Бобокалонова фикри Авфиро тасдиқ менамоянд, ки аввалин шеъро албатта, «агар инсон нагуфта бошад, пас кӣ мегӯяд?»

Ба ақидаи мо ҳар ду муҳаққиқи шинохтаи тоҷик ҳақ ҳастанд. Чунки дар навиштаҳои М. Авфӣ сухан дар атрофи замонаҳои гузаштаи дури номаълум ба шеъргӯйӣ оғоз кардани инсон, яъне Одам меравад. Чунки маҳз инсон қобилияти фикрронӣ ва сухандониро дорост [5,38; 4,64].

Азбаски сухан атрофи тазкира ва тазкиранигорӣ меравад, ҷоиз аст қайд намоем, ки аввалин шахсе, ки даст ба омӯзиши сарчашмаҳои нодири форс- тоҷик задааст, ин шарқшиноси бузурги англис Эдуард Браун будааст. Ин шахси фидокор, ташнаи маънавиёти махсусан форсӣ- тоҷикӣ ҳанӯз дар охири асри XIX тазкираи «Лубоб-ул-албоб» - ро бо истифода аз 2 нусхаи дастхати нодире, ки дасраси ӯ гардидааст, омодаи нашри интиқодӣ мегардонад. Дар ин кор ба ӯ олими эронӣ Муҳаммади Қазвинӣ кӯмак мерасонад. Сипас, олими маъруф Саид Нафисӣ онро пурра карда, ба нашри дубора омода мекунад.

Аҷиб он аст, ки гарчанде аз он рӯзҳо беш аз 100 сол гузаштааст, аммо нашри интиқодии ин олими англис бо такмили Саид Нафисӣ беҳтарин дониста шуда, то имрӯз аз он истифода мешавад.

Тазкираи ба мо дастраснашудаи «Маноқиб-уш-шуаро»- и Хотунии Муваффақуддавларо муаллифи «Лубоб -ул -албоб» –М. Авфӣ дидааст, аммо онро тазкира нахондааст. Муаллифони сарчашмаҳои баъдина (ҳамон тавре ки дар боло зикр гардид) ин навиштаҳои Авфиро такрор кардаанд. Аз сабаби то имрӯз пайдо ногардидани он тазкира мо оид ба аввалин тазкира, метавонем танҳо такя ба «Лубоб-ул-албоб»- намоем.

Дар «Лубоб-ул-албоб» -и М.Авфӣ ҳангоми зикри аҳволу осори шоирон воқеаву ҳодисаҳои таърихии зиёде оварда шудаанд. Ӯ чандин маротиба доир ба манзалати сухан ва аз ҷониби шоҳон нигоҳдорӣ шудани калом ишораҳо намудааст Махсусан, ақидаи баённамудаи Муҳаммади Авфӣ дар бораи аввалин шеърро баён намудани шоҳон ё худ аввалин мисраъҳои вазну қофиядорро иброз намудани Баҳроми Гур аҷибанд:

Манам он яли дамону манам он шери яла,
Ном Баҳром турову падарат буҷабала…

Азбаски боби аввали тазкира бо зикри шоҳони шеъргӯй оғоз меёбад, Авфӣ ҳодисаи ҳангоми шикор ба шеъргӯйӣ оғоз намудани яке аз шоҳони Сосонӣ Баҳроми Гурро дар боби аввали тазкирааш бо чандин шоҳони шеъргӯйи дигар меорад.

Арзиши баланди илмӣ - адабии «Лубоб-ул-албоб»- ро ба назар гирифта, месазад, ки М. Авфиро аввалин муҳаққиқи шеъри форсӣ -тоҷикӣ ва аввалин тазкиранигори адабиёти форс- тоҷик донем. Беҳуда нест, ки ҳамаи тазкиранигорони минбаъда ва ҳамаи муҳаққиқони сарчашмашинос анъанаи тазкиранависӣ ва тадқиқи онро бо Муҳаммади Авфӣ алоқаманд ва аз ӯ бо некӣ ёд мекунанд.

Доир ба ақидаҳои шахсии М. Авфӣ атрофи шеъру шоирӣ, ки ҳангоми зикри порчаҳои шеърии шоирон дар тазкира иброз намудааст, мо метавонем муайян созем, ки ӯ то кадом дараҷа аз таърихи адабиёт ва илми назарияи адабиёт шинос будааст.

Ин масъала тадқиқоти алоҳидаро талаб менамояд ва дар мавриди дигар, пурра ва ба таври муфассал маълумот хоҳем дод. Мавзӯи мақолаи мо танҳо равшанӣ андохтан ба нақши тазкираҳо дар омӯхтани адабиёти классикии форс- тоҷик аст ва ҷоиз аст зикр намоем, ки Муҳаммад Авфӣ, ба он мақсаде, ки дар назди худ гузошта буд, расидааст ва хушбахтона, тазкираи ӯ то имрӯз ба ҳамаи форсизабонони дунё чун энсиклопедия на танҳо аз осори адабӣ ва шеъру шоирӣ, балки аз воқеаҳои сиёсиву таърихӣ ва фарҳангии сарзамини Эрон Хуросону Мовароуннаҳри асри X-XII маълумоти нодир медиҳад.

Сарчашмаҳои адабӣ–таърихие, ки дар асрҳои XV-XX таълиф шудаанд, мисли: «Тазкира–уш-шуаро»- и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Баҳористон»- и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Маҷолис-ун-Нафоис»-и Алишер Навоӣ, «Муҳокимат-ул- луғатайн»-и Алишер Навоӣ, «Ҳабиб-ус–сияр»- аз Хандамир, «Лисон-ул-қалам»-и Абдуқаҳҳор ибни Исҳоқ, мутахаллис ба «Шариф», «Ҳафт иқлим» -и Амин Аҳмади Розӣ, «Тазкират–ут– таб ворих»-и Абдуллоҳи Кобулӣ, «Маҷолис–ул-муъминин»-и Қози Нурулло ибни Саидшарифи Шуштарӣ, «Қомус-ул-аълом»- Шамсиддин Сомӣ, «Миръот–ул-ҳаёт»- и Шерхон ибни Алиаҳмадхони Лудӣ, «Тазкират – уш–шуарои мутақаддимин ва салотини муосирин ва бузургони мутаваррин»- и Садри Зиё, «Ҳадиқат–уш- шуаро»-и Сайид Аҳмад Девонбегии Шерозӣ, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ, «Тазкираи Шаръӣ», «Тазкират–уш–шуаро»-и Ҳашмат, «Афзал-ут-тазкор»-и Афзал, «Тазкират–уш-шуаро»-и Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам, то «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ, ҳама саршор аз ашъору ахбор ва лабрез аз таъриху ҳаводиси дилангези гузаштагони мардуми сарбаланди тоҷик ҳастанд, ки интизори варақгардон кардану дастраси мардум намудан ҳастанд. Миёни сарчашмаҳои адабии номбурда, танҳо «Тазкират–уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ метавонад анъанаи тазкиранависиро дар адабиёти форс-тоҷик бо риояи ҳамаи ҷузъиёташ идома диҳад.

Ин тазкира фарогири шеъру шоирӣ, муҳити адабӣ махсусан намунаи аҳвол ва осори шоирони асри XIV то охири асри XV мебошад ва тазкираҳои дигари дар ин давра навишташуд, ба дараҷаи он расида наметавонанд.

Аҷибаст, ки Давлатшоҳ дар навишти тазкира на танҳо аз маълумоти «Лубоб- ул - албоб»- истифода накардааст, балки аз мавҷудияти он хабар надоштааст. Аммо, аз тазкираи «Маноқиб- уш- шуаро», ки дастраси дигар тазкиранигорон нагардидааст, истифода карданашро зикр кардааст. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар навишти тазкираи «Тазкират– уш– шуаро»-и хеш аз сарчашмаҳои зерин истифода бурданашро дар пешгуфтори асараш зикр менамояд:

«Маноқиб–уш– шуаро»-и Хотунии Муваффақуддавла, «Таърихи Оли Салчуқ», «Таърихи Байҳақӣ» -и Абулфазли Байҳақӣ, «Масолик ва мамолик» -и Истахрӣ, «Чаҳор мақола»–и Низомии Арӯзи Самарқандӣ, «Ҳадоиқ–ус –сеҳр»-и Рашиди Ватвот, «Таърихи гузида» –и Ҳамдуллоҳи Муставфии Казвинӣ, «Тарҷумон- ул- балоғат» (бе муаллиф), «Сувор -ул -ақолим» –и Абусулаймон Закариёи Куфӣ, «Тазкират- ул – авлиё»- и Фаридуддини Аттор, «Низом-ут- таворих» - и Қозии Байзавӣ, «Ҷавомеъ- ут-таворихи Рашидӣ», «Хулосаи Банокатӣ», «Мақомоти Носирӣ», «Таърихи Ҷувайнӣ», «Нуҳзат-ул-қулуб», «Таърихи Сабадорон», «Таърихи мақомот».

Дар хусуси пайдоиши аввалин шеъри форсӣ- тоҷикӣ ақидаи Давлатшоҳ пас аз шинос шудан бо маълумоти тазкираи «Маноқиб-уш-шуаро»-и Хотунии Муваффақуддавла дигар мешавад. Он ҷо зикри байте омадааст, ки дар қасри Ширин, пеш аз вуруди дини ислом ба эронзамин сабт шуда будааст:

Хушабро, ба гейҳо(и) анӯша бизӣ,

Ҷаҳонро ба дидор тӯша бизӣ.

Мавҷудияти осори пургановати форсӣ – тоҷикӣ, қабл аз дини ислом бо забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ, ҳатто авестоӣ роиҷ ва мавриди истифодаи мардум буд. Дар ин хусус шарқшиносони маъруф, аз қабили Е.Э. Бертелс, Э.Браун, Саид Нафисӣ ва дигарон дар осори худ маълумот додаанд.

Дар осори адабию фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик, ки бо номҳои «Авасто», «Ёдгори Зарирон», «Дарахти Асурик», «Осори Монавӣ», «Динкард», «Бундаҳишн», «Минуи Хирад», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Шаҳрҳои Эрон», «Хватойномак» («Худойнома»-и «Шоҳнома») ва ғ. аз мавҷудияти сухани воло, бигзор, ки он насри мусаҷҷаъ бошад, байтҳое, ки дар қасрҳои шоҳон зикр ёфта будааст, гувоҳи онанд, ки шеъру шеъргӯйӣ дар миёни мардуми мо решаҳои амиқ ва тӯлонӣ доштааст. Хушбахтона, ин нуктаро Давлатшоҳи Самарқандӣ дарк кардааст ва дар «Тазкират– уш - шуаро» онро зикр кардааст.

Ғайр аз ин, нақлҳоеро аз забони ҳокимони давр, меорад, ки аз ғамхору дӯстдори фарҳанги хеш будан ё набудан онҳо хабар медиҳад. Мисли гуфтаҳои Абдуллоҳ ибни Тоҳир (Ҳокими сулолаи маҳаллии Тоҳириён), ки Давлатшоҳ дар тазкирааш айнан меорад: … «Мо мардуми қуръонхонем, ба ғайр аз «Қуръон»-у ҳадиси пайғамбар (с) чизе намехонем. Моро аз ин навъи китоб (яъне китобе, ки шахси донишманде ба ӯ оварда буд) даркор нест, ва ин китоб таълифи муғон аст ва пеши мо мардуд аст ва фармуд он китобро дар об андохтанд ва ҳукм кард, ки «дар қаламрави ман ҳар ҷо ки аз тасонифу мақоли аҷаму муғон китобе бошад, ҷумларо бисӯзонанд [6,35].

Мутаассифона, тадқиқоти таърихӣ дар атрофи маълумоти овардаи тазкираҳо, махсусан, тазкираҳои аввалин ва комил, мисли «Лубоб-ул-албоб» ва «Тазкират- уш-шуаро» – кам сурат гирифтааст.

Дар тазкираҳои номбурда дар бораи муносибати ҳокимон ба шеъру шоирӣ, машғул шудан ва тахаллуси шоирӣ доштани ҳокимони давр, маълумоти нодир дода шудааст. Бо омӯхтани онҳо аниқ кардани дараҷаи дониш ва муносибати ҳокимон бо зердастонашонро муайян кардан мумкин аст.

Баъзан шоҳони шеъргӯй ҳам дар тазкираҳои мазкур зикр шудаанд, ки калом, яъне суханро дар насиҳат ва панду андарз сарф кардаанд, аммо худ дар зиндагӣ акси онро амалӣ кардаанд (мисли Султон Маҳмуди Ғазнавӣ)

Ғайр аз ошкор кардани ҳақиқати таърихӣ Давлатшоҳи Самарқандӣ аз мавҷудияти осори гумноме, ки то имрӯз пайдо нагардидаанд (мумкин аст баъдан соҳиби худро пайдо кунанд), маълумот додааст. Мисли «Вомиқу Узро» – и Фасеҳӣ, «Меҳру Вафо»-и Рашидии Самарқандӣ, «Гӯй ва Чавгон»–и Толиби Ҷоҷармӣ.

Умуман, дар тазкираи Давлатшоҳ аз 150 нафар адиб, 130 нафар суханвар ва намояндагони гуногуни табақоти суфия маълумот ба даст овардан мумкин аст.

Аз таваҷҷуҳи Давлатшоҳ ба услуби нигориши шоирон маълум мегардад, ки муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» таърихи адабии форс- тоҷик ва назарияи онро хеле хуб баланд будааст. Масалан, суханони Носири Хусравро «маҳкам-ул-матин», ашъори Фаррухиро «саҳли мумтанеъ», ашъори Саъдӣ ва куллиёти ӯро «кони намак» гуфтани Давлатшоҳ, баёнгари гуфтаҳои болост. Ҳамаи тазкираҳои адабиёти форс –тоҷик, ки дар асрҳои минбаъда иншо гардидаанд ва мо онро дар боло зикр намудем, дорои чунин хусусияти аҷиб ва нотакрор мебошанд. Тазкираҳои номбурда интизори тадқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод А. Суннатҳои устувор ва навпардозиҳои эҷодкор.- Душанбе,1989.
2. Авфӣ М. Лубоб- ул- албоб.-Теҳрон, 1335ҳ.ш.
3. Авфӣ М. Лубоб -ул-албоб.-Теҳрон, 1335.- С.16.
4. Бобокалонова Ҷ. Назаре ба таърихи танқиди адабии тоҷик.- Душанбе, 2002.
5. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби якум,(II) саҳ. 38
6. Муҳаммади Аббосӣ. Тазкират-уш-шуаро» - Теҳрон,1337.
7. Сафо З. Таърихи адабиёти Эрон.-Душанбе, 2001.

ЗНАЧЕНИЕ ЛИТЕРАТУРНО - ЭСТЕТИЧЕСКОЙ И ИСТОРИЧЕСКОЙ МЫСЛИ ТАЗКИРЕ В ПЕРСИДСКО -_ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Многовековые традиции тазкире в в персоязычной литературе, исходная точка которых все еще остается спорной, по сути дела не прекращались до новейшего периода развития этой литературы. Это обстоятельство указывает на то, что несмотря на довольно напряженную социально-политическую обстановку Ирана XVIII-XIX в, в литературная жизнь в стране не переставала быть оживленной. По доступным историко-литературным данным, биографические и творческие сведения о поэтах еще Сельджукидского периода в своем труде «Манакиб аш-шуар» собрал Абу Тахир Хатуни Мувафак-ад-даула. Тем не мение первое, дошедшее до нас тазкире, в персоязычной литературе на сей день считается « Лубаб ал-албаб» Мухаммада Ауфи Бухараи, составленное в первой половине XII в. В последующие века появилось множество тазкире, ряд из которых завоевал всеобщее признание литературоведов разных эпох. К этой категории тазкире, в частности относятся «Тазкират аш-шуара» Даулатшаха Самарканди и «Аташкада» Лутф-Али-бика Азара, первое из которых составлено в XIII в., а второе –в XVIII в .

Ключевые слова: персидско-таджикская литература, персоязычная литература, тазкире, традиции тазкире, историко-литературные источники.

THE VALUE OF LITERARY - AESTHETIC AND HISTORICAL THOUGHT TAZKIRE IN PERSIAN AND TAJIK LITERATURE

Tazkire old traditions of Persian literature, the starting point of which is still controversial, in fact, did not cease until the latest period of the literature. The available historical literature, biographical and artistic information about the poets still Seljuk period in his book "al-Shuar Manaqib" gathered Khatuni Muwafaq Abu Tahir al-Douala. However the first extant tazkire in Persian literature seyden considered "al-Lubab albab" Muhammad Aufi Bukharaev, drawn up in the first half of the 13th century. In the next century, a host of tazkire, several of which won general acceptance of literature from different eras. This category taekire, in particular, "Taekiratash-Shuar" Dowlatshahi Samarkandi and "Atashkada" Ali Lutfi Bika Azar, the first of which is made in the 13th century, and the second in the 18th century.

Key words: Persian-Tajik literature, tazkire, traditions tazkire, historical and literary sources.

Сведения об авторе: С.Саидзода – кандидат филологических наук, доцент, ТГУК. Телефон: **93-501-33-12**

МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА "СОҚИНОМА"-И МАЛИКУШШУАРОИ БАҲОР

Ниёзалӣ Қамбаров
Донишгоҳи давлатии Хорӯғ ба номи М.Назаршоев

Муҳаммадтақӣ Маликушшуарои Баҳор аз шоирони бузурги нимаи аввали асри XX Эрон буда, 7 ноябри соли 1886 дар шаҳри Машҳади Хуросон дар хонаводаи шоир ва донишманд Муҳаммадкозим Сабурӣ таваллуд шудааст. Падараш маликушшуарои Остони Қудс ва модари вай аз Гурҷистон аз нажоди масеҳиёни Қафқоз буда, дар ҷангҳои Эрон ва Русия ба ин сарзамин оварда шуда ва дини исломро қабул кардааст. [2,3]

Баҳор тахаллуси худро аз Баҳори Шервонӣ гирифтааст. Ин шахс дар Машҳад зиста, аз суханварони замони Насруддиншоҳ будааст ва бо падари Баҳор – Сабурӣ дӯстӣ доштааст.

Падари Баҳор ҳамеша талош бар он дошт, ки писари худро аз дунёи шеър боз дорад, аммо дар ин роҳ натиҷа ба даст наовард. Баҳор аз синни кӯдакӣ ва дар замони ҳаёти падар ба шеъру шоирӣ шавқи беандоза дошт. Шоир нахуст адабиёти форсиро назди падараш омӯхт ва дар ҳафтсолагӣ ба шеърнависӣ оғоз намуд. Ӯ аз 14-солагӣ бо ҳамроҳии падараш дар маҳфилҳои озодихоҳон иштирок намуда, ба афкори тоза дилбастагӣ пайдо кард. Дар синни ҳаждаҳсолагӣ падараш даргузашт ва баъд аз ду сол Инқилоби Машрутият дар Эрон оғоз шуд ва Баҳор аз ин талотуми азими сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар канор намонд [3,258-259].

Пас аз марги падар шоир дар гуфтани шеър рафта-рафта маҳорати баланд пайдо кард. Ҳасудон ӯро туҳмат мекарданд, ки гӯё ашъори падарашро ба номи худ мехонад ва барои ин роҳи исбот меҷӯстанд ва дар маҳфилҳо ӯро мавриди озмоиш қарор медоданд. Аммо Баҳор ба ин нигоҳ накарда, ашъори тоза эҷод мекард.

Шоир ба Музаффариддиншоҳ қасидае мефиристад, ки бо ин қасида соҳиби унвони Маликушшуаро мегардад. Дар қасидаи мазкур ба шоҳ шоир шиква аз душманони худ мекунад. Матлаи он чунин аст:

Расид мукиби фирӯз Хусрави Эрон,
Аё Хуросон дигар чи хоҳӣ аз Яздон [5,258].

Сипас, Баҳор вориди саҳнаи инқилоб шуд ва замони ба сари қудрат омадани Ҳизби демократӣ ба аъзогии он дар Машҳад гаравид ва аз номи ин ҳизб таҳти унвони "Навбаҳор", нашри маҷаллаеро ба роҳ андохт. Дар ин рӯзнома шоир асосан бо мақолаҳои сиёсӣ мардумро ба мубориза даъват мекунад. Баъдтар чопи ин рӯзнома аз тарафи мансабдорон манъ карда шуд.

Бояд зикр кард, ки шахсияти Маликушшуаро Баҳор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ маъруф ва шинохта аст. Аз таълифоти ӯ дар илми адабиётшиносӣ донишмандон имрӯз ҳам истифода мебаранд. Осори зерини таълифкардаи Баҳор хеле гаронқадр мебошад:

1. "Куллиёти девони ашъор" -иборат аз қасоид, маснавӣ, ғазалиёт ва рубоиёт, тарҷеъбанд, таркиббанд, мусаммат, мустазод;

2. "Сабкшиносӣ" ё «Таърихи татаввури насру назми форсӣ» - китоби сеҷилдӣ дар бораи таҳаввули насри форсӣ аз баъди ислом то асри ҳозир;

3. "Таърихи мухтасари аҳзоби сиёсӣ" - воқеаҳои Эрон аз замони Инқилоби Машрута то охири салтанати Аҳмадшоҳи Қоҷор;

4. "Мақолоти адабӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Баҳор", ки дар рӯзномаҳо ба табъ расидаанд [2,45].

Илова ба ин Баҳор дар навиштани дастури забони форсӣ ва адабиёт барои макотиби миёна бо мураттибон ҳаммуаллиф будааст.

Дар ин мақола мо тасмим гирифтем, ки бо иттико ба андешаи донишмандони ватанӣ ва эронӣ чанд андеша ва мулоҳизоти худро дар хусуси "Соқинома"-и шоир иброз намуда, умумият ва тафовути онро аз дигар соқиномаҳои шоирони гузашта ва кунунӣ дида бароем.

"Соқинома"-и Баҳор дар замони Ҷанги якуми ҷаҳон (1914-1918), ки Эрон даврааи инҳитоти худро тай мекард, эҷод шуда, дар он шоир аз бузургӣ ва азамати Эрони қадим бо ҳасрат ва таассуф ёд мекунад.

"Соқинома" дар адабиёти форсу тоҷик маъмулан шеърест, ки дар қолаби маснавӣ дар баҳри мутақориб навишта мешавад. Сароғози байти он бо байте шурӯъ мешавад, ки ба соқӣ ё муғанӣ хитоб мекунад. Дар он шоир соқӣ ё муғанӣ (овозхон ё мутриб)-ро ба додани шароб ва навохтани рӯд ва сар додани нағмае даъват менамояд. Дар абёти баъдина мақсаде, ки аз шароб ва нағма дар назар дорад, баён медорад.

Дар адабиётшиносии форсу тоҷик ду навъи "Соқинома" маъмул аст. Як гурӯҳи соқиномаҳо дар байни манзумаҳои достонӣ ҷой дода шудаанд. Иддаи дигар соқиномаҳои мустақиму мустақиланд. Ба соқиномаҳои гурӯҳи аввал, метавон "Соқинома"-и Низомии Ганҷавӣ (шоири қарни шашум)-ро дохил намуд. Пас аз Низомӣ бисёре аз шоирон роҳи ӯро пеш гирифтанд. Аз ҷумла, Амир Хусрави Деҳлавӣ (651-705) дар "Ҳумои Ҳумоюн" ном достони худ ба сабк ва шеваи нигориши Низомӣ рӯ оварда, соқиномае вориди достон намудааст. Ғайр аз соқиномаҳо дар матни достонҳо, мо дар адабиёти форсу тоҷик бо соқиномаҳое вомехӯрем, ки берун аз достон ва манзумаи хосе навишта шудаанд. Бунёдгузори ин сабкро ба Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ нисбат медиҳанд. Пас аз Ҳофиз низ бисёре аз шоирон ба сабки ӯ такя кардаанд, ки аз қарни нуҳум ба баъд камтар шоирро метавон дарёфт, ки соқиномае таълиф накарда бошад [5,159-160]. Баҳор низ аз ҷумлаи ин шуарост.

Дар "Соқинома"-и Баҳор, ки шоири асри дигар аст, аз шаробе менӯшем, ки дархӯри даврони нав аст. Замони наҳзати Машрутият ва ҳаводисе, ки ба дунболи он ба Эрон омада, аз ҷумла ҳуҷуми бегонагон ба хоки ватан эрониёнро барои касби озодӣ ва истиқлол даъват намуд. Дар ин замон аносири шеъри форсӣ, аз он ҷумла май, маъшуқ ва мутриб таҳти таъсири авзои он даврон ранги озодихоҳӣ ва ватанпарастиро ба худ гирифт.

"Соқинома"-и Маликушшуарои Баҳор аз 62 байт иборат аст. Дар он шароб ва нағмаи соқӣ монанди дигар аносири шеър ҳуввияти сиёсӣ, истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастӣ доранд. Баҳор шароби хаёлиро аз соқӣ дархост мекунад, ки мо ба шарҳи он мепардозем. Дар "Соқинома"-и ӯ мо ба шаш навъи шароб бармехӯрем. Шоир аз соқӣ майе талаб мекунад, ки ҳам тобовар ва ҳам хобовар бошад Шароби нахуст ҳолати ҷӯшу хурӯши ӯро нишон медиҳад ва ҳангоми дархост аз бодаи хаёлӣ шоир чунин мефармояд:

Бидеҳ соқӣ, он май, ки хоб оварад,
Шаробе, ки дар мағз тоб оварад [2,868].

Ғаме, ки шоирро фаро гирифтааст ин ғами Ватан аст. Меҳане, ки аз чаҳор сӯ ба василаи душманони бегона ишғол шуд. Эрон дар ин ҷанг саҳме надорад ва аз оғози ҷанг бетарафии худро эълон кард. Бо вуҷуди ин ҳама нерӯҳои бадбин ва манфиатҷӯй дар ҷанг аз чаҳор тараф Эронро мавриди таҳдид қарор додаанд, ки ин амал дили Баҳор ва дигар ошиқони ватанхоҳро ба дард овард. Ғами шоир на танҳо ба хотири муҳосираи Эрон аст, дарди ӯ дарди инсондӯстист. Аз ин рӯ шароберо, ки дархост мекунад, ду вижагии хос дорад: тобовар ва хобовар. Тобовар ба он маъност, ки дар ин шароит бояд ҳушёр буд ва хобовар ба он маъност, ки метавон аз ин ғам раҳоӣ ёфт.

Навъи дуюми шаробе, ки шоир аз он кор гирифтааст, ин талаби муъҷизаи дигарест. Кимиёе, ки хорасангро тағйири моҳият мебахшад ва онро хеле латиф ва зебо намуда, ба ҳарири фаранг монанд месозад:

Шаробе, ки гар нӯшадаш хорасанг,
Шавад нармтар аз ҳарири фаранг [2,868].

Дар навъи сеюми шароб дархости Баҳор аз он ангезаи дигаре бармесозад, ки зиддияти ӯ бо ҷанг мебошад. Шоир аз шиносоӣ бо масоил ва гурӯҳҳои сиёсӣ аз замонаи хеш шаробе бармесозад, ки метавонад гиреҳкушои ихтилофот ва мушкилот бошад. Баҳор сарони даргирро ба базме фаро мехонад, ки ба сари суфраи он шароби сулҳ дар паймонҳо рехта мешавад. Бодае, ки тавонад ҷангталабӣ ва ҳирсталабиро аз сари давлатмандон дур созад. Барои намуна, агар *прус* аз он ҷуръае бинӯшад, ҳаводори *рус* мешавад. *Англис* аз чашидани он бода *жарман* ҷалис мешавад.

Шаробе, ки гар нӯшад аз вай прус,
Ба як ҷуръа гардад ҳаводори рус.
Шаробе, ки гар нӯшадаш англис,
Шавад ба худованди жарман ҷалис. [2,868]

Шароби чаҳоруми Баҳор муъҷизаи дигар дорад. Кимиёе, ки агар ду тамаъкори бузург ва қудратманд (рус ва англис) аз он бинӯшанд, даст аз матомеи ҳамешагии худ дар робита бар он хоҳанд дошт:

Шаробе, ки гар нӯшадаш Никло,
Дигар чашм пӯшадаш зи озори мо.
Зи тақсими Эрон пӯшад назар
Ба ғамхории мо бибандад камар. [2,868]

Бо ин хитоб ба соқӣ Баҳор яке аз дарунмояи умдаи шеъри хешро бо бодаи хаёлӣ дармеомезад ва он зиддият ба дастандозии рус ва англис ба хоки Эрон аст.

Ҳадафи панҷум аз муроҷиат ба майю майгусорӣ дар "Соқинома" муҳимтарин матлабе мебошад, ки Баҳор аз майи хаёлӣ дар назар дорад. Ин матлаб робитаи рӯҳ ва равони хеш аст. Он ошиқи ватан ба дидани маъшуқи афгору зору захмӣ дар дасти бегонагон, аз озод сохтани маҳбуби хеш аз соқӣ, талаби шаробе мекунад, ки якбора ӯро аз ғаму кулфати ин ишқ озод созад. Ба ӯ беҳушӣ ва аз доми хирадӣ ватанпарастона раҳоиаш бахшад ва дигар Эронро сарои хеш нахонад:

Биёр соқӣ он бодаи бехудӣ,
Ба ман деҳ, ки сер ояд аз бихрадӣ,
Ки ин бихрадӣ банду доми ман аст
В-аз ӯ талх чун заҳри коми ман аст.
Ба ман деҳ, ки аз худ фаромӯш кунам,
Ба якбора банди гарон бишканам.
Нагӯям, ки Эрон сарои ман аст.
Ҳам ин марзи фархунда ҷойи ман аст.
Ба ман деҳ, ки аз ранҷ серам кунӣ,
Ба бегонахӯйӣ далерам кунӣ.
Надонам, ки душман ба хоки ман аст
Ба торочи номуси поки ман аст. [2,868]

Равшан аст, ки чунин шароб метавонад муҳаббати ватанхоҳию ватанпарастиро аз дили Баҳор дур созад. Аммо ин навъи шароб дар олами хаёл низ вуҷуд надорад ва агар арзи ҳастӣ дошта бошад бар ӯ асаре надорад. Худи шоир аз ин ҳақиқат воқиф аст, ба ҳамин далел ҳам дар байти дигар ба ин нукта ишора мекунад ва хоҳиш дорад, ки шароб роҳи назари бегонаро бар Эрон бибандад:

Ва-гар дар ман ин май надорад асар
Ба бегона деҳ, то бибандад назар.
Дареғо, ки бегонаро меҳр нест,
Барафтода он к-оварад меҳри кист? [2,869].

Шеваи Баҳор изҳори тарс дар баробари душман нест. Агар лаҳзае бар асари ҷабри замона ё ба дидани асорати ватан ғарқ дар парешонӣ ва ноумедӣ шавад, ҳаргиз паймони худро ба Эрон ва эрониён дар роҳи мубориза бо душманон ва ба даст овардани истиқлол аз даст намедиҳад. Набарди умед ва ноумедӣ дар "Соқинома" такрор мешавад, аммо ҳамеша умед ва паймон бар ноумедӣ пирӯз меоянд.

Агар шоир дар оғоз талабгори шаробе аст, ки ба ӯ беҳушӣ ва бехудӣ бубахшад, дар абёти зерин Баҳореро меёбем, ки бархурди хеш бозёфта ва ин бор аз соқӣ бодаи дигаре талаб мекунад, ки хосияти мутазод ба он майи пешин дорад. Ин шароб на шароби заиф, балки шароби қудратманд аст, ки пашаро қуввати фил мебахшад ва мӯри лоғарро чун паланг далер мекунад. Шоир сипас орзу мекунад, ки эрониён бо чунин шароб метавонанд базми майгусорӣ ва мастӣ кунанд. Шоир дар ин маврид ҳам таъкид мекунад, ки эрониён ҳушёр ва маст дар ишқи ватан бошанд:

Биёр соқӣ он бодаи хусравӣ,
Ки мағзи куҳан з-он пазирад навӣ.
Шаробе к-аз ӯ Коваи шерамард
Бинӯшиду шуд қаҳрамони набард.
Шаробе, ки Дорои аъзам аз ӯ
Бинӯшиду шуд ними олам аз ӯ.
Шаробе, ки ӯро ҳамовард нест,
Шаробе, ки ҷуз дархури мард нест.
Шаробе, к-зон пашша шерӣ кунад
Ва-зон мӯри лоғар далерӣ кунад.
Шаробе, ки дар сар наёрад даввор
Шаробе, ки ҳаргиз надорад хумор.
Ба эрониён деҳ, ки ёрӣ кунанд
Дар ин базмгоҳ майгусорӣ кунанд [2,869].

Инчунин "Соқинома" ё "Муғаннинома"-и Баҳор низ ранги ватанпарастона дорад. Талаби Баҳор аз мутриб ин хондани нағмаест, ки дар сарҳо шӯру бедорӣ меафканад. Ин нағмае аз ситоиши Эрон аст, ки оташи ишқи сарзамини ниёгонро дар дил зинда медорад. Дар ин ситоишномаи Баҳор бо ватани зебою тасарруфшуда аз ҷониби дигарон ва ба даврони шукӯҳманди таърихи ин сарзамин назар дорад. Аммо ёд овардан ва гиромӣ доштани он чеҳраҳои асотирӣ ва таърихӣ ба хотири нопойдории қудрат ва шиква аз ин ҷаҳон аст. Зикри шоир аз подшоҳон ва паҳлавонони гузашта дар ҳақиқат навъе фарохон аст. Ӯ Эронро мавриди хитоб қарор дода, мепурсад, ки аз чӣ рӯ сарзамине, ки родмардонро чун Ҳушангу Ҷамшед ва Коваи Оҳангар дар доман парварида буд, кунун ба шуҷоат ва созандагӣ муҳтоҷ аст:

Ҳуш он рӯзгори ҳумоюни мо,
Хуш он бахти пирӯзи маймуни мо.
Кунун рафт он шаст аз тири мо,
Намондаст ҷуз бод дар дасти мо.
Куҷо рафт он теғҳои бунафш ?
Куҷо рафт Коваву он дирафш ?
Куҷо рафт он Дорюши далер ?
Куҷо рафт Доро бини Ардашер ?
Далерони Эрон куҷо рафтаанд?
Ки ороиши мулк бинҳуфтаанд.
Бузургон, ки дар зери хок андаранд,
Биёянду бар хоки мо бигзаранд [2,869].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки Баҳор чун шоири тавоно бо эҷоди "Соқинома" бори дигар ошноӣ ва тасаллути худро бар суннатҳои зебои соқиноманависӣ дар адабиёти форсу тоҷик нишон додааст. Умумияти "Соқинома"-и шоир бо соқиномаҳои шоирони пешин ва ҳамасри ӯ пеш аз ҳама дар интихоби вазн, шакли шеърӣ, мавзӯъ ва хитоб ба соқист. Тафовути "Соқинома"-и Баҳор аз соири соқиномаҳо дар он аст, ки

бодае, ки шоир ба он ишора мекунад, на бодаи ирфонист. Шоир қолаби анъанавиро шикаста, ба он тобиши нави сиёсӣ мебахшад. Он дигар бодаи ирфонӣ набуда, бодаи сиёсист, ки вижагии ватанпарастона дорад. Мастие, ки Баҳор толиби он аст, аз табори дигарест. Он ранги замона ба бар кардааст ва саросар ишқи меҳан аст. Дарунмояи аслии соқиномаҳо маъмулан ранҷурию малулӣ аз нопойдории ин ҷаҳонро инъикос мекунанд. Баҳор ин ранҷурию малулӣ аз нопойдории ин ҷаҳонро ба ғами асорати ватан, ки таҳти тасарруфи бегонагон аст, табдил додааст. Шоир барои дармони он шаробе меҷӯяд, ки гоҳ такондиҳанда ва гоҳ барангезанда аст. Фурсат ва муддати умри Баҳор ба ӯ иҷоза дод, то дар боби муҳимтарин мушкилоти аср дар "Соқинома" сухансароӣ кунад.

А Д А Б И Ё Т:

1. Комёри Обидӣ. Ба ёди меҳан. –Теҳрон, 1376.
2. Муҳаммадтақии Баҳор. Девони ашъор. –Теҳрон, 1381.
3. Муҳаммадалӣ Сипонлу. Чаҳор шоири озодӣ. –Теҳрон, 1369
4. Мурғи саҳар (мурраттибон: Х.Шарофов, М.Нозимов). –Душанбе, 2006.
5. Парвини Шикебо. Шеъри форсӣ аз оғоз то имрӯз. –Теҳрон, 1373.
6. Сирус Шамисо. Сабкшиносии шеър. –Теҳрон, 1374.

ЗАМЕТКИ О «САКИНАМЕ» МАЛЕКОШШУАРА БАХАРА

Данная статья посвящена изучению «Сакинаме» выдающегося современного поэта Ирана М.Бахара. Рассматривая стилистические особенности «Сакинаме» автор одновременно проводит сопоставительный анализ данного произведения с «Сакинаме» Низами Гянджеви, великого поэта XII века.

Ключевые слова: М.Бахар, «Сакинаме», литература,Низами Генджави.

THE NOTES ABOUT: “SAQINAMA” MALIKUSHSHUARO BAHAR

The given article is devoted to learning “Saqinama” of the outstanding contemporary poet of Iran M.Bahar. Looking through the stylistic peculiarity of the “Saqinama” the author holds the comparing analysis of the given work with the XII century is well know poets Nizam Ganjavis “Saqinama”.

Key words: M.Bahar, “Saqinama”, literature, Nizami Ganjavi.

Сведения об авторе: ***Ниёзали Камбаров*** **-** соискатель Хорогского государственного университета им.М.Назаршоева

АРЗИШҲОИ ИНСОН БО ХУЛқИ ҲАМИДА

З.П. Иноятова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Роҷеъ ба шахсият ва эҷодиёти нависандаи дӯстдоштаи хонандагон фикру мулоҳизаҳо хеле зиёд аст. Фазлиддин Муҳаммадиев, чунонки худи осораш далолат медиҳад, аз байни халқ рӯйида ва дар тасвири иштирокдорони асараш бо забони ба хонанда наздик сухан меорост. Ҳатто тахайюлот, тасаввуроти ӯ ба дараҷае бо ҳаёт наздик аст, ки дар диду муоинаи аввал ҳама сухани одӣ ва мафҳум намо медиҳад, аммо чунон наздику гуворо аст, ки аз хондан хасташавиро эҳсос намекунед.

Мавзӯи аслии мо таҳқиқи ҷолибияти сухани ноқил аст. Вале ба як масъала-муколама ва тасвирҳои нависанда эътибор надодан гуноҳ аст. Аз ин рӯ, чанд мушоҳидаи худро оид ба ин масъала рӯйи коғаз овардаем. Сухан аз чанд мушоҳидаи адиб ба баёни воқеот меравад.

Маълум аст, ки кулли қаҳрамонҳои хаёливу воқеии асарҳои бадеии нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев одамони касбу кор ва синну соли гуногуни ҷомеаи «советӣ-сотсиалистӣ» буда, ҳамагӣ дар тасвири Ф. Муҳаммадиев бо шавқу завқ дар бунёди ҷомеаи «коммунистӣ» саҳм мегузоранд, ба «ояндаи дурахшони ватани сотсиалистӣ» боварӣ, умед ва эътимоди бепоён доранд, худро ашхоси хушбахти ҳама давру замон меҳисобанд. Воқеияти дигари ҳаётӣ ин аст, ки дигар сохти ҷамъиятие бо номи ҷомеаи сотсиалистӣ, ки дар он худи адиб зиндагонӣ мекард ва қаҳрамонони худро аз он ҷомеа интихоб карда меофарид, вуҷуд надорад, яъне бо барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ сохти ҷамъиятӣ бо номи ҷомеаи сотсиалистӣ низ барҳам хурд. Аммо тавре ки гузашти айём нишон дод ва сабақи таърих исбот кард, қимату арзиши бадеӣ, маънавӣ ва

ахлоқии қисса ва ҳикояҳои Ф.Муҳаммадиев то ҳанӯз кам нагаштаанд, илова ба ин бо боварии комил метавон изҳор кард, ки бо гузашти чанд садсолаи дигар низ қимат ва арзиши осори бадеии ин нависандаи нотакрор боло мераваду ҳаргиз паст намешавад. Зеро, тасвири воқеият тавъам бо хаёлоти адабӣ дар эҷодиёти нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев аз ҷанбаҳои пурқувват, ҷолиб ва фарқкунанда аз дигар нависандагони адабиёти даврони шӯравист.

Тахайюлот ва воқеият дар асарҳои бадеии Ф.Муҳаммадиев ба ҳам печида ба таври ноаён ва гоҳо ногузир дар ҳамоҳангӣ бо ҳам якдигарро пурратар мекунанд. Ин ҳамоҳангӣ (гармония) ба рафти воқеаҳои тасвиршаванда (сюжет), тасвири комили чеҳра (портрет), инъикоси хислату рафтор (характер)-и қаҳрамонони асар ҷаззобият илова карда, барои возеҳ ва нишонрас баён кардани ҳадафи аслии нависанда дар авҷи олӣ (кулминатсия) заминаи мусоид фароҳам меорад. Чунин услуби хоси нависанда қариб дар тамоми мавзӯъҳо: ҳам дар мавзӯи васфи ишқу муҳаббати поку самимӣ, ҳам дар мавзӯи тарғиби ватандӯстӣ, ҳам дар мавзӯи инъикоскунандаи дарду доғи аҳли ҷомеа ба таври фаровон истифода шудааст. Нависандаи некзамир тахайюл ва тасаввуроти пайомади накӯдоштаро ба воқеияти ҳаётӣ танҳо бо мақсади накӯ бо ҳам омехта (синтез), дар асл рисолати аслии эҷодкорро иҷро мекунад. Рисолатеро, ки моҳияташ тараннуми бартарии некӣ бар бадӣ, ситоиши рӯшанӣ бар зулмот, васфи ҳақиқат бар дурӯғ, баёни ногузирии садоқат ба хиёнат, авлавияти ҷавонмардӣ ба беномусӣ мебошад. Рисолате, ки адиб новобаста ба шароитҳои гуногуни сохти иҷтимоӣ ва муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ, ки ӯро иҳота кардааст, вазифадор аст ба анҷом расонад, вагарна навиштанҳову эҷод карданҳои беҳадаф ва берисолат ба дарди касе даво шуда наметавонад, чӣ расад ба тасвири мушкилу муаммои ҷомеаи инсонӣ, ки ҳазорсолаҳо инҷониб ҳал нашуда боқӣ мемонанд?!

Оид ба ҳунари нотакрор доштани Ф.Муҳаммадиев дар тасвири воқеият як пора аз ҳикояи «Савдои умр» барои намуна оварда мешавад: «Деги калони деҳаро, ки мардуми қишлоқ дар маросимҳои худ кор мефармуданд, ба хар бор карда, бо ресмон чорбанд карда буданд. Ҷавони дегро овардагӣ аз як гӯшаки он дошта меистод. Абдуллоҳ бо кушодани ресмон андармон шуд, аммо дар ин вақт хар аз ҷояш ҷунбида, ба сӯйи гулбуттаҳое, ки ба тозагӣ сабзида, акнун нашъунамо мекарданд, ҳаракат намуд. Дукаса сари харро ақиб гардонданд ва Абдуллоҳ дубора ба яла кардани ресмони дег машғул шуд. Боз хар ба тарафи гулзор равона шуда буд, ки бо халачӯби ғафси вазнин танбеҳ дода, ӯро аз нияташ баргардонд» [1]. Адиб бо истифода бурдани ҳамагӣ 5 ҷумлаи муқаррарӣ, 15 аломати китобатӣ бо иштироки ду нафар як манзараи воқеиро аз ҳаёти деҳоти тоҷик, ки дар он ду ҷавон мехоҳанд дегро аз пушти хар фароранд, хеле табиӣ, дилкаш, ҷаззоб ва ҳунармандона тасвир кардааст; бо хондани ин панҷ ҷумла манзараи тасвиршуда мисли навори кинои зинда аз пеши чашм мегузарад. Бар замми ҳунармандона ва возеҳу равшан инъикос кардани манзараи ҳаётӣ ҳамчунин ба таври муъҷаз, фаҳмо ва бе душворӣ ва ҳарфи зиёдатӣ баён кардани матлаби нависандаро мебояд алоҳида таъкид кард.

Дар баробари ҳамин адиб дар ҳикояи «Усто гараж» ҳолатеро тасвир кардааст, ки хонанда бе душворӣ ба он бовар мекунад: «Рӯзе дасти якдигаро дошта, бозикунон аз мактаб меомадем. Димоғам чоқ буд, димоғи Малика ҳам чоқ. Ба чӣ хаёл рафта, гуфтам, ки калон шавем, ману ту зану шӯ мешавем. Чӣ гуфтӣ?

- Кай калон мешавем? – пурсид вай дастама сар дода.

- Кай? Баъди се рӯз синфи дувума тамом кунем, - гуфтам. Дигар чизе гуфта натавонистам. Малика дар кунҷи портфелаш барои бозӣ доимо ду кило барин сангчаҳои рангоранг бардошта мегашт. Ана бо ҳамон портфели вазнин чунон кӯфт, ки варами чашмам баъди даҳ рӯз гашта бошад ҳам, кабудиаш то чиллаи тобистон нарафт» (2).

Табиист, ки хонандаи синфи дуюм ҳар рӯз ду килло сангро дар портфелаш ҳамроҳ бо китобу дафтар бардошта намегардад, кабудии зери чашм низ ду-се моҳ намемонад, лекин ин тахайюли адиб пайомади бад надорад ва танҳо барои пурратар кардани характери ду қаҳрамон: Малика, ки оташинмизоҷ аст ва соҳиби мошин, ки нармрафтор аст, истифода шудааст. Ин тасвири нависанда ба ҳикоя рангу бори ҳаҷвӣ бахшидааст ва дар жанри ҳаҷв навишта шудани ҳикояро таъкид мекунад.

Дар тамоми асарҳои нависандаи нотакрор Ф.Муҳаммадиев шарти ҳатмии эҷодкорӣ, яъне тараннум ва таблиғу ташвиқи арзишҳои волои инсонӣ ба таври намоён ба назар мерасад. Ҳикояи «Мактуби дӯст»[3] ҳанӯз соли 1959 бо услуби хос ва такя ба арзишҳои волои инсонӣ эҷод шуда, маҳз дар ҳамвазнӣ ва ҳамбастагии ҳақиқати воқеъӣ бо хаёлоти нексиришти адиб пешниҳоди хонанда шудааст. Ҳикояи мазкур дар шакли мактуб, (ба «жанр»-и нави журналистика мубаддалшуда) ҳамарӯза дар саҳифаҳои васоити ахбори омма ҳамчун номаи кушода ба нишонии роҳбарони сатҳи гуногун - аз раиси ноҳия сар карда то Президенти мамлакат фаровон дарҷ мегарданд, эҷод шудааст. Воқеан ҳам, то чанд даҳсола қабл навиштани нома амри маъруф буд. Табиист, ки ҳоло низ дар умури давлатдорӣ номаҳои хизматӣ, коргузорӣ, иттилоотӣ, табрикиву ҷашнӣ навишта мешаванд. Вале дар аксар ҳолатҳо таҳти мафҳуми нома беш ва пеш аз ҳама - номаҳои ошиқӣ дар назар дошта мешуданд. Ф.Муҳаммадиев низ ҳикояи «Мактуби дӯст»-ро ба шакли нома аз номи шахси сеюм Амон эҷод карда моҷарои ишқу ошиқӣ, арзишмандии меҳру муҳаббати пок, садоқат, боиффатӣ, номусдорӣ, ҷавонмардӣ, поксиришторо ба риштаи тасвир кашида дар хотима ҳатмӣ будани риояи одоби инсондӯстиву инсонпарастӣ ва одаму одамгариро таъкид кардааст. Аз як тараф «Мактуби дӯст» унвон кардани ҳикоя боиси ҷалб кардани диққати хонанда бошад, аз дигар тараф ин услуб ба адиб имконият додааст, ки суханони асосии муаллифи мактуб - Амон (муаллифи асар)-ро ба қаҳрамони асосии ҳикоя – Сорохон рӯйирости ошкор бигӯяд:

«… Дар ҳақиқат ҳамаи ин ҳангома барои чӣ буд? Ҳарчанд шумо аз ғуруру нози худ сармасту саргарм будед, наход ягон дақиқаи ҳушёрӣ наёфтед, ки ба кирду кори худ бо назари инсоф нигоҳ кунед? Медонам, баъзе занони хушрӯй тафовути зоҳириашонро аз дигарон як навъ ҳуқуқи иловагие дар ҳаёт мепиндоранд ва гумон мекунанд, ки агар дар орзуи онон чанд кас тамоми умр талош кунад ва ҳатто аз бахти худ бенасиб гарданд ҳам, меарзад...

Як бори дигар мегӯям, ки ҳар чӣ ки шуд, шуд. Лекин, хоҳишмандам, дигар бемулоҳиза кор накунед. Мақсад аз навиштани ин мактуб ҳам маҳз ҳамин буд. Ҳайдарҷонро акнун осуда гузоред. Телефон накунед, мулоқот наҷӯед, мактуб нанависед, бо ҳар кас салому паём нафиристед. Вай ҳам ба худ муносиб орзуҳо, ниятҳо дорад.

Агар ин мактуби ман ба рафтори минбаъдаи шумо таъсир нарасонад, фаҳмида монед, ба хотири дӯстии худ тадбири пуртаъсиртаре дарёфтан аз дасти ман меояд. Вай Ҳайдарҷон аст, ки дили олиҷаноби фақат ба накӯкорӣ қобил дорад. Ман ин хел нестам.

Гап ана ҳамин, Сорохон.

Бо эҳтиром Амон»[4]

Дар ҳикояи мазкур ҳаёти ду рафиқ, ки яке ҳамчун муаллим (Амон) ва дигаре ҳамчун сарагроном (Ҳайдарҷон) пас аз хатми мактаби олӣ дар яке аз колхозҳои Тоҷикистони шӯравӣ фаъолияти меҳнатии худро оғоз карда, ҳар ду якҷоя дар ҳавлие иҷора менишинанд, тасвир шудааст. Ҳам тарзи зисту зиндагӣ, ҳам тарзи корбарӣ, ҳам рӯзгори деҳотиён аз тарафи нависанда Ф.Муҳаммадиев ба услуби ҳақиқатнигорӣ тасвир шудааст. Дар ин раванд адиб ба тахайюл роҳ надодааст, аммо ҳангоми тасвири моҷарои ошиқии Ҳайдарҷон ва Сорохон бештар ҷанбаи тахайюлии адиб ба кор рафтааст. Чунончӣ, нависанда дар бораи ошиқиҳои Ҳайдарҷон чунин тасвир мекунад: «Он шахс бошад, шабҳои баҳорон так-таки девори кирмакхона мисли дузд оҳиста қадам мезад (Ҳайдарҷон дар назар аст – З.И.) ва ҳамин ки чашми роҳгузаронро хато кунонад, ба танаи лағжонаки сафедор часпида, ба болои қаровулхона мебаромад, ба рӯйи боми заҳ дароз мекашид ва то гузаштани посе аз шаб аз чеҳраи шумо, аз пайкари шумо чашм намеканд.

Ҳайдарҷон қариб ҳар шаб дар болои боми қаровулхона буд… Аксаран барфу борон ҳам ба назараш наменамуд. Бисёр мешуд, ки шумоён дар зери айвони ҳавлии хилвате, ки дарвозааш эҳтиёткорона занҷир карда шудааст, хандаю шухии худро давом медодеду Ҳайдарҷон пардаи тӯрини боронро бо нигоҳаш шикофта, ҳамчунон аз шумо чашм намеканд ва фақат ҳангоме ки то мағзи устухонаш нам кашида, атсааш меомад, аз тарси фош гардидан аз бом фаромада, мисли мурғи дар об афтода шилтаю шалпар шуда ба хонаамон бармегашт…» [5]

Табиист, ки нависанда ин ҳама «сӯзу дард»-и қаҳрамонашро дар пайравӣ ба нигорандагии адибони классикии адабиёти форсу-тоҷик эҷод карда, бештар ба тахайюлот роҳ додаст, аммо ин тахайюлот барои нишон додани самимият ва беолоиш будани ишқу муҳаббати Ҳайдарҷон сар задааст ва ба ҳусни ҳикоя ягон қубҳ ворид нашудааст. Илова ба ин адиб дар тасвири рафтори Сорохон нозукона ҳангомаҷӯ, ҳардамхаёл ва бевафо будани ӯро нишон додааст. Адиб аз он изҳори ҳайронӣ мекунад, ки Сорохон бо вуҷуди он ки худаш шавҳарашро интихоб кардааст, боз ба назди Ҳайдарҷон меояд, ба ӯ мактуб менависад, ӯро дар ҳолати ногувор мемонад ва ҳатто ба он мусоидат мекунад, ки шавҳараш Қодир бо Ҳайдарҷон муноқиша кунад. Ба ин тартиб адиб рафтори Сорохонро накуҳиш мекунад, ӯро барои садоқат доштан ва вафодор будан ба муҳаббати оилавӣ ҳидоят мекунад, балки аз ӯ тақозо мекунад, ки «дигар ҳар чӣ ки шуд, шуд» ва Ҳайдарҷонро ба ҳоли худаш гузорад, яъне беномусӣ ва хиёнат содир накунад.

Албатта, ҳангоме ки адиб чунин роҳи рости зиндагиро талқин мекунад, ҳафтод сол не, балки ҳазор сол ҳам аз эҷодиёти асараш гузарад, он қиммату арзиши худро гум намекунад. Гузашта аз ин ҳунари нотакрори Ф.Муҳаммадиев дар омезиш додани тахайюл ва воқеият барои навиштани асарҳои нав метавонад намунаи ибрат бошад.

Ҷозибаи қалами Муҳаммадиев Ф. дар он аст, ки ба муҳимтарин мавзӯъҳои адабиёт, яъне ахлоқи иҷтимоӣ рӯ меоварад ва паҳлӯҳои нав ба нави онро бо эҷоди як ҳикоя ба ҳикояи дигар, як асар ба асари дигар кушода медиҳад. Фазлиддин Муҳаммадиев адиби нозукбаён буда, бо сабки хосу тасвири пуробуранг дар асарҳояш масъалагузорӣ кардааст. Нависанда бисёр ҷузъҳои нозуки хислатҳои қаҳрамонҳои худро тасвир мекунад. Ӯ кӯшидааст, ки ахлоқи ҳамидаро тараннум кунад ва ана ҳамин чиз арзиши осори адибро боз ҳам волотар мегардонад. Фазлиддин Муҳаммадиев дар замони худ тавонистааст зисту зиндагӣ ва мушкилоти атрофиёнро бо ҳусну қубҳаш инъикос кунад, бо мақсаде, ки дигаронро аз торикиву ҷаҳолат бираҳонад ва нақши накӯе дар зиндагӣ гузорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб.- Ҷилди 1.- Душанбе: Ирфон.- 1978. -С. 256.
2. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб. -Ҷилди 1.- Душанбе: Ирфон.- 1978.
3. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб. - Ҷилди 1.-Душанбе: Ирфон.- 1978.
4. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб. - Ҷилди 1.-Душанбе: Ирфон.- 1978. -С.242.
5. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб.- Ҷилди 1. -Душанбе: Ирфон.- 1978.

ЧЕЛОВЕЧЕСКИЕ ЦЕННОСТИ И ПРИМЕРНОЕ ПОВЕДЕНИЕ

Фазлиддин Мухаммадиева относится к числу таких писателей советской таджикской литературы, которые в 60-е годы своим творчеством дали новый импульс развитию таджикского литературного языка. Произведения Ф.Мухаммадиева отличаются простотой языка, им присущ также тонкий своеобразный юмор, благодаря которым его произведения вызывали интерес самых требовательных читателей. В каждом своем произведении, даже в самом малом, писатель придает огромное значение человеческим качествам исходя из веских и весомых критериев ценности человека, сложившихся в народе, выработанных нравственным опытом многих поколений и отвечающих требованиям нашего общества.

Ключевые слова: Фазлиддин Мухаммадиев, таджикская проза, произведения, человеческие качества, человеческие ценности, ценности человека, нравственность.

HUMAN VALUES, AND EXEMPLARY BEHAVIOR

Fazliddin Munhammadiev among those writers of the Soviet of Tajik literature, which in the 60 years of his creative work gave a new impetus to the development of the Tajik literary language. Works F. Munhammadiev are simple language, they have also a subtle kind of humor, thanks to which it works arouse the interest of the most exigent readers. Each his work, even in the smallest, writer attached great importance to the human qualities based on a compelling and important criteria of a human value, established in the people developed ethical experience of many generations and meet the requirements of our society.

Key words: Fazliddin Munhammadiev, Tajik prose works, human qualities, human values, human values, morality.

Сведения об авторе:: ***З.П. Иноятова*** – соискатель Таджикского национального университета

НИГОҲИ ИҶМОЛӢ БА ЗИНДАГИНОМАИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ

О. Ш.Саидҷаъфаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи шеъри форсии асри XVII Ҳиндустон Соиби Табрезӣ аз мақоми барҷастае бархурдор аст. Ӯ аз бузургтарин шоирони сабки машҳур ба ҳиндӣ ба шумор меравад. Ному насаби пурраи вай Мирзо Муҳаммадалӣ ибни Абдурраҳим Соиби Табрезии Исфаҳонӣ аст. Падари Соиб, Мирзо Абдурраҳим, аслан аз Табрез буд ва ба табақаи тоҷирони бузурги Табрез дохил мешуд. Насрободӣ ҳам гуфтааст, ки «волидаш аз кадхудоёни муътабари туҷҷори Таборизаи Аббосободи Исфаҳон аст» [9, 218]. Азимободӣ падари Соибро «аз руасои Таборизаи Аббосободи Исфаҳон» гуфтааст [2, 883]. Манбаъҳо силсилаи насаби Соибро ба Шамсуддин Табрезии маъруф интисоб додаанд [6,1]. Муҳаммадалии Тарбият ва Забеҳуллоҳи Сафо низ ин қайди Азимободиро тақрир намудаанд [15, 347; 12, 489].

Падари Соиб аз ҷумлаи шахсоне буд, ки ба амри Шоҳ Аббоси Аввал аз Табрез кӯчида, дар Аббосободи Исфаҳон маскан ихтиёр карда буд. Соиб бародарзодаи Шамсуддин Табрезии Сонӣ маъруф, ки аз хаттотони бузурги аҳди худ ва мулаққаб ба Ширинқалам буд, ба ҳисоб мерафт.

Мувофиқи маълумоти муаллифи «Оташкада», Соиб дар Исфаҳон таваллуд ёфтааст [8,127]. Аммо дар «Наштари ишқ» омадааст, ки Соиб «дар Табрез мутаваллид шуда ва дар Исфаҳон парвариш ёфта» [2,883]. Муаллифи «Натоиҷ- ул- афкор» дар хусуси маҳалли валодати Соиб маълумот надода, фақат ҳамин қадар қайд кардааст, ки «Мирзо (Соиб- С. О.) дар доруссалтанати исфаҳонӣ нашъунамо ҳосил сохта» [5, 458]. Насрободӣ ҳам дар ин маврид чизе наоварда, танҳо дар ин хусус маълумот додааст, ки «дар овони шубоб ба Ҳинд шитофта …» [9, 218].

Муҳаққиқони муосир низ чун тазкиранигорон дар ин маврид назари мухталиф доранд. Аллома Шиблӣ ва Муҳаммад Аббосӣ, муаллифи муқаддима бар девони Соиб, монанди Азимободӣ бар ин назаранд, ки Соиб дар Табрез таваллуд ёфта, парваришу нумӯи худро дар Исфаҳон гирифтааст [10, 159; 14, 4]. Забеҳуллои Сафо ва Зоҳир Аҳрорӣ чун Озар маҳалли валодати Соибро Исфаҳон гуфтаанд [11, 489; 12, 1272]. Аммо дар ин маврид сухани худи Соибро метавон ҳамчун меҳвари ин мавзӯъ ба ҳисоб гирифт, ки гуфтааст:

Соиб аз хоки поки Табрез аст,
Ҳаст Саъдӣ гар аз гили Шероз (11, 489).

Таърихи дақиқи таваллуди Соиб ҳам дар ҳеҷ як аз тазкира ва осори муҳаққиқон қайд нагаштааст [4,27]. Забеҳуллоҳи Сафо, Ризозода Шафақ, Амирии Фирӯзкӯҳӣ ва Муҳаммад Бериёи Гелонӣ таърихи таваллуди Соибро, тахминан, ҳудуди 1010 ҳ. // 1599 нишон додаанд [8,120; 4, 28]. Таҳсилоти ибтидоиро Соиб дар зодгоҳаш, Аббосободи Исфаҳон аз падари худ ва, баъдан, аз Ҳаким Рукно, шоир ва олими маъруф, ки бо падари вай пайванди хешӣ дошт, ҳосил менамояд ва ҳамчунин, аз амми худ, Шамсуддини Табрезӣ ҳунари хаттотиро низ фаро мегирад [12,1273]. Шиблӣ қайд карда, ки Соиб таълими фанни шоириро аз Ҳаким Рукно, Масеҳи Кошӣ ва Ҳаким Шифоӣ ҳосил кардааст [10,159]. Ба гуфтаи Озар, Соиб дар зодгоҳи худ «нашъунамо ва касби камолоти суварӣ ва маънавӣ карда»- аст [38, 127].

Соиб соли 1036 ҳ. // 1625 дар оғози ҷавонӣ ва ибтидои шоирии худ, тахминан, дар 26- солагӣ тарки ватани маълуф менамояд ва сафари Ҳиндро пеш мегирад [4, 29]. Дар тазкираҳо сабабҳои тарки ватан ва озими сафар гаштани ӯ маълум нест. Аммо дар таҳқиқоти муҳаққиқони муосир онро бо озурдагиву ранҷидахотирии вай аз авзои муҳити Исфаҳон алоқаманд медонанд. Зоҳир Аҳрорӣ дар ин маврид мегӯяд: «Пас аз муддате, ба нисбати ғубори озурдагиҳое, ки аз муҳити зиндагӣ дар оинаи хотир ва қалби ӯ пайдо гардид, тарки диёр намуда, озими Ҳиндустон шуд. Дар ин хусус шоир ишорате ҳам кардааст:

Баландном нагардад касе, ки дар ватан аст,
Зи нақши сода бувад, то ақиқ дар Яман аст.

Дили рамидаи мо шиква аз ватан дорад,
Ақиқи мо дили пурхуне аз Яман дорад (3, 9).

Муҳаққиқон таърихи аз Исфаҳон ба Ҳинд сафар кардани Соибро дар ҳудуди солҳои 1034- 1036ҳ. // 1623- 1625 нишон додаанд. Алиакбари Деҳхудо дар ин хусус қайд менамояд: «Аз баъзе ғазалҳои Соиб чунин мафҳум мешавад, ки баъд аз муроҷиат ба Исфаҳон аз вазъи Эрон дилгир ва ранҷидахотир гардидааст ва аз ин сабаб ба хаёли сафари Ҳинд афтода, дар санаи 1036 ҳ. // 1625 аз Исфаҳон хориҷ шудааст ва ғазали зайл аз он ҷумла аст:

Тиллоӣ шуд чаман, соқӣ бигардон ҷоми зарринро,
Бикаш бар рӯйи авроқ хазон дасти нигоринро …
Ба ҷойи лаълу гавҳар аз замини Исфаҳон, Соиб,
Ба мулки Ҳинд хоҳад бурд ин ашъори рангинро (6, 1).

Аммо Забеҳуллоҳи Сафо таърихи мусофирати Соибро соли 1034 ҳ. // 1623 қайд кардааст [12, 1273]. Аз ин ҷиҳат, соли дақиқи хориҷшавии Соиб аз Эрон ва ё воридшавии ӯ ба Ҳиндро наметавон исбот намуд, дурусти назар дар ин бобат солҳои миёни 1034 ва 1036 аст, ки тахминӣ аст.

Насрободӣ қайд менамояд, ки Соиб ба Ҳинд рафта, аз Зафархон меҳрубониву навозишҳои зиёд ёфта буд [9, 218]. Аз ин маълумоти Насрободӣ бармеояд, ки аввалин маконе, ки Соиб дар Ҳинд онро барои сукунати худ ихтиёр карда буд, Кобул будааст. Зеро дар ҳамон айёме, ки ӯ ба Ҳинд ворид шуда буд, Зафархон ба дастури Ҷаҳонгир савбадори Кобул буд [1, 142]. Соиб, пас аз он ки ба шаҳри Кобул мерасад, мавриди пазироии хуши ин ҳокими илмпарвару шеърдӯст қарор мегирад. Зафархон то он ҳад нисбат ба Соиб эҳтиром дошт ки, ҳатто, дар шоирӣ худро шогирду пайрави вай меҳисобид [6, 1]. Муаллифи «Наштари ишқ» дар хусуси эҳтирому бузургдошти Зафархон нисбат ба шоирону суханварони дарбораш маълумот дода, аз ҷумла, қайд менамояд: «Фахраш ҳамин бас, ки мисли Мирзо Муҳаммадалӣ Соиби маликушшуаро аҳволи қадршиносӣ ва ҷавҳари зотии ӯ шунида, аз Исфаҳон ба Ҳинд омад ва чанд сол назди он марҳум истиқомат фармуд» [1, 143]. Азимободӣ, ҳамчунин дар хусуси қадрдонии зиёди Зафархон нисбат ба Соиб чунин мегӯяд: «Чун (Соиб- С. О.) ба савбаи Кобул расид, Зафархон, ки ба ниёбати падари худ, мусаммо ба Хоҷа Абулҳасани Турбатӣ, нозими Кобул буд, Мирзоро асири доми алтоф ва муқайяди силсилаи иноётизофи хеш намуда ва дар маротиби меҳмоннавозӣ мадориҷи қадрдонӣ дақиқае аз дақоиқ фурӯ нагузошт. Мирзо низ забон ба мадҳу санои хон мумиилайҳи кушуда, номи ӯро ҳаёти ҷовидонӣ бахшид» [2, 888].

Соиб вологуҳарии Зафархонро дарк карда, дар мадҳи вай қасоиди ғарро суруда, ҳамчунин дар чандин ғазали худ сипосгузорӣ аз ҳиммату қадрдонии вай менамояд [5, 79]. Зафархон бо он заковат ва дақиқафаҳмие ки дошт, дар тараққии бештари Соиб нақши бузург гузошта буд. Аз ҷумла, дар қасидае, ки матлааш ин аст:

Агар ба мор расам, санги мағзпардозам,
Ва гар ба мӯр расам, хотами Сулаймонам.

Соиб фахри зиёд аз он мекунад, ки маддоҳи Зафархон аст ва аз баҳри саховати вай доимо баҳравар мешавад. Дар ин қасида Соиб ошкоро маълум медорад, ки тавассути нуктагириву дақиқсанҷиҳои мамдӯҳаш сухани ӯ обу ранг ва қудрати зиёдтар пайдо кардааст ва ҳамчунин, дар абёти охири он мегӯяд, ки ба воситаи кӯшишҳои Зафархон ӯ ашъори парокандаи худро ҷамъоварӣ намуда, мудавван кунондааст:

Кулоҳгӯша ба хуршеду моҳ мешиканам,
Ба ин ғурур, ки мидҳатгари Зафархонам.
Зи навбаҳори сахояш чу қатрарез шавам,
Қасам хӯрад ба сари килк абри найсонам.
Ба фикри шуълаи рояш чу сурма ба ҷайб барам,
Чароғи Тӯр барорад сар аз гиребонам.
Ба васфи табъаш, агар тарзабон шавам, чи аҷаб,

Ки ҷӯшад аз қадами хома оби ҳайвонам …
Ҳуқуқи тарбиятро, ки дар тараққӣ бод,
Забон кучост, ки дар ҳазратат фурӯ хонам.
Ту пойтахти суханро ба дасти ман додӣ,
Ту тоҷи мавҷ ниҳодӣ ба фарқи девонам.
Ба рӯйи сафҳаи мадҳат, ки чашми бад марасод,
Кушуд дидаи шақ хомаи сухандонам.
Зи рӯйи гарми ту ҷӯшид хуни маънии ман,
Кашид ҷазби туаш лаъл аз раги конам.
Ту ҷон зи дахл ба ҷойи мисраъ маро додӣ,
Ту дар фасоҳат додӣ хитоби райҳонам.
Зи диққати ту ба маънӣ чунон шудам борик,
Ки метавон бавли мӯр кард пинҳонам.
Чу зулфи абёти ман парешон буд,
Надошт турраи шероза рӯйи девонам.
Ту ғунча сохтӣ авроқи бодабурдаи ман,
Вагарна хор наемонд аз гулистонам.
Ту мушт- мушт гуҳар чун садаф ба ман додӣ,
Чу гул ту зар ба сипар рехтӣ ба домонам.
Тариқи шукргузории ин ҳуқуқ ин буд,
Ки дар рикоби ту нақди равон барафшонам (14, 895- 896).

Дӯстиву ошноии Зафархон бо Соиб то охирин лаҳзаҳои истиқомати Соиб дар Кобул давом менамояд [12, 1274]. Мувофиқи нишондоди муаллифи муқаддимаи тазкираи «Оташкада», соли 1039 ҳ. // 1628 Зафархон бо амри Шоҳҷаҳон барои боздид бо вай ва қабули мансаби нав ба Бурҳонпур, ки шоҳ аз пайи лузуме он ҷо буд, меравад. Зафархон дар ин сафар Соибро низ бо худ мебарад [8, 121]. Соиб дар ҳамин сафар ба ҳузури Шоҳҷаҳон мушарраф мегардад ва дар пайомади ин дидор Шоҳҷаҳон Соибро мавриди иноёт ва алтофи худ қарор дода, ӯро бо мансаби низомӣ ва хитоби Мустаидхон мушарраф мегардонад. Аммо Азимободӣ ба ҳузури Шоҳҷаҳон бор ёфтан ва ба мулоқоти вай шарафманд гаштани Соибро на дар Бурҳонпур, балки дар Шоҳҷаҳонобод нишон додааст, ки ба ҳақиқат наздиктар аст. Ӯ дар ин хусус қайд менамояд: «Чун дар авоили ҷулуси аҳди салтанати соҳибқиронии сонӣ Шаҳобуддин Муҳаммад Шоҳҷаҳон, подшоҳи ғозӣ савбадории Кобул ба Лашкархон тағвиз шуд ва Зафархон ба утбабӯсии остони тақаддуси шоҳаншоҳӣ расид, Мирзо низ ҳамроҳи хони муизилайҳи ба сайри Ҳинд хиромида, дар шаҳри минусаводи Шоҳҷаҳонобод, ки дар он замон рашкфармои хулди барин ва ба ҳазорон зинату тазйин буд, ба шарафи мулозимати подшоҳи волоҷоҳ мустаид гардид ва ба мадади самовӣ ва имдоди ғайбӣ дар мавқафи истодаҳои пояи сарири салтанат ҷо ёфта, ба мансаби ҳазорӣ ва хитоби Мустаидхонӣ иззу имтиёз андӯхт …» [2, 888].

Танҳо баъд аз қабули мансабу хитоби мазкур, чун Шоҳҷаҳон ба азми сайр ба сӯйи мамолики Дакан равона мешавад, Соиб ҳам ҳамроҳи Зафархон дар рикоби вай ба тарафи Бурҳонпур раҳсипор мегардад. Соли 1039 ҳ. // 1628, ҳангоми дар Бурҳонпур будан, Соиб хабари ба Агра, ба суроғи фарзанд омадани падари худ, Мирзо Абдурраҳимро мефаҳмад [12, 1275; 4, 29]. Дар ҳамин макон ӯ бо падари мусофираш, ки новобаста ба синни пирӣ ва мушкилоти сафари дурудароз ба суроғ ва бозбурдани фарзандаш омада буд, вомехӯрад [2, 888; 5, 459]. Соиб дар Бурҳонпур қасидае муштамил бар 41 байт дар мадҳи Зафархон менависад ва дар абёти охири он аз мамдӯҳи худ иҷозаи бозгаштан ба ватанро мепурсад:

Ба дасти ҷазбаи чу дилҷӯйии ризои падар,
Зи Ҳинд сӯйи ватан мекашад гиребонам.
Кунун сари ҳама илтифотҳо он аст,

Ки як- ду сол диҳӣ рухсати Сифоҳонам.
Кушодарӯй кунӣ ҳамчу гул видои маро,
Шикастадил накунӣ пеши андалебонам.
Насиби шуълаи ҷавола бод хирмани ман,
Агар ба маҳзи расидан инон нагардонам (14, 896).

Аммо дар он ҳангом лаҳзаи мусоиди бозгаштани Соибу падараш ба ватани маълуфашон фароҳам нашуда буд ва се соли дигар рухсати муовидати онон таъхир шуд, чун мавкаби Шоҳҷаҳон аз Дакан ба тарафи мустақарулхилофаи Акбаробод раҳсипор мегашт ва Зафархону Соиб бояд дар рикоби шоҳӣ то маркази салтанат ҳамроҳ мерафтанд [5, 459]. Лаҳзаи рухсати бозгашт танҳо дар он сурат пайдо гардид, ки як сол баъд, соли 1042 ҳ. // 1631 дар Акбаробод Шоҳҷаҳон ба Зафархон мансаби ҳукумати савбаи Кашмирро месупорад. Дар натиҷаи бозгашти онон ба Кашмир, Зафархон Соибро ба сайру тамошои зебоиҳои Кашмир бурда, баъдан, ба вай рухсат медиҳад, ки ҳамроҳи падари худ ба Исфаҳон бозгарданд [2, 886]. Назари аксари тазкиранигорону муҳаққиқон дар мавриди соли ба ватан бозгаштани Соиб ба ҳамдигар наздик аст. Аз ҷумла, муаллифи муқаддимаи «Оташкада» қайд менамояд, ки Соиб ҳамроҳи падар ду сол дар Кашмир мемонад ва танҳо баъд аз таъхири дусола Зафархон ба онҳо иҷозати хориҷ шуданро медиҳад [8, 122]. Муҳаммад Аббосӣ ба нақл аз Ғуломалихони Озод қайд менамояд: «Дар он ҷо (Кашмир) Зафархон, агарчи ҷудоии ӯро бар худ шоқ медонист, хоҳ- нохоҳ, бинобар поси хотири ӯ, маблағе хатир бо савории полике ва дигар амтиа ва ақмиша ҳамроҳ кард. Мирзо дар Агра мулозимати падарро дарёфта, ба ватан муроҷиат фармуд. Ва дар ин хусус ғазале гуфта, аз он ҷост:

Хуш он рӯзе, ки Соиб, ман макон дар Исфаҳон созам,
Зи оби Зиндарӯдаш хомаро ратбуллисон созам» (6, 2).

Озар дар тазкираи худ қайд менамояд, ки Соиб дар Ҳиндустон бисёр наистода ва ба зудӣ ба Исфаҳон муовидат кардааст [8, 127]. Нишондоди тазкиранигори мазкур ба ҳақиқат рост намеояд, чун миёни тамомии соҳибони тазкира, ки дар хусуси шахсият ва ҳаёту фаъолияти Соиб маълумот додаанд, танҳо Озари Бегдилӣ нисбат ба Соиб суханони беэҳтиромона ва ба гуфти Амирии Фирӯзкӯҳӣ, муғризонаро раво доштааст [16, 1]. Ҷуз аз ин маълумоти нодуруст, ки аз нодидагириҳову ғаразҳои худи Озар маншаъ гирифтаанд, ӯ боз дар чанд ҷойи дигар нисбат ба Соиб суханони беэҳтиромонаву таҳқиромезро ба кор бурдааст, ки дар баробари шахсияте ҳамчун Соиб ин суханонро ғайр аз туҳмату буҳтон наметавон чизи дигаре унвон ниҳод [8, 127].

Мувофиқи нишондоди Азимободӣ, муддати истиқомати Соиб дар Ҳиндустон ҳафт солро дар бар мегирад [2, 886]. Аз муҳаққиқони муосир, Забеҳуллоҳи Сафо ва Амирии Фирӯзкӯҳӣ ҳам ин нишондоди муаллифи «Наштари ишқ»- ро истинботу ҷонибдорӣ кардаанд [12, 1273; 16, 74].

Соиб соли 1042 ҳ. // 1631 ҳамроҳи падар ба пойтахти Сафавия, шаҳри Исфаҳон меравад. Бо муовидат ба ватан, Соиб дигар ба Ҳинд барнамегардад ва то охири умр дар Эрон мемонад. Ӯ, агарчи қаблан дар қасидаи худ аз Зафархон иҷозати 1- 2- солаи баргаштан пурсида буд, дигар ба Ҳинд бозпас нагашт. Аммо, бо он ки пойи худро аз Ҳинд бурида буд, тавассути ашъори худ бо Ҳинду ҳиндустониён иртибототу муносиботро ҳамчунон барқарор медошт. Масалан, вақте Соиб дар Исфаҳон истиқомат мекард, аз он ҷо ғазале ба номи Ҷаъфархон, вазири аъзами Шоҳҷаҳон ба Ҳинд мефиристад, ки матлааш ин аст:

Дӯстонро ба эҳсон ёд кардан ҳиммат аст,
Варна ҳар нахле ба пойи худ самар меафканад.

Дар ивази он Ҷаъфархон ба арзи эҳтиром 5 ҳазор сила барои вай ба Исфаҳон мефиристад [110-Ғ, 2].

Ҳангоми иқомат дар Исфаҳон, Соиб ба дарбори Сафавия наздикӣ меҷӯяд ва мавриди иноятy эҳтироми салотини Сафавия ва аҳли дарбори онон қарор мегирад. Вуруди Соиб ба Исфаҳон муқорин бо давраи салтанати Шоҳ Аббоси Дувум (ё Сонӣ- С. О.) буд. Дар аҳди шоҳи мазбур иззату эҳтироми Соиб дар дарбори сафавӣ ба авҷи худ мерасад [4, 29]. Гупомӯӣ дар ҳамин мавриd маълумот медиҳад: «Нузҳаткадаи Ҳиндро хайрбод гуфта, рӯ ба доруссалтанати Исфаҳон ниҳод ва ҳамон ҷо рахти иқомат афканд ва мавриди навозишоти Шоҳ Аббоси Сонӣ гашта, ба хитоби маликушшуароӣ чеҳраи эътибор барафрӯхт ва модоми ҳаёт аз пешгоҳи салотини Сафавия сармояи иззату эҳтиром андӯхт» [5, 460].

Иззату эҳтиром ва мақому манзалати Соиб дар дарбори Сафавия то замони вафоти Шоҳ Аббоси Дувум боқӣ монд ва зиндагонии худро ба коми дил мегузаронид. Азимободӣ дар ин мавриd менависад: «… Ба Эронзамин боқии умр ба ҳузури салотини Сафавия бо эъзозу икром гузаронид … Дар замони Шоҳ Аббоси Сонӣ Мирзо Соиби марҳум хитоби маликушшуароӣ ёфт ва то ҳаёти он хидеви суханшинос ба коми дил зиндагонӣ намуд» [2, 888].

Соиб дар айёми истиқомати дубора дар Исфаҳон борҳо ба саёҳати билоди Эрон баромада буд. Аз ҷумла, ӯ шаҳрҳои Машҳад, Қум, Қазвин, Ардабил, Язд ва Табрезро сайр намуда, ҳатто, дар онҳо муваққат ҳам зиндагонӣ менамояд. Сафарҳои Соиб бояд қабл аз маликушшуароӣ ва мулозимати ӯ дар дарбори Аббоси Сафавӣ бошанд. Эҳтимол меравад, Соиб танҳо пас аз итмоми муддати сафарҳои худ ва ба анҷом расонидани сафинаи ёддоштии худ бо номи «Баёз», ки натиҷаи бардоштҳо аз сафарҳои ӯ буданд, бо дарбори Сафавия наздикӣ ҷуста бошад [8, 122].

Аммо мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, пас аз вафоти Шоҳ Аббоси Сонӣ ва ҷулуси Шоҳ Сулаймон, Соиб бар асари ин байт:

Иҳота кард хат он офтоби тобонро,
Гирифт хайли парӣ дар миён Сулаймонро,

ки онро пиромуни арздошти як қасидаи таҳниятӣ ба хотири ба тахт нишастани Шоҳ Сулаймон суруда буд, мавриди беэътиноиву беэҳтиромии ин шоҳ қарор гирифта, аз назари шоҳи мазбур меафтад ва шоҳ дигар то дами охири ҳаёти ӯ бо вай суҳбат наменамояд [2, 888- 889].

Азимободӣ дар мавриди ранҷиши Шоҳ Сулаймон бар асари байти боло менависад: «Чун подшоҳ навҷавон ва ба ҳусну ҷамол Юсуфи замон ва сулаймоншаън буд ва, иловаи он, Сулаймон ном дошт, аз истимои ин матлаъ аз Мирзо ранҷид ва то муддати салтанат бо Мирзо муколама нанамуд» [2, 889].

Аммо, муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Амирии Фирӯзкӯҳӣ, ки дар хусуси аҳволу осори Соиб таҳқиқот кардаанд, воқеаи мазкурро рад кардаанд ва иззату эҳтироми Соибро дар даврони шоҳи мазбур низ эътироф намудаанд [8, 122]. Забеҳуллоҳи Сафо низ воқеаи Соибу Шоҳ Сулаймонро рад намуда, ақида дорад, ки воқеаи мазкур асосе надорад. Ба ақидаи вай, дар замони ҷулуси Шоҳ Сулаймон ӯ ҳанӯз ин лақабро бар худ нагирифта буд ва баъд аз ҷулус низ то муддати муайяне бо номи Сафӣ хонда мешуд, на ин лақаби ифтихориаш [12, 1276]. Дар тазкираи «Оташкада» ҳам, ки муаллифи он дар мавриди Соиб суханони муғризонаву беэҳтиромонаро раво дидааст, воқеаи мазкур сабт нагардидааст. Агар ин воқеа дар ҳақиқат асос медошт, ба ҳеҷ ваҷҳ аз назари Озари Бегдилӣ, ки нисбат ба Соиб нуктагиру айбҷӯ буд, дур наменмонд ва ҳатман дар тазкираи вай зикр мегашт. Озар, баръакс, дар мавриди аҳволи Соиб дар ду ҷойи тазкирааш қайд менамояд: «Дар Исфаҳон муҳтарам буда ва аз Шоҳ Аббоси Сонӣ ва Шоҳ Сулаймон навозишот ёфта …» ва «Ба ҳар ҳол, замони ҳаётро ба иззат ва рифоҳ гузаронида» [8, 127]. Аз ин маълумоти муаллифи «Натоиҷ- ул- афкор» низ, ки мегӯяд: «Модоми ҳаёт аз пешгоҳи салотини Сафавия сармояи иззату эҳтиром андӯхт», воқеаи мазбурро

наметавон тасдиқ намуд [5, 460]. Дар ин маврид қайдҳои Насрободӣ муътамадтар хоҳанд буд, зеро ӯ муосири Соиб буд ва ҳангоми навиштани тазкираи мазкур ва, бегумон, баъд аз итмоми он низ Соиб дар ҳаёт будааст. Насрободӣ мегӯяд: «Подшоҳон ҳамагӣ ӯро муаззиз медоштаанд. Алявм дар Исфаҳон таваттун дорад ва умуми халоиқ аз суҳбаташ файзи вофир мебаранд» [9, 218].

Мақому манзалати Соиб дар назди шоҳону амирон ба дараҷае будааст, ки ҳар гоҳе мехоста, ба китобхонаҳои онон ворид мешудааст ва дар вуруди ҳамешагӣ ба ин хизонаҳои пурганҷи онон дасти расо доштааст. «Бе тардид, ҳеҷ як аз шуарои Эрон дар ҳаёти худ ба андозаи Соиб мақом ва маҳбубият надоштаанд ва мавриди таваҷҷуҳи подшоҳону риҷоли замон бад- ин поя, ки ӯрост, набудаанд» [8, 123].

Қайдҳои Насрободӣ марбут ба солҳои охири ҳаёти Соиб мебошанд ва нишон медиҳанд, ки Соиб дар авохири умри худ аз Исфаҳон берун нарафта, то охирин лаҳзаҳои ҳаёт дар ин шаҳр ба сар бурдааст. Ин ки мардум ба зиёрати Соиб меомаданд ва аз суҳбатҳои вай файзёбу баҳраманд мегаштанд, худ нишон медиҳад, ки Соиб дар авохири умри худ ё ба иллати пирӣ, ё ба хотири инзивову хилват аз муҳити дарбор худро кандааст. Забеҳуллоҳи Сафо дар ин маврид қайд менамояд: «… Ва то поёни аҳди он подшоҳ ва чанд соле аз даврони Шоҳ Сулаймон бизист ва дар ин муддат маҳзараш дар Исфаҳон маҳалли иҷтимои аҳли адаб ва омадушуди дӯстдорони сухан буд» [12, 1275]. Бериёи Гелонӣ низ қайд менамояд, ки Соиб дар синни 67- солагӣ мавриди бемеҳрии Шоҳ Сафӣ, яъне Сулаймони Сафавӣ қарор гирифта, то охири умр хилвату узлат ихтиёр менамояд [4, 29].

Таърихи вафоти Соибро тазкиранигорон соли 1080 ҳ, ки мутобиқ ба 1669 милодӣ аст, зикр кардаанд [2, 889; 8, 218; 5, 460]. Аммо баъзе муҳаққиқони муосир бар ин назаранд, ки ӯ соли 1081 ҳ. // 1670 даргузаштааст [12, 1275]. Назари тахминии дигар низ дар соли вафоти Соиб вуҷуд дорад, яъне соли 1086 ҳ. // 1675 [99, 29]. Ба қавли Озари Бегдилӣ, Соиб дар маҳаллаи Аббосободи Исфаҳон ва, мувофиқи нишондоди Сафо, дар боғи маъруф ба «Қабри оқо» мадфан карда шуд [8, 218]. Таърихи вафоти ӯро Мир Ғуломалии Озод чунин гуфта:

Андалеби нағмапардози фасоҳат, Соибо,
Рафт з- ин дунё ба сӯйи равзаи доруссалом.
Хомаи Озод иншо кард соли реҳлаташ,
«Булбули гулзори ҷаннат, Соиби оликалом» (2, 889).

Шогирди Соиб, Муҳаммадсаиди Мозандаронӣ, мутахаллис ба Ашраф, маъруф ба Ашрафи Мозандаронӣ, писари Муҳаммадсолеҳи Мозандаронӣ қитъаи зайлро дар таърихи вафоти устоди худ сурудааст:

Карда буд Эзад иноят хушнавису шоире,
Аз вуҷуди ҳар ду кардӣ ифтихор айёми мо.
Буд исму расми он Абдуррашиди Дайламӣ
В- ин Муҳаммад бо Алӣ буду тахаллус Соибо.
Он писар ҳамшираи Сайид Имоди хушнавис
В- ин бародарзодаи Шамсулҳақи ширинадо.
Шаҳри Қазвин аст аз иқболи он дорулкамол,
Кишвари Табрез буд аз нисбати ин арши мо.
Ҳар ду будандӣ ба ҳам чун сурату маънӣ қарин,
Ҳар ду будандӣ ба ҳам чун лафзу маънӣ ошно.
Иттифоқан, ҳар ду дар як сол бо ҳам муттафиқ,
Рахт барбастанд аз ин ҷо ҷониби дорулбақо.
Рӯй бо ман карду гуфт: «Ашраф, бигӯ таърихи он,
Чун туро буданд эшон устоду пешво».
Гуфтам аз иршоди пири ақл дар таърихи он:

«Буд бо ҳам мурдани Оқорашиду Соибо» (6, 2).

Таърихи мазкур мутобиқ ба 1081 ҳ. ва 1670 милодӣ аст.

Соибро муҳаққиқони муосир аз пуркортарин шоирони адабиёти форсӣ эътироф кардаанд. Азимободӣ қайд карда, ки «куллиёти ӯ ба 120 ҳазор байт мерасад» [2, 889]. Озар дар хусуси теъдоди абёти Соиб маълумоте надодааст. Вале Насрободӣ ҳам дорои 120 ҳазор абёт будани девони Соибро қайд кардааст. Ин ҷо бояд қайд кард, ки вақте Насрободӣ ин маълумои худро оварда буд, Соиб ҳанӯз дар қайди ҳаёт буд. Ин нишон медиҳад, ки миқдори абёти Соиб то охири ҳаёташ бояд аз 120 ҳазор зиёдтар шуда бошад. Ҳамин аст, ки маъхазҳо теъдоди абёти ӯро гуногун нишон додаанд: аз 80 ҳазор то 120 ҳазор ва, ҳатто, 200- 300 ҳазор [8, 122; 6, 2].

Куллиёт ва девонҳои Соиб ҳанӯз аз даврони ҳаёташ хаттотӣ шуда буданд. Феҳристи нусхаҳои муътабари хаттии осор ва девонҳои Соиб, ки дар Эрон, Туркия, Ҳиндустон ва Аврупо ба табъ расидаанд, дар муқаддимаи Муҳаммад Аббосӣ, ки бар «Куллиёт»- и Соиб пардохтааст, қайд гаштааст, ки он иборат аз 46 адад мебошад.

Аммо нахустин бор девони Соиб соли 1264 дар Ҳиндустон соли 1264 ҳ. қ. дар ҳудуди 40 ҳазор байт ба чоп расидааст. Баъдтар, дар Ҳиндустон шаш бори дигар девони Соиб ба чоп расидааст: соли 1871 дар Конпур, соли 1901 дар Лакҳнав, 1903 дар Лоҳур, 1906- дар Лакҳнав, 1912- дар Бамбай, 1919 дар Лакҳнав [14, 17].

Се девони Соиб, ки ҳар се бо хатти худи шоир, яке дар Теҳрон (офсет, бо муқаддимаи Амирии Фирӯзкӯҳӣ, чопи Анҷумани осори миллӣ, соли 1345), дутои дигар дар Карочӣ (ҳар ду бо муқаддимаи Мумтоз Ҳасан, соли 1971, яке бо хатти шикаста, дигаре бо хатти настаълиқ ва муҳри худи Соиб) ба чоп расидаанд [14, 22].

Дар феҳристи бойгонии шуъбаи дастхатҳои АИ ҶТ нусхаҳои мутааддиду гуногуни девони Соиб таҳти шумораҳои шартии 104, 1920, 401, 477, 2485, 318/ 4, 1722 вуҷуд доранд, ки қисме аз онҳо нусхаи комил ва қисми дигар нокомиланд. Нусхаи таҳти рақами 104 дорои 304 варақ буда, комил аст, нусхаи таҳти рақами 1920 дорои 238 варақ буда, нокомил аст, нусхаи 401- 185 варақ- комил, нусхаи 477- 346 варақ- нокомил, нусхаи 2485- 399 варақ- нокомил, нусхаи 318/ 4- 131 варақ, комил ва нусхаи таҳти рақами 1722 дорои 252 варақ буда, нокомил аст. Нусхаи таҳти рақами шартии 104, нисбат ба дигар нусхаҳо комилтар буда, марбут ба қарни XV11 милодӣ аст ва дар Моваруннаҳр ба табъ расидааст. Он бо хатти настаълиқ навишта шуда, шомили ғазалиёт, абёте аз «Воҷиб- ул- ҳифз» ва «Миръот- ул- ҷамол» ва ва дигар осори ӯ мебошад.

Ҳамчунин, дар феҳристи мазкур маҷмӯи ғазалҳои Соиб бо номи «Ғазалиёти Соиби Табрезӣ» таҳти рақамҳои шартии 340, 1201 (145 варақ), 1384 (290 варақ), 1484 (472 варақ), 4 (120 варақ), 1 (491 варақ), 547 (68 варақ), 2639 (210 варақ), 1529 (295 варақ), 641 (411 варақ), 1100 (191 варақ), 158 (353 варақ), 735 (141 варақ) мавҷуданд. Аз нусхаҳои мазкур шумораҳои 340, 1201, 4, 1, 158 ва 735 бенуқс буда, нусхахои боқимонда нокомил буда, авроқи онҳо дорои нуқсанд. Миёни ҳамаи нусхаҳои зикршуда нусхаи таҳти рақами 340, нисбатан, комилтар буда, аз 206 варақ иборат аст. Нусхаи мазкур бо хатти настаълиқ соли 1681 дар Моваруннаҳр навишта шудааст.

Дар Тоҷикистон маҷмӯаи ашъори Соиби Табрезӣ аввалин бор соли 1980 бо кӯшишу эҳтимоми Зоҳир Аҳрорӣ зери унвони «Соиб. Мунтахабот» дар нашриёти «Ирфон» ба табъ расидааст, ки дорои 639 ғазал ва 8 қасида мебошад (45). Зоҳир Аҳрорӣ, ҳамчунин, муқаддимае иборат аз 35 сафҳа бар маҷмӯаи Соиб пардохтааст, ки дар соибшиносӣ дорои аҳамият аст [3, 5- 41].

Аммо бояд эътироф кард, ки муҳимтарин нусхаи маҷмӯаи ғазалиёти Соиб маҷмӯаи бузурги мураттабсохтаи муҳаққиқи эронӣ, Муҳаммад Аббосӣ бо номи

«Куллиёти ашъори Соиб» мебошад, ки аз рӯйи нусхаҳои гуногуни муътабар соли 1361 ҳ. // 1941 дар нашриёти «Ҷавоҳирӣ»- и Теҳрон ба табъ расидааст. Куллиёти мазкур шомили 2885 ғазал, 10 қасида ва 66 рубоӣ аст (14).

Соиб, ҳамчунин, як маснавӣ бо номи «Қандаҳорнома» ё «Дар фатҳи Қандаҳор» дар баҳри мутақориб ба фармони Шоҳ Аббоси Сонӣ навиштааст [12, 1277]. Манзури Шиблии Нуъмонӣ аз маснавии размияи Соиб, аз эҳтимол дур нест, ки ҳамин «Қандаҳорнома» аст [10, 166]. Сафо, ҳамчунин, дар мавриди маснавии «Дар фатҳи Қандаҳор» сухан ронда, қайд менамояд, ки аксари муҳаққиқон маснавии зикршударо мутавассит донистаанд. Ин нишон медиҳад, ки Соиб дар ин маснавии худ ибтикороту таҳаввулоте накардааст [12, 1277].

Гузашта аз инҳо, Соиб аз маҷмӯи девонҳои худ ашъори гуногунро интихобан гулчин карда, онҳоро дар чанд маҷмӯаи алоҳида зери унвонҳои «Миръот- ул- ҷамол» (маҷмӯаи байтҳо дар сифати пайкари маъшуқ), «Ороиши нигор» (байтҳое дар мазомини оина ва шона), «Майхона» (маҷмӯае дар таърифи май ва майхона), «Воҷиб- ул- ҳифз» (мунтахаб аз матлаъҳои баъзе ғазалҳояш) гирд овардааст [12, 1277].

А Д А Б И Ё Т

1. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Наштари ишқ. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Ҷонфидо.- Ҷ. 1.- Душанбе: Дониш, 1981.- 386 С.
2. Азимободӣ Ҳусайнқулихон. Наштари ишқ. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Ҷонфидо.- Ҷ. 111.- Душанбе: Дониш, 1983.- С. 783- 1179.
3. Аҳрорӣ Зоҳир. Соиб. Мунтахабот. Бо муқаддимаи З. Аҳрорӣ. Мураттибон: З. Аҳрорӣ, Ш. Лоиқ.- Душанбе: Ирфон, 1980.- 703 с.
4. Гелонӣ Муҳаммад Бериё (Шайдо). Навоварӣ дар шеваи Соиб // Соиб дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Ба кӯшиш ва таълифи Муҳаммад Расули Дарёгашт.- Чопи аввал.- Теҳрон: Қатра, 1371.- С. 27- 41.
5. Гупомӯӣ Муҳаммад Қудратуллоҳ. Натоиҷ- ул афкор. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқи Юсуфбеги Бобопур.- Қум: Маҷмаи захоири исломӣ, 1387. - 837 с.
6. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо. Зери назари Муҳаммад Муин.-Абӯсаид- исбот.-Ҷилди 32.- Шум. Мусалсали 20.- Сод- зод - -Теҳрон: Сирус, 1330 ҳ. ш. - 405 с.
7. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Нақди адабӣ. Ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳо ва мабоҳиси наққодӣ ва баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон. Ҷилди дувум.- Теҳрон: Амири Кабир, 1369.- С. 405- 921.
8. Муқаддима // Озар Лутфалибек ибни Оқохон Бегдилии Шомлу. Оташкада.- Чопи сангӣ.- Ҷ. 1.- Бамбай, 1299.- 454 с.
9. Насрободӣ Мирзо Муҳаммади Тоҳир. Тазкираи Насрободӣ. Муштамил бар шарҳи ҳол ва осори қариб ҳазор шоири сафавӣ. Бо тасҳеҳ ва муқобалаи Ваҳид Дастгардӣ.-Теҳрон: Китобфурӯшии Фурӯғӣ, 1361.- 575 с.
10. Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Шеър- ул- Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Тарҷумаи Сайид Муҳаммад Фахр Доии Гелонӣ.- Ҷилди савум.- Теҳрон: Дунёи китоб, 1334.- 204 с.
11. Сафо Забеҳуллоҳ. Соиби Табрезӣ ва шеваи суханварӣ дар аҳди Сафавӣ // Соиб дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Ба кӯшиш ва таълифи Муҳаммад Расули Дарёгашт.- Чопи аввал.- Теҳрон: Қатра, 1371.- С. 489- 501.
12. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. Аз поёни қарни ҳаштум то авоили қарни даҳуми ҳиҷрӣ.- Ҷ. 5.- Бахши 3.- Теҳрон: Фирдавс, 1363 ҳ. ш.- С. 635- 1420.
13. Соиб. Мунтахабот. Бо муқаддимаи З. Аҳрорӣ. Мураттибон: З. Аҳрорӣ, Ш. Лоиқ.- Душанбе: Ирфон, 1980.- 703 с.
14. Соиби Табрезӣ. Куллиёт. Бо муқаддима ва шарҳи ҳоли шоир аз Муҳаммади Аббосӣ.- Аз рӯйи нусхаи хаттӣ ва чопии муътабар.- Теҳрон: Ҷавоҳирӣ, 1361 ҳ.- 971 с.
15. Тарбиятӣ Муҳаммадалӣ. Соиби Табрезӣ // Соиб дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Ба кӯшиш ва таълифи Муҳаммад Расули Дарёгашт.- Чопи аввал.- Теҳрон: Қатра, 1371.- С. 347- 353.
16. Фирӯзкӯҳӣ Карим Амирӣ. Дар ҳаққи Соиб // Соиб дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Ба кӯшиш ва таълифи Муҳаммад Расули Дарёгашт.- Чопи аввал.- Теҳрон: Қатра, 1371.- С. 1- 11.
17. Аббосӣ, Муҳаммад. Муқаддима ва шарҳи ҳоли шоир // Соиби Табрезӣ. Куллиёт.- Аз рӯйи нусхаи хаттӣ ва чопии муътабар.- Теҳрон: Ҷавоҳирӣ, 1361 ҳ.- С. 4- 25

КРАТКОЕ ЖИЗНЕОПИСАНИЕ САИБА ТАБРИЗИ

Саиб Табризи считается одним из выдающихся поэтов персоязычной литературы Индии XV1-XV11 вв. Родом он был из Табриза. Но, когда Сефевидский шах, Аббос 1 по политическим причинам объявил для своей страны новую столицу в Исфахане, и столица Сефевидского Ирана из Табриза была переведена в Исфахан, по приказу Шаха Аббаса вся верхушка дворца, элита и вельможы были выселены в новую столицу. Так как, отец Саиба, Мирза Абдуррахим считался великим купцом, он также был выселен вместе с ними. В молодости Саиб эмигрировал в Индию и, в течении небольшого времени, под покровительством Кабулского вельможы, Зафархана, приобрел славу и достиг высоких вершин, и

считался одним из наиболее значительных поэтов персоязычной поэзии не только двора Зафархана, но и всей Индии.

Ключевые слова: Саиб Табризи, персоязычная литература, Индия, газели, Зафархон, Исфахан, скитание, чужбина, тазкире.

BRIEF BIOGRAPHY SOIB TABRIZI

Soibi Tabrizi is considered one of the outstading poet of Persian literature of India in XV1- XV11 centuries. His origin was from Tabriz. But when Safavi' s king Abbos I with political reasons declared Isfahon new capital for his country. The capital of Iranian' s Safavies moved from Tabriz to Isfahon. With Shoh Abbos' s order all the top of court, eliets and magnates were evicted to a new capital. As his father was one of the mercantman, also transfered with the others.

Soib was immigrated to India and during some years under the petronage of Kobul' s magnate Zafarkhon gained fame and achieved high top and cosidered one of the significant poets of Persian prose not only in Zafarkhon' s court but in the whole India.

Key words: Saeb Tabrizi, literature, India, gazelles, Зафархон, Isfahan, wandering, foreign land, тazkire.

Сведения об авторе: ***Саидджаъфаров О.*** – докторант Таджикского национального университета

ТАРҶУМАҲОИ ҲАБИБУЛЛО ФАЙЗУЛЛО

Н.С. Шамсов
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Як қисмати муҳимми эҷодиёти Ҳабибулло Файзуллоро тарҷумаҳо ташкил медиҳанд. Шоир дар умри кӯтоҳи худ тавонист, ки аз осори адибони номвари русу халқҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳонӣ асарҳои зиёдеро ба забони тоҷикӣ тарҷума карда, дастраси оммаи васеи хонандагони тоҷик гардонад. Таҳсил дар Донишкадаи ҷаҳонии адабиёти Маскав ба номи Горкий (солҳои 1971-1973) ба Ҳабибулло Файзулло имконият фароҳам овард, то ба адабиёти ҷаҳонӣ жарфтар шинос гардида, намунаҳои беҳтарини онҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷума созад. Вале дар замони зиндагии шоир фаъолияти тарҷумонии ӯ ба хонандаи тоҷик, чунонки бояд, маълум набуд.

Дар панҷ маҷмӯаи замони барҳаёт будани шоир чопгардида танҳо достони «Ҷиҳоз»-и адиби рус Дмитрий Кедрин ҷой дода шудааст халос. Ҳамчунин, дар ин давра шоири тоҷик аз эҷодиёти Шоири халқии Қалмиқистон, лауреати Мукофоти давлатии ба номи М. Горкий Давид Кугултинов як силсила шеърҳоро тарҷума намудааст, ки бо номи «Эътиқод» дар шакли маҷмӯаи алоҳида ба табъ расидаанд.

Баъд аз вафоти фоҷиавии шоир бо кӯшишу эҳтимом ва талошҳои боровари адиб ва рӯзноманигор Шоҳҳайдар Ёдгорӣ соли 1987 тарҷумаҳои Ҳабибулло Файзулло таҳти унвони «Армуғон» (ҷилди 2) ба чоп мерасад, ки аз заҳмати пурсамар, завқи баланди тарҷумонӣ, табъи саршор ва ҷуръати баланди адиб башорат медиҳад. Ин китоб тарҷумаи 91 шеър, 1 достон ва 2 драмаро дар бар гирифта, бозгӯйи фаъолияти понздаҳсолаи тарҷумонии шоир мебошад. Баъдтар ин тарҷумаҳо дар Куллиёти адиб (ҷилдҳои 12-13) ҷой дода шудаанд.

Дар бораи фаъолияти тарҷумонии шоир Шоҳҳайдар Ёдгорӣ чунин гуфтааст: «Касе ки Ҳабибулло Файзуллоро дида, бо ӯ шиносоӣ дошт, медонад, ки вай ҳамеша серташвишу аз пайи иҷрои коре банд буд. Хуллас, ҳама супоришҳо барои вай муҳим ва бадеҳатан иҷрошаванда буданд. Яъне, ӯ бо он серташвишию назарногир ва одӣ буданаш корҳои зиёдеро ба сомон расонида, аз худ мероси зиёди тарҷума ҳам боқӣ гузоштааст» [5,4]. Инчунин, оид ба фаъолияти тарҷумонии Ҳ.Файзулло адабиётшинос Ю. Акбарзода низ қайдҳои ҷолибе дорад [1].

Табиист, ки ному осори сардафтари адабиёти классикии рус А.С. Пушкин хусусан, шеърҳои дардошною муассир ва олами афсонаҳои сеҳрангези ӯ барои ҳар як хонандаи тоҷик шинос ва гиромӣ мебошад. Аксари адибони тоҷик аз М.Турсунзодаю Б. Раҳимзода ва М. Қаноат то адибони ҷавони тоҷик кӯшидаанд, ки аз эҷоди дарёсони пурталотум ва хушгавҳари ин шоири номвари рус ба забони тоҷикӣ намунаҳои мақбулеро баргардон кунанд. Ҳабибулло Файзулло аз ашъори А.С. Пушкин се шеър: «Ёд дорам лаҳзаи ширини умр», «Ашк» ва «Силаҳшӯри шикаста»-ро тарҷума намуда, кӯшидааст, ки дар онҳо ҳам шакли чаҳорпораи шеърӣ, ҳам образҳову тасвироти

дилпазири шоири бузурги рус хеле хуб нигоҳ дошта шаванд. Дар шеъри «Ёд дорам лаҳзаи ширини умр» шӯру шавқи ошиқ тараннум гардида, вазъи ҷавонон дар ин лаҳзаи умр бо тарзи шевои ифода, сӯзу гудози амиқ ва эҳсоси дардбори шоирона ифода гардидааст:

Я помню чудное мгновенье,
Передо мной явилась ты,
Как мимолётное виденье,
Как гений чистой красоты (9, 88).

Ҳабибулло Файзулло дар тарҷумаи он дар баробари аз пайи ҳифзу истиқлоли шакл дар шеъри русӣ рафтан бо риояи ҳамбастагӣ ва пайванди низоми ҳамоҳангсозӣ дар шеър муҳаббати ҷонсӯз, таассуфи беҳад ва дидори деринтизорро ҳунармандона баргардон намудааст:

Ёд дорам лаҳзаи ширини умр,
Пеши чашмам ногаҳон пайдо шудӣ.
Чун шабаҳ бигзашта аз паҳлӯи ман,
Бар ҷамолат ҷону дил шайдо шудӣ (13, 318).

Мутарҷим «рӯзҳои сарду тираи ғамолуда», «зиндагии талху бемақсуд» ва рӯзҳои «бе сиришку бе суруди ошиқӣ»-и қаҳрамони лирикии А.С. Пушкинро баръало тасаввур намуда, дар олами поку мусаффои муҳаббат сабру тамкин ва бурдбориро дар ҷои аввал мегузорад. Дар тарҷумаи ин шеър шакли ифода, тарзи биниш ва воситаҳои тасвир дар ҳамбастагӣ ба ҳаракат даромада, имкониятҳои бадеии муассирӣ ва ҳаяҷонбахшии шеърро мукаммалтар гардонидаанд.

Шеъри «Силаҳшӯри шикаста»-и А.С.Пушкин дар бораи ҷавонмарди саворае нақл мекунад, ки дар набарди хунин шаҳид гаштаасту аспи вафодори ӯ аз назди ҷисми хунолуд ва ханҷару ҷавшани шикастаи соҳибаш дур намешавад ва шеҳаи ҳазину пурғуссаи асп тамоми даштро фаро гирифтааст. Ҳабибулло Файзулло дар тарҷумаи ин шеър қолиби мусалласро интихоб намуда, дар 12 банди семисраъгӣ манзараи мудҳиш ва ғуссабори марги сарбозони сабораро бо тарзи қофиябандии ааб ввб ггд еед ёёж ззж ва амсоли инҳо тасвир кардааст. Тавре ки аён гардид, чунин тарзи қофиябандӣ хеле ҷолиб буда, мисраъҳои сеюм ва ё ҷамъбастии бандҳои ҷуфт(1- 2, 3-4, 5-6, 7-8, 9-10, 11-12) бо ҳам ҳамқофия мебошанд. Таъбирҳои шоиронаи «ҷилваҳои шафақ», «водии тираву хомӯш», «пар кашидани туман», «абрҳо чодар кашидан», «ҷавшану пайкони шикаста», «барқи андӯҳи чашмони асп», «чашми хунгирифтаи афлок», «шеҳаю оҳи ҳазин», «садои устухонҳо», «ёли парешони асп», «доми тақдир», «ҷор задани шамол» ва амсоли инҳо ба тарҷумаи шеър ва шаҳомати ашёи тасвир, ба драматизми баланди эҳсос ва ифодаҳои лангардор, тасвирҳои тозаи завқӣ мусоидат намудаанд. Дар чунин ҳолатҳо гӯё Ҳабибулло Файзулло бо А.С. Пушкин дар ифодаи маънӣ ва услуби тасвир ҳамроҳ мегардад:

Ба рӯйи тепа аспи паҳлавон аст,
Ба чашмаш барқи андӯҳе аён аст,
Сари худро бичунбонад ба такрор.
Занад бар санг наъли оҳанинро,
Ба шеҳа сар диҳад оҳи ҳазинро,
Ба ҷавшан бингарад аспи вафодор (13, 319).

Дар тарҷумаи ин шеъри шоири рус Ҳабибулло Файзулло он қадар ба қаъри идроки маъюсӣ ва ғуссаи аспи сарбоз фурӯ рафтааст ва ончунон қолиби хушзарби ритмиро дилчаспу бомавқеъ истифода намудааст, ки шеър чун эҷоди хоссаи шоири тоҷик ба назар мерасад. Ин шеър беихтиёр ду шеъри машҳури шоирони маъруф: «Гули Бодом»-и М.Қаноат ва «Асп»-и Бозор Собирро пеши рӯ меорад.

Тарҷумаи шеъри «Силаҳшӯри шикаста» образи аспро дар назми муосири тоҷик боз ҳам такмил додаст. Ҳ. Файзулло кори тарҷумониро як қисми муҳимми кори эҷодии худ шумурда ҳама вақт ба инкишофу равнақи он ва тарҷумаи асарҳои нав ба нави бадеӣ аҳамияту эътибори ҷиддӣ медод. Натиҷаи ин аст, ки аз осори гаронбаҳои адиби дигари номвари рус М.Ю. Лермонтов низ шаш шеърро бо номҳои «Офтоб», «Аҳсан», «Абр», «Олами хеш», «Зиндагӣ» ва «Соя» тарҷума намуда, тавассути ин шеърҳои хурди лирикӣ анъанаю тарзи шевои ифода ва пайванди ҳамоҳангиҳои шеъри тоҷикию русиро нишон додаст.

Мавриди таъкид аст, ки тамоми шеърҳои тарҷума намудаи Ҳ. Файзулло аз рӯйи шумораи бандҳою байтҳои шеърӣ бо миқдори ҳамгунаи нусхаҳои асл баробаранд. Шеъри «Офтоб»-и М.Ю. Лермонтов аз ду банди чаҳорпора иборат аст:

Как солнце зимнее прекрасно,
Когда бродя меж серых туч,
На белые снега и напрасно
Он кидает слабый луч!.. (6, 211)

Дар тарҷумаи он тахайюли баланди шоирона бо биниши бадеӣ ва тасвири пурвусъат якҷо гардида, воҳиди яклухти маъноии лирикиро ба вуҷуд овардаанд:

Ба мисли офтоби фасли сармо,
Ки байни абрҳои тира бошад.
Ба рӯйи барф гӯё гоҳ – гоҳе
Барояд, нурҳои хира пошад (13, 320) .

Ҳасрату пушаймониҳо, таассуфу худафрӯзиҳои дершуда ва бенатиҷа дилҳои сардро дигар ҳарорат бахшида наметавонанд,- ҷамъбаст месозад шоири рус дар банди охирини шеърӣ ва ин маъно дар тарҷума бо тамоми фасеҳӣ ифода ёфтааст.

Ҳ.Файзулло шинохту интихоб ва баргузидани асари бадеиро дар тарҷума аз роҳи завқу табъ ва илҳом мепаймуд ва он ашъореро баҳри тарҷума мепазируфт, ки ба диду иштиёқ ва ҷаҳони ниёзҳои ӯ мутобиқ бошад. Дар шеъри «Аҳсан»-и Лермонтов ҳамин манзараи диду иштиёқ ва завқи хештанро мушоҳида намуда, онро бо услуби рехта ва тасвири пуркудрат, басо нодирона баргардон намудааст. Ифодаи шоири рус дар нусхаи асл чунин аст:

За всё, за всё тебя благодарю я:
За тайные мучения страстей,
За горечь слёз, отраву поцелуя,
За месть врагов и клевету друзей (6, 300).

Дар тарҷумаи ин шеър Ҳ. Файзулло тавонистааст, ки маънӣ ва тасвирро дар сатҳи баланди табъи муаллифи шеър бигӯяд ва ин садои дили ҳассос ва бузургест, ки дар интиҳо бахшандаи гуноҳҳо ва пайгири ормонҳои навин мебошад:

Ба ту аҳсан бигӯям ҷовидонӣ,
Барои рози пинҳон дорамат дӯст.
Барои заҳри бӯса, баҳри ашкам,
Барои қасди душман, тӯҳмати дӯст (13, 322).

Дар шеъри «Абр» М.Ю. Лермонтов фалсафаи нозуки зиндагӣ-васлу фироқ ва вафою бевафоиро бозтоб намуда, тавассути тасвири манзараи табиат эҳсосоти худро оид ба абру кӯҳ, пайванди кӯтоҳу ҷудоии онон ва таровати хотирмони аз даст рафтани муддао бо нигориши мушоҳидаҳои зебои шоирона ба қалам додаст:

Ночевала тучка золотая,
На груди утёса великана,
Утром в путь она умчалась рано,
По лазури весело играя (6, 321).

Дар тарҷумаи ин шеър низ Ҳ. Файзулло аз нигоҳи завқ ва муқтазои ҳолат даст задаст, зеро дар осори шоири тоҷик низ тасвири рангҳои диёр манзару маснади илҳом ва ифодаи кайфияти баланди эҷодӣ мебошад. Маҳз бо ҳамин диди баланди зебоипарастӣ ва тозакориҳо ин шеър чунин баргардон шудааст:

Дидам андар домани кӯҳпорае
Шомгаҳ чун тифл абре хуфта буд.
Субҳдам аз хоби худ бархоста,
Бар канори осмон пар мекушуд (13, 321).

Боиси тазаккур аст, ки М.Ю. Лермонтов ба ин шеър «Утёс» ном ниҳодааст ва онро хеле барвақт шоирони шинохтаи тоҷик Ҳ.Юсуфӣ ва Б. Раҳимзода, яке бо номи «Харсанг» ва дигаре таҳти унвони «Кӯҳпора», тарҷума намуда буданд.

Дар мавриди ин тарҷумаҳо адабиётшинос Ҳамроҳ Шодӣ чунин андеша дорад: «Утёс-великан»-ро на «харсанги калон» (чунон ки Юсуфӣ гуфтааст) ва на «кӯҳпораи паҳлавон» (чунон ки Раҳимзода гуфтааст), балки «кӯҳпораи бузург», «кӯҳпораи азим» тарҷума кардан беҳтар буд. Ба ҷуз ин Лермонтов дар шеъри худ кӯҳпораро зинда кардааст, ба он рӯҳ дамондааст, ки дар тарҷумаҳо ин сифат дида намешавад. Дар банди

дуюм Раҳимзода боз ҳам фикрро баракс дарк карда, нами аз абр дар оҷингҳои санг мондаро натиҷаи «сиришки ғами беканор» фаҳмидааст ва саҳв кардааст» [15, 65].

Тарҷумаи Ҳабибулло Файзулло, ба андешаи мо, аз камбудиҳо орист. Ин шоир номи шеърро эҷодкорона дар тарҷума «Абр» ниҳода, рӯҳи баёни мушаххаси аслро нигоҳ доштааст ва дар ифодаи маънои образнок низ ҳунарнамоӣ карда, мисли Лермонтов ба кӯҳ рӯҳ дамонда, онро зинда кардааст ва муносибати абру кӯҳи бузургро дар миёни ҳаводиси табиат хеле нишонрас ва ҳадафманд ҷилвагар сохтааст:

Дар ҷабини кӯҳ лекин ёдгор
Як-ду қатра ашк афшонду гузашт.
Ғарқ дар андешаҳо кӯҳи бузург,
Абр дорад гиря бар болои дашт (13, 321).

Аз ин тарҷумаи хушоянд бармеояд, ки Ҳ. Файзулло бо амри дилу муҳаббати хос ба ин кор шуғл варзида, бо донишмандию фарохназарии худ дилбастагӣ ва эътиқодмандиашро ба адабиёти мазмунан беканору пурғановати рус собит намудааст.

Ҳ. Файзулло аз эҷодиёти С. Есенин ду шеър: «Мактуб ба модар» ва «Ёси Хуросон»-ро баргардон намудааст. Дар ин тарҷумаҳои хотирмон як умумияти эҷодии шоирони тоҷику русро метавон мушоҳида намуд. Ба гуфти З.Мирзоев, «Дар порчаи зайли шеъри Есенин дар муқоиса бо шеваи нигориши Ҳабибулло як пайванди хосеро метавон мушоҳида кард:

Фасли баҳорон
Дар бешазорон
Бишкуфта ёсе
Чун зулфи ёрон.
Бар зулфи майса
Гашта дурахшон.
Чун гӯшвори
Соҳибҷамолон (13,325).

Ҳамин пайванд бо фарҳанги русӣ бо шеваи нигориши шоире, ки ним аср қабл дар сарзамини дигар зиндагӣ кардаасту ишқ варзидааст, бар асоси як зеҳни фавқулодда, биниши ғайриодӣ ва самимияту дарде доштан сурат гирифтааст» [8, 40].

Дарвоқеъ, ин шеърро барои тарҷума интихоб намудани Ҳ.Файзулло беҳуда нест. Ҳарчанд ин шеър дар тавсифи бешазорони оростаю табиати нотакрори кишвари паҳновари Россия эҷод шуда бошад ҳам, аз он бӯйи маргзори Машриқ меояд:

Баргу гули ёс, Дар кишвари ман
Ёси Хуросон. Аз номи Машриқ
Ҳастед чанде Овардаӣ ту
Дар Рус меҳмон. Пайғоми Машриқ (13,325).

Шеъри «Мактуб ба модар»-и С. Есенин ифодагари умри пурэҳсосу дарроки шоирона ва чун барқ дурахшону кӯтоҳи ӯст, ки дур аз канори модар, ғарқи олами баду неки инсонӣ пазмони бӯйи хушу бағали гарми модари деринтизор гаштааст:

Ты жива ещё моя старушка?
Жив и я. Привет тебе, привет!
Пуст струится над твоей избушкой
Тот вечерний несказанный свет.
Я вернусь когда раскинет ветви
По весеннему наш белый сад.
Только ты меня на рассвете
Не буди, как восемь лет назад (3, 164-165).

Ин шеър аз нуҳ банди чаҳорпора иборат буда, дар тарҷумаи Ҳ.Файзулло шакли ифода пурра риоя гардида, дар маҷмӯъ рӯҳи аслии асар ҳифз ва ягонагии шакли ифодаву мазмуни воҳид таъмин шудаанд:

Ту ҳоло зиндаӣ, эй модари пир?
Саломат ҳастаму гӯям саломат.
Бимон, ки офтоби бахту умед
Ҳамеша нур пошад рӯйи бомат.
Ба наздат меравам фасли баҳорон,
Ки боғ аз гул ниҳад бар сар кулоҳе.

Макун бедор чун айёми тифлӣ,
Маро аз хоби ширин субҳгоҳӣ (13, 324) .

Дар ин шеър Ҳ. Файзулло ба ҷаҳони андеша ва тафаккури баланди адиби рус ворид шуда, онро ҳамчунон рангину дилрабо, пурэҳсосу самимӣ ва шевою хотирнишин ба камоли маърифати бадеӣ ба хонанда расонидааст. Бояд қайд намуд, ки дар эҷодиёти худи Ҳабибулло Файзулло низ шеърҳои зиёде аз қабили «Модар», «Шаби модар», «Рӯ ба рӯйи сурати модар», «Шири модар», «Дуои модари тоҷик», «Ғуссаи модар» ва чанде дигарон ба ин мавзӯи ҷовидонӣ бахшида шуда, тавассути он муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти инсонӣ мавриди таваҷҷуҳи хонандагон қарор дода шудаанд, ки ба андешаи мо, ба онҳо Модарномаи Есенин таъсир ва рӯҳи муассирии бештаре бахшидааст.

Мавриди таъкид аст, ки шеъри «Мактуб ба модар»-и С. Есенин аз тарафи шоири дигари тоҷик Бозор Собир низ тарҷума гардида, дар маҷмӯаи ба тоҷикӣ баргардоншудаи адиби рус таҳти унвони «Гулафшон» [4,50-51] чоп гардидааст. Агар мисраи «В старомодном ветхом шушуне»-ро Бозор Собир «Куртаи кӯҳнаи рустоӣ ба тан» тарҷума намуда бошад, Ҳ. Файзулло ин мисраъро дар банди аввал «Ба тан пероҳани сабзи қадима» ва дар банди охирини тарҷумаи шеър «Мапӯш он куртаи сабзи қадима» баргардон намудааст. Тарҷумаи ҳарду шоир дар банди хотимавии шеър хусусияти тасаллобахши ҷамъбастӣ дошта, онон кӯшидаанд, ки эҳсосоти баланди адиби русро дар мавриди ҳамдилию ҳамсадоӣ бо модари азизу арҷманд бо салиқаи баланд баргардон намоянд.

Ҳабибулло Файзулло дар тарҷумаи ашъори ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ бахшида низ маҳорати баланд нишон додааст. Шеъре, ки Ҳ. Файзулло аз эҷодиёти шоири инқилобии рус В.В. Маяковский тарҷума намудааст, «Охирин саҳифачаи Ҷанги гражданӣ» ном дошта, бо хусусияти хоси интихоби вазну қолиби шеърӣ, нигаҳдошти рӯҳияи баланди инқилобию зафарпешагӣ ва ҳамоҳангии эҷодии ҳарду шоир аз дигар тарҷумаҳояш тафовути хосса дорад. В. Маяковский ба аскари сурхи мамлакат муроҷиат намуда, далерию шуҷоат ва садоқату муҳаббати вайро нисбат ба табақаи меҳнаткаши ҷомеа-коргару деҳқон борикбинона ба тасвир гирифтааст:

Слава тебе, краснозвёздный герой!
Землю кровью вымив, во славу Коммуны
к горе зашедший твердынями Крыма (7, 49).

Ҳ. Файзулло бо интихоби вазни мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур, ки ба он чун «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ҷангномаҳо суруда мешаванд, тавонистааст, ки дарунмояи шеъри ин шоири инқилобии русро ба хонандаи тоҷик ҷолибу таъсирбахш ва мутантан пешкаш намояд. Ҳамчунон бо мақсади таъсирбахшу тантананок ифодаёбии матолиби шоири рус ҳар мисраи тарҷума ба байт, яъне ду сатр ҷудо карда шуда, мухотаб дар онҳо оҳанги мисраъҳоро қавӣ гардонидааст:

Шараф бар ту,
Эй қаҳрамони Ватан!
Ки шустӣ заминро
Ба хуни адӯ.
Ба ҳифзи Камун
Ҳамчу кӯҳи Қрим
Ба душман чу гаштӣ
Саҳар рӯ ба рӯ (13, 326) .

Дар тарҷума маҳорати суханофарии Ҳ. Файзулло басо мувофиқ зуҳур намудааст. Ҳар як калимаю ибора ва ифода беосебу бехалал, мафҳуму нишонрас баргардон шуда, мақсади асосии шоири рус ва ҳадафи сиёсии ӯ бармало ифода гардидааст. Шоири тоҷик тавассути дар як байт истифода кардани рукнҳои фаӯлун, фаӯлун, фаӯлун, фаӯл (ё фаал), аз як ҷиҳат, услуби офариниши Маяковскийро нигоҳ медорад, аз ҷиҳати дигар, ба шеър оҳанги марғуби тоҷикӣ мебахшад:

Ба ту
Лашкари Сурхи истoрадор,
Ҷаҳон чашми ҳайрат
Зи ҳар сӯ кушод.
Ҳама ҷовидонӣ
Бигӯянд боз:

Шараф бар ту боду
Шараф бар ту бод (13. 326) !

Ҳ. Файзулло аз эҷодиёти шоири дигари рус Е. Евтушенко шеъреро бо номи «Намехоҳам» тарҷума намудааст, ки он як навъ эътироз бар гардиши фалак, тақдири умри инсонӣ ва атою бахшишҳои он мебошад. Адиби рус боҷуръатона аз чархи гардун ризқи фарозу дасти дароз ва нони бутунро талаб намудааст. Табиист, ки шоирони асил рӯҳи баланди озодихоҳона дошта, дар ибрози андеша ва исёни қалбҳои пуршӯри худ монеашикан ва мушкилнописанд мебошанд. Банди аввали шеърро Ҳ. Файзулло чунин тарҷума намудааст:

Ба ман ҳаргиз мадеҳ ту нимаи нон,
Ба ман, охир, замин деҳ, осмон деҳ.
Тамоми баҳру дарё, кӯҳу водӣ,
Бидеҳ бо дилкушодӣ,
Ҷовидон деҳ (13, 339).

Тарҷумаи ҳамин шеъри Е. Евтушенко дар эҷодиёти устод Лоиқ [14, 415] низ мушоҳида гардид, ки он «Ба ман коре наояд нима чизе» номгузорӣ шуда, дар он қариб ҳама ҷузъиёти тасвир бе каму кост баргардон шудааст. Ҳарду шоир ҳам ин шеърро дар бахри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф—мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлун тарҷума кардаанд ва равшанию таровати хотирмон аз мазмуни шеър дар ҳарду баргардониш қариб баробар ба назар мерасад.

Тарҷумаҳои Ҳ. Файзулло ё аз адибони рус бошад, ё аз адибони халқҳои дигар эҷодкорона сурат гирифта, табиист. ки ба эҷодиёти худи шоир таъсиргузор мебошанд, ки ин ҳолатро адабиётшинос Ю. Акбарзода чунин ба қалам додааст: «Соли 1970 Ҳ.Файзулло порчае аз достони шоири ҷавони туркман Анабердӣ Оғобоев «Нидои Освенсим»-ро тарҷума карда буд, ки бунёди он низ бар монолог аст: «Ман Освенсимаму Як гӯшаи хоки Лаҳистонам, Магар аз ёдатон, Зиндониёни ман, фаромӯшам? Ба сӯям боз баргардед, К-аз шарму ҳаёи хеш Даруни гӯр Мисли мурдагон гӯё кафанпӯшам…»

Соли 1973 дар рӯзномаи «Комсомоли тоҷикистон» (28 январ) бо номи «Аз силсилаи Ҳатин» ва дар маҷаллаи «Садои Шарқ [2] бо номи «Садои Ҳатин» шеърҳои Ҳ.Файзулло чоп шуд, ки бунёди ин шеърҳо ҳам монолог аст. Албатта, дар шеър услуби шоири туркман риоя шудааст, ба шоири тоҷик достони ӯ илҳом додаст, вале ин ҷо мустақилияти шоири тоҷик равшан аст» [1, 126] .

Чуноне ки ишора шуд, дар маҷмӯаи «Афсонаи дарё» [11] Ҳ. Файзулло тарҷумаи «Ҷиҳоз» ном достони шоири рус Д. Кедринро, ки он ба азобу ранҷи сисолаи шоири барҷастаи форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ ва интизориҳои бенатиҷаи духтари бахтбаргаштаи ӯ бахшида шудааст, ҷой додааст. Шоири тоҷик дар чилу шаш банди чаҳорпора бо тасвирҳои мушаххаси ҳодисот, фасоҳату содагии баён, мавзунии забон ва ҳиссиёту ҳаяҷони матлуб ба ифодаи равшану возеҳи фикри асосию матлаби дилхоҳи шоири рус ба куллӣ муваффақ шудааст:

Қофилаи уштурони зармӯй,
Аз як дари ҳавлӣ медароранд.
Аммо зи дари дигар ҳамин дам
Тобути варо ҳамебароранд (13. 333).

Шоири тоҷик бо баргардон намудани ин достон маҳорати тозаи тарҷумонии хешро нишон дода, собит сохтааст, ки дар ҷодаи тарҷумаи асарҳои калонҳаҷми эпикӣ низ истеъдоди тавоноро соҳиб мебошад.

Фаъолияти тарҷумонии Ҳ. Файзулло басо фарох ва гуногунпаҳлӯ мебошад, ки ин ҳолатро аз тарҷумаи асарҳои саҳнавӣ барало эҳсос намудан мумкин аст. Аз ҷониби адиб тарҷума шудани шоҳасари ҷаҳонии Еврипид – фоҷиаи манзуми «Медея» ва ба саҳнаи театри тоҷик баровардани он дар таърихи фарҳанги солҳои 70 – уми асри бист воқеаи фараҳбахшу бебаҳо ба шумор мерафт. Ҳ. Файзулло хонандаи тоҷикро бо ин шоҳкории адабиёти Юнони қадим ва образҳои Медея, Ясон, шоҳ Креонт, шоҳ Эгей шинос намуда, тавассути образҳои мусбату манфӣ дар назари онҳо ҳиҷрату фироқ, разолату қабоҳат, макру ҳиял, бевафоию аҳдшиканӣ, ҳавою ҳаваси беоқибат, рашку надомат, зиллату хорию бераҳмӣ барин саҳнаҳои мутазод ва пурфоҷиаи як давраи пурошӯби ҳаёти инсониро ҷилвагар сохтааст:

Рӯдҳои пок лойолудаанд,
Аз ҳақиқат ҳам нишон набвад дигар.
Қуллаҳои сарбаланд поин шуданд,
В-аз худотарсӣ намеёбӣ асар (13, 408).

Ҳ. Файзулло ҳамчунин драмаи нависандаи барҷастаи рус А.П.Чеховро бо унвони «Се хоҳарон» тарҷума намуда, ба хонандаи тоҷик пешкаш намуд ва бо ин асари пурғановати маънавию фарҳангӣ хазинаи адабиёти тоҷикро ғанитар гардонид. Дар тарҷумаи ин драма муъҷазбаёнию забони сода, услуби марғуби ифода, ҷанбаи воқеии тасвири шахсият ва лаҳзаю ҳаводис равшан ба назар мерасанд. Хонандаи тоҷик ҳамчунин аз амалиёт ва муносибату муомилаи хоҳарон Олга, Маша, Ирина ва дигар персонажҳои драма чун А.С.Прозоров, Ф.И. Кулгин, А. И. Вершинин, Н.Л. Тузенбах, В.В. Солёний, И.Р. Чебуткин, Анфиса, Наталя Ивановна ҳаёти пурталотуми табақаи миёнаҳоли пешазинқилобии русро воқеъбинона эҳсос мекунад.Ин асар бо рангу услуби иҷтимоӣ, фалсафаи нозуки печидагиҳои зиндагӣ ва сабки нигориши баҳадафрасанда аҳамияти баланди зебоипарастию тарбиявиро доро мебошад.

Ҳ. Файзулло инчунин аз осори Иоҳан Гёте, Перси Шелли, Жак Превер, Н.А. Некрасов, Ахматова, К. Симонов, В. Луговской, М. Луконин, А. Вознесенский, Л. Мартинов, М. Алигер, В. Шефнер, Туқумбоев, Т. Ариқов, Н. Хазрӣ, Бровка, Глебка, К. Киреенко, С. Граховский, Ю. Марсинкявичюс, Ю.Саакян, В. Давтян, И. Зиёдонис, Маҳмуд Ҳусайн ва чанде дигар адибони шӯравию хориҷӣ шеърҳои зиёдеро бо амри дил ва муҳаббати доимии эҷодӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, мундариҷа, моҳият ва рӯҳи нусхаҳои аслро бо шакл ва ғояи шеърҳои тарҷумашаванда пурра нигоҳ доштааст.

Тарҷумаҳои Ҳабибулло Файзулло бори дигар аз ҳисоби якдигар сарват гирд овардани адабиётро собит сохта, аз дилбастагии беканори ин адиби тоҷик ба адабиёти рус ва дигар халқҳои ҷаҳон гувоҳ мебошад. Ин тарҷумаҳо чун омили муҳимми робитаҳои қавии адабӣ аҳамияти калони амалию бадеиро доро буда, боиси ташаккулу инкишофи адабиёт ва ривоҷи қавию пешравии ҳамкориҳои адабӣ мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Давраи тозаи инкишофи шеъри тоҷикӣ //Садои Шарқ.- 2012,-№12,- С.110-130.
2. Армуғон (Мутарҷим Ҳ. Файзулло).- Душанбе: Ирфон.- 1987.-288 с.
3. Есенин С. Собрание сочинений. (В трёх томах).-Москва: Правда.- 1970.-384 с.
4. Есенин С. Гулафшон (Шеърҳо Савтҳои форсӣ, Достонҳо). Душанбе: Ирфон.- 1977.- 208 с.
5. Ёдгорӣ Ш. Ҳабибулло Файзулло ва тарҷумаи ҳоли ӯ //Армуғон-мутарҷим Ҳ.Файзулло. -Душанбе: Ирфон, 1987,-С.3-6.
6. Лермонтов М.Ю. Полное собрание сочинений. М.: Правда.-1953.- 424 с. 7. Маяковский В.В. Избранная лирика.- М.: Детская литература.- 1973.-238с.
8. Мирзоев З. Шоири дардошно //Дӯстон,ёди шумо базм марост (Ёдномаи Ҳабибулло Файзулло).- Душанбе: Шарқи озод.- 2005. - С.35-41.
9. Пушкин А.С. Стихотворения. Евгений Онегин. М.: Детская литература.- 1979.- 350 с.
10. Раҳимзода Б. Куллиёт (дар ду ҷилд).- Душанбе: Ирфон.-1976.- Ҷ 2.- 368 с.
11. Файзулло Ҳ. Афсонаи дарё.-Душанбе: Ирфон.-1974.-96 с.
12. Файзулло Ҳ. Куллиёт.-Душанбе: Ирфон.- 1995.-512 с.
13. Файзулло Ҳ. Куллиёт.-Душанбе: Бухоро.-2011.- 512 с.
14. Шералӣ Л. Офтобборон. Шеърҳо ва тарҷумаҳо.- Душанбе: Адиб, 1988, 528 с.
15. Шодӣ Ҳ. Юсуфӣ ва Лермонтов //Паёми бародарӣ.- Душанбе: Дониш.-1972.- С. 43-77.

ПЕРЕВОДЫ ХАБИБУЛЛО ФАЙЗУЛЛО

В данной статье исследованы переводы Х. Файзулло. Поэт за свою короткую жизнь перевел произведения таких представителей мировой литературы, как Еврипид, Гёте, П. Шелли, Ж. Превер, А.С. Пушкин, М.Ю. Лермонтов, А.П. Чехов, С. Есенин и т. д.

Ключевые слова: Хабибулло Файзулло, перевод, стихотворение, поэма, трагедия, драма, Еврипид, Гёте, А.С. Пушкин, М. Ю. Лермонтов, С. Есенин,Е. Евтушенко. Стиль, способности.

TRANSLATION OF HABIBULLO FAYZULLO

In the article there is given the translation skills of Habibullo Fayzullo. The poet in his very short life could translate into Tagik Language the work of great people of world literature sush as Euripide, Goethe, A.S. Pushkin, M. U. Lermontov, S.Esenin, E. Evtushenko, A.P.Chekhov and etc.

Key words: Habibullo Fayzullo, translation, poem, tragedy, drama, Euripide, Goethe,A.S.Pushkin,M.U.Lermontov,S.Esenin, E.Evtushenko, style, talent.

Сведения об авторе:*Шамсов Н.С.* соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

РӮДАКӢ ВА ТАШАККУЛИ ҚАСИДА ДАР АСРҲОИ IX – X

Карим Шокир
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Дар қарнҳои IX –X дар баробари қомат афрохтани адабиёти форсӣ жанрҳои зиёди адабӣ арзи ҳастӣ намуда, ва минбаъд дар адабиёти форситаборон мақому манзалати худро соҳиб гардиданду нуфуз пайдо карданд, ки яке аз он жанрҳо жанри қасида мебошад. Ин жанр дар баробари пайдо шудан вобаста ба талаботи давру замонҳо босуръат рушд кард ва ба адабиёти форсӣ ба ҳар роҳе тавонист хидмат кард.

«Қасида дар луғат ба маънии қасдшуда ва дар истилоҳи адабӣ ба шеър итлоқ мешавад ва беш аз понздаҳ ё бист байтро муштамил мебошад ва куллияи абёт низ дар вазн ва қофия аз бист ба мисраи нахустин пайравӣ намоянд. Қасида маъмулан байни сӣ ва панҷоҳ байт аст ва гоҳе аз ин ҳад бештар ва камтар ҳам мешавад. Пайдост, ки фузунӣ ё камии теъдоди абёти ба мавзӯи қасида ва иқтизои ҳол ва мақому ҳавсала ва тавоноии гӯянда ва бахусус, ҳуруфи қофия дорад [1]. Гоҳе қасида ба дусад байт ва дар сурати басит ва тавсеаи қавонӣ ба зиёда аз он ҳам мерасад. Қасидаи маъруфи Фаррухӣ бо матлаи зер, ки дар зикри сафари Савманот суруда аз қасоиди мутаввил ва мутазаммин аст, ки 175 байтро дар бар мегирад:

Фасона гашту куҳан шуд ҳадиси Искандар,
Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар.

Шамс Қайси Розӣ менависад: «Ва иштиқоқи қасида аз «қасд» аст ва он таваҷҷуҳ ва рӯй ниҳодан аст ба чизе ва ҷойе ва мақсуд маҳалли қасди мардум аст ба талабу таҳсил ва гуфтану кардани он» [2].

Аҳли таҳқиқ қасидаро аз жанрҳои асосӣ ва қадимии таърихи адабиёти форс ба қалам дода, пайдоиш ва таҳаввули дигар анвоъи шеъриро ба он вобаста медонанд.

Оғози қасидасароӣ ба забони форсӣ аз нимаи дувуми асри IX шурӯъ гардидааст. Мусаннифи китоби «Таърихи Сиистон» сабабҳои пайдоиши қасидаро аз адабиёти араб дониста (ин таҳқиқотест алоҳида – К. Ш.), қасидаи ба васфи фатҳу лашкаркашиҳои Яқуб ибни Лайси Саффорӣ (873-879 милодӣ) бахшидаи Муҳаммад ибни Васифро дар ҳаҷми 6 байт ҳамчун намунаи аввалин шеъри форсӣ-тоҷикӣ меоварад [3]. Қасида бо матлаи зер оғоз меёбад:

Ай амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом
Бандаву чокару мавлою сагбанду ғулом [4].

Саид Нафисӣ қасидаи мазкурро далел нишон доданӣ шуда, ба хулосае меояд, ки «шуарои форсизабон нахустин ашъоре, ки сурудаанд, мадоеҳ будааст ва мадеҳа дар шеъри форсӣ қадимтарин ақсом аст. Далели он ҳам возеҳ аст. Зеро шуароро подшоҳони эронинажод – Оли Саффор ва Оли Сомон ба шеър барангехтаанд ва боиси шеър ба забони порсии имрӯз эшон буданд ва бадеҳист, ки нахустин фикре, ки шуароро даргирифта, мадоеҳи ин подшоҳон будааст» [5].

Ҷамъбасти ҳамаи татқиқотҳо нишон медиҳад, ки асоси қасида мисли дигар шаклҳои назми классикии форсӣ дар асри X аз ҷониби устод Одамушшуаро Рӯдакӣ ва муосирони ӯ гузошта мешавад. Зарур ба таъкид аст, ки қасида маҳз дар эҷодиёти Рӯдакӣ сайри ҳақиқии такомулотро аз сар мегузаронад ва ба ҳадди камол мерасад. «Услуберо, ки Рӯдакӣ таъкид мекунад, Шиблии Нуъмонӣ дар қасида эҷод карда, ҳанӯз ба ҳоли худ боқӣ ва тағйир накардааст ва он иборат мебошад аз шурӯъ ба ташбиб ё баҳория ва ғайра, баъд гурез ба мадҳ ва санои мамдӯҳ ва дар охир ҳам абёти дуоия ҳаст» [6][‡‡].

Аз муҳаққиқони тоҷикистонӣ Аълохон Афсаҳзод устод Рӯдакиро «асосгузори қасидаи мукаммал дар ин адабиёт» [7] номида, тафовутҳои мушаххаси қасидаҳои Рӯдакӣ ва муосирони ӯро аз қасоиди шоирони асрҳои XI – XII бо як қатор далоил нишон медиҳад.

[‡‡] Ба қасидаи «Модари май» таваҷҷуҳ шавад.

Қобили қайд аст, ки устод Рӯдакӣ қариб дар ҳамаи анвои қасида асарҳо эҷод карда, бахусус пояи қасидаҳои мадҳӣ, шарҳиҳолӣ ё худ шиквоӣ ва марсиявиро дар таърихи адабиёти форсӣ устувор намуда будааст.

Дар осори боқимондаи Одамушшуаро қасидаҳои мадҳӣ мавқеи аввалия доранд. Вай дар қасидаҳояш мамдӯҳони худро ба адлу инсоф ва мардумпарварӣ ҳидояту даъват карда, ғояи давлати мутамарказро, ки ба он мардуми қаторӣ эҳтиёҷи зиёде дошт, тарғиб менамуд. Намунаҳои беҳтарини қасидаҳои мадҳиявии мавсуф «Модари май» ва «Васфи Бухоро» ё «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» мебошад.

«Модари май» нахустин қасидаи мукаммали мадҳӣ дар таърихи адабиёти форсӣ буда, таърихи эҷод ва матни пурраи он дар китоби «Таърихи Систон» омадааст. [8]. Ин қасида бо абёти зайл оғоз меёбад:

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро аз ӯ гирифт надонӣ,
То-ш накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ ҷон.
Ҷуз ки набошад ҳалол зӯр бикардан
Баччаи кӯчак зи шири модару пистон.
То нахӯрад шир ҳафт маҳ ба тамомӣ
Аз сари урдубиҳишт то буни обон … [9].

Қасидаи мазкур шомили 94 байт буда, ба сабаби яке аз воқеъаҳои муҳимми таърихи замони шоир – пирӯзии мири Сиистон Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад аз болои Макон ибни Кокӣ ном дорои саркаш таълиф шудааст. Ташбиби ин қасида аҳамияти мардумшиносӣ-этнографӣ дошта, дар он аз таърихи ҳунари майтавлидкунандагони мардуми форс ва тарзи майишати амирони Сомонӣ маълумоти рӯшан дода мешавад. Вале дар маркази қасида симои Абӯҷаъфари пирӯзшуда бар Коки саркаш ба риштаи тасвир кашида шудааст. Вай дар ин қасида амирону ҳокимони саркашу марказгурези замони хешро ба иттиҳоду ягонагӣ ва итоати давлати мутамарказ даъват кардааст.

Қасидаи «Васфи Бухоро» зоҳиран мадҳист, аммо саросари он саршори ғояи меҳандӯстист. Аз ин қасида ҳамагӣ 7 байт боқӣ мондааст. Он на танҳо ғояи баланд дорад, балки аз лиҳози бадеӣ ва забонӣ низ ҷолиб аст:

Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрбон ояд ҳаме.
Реги Омую дуруштии роҳи ӯ
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Ай Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир зи ту шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.
Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме [10].

Рӯдакӣ шоирест қасидасаро ва дар пайрезии қолаби қасида аз дигар шоирони ҳамзамони худ дасти қавӣ дорад. Қасидаҳои зебо, дилнишин, нағзу пурмағз аз вай ба мо мондааст. Шикоят аз пирӣ, васфи баҳор, базму майхорӣ, маросӣ аз муҳтавои қасидаҳои Рӯдакиянд, ки дар ин мақолаи кӯтоҳ наметавон ба тамоми қасоиди шоир пардохт. Ин ҷо қасидаи дар марсияи Абулҳасани Муродӣ - шоири ҳамзамонаш бахшидаи Рӯдакӣ бозгӯйи қасидаҳои бузурги замони худ будани ӯст, ки иқтибос намудани онро басанда медонем:

Мурд Муродӣ, на ҳамоно, ки мурд,
Марги чунин хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боз дод,
Зинда кунун шуд, ки тӯ гӯйӣ бимурд.
Коҳ набуд ӯ, ки ба боде парад,

Об набуд ӯ, ки ба сармо фусурд.
Шона набуд ӯ, ки ба мӯйе шикаст,
Дона набуд ӯ, ки заминаш фушурд.
Ганҷи заре буд ар ин хокдон,
К-ӯ ду ҷаҳонро ба ҷаве мешумурд.
Қолаби хокӣ суйи хокӣ фиканд,
Ҷону хирад сӯйи самовот бурд.
Ҷони дувумро, ки надонанд халқ,
Мисқалае карду ба ҷонон супурд.
Соф буд омехта бо дурду май,
Бар сари май рафту ҷудо шуд зи дурд.
Дар сафар афтанд ба ҳам, ай азиз,
Марвазию Розӣ, Румию Курд.
Хонаи худ боз равад ҳар яке,
Атласе кай бошад ҳамтои бурд.
Хомӯш кун чун нукат, ӯро фалак,
Номи ту аз дафтари гуфтан сутурд [II].

Қасида хеле бо муҳтавои баланд ва зебо офарида шуда, дар тӯли тарихи адабиёти форситаборон ҳанӯзам дилнишину танинандоз аст. Рӯдакӣ дар марги шоири ҳамзамонаш сӯгномае дар шакли қасида дорад, ки он ҳам ҷолибу диққатовар мебошад.

Устод Рӯдакӣ дар қасидаи ба Муродӣ бахшидаю суруда латоиф ва зароифи шеърӣ ва андешаҳои фалсафиро ба ҳам омехта ва сухане мондагор аз худ ба ёдгор гузоштааст. Дар абёти парокандаи шоир низ бо абёте дучор меоем, ки онҳо аз нигоҳи сохт ва маънию муҳтаво оҳанги қасидаро доранд, ки аз пажӯҳишҳои минбаъдаанд.

Қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и шоир, ки аз 34 байт иборат аст, аз нигоҳи сохту муҳтаво ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки хоҷагӣ ба бозгӯйи гуфтаҳо надорем.

Дар асрҳои IX-X дар паҳлӯи устод Рӯдакӣ Шаҳиди Балхӣ, Хусравонӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Мантиқии Розӣ, Ғазоирӣ, Кисоии Марвазӣ, Дақиқӣ ва чанде дигарон қасидаҳои зиёде гуфтаанд. Дар ин аҳд дар баробари мадҳ ҳамзамон мавзӯъҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ҳасбиҳолӣ, зиндагидӯстӣ дар жанри қасида роҳ меёбад.

Кисоии Марвазӣ дар қасидае мегӯяд:

Ҷону хирад раванда бар ин чархи ахзаранд,
Ё ҳардувон нуҳуфта дар ин кӯйи ағбаранд [12].

Кисоии Марвазӣ аз ҷумлаи адибони пешқадами асри X-и адабиёти форсист, ки мисли Рӯдакӣ аз сурудани қасидаи мадҳӣ пушаймон гардида, дар охири ҳаёти хеш аз маддоҳӣ даст мекашад ва ба навиштани қасоиди панду ахлоқӣ ва фалсафӣ рӯ меорад.

Бад-ин маънӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва муосирони ӯ бо қасидаҳои худ дар пойдорӣ ва ташаккули ин жанри шеърӣ саҳми захиму арзанда гузоштаанд, ки ба минбаъд таҳаввули он барои аҳли таҳқиқи адабиётшинос бо ҳама шикасту рехт ва бурду бохтҳояш рӯшан аст. Ин гуфтаҳо нишон медиҳанд, ки қарнҳои IX-X ба унвони замони оғози шеъри форсӣ, аз қолабҳои гуногун истифода шудааст, ки яке аз пуркортарини онҳо қасида мебошад ва дар худ олитарин мафҳумҳо ва мазмунҳоро ҷой додааст. Пурраю ҳамаҷониба омӯхтани мавзӯъ паҳлӯҳои камомӯхтаи онро рӯшантар пурратар хоҳад кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Муътаман, Зайнулобиддин. Таҳаввули шеъри форсӣ. - Теҳрон: Таҳур.- 1378.-С.79.
2. Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фи маори ашъор-ул-Аҷам. Бо тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. –Теҳрон, 1338.С.-202
3. Таърихи Систон. Ба тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор.-Теҳрон, 1339.-С. 210-211.
4. Ҳамон ҷо. –с. 210
5. Нафисӣ, Саъид. Аҳвол ва ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ. Ҷ.III. – Теҳрон. 1319. –С.596.
6. Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам. Ҷ. 1.-Теҳрон, 1316.-С23.
7. Афсаҳзод, Аълохон. Дар сафи бузургон. –Душанбе: Ирфон.- 1986. –С.41.
8. Таърихи Систон. – С. 317-323.
9. Ҳамон ҷо. – С.317.

10. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммад. Девони ашъор. Матни илмӣ ва интиқодӣ бо кӯшиш ва эҳтимоми Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Пайванд, 2008 (1387).-С. 136-137.
11. Ҳамон ҷо. – С.37-38.
12. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. –Сталинобод. 1958. –С. 178.

РУДАКИ И ФОРМИРОВАНИЕ КАСИДЫ В IX-X ВВ.

В статье рассматривается формирование жанра касиды в персидско-таджикской литературе IX-X вв., так, как именно IX-X вв. былы периодом возникновения и формирования касиды персидско-таджикской литературы во главе которого стоял основоположник персидско-таджикской литературы Абуабдуллах Рудаки.

Ключевые слова: Рудаки, жанр, формирование, касиды, персидско – таджикская литература, тематика.

RUDAKI AND THE FORMATION OF GASIDAS IN IX-X CENTURIES

This article sarveys the formation of the Gasidas genre of Persian – Tajik literature of the IX-X centuries

Literature these centuries (IX-X) were the period of the origination and formation of the Gasidas of the Persian literary, master, whose style establish Persian – Tajik literature, Abdullah Rudaki

key words: Rudaki, genre, formation, gasida, Persian – Tajik literature, sarvey.

Сведения об авторе: ***Карим Шокир*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

ШАРҲИ ҲОЛ ВА ЭҶОДИЁТИ КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

Рисолат Зоирова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Солҳои ҳафтодуми асри бист як зумра ҷавононе, ки хатмкардагони мактабҳои олии филологии Ҷумҳурӣ буданд, ба соҳаи адабиёти бадеӣ ворид шуданд, ки Кароматуллоҳи Мирзо яке аз онҳо буд. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ин адиб адабиётшиносон А. Афсаҳзод, Ҷ. Бақозода, А. Сайфуллоев, А. Саъдуллоев, С. Саидов, Р. Мусулмониён, А. Раҳмонов, Ҷ. Бобокалонова, Х. Шарифов, Х. Асозода ва дигарон изҳори ақида кардаанд. Махсусан, дар арафаи 70- солагии адиб мақолаҳои зиёде рӯйи чоп омаданд, ки дар маҷмӯаи «Чароғи раҳнамо» (Душанбе, 2012), дар шакли андешаву мулоҳиза, тақриз ва китобиёт, очерк, мусоҳиба ва номаҳо ба мундариҷаи китоб ворид гардиданд.

Бо вуҷуди ин мо мақсад гузоштем, ки дар ин мақола оид ба зиндагинома ва осори нависанда чанд мулоҳизаи хешро баён созем.

Кароматуллоҳи Мирзо 21- уми январи соли 1941 (ҷойи дигар моҳи апрели 1942) дар деҳаи Нилкон, дар хонадони мударрис Мирзои Ҳайдар таваллуд ёфтааст. Деҳаи Нилкон барои Кароматуллоҳи Мирзо хеле азиз аст. Гӯристони ин деҳа рамзи авлодони бобоиву падарии ӯ маҳсуб ёфта, шаҷараи Кароматуллоҳро ба Алии Ҳамадонӣ мепайвандад. Гӯр шудани авлоде аз Алии Ҳамадонӣ бо номи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф шуҳрати Нилконро дар минтақа аз асри XIV ба ин сӯ баланд бардоштааст [1,4]

Падари К.Мирзо шахси фарҳангӣ буда, солҳо дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намудааст. Назара ба нақли К.Мирзо падари ӯ баъд аз бист соли зиндагиву таҳсил дар Бухоро ба зодгоҳаш бармегардад. Қадрдонҳояш, вақте ки ӯро ҷониби зодгоҳ гусел мекунанд, мегӯянд: «Эшони домулло Мирзо илмро ба Ҳисор мебаранд». Ба ин маънӣ домулло Мирзо китоби зиёдеро бо худ ба ватанаш овардааст ва онҳоро дар таълими шогирдон истифода намудааст.

Табиист, ки Кароматуллоҳ аз хурдӣ ба китобу дафтар завқ пайдо кард ва баъд аз хатми мактаби миёнаи деҳаи Роҳатӣ соли 1958 ба факултети филологияи Институти педагогии ба номи Т.Г. Шевченкои шаҳри Душанбе дохил шуд. Дар он айём беҳтарин донишмандони соҳаи забон ва адабиёти тоҷик ба монанди Х. Мирзозода, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, А. Эшонҷонов ва амсоли онон дарс мегуфтанд ва Кароматуллоҳ аз ин устодони сахтгиру беғараз илми забону адабиёт меомӯзад ва дар натиҷа Кароматуллоҳро ба ҷодаи эҷодкорӣ раҳнамун месозанд.

Ҳарчанд ӯ баъд аз хатми донишкада ду сол дар мактаби 8-солаи деҳаи Оқчакмони хоҷагии Роҳатӣ ба касби омӯзгорӣ пардохта, аз забон ва адабиёти тоҷик дарс

мегузарад, гоҳе мақолаҳои публитсистӣ менависад ва дар рӯзномаҳои «Пионери Тоҷикистон», «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистони советӣ» ба чоп мерасонад. Аз соли 1966 сар карда то соли 1980 дар ҳамин рӯзномаҳо фаъолияти рӯзноманигорӣ анҷом медиҳад. Бояд гуфт, ки насли адабиёти солҳои 60 – 70 - уми тоҷик аксарият фаъолияти қаламбадастии худро дар рӯзномаҳо ва матбуоти даврӣ оғоз бахшидаанд. Ба ин маънӣ нахустин ҳикояи К. Мирзо бо номи «Айб аз худатон, додар…» соли 1965 дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» чоп мешавад. Ҳамон сол аст, ки ду ҳикояи дигари ӯ бо муаррифиномае дар маҷаллаи «Садои Шарқ» тақдими хонандагон гардонда мешавад. Ҳамин тавр, К. Мирзо монанди дигар насрнависони даврони шӯроии тоҷик фаъолияти эҷодии худро бо жанри ҳикоя оғоз мебахшад.

Метавон гуфт, ки К. Мирзо бо нахустин повести «Ситораи умед», ки соли 1980 ҳамчун маҷмӯаи осори ӯ ба чоп расид, ба сифати нависанда шинохта шуд. Ин маҷмӯа гӯё роҳи нависандагии К. Мирзоро мекушояд ва боис мешавад, ки нависанда бачуръаттар шуда, дар солҳои 1980 – 84 ду китоби ҳикояҳои хешро бо номҳои «Маоши аввал» (1982) ва «Шабе дар Кабудҷар» (1984) ба чоп расонад.

Баъд аз ин ки нависанда дар нашриёти «Адиб» (1987) ба сифати сармуҳаррири адабиёти бачагон ва наврасон ифои вазифа намуда, соли 1990 вазифаи сарварии нашрияи мазкурро ба уҳда мегирад. Ин солҳост, ки фаъолияти насрнависии К. Мирзо рӯ ба инкишоф оварда торафт исми вай ҳамчун насрнависи хушсалиқа ва ояндабахш ҷомеаи фарҳангии Ҷумҳуриро фаро мегирад. Дар ин айём китобҳои насрии ӯ пайи ҳам бо номҳои «Суруди муҳаббат» (1988), «Дар орзуи падар» (1989) ва «Нишони зиндагӣ» (1992) манзури адабдӯстон гардид ва дар маҷмӯъ ин осор К. Мирзоро ҳамчун нависандаи баркамол ва соҳибсабк дар адабиёти шӯроии тоҷик муаррифӣ кард. Ҷолиб аст, ки дар солҳои мавриди назар намунаҳое аз насри адиб ба забони русӣ ва дигар забонҳои миллатҳои шӯравӣ тарҷума шуданд ва доираи хонандагони ӯро васеъ карданд.

Дар он даврон як роҳи босамари маъруфият пайдо кардани адибони насли К.Мирзо он буд, ки асарҳояшонро ба хонандагони шӯроӣ ошно мекарданд. Ин роҳ тарҷума буд, ки К.Мирзо аз ин падидаи адабӣ хеле хуб истифода намуд. Ба ин ҷумла месазад, ки китобҳои «Дарди ишқ» ва «Дар орзӯи падар»-ро шомил сохт. Ин ҷиҳат сафи хонандагони қиссаҳои К.Мирзоро афзоиш медиҳад. Соли 1992 К.Мирзо барои маҷмӯаҳои «Дарди ишқ» ва «Дар орзӯи падар» сазовори ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёти наврасон ва ҷавонон дониста шуд. Албатта, ин ҷоиза аз муваффақияти насрнигории К.Мирзо шаҳодат медод. Бинобар ин, ки қисми якуми повести «Дар орзуи падар» мухлисони зиёде пайдо намуд, адиб мавзӯи онро инкишоф дода, қисми дувуми китоби мазкурро навишт, ки соли 1999 ба чоп расид.

Бояд гуфт, ки бисёре аз эҷоди К.Мирзо ҷанбаи тарҷумаиҳолӣ доранд. Романи «Ситораҳои паси абр», ки соли 2005 ба чоп расид, ҳамин навъ асар буда, дар сужаи он сухан аз падари адиб, ки яке аз уламои замони худ маҳсуб меёфт, меравад. Гузашта аз ин, ин китобро ёднома ҳам муаррифӣ кардан мумкин аст, зеро дар он дар бораи шодравон Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Ҳабибуллоҳ Назаров, Аълохон Афсаҳзод, Иззатуллоҳ Ҳусайнӣ, Собир Зикрзода, Моҳирхӯҷа Султонзода ва дигар фарҳангиёни фавтида мулоҳизаҳои донишдиҳандаи К. Мирзо сурат гирифтаанд.

Ниҳоят, дар арафаи 70-солагии адиб романи мондагори ӯ «Марги бегуноҳ» (2012) ба нашр расид. Мавзӯи ин роман ҳаёти деҳоти Тоҷикистон дар минтақаҳои ҷангдидаи солҳои навадуми асри бист мебошад. Тавре маълум аст, дар замони шӯравӣ мулло ва эшон дар ҷомеа нақши манфӣ дошт. Мақсади адиб он аст, ки дар шахси эшони Саидҷамолхон касеро аз ин табақа ба тасвир гирад, ки ӯ мусбат аст [3,4-5].

Дар эҷодиёти К.Мирзо қиссаи «Дарди ишқ» мақоми хоса дорад. Дар он аз маънавиёти инсон, ҷаҳони ботинии одамон, ҳолати рӯҳӣ ва тазоди ахлоқу андешаҳои шахсони мухталиф баҳс мешавад. Дар повест беш аз 20 персонаж амал мекунад. Воқеаҳои сужаи повести «Дарди ишқ» дар солҳои ҷанг (1941- 45) дар яке аз деҳаҳои дурдасти Тоҷикистон бо номи Гулоб ҷараён меёбанд ва дар ҷараёни ҳаводис хонандаро бо кору зиндагии мардуми ақибгоҳ, сахтиву машаққатҳои рӯзгори айёми набард ошно месозанд.

Ба ҳамин монанд, повести «Дар орзуи падар» ҳам ҷолиби диққат мебошад. Ин асарро аз волотарину хонотарин ва беҳтарин осори муаллиф ва зинаи баланди камоли

эҷодии нависанда шинохтаанд [4,50-105]. Дар хати сужаи қисса симои Мушарраф ва Нозимӣ хеле равшан мебошад. Мушарраф нақши намоёни хислату тинати як зани тоҷик аст. Тавре ишора шуд, баъд аз даҳ соли чопи китоби аввали «Дар орзуи падар» китоби дувуми он ба чоп расид. Асар аз аввал то анҷом моломоли дарду ҳузн аст ва аз сафаҳоти нахустини китоби аввал то интиҳо «Ҳам зиндагии Нозимӣ, ҳам ҳаёти Мушаррафу Шаҳноз, хусусан зисти Меҳрубонро пардаи ҳузн печонда гирифтааст» [1,105]. Дар ин асар сар то по тасвири фоҷеаи инсон ба мушоҳида мерасад. Баъд аз ин ки қиссаҳои «Дарди ишқ» ва «Дар орзуи падар» ба сужаи филмҳои бадеӣ ворид гардиданд, мақоми насрнависии К.Мирзо даҳчанд боло рафта, ба сифати яке аз дӯстдоштани нависандаи даврони шӯравии тоҷик шинохта шуд.

Хулоса, К.Мирзо адиби дорои услуби хос мебошад. Забонаш равон, тарзи суҳбати қаҳрамонҳояш шево аст. Муҳимтарин хислати эҷодии ӯ он аст, ки сарчашмаҳои фарҳангии эҷодашро ба муҳити хонавода ва деҳаи Нилкон нисбат медиҳад.

Мавзӯи таҳқиқи осори К.Мирзо идома дорад. Дар мақолаҳои баъдӣ мақсад гузоштем, ки сари ҳар асари ӯ баҳсҳои илмӣ анҷом бидиҳем.

А Д А Б И Ё Т

I

1. К.Мирзо. Ситораи умед (Повест) – Душанбе: Ирфон.-1980. -119 с.
2. К.Мирзо. Дар орзӯи падар (Роман), китоби якум, 2001. – 432 с.
3. К.Мирзо. Ситораҳои паси абр (Қисса ва хотираҳо). – Душанбе: Адиб.-2005.- 520 с.
4. К.Мирзо. Марги бегуноҳ (қисса, ёдномаҳо ва публисистика). – Душанбе: Адиб. -2012. – 528с.
5. К.Мирзо. Чароғи роҳнамо. – Душанбе, 2012.- 384 с.

II

1. Асозода Х. Адибе, ки сарчашмаи эҷодашро муҳити фарҳангии деҳ медонад.//Адабиёт ва санъат, 2012, 15 декабр.
2. Саъдуллоев А. Ҳам шинос, ҳам ба дил наздик.//Адабиёт ва санъат, №45, 1989, ноябр.-С.6.
3. Шарифзода Х. Замони ноором ва марги бегуноҳ.//Адабиёт ва санъат, 2012, 18 октябр.
4. Шарифов Х. ва А.Абдусатторов. Ҷилои ситораҳо.//Чароғи роҳнамо. – Душанбе: - 2012.- С.50-105/

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО КАРОМАТУЛЛО МИРЗО

В данной статье автором рассматривается жизнь и творчество великого таджикского писателя Карроматулло Мирзо. Описание человеке и человеколюбия в произведениях Карроматулло Мирзо служит доказательством того, что в литературе нового периода проблемы изображения человека, его внутреннего мира, свободы, независимости и национального сознания, этики и духовности, мечтаний и желаний и страданий также остаются главными как в таджикской литературе, так и в публицистике. Публицистика Карроматулло Мирзо большей частью посвящена актуальным вопросам морали, нравственности, духовности человека и общества, связи духовности прошлого и современности. Художественная сторона описаний писателя очень крепка, привлекательна и достоверна. В них изображены типы различных людей, в поведении и действиях которых отражены, как образцы, высокие нравственные или низкие, подлые качества человека. Писатель, выступая в роли рассказчика или свидетеля события, делать выводы предоставляет читателю.

Ключевые слова: жизнь и творчество Карроматулло Мирзо, таджикская литература, публицистика, актуальные вопросы морали, нравственность, нравственные идеи.

LIFE AND CREATIVITY KAROMATULLO MIRZO

In this article the author examines the life and work of great Tajik writer Karomatullo Mirzo. Description of the man and of humanity in the works Karomatullo Mirzo is evidence that in the literature of the new period of the problem of the image of man, his inner peace, freedom, independence and national consciousness, ethics and spirituality, dreams, and desires and sufferings also remain key in Tajik literature and publicism. Journalism Karomatullo Mirzo mostly devoted to topical issues of morality, ethics, spirituality of man and society, due to the spirituality of the past and present. The artistic side of the descriptions of the writer very strong, attractive and reliable. They depict different types of people in the behavior and actions of which are reflected as samples, high moral or low, vile human qualities. Writer, acting as a narrator or a witness of the events and draw conclusions from it provides the reader.

Key words: life and creativity Karomatullo Mirzo, Tajik literature, publicism, topical issues of morality, morality, moral ideas.

Сведения об авторе: ***Зоирова Рисолат*** – соискатель Таджикского национального университета

ЗУЛОЛИИ ХОНСОРӢ ВА МАСНАВИҲОИ Ӯ

Я. Сармаст
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Агар шеърро ҳосили гирехҳӯрдагии тахайюл ва отифа бидонем, ки дар забони оҳангӣ шакл гирифтааст [1], метавон дар таҳлил ва баррасии он чаҳор унсури асосӣ: отифа ва хаёл, забон ва мусиқиро меъёр кард ва нуқоти заъф ва қуввати ҳар шеърро дар ин чаҳор мизони бисёр пураҳамият мавриди баҳс қарор дод ва ин корест, ки мо дар таҳлили шеъри Зулолӣ мехоҳем анҷом диҳем. Ба ҳамин хотир қарор бар ин гузошта шуд, ки дар ин фишурда унсур ё аносири дарунини шеъри Зулолии Хонсорӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирад. Дар шеъри Зулолӣ ва шоирони амсоли ӯ ҷанбаҳои отифӣ нуфузи бештар дорад, зеро ин қабил суханварон шеъри беотифиро қабул надоранд.

Дар шеъри Зулолӣ анвои «ман»-ҳои фардию иҷтимоӣ ва инсонӣ аз тариқи гуногун бозтоб мешавад, ҳарчанд дар асолат ва таъсиргузорӣ ғолиби онҳо вобаста аст ба «ман»-ҳои инсонӣ. Дар ашъори шоир қолабҳое аз достонҳои ғиноии адабии форсӣ истифода мешаванд, ки онҳо дар пурҷило сохтани «ман»-ҳои шоир хеле муассир мебошанд.

Зулолӣ ба ҳунари шоирии Назирӣ, Анварӣ, Ҳоқонӣ, Заҳир ва дигарон эҳтироми хос мегузорад ва дар шеър кӯшиш мекунад ба онҳо ҳунарозмоӣ кунад. Яке аз иллатҳои тӯғёни эҳсоси муаллиф дар ашъораш ҳам шояд аз ҳамин кӯшиши ӯ сарчашма гирад:

Гуҳарҳо гирех кардаам дар нафас,
На дар сина гунҷад на дар гӯши кас.

Ва ё:

Тоҷи хома бар замин кӯбам чунон,
К-аз заминларза биларзад осмон.

Вай нисбат ба Фирдавсӣ, Мавлавӣ, Саноӣ, Ҷомӣ ва Амир Хусрав эҳтиром дорад ва Низомиро устоди худ медонад:

Ки чун ҷисми Низомӣ гашт холӣ,
Низомӣ рафт ва боз омад Зулолӣ.

Гузашта аз ин ӯ баъзе шоирони пешгузаштаи худро мисли Азрақӣ, Анварӣ, Заҳир ва Хоқонӣ накӯҳиш менамояд:

Аз теғи забон ғулғула бар кишвари Сайфам,
В-аз барқи нафас зилзила дар кӯйи Заҳирам.

Дар ҷойи дигар:

Ба касби нашъаи иншои сурату маънӣ,
Куҷост Анвариву Азрақиву Ҳоқонӣ?

Самимонатарин ва содиқонатарин авотифи Зулолӣ ҳамин бахши аъшори ӯст, ки ба рӯзгори фардиаш ва мушкилоти зиндагониаш дахл дорад. Ӯ аз надоштани хонаи мувофиқ ва бесарпарастиаш шикоят мекунад:

Нола зи толеъ, ки дар ин рӯзгор,
Тарбияте на, ки шавам комгор.

Дар ин қабил шеърҳо аз ҳокимони замон ва бетаваҷҷуҳии онҳо ба шоир шикоят мешавад. Бархе аз ашъори шоир бар меояд, ки ӯ иштиёқи зиёрати Каъба ва дигар ҷойҳои муқаддасро доштааст:

Сӯйи Каъба қурбонгоҳи ҳасратам,
Чу назараш кушта дар ҳайратам.
Хушо он ки сӯйи Мадина шавам,
Дами қудсиёнро сафина шавам.

Дар шеърҳои ҷудогонаи шоир ҷанбаҳои иҷтимоии «ман»-и ӯ равшантару муассир садо медиҳад, ки он далели пояҳои устувори воқеӣ доштани сухани Зулолӣ мебошад. Зеро тибқи як қонунмандии маъмули адабӣ ҳарчанд маҷрои адабиёт ба давраҳои нав наздик мешавад, каломи шоир иҷтимоитар мегардад. Бояд гуфт, ки дар шеъри Зулолӣ «ман»-и шахсӣ бо «ман»-и иҷтимоӣ пайванди ногусастанӣ дорад, ки ин шеваи ифодаи андеша дар шеър ҳам шояд ба равандҳои иҷтимоии замони шоир вобастагӣ дошта бошад.

Отифаи дигаре, ки дар ашъори Зулолии Хонсорӣ ба чашм мерасад, ин шикоят аз касодии бозори ҳунар, беқадрии ҳунарманд ва сифлапарастии рӯзгор аст. Аз тасвирҳои шоир чунин бармеояд, ки дар замони ӯ шеъру шоирӣ ва анвои дигари ҳунару истеъдоди одамӣ назди шоҳону дарбориён камэътибор гардида будааст. Ба ҳар ҳол шоир бар он аст, ки дар замонаш маҳз ҳамин бетаваҷҷуҳии ҳокимону зимомдорон боиси беравнақии шеъру шоирӣ гардидааст.

Бояд гуфт, ки дар баъзе бахшҳои шеъри Зулолӣ «ман»-и ӯ камнуру камаҳамият мебошад. Вале дар бархе муноҷотномаҳо, тавҳидияҳо ва авсофе, ки аз ишқ мекунад, «ман»-и ӯ ранги матлуб касб менамояд.

Зулолии Хонсорӣ дар баробари осори манзум асарҳои насрие низ ба мерос гузоштааст, ки онҳо ҳам аз лиҳози сабки баён ва шеваҳои нигориш ҷолибиятҳои зиёди қобили таваҷҷуҳ доранд.

Насри Зулолӣ ҳам мисли шеъраш аз вижагиҳои хоси сабкию поэтикӣ бархӯрдор аст. Баробари ин, дар ин бахши осори шоир ҳам муҳассаноти сабкию баёнӣ ва ҳам таркиботу ифодаҳои мубҳаму нопухта ба назар мерасад. Ҳарчанд шоир дар осори мансур бештар аз осори манзумаш аз саноеи бадеӣ кор мегирад, вале ӯ насрро бо овардани шавоҳиди шеърӣ, қуръонӣ ва аҳодисӣ диққатҷалбкунандатар месозад.

Дар Китобхонаи кохи Гулистон як достоне бо номи «Ҳикояти Зубайдахотун» таҳти рақами 512 маҳфуз аст, ки он ба қалами Зулолии Хонсорӣ мутаалиқ мебошад.

Мутолиаи ин достон, ки бо ороиши пораҳои шеърӣ ба таълиф расидааст, бисёре аз ҷолибаҳои сабки насрнависии Зулолиро ошкор менамояд. Ба ғайр аз достони мазкур аз Зулолӣ тақрибан ҳудуди ҳафтоду ҳашт қасида ва ҳафт маснавӣ боқӣ мондааст. Агар пораҳои шеърии дар тазкираҳои «Хулосат-ал-ашъор ва зубдат-ал-афкор» ва «Харобот»-ро ҳам бар онҳо изофа кунем, ду-се қасида ва чанд ғазали ниматамом, як-ду рубоию дубайтӣ ва чанд такбайте ба осори ӯ изофа мешавад.

Теъдоди қасоиди ӯ, чунон ки мебинем, бояд беш аз оне бошад, ки дар куллиёти шоир оварда шудаанд, зеро ба қавли Насрободӣ шоир танҳо дар васфи чаҳордаҳ маъсум чаҳордаҳ қасида гуфтааст. Ба назари мо номуайянии миқдори қасидаҳои Зулолӣ бештар вобаста аст ба нусхаҳои мавриди истифодаи муҳаққиқон, чаро ки дар нусхаи мавриди истифодаи мо дар васфи Имом Ҳусайн танҳо як таркиббанд сабт шудааст ва дар мадҳи Имом Ҳодӣ ва Имом Ҳусайни Аскарӣ ягон қасидае ба назар намерасад.

Аз нигоҳи сабки баён ва забон қасоиди Зулолӣ дар пояи маснавиҳояш мебошад. Бояд иқрор шуд, ки қасоиди ӯ аз беҳтарин намунаи қасида дар сабки ҳиндӣ аст. Ҳарчанд шоир гоҳо зери таъсири Анварӣ, Хоқонӣ, Камоли Исфаҳонӣ, Котибии Туршезӣ меравад ва гоҳо ба шоири муосираш Урфӣ пайравӣ мекунад, вале он чи шукӯҳи ин бахши ашъори шоирро кам мекунад ин мадҳи номуваффақ дар мавриди имомон аст. Сифатҳои ҷанговарӣ ва ғозигӣ, ки як қолаби маъмулию такрорист дар тасвири имомон ба осори адабӣ имтиёз намебахшад. Мисоли ин ақида қасидаҳои 39, 43, 44, 56, 61 аз «Маснавиёт»-и Зулолӣ мебошад [2]. Аз тарафи дигар ин осор дар пайравии ҳафтгонаҳои маъруфи адабиёти гузашта таълиф шудаанд. Аз ҷумла, шоир ба «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ пайравӣ мекунад. Ӯ «Майхона»-ро бар вазни «Силсилат-ул-заҳаб», «Шуълаи дидор»-ро бар вазни «Саломон ва Абсол», «Ҳусни гулӯсӯз»-ро бар вазни «Туҳфат-ул-аҳрор», «Зарра ва Хуршед»-ро бар вазни «Сабҳат-ул-аброр», «Маҳмуд ва Аёз»-ро бар вазни «Юсуф ва Зулайхо», «Озар ва Самандар»-ро бар вазни «Лайлӣ ва Маҷнун», «Сулаймоннома»-ро бар вазни «Хирадномаи Искандарӣ» таълиф намудааст.

Аз ин маснавиҳо «Ҳусни гулӯсӯз» ва «Шуълаи дидор» асарҳои ахлоқию ирфонӣ буда, аввалӣ дар вазни «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ ва дуюмӣ бар вазни «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлоно таълиф шудаанд. Маснавии «Майхона» бошад бар вазни «Ҳадиқа»-и Саноӣ буда, ба масоили кашфи шароб дар аҳди подшоҳи асотири эронӣ Ҷамшед ихтисос дода шудааст. Дар маснавии «Зарра ва Хуршед» бошад шоир ишқи Зарра ва Хуршедро дар вазни «Сабҳат-ул-аброр»-и Ҷомӣ ба қалам додааст. «Озар ва Самандар» ҳам асари рамзию ишқист. Азбаски «Сулоймоннома» як андоза характери ҳамосӣ дорад, онро муаллиф дар вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Искандарнома»-и Низомӣ сурудааст.

Зулолӣ бо маснавиҳои зикргардида собит менамояд, ки сабки ҳиндӣ зарфияти васеи таълифи асарҳои калонҳаҷми ғиноию ҳамосиро дорост. Бояд гуфт, ки қабл аз Зулолӣ шоироне мисли Низомиддини Муаммоӣ дар истифодаи имкониятҳои тозаи

сабки мазкур кӯшишҳо намуда буданд, ки мисоли он маснавии «Билқиснома»-и ӯст [3]. Достони маъруфи «Маҳмуд ва Аёз» дар асари ҳамноми Зулолӣ, ки бар вазни «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ таълиф шудааст, як андоза мазмуну маъниҳои ирфонию тасаввуфӣ касб менамояд, ки он ҳам далели дигари навсозӣ ва навпардозии шоир дар сабки суннатӣ мебошад [4]. Баъди фавти Маҳмуд дар сари мадфани ӯ ба ёди ошиқ мурдани Аёз ҳамон манзари ниҳонии қиссаи пуршӯри Хусраву Ширинро аз достони Низомии Ганҷавӣ ба хотир меорад.

Бояд гуфт, ки қабл аз Зулолӣ шоирони дигаре мисли Фахриддин Алии Сафӣ, Воизи Кошифӣ ва чанди дигар ба назми ин достони маъруф кӯшида буданд, вале бар иллати фишурдагии мазмун ва ё кӯтоҳиҳои шеваҳои нигориш ягонтои онҳо ба дараҷаи асари Зулолӣ нарасиданд ва шуҳрати бештар касб накарданд [5].

Чунонки дидем дар маҷмӯъ маснавиҳои Зулолӣ ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва ҳам ва нигоҳи банду басти бадеӣ, вижагиҳои сохторию поэтикӣ ва сабку шеваҳои тасвир бартарияту ҷолибиятҳои чашмрас доранд, ки таҳқиқу пажӯҳиши ин хасоиси осори шоир барои муайян намудани ҷойгоҳу мақоми ӯ дар шеъру адаби форсӣ аз бисёр ҷиҳат муҳим ва саривақтӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Кадконӣ Шафеъӣ. Адвори шеъри форсӣ. - Теҳрон: Сухан, 1380, саҳ. 84.
2. Бадрӣ. Феҳрасти девонҳои хаттии китобхонаи Гулистон. Ҷ. 1, 2. – Теҳрон, 1335
3. Феҳрасти микрофилмҳои китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон. Бо кӯшиши Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ. Ҷ. 2.3. - Теҳрон, 1343, саҳ, 22.
4. Ҳамон ҷо, саҳ. 73.
5. Феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи музеи Ҳайдаробод. - Ҳайдаробод, 1949.

ЗУЛОЛИИ ХОНСОРИ И ЕГО МЕСНЕВИ

Зулолии Хонсори является одним из популярных поэтов эпохи Сефевидов. Он внес большой вклад в развитие жанра месневи в персидской литературе. Зулоли в рамках жанровой традиции месневи создал ряд новаторских произведений. Примером является «Махмуд и Аяз», который был написан на основе традиционного сюжета.В данной статье подробно анализируются творческие искания поэта и его новаторство в создании традиционного жанра месневи.

Ключевые слова: месневи, персидская литература, поэма, лирика, жанр, реалистическая поэма.

ZULOLIYA HONSORI AND HIS MASNAVI

Zuloly Honsori Sefevidov is one of popular poets of an era. It made a big contribution in genre development mesnavi in the Persian literature. He within genre tradition mesnavi created a number of innovative works. Examples of that is "Mahmoud and Ayaz" who was written on the basis of a traditional plot.

In this article it is in detail analyzed creative search of the poet and his innovation in creation traditional mesnavi.

Key words: mesnavi, Persian literature, poem, lyrics, genre, realistic poem.

Сведения об авторе: ***Я.Сармаст*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ЧАШМАНДОЗЕ БА РӮЗГОРИ ИБН АН-НАДИМ ВА «АЛ-ФЕҲРИСТ»-И Ӯ

Меҳровар Раҳмонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Абулфараҳ ё Абулфатҳ Муҳаммад ибни Аби Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ ибн ан- Надим китобшинос, феҳристнигор ва муҳаққиқи баѓдод ва нависандаи асари машҳури «ал-Феҳрист» аст. Дар китоби «Табақот-ул-атиббои Баѓдод-и Аби Усайбаъ оварда шудааст. Ба сабаби таваҷҷуҳ зоҳир накардани нависандагон ва тазкиранависони садаҳои баъд нисбат ба Ибн ан- Надим, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмии ӯ маълумоти кам вуҷуд дорад. Ҳатто Хатиби Баѓдод, ки шарҳи ҳоли бисёре аз бузургони Баѓдодро дар китоби маъруфи худ «Таърихи Баѓдод» овардааст, дар мавриди ӯ чизе қайд накардааст. Эҳтимолан ин сукут аз ихтилофи назари Хатиб бо Ибн ан- Надим дар масоили эътиқодӣ ва мазҳабӣ бошад. Дар китоби «Ҳадият-ул- аҳбоб» [4,106] соли таваллуди ӯро ҷумодиюл аввали соли 297 ӯ. навиштанд.

Қадимтарин маъхаз ё манбаъ дар бораи Ибни Надим гузориши мухтасари Ибни Шаҳрошуб дар 588ҳ (1192 м.) дар «Маъолим-ул- уламо» [саҳ. 143] аст. Пас аз вай Ёқути Ҳамавӣ дар соли 626ҳ. (1229м.) дар китоби худ «Муъҷам-ул -удабо» дар бораи шарҳи ҳоли Ӯ маълумоти мухтасаре, ки аз «ал-Феҳрист» гирифтааст меорад ва мегӯяд : «Баъид нест, ки Ибн ан- Надим низ монанди дигар бузургони асри хеш варроқ ва китобфурӯш будааст». Ҳамчунин ӯ дониши Ибн ан- Надимро дар китобшиносӣ ва улуми мухталифи дигар қайд кардааст». Ибни Наҷҷор (643ҳ.) дар бораи аҳвол ва ҳаёти Ибн ан- Надим дар ҳошияи «Таърихи Баѓдод» матолибе нигошта буд, ки Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ дар соли 852ҳ. (1448 м.) бахше аз онро нақл кардааст. Қифтӣ дар соли 649ҳ. бо зикри номи ӯ маҳорашро дар илми китобшиносӣ васф менамояд. Пас аз ин давра Заҳабӣ дар соли 748ҳ. (1348 м.) дар «Таърихи ислом» [2,398-399] шарҳи ҳоли мухтасаре дар бораи вай овардааст. Сафдӣ дар соли 764ҳ. ҳам танҳо дар барои таърихи вафоти Ибн ан-Надим маълумоте оварда аз манобеъ ёдовар шудааст. Дар миёни маъхазҳои баъдӣ, илова бар ҳошияҳои мансуб, Муқризӣ дар ҳошияи нусхаи хаттии «ал-Феҳрист» ки дар китобхонаи Частербети маҳфуз аст, маълумоте афзудааст. Дар ин ҷо бояд аз «Лисон-ул -мизон»-и Ибни Ҳаҷар ёд кард, ки шомили шарҳи ҳоли нисбатан муфассалтаре аз Ибн ан- Надим бар манобеи гуфтаҳои Ибни Наҷҷор, Заҳабӣ ва дигарон аст. Аз байни муҳаққиқони мазкур муносибати тунд нисбат ба шахсияти Ибн ан- Надим вижагии кори Ибни Ҳаҷар маҳсуб мешавад. Баррасии он маъхаз нишон медиҳад, ки иттилооти он дар бораи Ибн ан- Надим бештар иқтибосшуда аз «ал-Феҳрист» ва гоҳ дар асоси иттилооти нодуруст ва ғаразнок аст. Ба ҳар ҳол бо вуҷуди камии маъхазҳо бояд барои ташреҳи зиндагӣ ва фаъолияти илмии Ибн ан- Надим аз асари худи ӯ кӯмак гирифт ва дар натиҷагирӣ бояд эҳтиёт кард. Дар бораи хостгоҳи Ибн ан- Надим наметавон ба таври қатъӣ сухан гуфт, аммо бо таваҷҷуҳ ба он ки вай дар нисбат ва вобастагии худ ба қабилае аз қабоили араб дар «ал-Феҳрист» матлабе наовардааст, метавон гуфт, ки араб набудааст.

Ҳамчунин шоҳиди напардохтани ӯ ба адёни эронӣ дар бахши марбут ба мазоҳиб ва адён, «ал-Феҳрист» ва матолибе, ки дар сафаҳоти 239-240 он овардааст, метавон эҳтимоли эронӣ набудани ӯро тақвият диҳад». Аз сӯйи дигар алоқаи Ибн ан- Надим бо улуми авоил ва дӯстии вай бо олимони масеҳии Баѓдод ва шинохти дархури ситоиши ӯ аз вазъияти пешазисломии Байнаннаҳрайн метавонад шоҳиде барои интисоби ӯ ба қавме бошад, ки қабл аз зуҳури ислом дар Байнаннаҳрайн сокин буданд чунончи номи падараш Исҳоқ ва кунияҳои худи ӯ ва падараш Абулфараҷ ва Абуяъқуб ба ин эҳтимол қувват мебахшад. Гарчи дар сароғози нусхаи Частербети ба ҷойи Ибн ан- Надим аз вай бо унвони ан-Надим ном бурда шудааст, аммо бо таваҷҷуҳ ба ин, ки дар «ал-Феҳрист» ҳамвора аз вай ба унвони Муҳаммад ибни Исҳоқ Ибн ан- Надим ёд мешавад ва ҳамчунин манобеи таърихӣ ва бузургон ғолибан номи ӯро ҳамин сурат ё ба сурати Ибн ан- Надим сабт кардаанд [Тӯсӣ с 41-48,Наҷош с 114].

Дар масъалаи лақабаш метавон гуфт, ки «надим» лақаби падари ӯ будааст, аммо сабаби гирифтани ин лақаб маълум нест.

Аз ватани Ибн ан- Надим низ иттилое дар даст нест танҳо медонем, ки дар Баѓдод мезиста ва муддате дар Мосул низ истиқомат кардааст [1,94].

Дар мавриди таърихи вилодати ӯ чӣ гунае ки дар боло қайд кардем, дар «Ҳадият-ул-аҳбоб» саҳифаи 297 ва дар хабари худи ӯ дар китобаш дар бораи мулоқоташ бо фақеҳи хоричӣ Абӯбакр Бардаӣ дар соли 340ҳ. ҳаст то андозае барои таҳқиқоти мо роҳ мекушояд. Бо таваҷҷуҳ ба иттилое, ки Ибн ан-Надим аз осор ва ақоиди Бардаӣ дар ин дидор гирдоварӣ карда, метавон дарёфт, ки вай дар замони мулоқот аз камоли илм бархурдор будааст, ки ин соли 340ҳ. ба вуқӯъ омадааст. Дидори Ибн ан- Надим аз китобхонаи Алӣ ибни Аҳмад Умронӣ дар соли 344 ҳ. низ дар ин бора қобили қабул аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар ин вақт умри ӯ аз чил гузашта будааст.

Дар мавриди шуғли Ибн ан-Надим гарчи Ёқут эҳтимол дода, ки ӯ саҳифабанд будааст ва бархе аз манобеи дигар зоҳиран ӯро ҳамчун варроқ мешинохтанд, дар худи китоби ӯ дар ин бора ягон қайде ба чашм намерасад. Дар бисёре аз мавридҳо метавон варроқиро марбут ба падараш ва дар бархе аз мавридҳо марбут ба худи ӯ донист. Ба ҳар ҳол далели устуворе бар варроқ будани Ибн ан- Надим дар даст нест, ҳарчанд бархе аз ховаршиносон чун Доҷ ва Крамер эҳтимол доданд, ки ҳам падар ва ҳам писар варроқ буданд.

Ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ибн ан-Надим бо шуғли варроқӣ ошно будааст. Чунончи бахше аз китоби «ал-Авсоф ват- ташбиҳот»-и вай ба китобат ва адовати китоб ихтисос доштааст. Зоҳиран ин ҷо иттилооти ӯро дар ин замина метавон мерос аз падараш донист.

Дар мавриди таҳсилот ва устодони Ибн ан- Надим низ иттилооти андаке дар даст аст, зеро кам нестанд бузургоне, ки Ибн ан- Надим дар китобаш аз онҳо нақл кардааст. Дар миёни ин бузургон ва машоихон метавон аз Ибни Аҳмад Кинд, Абӯалӣ ибни Савори Котиб, Абулҳасан ибни Ҳорун ибни Алӣ, Ибни Яҳё аз Оли Мунҷим, Абӯдулаф Янбуӣ, Абулхайр ибни Хаммор ва муҳимтар аз ҳама Абӯсаиди Сарроф, Абулфараҷи Исфаҳонӣ, Абӯубайдуллоҳи Марзубонӣ ва Яҳё ибни Адиро ном бурд. Ибни Ҳаҷар дар байни устодони ӯ Исмоили Саффорро, ки аз муҳандисони машҳури Бағдод буд ном бурдааст, ки маъхази он дониста нест. Аз китоби худи ӯ метавон исбот кард, ки вай бо улуми мухталиф ошноии нисбӣ дошта, эҳтимолан дар бархе заминаҳо соҳибназар низ будааст. Аз он ҷумла, аз илмҳои адабиёти араб ва улуми авоил, фалсафа ва таърихи фалсафа иттилои комил доштааст. Дарвоқеъ агар ӯ назди Абӯсулаймони Сиҷистонӣ фалсафа омӯхта бошад, бояд барои ӯ дар ин илм мақоми баланд фарз намуд бо ин васф набояд дар мавриди дониши Ибн ан- Надим муболиға кард, зеро «ал-Феҳрист» бештар монанди донишномаеаст, ки ба ҷойи баҳс, баррасии амиқ дар улуми мухталиф бо зикри феҳристи осор пардохтааст, ки ин нишондиҳандаи дониши баланди ӯ мебошад.

Дар масъалаи мазҳаби Ибн ан- Надим ҳаминро гуфта метавонем, ки дар ин ҷо ихтилофи назар ба чашм мерасад ва ин аз гуногунии афкори вай дар «ал-Феҳрист» маншаъ мегирад. Далелҳои мавҷуда дар «ал-Феҳрист» бар майл доштани ӯ бар муътазила далолат мекунад, аз он ҷумла, ки нақли изҳороти муътазилиён дар боби Паёмбар (с) ба унвони сарчашмаи эътизол [1,202]. Зикри мадҳи Ибни Аби Довуди муътазила, ки аз муаллифон набуд танҳо ба далели дифоаш аз эътизол ва муътазила, аҳли адл ва тавҳид донистани муътазилиён, далели майли ӯ ба муътазила мебошад. Гарчи аз ибороте, ки Сабқӣ дар бораи Ибн ан- Надим овардааст чунин бармеояд, ки ошноии вай бо илми калом чандон амиқ набудааст, вале мусаллам аст, ки ӯ дар боби эътизол ва муътазила маълумоти кофӣ ва амиқ доштааст. Инчунин вай бархе аз имомони шиа ва фарзандонашонро бо ҷумлаи «алайҳи салом» ёд карда аст [1,12,95,252] ва аҳли байти паёмбарро ҳамчун фарди шиа меситояд [1,197,276], барои хулафо ва дигар бузургони дин ибораи «разиаллоҳу анҳу»-ро ба кор намебарад [1, 27,115,1347]. Ҳамаи инро ба назар гирифта метавон гуфт, ки вай шиамазҳаб будааст. Дар ин ҷо ҳаминро зикр кардан бамаврид аст, ки ибораи тарзиҳ, ки дар баъзе мавридҳо дар китоби «ал-Феҳрист»-и чопӣ [1,115,161,224,251], ки дар бораи Умар ибни Хаттоб ва дигарон дида мешавад дар нусхаҳои аслии китоб ба назар намерасад ва аз ин рӯ, метавон дарёфт, ки ин таъбир тавассути нусхабардорон изофа шудааст. Инчунин ин ҷо далелҳои дигар аз қабили зикри таъбири «хосса» барои шиён ва «омма» барои аҳли суннат [1,264,287,289] низ вуҷуд дорад, ки метавонад ба шиа будани вай далолат кунад.

Нақли ривояте аз Воқидӣ бар чунин маънӣ аст, ки Алӣ муъҷизаи Паёмбар (с) аст, ҳуснулмазҳаб хондани Воқидӣ, ки худ ӯро шиа медонад. Бо ин ҳама диққати Ибн ан-Надим дар китобаш ба шиён ва ин мазҳаб метавон чунин исбот кард, ки вай гарчанд, ки шиамазҳаб буда, аз ҷумлаи муътазилиён бошад ҳам, аз ҷиҳати фиқҳӣ иртиботи зиёде бо ҷомеи имомияти Бағдод надоштааст.

Дар мавриди робитаи Ибн ан- Надим бо мазҳаби ҳанафӣ чунин бояд ҳисобид, ки ӯ бо Абӯҳанифа ва мазҳаби вай низ алоқа доштааст. Ин аз он возеҳ мегардад, ки ӯ Абӯҳанифаро мадҳи болоӣ кардааст. Дар ҷойи дигари китобаш мунозираи машҳур миёни Абӯҳанифа ва Муъмини Итлоқро, ки нозир бар қадаҳи Абӯҳанифа буд, зоҳиран ба гунае, ки таҳриф шуда буд, нақл кардааст [1,224]. Шояд алоқаи Ибн ан-Надим бо Абӯҳанифа мутаассир аз ақоиди устодаш Абӯсаид Саррофӣ дар ин боб бошад. Ба ҳар ҳол, чун Ибн ан-Надим бо гироишҳои муътазилӣ ва андешаи хирадгароӣ ва фалсафии худ наметавонист бо Абӯҳанифа бегона бошад, чунончи файласуфе чун Абулҳасани Омирӣ низ ба Абӯҳанифа ва фиқҳи ӯ гироиш дошт. Ибн ан-Надимро бо ҳама гироишҳояш ба шиа, муътазила ва мазҳаби ҳанафӣ, наметавон Зайдӣ донист, чунончи ибораи вай «ва заъма баъзал зайдияти» ва инчунин дидгоҳи ӯ дар бораи аимма метавонад муайяди ин назар бошад. Бузургони аҳли суннат гироиши ӯро ба мазҳаби шиа қатъан рад кардаанд.

Дар бораи таърихи вафоти Ибн ан - Надим андешаҳо мухталиф аст Сифдӣ соли вафоти ӯро 380 ҳ. навиштааст, Макризӣ чаҳоршанбеи 20 шаъбони 380ҳ. нигоштааст, Ибни Наҷҷор бошад даргузашти ӯро чаҳоршанбе 20 шаъбони 385 ҳ. ва дар ҷойи дигар 383ҳ. Овардааст. Инчунин дар тарҷумаи Ибни Ҷиннӣ таърихи 392ҳ. дар тарҷумаи Марзабони 388ҳ ва дар тарҷумаи Ибни Наботаи Таймӣ таърихи 400 ҳичрӣ, вале маълумотҳо исботи комил надоранд. Бо таваҷҷуҳ ба таърихи охири замони марги Ибн ан-Надим соли вафоти ӯро аввалҳои садаи 5 навиштаанд. Дар китоби худи ӯ «ал-Феҳрист» бошад, таърихи 380ҳ. нигошта шудааст. Муаллифи китоби «Алвофи бил Вафиёт» низ онро 380ҳ навишта аст. Аз ин ҳама ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки соли вафоти ӯ 380ҳ. будааст ва эҳтимол навиштаи ибни Наҷҷор низ 380ҳ. бошад.

Аз Ибн ан –Надим асари гаронбаҳое боқӣ□мондааст, ки дар шинохти китобҳои гузаштагон ва муаллифини онҳо хизмати арзанда мекунад. Ин асари машҳур «Ал-Феҳрист» мебошад. «Ал-Феҳрист» аҳамияти бузурги илмӣ, адабӣ ва таърихӣ дошта, воқеоти таърихию адабиро дар бар мегирад. «ал-Феҳрист» дар омӯхтани таърихи адабиёти пешазисломии мо низ сарчашмаи муҳим аст. Масалан дар мақолаи ҳаштум 70-номгӯйи асари адабиёти қадими форсу тоҷик зикр ёфтааст, ки дар асри даҳ мавҷуд буданд ва баъдтар аксарашон аз байн рафтаанд [3,142,482]. Китоби «ал-Феҳрист»-и Ибн ан-Надим ганҷинае аст шомили тамоми китобҳои маъруфи олами исломӣ то авохири асри 4-уми ҳичрӣ. Ин китоб на танҳо мисли донишномаест, балки таърих, фарҳанг, адабиёт, фалсафа, кимиё ва бисёр илмҳои дигарро низ фаро гирифтааст, ки хусусияти китобшиносӣ низ дорад.

Чунончи аз муқаддимаи кӯтоҳи китоб бармеояд [1, 3], Ибн ан –Надим тасмим гирифтааст, то феҳристе аз кулли осоре, ки бо забони араб тавассути нависандагони араб ва ғайриараб таълиф шуда буд бо шарҳи ҳоли муаллифон ба рӯйи қоғаз орад. Аммо мутолиаи «ал-Феҳрист» нишон медиҳад, ки муҳтавои ин китоб густурдатар ва фарохтар аз он аст, ки муаллиф дар муқаддима ваъда дода буд. Гарчи пеш аз таълифи «ал-Феҳрист» осори маҳдуд ва мухтасар бо номи феҳрист таълиф шуда, буд, вале шеваи таълифи он асар аз равиши Ибн ан-Надим бисёр фарқ дорад. Метавон гуфт, ки «ал-Феҳрист»-ро метавон ягона китобшиносии умумии чор садаи нахустини исломӣ ва муддатҳои баъд аз он ҳисобид. Бо вуҷуди он ки дар садаи чорум донишномаҳое чун «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ, «Расоил-ул-ихвон»-и ас-Сафӣ, «Мафотиҳ-ул-улум»-и Хоразмӣ ва «Ҷавомеъ-ул-улум»-и Ибни Фариғун таълиф шуда буданд, ҳеҷ яке аз ин китобҳои номбаршуда натанҳо аз лиҳози вусъат ва диққат, балки аз назари равиши нигориш низ бо «ал-Феҳрист» қобили муқоиса нестанд. Гарчи баъди Ибн ан- Надим Ибни Абиусайиа китоби худ «Табақот-ул-атиббоъ» ва Қифтӣ «Таърих-ул-ҳукамо»-ро навиштанд ҳамагӣ таҳти таъсири китоби Ибн ан- Надим монда буданд.

Мазмуни «ал-Феҳрист» даҳ мақола ва масъалаҳои зайлро фаро гирифтааст:

1.Кутуби муқаддаси мусулмонон, яҳудиён ва масеҳиён, ки дар ин ҷо иноятӣ бештаре ба улумӣ қуръонӣ дода шуда, ҳамроҳи муқаддимае дар боби хат ва забонҳои халқҳои гуногун маълумот дода шудааст;

2. «Наҳв ва луғат»;

3. «Таърихи ансоб ва мавзӯоти вобаста ба он»;

4. «Дар бораи шеър ва шоирон»;

5. «Илми калом ва мутакаллимон»;

6. «Дар бораи фиқҳ, ҳадис, фақеҳон ва муҳаддисон»;

7. «Фалсафа ва улуми қадим»;

8. «Афсона, сеҳр ва ҷоду»;

9. «Мазоҳиб ва адён»;

10. «Кимиё».

Таърихи таълифи «ал-Феҳрист» соли 377 ҳ. аст ва зоҳиран Ибн ан-Надим баъд аз ин таърих низ баъзе аз иттилоотро бар он афзудааст. Ба эҳтимоли қавӣ соли 377ҳ. таърихи танзими аксари китоб мебошад, ки ин нуқта дар поёни бобҳои китоб низ қайд шудааст. Ибн ан-Надим ҳамон гунае, ки дар муқаддимаи китоб мутазаккир мешавад, «ал-Феҳрист»-ро ба касе, ки аз вай танҳо ба унвони ас-Саид ал-Фозил ёд мекунад тақдим кардааст. Дур нест, ки муроди ӯ Исо ибни Алӣ ибни Ҷарроҳ бошад, зеро танҳо аз вай бо унвони Сайидино ёд кардааст.

Ибн ан- Надим дар «ал-Феҳрист» ба баррасӣ ва нақди аҳволи пешиниён ҳиммат гумошта, гоҳе дар бораи интисоби китобҳо ба нависандагон ба баҳс пардохтааст ё китоберо хонда дар бораи он изҳори назар кардааст. Вай гоҳе дар мавриди ровиён ва муҳаддисон аз истилоҳоти ҳадисе ҳамчун «сиқа фил ҳадис» истифода карда, дар баъзе мавридҳо ба равиши муҳаддисон ва ровиёни китобҳо низ ишора кардааст ва гоҳ ба таҳрирҳои гуногуни як китоб пардохта, дар бархе мавридҳо ба машҳур ё матрук будани китобе ишора кардааст.

Ибн ан-Надим гарчанде дар муқаддимаи китоб ваъда додааст, ки танҳо аз муаллифон ва осори онон ёд кунад, аммо дар мавридҳои бисёре аз донишмандоне ном бурдааст, ки соҳиби таълиф набудаанд [1,52,77,78,95]. Вай бо нақли он чи пешиниён зикр карда буданд, чандон рағбате надоштааст. Чунончи дар бахши марбут ба табақоти шуаро худаш ба ин матлаб ишора кардааст. Вай дар китоб аз ҳолу аҳволи ҳамаи муосирони худ маълумот овардааст, гарчи гоҳе дида мешавад, ки ба шахсони бисёр машҳур чун Яъқубӣ ишора накардааст.

Ибн ан -Надим дар таълифи асари пурмуҳтавои худ аз маъхазҳои гуногун истифода бурдааст. Вай дар канори таълифоте, чун тафсири Тадорас бар «Таврот» ва аз осору ёддоштҳои бисёри муаллифон, иттилооти шифоҳии халқ, аз шахсони огоҳ аз таърихи халқи мусулмон ва ғайримусулмон иттилооти сокинони маҳалҳои мухталиф баҳра бурдааст. Инчунин зимни муошират бо рӯҳониёни динҳои гуногун, ширкат дар мақлисҳои онон, мусоҳиба бо ситорашиносон, кимёгарон ва аз китобхонаҳои хусусии Бағдод ва Мосул дар таълифи китобаш истифода кардааст. Ибн ан -Надим худ дар мавридҳои мутааддид қайд мекунад, ки вай ҳамаи иттилооташро аз нусхаи дастхати муаллифон ё аз фарди боварибинок гирифтааст.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки «ал-Феҳрист»-и Ибн ан-Надим на танҳо донишномаи илмҳои ансоб, калом, фиқҳ, ҳадис, фалсафа, кимиё ва дигар улуми аҳди исломӣ ҳисоб меёбад, балки яке аз маъхазҳои муҳим ва муътамад дар таҳқиқи таърихи шеъру адаб ва қасасу ривоёти арабиву форсӣ ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ибн ан-Надим. Ал-Феҳрист. Тарҷумаи Ризо Тақаддуд. -Теҳрон, 1381.
2. Заҳабӣ. Таърих-ул-ислом. Бағдод.1983. –С. 388-389.
3. К. Айнӣ. Энсиклопедияи советии тоҷик.- Ҷилди 1.-Душанбе, 1988.-С. 142,482.
4. Шайх Аббоси Қумӣ. Ҳадият-ул-аҳбоб.-Теҳрон, 1383.-С.106.

ВЗГЛЯД НА ЖИЗНЬ ИБН АН-НАДИМА И ЕГО «КИТАБ АЛ-ФЕХРИСТ»

Абулфарах или Абулфатх Мухаммад ибни Аби Яъкуб ибни Мухаммад ибни Исхок ибн ан- Надим библиограф и исследователь, автор знаменитого произведения «Китаб ал-Фехрист». Данная книга представляет собой свод сведений о литературе на арабском языке первых четырёх веков ислама, включая переводы произведений иноземных авторов. Ан-Надим сообщает о книголюбах своего времени и их библиотеках, а также об истории книги и письменности. Географический охват материала в "Китаб ал-Фехрист " в значительной мере определяется тем, что автор провёл большую часть своей жизни в Багдаде и был тесно связан с его книжным рынком. Труд ан-Надима положил начало целому жанру библиографической литературы на арабском и персидском языках.

Ключевые слова: Ан-Надим - библиограф и исследователь,, «Китаб ал-Фехрист». свод сведений о литературе на арабском языке, вариант, списки-каталоги, библиографический анализ.

LOOK AT THE LIFE OF IBN AN-NADIM AND HIS «KITAB AL - FEKHRIST »

Ibn Muhammad Ibn Iskhok Ibn an - Nadim bibliographer and researcher, author of the famous works of the «Kitab al- Fekhrist». This book is a collection of information on literature in Arabic the first four centuries of Islam, including translations of foreign authors. An-Nadim tells about bibliophiles their time and their libraries, and about the history of book and writing. The geographical coverage of the material in "Kitab al- Fekhrist" is largely determined by the fact that the author spent most of his life in Baghdad and was closely associated with his book market. The work of an- Nadim started a whole genre bibliographic literature in Arabic and Persian languages.

Key words: An -Nadim - bibliographer and researcher, «Kitab al-Fekhrist», collection of information on literature in Arabic, option, lists, catalogues, bibliographic analysis.

Сведения об авторе: ***Мехровар Рахмонов*** – аспирант Таджикского национального университета

АМИРИ ПОЗВОРӢ АМИРХОНӢ ВА СУРУДҲО ДАР МОЗАНДАРОН

Кейван Пахлаван Езатуллоҳ
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ

Дар мавриди таъйини замон тавлид ва даврони зист ва марги Амир Позворӣ то кунун ҳеҷ тариқи мантиқӣ ва санаде ироа нашудааст. Аз навиштаҳо ва тазкираҳои мавҷуд низ матлабе мутмаъин ва маҳкам оид намегардад, танҳо дониста мешавад, ки мавлуди вай Позвор аз тобеи Бобул ва ҷузъи қасаба ё бахши Амиркало воқеъ дар сари роҳи Бобул ба Бобулсар буда, ба иллати иҳота ба дониши асри худ ба лақаби «Шайхулаҷам» шуҳрат доштааст.

Дар ашъори баҷоймонда аз Шайхулаҷам Муҳаммад Позворӣ мулақаб ба Амир чунин бармеояд, ки вай дар авохири даврони Сафавӣ мезистааст. Албатта, шеъре аз ӯ ёд шудааст, ки зиндагии вайро дар замони Нодиршоҳи Афшор медонад. Ба ҳар тақдир наметавон таърихи таваллуд ва марги шоирро ба таври дақиқ таъйин ва баррасӣ кард.

Аз Амир Позворӣ асари мактубӣ барҷой намондааст, то ҳовии шарҳи ҳол ва мароҳили зиндагии ӯ бошад ва ҳатто ашъораш то қарни ҳаждаҳум дар синаҳо нигоҳ дошта шуд ва аз насле ба насли дигар интиқол ёфт. Нахустин бор Барнаҳорад Доран ховаршиноси рус ба ҳиммати Мирзо Муҳаммад Шафеи Мозандаронӣ ва Муҳаммад Содиқ ашъори ӯро аз маҳфузоти мардум ҷамъоварӣ карданд ва пас аз тарҷума ба соли 1237 ҳиҷрии шамсӣ дар Петербург интишор дод.

Таронаҳои ӯ мазомини ошиқона ва орифона, динӣ – тафсирӣ, чистон, хабару ихтиёр, дӯст, гуҳар (маъшуқ), тавсифи табиат, дуо, эмомон, пайғамбарон, файласуфон, тарки дунё, марг, кору бори фалак, арзиши инсон, адам дарки зоти Худо, рақиб, мавъиза, арбобу раият, эътиқодоти устурагӣ, васфи макон, пурсиши растохез… дида мешуд, ки ҳар кадом дорои маънои ғанӣ ва дилкаш аст. Ашъораш ба сабки хуросонӣ ва ташбеҳи бештар аз истиора, маҷоз ва киноя ва соири санооти адабӣ аст. Рубоиёташ ҳиҷоӣ ва аз шеваи ашъори паҳлавӣ бархурдор аст.

Табарихонӣ (мусиқии таронаи Амирӣ) метавонад бозмондаи мусиқии қабл аз исломи Мозандарон бошад. Ин овоз бар хилофи мусиқии базмӣ, маъюскунанда сабки роиҷ ва маҳалихонии баъзе аз муҷриёни ноогоҳ, аз рӯҳи ҳамоса ва илқооти размӣ бархурдор аст. Агар иҷрои саҳеҳе аз ин гӯша, ки имрӯз ба «амирхонӣ» машҳур аст, бишавад фалсафаи муборизаталабӣ аз он ба хубӣ машҳур аст.

Ин овоз худ ба худӣ мерасонад, ки муҷрии он бояд дақиқан аз булбулу чаҳ-чаҳаҳои гулӯӣ истифода намояд ва аз лиҳози садо ва таҳрир ва нафас аз қудрати болоӣ бархурдор бошад [1].

Амирӣ дубайтиҳое ҳаст, умдатан бо сарбанд ё шеваи «Амир гута, ки..» шурӯъ мешавад, намунае аз ашъори амирӣ:

Амир гута, ки оӣ шубайяҳи хотири миниа ҷамъ найия
Амир мегӯяд боз шаб омад, ман парешонхотирам.
Сад доғ дори мебайито аз виа кам ния.
Сад доғ дорам як ҳам аз он коста нашуд.
Хидоё, агир дуванди мибандагӣ тирия чам ния
Худовандо, агар бандагии ман ба мазоқат созгор нест
Мираххисҳо к-ин, милки Хидо кам ния.
Мар хасм кун, замини Худо кам нест.

Амирӣ яке аз муҳимтарин овозҳои сартосари Мозандарон ва яке аз аркони мусиқии Мозандарон аст. Соз (маъмулан лалаво) овоз ва шеъри амирӣ системаи ҳамоҳангиро ташкил медиҳанд, ки ашъори Амир сутуни фақароти он аст. Маъмулан пас аз амирихонӣ як «резмақом»-и шод, тунд ва зарбӣ хонда мешавад. Метавон дар поёни амирӣ / табарӣ кулли ҳол (ҳолати кӯтоҳшудае аз табарии баланд)-ро хонд. Ин кулли ҳол аз назари моягӣ бо амириҳои баланд мунтабиқ аст.

Ашъори амирӣ ба далели истифода аз аносири бумӣ ва интибоқи он бо шеваи зиндагии мардуми саросари Албурз ва такя бар эҳсосот ва зебошиносии онҳо тавонистааст ончунон нуфузе ба ҳам расонад, ки аҳолии ин манотиқ амириҳоро ҳамчун оинаи пандомезе бидонанд, ки бозтоби зиндагӣ, ишқ ва орзуҳояшон аст. Мардуми ҳар як аз манотиқ ин ашъорро мутааллиқ ба худ дониста, шеърхонони ҳар як аз навоҳии

мазкур ашъори амириро бо устодӣ ба гӯйиш ва лаҳҷаи худ баргардондаанд ва ба онҳо рангу бӯйӣ бумӣ додаанд. Ба ҳамин хотир, шояд Амирӣ баъд аз Наврӯзхонӣ шохистарин намунаҳои фарҳанги фолклор бошад, ки ба сурати муштарак дар миёни ҳама аҳолии Албурз истифода мешавад ва яке аз барҷастатарин вуҷуҳи муштараки фарҳангӣ дар байни бисёре аз сокинони Албурз талаққӣ мешавад. Девони бозмонда аз Шарафшоҳ илова бар таъйиди ин ягонагии ҳиссӣ ва адабӣ нишондиҳандаи таваҷҷуҳ ва алоқаи шуаро ва урафои манотиқи мухталифи Албурз ба ин сабки шеър ва баёни андешаҳояшон аз тариқи он аст. Шарафшоҳ Дулойӣ аз намунаи ин гуна шуаро ва урафост, ки нуфузи калом ва истеҳком ва зебоии ашъораш муҷиб шуда, то дар Гелон ин сабки шеър ба номи ӯ, яъне «Шарафшоҳӣ» номдор шуд. Ҳамон тавр ки шеъри «табарӣ» таҳти таъсири номи амир ба «амирӣ» шуҳрат пайдо кард.

Пири Шарафшоҳи Дулойӣ аз машоихи шимоли Эрон аст, ки ашъореро дар вазни амирӣ ё табарӣ сурудааст. Ҳарчанд Пири Шарафшоҳ асолатан гелонӣ ва ё ба қавле «толишӣ» аст, вале сабк ва сиёқи шуарои ӯ комилан мунтабиқ бо амириҳост. Гелониҳо ба ин сабки шеър, «Шарафшоҳӣ» мегӯянд, вале татобиқи комили ҳиҷоӣ ва вазни ашъори ёдшуда бо ашъори табарӣ нишон медиҳад, ки дарвоқеъ ҳамаи ин ашъор тобеи вазну сабки махсусе аст, ки ҳамон сабк «канори хазарӣ» ё «табарӣ» аст[2].

Сурудаҳои Амири Позворӣ дорои мушаххасоти боризе ҳам аз лиҳози вазн ва муҳтавӣ ва ҳам ба лиҳози лафз ва мусиқии калом мебошад. Асғарӣ Оқоҷониён Мирӣ тавзеҳи мабсуте бо ашъори Амир додааст:

1. Дар кул, ашъори Амир Позворӣ ба шакли зер тақсим мешавад:

а) такбайтӣ (муфрадот)

б) навъи рубоӣ

в) чомавор (ғазал)

г) қасидавор (чакома)

д) мураббаъ таркиб

2. Ҳар мисраъ маъмулан 12-ҳиҷоӣ аст, аммо бархе авқот теъдоди онҳо аз 11 то 14 ҳиҷо аст.

3. Ҳиҷои кӯтоҳ ва баланд аз назме бархурдор нестанд. Гоҳе мумкин аст 4 ҳиҷои кӯтоҳ дар канори ҳам қарор бигиранд, ё ин ки дар як шеър, чаҳор мисраъ, бо ҳам тафовути ҳиҷоӣ дошта бошанд.

4. Гоҳе 4 ҳиҷои кӯтоҳ ё баланд дар канори ҳамдигар қарор мегиранд.

5. Вазни шеърӣ бар тибқи шеъри қадими Эрон ҳиҷоӣ аст на арӯзӣ.

6. Ашъори Амир Позворӣ тобеи мусиқӣ аст, зеро бо кашиши ҳиҷоҳо ва ё сурати ҳиҷоҳо ихтилофи кӯтоҳӣ ва баландии ҳиҷоҳо аз байн меравад.

7. Ҳиҷои ашъори Амир бештар ба лиҳози қолаб ва мусиқии калом ва теъдоди ҳиҷоҳо, ба баҳри «Сепантмоенав»[3], ки 4 мисраъ ва 11 ҳиҷо дорад наздик аст ва бо «Некинома»-и «Марзбон ин Рустам» ҳамвазн аст. Ҳамчунин ба ашъори Монӣ, ки аз Турфон Туркистони Чин ба даст омадааст, наздикӣ дорад, зеро ба лиҳози ҳиҷоҳо ва мусиқии калом бо ҳам баробаранд.

8. Дар ашъори Амир Позворӣ дар ҳар мисрае қофия ва радиф меояд. Ин маврид дар арӯз ва ашъори суннатӣ ба чашм намехӯрад, магар дар маснавӣ ё рубоӣ ё дубайтӣ.

9. Илзоми қофия ва радиф дар ҳар мисраи мобайни шеъри ҳиҷоии Эрони бостон аст, ки ба ҷойи қофия ва радиф дар ҳар мисраъ аз сачъ истифода мекарданд.

10. Такрори ноҳия дар як қасидавор ё ашъори тӯлонӣ амри одӣ аст.

11. Ҳарфи «рӯй» дар вачҳҳои қарибулмахраҷ риоят намешавад. Икфоъ ва ифоъ ба фавр дар абёт ба чашм мехӯрад, ки худ расонандаи ин паём аст, ки шеър дар чорчӯбу низом ва муқаррароти суннатӣ ҳаракат намекунад, балки табъи мусиқӣ ва сачъ ва ҳиҷои аҳди бостон аст.

12. Гарчи дар бархе аз ашъор, қофия ва радиф риоят шуда, аммо умумият надорад [4].

Ба ин тартиб, истилоҳи «амирӣ», ба як навъ сабки шеър ва адаб итлоқ мешавад, то ба ашъори шоирӣ ба номи Амир нағмаи овозии он. Дар даврaҳои мухталифи таърихӣ ашъори мухталифи амирӣ дар байни мардум роиҷ шуда, ки худи Амири Позворӣ насуруда, вале ба номи ӯ сабт шудааст. Ба гуфтаи Оқои Содиқ Содиқӣ сокини Кимдара – Омул Ризо Хурот аҳли рустои Ёлӣ аст. Ризо шуғли чӯпонӣ дошт, қареҳаи шоирӣ дошт ва бо ашъоре, ки сурудааст, ба номи ашъори амирӣ дар дили мардум ҷой гирифтааст.

Шоирони гумноми бисёре ҳастанд, ки ашъореро бар вазни амирӣ сурудаанд ва ба хотири зебоии калом дар миёни мардум роҳ ёфта, ба номи Амири Позворӣ аст.

Намунае аз шеъри амирӣ:
Амир гетии ин сарке сарпуши ёрун,
Нопухте бачуш пухти бачуши ёрун.
Ун каси ке заррий хуши ёрун,
Пиши аҳли фаҳм талеб бе гӯши ёрун [5].

А Д А Б И Ё Т

1. Аскарӣ Оқоҷониён Мирӣ. Шарҳи ҳол ва арӯзи шеъри Амир Позворӣ. Аз китоби «Амир Позворӣ аз дидгоҳи пажӯҳишгарон ва мунаққидон», ба кӯшиши Ҷаҳонгир Насри Ашрафӣ, Тайсопо Асрӣ, - С. 34-35.
2. Озарӣ Фотима. Табариҳои Амир ва Шарафшоҳ. Аз китоби «Амир Позворӣ аз идгоҳи пажӯҳишгарон ва мунтаққидон». – С. 153.
3. Пури Довуд. Готҳо -С 224.
4. Аскарӣ Оқоҷониён Мирӣ. Шарҳи ҳол ва арӯзи шеъри Амир Позворӣ. Аз китоби «Амир Позворӣ аз дидгоҳи пажӯҳишггарон ва мунаққидон». – С. 43 – 45 .
5. Ручо М.М : Сад таронаи амирӣ. –С.82.

АМИР ПОЗВОРИ АМИРХОНИ И ЕГО ПОЭЗИЯ В МАЗАНДАРАНЕ

Данная статья посвящена изучению жизни и поэтической деятельности народного иранского поэта Амир Позвори Амирхони, который по некоторым сведениям жил и творил во времена правления Нодиршаха Афшора.

Ключевые слова: иранская поэзия, творчество поэта Амира Позвори Амирхони, поэтическая деятельность, поэтическое наследие.

AMIR POZVORI AMIRKHONI AND HIS POETRY IN MAZANDARAN

This article is devoted to the study of life and poetic activity of the national Iranian poet Amir Pozvori Amirkhoni, who reportedly lived and worked during the reign of Nodirshah Afshor.

Key words: Iranian poetry, the creativity of the poet Amir Pozvori Amirkhoni,, poetic activity, poetic heritage.

Сведения об авторе: ***Кейван Пахлаван Езатуллох*** - соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

ТАҶАЛЛИИ ҲИКМАТИ НАЗАРӢ ДАР ШЕЪРИ НИЗОМӢ

Шариатфар Саид Алиакбар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърих ва моли қадимии бузург ба нудрат мардони барангехта мешавад, ки шохае аз ҳунарро ба таври махсус ва шигефтовар муаррифӣ кунанд. Дар миёни шахсиятҳои таърихӣ, ки тавонистаанд дар қолаби ҳунари шеърӣ ҳақоиқи олии илмӣ, ҳакимӣ, ахлоқӣ ва ирфониро бар арсаи маърифати башарӣ ворид намоянд, бидуни тардид Низомии Ганҷавиро, аз ҷумлаи ин фарзонагон ном бурдан ҷоиз аст, ки бо камоли шоистагӣ бо сифати Ҳаким ӯро оростаанд, то он ҷое ки вай дар мақоме аз маърифат қарор гирифтааст, ки бархе аз соҳибназаронро водор намуда, ки ӯро бо Ҷалолуддин Муҳаммад Мавлавӣ муқоиса намоянд.

Чирадастии Низомӣ ва тасаллути ӯ бар алфози арабӣ ва форсӣ ва баҳрабардории вай аз онҳо дар ироғии маъонӣ ба қадре маҳкам ва равон аст, ки воқеан беназир будааст.

Бо баррасии осори Низомӣ бо камоли итминон метавон гуфт, ки Низомӣ шахсияте аст, ки дар адабиёти форсӣ дар радифи аввалии фарзонагони ин ришта ва дорои завқи бисёр саршор ва огоҳии қобили аҳамият аз ҳақоиқи марбут ба илоҳиёт ва ҷаҳони ҳастӣ ва усул ва масоили ахлоқӣ ва дигар маорифи исломӣ будааст, бо баҳрагирӣ аз ғанои фарҳанги Эрон, андешаҳои волои исломӣ, масоили ахлоқӣ ва ҳакимиро бо беҳтарин шакл мумкин ироа додааст.

Аксар абёти Низомӣ дар муноҷотҳо ва дигар мазомине, ки дар осори вай омадааст, бештар ҷанбаи ҳакимӣ ва ахлоқӣ дорад. Ӯ бо унвони бозгӯкунандаи ормонҳои волои башарӣ дар шеър маҳорати босазо дошта ормонҳои башариро дар таърихи афкори бадеии Шарқ дар шеър арза доштааст. Муҳтавои аксар шеърҳои Низомӣ мубтанӣ бар ҳикмат аст.

Таҷалии ҳикмати назарӣ дар шеъри Низомӣ. Корбурди мубоҳиси ҳакимӣ ва ахлоқӣ аз авоили қарни чаҳоруми ҳичрии қамарӣ дар шеър ва адаби форсӣ маъмул гардид. Дар адабиёти форсӣ бо ҳиммати волои шеъроромии чун Низомӣ, Аттор, Саноӣ, Саъдӣ ва ба баракати завқ ва ҳунари нависандагон монанди Унсурмаолӣ ва роҳ ёфтани андешаҳои волои исломӣ, масоили ахлоқӣ ҳакимӣ аз чунон ҳаловат, ширинӣ ва латофати баёне бархурдор аст.

Дар фарҳанги пӯё ва ҳадафдори башарӣ вожаҳое вуҷуд дорад, ки агар муҳтавиёти воқеии худро аз даст намедод, манфиатгароӣ ва лаззатпарастӣ ва худмеҳварии инсоннамоиҳо ихтилоле дар онҳо падид намеовард. Ҳаёти инсонҳо дар тӯли таърих маънои олитаре пайдо мекард.

Мутаассифона, ин мафоҳим чунон бо тағйирот, таассуроти сохта дучор шуд, ки манфиатгароён ва шуҳратпарастон онро падидае табиӣ талаққӣ намудаанд, хатти калимоте аз қабили ҳақиқат, адолат, озодӣ, илм, виҷдон, маърифат, саодат, ахлоқ, дин, дуо ва ниёиш, ки муҳтавиёти аслии онҳо аз даруни инсонҳо сарчашма мегирад, муҳтавиёти худро аз даст медод ва ё дучори ихтилолот мешуд.

Ғаноии фарҳангии Эрони исломӣ ба ҳадде аст, ки шеър ва гӯяндагони он дар муқобили ин нуфуз истода ва онро вопас медонанд, инон аз ҳикмати қавӣ ва ғанӣ ба номи ҳикмати исломӣ бархурдоранд, нуфуз ва таъсири қирон ва ҳадис дар афкор ва ақоиқ шеърои форси забони эрони исломӣ, на ҷойе барои ҳикмати онон боқӣ мегузоранд ва на маҷоле барои ҷилвагарӣ ифтихороти милӣ ва обоӣ ва аҷдодӣ.

Бо баррасӣ дар осори Низомӣ бо камоли итминон метавон гуфт, Низомӣ шахсияте аст, ки дар адабиёти форсӣ дар радифи аввал аз фарзонагони ин русто ва дорои завқи бисёр саршор ва огоҳӣ аз ҳақоиқи марбут ба илоҳиёт ва ҷаҳонбинии ҳастӣ ва усул ва масоили ахлоқӣ ва дигар маорифи исломӣ будааст ва орои каломеро маъмулан аз дидгоҳи мактаби ашъорӣ сарфи назар аз маснавиҳои ахлоқии «Махзан-ул-асрор», ки ҷилвагоҳи ҳикмати амалӣ аст, дар шурӯи ҳар яке аз осори худ ба ҳиммати назарӣ, яъне баёни тавҳид ва наъти Парвардигор ва баёни қудумат ва қудрат ва наъти паёмбар пардохта дар муноҷоти девони худ, ки пир аз ҳақоиқи ахлоқӣ ва ҳакимӣ ва ирфонӣ аст ва ҷовидонагии низомро тазмин намудааст ба ҳикмати мутолиа рӯй оварда он гоҳ шурӯъ ба нақли достонҳо карда ва дар заминаи достонҳо ва ҳикматомӯзӣ ва панду андарз пардохтааст.

Дар ин паҳнаи ҳунарнамоӣ, ҷавҳари аслии он, сӯзи дарун ва дардмандии холисона аст, баёни дилнишин ва зарофати таъбир дар захма бар рӯҳ навохтан ва муассир афтодани сухан нақши бисёр муҳиме дорад. Шоирони фаровоне дар ин замина талош кардаанд ва ҳар кадом дархури хушӣ ба гунаи хос, ҳунарнамоӣ намудаанд, аммо дар ин миён муноҷотҳои вай ҷилваи мумтоз гирифтааст.

Муҳтавои муноҷоти Низомӣ маърифати ошиқӣ, динӣ, фалсафӣ, каломӣ ва ирфонии ӯ ҳамчунин рӯҳи ошиқи пурсӯзи ӯст, ки дар ашъори вай забона мекашад замири огоҳи ӯ аз идеяи исломӣ назири дуои «сабоҳ» аз Амиралмуъминин, ки олитарин маорифро дар иртибот бо Худо ва хештан ва бо ҷаҳони ҳастӣ ироа медиҳад. Ин аст, ки Низомӣ таҳти таъсири ин идея ва дуоҳои дигаре аз қабили «дуоҳои шаъбония» муноҷотҳои хешро бо салосат ва истеҳком бо мафоҳими адабӣ, маонии ҳакимӣ, махсус ва зебо, балки хатти олитарини маонӣ ва мафоҳими ҳакимӣ ва ахлоқӣ, ирфонӣ низ дар ин меъроҷномаҳои худ овардааст.

Набояд гумон кард, ки чун Низомӣ достонсароест ва осори адабии Низомӣ ба сурати достонҳо суруда шудааст, холӣ аз ҳақоиқи судманд дар инсоншиносист, балки баръакс дар он достонҳо ба усул ва масоили бисёр олӣ ҳакимӣ ва равоншиносӣ, соири усули марбут ба улуми инсонӣ дида мешавад, дуо, тазреъ, муноҷот, қунут, зикр саҷда, тасбеҳ, ҳамд, сано ва ё ниёишҳо ва муноҷотҳо аз асоситарин авомили ҳастишиносӣ ва худоёбӣ аз осори ӯст, дар миёни шахсиятҳои таърихӣ, ки тавонистаанд дар қолаби шеъри ҳақоиқи илмӣ, ҳакимӣ ва ахлоқиро бар арсаи маърифати башарӣ ворид намоянд. Бидуни тардид Низомӣ, ки бо камоли шоистагӣ бо калимаи Ҳаким номи ӯро оростаанд, яке аз онон мебошад.

Бе гумони таҷалии ҳикматназарӣ дар шеъри Низомӣ ҳамин нағмаҳои малакутии ӯст, ки дар сохтори муноҷотҳо ва меъроҷномаҳо ва матни достонҳо пазирои баёни зариф ё шеъртар шудааст, ки ҳамчун гуҳари сайқалхурда ва бадеъ аст. Ба гунае ки мазомини олӣ ва гоҳ олитарин мазомини он чунон аст, ки хонандаро хуш сармаст

сохта, то ашъори ҳакимии ӯро дардгуна паёпай тараннум кунад, бе он ки гирди малоле бар хотири вай биншинад. Вақте мегӯяд:

Он чи тағйир напазирад туӣ,
В-он ки намурдааст ва намирад туӣ *(Махзан-ул-асрор)*.

Мазмуни ин тариқа: «Аллоҳ ло иллоҳу алайҳу ал қаюм»

Дар сифати Ганг фурӯ мондаем,
Ман орифи Оллоҳ фурӯ мондаем

Мазмун: «Ман орифи Оллоҳ кулласона»

Ба фазли хуйиш кун фазлат маро ёд,
Ба адли худ макун бо феъли ман кор.

Мазмун: «Раббано омилано бифазлика ва ло таъолилано биадилка» ва ё вақти маснуӣ «Махзан-ул-асрор»-ро бо номи Худо чунин шурӯъ мекунад:

Бисмиоллоҳ ал раҳимин алраҳим,
Ҳаст калиди дари ганҷи Ҳаким.

Пас ба муноҷоти Парвардигор машғул гаштааст:

Эй ҳама ҳастӣ зи ту пайдо шуда,
Хоки заиф аз ту тавоно шуда.

Ин шеваи корро дар дигар манзумаҳои худ низ аъмол кардааст ва тавҳидиҳои пурмазмун ва наътҳои пурмуҳтавое дорад, ки худ далел бар ҳикмат ва ҳаким будани Низомӣ аст.

Аз он ҷо ки баҳси мо дар ин мақола ҳикмати Низомӣ аст, эҷоб менамояд, ибтидои таърифе аз ҳикмат дошта бошем.

Ҳикмат. Аз он ҷо ки фарҳанг ва адабиёт баъд аз исломи Эрон, бидуни шак аз манбаи зулоли қирон ва ҳадис моявар аст ва яке аз маонии ҳикмат «Қуръон» аст ва дар ҳақиқат тамоми «Қуръон» ҳикмат аст ва Худованд ҳаким аст. Беҳтар аст, ки нахуст таърифи ҳикматро аз дидгоҳи «Қуръон» исбот кунем ва бидонем, ки дар ин маъхази асил ва сарчашма ҳикмат ба чӣ маонӣ ба кор рафтааст. Сипас, таъриф ва ақволи ҳукамо, донишмандон ва луғатнависонро дар ҳадди ихтисор бозгӯ намоем.

Ҳикмат. Лафзи ҳикмат дар «Қуръони карим» доноӣ ва илм, донишмандӣ, ирфон, маърифат, фарзонагӣ, бурдборӣ, ростгуфторӣ, хирад ва ҳукми одилонаеро, ки мубтани бар маърифати воқеӣ бар ҳақиқати қазоё бошад, итлоқ мешавад. Мазомини фавқро метавон дар оёти 129 ва 151-и сураи «Бақара», 164 сураи «ал Имрон» ва ояи 2 сураи «Ҷумуа» мушоҳида кард. Низ гурӯҳе гуфтаанд: Ҳикмат чизе аст, ки Худованд дар қалб қарор дода ва қалбро ба василаи он нуронӣ сохта, ҳамчунон ки чашмро нур бахшида, ки аз тариқи он ашёро дарк мекунад.

- Замахшарӣ навиштааст: Ҳикмат шариат ва баёни аҳком аст ва дар оёти дигари сураи Бақара ҳикмат ба маънии суннат ва набват, тавфиқи илм ба он омадааст ва низ ҳаким ба маънии олими амалкунанда дониста шудааст».
- Дар тафсири «Кашф-ул-асрор»-и, Мубадӣ Ҳикмат ба маънии суннати мустафӣ ва байни ҳалолу ҳароми аҳкоми «Қуръон» ва мавоиз омадааст [Кашф- ул-асрор1/114].
- Дар истилоҳи фалсафӣ ҳикмат илме аст, ки дар он аз ҳақоиқи ашё баҳс мешавад, чунон ки ҳаёт дар нафсаламр ба андозаи қудрат ва тавоноии башар ва мавзӯи ҳикмат ашёи мавҷуд дар хориҷи зеҳн аст, дар дунё, растагорӣ ва некбахтӣ аст.
- Ҳикмат дар луғат маънои васеъ ва ҷамъе дорад, ки бар ҳар сухан ва назарияи маҳкам ва побарҷое, ки мутобиқ бо воқеа бошад, итлоқ мешавад. Бинобар ин, ҳар назарияи судманде, ки зомини салоҳи фард ва иҷтимоӣ бошад, аз масодиқи ҳикмат аст (Луқмони ҳаким).

Аммо барои вуруд ба ҳар баҳс ва баррасии ҳикмат дар шеъри Низомӣ бо тавоҷҷуҳ ба дугонагии ҳикмат зарурат дорад. Ишорае ба тақсими ҳикмат дошта бошед.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ мегӯяд: «Ҳикмат дар аррафаи аҳли маърифат иборат буд, аз донистани чизҳо чунон ки бошад ва қиём намудан ба корҳо чунон ки бояд, ба қадри иститоат то нафси инсонӣ ба камоле ки мутаваҷҷеҳи он аст, бирасад.

Лизо бар асоси таърифи фавқи ҳикмат ба ду қисм: ҳикмати назарӣ ва ҳикмати амалӣ қобили тақсим аст:

Дар ҳикмати назарӣ аз чизҳое баҳс мешавад, ки марбут ба ҳақоиқи мавҷудот ва тасдиқ ба аҳкоми он бошад, дар ҳадди тавони инсон. Ба ибораи дигар, ҳикмати назарӣ дар мавриди мавҷудоте баҳс мекунад, ки вуҷуди онҳо вобастагӣ ба ҳаракоти эроди башар надошта бошад. Ин гуна мавҷудот ё онҳое ҳастанд, ки дар тасаввурашон ниёз ба мухолифати модда шарти вуҷуди он аст, ки қисми охир мумкин аст дар тасаввур ва тааққули он эътибори мухолифати модда шарт набошад. Мисли улуми риёзӣ ё шартӣ бошад мисли улуми табиӣ, ки ҳар кадом аз ин се шохаи ҳикмати назарӣ қобили тақсим ба тақсимоти дигаре низ ҳаст, вале бо таваҷҷуҳ ба ин ки мавзӯи баҳси ҳикмати назарӣ дар шеър ва адаби форсӣ танҳо навъи аввал мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад, аз вуруд ба тавзеҳот ва тақсимоти дақиқи ҳикмати назарӣ сарфи назар менамоем ва фақат дар поёни ҳамин баҳс табақабандии куллӣ аз он ба миён меоварем. Аммо ҳикмати амалӣ, ки ба донистани масолеҳи ҳаракоти эродӣ ва афъоли саноеи навъи инсонӣ буд, бар ваҷҳе ки муддаӣ бошад ба низоми аҳволи муошир ва муодӣ эшон ва муқтазои расидан ба камоле, ки мутаваҷҷеҳанд ба сӯйи он буда, ки он ҳам қобили тақсим ба гунаҳои дигар аст аз қабили таҳзиби нафс, тадбири манзил ва сиёсати мудун.

Таҷаллии ҳикмати назарӣ дар шеъри Низомӣ. Тамоми ҳикмат бо шохаҳои мутааддиди он дар назди ҳукамои исломӣ дар ҷиҳати худошиносӣ ҳаракат мекунад ва ғояи ҳамаи талоши фикрӣ бадон тақво хатм мешавад. Ин низоми тафаккур дар назди ҳамаи мутафаккирони исломии Эрон назири Ибни Мисквайҳ, Форобӣ, Ибни Сино, Хоҷа Насир, Ғаззолӣ ва аҳли ирфон дида мешавад. Мунтаҳӣ ҳар як ба шакле зуҳур пайдо мекунад ва ин нукта аз он ҷо бархоста аст, ки «Дар тамаддуни исломӣ монанди соири тамаддунҳои куҳан, ки пояи ҳар як мубтанӣ бар ақоиди динии хосе будааст. Интибоқи комилёфта ва ҳар амале дар навбати худ ҳақоиқи куллиро дар мартабае аз маротиби вуҷуд, ки бастагӣ ба мавзӯи он илм дошта, мунъакис месохта аст». Масалан, дар тарзи тафаккури Форобӣ, ки навъе аз тафаккури ваҳдати вуҷуд дида мешавад. Ҳадаф, эҷоди иттиҳод мобайни моҳияти мавҷудот аст, ки дар ҳар ҳадди зот мухталифанд, бо мабдаи файз воҳид. Форобӣ аз ин сухан чунин натиҷа мегирад, ки мавҷудот на иллати фоилӣ ҳастанд ва на иллати ғоявӣ, балки дар ҳақиқат он файзсоре дар мавҷудоти фоил ҳақиқӣ аст, ки ҳадафи ниҳоӣ сайри илаллоҳ аст.

Ҳакимон ва файласуфон ба навъе аз орифон ва аҳли ишқ ба навъи дигар талош мекунанд. Ба он ҳадаф наздик шаванд, ҳадаф ислоҳи нуфус ва бозгашти онон ба сӯйи саодати абадӣ ва дар таъбири ҳукамои исломӣ шинохти азамати кирдугор аст. Ба ин тартиб, нахустин марҳилаи шинохт вуқуф аз қувваҳои ниҳон ва ошкор дар маҷмӯъ асрори пинҳон дар замири одамӣ аст ва дар таваҷҷуҳ додани ӯ ба арзиши воқеии хеш дар миёни ҷамодот, наботот ва ҳайвонот ва ҳатто фариштагон.

Усули бунёдии Низомӣ дар тафаккури фалсафӣ исломӣ аст. Дар тамоми нигаришҳои вай нисбат ба ҳастӣ дар равобити холиқ ва махлуқ ва равобити халқ бо якдигар ҷаҳонбинии исломӣ ва комилан машҳур мебошад. Мунтаҳои маротиб дар миёни андешамандони исломии рӯзгори гузашта дар айни кӯшиш барои табайини ҷаҳон ва инсон аз дидгоҳи ислом куллиятҳои мутафовите дар ҷараёни ин тафаккур ба вуҷуд омадааст.

Дар мактаби бисёр муҳим, ки дар такомули таърихии андешаи исломӣ нақши ҳасосе дошта аст, яке мактаби Ашъария ва дигаре мактаби Муътазила будааст. Низомӣ низ пайравӣ ашъариён аст ва аз усули ин мактаб пайравӣ мекунад. Дар мактаби вай беш аз ҳама чиз эътиқод ба ҷабри қазо ва қадар ва таслим дар баробари он, имон ба қалб, рӯъяти Худованд дар рӯзи растохез ба чашми сар, иҷбор дар гуноҳ ва савоб аз сӯйи банда ва ихтиёр дар мукофот ва подош, азоб ва бахшиш аз ҷониби Худованд ва

дар ҳар ҳол адли илоҳӣ дар ҳар ду маврид, эътиқод ба фитрат дар низомӣ ахлоқӣ ва назири он дида мешавад.

Бо ин дидгоҳ маърифатшиносии Низомӣ аз шинохти инсон оғоз мешавад ва сипас ба шинохти табиат ва кайҳон ба қадри иттилоъ ва имкон идома меёбад. Он гоҳ ба шинохти бори Таъоло хатм мегардад. Зеро дарвозаҳои маърифат ба рӯйи инсон вақте кушода мешавад, ки нахуст хештанро бишносад ва нафси туғёнгари шаҳватро маҳор кунад, то ба қавли Низомӣ сиккаи ихлос ба номи ӯ зада шавад:

Тавсании табъ чу ромат шавад,
Сиккаи ихлос ба номат шавад.

Дастрасӣ ба василаи фаҳм дар ҷамеи мароҳили шинохт аз дидгоҳи Низомӣ ва соири ашъариён ба кӯмаки вуруд дар ҳарами дин имконпазир аст:

Аз ҷараси нафс баровар ғирев,
Бандаи дев бош на муздури дев.
Дар ҳарами дин баҳимоят гузир,
То раҳӣ аз кашмакаши растахез *(«Махзан-ул-асрор»- и Низомӣ)*.

Шинохти инсон. Дар назари Низомӣ вуҷуди одамӣ аз ду унсури заминӣ, хокӣ, осмонӣ ва улувӣ, яъне ҷисму ҷон ё тану равон ташкил ёфта аст. Ҳар як аз ду унсур колбуд ва рӯҳ вижагиҳои махсус ба худро дорост ва ба иқтизои ҳар кадом инсон дар кашокаши доимӣ ниёзҳои рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ қарор дорад. Ду нерӯи мутазоде, ки ҳаргиз сари созгорӣ бо якдигар надоранд ва яке муҷиби саодат ва дигаре муҷиби шақоват аст.

Низомӣ кӯшиш дорад бо каломи вижа ва шоиронаи хеш, бо тавассул бо анвои достонҳо ва афсонаҳои таърихӣ ва тамсилӣ парда аз чеҳраи дугонаи одамӣ бардорад. Бо тасаввури мутазод дар зиндагонии ҷисмонӣ ва рӯҳонии ӯ роҳи дуруст ва мутобиқ бо фитрати нахустин ӯро нишон медиҳад. Вай саъй мекунад, ҳар ду ваҷҳи ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсонро тарсим кунад, то битавонад моҳияти аслӣ ва ғарази асосӣ аз офариниши ӯро тавзеҳ диҳад. Ҳамчун ҳар ҳаким ба фалсафаи ҳаёти одамӣ даст ёбад ва ҳадафҳои ростини вайро дар зистан кашф кунад. Дар дидгоҳи Низомӣ вуҷуди зоҳирии инсон чизе нест, магар миқдоре хок ва қатрае об:

Кафе хокам ва қатрае оби суст,
Зи нар модае офарида нахуст. (*Иқболнома.. С. 249. Байти 10)*

Чунин симое мушти гул беш нест. Чӣ зишт аст бо алоиқ ва орзӯҳои заминӣ ва хокии он шаҳват рондан, ситам рондан, зар андӯхтан, риё варзидан, ҷаҳонгирӣ, фитнангезӣ ва садҳо разилати дигар, аз ҷумлаи хостаҳои ин ҷисми хокӣ аст. Низомӣ дар зимни достонҳо ва афсонаҳои гуногун ба муносибатҳои мухталиф дигар ба сурати пароканда дар миёни осораш аз он сухан ронда аст. Чунин одаме аст, ки хилқат аз вуҷуди ӯ шармгин аст ва Низомӣ дар баёни шоирона ин мавҷудро мавриди интиқод қарор медиҳад ва мегӯяд:

Ай хинг, он шаб ки ҷаҳон бо ту буд,
Нақши ту бо сурати ҷон бо ту буд.
Чашми фалак фориғ аз ин ҷустуҷӯ,
Гӯши замин раста аз ин гуфтугӯ.
То ту дар ин роҳ нанҳодӣ қадам,
Шукр басе дошт вуҷуд аз адам…. *(Махзан-ул-асрори Низомӣ)*

Гарчӣ Низомӣ дар достонҳо ва тамсилаҳои гуногун тамоилоти хокии ин мавҷудро нишон додааст, аммо ба назари ӯ варои ин чеҳраи афн ва мағбуни одамӣ, чеҳраи тобнок ва рӯҳонии дигаре низ нуҳуфта аст. Пас ёдоварӣ мекунад, ки башар ашрафи

махлуқот аст ва тамоми хилқат аз барои ӯ дар арсаи вуҷуд омадаанд. Низомӣ бо ранҷи фаровон кӯшиш мекунад ба инсон биқабулонад:

Эй ба замин бар ба фалак нозанин,
Нозкашат ҳам фалаку ҳам замин.
Кори ту з-он ҷо, ки хабар доштӣ,
Бар ту аз он шуд, ки ту пиндоштӣ *(Махзан-ул-асрор. С.87-88)*.

Саъйи Низомӣ бар он аст ки инсонро ба табиати аслии хеш боз гардонад ва ин бозгашт ҷуз ба воситаи даст доштан аз тани хокӣ ва посух гуфтан ба ниёзҳои рӯҳ, ки дар колбуди тан ба асорат нишаста аст, мумкин нест. Танҳо ба ин восита аст, ки инсон метавонад маҳрами асрори илоҳӣ шавад:

Мурғи қафас пар ки Масеҳои туст,
Зери ту пар дораду болои туст.
Ё зи қафас чангули ӯ кун ҷудо,
Ё қафаси хеш бад- ӯ кун раҳо.
То буна чун суйи вилоят барад,
Дар пари хешат ба ҳимоят барад.
Чун гузарӣ з- ин ду се даҳлези пок *(«Махзан-ул-асрор». С. 99-100)*.

Ҳар чӣ ин асолат ношинохта бошад, вобастаги ба тан шадидтар ва раҳоӣ аз амёли он мушкилтар аст ва баръакс ҳар чӣ ба гавҳари ростини одамӣ дастёбӣ бештар бошад, раҳоӣ ва озодии рӯҳӣ, ки мусовӣ бо озодии воқеӣ аст, жарфтар хоҳад буд.

Мурдаеро, ки ҳол бад бошад,
Майли ҷон сӯйи колбад бошад.
В- он ки донад асли ҷонаш чист,
Ҷони ӯ бе ҷасад тавонад зист *(Низомӣ. Ҳафт пайкар. С.357)*.

Ба ин тартиб оғози маърифат бо худшиносӣ шурӯъ мешавад ва инсон бидуни шинохти воқеӣ аз хештан имкон надорад, битавонад дар таҳзиби нафс қадам бигзорад ва болотар аз он Худовандро бишносад. Зиндагонии башар бе ин шинохт номафҳум ва беҳадаф хоҳад буд ва баръакс ҷовидонагӣ дар маърифати дақиқи он нуҳуфта аст:

Ҳар ки худро чунон ки буд, шинохт,
То абад сар ба зиндагӣ афрохт.
Фонӣ он шуд, ки нақши хеш нахонд.
Ҳар ки ин нақш хонд, боқӣ монд.
Чун ту худро шинохтӣ бадуруст,
Нагзарӣ, гарчӣ бигзарӣ зи нахуст.
В- он касон, к-аз вуҷуд бехабаранд,
З-ин дар оянд ва з- он дигар гузаранд *(Низомӣ. Ҳафт пайкар. С.36- 37)*.

Дар ҳикмати Низомӣ ки ахлоқи фардӣ ва иҷтимоӣ бар гирди он меҳвар мегардад, хадаф аз худшиносӣ ба даст овардани калиди худшиносӣ аст.

Роҳҳои тақарруб ба Худованд. Чанд чиз дар зиндагӣ боис мешавад, ки инсон қадаме наздиктар ба вусули Ҳақ ва маърифати маҳз шавад:

- Яке дигаргунӣ ва таҳаввул аст, ки одамӣ ба сурати бунёдӣ дар хештан ба вуҷуд меоварад;
- Дувум, дурӣ аз худпарастӣ;
- Савум, умедворӣ дар зиндагӣ;
- Чаҳорум, тавассул ба фазли илоҳӣ.

Ба ин тартиб, то ҳудуди роҳи бозгашт ба асолати инсонӣ аз дидгоҳи Низомӣ рӯшан мешавад, зеро бо шинохт, моҳияти аслии одамӣ, ки мавҷуди малакутӣ аст, роҳи амёли ҷисмонӣ комилан масдуд мегардад ва бо таҷриба кардан саодати аслӣ ҳосил аз ин талош, шаковати ҳосил аз пайравии ҳавои нафс аз майдон бадар мегардад. Зеро ки

бозгашт ба хештан ва дарки арзиши воқеии он муҷиби гурез аз хокдон ва пар кушодан сӯйи осмонҳост

Шинохти Парвардигор. Шуарои мусалмони Эрон ҳар як ба сабки махсуси худ дар тавҳиди Худованд ва зикри сифоти ӯ табъозмоӣ кардаанд. Табъи латифи Низомӣ ӯро ба сурудани достонҳои базмӣ водошта ва достонҳои муфассали манзум ба номи ӯ сикка хӯрда, бо ҳамон сабки латиф ва шоиронаи тавҳидияҳои зебое низ дорад. Ӯ талош кардааст зангорҳои ҳирси дунё, шаҳват ва гунаҳкориро канор зада, бори дигар одамӣ ба асолат баргардад:

Каломи Низомӣ оғоз ва анҷомаш бо номи Худованд аст:

Эй номи ту беҳтарин сароғоз,
Бе номи ту нома кай кунам боз
(Лайлӣ ва Маҷнун. С. 2)
Номи ту к- ибтидои ҳар ном аст,
Аввал оғозу в- охир анҷом аст.
(Ҳафт пайкар. С. 2)
Худовандо дари тавфиқ бикшоӣ,
Низомиро раҳи таҳқиқ бинмоӣ.
(Хусрав ва Ширин. С. 2)
Хирад ҳар куҷо ганҷе орад падид,
Зимоми Худо созад онро калид.
(Иқболнома. С,2)
Худоё, ҷаҳон подшоҳӣ турост,
Зи мо хидмат ояд худоӣ турост.
(Сафарнома, 2)

Фалсафаи ҳаёт. Низомӣ барои зистан дар ин ҷаҳон фалсафаи махсус дорад, ки аз низоми фикрии ашъори ӯ бармехезад, табъи ӯ ба қазову қадар ва сарнавишти азалӣ муътақид аст. Бар асоси ин эътиқод таъбири зиндагӣ ва сарнавишти Фарҳод аз назари адиб аз сарнавишт гурезнопазир аст. Дар ҳамин моҷарост, ки гӯяд: «Вақте бадбахте, фалакзадае корафтода шавад, аз ҳар сӯ бало ба ӯ ҳуҷум меоварад». Ба ин шакл инсон ҳам дар сурати осудагӣ аз деви нафс ва ҳам дар мақҳур будан ба дасти ӯ дар ҳама ҳол маҳкуми машияти илоҳӣ аст ва сохтмони вуҷудии ӯ чунин аст:

Гар осуда гар нотавон мезанем,
Чунон к- офаридӣ чунон мезанем *(Шарафнома. С. 12)*.

Пас, баду нек ҳама аз ҷониби парвардигор аст, ҳамин нукта дар ҷойҳои дигаре низ аз Низомӣ такрор шудааст:

Сиришти маро к- офаридӣ зи хок,
Сиришта ту кардӣ ба нопоку пок.
Агар некаму гар бадам дар сиришт,
Қазои ту ин нақш дар ман набишт *(Сафарнома. С. 12)*.

Низомӣ дар баробари чунин тақдир ва зиндагонӣ ва ҳаводисе, ки аз пеш муайян шудааст, мегӯяд: «Гурез аз тақдири илоҳи нест, лизо аз диди ҳикмати Низомӣ, доираи ҷабр ва ихтиёр басе жарфтар аз иқбол ва идборҳои мардуми авом аст ва ҷойе сӯиистифодаро боқӣ намегузорад».

Дунё аз назари Низомӣ. Таъбирҳо ва тавсифҳои шигифтангезе дар осори Низомӣ аз дунё ва зиштиҳои он пароканда аст, ки ҳамаи онхо чунин ҳавасҳо ва фиребҳост, ки инсони ғофили рӯзгорон аз ҳазарати Одам (а) то ҳол ба асорат нишаста аст.

Дар Назари ҳаким Низомӣ дунё ҳамчун бодияи девсори маст ва шабеҳи дӯзах маҳрури Кеши ташна хор аст ва ҷаҳонро деви зиштхор медонад:

Ҷаҳон дев асту вақти бастан,
Ба хушхӯйи тавон з- ин дев растан *(Хусрав ва Ширин. С. 258)*.

Дунёро кaҷрафтор ва носозгор маърифат мекунад:

Ин аҳшикан, ки рӯзгор аст,
Чун барзгарони тухмкор аст.
Корид ду – се тухмро ба оғоз,
Чун кишта расид, бидравид боз *(Лайлӣ ва Маҷнун. С. 205)*.

Низомӣ пас аз таъбир ва тавсифҳои гуногун аз дунё, нахуст, шигифтии хешро аз мардумоне, ки бо вуҷуди тамоми зиштиҳои дунё, дурангӣ ва дурӯягиҳои он пастӣ ва сахтгириаш, ба сахтӣ бад-он часпидаанд, изҳор медорад. Мардуме, ки дурӯя ва дузабонанд ва хонаи пайкарашон рӯбоҳвор ду сӯрох дорад, як сӯрохи чашм ба сӯйи оз менигарад ва сӯрохи дигар ба сӯйи шаҳват боз аст. Аммо чун ақраб ба ҳангоми ҳашв на чашм дорад ва на гӯш:

Аз ин ошноён бегонахӯй,
Дурӯйӣ нигар, якзабонӣ маҷӯй.
Ду сӯрох чун рӯ ба ҳиласоз,
Яке сӯйи шаҳват яке сӯйи оз.
Валекин чу каждум ба ҳангоми ҳавш,
На сӯрох дида, на сӯрохгӯш *(Шарафнома. 99)*.

Дар назари Низомӣ озмандӣ ба ҷаҳоне инчунин шабоҳат дорад ба одами шикамворае, ки ҳамчун замин сер намешавад. Дар ҳоле ки хӯранда бояд тавоҷуҳ дошта бошад, ки аз кулли замин ҷуз ба андозаи як шикам сер шудан ниёзе надорад. Шигифт он ки чунин одаме дар поён хӯроки замин хоҳад шуд ва ҳар чӣ аз рӯйи замин аз хӯрокиҳо воситонда аст, бекаму кост ба замин боз пас хоҳад дод. Ин ҳарисон дар назари Низомӣ дад ва доме беш нестанд ва аз онҳо дурӣ бояд ҷӯст.

Натиҷаи нигоҳи фалсафивори ҳаким Низомӣ ба дунё бо чунон васфе, ки аз он гузашт ин аст, ки то дер нашуда аз он бояд бурид ва зиёд вобаста ба он нашуд ва аз ҳавову ҳавас пайравӣ накард, то муқаддамоти бозгашт ба хӯйи фариштагӣ ҳосил ояд:

Бар тораки қадри хеш напоӣ,
То бар сари осмон кунӣ ҷой.
Доим ба ту бар ҷаҳон намонад,
Онро мапараст, к-он намонад (Лайлӣ ва Маҷнун. С. 265- 266).

Буридан аз дунёро айни буридан аз нафс медонад ва муътақид аст, ки инсон қабл аз кушта шудан, ба дасти дунёи худ хештанро бикушад ва иҷрои саҳеҳи муҳтавои «мавту қабл ан тамуту»- ро роҳбари ин тавфиқ медонад.

Дар ҳавое к- он фасурда шавӣ,
Пеш аз он зинда шав, ки мурда шавӣ *(Ҳафт пайкар. С. 358)*.

Дар фалсафаи Низомӣ инсон дарвоқеъ барои дилхушӣ ба ҷаҳон наомадааст, магар барои сахтӣ кашидан ва ранҷ бурдан омада бошад.

Наоям, омада аз пайи дилхушӣ,
Магар аз пайи ранҷу сахтикашӣ.
Харонро касе дар арусӣ нахонд,
Магар вақти он к-обу ҳезум намонд *(Шарафнома. 208)*.

Фалсафаи марг. «Қуръони карим» маргро ҳатмитарин амр ва бузургтарин воқеият медонад, ки аз он ба ҳеч ҳиллае имкони фирор нест. «Куллун нафсин зоиқатун мавти » (Оли Имрон 145).

Гарчӣ майл ба ҷустуҷӯ дар эҷоди чунин имконе дар афсонаҳои зебое назири рӯйинтании Исфандиёр ва талоши Искандар барои оби ҳаёт вуҷуд дорад, вале маргро чорае нест ва беҳбуд нест, ки тири марг ба чашми ҷаҳонбини Исфандиёр менишинад, то

нишон диҳад алорағми обтанӣ дар чашмае оби ҳаёт ва бо чашмоне боз фирор аз марг имконпазир нест:

Таҳамтан газ андар камон ронд зуд,
Бидонист, ки Симурғ фармуда буд.
Бизад тир бар чашми Исфандиёр,
Сияҳ шуд ҷаҳон пеши он номдор.
Хам овард болои он сарви саҳӣ,
Аз ӯ дур шуд донишу фарруҳӣ *(Шоҳнома. С. 339)*.

Фалсафаи марг дар низоми тафаккури ҳаким Низомӣ бузургтарин василаи ибрат ва танбеҳ барои зиндагонӣ аст. Вай бо иттико ба ин ҳақиқати талх, пучии дунёи қудратмандон ва тахайюлӣ будани онро нишон медиҳад. Дар «Иқболнома», «Шарафнома», «Хисраву Ширин», «Ҳафт пайкар» ҳама ва ҳама қудратмандони бузургро ба тасвир мекашад. Ин қудратмандон ё назири Искандар донишдӯст ва хирадманд ва бо Худо, ё назири Доро ситамгар ва ё ҳамчун Хисрав ҳавасбоз ва ишратрон, вале фарқе намекунад ҳама роҳи гӯрро дар пеш мегиранд ва бо тамоми дониш ва қудрат ва комёбӣ бар марг чира намешаванд. Марг танҳо қудрате аст, ки бар фарози ҳамаи қудратҳо болу пар мезанад ва дар замоне, ки зиндагӣ поён гирад, чанголҳои худро дар гулушон фурӯ мебарад. Танҳо чизе, ки бар эшон боқӣ мемонад, номе аст, ки ба зиштӣ ё некӣ ёд мекунанд. Низомӣ дар ин достонҳо таърифе дорад бар шоҳони аср.

Тавзеҳи Низомӣ бар улум бар ҳақиқати марг ин аст, ки айёми умрро боист ба шодмонии ёди Худо зинда нигаҳ дошт. Дар ҷиҳати хандае, ки паёмади гиря надошта бошад. Бояд бо базли молӣ тангдастиро ба ханда водошт. Ҳамчунон, ки офтоб низ дар ҷиҳати хушнуд сохтани ҷаҳониён пайваста механдад.

Ҳарчанд марг барои омиён ҳаросангез бошад, барои ошиқон ва орифон ҷуз тағйири вазъ ва таҳаввул аз ҳолате ба ҳолати дигар нест.

Гар бандам он чунон ки рой аст,
Ин марг на марг, нақли ҷой аст.
Аз хурд гаҳе ба хобгоҳе,
В- аз хобгаҳе ба базми шоҳе. *(Лайлӣ ва Маҷнун. С, 8)*

Бо таваҷҷуҳ ба ҳикмати назарӣ, ки усулан дар он аз мавориде баҳс мешавад, хориҷ аз тасарруфи башарӣ аст. Низомӣ бо маҳорати хоси худ устодона вориди ин гуна маворид шуда пирӯз берун омадааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммад Тақии Ҷаъфарӣ. Ҳикмат, ирфон ва ахлоқ дар шеъри Низомӣ. Созмони интишороти Кайҳон.
2. Мансур Сарват. Садаи тавлиди ҳаким Низомии Ганҷавӣ. Маҷмӯи мақолоти кунгураи байналмилалии Неҳмайнд.
3. Мансур Сарват. Ганҷинаи ҳикмат дар осори Низомӣ. Муассисаи интишорти Амири Кабир.
4. Мансур Сарват. «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ. Бо кӯшиши. Муассисаи интишороти Аимри Кабир.
5. Луғатномаи Деҳхудо. Алиакбари Деҳхудо. Зайли луғати ҳикамат.
6. Иқболномаи Низомӣ. Тасҳеҳ ва ҳавишии Ваҳид Дастранҷӣ.
7. Жуюл Мул. Шоҳномаи Фирдавсӣ. Ҷилди 4
8. Шарҳи ҳол ва осори Низомӣ. Мансур Сарват.
9. Макорими Шерозӣ Тафсири намунаи ҷамеи аз уламои Қум. Интишороти Дорулкитоби Исломия. Чопи 13532.

ВЫРАЖЕНИЕ ЭТИЧЕСКИХ ВОЗЗРЕНИЙ В ПОЭЗИИ НИЗАМИ

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению этические воззрения Низами, который оказал сильное влияние на средневековую поэзию и общественную мысль народов Ближнего и Среднего Востока. Низами прославлял разум, знания, В своих эстетических высказываниях Низами обожествлял исккство поэзии как наивысшую форму художественного творчества, придавая первостепенное значение в творческом процессе свободе поэтичического выражения. Главную роль в

поэзии Низами отводил эпическому жанру, полагая, что именно в эпосе идеал художника находит свое наибольшее воплощение. Общественно-политические идеи Низами имели гуманистический характер. Гуманистическое наследие Низами оказало благотворное влияние на творчество многих восточных поэтов и мыслителей.
Ключевые слова:Низами, этические воззрения Низами, общественно-политические идеи Низами, гуманизм, общественно-политические идеи Низами.

THE EXPRESSION OF ETHICAL VIEWS IN THE POETRY OF NIZAMI

In this article the author subjected to review and study of the ethical views of Nizami, which had a strong influence on medieval poetry and thought of the peoples of the Middle East. Nizami glorified mind, knowledge, its aesthetic statements Nizami idolize исккство poetry as the highest form of artistic creativity, giving priority in the process of creative freedom поэтичического expression. The main role in the poetry of Nizami role of the epic genre, believing that it is in the epic ideal artist finds its highest expression. Social and political ideas of Nizami had the humanistic nature. Humanistic heritage of Nizami had a beneficial effect on the work of many Oriental poets and thinkers.
Key words: Nizami, ethical views of Nizami, social and political ideas of Nizami, humanism, social and political ideas of Nizami.

Сведения об авторе: ***Шариатфар Саид Алиакбар*** – соискатель Таджикского национального университета

ДИДГОҲҲОИ АДАБИИ НИЗОМӢ ДАР «МАХЗАН-УЛ-АСРОР»

Мариам Вафисанӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи адабиёти форсӣ шоироне вуҷуд доранд, ки илова бар ҳунари шоирӣ, аҳли нақд ва назару назарияпардозӣ низ будаанд. Шоироне монанди Носири Хисрав, Анварӣ дар шеърашон ба ихтисор дар бораи нақди шеър изҳори назар кардаанд, аммо касоне монанди Низомӣ, Мавлоно ва Соиб ба тафсили дидгоҳҳои адабӣ ва афкори нақддонаи хешро матраҳ кардаанд. Метавон гуфт, дар ин миён Низомӣ яке аз шоирони назарияпардози адаби форсӣ аст, зеро ӯ илова бар назарияпардозии худ дар амал мабоҳис ва назарияҳоеро, ки бад-он муътақид аст, ба кор гирифтааст. Аз зароифи корбурдҳои онҳо низ огоҳ будааст. Ӯ аз маъдуди шоироне аст, ки дар бораи маншаъ ва мабдаи шеър, ҳадаф ва коркарди он, хостгоҳ ва авомили рушди он ва ҳамчунин вижагиҳои шеър ва шоир дар «Махзан-ул-асрор» изҳори назар кардааст, ки метавон аз маҷмӯи онҳо бо унвони назарияи адабии ӯ ёд кунем. Ӯ дар «Махзан-ул-асрор» аз ду дидгоҳ шеърро мавриди таваҷҷуҳ қарор додаст:1) аз назари сохт ва шакл; 2) аз ҳайси маъно ва муҳтаво [18,710].

Аз назари сохт ва шакл. Дар нигоҳи ӯ шеър сухани мавзун, оҳангдору қофиядор ва хайёлангез аст, ки дар вазни муносиб баён мешавад. Ба назар мерасад, ки Низомӣ дар ин таърифи малокҳои назарияпардозон шеъри классикиро пазируфта аст. «Ҳеҷ шеъре ба дараҷаи некӣ намерасад, магар ин ки дар он калимоти саҳеҳ, алфози ҷазб ва иборoти балиғ ва маонии латиф дар қолаби авзони мақбул рехта шуда бошанд» [9,196].

Чун ки насахта сухани сарсарӣ,
Ҳаст бар гавҳариён гавҳарӣ.
Нукта нигаҳ дор, бубин чун бувад,
Нуктаи санҷида, ки мавзун бувад.
Қофиясанҷон, ки сухан баркашанд,
Ганҷи ду олам ба сухан даркашанд (20,70).

Ин байтҳо дар воқеъ номаҳои Низомӣ дар бораи шеър ва шоирӣ ва баёнгари ҳудуди андешаи гӯянда ва нависандае аст, ки худ аз ҳар ҷиҳат дар миёни сухансароёни забони форсӣ мумтоз аст [5,275].

Аз назари маъно ва муҳтаво. Шеър дар назари Низомӣ суханест хайёлангез, дилбунёд, муассир ва шодибахш. Ӯ дар «Махзан-ул-асрор» барои шеър пораи вижагиҳои дигарро низ зикр мекунад ва бад-ин васила таърифи нисбатан ҷомеъ ироа медиҳад [18,711]. Овардани мазмунҳои тоза ва тағйироти бесобиқаро аз вижагиҳои шеър медонад ва муътақид аст, ки шоир дар сурудани шеър бояд ба иёри лафз ва мазмун таваҷҷуҳ кунад ва то вақте, ки дар андешаи шоиронааш нақди пуриёре аст, нақди камиёрро набояд ба кор гирад [11,206]:

Ҳар чӣ бари ном, нишонат диҳанд,
Гар написандӣ, беҳ аз онат диҳанд.
Беҳ, ки сухан дерписанд оварӣ,
То сухан аз дасти баланд оварӣ (20,72).

Барои ӯ шеър айни зиндагӣ аст ва барои он арзиш ва рисолати хос қоил аст, зеро «башар ҳар рӯз беш аз пеш хоҳад дар ёфт, ки барои тафсири зиндагӣ, таскин додани худамон мебояд ба шеър рӯ биоварем. Бидуни шеър дониши мо нокомил хоҳад буд ва аксар чизҳое, ки акнун аз дин ва фалсафа талаб мекунем ҷойи худро ба шеър хоҳанд дод» [4,12].

Ӯ аз назари муҳтаво низ шеърро арзишманд медонад, ки бо шеърият мувофиқ ва ҳамсӯ бошад ва илова бар ҳунарӣ будан дарбардорандаи афкори ҳикматомез ва арзишманд бошад.

Манша ва мабдаи шеър ва сухан. Дар бораи хостгоҳ ва мабдаи пайдоиши шеър назароти мухталифе вуҷуд дорад. Бархе монанди марксизмҳо барои адабиёт маншаи моддӣ ва заминӣ қобил ҳастанд. Онҳо муътақиданд, ки адабиёт ва матнҳои адабӣ дастоварди табақаи мушаххасе ҳастанд ва дар давраҳои таърихӣ тавлиди он маншаи моддӣ дорад ва таҳти таъсири авомили таъйинкунандаи ғайр аз муҳаббати илоҳӣ ё шоирона қарор доранд [17,193]. Гурӯҳе аз пажӯҳишгарон адабиётро дар асл махлуқи офаринандаи он медонанд ва натиҷа мегиранд, ки аз тариқи шарҳи аҳвол ва нафсонияти нависанда бояд ба баррасии он пардохт. Гурӯҳи дигар авомили таъйинкунандаи офариниши адабиро дар зиндагии ҷомеаи инсонӣ, яъне дар авзои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷустуҷӯ мекунанд. Бархе дигар мехоҳанд ба кӯмаки офаринишҳои зеҳнии инсон, мисли таърихи ақоид ва илоҳиёт ва ҳунарҳои дигар адабиётро тавзеҳ диҳанд. Бо диққат дар «Махзан-ул-асрор» метавон гуфт: Низомӣ таквини шеърро бар ду пояи дил ва суруш ё ҳотифи ғайбӣ устувор медонад [18,713].

Назарияи илҳом (суруши ғайбӣ). Низомӣ шеърро бар назарияи адабӣ, илҳом бино мекунад:

Ҳотифи хилват ба ман овоз дод,
Вом чунон кун, ки тавон боз дод.
Булбули аршанд суханпарварон,
Боз чӣ монанд ба ин дигарон.
З-оташи фикрат, ки парешон шаванд,
Бо малак, аз ҷумлаи хешон шаванд (20,75).

Низомӣ дар ин байтҳо мегӯяд: «Ҳангоме, ки шоирон гарми суханпарварӣ мешаванд, аз илми моддӣ ба илми маънӣ мегароянд ва дар он гармои андеша бо фариштагон (суруши ғайбӣ) аз муқаррабони олами малакут мешаванд. Дар ин ҳолат илҳоми ғайбӣ ба шоир даст медиҳад ва аз олми ғайб сухан мегӯяд.

«Ҳамин қудрат аст, ки шоир ва нависандаро ба ҳаяҷон меоварад ва ӯро мутаваҷҷеҳи маънӣ ва латоифи ашёъ мекунад ва вуҷуди ӯро аз сукри тавсифнопазир меканад ва хулоса ӯро дар низоми вуҷуд ва бадоеи он ворид мекунад» [12,54].

Аз замонҳои бисёр қадим соҳибназарон навъи илҳом донистаанд. Юнониёни қадим онро муҳибати худоён мешуморидаанд. Машҳур аст, ки Гомер ҳамосасарои бузурги Юнон «Илияда»-ро ба тавсил ба яке аз Худоён оғоз кард ва Милтун шоири баландпояи англис дар китоби «Ҳафтум биҳишти гумшуда» барои фуруд омадани суруши ғайбӣ аз осмон дуо мекунад. Гадамер дар мақолаи «Афлотун ва шоирон» зимни таъкид бар суруши ғайбӣ навиштааст: «Шоирон фақат то он ҳад нидои суруши ғайбиро таъкид мекунанд, ки худро доноёни бузург бипиндоранд, агар чи онон низ монанди муфассирон ва муаббирон ҳар ончиеро, ки сурушҳо бар асоси илҳоми қудсӣ мегӯянд, такрор мекунанд» [16,51].

Афлотун низ, ки дар поёни китоби «Ҷумҳурӣ» райъ ба табъиди шоирон аз мадинаи фозилааш медиҳад. Дар рисолаи дигараш «Айвон» мегӯяд: «Шоирон ширинии сурудаҳояшонро аз чашмаҳои ғалтоне бармегиранд, ки дар боғҳо ва чаманзорҳои илоҳагон қарор доранд ва ҳамчунин занбурони асал парвозкунон онро барои мо армуғон меоваранд» [16,52], сухани Низомӣ бисёр ба ин назар наздик аст:

Ҳар рутабе, к- аз сари он хон бувад,
Он на рутаб, порае аз ҷон бувад (29, 71).

Аъроб низ барои ин бовар буданд, ки ҳар шоире дар даруни худ шайтоне дорад, ки баду шеър талфиқ мекунад ва ҳар касе, ки шайтони дарунаш қаввитар бошад шеъри ӯ беҳтар бошад [12,53]. Ин бовар ба сухани бархе аз шоирони форсизабон, аз ҷумла Носири Хисрав низ роҳ ёфтааст:

Бозигар аст, ин фалаки гардун,
Имрӯз кард, тобеаи талқинам (19,134).

Низомӣ поро аз илҳом ва илоҳа, ҷин ва тобеа фаротар мениҳад ва мегӯяд:

Пардаи розе, ки сухан парварист,
Сояе аз сояи пайғамбарист.
Пешу паси баст сафи анбиё,
Пас шуаро омаду пеши анбиё.
Ин ду назар марҳами як дӯстанд,
Он ҳама мағзанду дигар пӯстанд (20, 700.

Низомӣ шеърро аз сунх ва ҳатто пайғамбарон (албатта, дар миқёси поинтар) дар назар мегирад ва онро чун соя вобаста ба ваҳии пайғамбарона мекунад. Ба ҳамин далел дар боргоҳи Кибирёи Ҳақ шоиронро дар сафи баъд аз пайғамбарон қарор медиҳад. Низомӣ дар ин абёт бавижае, ки пеш ва пас сафҳоро дар олами Кибирё тавсиф мекунад ба коркарди шеър низ ишора кардааст. Бад-ин маънӣ, ки илҳоми шоиронаро дар мавриди шоироне монанди худаш аз ҷинси навъи ваҳӣ ё ба иборати беҳтар илҳом, талаққӣ мекунад, зеро дар эътиқоди ӯ ваҳӣ хоси пайғамбарон аст. Бад-ин тартиб манбаи илҳоми шоирони ҳақиқӣ Ходованд аст, на ҷин ё тобеа [1, 10]. Низомӣ худ дар «Ҳафт пайкар» тасреҳ мекунад, ки сухан аз ҷониби Ҷабраил (ҳомии ваҳӣ) бар ӯ илҳом мешавад, на аз тариқи ҷину парӣ:

Ҷабраилм, на ҷини қаламам,
Бар саҳифа чунин кашад рақамам (2, 291).

Низомӣ дар бораи илҳоми шоирона мегӯяд: барои ин ки фариштаи илҳом дар ҷони шоир ҳубут кунад, бояд бо сафои ботин ва тазкияи дарун, ҷонашро омода кунад. Дар ин сурат илҳом дигар аз боло ва берун ба қалб тазаввул намекунад, балки дарун ба берун таровиш мекунад [18,714].

Низомӣ дар оғози «Махзан-ул -асрор» ба тафсил мароҳили тазкия ва сафои ботинро таи хилватҳои сегона шарҳ додааст. Ӯ ба дурустӣ дарёфтааст, ки покизагии дарун, аввал шарти рисолати шоирӣ ва дарки паёми суруши ғайбӣ аст. Баволу шоири аврупоӣ муътақид аст, ки агар шоир иноятӣ пинҳонӣ ва лутфи осмониро дар вуҷуди хеш эҳсос накарда бошад, ҳамвора дар чаҳор девори истеъдод маҳдуди хеш маҳсур хоҳад шуд [12,54]. Оё назари Баволу ҳамон сухани Низомӣ нест?

Чун илми лашкари дил ёфтам,
Рӯйи худ аз оламиён тофтам.
Хоҷаи дил аҳди моро тоза кард,
Номи Низомӣ фалак овоза кард (20, 71).

Ҳадаф ва коркарди шеър ва сухан. Ҳамон гуна ки ишора шуд, Низомӣ пайғамбарон ва шоиронро марҳами рози як дӯст медонад. Аз ин сухани Низомӣ метавон ин гуна истинбот кард, ки рисолати шоирон бояд дар масири рисолати анбиё бошад. Ҳамон гуна, ки пайғамбарон ба василаи қавонин мубтанӣ бар ваҳи мардумро ҳидоят мекунанд, шеъри ростин ҳам бояд дар радифи мақом ва марҳами асрори илоҳӣ бошад. Низомӣ ба сароҳат мегӯяд, ҳар шеъре, ки аз суфраи илҳом шабеҳе ба ваҳӣ бошад, на фақат шеър дар маънои маъмули он, балки порае аз рӯҳ аст, ки олами рӯҳонӣ ба ин ҷаҳон омодааст:

Ҳар рутабе, к-аз сари он хон бувад,
Он на рутаб, поре аз ҷон бувад (20, 71).

Ӯ ҳаммонанди бисёре аз файласуфони Юнон арзиши ахлоқиро асл ва малок интихоби худ қарор дода, муътақид аст, ки ҳунар бояд тобеъ ва пайрави ахлоқ бошад. Толстой менависад: «Ҳунари ҷаҳонписанд ҳамвора малоки собит ва муътабаре бо хештан дорад ва он малок собит ва муътабари маърифати динӣ ва рӯҳонӣ аст» [12,39]:

То накунад шаръ туро номдор,
Номзади шеър машав зинҳор.
Шеъри ту аз шаръ бар он ҷо расад,

К-аз камарат соя ба ҷавзо расад (20, 72).

Шеъри ноб дар назари Низомӣ ҳамон шеъри шаръ аст. Ӯ бар мабнои ҳамин эътиқод аз шоироне, ки сирфан шеърро василаи касби рӯзӣ қарор додаанд интиқод мекунад:

Ройи маро ин сухан аз ҷой бурд,
К-оби суханро суханорой бурд.
Меваи дилро, ки бар ҷоне диҳанд,
Кай бувад обе, ки бар ноне диҳанд (20, 71).

Вижагиҳо ва моҳияти шеъру сухан. Низомӣ аз маъдуди шоиронест, ки назариёти ӯ дар бораи вижагиҳо ва моҳияти шеър то ҳадди зиёдӣ бо ороии мунтақидини имрӯза ҳамоҳангӣ дорад.

Дерписанд будан: Низомӣ эътиқод дорад, ки шеър бояд ончунон дерписанд ва дастнаёфтанӣ бошад, ки ҳар касе натавонад идаои шоирӣ кунад:

Беҳ, ки сухан дерписанд оварӣ,
То сухан аз дасти баланд оварӣ.
Ҳар чӣ дар ин парда нишонат диҳанд,
Гар написандӣ беҳ аз онат диҳанд (20,720.

Сеҳри ҳалол: Яке дигар аз назарияҳои шеъри классикӣ он аст, ки шеърро ҷодугарӣ бо вожаҳо ё сеҳри ҳалол донистаанд. Он чӣ гуфтанӣ аст, дар ин назария таваҷҷуҳи Низомӣ ба зебоӣ ва баёни фанни шеър маътуф аст:

Ҳар чи вуҷуд аст, зи нав то куҳан,
Фитна шавад бар мани ҷодусухан.
Санъати ман бурда аз ҷоду шикеб,
Сеҳри ман афсуни малоикфиреб.
Сеҳри ҳалолам саҳари қут шуд,
Насхкуни нусхаи Ҳорут шуд.
Шакли Низомӣ, ки хаёли ман аст,
Ҷонивар аз сеҳри ҳалоли ман аст (20, 73).

Шеър фарзанди қариҳаи латиф: Қариҳаи шоирона яке аз сарчашмаҳои шеър аст. Низомӣ муътақид аст, ки шоир дорои завқ ва ба кӯмаки қариҳаи шоирӣ бояд барои берун овардани гурӯҳи шеър аз маъдани табъ ҳафт осмонро бикобад ва то ибтидои чустӣ, зебоӣ берун оварад ба тавре, ки нисбати фарзанди он бо табъи шоир дуруст бошад, яъне шоир навовар бошад ва аз тақлиди дигарон худдорӣ намояд [12, 18]:

Аз пайи лаъле, ки барорад зи кон,
Рахна кунад байзаи ҳафт осмон.
Нисбати фарзанди абёт чуст,
Бар падари табъ бидорад дуруст (20,71).

Ба назар мерасад, Низомӣ дар ин дидгоҳ ба сухани Анварӣ назар доштааст, Анварӣ мегӯяд:

Чу ман ба раҳи сухан фароз оям,
Хоҳам, ки қасидае биороям.
Эзид донад, ки ҷони мискинро,
То чанд анову ранҷ фармоям.
Сад бор ба уқда дар шавам, то ман,
Аз уҳдаи як сухан бурун оям (13, 120).

Шеваи ғариб: Низомӣ борҳо ба ғариб будан ва шигифтии шеъраш ишора дорад ва онро аз меъёрҳои аслии шеър медонад. Фармалистҳо ҳам забони адабиро маҷмӯаи инҳирофоти аз ҳинҷор ё навъи тӯғёни забонӣ медонанд [13,8]. Барҷастасозӣ бакоргирии забон аст, ба гунаи шеваи баён ҷалби таваҷҷуҳ кунад [4, 34] ва аслан онро асоси адабӣ будани матнҳо медонанд:

Шеваи ғарибаст, машав номуҷиб,
Гар бинавозиш набошад ғариб (20, 66).

Андеша ва тафаккури сарчашмаи сухан: Иртиботи сухан ва андеша ё ба иборате робитаи забон ва тафаккур бисёр мавриди таваҷҷуҳи забоншиносон будааст. Дидгоҳи Ҳамбулит бисёр ба назари Низомӣ наздик аст: «Фикр ва забон мутаккӣ ба ҳаманд ва аз якдигар ҷудонопазиранд» [10, 374]. Низомӣ низ мегӯяд, ба ёрии сухан ба ҳар андешае метавон даст ёфт, ки ҳадафи ниҳоии баён андеша аст:

Хатти ҳар андеша, ки пайваста шуд,
Дар пари мурғони сухан баста шуд.
Аввалин андеша пасин шумор,
Ҳам сухан аст, ин сухан ин ҷо бидор (20, 68).

Навоварӣ ва ибдоъ дар сухан: Низомӣ эътиқод дорад, ки сухан орияте аз касби нопазируфта аст ва тарзи наве дар суханварӣ падид овардааст. Ин сухан асоси баёнияи шеъри ӯст:

Орияти кас напазируфтаам,
Он чӣ дилам гуфт: Бигӯ, гуфтаам.
Шуъбадаи тоза барангехтам,
Ҳайкале аз қолаби нав рехтам (20,65).

Саиданӣ низ муътақид аст, ки «ибдоъ сифати мумаиззаи шоир аст вай бо тавасил ба қариҳаи хеш чизҳои тоза меофаринад» [8, 108]. Ҳар нигарише ё дарёфте бод эҳсоси тозагӣ дошта бошад. Дар ғайри ин сурат пойдор ва мондани нахоҳад буд [2, 179].

Сифоти рӯҳӣ ва маънавии шоир дар назари Низомӣ:

Шоирон хазинаи ганҷи маънавият: Низомӣ калиди ганҷҳои маънавиятро зери забони марди сухансанҷ (шоир) медонад. Шоирон ганҷи ду оламро ба сухан дармекашанд, бавижа агар шеъраш ахлоқӣ ва ҳакамӣ бошад:

Хосса калиде, ки дари ганҷрост,
Зери забон марди сухансанҷрост.
Қофиясанҷон, ки сухан баркашанд,
Ганҷи ду олам ба сухан даркашанд (20,70).

Шоирон подшоҳи мулки сухан мебошанд:

Шеър туро сад раҳ нишоне диҳад,
Салтанати мулки маонӣ диҳад.
Шеър барорад ба амирит ном,
Кашшуаро умаро-ул-калом (20,72).

«Шеър гузориши беҳтарин ва саодатмандтарини зеҳнҳост ва шоирон қонунгузорони ба расмият шинохтанашудаи ҷаҳонанд» [8,205]. Шоир ба хотири табъ ва сиришти ҳунармандонааш ба қудрат ва ҳикмати мулки сухан даст меёбад. Ҳамон гуна ки Хоқонӣ низ гуфтааст:

Моликулмулки сухан Хоқониям, к-аз ганҷи нутқ,
Дахли сад Хоқон буд, як нуктаи ғаррои ман (7,323).

Авоили инҳитотии шеър ва ҳунар аз диди Низомӣ:

1.**Одат ва такрор**: Ӯ ба ҳунармандон ва шоирон тавсиа мекунад, ки одат ва такрор шоистаи ҳунар ва ҳунарманд нест. Беҳтар он аст, ки барои ҷовидонагии ҳунар ба «хилофи омади одат» рӯй ованд:

Ҳар чи хилоф омад, одат буд,
Қофиласолори саодат буд (20,130).

Хилоф омад, одати ҳамон латифае аст, ки баъдҳо Ҳофиз онро роҳе ба осудагии хаёл донистааст:

Аз хилоф омад одат ба талаби ком, ки ман,
Касби ҷамъият аз он зулфи парешон кардаам (6,640).

2.**Арзон фурӯхтани шеър ва ҳунар**: Ӯ ба шоирон ва ҳунармандон тавсиа мекунад, ки сухан ва ҳунари арзишманди худро арзон нафурӯшанд ва худро хор ва залил накунанд:

Чун суханат шаҳд шуд, арзон макун,
Шаҳди суханро магас афшон макун (20,72).

3.**Қадршиносии ҷомеа аз ҳунар ва ҳунарманд**: «Низомӣ худ ҳунарманд аст ва шояд ба ҳамин далел суханоне матраҳ мекунад, ки имрӯза ҳам мисдоқ дорад. Ӯ ба сароҳат ва иртиботи боландагии ҳунар дар вуҷуди ҳунарманд ва мизони иқболи мардум ишора дорад. Ҳамон гуна ки писанди мардум ҳунарро парварда мекунад, ҳунари бидуни навохт фарҷоме ҷузъ табоҳӣ нахоҳад дошт» [15,65]:

Гар ҳунаре дар тани мардум бувад,
Чун написанди гуҳаре гум бувад.
Гар биписандиш дигарсон шавад,

Чашмаи он об дучандон шавад.
Мардуми парварда ба ҷон парваранд,
Гар ҳунаре дар тарафе бингаранд (20,202)

Низомӣ муътақид аст, ки ҳунар барои идомаи ҳаёт ва ҳомии ҳунар ниёзманд аст. Ҳамон тавре, ки пуштибонӣ ва ҳимояти амирони фарҳангдӯсти сомонӣ дар борварӣ ва устувории дарахти забон ва адаби форсӣ бисёр муассир буд.

Аз он чӣ ба ихтисор баён шуд, метавон дарёфт, он чӣ дар Ғарб ба унвони назарияҳои адабӣ матраҳ шудааст, бахше аз он дар «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ вуҷуд доштааст, баррасии дидгоҳҳои адабии Низомӣ то ҳадде метавонад ба шинохти раванди нақди адабӣ дар қарни шашум кӯмак намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Источӣ Иброҳим. Фарошеър дар «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ// Фаслномаи илмӣ- пажӯҳишии забон ва адабиёти форсӣ.-№ 4.- Поизӣ.- 1389.
2. Исклитон Робин. Ҳикояти шеър. (Тарҷумаи Меҳрангез Ваҳидӣ).- Теҳрон, 1375 ш.
3. Элитун Тари. Пешдаромад бар назарияи адабӣ. Тарҷумаи Аббос Махир. – Теҳрон, 1383.
4. Бертенс Ҳониш. Мабонии назарияи адабӣ. Тарҷумаи Муҳаммадризо Абулқосим.- Теҳрон, 1384.
5. Сарватиён Беҳрӯз. Шарҳи «Махзан-ул-асрор».- Чопи вввал.- Ҷ.1.- Теҳрон, 1370.
6. Ҳофиз Шамсуддин Муҳаммад. Девони Ҳофиз. – Теҳрон, 1362.
7. Хоқонии Шервонӣ. Девон. – Теҳрон, 1383.
8. Дечиз Девид. Шеваҳои нақди адабӣ. (Тарҷумаи Муҳаммадтақии Содиқонӣ ва Ғуломҳусени Юсуфӣ).- Теҳрон, 1369.
9. Розӣ Шамсуддин. Ал- муъҷам фи меъёр-ул-ашъор-ул- аҷам. Ба кӯшиши Мударрис Разавӣ. – Теҳрон, 1360.
10. Рубенз О. Ч. Таърихи мухтасари забони форсӣ. (Тарҷумаи Алӣ Муҳаммад Ҳақшинос). – Теҳрон, 1384.
11. Зарринкӯб Абдулҳусен. Пири ганҷ дар ҷустуҷӯйи нокуҷообод.- Чопи 7.- Теҳрон, 1386.
12. Нақди адабӣ. –Ҷ.2.- Ч.3.-Теҳрон, 1361.
13. Шамиссо Сирус. Сабкшиносии шеър. –Ч.1.-Теҳрон, 1374.
14. Сафавӣ Куруш. Аз забоншиносӣ ба адабиёт.- Ҷ.1.- Теҳрон, 1380.
15. Таботабоӣ Саидмеҳдӣ. Ҳунари шоирӣ ё шеъри ҳунарӣ// Фаслномаи забон ва адаби форсӣ.- №40, тобистони 1388.
16. Годмир Ҳ. Афлотун ва шоирон. Тарҷумаи Юсуф Обзарӣ.// Арғнун.- №14, зимистон, 1377.
17. Гирин Кет. Дарсномаи назария ва нақди адабӣ. Тарҷумаи Вирастои Ҳусен Поянда. – Теҳрон, 1383.
18. Муҳаббатӣ Меҳдӣ. Аз маъно то сурат.- Ҷ.2.- Чопи аввал.- Теҳрон, 1388.
19. Носири Хисрав. Сафарнома. – Теҳрон, 1356/2536.
20. Низомии Ганҷавӣ, Илёс ибни Юсуф. Махзан-ул-асрор. Тасҳеҳи Беҳрӯз Сарватиён.- Чопи аввал.- Теҳрон, 1387.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ВОЗЗРЕНИЯ НИЗАМИ В «МАХЗАН-УЛ-АСРОР» («СОКРОВИЩНИЦА ТАЙН»)

Низами Ганджави считается одним из столпов таджикско-персидской литературы, создавший немернущие произведения получившие название «Пятерица» («Хамса») и положивший начало написанию пятериц. Одной из поэм данной пятерицы является поэма «Махзан-ул-асрор. Низами высоко поднял значимость слова и в своих произведениях стремился описать прежде всего морально-духовный облик человека и показать его душевное состояние. Важнейшей особенностью поэм Низами является то, что он глубоко воспринимал эпический дух, характерный для его стихотворений и в них на первый план выходят назидательные мотивы, они изобилуют рассказами и баснями того же характера. Они служат наглядными и доказательными примерами морально-дидактических рассуждений автора. Знания, любовь, справедливость, благодеяния и счастье человека – вот темы и гуманистические идеи Низами.

Ключевые слова: Низами Ганджави, «Пятерица», литературные воззрения Низами, поэма «Махзан-ул-асрор», назидательные мотивы, морально-дидактические рассуждения Низами.

LITERARY VIEWS IN NIZAMI «MAKHZAN -UL-ACPOP» («TREASURY OF SECRETS»)

Nizami Gandjaviy is considered one of the pillars of the Tajik-Persian literature, created немернущие works received the name of «pyateritsa» («Hamsa») and making a start on writing пятериц. One of the poems of the five is the poem «Makhzan-ul-acpop. Nizami up the significance of the word and in his writings sought to portray the first of all the moral-spiritual aspect of man, and to show his spiritual condition. The most important feature of the poems of Nizami is that he is deeply perceived epic spirit, characteristic of his poems and them come to the fore instructive motives, they abound with stories and tales of the same nature. They are obvious and evidence-based examples of moral-didactic reasoning of the author. Knowledge, love, justice, goodness, and happiness of man - this is the subject and humanistic ideas of Nizami.

Key words: Nizami Gandjaviy, «pyateritsa», literary views of Nizami's poem «Makhzan-ul-acpop», didactic motives, moral-didactic reasoning Nizami.

Сведения об авторе: ***Мариам Вафисани*** – аспирантка Таджикского национального университета

НАҚШИ БАРНОМАИ «ХОКИ ВАТАН» ДАР ТАШАККУЛИ ВАҲДАТ ВА ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ

Саидмуроди Хоҷазод
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иҷлосияи таърихии XVI- уми Шӯрои Олии Тоҷикистон ҳукумати навро рӯйи кор овард, ки ҳадафи аввалинаш барқарор намудани сулҳ дар Тоҷикистон буд. Ҳукумати нав бо роҳбарии Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон корро аз барқарории сулҳ ва бозгашти фирориёни иҷборӣ шурӯъ кард. Самти кори радио ва телевизиони давлатӣ низ билкул тағйир ёфт. Ғояи сиёсии ҳукумати нав- тарғиби сулҳ, Ваҳдати миллӣ асоси кори ин расонаҳо гардид. Инчунин, ба Ватан бозгардонидани гурезагон яке аз самтҳои стратегии радио ва телевизиони он давр буд. Зеро баъд аз воқеаҳои фоҷиабори нимаи дуюми соли 1992, мардуми зиёде фирорӣ шуданд ва вазъият тарзе сурат гирифт, ки оилаҳо ба ҳар ҷониб пароканда гардида, писар -падар ва модар-духтар, бародар хоҳарро меҷуст. Ҳанӯз аз 8- уми майи соли 1992 дар барномаҳои иттилоотии «Ахбор» эълон дар бораи ҷустуҷӯйи хешу акрабо пахш мешуд. Тадриҷан, дар барномаҳои «Паёми рӯз» ин раванд вусъат ёфт [10]. Кор ба ҳадде расид, ки ҳатто дар аксари барномаҳои «Паёми рӯз» ва «Ахбор» миқдори чунин эълонҳо ба маротиб афзуд. Радио, ки қисмати зиёди мардум ба он дастрасӣ доштанд, ягона маъвои умеди корафтодагон буд. Аз ҷониби дигар, роҳбарияти радио низ роҳи бартараф кардани чунин вазъиятро пайваста ҷустуҷӯ мекард. Зеро бар асари воқеаҳои маълуми моҳи майноябри соли 1992 ва шиддат пайдо намудани ҷанги ҳамватанӣ, як қисми ҳаммиллатони мо ба хориҷ, ба давлатҳои исломии Афғонистон, Покистон, Эрон, Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Узбекистон, Туркманистон, Қазоқистон ва дигар давлатҳои муштаракулманофеъ фирорӣ шуданду ташкили як барнома метавонист ҷиҳати ба Ватан баргаштани онҳо мусоидат намояд. «Маҷмӯи умумии муҳоҷирони иҷбории тоҷик 620 ҳазору 113 нафарро ташкил медод» [27]. **Аз ҳама муҳимаш, масъалаи ба Ватан баргардонидани гурезаҳо самти асосии фаъолияти ҳукумати навташкил бо роҳбарии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буд, ки номбурда дар Иҷлосияи 16- уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид дошт: «Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва бозгашти ҳамаи гурезаҳо тайёрам ҷони худро нисор кунам»** [6].

Чун бозгашти фирориён яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи он замон буд, мақомоти баландпояи Тоҷикистон барои амалӣ намудани ин матлаб пайваста чорасозӣ мекарданд ва ниҳоят, нимаи дуюми моҳи марти соли 1993 ҷаласаи Ҳукумати Тоҷикистон баргузор шуд, ки масъалаи асосии он ба Ватан баргардондани гурезагон буд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати кор бо гурезагони иҷборӣ ва бозгардонидани онҳо ба Ватан, аз ҳисоби мутахассисони Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон 2 гурӯҳи корӣ созмон дод. Сарварии гурӯҳи дуюмро, ки мебоист дар самти Қундуз фаъолият намояд, мушовири Раёсати кишварҳои Осиё ва Африқои вазорати номбурда Сангмуҳаммад Зуҳурзода бар уҳда дошт. Ин гурӯҳ тавонист 30 ҳазор гурезаро ба Ватан баргардонад [26].

Барои баргардонидани фирориёни иҷборӣ ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ зарур буд. Дар ин самт матбуот, радио ва телевизион нақши муҳим бозида метавонистанд. Аммо аз байни ин воситаҳои иттилоотӣ бо чунин омилҳо радио мавқеи муҳим дошт:

- дар он давра барои расонидани матбуоти чопӣ - рӯзнома, ҳафтаномаю варақаҳо ва паҳн намудани онҳо дар байни фирориён имкони воқеӣ мавҷуд набуд, аммо радио чун воситаи бесими алоқа ба онҳо дастрас буд;
- бо сабаби набудани нерӯи барқ ва надоштани дастгоҳи қабул, фирориён барномаҳои телевизионро тамошо карда наметавонистанд, аммо барномаҳои радиоро гӯш намудан имкон дошт;
- аз миёни расонаҳои электронии ахбор ҳанӯз интернет ташаккул наёфтаву мавқеи муҳим надошт, аммо радио дар шароити Тоҷикистон дар бозори расонаии он вақт пешсаф буд;

• дар шароите, ки иртиботи минтақаҳо комилан аз байн рафта буд, радио қодир буд чун воситаи муқтадири иртибот, барои табодули назари сокинони минтақаҳои гуногуни мамлакат, даъвати онҳо ба сулҳу субот хизмат кунад. Аз тарафи дигар, на танҳо фирориёни хориҷӣ, балки гурезагони дохилӣ низ ба як маркази иртибот ниёз доштанд ва дар он шароит танҳо радио имкон дошт робитаи дуҷонибаи онҳоро ба миён орад.

Аз ин хотир, ҳукуматдорони вақт нисбат ба дигар намудҳои ВАО ба радио бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд, чунки ин расона метавонист дар ҳалли мушкилоти ҳукумат ва фирориёни иҷборӣ нақши ҳалкунанда бозад ва дар баробари дигар вазорату идораҳо ба Кумитаи давлатии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ супориш дода шуд, ки дар ҳалли ин масъала мусоидат ва дар бобати ба Ватан баргардонидани фирориён барномаи хосаи радиоӣ таҳия намояд. Муовини аввали раиси Кумита, профессор Иброҳим Усмонов дар ҷаласаи роҳбарияти он ба масъулини радио супориш дод, ки идеяи таҳияи чунин як барномаро пешниҳод созанд. Бори нахуст ҳайати кории ҳукуматӣ барои воқиф шудан аз вазъи гурезаҳои бадахшонӣ ба Хоруғ рафт, ки хабарнигори радиои Тоҷикистон Бобо Бекмуродов ба он шомил буд. Баъди бозгашт шумораи аввалини барнома омода шуд ва дар сенария муроҷиатномаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамватанони хориҷӣ ҷой дода шуд, ки фишурдааш чунин буд: «…ҳамватанони азиз, ман ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам. Як бурда ноне, ки дорем, бо ҳам мехӯрем. Пушту паноҳи шумо Ватан аст. Шуморо хонаву даратон, фарзандонатон, хешу таборатон интизор аст… Ба Ватан баргардед, ҳамватанони гиромӣ…!» [11]. Ҳамчунин суханронии Вазири вақти меҳнат ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ва мусоҳиба бо се гуреза аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷой дода шуд. Пешгуфтори барномаи нахуст бо унвони «Руҷӯйи муҳаррир» [11] оғоз гардид, ки дар он омадааст: «Ҳамватанони азиз! Тоҷикистон ба вартаи низои дохилӣ кашида шуд. Душманони дохилӣ ва хориҷӣ тавонистанд моро ба гурӯҳҳо ҷудо намоянд. Тоҷикистон дар арафаи тақсим қарор дошт. Инро кишварҳои ҳамҷавор, хориҷӣ, абарқудрат ва гурӯҳҳои ҷудоиталаби мамлакат мехостанд. Лекин тақдир ба мо инсонеро дод, ки ҳадафаш сарҷамъ намудани миллат аст. Роҳбарияти нави ҳукумати Тоҷикистон нияти нек дорад: сулҳ меорад, вахдат мекунад, Тоҷикистонро обод менамояд ва муҳимтар аз ин, шумо, ҳамватанони азизро ба Ватан бармегардонад. Магар зиндагӣ дар Ватан беҳтарин неъмат нест? Оё дар байни шумо касе ҳаст, ки ба меҳани аҷдодӣ бозгаштан намехоҳад? Магар шахсе, ки Ватани худро дӯст намедорад, модари худро дӯст дошта метавонад? Не! Тоҷик меҳандӯст аст, ватанпараст аст, ба модар, Ватан, миллат, сарзамини аҷдодӣ муҳаббат, садоқат, ишқ, рафоқат дорад. Мо ба ҳам меоем, муттаҳид мегардем, ҳамфикр мешавем ва сарзамини аҷдодии худро обод мекунем. Бовар кунед, агар ҳамбаста набошем, Тоҷикистон пора- пора мегардад, тоҷик ҳамчун миллат нест мешавад, дар ба дар мегардад, овора мегардад, хор мешавад. Медонем, ки дар дили ҳар яки шумо доғе ҳаст. Яке писар гум кардаву дигаре падар, сеюмӣ хоҳару чаҳорумӣ бародар. Ҳамватанони азиз! Биёед, ин бадбахтиҳоро фаромӯш кунем. Қисмати Ватан, миллат, давлат, Тоҷикистони азиз дар дасти мову шумост... »[11].

Чун масъалаи ба меҳан бозгардонидани фирориёни иҷборӣ самти усулии (принсипиалии) сиёсати ҳукумат буд, кормандони радио барои иҷрои ин амр бештар ҷадал менамуданд. Аз ин рӯ, дар идораи барномаҳои сиёсӣ ва байналхалқии радиои Тоҷикистон масъалаи номгузории як барномаи муҳим, ки ҳадафаш бозгардонидани фирориён буд, ба миён омад. Дар ҷаласаи идора ҳамин масъала баррасӣ шуд ва муҳаррири варзидаи идора Бобо Бекмуродов пешниҳод кард, ки барнома номи «Во ғарибӣ…»- ро бигирад ва бо суруди машҳури Боймуҳаммад Ниёзов бар ғазали Хоҷа Камол оғоз ва анҷом ёбад. Азбаски номи «Во ғарибӣ…» ҷанбаи манфӣ ва пессимистӣ дошт, ҳамовозӣ пайдо накард [6].

Номи «Хоки Ватан» як пешниҳоди дастҷамъонаи ҳамин идора буд. Барномаи аввал бо номи «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар» субҳи 29 марти соли 1993 пахш гардид [4]. Вале дар шумораи дуюм номи барнома тағйир ёфт ва шакли дурусташ «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар» гузошта шуд [12]. Баъди садо додани ду барномаи нахуст, дар ҷаласаи умумии ҳафтаинаи кормандони радио муҳтавои барнома ва номи он мавриди баррасӣ қарор гирифт. Таъкид гардид, ки унвони барнома каме дароз аст

ва бояд кӯтоҳ гардад. Ҳамин тариқ, аз барномаи сеюм он «Хоки Ватан» ном гирифт. Азбаски Бобо Бекмуродов барои идомаи фаъолият ба телевизион гузаронида шуд, барномаи сеюмро муҳаррири ҳамин идора Солеҳ Юсуф бо номи «Хоки Ватан» таҳия кард. Коргардонҳои барномаи нахуст Хайрулло Иброҳимов, Ҳалима Насибулина, садобардорон Маърифат Холиқова ва Мукаррама Мансурова буданд [6]. Сароҳанги барнома аз омезиши оҳангҳои Муборакшо Ҷумъаев ва Саидқул Билолов бо ҳамҷӯрии садои наттоқи соҳибтаҷриба Абдурашид Хӯҷамқулов ба вуҷуд омадааст. Ин ду барнома аз ҷониби муҳаррири варзидаи ҳамин идора Бобо Бекмуродов таҳия шудаанд. Бояд гуфт, ки оид ба таърихи пахши барномаи нахуст дар байни муҳаққиқон ва таҳиягарони он назари ягона мавҷуд аст ва ин санаро яке аз таҳиягарони барнома Сафаралии Нозим низ тасдиқ намуда менависад, ки «ягона ҳамдаму ҳамрози дили фирориён барномаи «Хоки Ватан», ки охири марти соли 1993 таъсис ёфт, гардид» [28].

Ҳамин тавр, як барномае, ки баъдан ҷиҳати ба ҳам овардани тоҷикон ва баргардонидани гурезагон хизмати бузург кардааст, рӯйи кор омад. Ин барнома минбари ибрози афкори фирориёни иҷборӣ, ҳамоиши назарҳо, даъвати ҳамватанон ба Ватан, воқеан ҳам оштии миллӣ барои тамоми мардуми Тоҷикистон буд. Зеро «он шабу рӯз вақте ду ҷабҳа созмон ёфта буд, мардум дар муқовимат буданд, ҳар замон хун мерехт. «Хоки Ватан» ягона минбаре буд, ки барои ҳар нафаре имкон медод, дарди дилашро бигӯяд. Аз он намояндаҳои ҳар ду ҷониб истифода мебурданд, аз ин хотир, воқеан минбари оштӣ буд ва барои расидани мардум ба оштии миллӣ хеле мусоидат намудааст» [7].

Таҳиягарони барномаҳои нахустин муътақиданд, ки «ҳеҷ вақт як ё ду нафар набояд даъво кунанд, ки онро ман таҳия кардам, ё пешниҳоди ман буд. Ин як амали дастҷамъона буд ва як чиз бояд ҳама ҷо сабт гардад. Ҳар вақте сухан аз «Хоки Ватан» равад, устод Иброҳим Усмоновро ёд мекунам, зеро саҳми номбурда дар офариниши барномаи мазкур хеле калон аст», - мегӯяд яке аз таҳиягарони нахустини барномаи «Хоки Ватан» Солеҳ Юсуф. Воқеан, «Хоки Ватан» як барномаи дастҷамъӣ буд ва ҳар корманди радио дар таҳияи он саҳм гузоштааст. Зеро аз муҳаррир то барномасозон, садобардорон, гӯяндаҳо ва кормандони шуъбаи техникӣ дар таҳияи он ширкат варзидаанд. Ҳамин маъниро собиқадори радиои Тоҷикистон Шаҳобиддини Ҳақназар низ, ки яке аз таҳиягарони барномаи мазкур буд, таъкид намуда менависад «ман намегӯям, ки аввалинам, нахустин шахсе мебошам, ки ин барномаро ба миён овардаам…Не! Ман ҳақ надорам, ки чунин гӯям. Давр, замон, он лаҳзаи бисёр мураккаб онро ба миён овард. Иҷлосияи 16- уми тақдирсоз, суханронии Сарвари давлат сабаби ба вуҷуд омаданаш гардид» [32,5]. Агар ҳамин фикрро маҳаки аслӣ қарор диҳем, пас метавон хулоса кард, ки **идеяи таҳияи барнома маҳсули дониш, афкор, ҷаҳонбинӣ ва эҷоди дастҷамъонаи роҳбарият ва кормандони радиои Тоҷикистон мебошад, ки бозгашти фирориён ба Ватан, барқарории сулҳ ва ваҳдати миллиро ҳадафи ниҳоӣ қарор дода буданд.** Барномаи «Хоки Ватан» бо рубоии:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Бӯйи Ватан аз лолаю райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош, гадо будӣ ба Канъон беҳтар[§§].

оғоз мегардид. Сипас, суруди машҳури овозхони маъруфи тоҷик Боймуҳаммад Ниёзов бар ғазали Камоли Хуҷандӣ «Во ғарибо…» пахш мешуд. Барномаҳои нахуст ҳафтае як маротиба рӯзи сешанбе, аз охири моҳи апрел дар як ҳафта ду маротиба: рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа, соати 6^{15} ба муддати 45 дақиқа пахш гардида, такроран соати 13^{15} дақиқа садо медод [31, 67]. Баъдтар бо супориши директори вақти радио Мансур Султонов тасмим гирифта шуд, ки гурӯҳи эҷодӣ таъсис гардад ва роҳбарии онро сармуҳаррири идораи барномаҳои сиёсӣ ва байналхалқӣ Амонқул Одилов ба уҳда гирад. Коршиносон ва рӯзноманигорони касбӣ эътироф намудаанд, ки барномаи «Хоки Ватан» воқеан ҳам, барномаи миллӣ ва мардумӣ шуд ва тавонист боиси таваҷҷуҳи тамоми фирориёни хориҷу дохил гардад. Ба ақидаи муҳаққиқони соҳаи журналистика «…таъсис ёфтани барномаи «Хоки Ватан» дар радиои Тоҷикистон нахустин қадами мусбат дар иттиҳоди миллӣ буд» [30, 94]. Ба ин хотир, пайваста зери таваҷҷуҳи роҳбарияти Кумитаи радио ва

[§§] Тамоми барномаҳои «Хоки Ватан» бо чунин мисраъҳо оғоз мешуданд.

телевизион қарор дошт. Бо мусоидати маъмурияти барномаҳои радио дар пахши барнома тағйирот ворид карда шуд.

Аз охири моҳи май барномаи «Хоки Ватан» ҳафтае се ва аз моҳи сентябр чаҳор маротиба садо медод. Агар дар барномаҳои нахуст фақат суҳбат бо фироријёни дохили ҷумҳурӣ дар бораи вазъияти бади рӯзгорашон пахш мешуд, дар барномаҳои баъдӣ тадриҷан муроҷиати шаҳрвандон афзоиш ёфт. Аз мазмуни номаҳои ин давр бармеояд, ки муроҷиат ба хотири пайдо намудани пайвандони фироријён дар барномаҳои аввал мавқеи муҳим доштааст. Тадриҷан, бахшҳои «Руҷӯи муҳаррир», «Номаҳо аз Тоҷикистон», «Номаҳо, эй номаҳои пуралам», «Дар меҳмонии «Хоки Ватан», «Номаҳо аз Тоҷикистон ба Афғонистон», «Меҳри Ватан», «Номаи маро ҳам хонед», «Садои ошно» ба вуҷуд омаданд [6]. Дар барномаи 5 - уми июни соли 1994 ҳадафи таъсиси рубрикаи «Садои ошно» чунин тавзеҳ ёфтааст: «Садои ошно» - садоест аз дили ранҷури ҳамватанони мо, «Садои ошно» - садоест аз тариқи барномаи «Хоки Ватан» ба ҳамватанони бурунмарзии ғарибафтодаи мо. Сомеони азиз, таҳти ин унвон сабтҳое пешкашатон мегарданд, ки ҳамватанони мо пайвандони ғарибгаштаи худро ба сӯйи Ватан мехонанд. Гӯш диҳед, ба садои дили пайвандони хеш, ки шуморо сӯйи ёру диёр даъват мекунанд» [14].

Муҳтавои асосии барномаҳоро даъвати фироријён ба Ватан, барқарории сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ ташкил медод. Ин барнома дар бобати бозгашти фироријён ба меҳан, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон хидмати беназире намуда, барои ба вуҷуд овардани фолклори онҳо саҳм гирифтааст. Такя ба фолклор, агар аз як тараф, таъсири барномаҳоро зиёд мекард, аз ҷониби дигар, эҳсоси дили мардумро бозгӯ менамуд ва маҳз ҳамин сухани пуртаъсир буд, ки дили фироријён ба меҳан, ба сарзамини аҷдодӣ гарм мешуд. Дар урфият мегӯянд, ки «сухани нағз морро аз хонааш мебарорад». Созанда будани сухан, пуртаъсир будани фолклор, офаранда будани алфози пурфараҳ дар барномаҳои «Хоки Ватан» ба хубӣ эҳсос мешуд. Баъди таъсирбахш садо додани дубайтии:

Суханро сар кунам аз устухонам,
Мураккаб то шавад хуни равонам.
Кушоям номаро аз пардаи дил,
Барои хоҳарони меҳрубонам [15] .

дилҳо реш мешаванд, хотирот ошуфта мегарданд, захмҳои дил рӯ ва меҳри Ватан дар қалби соҳибватанон ҷӯш мезанад. Дар рубоиҳо бештар ибораҳои «дилум хароб аст», «миҷҷаам қатраи об аст», «бехабарон чӣ ҷойи хоб аст», «дилам хун шуд», «ҷигарам кабоб аст», «марди мусофирем», «кафан ҳамроҳи мо бошад, чӣ донам», «хунобаи дил», «заҳри ғарибӣ» далолат ба рӯзгори сахти фироријён мекунанд. Онҳо хешу пайвандон, ёру дӯстон ва меҳани аҷдодонро орзу карда, ғуссаи дилро бо чунин ибораҳо таъсирноку эҳсосӣ сабук мегардонанд, оҳи пурсӯз аз ҷигар кашида, худро андаке ором менамоянд.

Дар таърихи Радиои Тоҷикистон барномае ба монанди «Хоки Ватан» сершунаванда набудааст. Агар тибқи пажӯҳиши собиқадори радио М. Мамадризоев «тайи як соли пахши барнома аз тариқи он сӣ ҳазор номаи фироријён хонда шуда бошад ва 20 ҳазор сокинони Тоҷикистон ба хешу табори дар Афғонистон фирорӣ будаи худ муроҷиат намуда бошанд» [9], пас тадқиқоти бойгонӣ собит кард, ки дар муддати фаъолияти дусолаи барномаи «Хоки Ватан» (то соли 1995) беш аз се ҳазор нафар шахсони дурафтодаи худро пайдо намуданд, беш аз 10 ҳазор нафар ба макони зисти доимии худ баргаштанд. Беш аз 50 ҳазор нома аз тариқи он қироат гардидааст [2]. **Санадҳо ба он далолат мекунанд, ки маҳбубияти барнома, агар аз як тараф ба таъсири равонии он марбут бошад, аз ҷониби дигар, Ваҳдати миллиро меҳвари аслӣ ва ҳадафи ниҳоӣ қарор додан нақши барномаро бамаротиб боло бурд.** Ба ин хотир, бо афзоиши номаҳои фироријён ва муроҷиати сершумори шаҳрвандон тасмим гирифта шуд, ки аз моҳи майи соли 1994 барномаи «Хоки Ватан» ҳамарӯза садо диҳад. Таҳиягарон кӯшиш менамуданд, ки яъсу ноумедиро аз замири фироријён берун, тарсу ваҳмро аз ниҳодашон бартараф намоянд. Махсусан, дар бахши «Руҷӯи муҳаррир» бо алфози ширин, нарм, самимӣ ва саршори меҳру муҳаббат фироријён ба Ватан даъват мешуданд. «Ҳар он ҳамватане, ки ин лаҳзаҳо омодаи шунидани «Хоки Ватан» ҳастӣ, қабул намо саломи меҳрбори моро. То садои мо ба гӯши ҳаммиллати дуру наздикамон бирасад, бовар кунад морову наздикони хешро ва боз пас биёянд ба Ватан ва бозгаштагон камар

бубанданд, баҳри фардои рӯзгори хешу фардои Тоҷикистони азиз. Бо ҳамин умеду орзу шурӯъ мекунем барномаро…»[19].

Дар барномаҳои минбаъда бахши «Номаҳо аз Афғонистон» таъсис шуд. Баъди қироати бахши «Номаҳо аз Тоҷикистон» номаҳои ҷавобӣ аз Афғонистон зиёд мерасиданд. **Барномаи «Хоки Ватан» дар ин давра тавонист афкори нави фироиёнро оид ба мафҳумҳои «Ватан», «миллат», «давлат», «ваҳдат», «худшиносӣ» ба таври мусбат шакл диҳад. Барнома дар тасаввурот ва ҷаҳонбинии онҳо тағйироти куллӣ ба вуҷуд овард. Афкори сиёсиву иҷтимоии онҳоро дигаргун кард. Умеди онҳоро барои сулҳу созгорӣ ва бозгашт ба Ватан афзун намуд. Фироиёни иҷборӣ дарк намуданд, ки Ватан ифтихор, шаъну шараф, нангу номус, виҷдону шараф ва обрӯю эътибори мост. Ватан азизтарин ва ноёбтарин неъмату мукнат (молу давлат), сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ чиз наметавон иваз кард.** Ватанро интихоб ё хариду фурӯш намекунанд ва чун волидайну бародару хоҳари ҳамтан як бор ва барои ҷовидон дода мешавад. Ватан сарнавишту қисмати ҳар фард аст, ки аз ибтидо ба бошандагонаш ба мерос гузошта мешавад [1, 8-9].

Бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи 27-уми июни соли 1997, дар Маскав барои барқарории сулҳ дар Тоҷикистон иқдоми воқеӣ ва ҷиддӣ гузошта шуд. Ин санади муҳиму тақдирсоз ба «ҷангҳои иттилоотӣ» низ хотима гузошт. Тоҷикистон хонаи умеди тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ гардид ва бино ба навиштаи маҷаллаи «Килк»- и Эрон истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон мардуми форсизабони минтақаро умедвор хоҳад сохт ва пойгоҳе устувор барои мардуми Бухоро, Самарқанд ва шимоли Афғонистон эҷод хоҳад кард. Сулҳ дар Тоҷикистон дар барпои сулҳ дар Афғонистон ёрӣ хоҳад расонд ва ҳушдоре хоҳад буд бар инҳисорталабон дар ин кишвар ва дар минтақа[33].

Ҳамчунин ба ақидаи собиқ Дабири кулли СММ Кофи Аннан «Тоҷикистон дар ҳалли муноқишаҳои дохилӣ барои бисёр мамлакатҳои дигар намунаи беназир армуғон овард» [8] ва дарвоқеъ, дастоварди сулҳи тоҷикон беназир, қобили омӯзиш ва истифода аст. Ҳар фарди худшиносу худогоҳ бояд ба ин дастовард эҳтиром гузошта, барои такрори чунин ҳодисаҳои номатлуб роҳ надиҳад. Зеро натиҷаҳои муқовиматҳои дохилии Тоҷикистон барои мо сабақомӯзанд.

Бино ба иттилои расонаҳо беш аз 60 000 кушта, 25 000 зани бева, 53 000 кӯдак ятим, 36 000 манзили харобгашта ё ба коми оташ рафта ва беш аз 1 миллион нафар бечо шуд - чунин аст чанд натиҷаи ҷанги харобиовари шаҳрвандии Тоҷикистон. Аз ин 1 миллионе, ки дар ба дар шуд, як бахши бузургаш, ағлаб аз водии Вахш худро бо умеди наҷоти ҷон ба рӯди Омӯ зада, дар Афғонистон паноҳ ёфтанд [34] ва зарари моддии ба ҷумҳурӣ расонидаи ҷанг бештар аз 7 млрд. доллари амрикоиро ташкил дод [25].

Бо қатъи ҷанги дохилӣ, давраи нави рушди таърихии мамлакат оғоз шуд ва табиист, ки барномаи «Хоки Ватан» бо иҷрои рисолати таърихии худ ба саҳифаи таърих кӯчид, вале бо гузашти замон ҳар қадар мо аз он солҳо дур равем, симо, қимат ва ҷойгоҳи он ҳамон қадар барҷаста, воло ва баланд таҷассум хоҳад ёфт.

Барномаи «Хоки Ватан» аз соли 1993 то моҳи декабри соли 1996, беш аз 800 маротиба садо дод. Ҳангоми тадқиқоти бойгонӣ маълум шуд, ки тавассути барномаи мазкур зиёда аз 60 ҳазор нафар аз Тоҷикистон ба хешу акрабои худ муроҷиат намудаанд (шояд зиёдтар ҳам бошад), 50 ҳазор нафар аз Афғонистон ба пайвандон ва ҳамдиёрони худ номаву паём фиристодаанд. Беш аз 100 ҳазор нома қироат ва ё ба мазмуни онҳо ишорат гардида, 150 мусоҳиба бо намояндаҳои созмонҳои байналхалқӣ ва комиссиюни СММ оид ба умури паноҳандагон, 750 суҳбату мусоҳиба бо намояндаҳои мақомоти гуногуни Ҳукумати Тоҷикистон, 400 гузориш (аз ҷойи воқеа), 800 гузориш аз маросими истиқболи фироиён ва вазъи рӯзгори онҳо дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, беш аз 750 суҳбату мусоҳиба бо намояндаҳои илму адаб, 50 мухбирнома, 38 хитобаву муроҷиат, 30 баёния, 12 изҳорот пахш шудааст [3]**. Ҳамин тариқ, гурезаи охирин 16- уми ноябри соли 1997 ба Ватан баргашт ва барномаи «Хоки Ватан» низ рисолати таърихии худро ба субут расонд ва Тоҷикистон ба марҳилаи нав- марҳилаи созандагӣ ва бунёдкорӣ қадам гузошт.**

Барномаи «Хоки Ватан» дар тӯли беш аз се сол барномаи беҳтарин ва метавон гуфт, ки ба парчами радио ва шиносномаи радио табдил ёфта буд. Ин барнома ҷиҳати ба Ватан бозгардонидани фироиён, ба ҳам омадани тоҷикон, шинохти бештари ҳамдигар,

пайванди минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ хидмати бедареғ намудааст. Ин аст ки дастандаркорони он Амонқул Одилов, Солеҳ Юсуф ва Абдурашид Хӯҷамқулов бобати саҳмгузорӣ дар таҳияи ин барнома соли 1994 ба дарёфти ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ шарафёб шуданд.

Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки барномаи «Хоки Ватан» рисолати таърихии худро иҷро кард:

- **таъсиси барномаи «Хоки Ватан» нахустин кӯшиши воқеии ҳукумат барои бозгашти фироријён ба Ватан буд;**
- **барнома агар аз як тараф барои бозгашти фироријён, ба роҳ мондани робитаи байни ҳамдигарии гурезагони дохилӣ мусоидати фаъол дошта бошад, аз ҷониби дигар барои ваҳдату муттаҳидӣ, ташаккули афкори ҷомеа дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ, устувор намудани рукнҳои давлати миллӣ нақши муҳим бозид;**
- **дар афкору ҷаҳонбинии фироријёни иҷборӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд овард. Таъсири системаноки барнома буд, ки як гурӯҳи калони ҳамватанони мо, ки аз азияти низои дохилии солҳои 1992-1997 дилсард ва фирорӣ гардида буданд, ба ҳаёт дилгарм шуданд, дидгоҳи хасмонаро ба назари некбинона табдил доданд, муҳимтар аз ин, ба Ватан баргашта, паҳлӯ ба паҳлӯ барои ободии сарзамини аҷдодӣ ҷадал карданд;**
- **«Хоки Ватан» пули иртибот миёни ҳукумат ва мухолифин буд, ки дар замони муқовиматҳои дохилӣ, воқеан, мавқеи бетарафиро ишғол намуд;**
- **«Хоки Ватан» на танҳо афкори фироријёни иҷбориро ифода мекард, балки онро ташаккул медод. Он намунаи нави фолклори мардуми тоҷикро ба вуҷуд овард;**
- **дар шароити ташаннуҷзои солҳои низои дохилӣ бо қатъият метавон гуфт, ки сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аз барномаи «Хоки Ватан» оғоз шуд.**

А Д А Б И Ё Т

1. Акбаров Ю. Меҳри Ватан:-Душанбе: Маориф. 1989.
2. Бойгонии Кумита. Ҳисоботи шӯъбаи умумӣ, 1996, 10.01.
3. Бойгонии Кумита. Ҳисоботи солонаи Кумита ба Ҳукумати Тоҷикистон. 1996, 20.12.
4. Бойгонии радио. Ҷадвали пахши барномаҳо.1993, 29.03.
5. Бойгонии радиои Тоҷикистон. Ҳисоботи Кумита, 1994.
6. Бойгонии радиои Тоҷикистон. Радиофилми «Қосиди нишот». қ.1.2006, 8 – 09.
7. Бойгонии радиои Тоҷикистон. Радиофилми «Қосиди нишот». қ. 2. 2006, 9 -09.
8. Лутфуллоев М. Миллати сулҳпазир.//Ҷумҳурият. 1997.23.06.
9. Мамадризоев М. Мавҷҳои «Хоки Ватан».//Садои мардум. 1994, 12.03.
10. Радиои Тоҷикистон. Паёми рӯз. 1992.8.05.
11. Радиои Тоҷикистон. Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар. 1993.29.03
12. Радиои Тоҷикистон, барномаи «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар». 1993, 29.03
13. Радиои Тоҷикистон. «Хоки Ватан». 1994, 22.11.
14. Радиои Тоҷикистон. «Хоки Ватан». 1994. 5.06.
15. Радиои Тоҷикистон. «Хоки Ватан». 1994, 22.09.
16. Радиои Тоҷикистон. «Хоки Ватан». 1994, 1.06.
17. Радиои Тоҷикистон. «Хоки Ватан». 1994, 30.09.
18. Радиои Тоҷикистон. Хоки Ватан. 1994, 21.11.
19. Радиои Тоҷикистон. «Хоки Ватан». 1994, 30.09.
20. Радиои Тоҷикистон. Хоки Ватан. 1994.22.09.
21. Радиои Тоҷикистон. Хоки Ватан. 1994.29.09.
22. Радиои Тоҷикистон. Хоки Ватан. 1995.23.02
23. Радиои Тоҷикистон. «Хоки Ватан».1995, 27. 02.
24. Радиои Тоҷикистон. «Хоки Ватан». 1996, 5.11.
25. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих.-Душанбе: Ирфон. 1999.
26. Рӯзи Ваҳдати миллӣ бароям иди бузург аст.//Ҷумҳурият. 2007.25.06.
27. //Садои мардум. 1993.9.01
28. Сафаралии Нозим.«Хоки Ватан»- садои дили ҳамватанон буд» //Ҷумҳурият. 2005.25.06.
29. Суханронии Президенти ҶТ Э.Раҳмон ба ифтихори 20-умин солгарди Иҷлосияи 16-уми ШО ҶТ (мустақим). Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон. 2012, 19.11.
30. Усмонов Иброҳим. Соли Набиев. -Душанбе, 1995. -С. 94.
31. Хоҷазод С.Таърихи радиои Тоҷикистон. Қ.2. Душанбе: Деваштич. 2006.
32. Ҳақназар Ш. Замини муқаддас.-Душанбе: Ирфон. 2013.
33. Чингиз Паҳлавон. Сулҳ дар Тоҷикистон.//Килк.1376. № 85-88
34. www.ozodi.org/ 2012.20-06.

РОЛЬ РАДИОПЕРЕДАЧ «ХОКИ ВАТАН» В ФОРМИРОВАНИИ ЕДИНСТВА И НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ

Автор, впервые научно исследуя радиопередачи «Хоки Ватан», показывает ее вклад в возвращение беженцев, укрепление мира и формированит единства и национального самопознания. Роль радио в качестве мощного инструмента в формировании общественного мнения всесторонне проанализирована и определена политическая ценность радиопередач «Хоки Ватан» в деле возвращения вынужденных переселенцев.

Ключевые слова: радио, средства информации, национальное единство, мир, «Хоки Ватан», передача, слушатель, гражданская война, беженцы, Родина, мир таджиков.

THE ROLE OF RADIO BROADCASTS "HOKIE WATAN" IN THE FORMATION OF NATIONAL UNITY AND SELF-KNOWLEDGE

The author, first scientifically researching broadcast "Hokie Watan", reveals her contribution to the return of refugees, peace and the formation of the national unity and self-knowledge. The role of radio as a powerful tool in shaping public opinion comprehensively analyzed and determined the value of political broadcasts "Hokie Watan" in the return of internally displaced persons.

Key words: radio, media, national unity, peace, "Hokie Watan", transfer, student, civil war, refugees, Motherland, the world Tajiks.

Сведения об авторе: ***Саидмурод Ходжазод-*** кандидат филологических наук, доцент ТНУ

ИДЕЙНО - ТЕМАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ В ГОДЫ ВОВ

Н.Н. Салихов, Ш.Б. Муллоев
Российско – Таджикский славянский университет

Обращаясь к многоаспектной и многогранной теме Великой Отечественной войны, нельзя не отметить, что советская печать сыграла значительную роль в деле разгрома фашистской Германии. И хотя, надо признать, что идейные доктрины советской эпохи предусматривали жёсткий цензурный контроль в печатных изданиях и допуск материала, идейно совместимого с концепциями правящего коммунистического режима, тем не менее, в морально-патриотическом аспекте периодическая печать в годы войны приобрела решающее значение.

Воплощая в жизнь директиву ЦК ВКП (б) о переводе изданий областных газет на две полосы и о сокращении тиражей республиканских и областных газет, с 1 мая 1942 года газеты «Коммунист Таджикистана» и «Тоҷикистони Сурх» стали издаваться на двух полосах, а «Кизил Тожикистон» - на двух полосах малого формата, не уменьшая тиража газеты [1].

С 15 апреля 1942 года решением ЦК КП (б) Таджикистана сокращалась периодичность выпуска газет до 20 номеров в месяц, вместо прежних 26, уменьшились также форматы и тиражи таких областных газет, как «Стахановец» и «Стахановчи» (Ленинабадская область), «Большевики Ғарм», «Хақиқати Кӯлоб» и «Бадахшони Сурх» [2].

В марте 1942 года ЦК КП (б) Таджикистана принял специальное Постановление о руководстве районными газетами «Барои колхози большевикї» Гиссарского района и «Ленин юли» («Путь Ленина») Регарского района, в котором, в частности, отмечалось, что в период Великой Отечественной войны значение районных газет значительно возросло. Их пропагандистская и организаторско - агитационная работа должна быть направлена на мобилизацию трудящихся для усиления помощи фронту. Повышалась и ответственность райкомов партии за работу районных газет. Было отмечено, что там, где райкомы партии систематически оказывали содействие и помощь печати, газеты успешно справлялись с поставленными задачами.

В Постановлении также особо отмечалась образцовая деятельность регарской районной газеты «Ленин юли». («Путь Ленина»). Эта газета систематически публиковала материалы о самоотверженной работе трудящихся на производстве, активно поддерживала трудовую инициативу колхозников, рабочих и служащих района, содействовала развёртыванию социалистического соревнования, широко и на конкретных, реальных примерах показывала героизм подлинных патриотов. Данное издание пользовалось большим авторитетом у

населения района: только за несколько месяцев тираж газеты увеличился на полторы тысячи экземпляров [3,15].

Однако, следует отметить, что не всем редакциям районных газет удалось перестроить свою трудовую деятельность применительно к условиям военного времени. Например, гиссарская районная газета «Барои колхози большевикӣ» («За большевисткий колхоз») бессистемно и весьма поверхностно сообщала об актуальных вопросах того времени, не смогла мобилизовать трудящихся района на оказание помощи фронту, на развитие социалистического соревнования в колхозах. Газета выходила нерегулярно, в публикуемых материалах нередко имели место грубые искажения фактов. Потому газета не пользовалась особым авторитетом у читателей, к тому же райком партии практически не осуществлял над ней никакого руководства - за весь период 1941 года на бюро райкома ни разу не заслушивался вопрос о состоянии работы этой районной газеты.

В Постановлении ЦК КП (б) Таджикистана редактору Гиссарской районной газеты «За большевицкий колхоз» было указано на его недобросовестное и невнимательное отношение к публикуемым материалам, в силу чего и допускались неточности и искажения. ЦК предложил Гиссарскому райкому партии на ближайшем заседании рассмотреть вопрос о состоянии работы данной районной газеты и определить конкретные меры по улучшению её работы. Параллельно ЦК КП (б) Таджикистана предложил редакторам Регарской и Гиссарской районных газет более масштабно освещать вопросы помощи фронту и активно добиваться, чтобы материалы о социалистическом соревновании между колхозами, совхозами, бригадами, трудовыми звеньями, отдельными колхозниками и рабочими не сходили со страниц газет. Было указано на необходимость систематического освещения опыта передовиков сельского хозяйства и его популяризации, борьбы за проведение в сжатые сроки полевых работ, за расширение посевных площадей, за производство сверхплановой сельскохозяйственной продукции.

Одновременно с освещением вопросов сельского хозяйства районные газеты обязаны были уделять больше внимания работе местной промышленности. Периодической печати была поставлена задача: развивать инициативу трудящихся в использовании и переработке местного сырья, шире освещать опыт передовиков фабрик и заводов, промысловых артелей, делая его достоянием всех работников промышленности. Районные газеты должны были смело вскрывать недостатки в работе колхозов, совхозов, МТС, промышленных предприятий, подвергать суровой критике некомпетентных руководителей.

Кроме того, ЦК КП (б) Таджикистана обязал все районные газеты систематически публиковать зарисовки о героических подвигах бойцов, командиров и политработников Красной Армии, действиях партизан во вражеском тылу; материалы о чудовищных, бесчеловечных зверствах немецких фашистов, воспитывая трудящихся в духе преданности идеалам марксизма–ленинизма и ненависти к оккупантам.

Газеты были призваны постоянно освещать деятельность пропагандистов и агитаторов, стремиться к улучшению политической агитации среди населения. Особое внимание рекомендовалось обратить на работу различных стенгазет, добиваясь их регулярного выхода и оперативности в освещении производственной жизни колхозов, совхозов, МТС и промышленных предприятий.

Неустанное внимание к проблемам отечественной периодической печати со стороны влиятельных партийных структур оказало благоприятное воздействие на работу печатных органов: материалы, публикуемые на страницах периодической печати, претерпели значительные изменения-стали намного качественнее. Республиканские и областные газеты систематически и обстоятельно стали публиковать пропагандистские статьи, документы о чудовищных актах злодеяний фашистских оккупантов на захваченных территориях, героические эпизоды с фронта, письма воинов-таджиков своим землякам, портреты героев фронта и тыла. Теперь читатель мог найти в газетах «Точикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана» конкретные материалы о ходе военных действий, о боевой работе различных частей и соединений действующих армий. На страницах этих печатных органов постоянно присутствовала рубрика, которая вначале называлась «Боевые эпизоды», а затем - «На фронтах Отечественной войны», «От Советского Информбюро». Особое внимание газеты уделяли публикации статей и корреспонденций, информировавших о разгроме немецко-

фашистских войск на каком - либо из фронтов и об освобождении очередной пяди советской земли.

Существовала также рубрика «Тыл и фронт едины», где публиковался материал о проявлении героизма воинов на фронте и тружеников тыла на трудовом фронте, печатались пропагандистские воззвания к трудящимся Таджикистана - неуклонно наращивать помощь фронту, эффективнее мобилизовывать ресурсы республики. Газеты выступали инициаторами всенародного социалистического соревнования, широко популяризовали патриотические поступки советских людей [4].

Помимо этого, газетами уделялось большое внимание военной подготовке населения. В частности, 19 сентября 1941 года газета «Коммунист Таджикистана» и ряд других газет опубликовали Постановление Государственного Комитета обороны о всеобщем обязательном военном обучении граждан СССР, а также передовую статью «Правды» под заголовком «Всеобщее обязательное военное обучение».

Все газеты Таджикистана систематически освещали ход всеобуча и регулярно публиковали материалы под такими рубриками, как «В помощь изучающим военное дело», «Изучай военное дело», «Каждый день совершенствовать военные знания».

Подводя итоги двух лет всеобщего военного обучения трудящихся, газета «Коммунист Таджикистана» констатировала: «Наша республика подготовила для действующей Красной армии истребителей танков-240 процентов к спущенному наряду, 244 процента миномётчиков, 109 процентов станковых пулемётчиков, 253 процента ручных пулемётчиков, 118 процентов автоматчиков, 112 процентов снайперов, 105 процентов горных стрелков, 123 процента сапёров - подрывников» [5].

Во время боёв под Москвой все республиканские и районные газеты из номера в номер печатали на своих страницах сообщения о тревожных событиях с линии фронта у стен столицы. Газета «Коммунист Таджикистана» в эти дни призывала тружеников тыла: «В дни Отечественной войны работать за троих!», «Упорным трудом поможем труженикам фронта!» [6]. Подобные призывы составляли основу содержания материалов периодики, выходивших в годы войны.

Но вот на весь мир прозвучало никого не оставившее равнодушным сообщение: «Советской армией наголову разгромлены под Москвой немецко-фашистские войска, которые отброшены местами до 400 километров к западу от столицы. Благодаря этой победе, был окончательно похоронен бредовый план фашистского руководства относительно реализации идеи «молниеносной войны», навсегда развеян миф о непобедимости хвалёной гитлеровской армии. В эти дни все печатные органы Советского Союза, и Таджикистана в том числе, из номера в номер публиковали обращения к трудящимся с призывами ещё более усилить помощь фронту. «Славная победа в боях под Москвой, - писала газета «Коммунист Таджикистана», - требует от всех советских патриотов ещё более самоотверженного труда, ещё больших усилий, чтобы удвоить, утроить производство, чтобы помочь Красной армии нанести полный разгром врагу на всех фронтах. Честь и слава доблестным защитникам Москвы!» [7].

«Радостная весть о победе нашей героической армии пришла на далёкий Памир,- сообщала газета «Красный Бадахшан». - Кто сегодня работает за одного - пусть завтра работает за двоих, кто сегодня выполняет план - пусть завтра его перевыполняет. Пусть разгром гитлеровских разбойников на подступах к Москве станет началом разгрома всей немецко-фашистской армии» [8].

Таким образом, печать широко разъясняла историческое значение победы под Москвой, продемонстрировавшей миру наступательные возможности Советской армии в совокупности с трудовыми свершениями работников тыла.

Во всех газетах публиковались материалы о многолюдных митингах трудящихся, прошедших под лозунгом «Удвоим, утроим нашу помощь фронту!». На промышленных предприятиях, в колхозах и совхозах Таджикистана с небывалым размахом развернулось социалистическое соревнование, направленное на повышение производительности труда на различных предприятиях, за высокий урожай хлопка и зерновых культур, под вдохновляющим призывом «Все силы на помощь фронту!». Инициаторами и агитаторами подобных соревнований, разумеется, выступали представители Коммунистической партии.

Следует отметить, что в ходе подобных социалистических соревнований, систематически освещавшихся в республиканских и областных районных газетах, тружениками тыла принимались высокие обязательства работать для нужд фронта с ещё большим напряжением и энтузиазмом.

Подобного рода обязательства находили несомненную поддержку в производственных коллективах, превращаясь в закон трудовой деятельности для каждого работника промышленности и сельского хозяйства и, как любой закон военного времени, предусматривая суровые меры за проявление халатности и разгильдяйства.

Обязательства трудящихся предавались широкой гласности и, прежде всего, в периодической печати. В этот период был отмечен непрерывно возрастающий поток писем трудящихся в редакции тех или иных газет. Значительное количество этих писем, полных патриотического порыва и решимости помочь Родине в борьбе с фашизмом, находило место на страницах газет.

Вот, к примеру, данные о поступлении и опубликовании писем трудящихся в газете «Коммунист Таджикистана» за 1941 год. В отдел партийной жизни за год поступило 280 писем, из них опубликовано 87 (здесь надо учесть сокращение объёма газеты), в экономический отдел поступило 908 писем, опубликовано 313. По другим отделам соответственно: по отделу культуры- 2500 и 233, по секретариату - 678 и 381, по отделу пропаганды - 134 и 29, а всего по редакции - 4500 и 1043.

В письмах, которые поступали в редакцию газет, находила отражение жизнь трудящихся Таджикистана во всём её разнообразии и, прежде всего, героический труд рабочего класса и дехканских коллективов. Печать республики постоянно обращалась к трудящимся с пламенным призывом - дать фронту и стране максимальное количество промышленных товаров и продовольствия. Газеты всесторонне разъясняли сложность той обстановки, в которой приходилось проводить перестройку работы промышленности, призывали рабочих и инженерно-технические квалифицированные кадры на героическую борьбу за высокие темпы производства.

Вся огромная работа по перестройке промышленности проводилась в обстановке вынужденного отступления частей Советской армии, когда возникла острая необходимость перебазировать значительное число промышленных предприятий с запада на восток и в сжатые сроки освоить эвакуированное оборудование на новых местах.

В республиканской периодической печати постоянно сообщалось, что прибывшее оборудование быстро монтируется и предприятия одно за другим вступают в строй, начиная давать необходимую для фронта продукцию. В числе старых предприятий республики, реконструированных за период войны и оснащённых новым, мощным оборудованием, следует назвать обувную фабрику, получившую часть оборудования фабрики «Буревестник» и прядильную фабрику.

Таким образом, перед парторганизацией республики, помимо прочих задач, стояла задача - изыскать некоторые нужные материалы на месте, а часть заменить другими. Возникла необходимость проведения на предприятиях специальных мер, направленных на соблюдение бережного и экономного использования имеющегося сырья.

В связи с этим, в газетах «Точикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана», «Кизил Тожикистон», а также в областных газетах, одна за другой стали появляться статьи и корреспонденции, в которых освещалась борьба рабочих за более рациональное использование материалов, за экономное расходование сырья. В частности, в корреспонденции «Больше продукции!», газета «Коммунист Таджикистана» сообщала об опыте перестройки предприятий лёгкой промышленности республики на примере рабочих и инженерно- технических сотрудников Душанбинского кожевенного завода [9].

В ходе Великой Отечественной войны периодическая печать республики неоднократно демонстрировала свою готовность содействовать реализации планов создания нерушимого единства фронта и тыла.

Инициативу трудящихся Москвы и Ленинграда о создании всенародного фонда обороны, газеты Таджикистана активно подхватили и распространили по всей республике. В различных статьях, корреспонденциях, заметках, информациях печать сообщала о непрерывном росте патриотического движения в республике за создание мощного фонда

обороны страны. Рабочие, инженеры, техники, служащие и колхозники Таджикистана, как сообщалось в газетах, на повсеместно проходящих митингах и собраниях с огромным подъёмом принимают решение о своём активном участии в создании фонда обороны страны. С патриотическими публикациями в печати выступали и общественные деятели республики. Так, газета «Коммунист Таджикистана» опубликовала отчёт о собрании коллектива швейной фабрики №1, которое было посвящено созданию общенародного фонда обороны. Швейники приняли единодушное решение ежемесячно, вплоть до окончания войны, отчислять в фонд обороны однодневный заработок[10].

В это же время газета «Стахановец» сообщила о прошедших собраниях коллективов предприятий и учреждений города Ленинабада, на которых обсуждался призыв к созданию фонда обороны. «Мы готовы отдать всё на защиту нашей любимой Родины, - заявила на собрании мотального цеха Ленинабадского шелкомбината сменный мастер Акилова. - Наш труд, наши деньги, нашу энергию и силу - всё для победы над врагом. Я ежемесячно буду вносить в фонд обороны четырехдневный заработок, причём обязуюсь в эти дни давать самую высокую производительность» [11].

В периодической печати сообщалось, что весть о создании фонда обороны с величайшим энтузиазмом была воспринята тружениками сельского хозяйства Таджикистана. Дехканские коллективы республики сразу же стали вносить в этот фонд из своих личных запасов зерно, сухофрукты, овощи, яйца, мясо, кожсырьё, шерсть и другие сельхозпродукты, сдавали скот. На собрании членов сельхозартели «Коммунист» Пролетарского района передовая звеньевая С. Максудова сказала: «Ничего не жаль для Родины - ни жизни, ни трудом нажитого добра. Дадим в фонд обороны всё, что необходимо для нашей любимой Красной армии»[12].

Трудящиеся республики предлагали и реализовали всё новые и новые формы пополнения фонда обороны страны. По инициативе представителей молодёжных комсомольских организаций в дни войны проводились массовые воскресники, средства от которых поступали на производство танков, самолётов, пушек, бомб, снарядов и другого вооружения и оснащения действующей армии. Широкое распространение в республике получило всенародное движение за сбор средств на строительство танков и самолётов, и это, разумеется, не могло не найти отражения на страницах периодической печати. Сбор средств на танковую колонну начался по инициативе комсомольцев и молодёжи Душанбинского железнодорожного узла.

Газета «Тоҷикистони Сурх» напечатала на своих страницах обращение комсомольцев и молодёжи железнодорожного узла ко всем комсомольским и молодёжным организациям республики с предложением создать фонд для постройки танковой колонны «Комсомолец Таджикистана». Этот благородный почин был встречен с огромным энтузиазмом и всеобщим одобрением. Уже вскоре газета «Коммунист Таджикистана» сообщила о первоначальных результатах: первый взнос в этот фонд в размере 10414 рублей сделали железнодорожники 6-го отделения Ашхабадской железной дороги[13].

Внести свою лепту в постройку танковой колонны, вслед за молодёжью и комсомольскими организациями, решили и дехканские коллективы республики. Об этом почине сообщалось в газетах «Точикистони Сурх» и «Коммунист Таджикистана», опубликовавших передовую статью «Правды» за 9 декабря 1942 года «Патриотический почин тамбовских колхозников и колхозниц». В статье, в частности, сообщалось, что тамбовские колхозники решили собрать средства на строительство танковой колонны. Далее республиканские газеты сообщали, что патриотическое начинание тамбовцев нашло горячий отклик во всей советской стране, в том числе и среди колхозников и колхозниц таджикской республики [14]. Следует добавить, что по инициативе тружеников тыла республики проводился также сбор средств на строительство эскадрильи «Советский Таджикистан», для которой было собрано около 35 миллионов рублей.

А вот публикация из газеты «Стахановец»: «Мы, комсомольцы Ленинабадского шелкокомбината, горячо поддерживаем инициативу комсомольцев и молодёжи столичного железнодорожного узла о сборе средств для строительства танковой колонны «Комсомолец Таджикистана». Мы вносим в этот фонд трёхдневный заработок и призываем последовать нашему примеру всех комсомольцев, всю молодёжь нашей области» [15].

К примеру, в сентябрьских выпусках газет «Точикистони Сурх» и «Коммунист Таджикистана» были помещены специальные передовые публикации под призывами заголовками «Всё для фронта, всё для победы!».

Трудящиеся городов и кишлаков республики несли на сборные пункты полушубки, валенки, фуфайки, ватные куртки и брюки, халаты, рукавицы, шерстяные носки, шапки-ушанки, джурабы, перчатки и т.п.

Газеты печатали патриотические высказывания советских людей. Вот одно из них, которое было опубликовано на страницах газеты «Стахановец»: «Красная армия готовится к боям в зимних условиях. Мы поможем ей и в условиях зимы беспощадно громить фашистские орды. Оденем и обуем бойцов и командиров так, чтобы они не чувствовали холода ни в какие морозы. Я вношу на приобретение тёплой одежды для бойцов Красной Армии 10 тысяч рублей»[16]. Изо дня в день укреплялись связи трудящихся Таджикистана с фронтом, с воинами действующей армии. На фронт часто выезжали делегации трудящихся республики с подарками, что, кстати, в годы войны превратилось постепенно в славную традицию.

В свою очередь, делегации воинских частей посещали Таджикистан, наносили визиты на его предприятия, колхозы, совхозы, учреждения. Периодическая печать широко информировала об этом своих читателей, публиковала материалы о сборе подарков, отчёты о митингах, беседах, печатала статьи членов делегаций, записи их выступлений и впечатления.

В республиканских газетах сообщалось, что первый эшелон подарков для фронтовиков был отправлен из Таджикистана к новому 1942 году. Этот эшелон сопровождался делегацией трудящихся Таджикистана, члены которой посетили подразделения и части действующей армии, рассказали бойцам и командирам о самоотверженном труде рабочих, колхозников, об их семьях [17,92].

В одной из газет был опубликован материал о выезде делегации Таджикистана в феврале 1942 года с подарками бойцам Западного фронта. Трудящимися Таджикистана были отправлены более десяти тонн сухофруктов, мяса и овощных консервов, различного варенья, абрикосового повидла и др. Тесную связь с фронтом установили труженики городов и кишлаков Ленинабадской области. Надо сказать, что этот северный регион Таджикистана внёс значительный вклад в укрепление и поддержание появившегося в республике движения за единство фронта и тыла [18].

За годы Великой Отечественной войны печать таджикской республики, как и вся периодическая советская печать, отмечала, что героическую армию и флот в справедливой, жестокой и упорной борьбе с коварным врагом поддерживала вся страна, все народы Советского Союза, в том числе и таджикский народ. Печать сыграла значительную роль в укреплении нерушимого единства фронта и тыла, во всестороннем расширении и развитии связи армии с народом, поддерживала и развивала различные формы народной инициативы, направленной на усиление помощи фронту. В период Великой Отечественной войны печать явилась мощным идеологическим оружием организации и мобилизации трудящихся масс на выполнение и перевыполнение принятых обязательств, на всемерную помощь фронту, стала подлинной трибуной всенародной борьбы с ненавистным фашизмом.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Партархив, ф.3,оп. 4, ед.хр.218,л.98.
2. Там же, л.101.
3. Усмонов Дж. Печать Таджикской ССР в период Великой Отечественной войны. Душанбе,- 1962.с 15.
4. Партархив. ф.3,оп.4,ед.хр.210,л.16-19.
5. Коммунист Таджикистана,18 сентября 1941г.
6. Коммунист Таджикистана, 17 октября 1941г.
7. Коммунист Таджикистана, 16 декабря 1941г.
8. Красный Бадахшан, 18 декабря 1941г.
9. Коммунист Таджикистана, 17 июля 1941г.
10. Коммунист Таджикистана, 6 августа 1941г.
11. Стахановец ,5 августа 1941г.
12. Там же. 27 августа 1941г.
13. Коммунист Таджикистана, 23 ноября 1941г.
14. Стахановец, 30 декабря 1942г.
15. Таджикская ССР за 20 лет. Таджикгосиздат. -1949, с. 136.

16. Усмонов Дж. Печать Тадж.ССР в период ВОВ. Душанбе, -1962.с.92.
17. Точикистони Сурх,1 апреля 1942г.

ИДЕЙНО - ТЕМАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ В ГОДЫ ВОВ

В статье рассматриваются идейно-тематические особенности таджикской печати в годы Великой Отечественной войны. Анализируются материалы периодики на данном отрезке времени.

Ключевые слова: газета, постановление, освещение, роль, тираж, эпизоды, тематика, общество.

IDEOLOGICAL – THEMATIC FEATURES OF TAJIC PRESS DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR

The article deals with considering ideological and thematic features of the Tajik press during the Great Patriotic War. It is analyzed periodical press materials in this period of time.

Key words: newspaper, resolution, lighting, role, circulation, episodes, subject, society.

Сведения об авторе: ***Н.Н. Салихов*** -доктор филологических наук, профессор, ректор РТСУ
Ш.Б.Муллоев - докторант РТСУ. Телефон**: (++992)935005750(м.)** E-mail: **mulloev_sharif@mail.ru).**

АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОН

Илҳомҷон Ҳамидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Озодии сухан дар воситаҳои ахбори омма омили муҳими рушди ҷомеаи демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёд аст.

Хушбахтона, дар кишвари мо заминаҳои ҳуқуқии рушди воситаҳои ахбори оммаи хусусӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Миёни зинаҳои гуногуни мақомоти давлатӣ ва расонаҳои хабарӣ ҳамкорӣ ба миён омад. Дараҷаи озодии ВАО-ро дар Тоҷикистон созмонҳои байналмилалӣ нисбат ба дигар кишварҳои минтақа болотар арзёбӣ мекунанд.

Сода кардани низоми сабти ном, додани иҷозатномаи фаъолият, аз байн бурдани монеаҳо дар фаъолияти ВАО, баргузории нишастҳои матбуотӣ ва вокуниши ҳатмию саривақтии роҳбарияти мақомоти давлатӣ ба баромадҳои танқидии матбуот дар ин самт аз иқдомҳои қобили таваҷҷуҳ ҳастанд.

ВАО яке аз рукни аслии пешрафт ва тараққӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҷанги сард ба поён расида бошад ҳам, ҷанги сарди дигаре ба номи ҷанги расонаҳо ҷараён дорад. Гурӯҳҳо ва ҷомеаҳо аз ВАО бо мақсадҳои гуногун истифода мебаранд.

Имрӯз дар кишвар 450 рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасад, ки 270 - тоаш ҷамъиятиву хусусӣ мебошад. Аз даҳ агентии иттилоотӣ, ки ба қайд гирифта шудааст, 9-тоаш ва аз 44 шабакаи радиотелевизионӣ 28-тоаш хусусӣ мебошад.

Ҳар яке аз ин расонаҳо ба таври худ фазои иттилоотии мамлакатро пур карда, дар инъикоси равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҳиссаи хешро мегузоранд.

Фаъолияти воситаҳои ахбори омма тавассути қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи табъу нашр», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи реклама» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешавад.

Дар *моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»* гуфта мешавад: **иттилоот** – маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо;

Моддаи 7-и ҳамин қонун далолат мекунад: Сиёсати давлатии иттилоотӣ аз маҷмӯи самтҳои асосӣ ва усулҳои фаъолияти давлат ва дигар субъектҳо оид ба гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоот иборат мебошад.

Аз самтҳо ва усулҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотӣ метавон ғамхории давлат ва дигар субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ дар бораи таъсиси саривақтӣ, фаъолияти зарурӣ ва рушди системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳо, таъмини ворид шудани саривақтии шаҳрвандон ба иттилоот, дар асоси ғайриинҳисорӣ, таъсис додани система ва шабакаҳои миллии иттилоот, таҳкими асосҳои моддию техникӣ, молиявӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва илмии фаъолияти иттилоотӣ, таъмини истифодаи самарабахши иттилоот, мусоидат ба навсозӣ, ғанигардонии доимӣ ва ҳифзи захираҳои миллии иттилоотӣ;

ташкили системаи ҳифзи иттилоот, мусоидат ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот ва кафолат додани мустақилияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраро номбар кард.

Бешубҳа, асри XXI-ро асри иттилоот ном мебаранд. Имрӯз дастрасӣ ба иттилоот бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ ба яке аз ҷузъҳои ҷудоинопазири ҳаёти башар табдил ёфтааст.

Тибқи омори расмӣ қариб 2 миллион нафар сокинони мамлакат аз шабакаи интернет истифода мебаранд. Ғайр аз ин, мутобиқи иттилои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи фурӯши сим-кортҳо 8,5 миллион нафар муштариёни алоқаи мобилӣ низ метавонанд ҳар лаҳза ба интернет пайваст шаванд.

Дар робита ба ин, имрӯз дар илми сиёсатшиносӣ мафҳуми нав - «ҷанги иттилоотӣ» ё «муборизаи иттилоотӣ» шинохта мешавад.

Дар шароити кунунӣ амнияти иттилоотӣ ва бехатарии иттилоот ба мавзӯи асосӣ табдил шудааст. Доштани маълумоту хабари зиёд дар ҷомеаи иттилоотӣ «идора кардани ҷаҳон»-ро ба миён меорад.

Дар ин росто, таъмини амнияти иттилоотӣ ва бехатарии он проблемаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳифзи фазои ягонаи иттилоотӣ низ бояд мавриди таваҷҷуҳи ҳукумат қарор дошта бошад. Кишвари мо «Консепсияи бехатарии иттилоотӣ»-ро аз 7-уми ноябри соли 2003 қабул намудаст.

Дар Консепсияи амнияти иттилоотӣ зикр шудааст: «*Тибқи мафҳуми амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон* ҳолати ҳифзшавандагии манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот бо назардошти манфиатҳои баробари шахс, ҷомеа ва давлат фаҳмида мешавад».

Ҳифзи иттилооти миллӣ далолат мекунад, ки амнияти иттилоотии давлатӣ – муҳофизати сарчашмаҳои иттилоотии давлатӣ ва сирри мувофиқи қонун пешбининамудаи ҳуқуқҳои қонунии инсон ва ҷомеа мебошад.

Ҳифзи иттилоот маҷмӯи чорабиниҳо аст, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ихроҷ, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозии беиҷозат, ғалат маънидодкунӣ, тағйирдиҳӣ (сохтакорӣ), нусхабардории беиҷозат ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот гузаронида мешаванд

Сиёсати давлатии иттилоотиро мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин идораҳои дахлдори иттилоотӣ таҳия ва татбиқ менамоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» тибқи моддаи 5-и худ таъмин намудани истиқлолият ва амнияти миллӣ дар мавриди таҳия, истифодаи захираҳо ва системаю шабакаҳои иттилоотиро зарур мешуморад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ барои пешбурди манфиатҳои худ ва паст задани манфиати дигарон давлатҳо, ҳизбу созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳида ба муқобили ҳамдигар муборизаи иттилоотиро торафт вусъат медиҳанд.

Табиист, ки дар байни ахбори умум рӯзнома, дар қатори телевизион, пуртаъсиртарин маънидод мегардад. Рӯзнома воситаи муҳимми тарбияи омма ба шумор меравад, зеро он воқеа ва ҳодисаҳои ҳаётро пешкаш намуда, дар баъзе мавридҳо ба тарзи аёнӣ баррасӣ мекунад. Сабаби пуртаъсирии рӯзнома пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки хонанда имконият дорад ба он гаштаю баргашта муроҷиат намояд. Ин ё он воқеаи ҳаётро, ки дар рӯзнома инъикос ёфтааст, дар шаклҳои гуногун таҳлил намояд, хулоса барорад. Кӯшиш намояд, ки сабаби рӯх додани онро муайян кунад, ба он аз ҳар ҷиҳат баҳо диҳад ва барои ҳаёти ояндаи худ аз он сабақ гирад. Агар дар он ҳикояву шеърҳо дарҷ ёфта бошанд, хонанда аз он вазн, услуб, тарзи баён ва дигарҳоро барои худ кашф менамояд, ҳатто ба он тақлид мекунад. Вале он чиро, ки ба воситаи радио мешунавад ва ё ба воситаи телевизион мебинад, ба он такроран муроҷиат кардан хеле душвор аст. Қисме аз хотир фаромӯш мешавад. Дар натиҷа, фикру андешаҳо ҳам норавшан мемонад.

Дар ин росто солҳои охир дар сомонаҳои гуногуни интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба мисоли Твиттер, Фейсбук гурӯҳҳои ҷудогона бо дарки амиқи масъала бар зидди кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, аз ҷумла Тоҷикистон як маъракаи огоҳонаю муғризонаи сиёсӣ мебаранд ва аз ҳадафҳои ба истилоҳи «бунёдӣ»-и худ ҳарф мезананд. Инро ҳам метавон «ҷанги иттилоотӣ» номид.

Мутаассифона, он бар зидди кишвари мо низ ба чашм мерасад. Масалан, баъзе рӯзноманигорони расонаҳои хабарии хориҷӣ дар матолиби хеш Тоҷикистонро ҳамчун кишвари қафомонда ва қашшоқ дар минтақа инъикос мекунанд, ки ин бевосита ба эътибору нуфузи кишвари мо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бетаъсир намемонад. Аламовар аст, ки сафи чунин «нависандагон» аз ҳисоби қаламкашони ватанӣ низ ба чашм мерасанд.

Ҳамчунин, тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ шоҳиди наворҳои зиёде мешавем, ки дар он миллати мо ибтидо аз роҳбари мамлакат то ба муҳоҷирони корӣ мавриди интиқод ва таҳқир қарор мегарданд. Ин тамоюл метавонад боиси эътироз ва бадбинии мардум гардад.

Шабакаи иҷтимоӣ чист? Агар мухтасар баён кунем, зери мафҳуми шабакаи иҷтимоӣ майдоне фаҳмида мешавад, ки дар он одамони касбу кори гуногун новобаста ба сину сол, дин, мазҳаб, эътиқод бо ҳам табодули афкор карда, аз рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ва ҳаёти шахсии дӯстони худ бохабар мешаванд. Ин огоҳӣ баъзан дар гурӯҳҳои ғаразҷӯ тобиши дигар мегирад.

Фарзан, дар сомонаи иҷтимоии Фейсбук гурӯҳҳое вуҷуд доранд, ки пайваста интиқоду роҳбарияти давлату ҳукумати кишвар ва сиёсати пешгирифтаи онҳоро ҳадафи худ қарор додаанд. Баъзан, дар ин гурӯҳ ҳуҷҷатҳои махфӣ ва дорои сирри давлатӣ низ пахш мегарданд, ки сарчашмаашон номаълум аст. Албатта, дуруст, ки ин падида дар заминаи озодбаёнӣ ва истифода аз арзишҳои демократӣ сурат мегирад ва роҳи интернетро наметавон баст.

Шояд, ин тамоюл он вақт мушоҳида шавад, ки мақомоту ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо дар ҳама ҳолат бо тамоми ВАО иттилооти ба онҳо маълумгардидаро дар бораи ҳолату вазъияте, ки ба амнияти ҷомеа, ҳаёт ва саломатии мардум таҳдид менамоянд, бетаъхир намерасонанд, вале моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» масъулинро муваззаф кардааст.

Ҳамзамон, моддаи 26-и ҳамин қонун мефаҳмонад: иттилооти дастрасиаш маҳдуд иттилооте, ки дастрасии он мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи сирри давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ танзим мегардонанд, ба манфиати таъмини амнияти миллӣ маҳдуд карда шудааст.

Комилан яқин аст, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва нияту нақшаҳои стратегии мо ҷиҳати рушду тараққии мамлакат, инчунин сиёсати бисёрсамтаи хориҷии мо ба доираҳои муайян хуш намеоянд.

Дар чунин шароит масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми кишварҳои сайёра аҳамияти аввалиндараҷа касб намудааст.

Вақтҳои охир ҳатто сарони давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар бораи зарурати танзими фаъолияти интернет дар доираи қонунҳои байналмилалӣ изҳори назар мекунанд. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон низ ба ин масъала ҳангоми мулоқоти худ бо зиёин ва хосатан рӯзноманигорон таваҷҷуҳ карда буданд.

Мо ҳаргиз пешниҳод намекунем, ки истифода аз интернет меъёр дошта бошад, вале вақти он расидааст, ки мақомоти қонунгузор, ҳуқуқшиносону рӯзноманигорон ва ҷомеаи Тоҷикистон низ дар ин бобат ба таври ҷиддӣ мулоҳиза кунанд.

- Ҳангоми самаранок истифода бурдани хизматрасониҳои интернетӣ дар назди журналист сарчашмаҳои иловагӣ боз мешавад:
- Дастрасӣ ба манбаъҳои хеле зиёди сарчашмаҳои интернетӣ новобаста ба мавзеи ҷойгиршавӣ - китобҳои электронӣ, луғатҳо, донишномаҳо, маълумотҳои оморӣ, хазина ва ғайра;
- Тавассути сарчашмаҳои ҷустуҷӯйӣ дарёфти хабари зарурӣ (одатан, барои пайдо намудани маълумот ҳамагӣ чанд дақиқа сарф мегардаду халос);
- Ҳар қадар савол мушаххас гузошта шавад, ҷустуҷӯйи посух ҳам осонтар мегардад. Ба ин ғановат онҳое мерасанд, ки солҳои тӯлонӣ маълумот ҷамъ меоварданд.

Ба журналист дар интернет иттилооти зерин дастрас аст:

- Факт (далел);
- Шарҳ;
- Таҳлил;
- Маълумоти оморӣ;
- Акс (иллюстратсия);

- Фото - видео.

Ба сифати сарчашмаи чунин иттилоъ метавонад ВАО, муассисаҳои сохти идоравиашон гуногун, маводҳои таҳлилҳо, конференсияҳо, чат ва форумҳо, мизҳои мудаввар… баромад намоянд.

Муҳим он аст ки аҳли қалами кишварамон дар пешорӯйи ин гуна маводи ғаразноку таҳқиромез, ки ба хотири паст намудани иродаи сиёсӣ ва азму суботи мо, инчунин расидан ба иззати нафси мардум ва миллати мо паҳн карда мешаванд, хомӯшӣ ихтиёр накунанд.

Аз ин лиҳоз, фаъолияти иттилоотии мо ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва нуфузи давлатамон дар арсаи байналмилалӣ бояд ба маротиб беҳтар карда шавад.

Манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд.

Тавре ки аз мазмун ва моҳияти қонунгузории мамлакат оид ба васоити ахбори омма бармеояд, таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо мебошад.

Яке аз омилҳои таъмини амнияти иттилоотии кишвар рушди ВАО-и дохилӣ аст, ки фазои иттилоотии ватаниро бо иттилои шаффоф, бефараз ва худӣ пур намояд.

Муносибат бо ВАО низ тағйирот мехоҳад. Давлат бояд ба ВАО-и дохилӣ тавре муносибат кунад, ки онҳо дастнигари бегонаҳо нашаванд. Аз таҷриба маълум аст: нафаре, ки пул медиҳад, мусиқиро фармоиш мекунад. Мо ҳамоно манзур дорем, ки бунёди Маркази дифоъ аз манфиатҳои миллӣ бояд аз мақсадҳои аввалиндараҷаи ҷомеаи иттилоотии мо бошад. Хосатан, кори он дар арафаи маъракаҳои муҳимми сиёсӣ мақоми аввалиндараҷа мегирад. Муҳим нест, ки кадом масъала ё маърака дар мамлакат ҷараён дорад. Муҳимтар аз ҳама ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳангоми баррасӣ ва инъикоси масъалаҳои марбут ба нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ аст.

Таъсиси Маркази таблиғоту ташвиқот дар назди ҲХДТ воқеан, падидаи хуб буда, қобили дастгирист. Бошад, ки дар он натанҳо масъалаҳои ҳизбӣ аз қабили комёбию пирӯзиҳо, балки дигар масоили доғи ҷомеа ва дастоварду муваффақиятҳо баррасӣ ва таблиғ гарданд.

Кӯшиши мо бештар бояд ба он равона карда шавад, ки фазои иттилоотии кишвар минбаъд боз ҳам озодтар ва ғанию рангинтар гардонида шуда, барои таъмини амнияти иттилоотии кишвар ва пешгирии ҳар гуна ахбори ғайривоқеӣ ва ғаразнок саъю талош варзем**.**

А Д А Б И Ё Т

1. Хамидов И. Место корпоративной прессы в современной таджикской журналистике. – Саарбрюккен, 2011.
2. Хамидов И. Корпоративные СМИ: гипотезы, парадигмы и взгляд и современность. – Душанбе, 2012.

ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматриваются такие понятия как информация, проблемы доступа к ней и информационная безопасность. Автор пытается на основе законодательства страны по СМИ анализировать данную тему.

Ключевые слова: информация, Таджикистан, СМИ, статья, отражение.

INFORMATION SECURITY OF TAJIKISTAN

In article such concepts as information, problems of access to it and information securities are considered. The author tries on the basis of the country legislation on mass media to analyze this subject.

Key words: information, Tajikistan, mass media, article, reflection.

Сведения об авторе: ***Илхомджон Хамидов*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета

ВАО ДАР ЗАМОНИ ҶАҲОНИШАВӢ

Сангов Амирхӯҷа
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Глобализатсияро мафҳуми ниҳоят нав номидан душвор мебошад. Пас аз фанои империяи Шӯравӣ олами сармоядорӣ дар ҷаҳони сиёсатҳо танҳо монд ва ба мавҷудияти ҷаҳони якқутба мусоидат намуд. Аммо ҷаҳонишавӣ аз ин рухдод пештару бештар ҳам вуҷуд дошт ва дар давоми даҳсолаҳо барои ҷомеаи башарӣ дари суол пайдо мегашт, ки акнун дар ҷаҳони мутамаддин ҳукмрониро кадом ғояву идеология ба дӯш гирифта метавонад. Ҷавоби мушаххас ба ин савол дурнамои сиёсатҳои ҷаҳониро равшан карда метавонист. Ин савол ва ё ин проблема низ заминаи таърихӣ дошт ва як навъ оғози он «ба солҳои шастуми асри ХХ» мансуб дониста мешавад, ки он даврон сулҳи умум зери суолу хатар монда буд. Ин гузаштаи ибратомӯз натавонист, консепсияи комилу самарабахши инкишофи ҳаёти судманди ҷомеаро таъмин намояд. Мавҷи муборизаву талошҳо ва дигар омилҳои мухталифи муборизаҳои имрӯза дар ҷаҳони муосир бидуни шубҳа пояҳои таърихӣ дошта метавонад. Таҷрибаҳои таърихӣ ва донишҳои дар заминаи ин таҷрибаҳо пайдогашта маълум намудааст, ки одитарин рухдоду воқеоту таҳаввулот дар худ решаҳои амиқи таърихиро дар доираҳои кӯтоҳу тӯлонии вақт соҳибанд. Ба таври мисол барои барпои давлати сотсиалистии шӯравӣ даҳсолаҳо масраф гардида буду дар фанои он низ бозсозии горбачёвӣ қариб як даҳсола мусоидат карда буд.

Барои ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ низ тақдири норӯшану дурнамои номаълуме дар пеш истодааст ва рӯзе мерасад, ки иштибоҳу нофаҳмиҳои ин рӯзгор дар саҳифаҳои таърих ба таври реалӣ сабт меёбанд. Ҳеҷ як фарде сарфи назар аз касбу ҳунар, ихтисосу мақом, нуфузу мартаба, дараҷаву мансаб ва донишу малака гуфта наметавонад, ки ҷаҳонишавии имрӯза кадом самтҳоро соҳиб асту ин ҷаҳони наву номаълуми оянда дар кадом қолабу тарҳ сохта мешавад. Даҳҳову садҳо дарду мушкилотро имрӯз чун масоили глобалӣ қабул кардаему садои мутантани онро танинандоз кардан мехоҳем. Аз оқибату анҷоми ин ё он масъалаи ташвишангез андешаманд мебошем. Тахмин мезанем, огаҳ кардан мехоҳем ва ба равандҳо самти нав бахшиданро дар нақша дорем. Албатта, тахмину гумонҳо зиёданд, аммо ҳеҷ кадоми онҳо қолаби устувору мушаххас надоранд. Самтҳои имрӯзаи муносибатҳои байналхалқӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақагароиву салтанатхоҳиҳои ҷаҳонии имрӯза дарҳои сарбастае мебошанд, ки пушти онҳо чӣ оламе ниҳон буданашро танҳо гузашти вақт муайян карда метавонад.

Ҷаҳонишавиро ҳамчун мафҳум чунин шарҳ додан мумкин аст, ки инсоният як ҷомеаи томи воҳидеро сохтан мехоҳад, ки як замоне онро ҷомеаи хаёлии асрҳои миёна меномиданд. Андешаи ҷаҳони воҳидро муҳаққиқи глобалист – А. Долиен як андоза рад намуда онро дар шакли «захираҳои инсоният дар ҳудуди давлатҳо…» меномад, аммо муҳаққиқи дигар Я.Тинберген трансформатсияи тамоми захираҳои оламро дар зери таъсири принсипи «мероси умумии инсоният…» шарҳ медиҳад. Ин ду идея якдигарро лағв кардан мехоҳанд ва ҷомеаи инсонӣ кадоме аз ин таълимотро ҷонибдорӣ менамояд, боз ҳам саволи беҷавоб мебошад. Чӣ гуфтану чӣ хостану чӣ амалро анҷом додани инсоният дар шароити ин ҷаҳонишавии будаву нобуда маълум намебошад.

Одитарин назари таҳқиқӣ аз одитарин равзана чунин гумонро ҳосил мегардонад, ки ҷаҳони имрӯза хоставу бехабар барои фардои худ нақшаи фоҷиаи номаълумеро бунёд карда истодааст. Тавре дар боло ишора карда гузаштем, мушахассоти дурнамои ин ҷараёни ҷаҳонишавӣ номаълуму норавшан аст. Танҳо як омили дигар собит гаштааст, ки дар ҷараёни ин равандҳои печида ҷомеаи иттилоотӣ рушд карда истодааст. Андеша ва шиори «иттилоотнокӣ ягона омили дарёфти комёбиву муваффақиятҳо» шиддат пайдо мекунад. Дар рушду тавсеаи тамоми ҷабҳаҳову соҳаҳо нақши иттилоот муассиру зарурӣ арзёбӣ мегардад. Воситаи алоқа ва ахбор имрӯз то ҳадде ҳама равандҳоро ба танзим дароварда истодааст. Агар замоне ин вазифаро идеологияҳо ва сиёсатҳои низомӣ ба танзим меоварда бошанд, пас имрӯз ин вазифаи душворро васоити ахбору алоқа ба дӯш доранд. Соҳиби иттилоот имрӯз ҷаҳонро идораву зери таъсир нигоҳ дошта метавонад. Имрӯз ахбор шадидтарин силоҳ махсуб мегардад ва мисоли мушакҳои дурпарвоз бо фаврияти хеле баланд ба ҳадафҳо зарба

мезанад. Ҷамъиятҳо дар ҳеҷ замоне чун имрӯз аз ин силоҳи нави инсоният ҳарос надоштанд. Дар баҳори соли 2013 ҷомеаи башарӣ хавфи шурӯи ҷанги атомиро аз сарзамини Куриёи шимолӣ интизор гашт. Ким Чем Ун бояд тугмачаи сурхи истифода бурдани силоҳи атомиро зер мекард. Аммо истифода ё пахши тугмачаи «Интер» ба таври ногаҳонӣ аз ҷониби журналистони Япония, дар мавриди он ки сарвари Куриёи Шимолӣ яроқи атомиро истифода бурд, барои инсоният вазнинтару даҳшатноктар аз садҳо тугмачаи сурхи ин силоҳи атомии Ким Чен Ун гашт. Журналистони Япония хабари истифодаи силоҳи атомиро қаблан омода месозанд. Ангушти журналисти японӣ ба таври нохост ба тугмачаи «Интер» мерасад, ки пахши хабарро таъмин мекард. Дар давоми якчанд дақиқа тариқи «Твитер» чил ҳазор нафар хабари шурӯи ҷанги ядроиро мехонанд. Хавфу ҳароси аз ин хабари дурӯғ бамиёномада тамоми ҷаҳонро ба ларза овард. Ба мафкура таъсир расонидан ва дар мафкура ғалаба ба даст овардан шеваю услуби нави муборизаву набард ба ҳисоб намеравад.

Чингиз дар асри XIII хизмати почтаи ахбориро ҷорӣ карда буд ва пайваста пайдо кардани маълумотро барои худаш ва аскаронаш бо роҳҳои гуногун ҷорӣ карда буд. Чингиз хабардор буданро нахустин гом дар роҳи ғалабаҳои худ меҳисобид. Людовики XIII дар асри XVII журналистони саркашро бадарға ва дар қалъа маҳбус мегардонид. Ба мукобили шоҳ ва хизматчии давлатӣ навиштани маводро мамнӯъ сохта буд ва ин гуна журналистонро қатл мекард.

Ҳанӯз Наполеон гуфта буд, ки нақши чанд нашрия аз нақши артиши садҳазорнафара бузургтару болотар аст. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта, ин сарлашкари бузург пайвастагии амиқи худро ҳеҷ гоҳ аз рӯзнома дур намекард. Ӯ нахуст, дар мафкураҳо ғолибиятро таъмин месохт ва баъдан, бо роҳи муътақидсозӣ кишвари дилхоҳи худро тасарруф мекард.

Дар замонаш муҷиби бунёди нашрияи «Ведомости…»-и маъруф ин ҷанги русҳову шведҳо буд, ки Император худ ҳамчун журналист амал мекард. Ба вуҷуд овардани бовариву эътимод дар мафкураи мардуми рус ғалабаро дар ин ҷанг таъмин кард.

Ленин дар оғози қудратрониҳо кори худро аз таъсиси рӯзномаҳо шурӯъ карда буд ва барои татбиқи идеологияи наву ҷавон ягона воситаи таъсирбахшу фарохимкон таъсиси рӯзномаро медонист. Гитлер барои маҳдуд сохтани пайдо намудани маълумот аз ҷониби шаҳрвандони худ истифодаи васоити ахбори оммаи беруниро ҷурми бузург ҳисобида, барои «саркашон»-и ин фармон ҷазои ҳукми қатлро ҷорӣ карда буд. Ҳизби якатози коммунистӣ иҷозату имкон намедод, ки ВАО-и мухолифмавқеъ дар ҷамъият вуҷуд дошта бошад. Ин ҷараён дар шаклҳои наву қолабҳои гуногун феълан низ давом дорад ва нақшу мақоми васоити ахборро имрӯзҳо раванди ҳаводису воқеот маълум кардааст.

Мафҳумҳои «ҷанги итилоотӣ» ва «асри иттилоотӣ» худ далели дар ҷаҳони муосир чи нақш доштани журналистикаро ифода менамоянд. Имрӯз ҷаҳони муосир бешубҳа ба як деҳкадаи калон табдил ёфтааст. Дар асрҳои XVII-XVII амрикоиён баъди шаш моҳу як сол тавассути рӯзномаҳои ба сарзаминашон воридгашта имкон пайдо мекарданд, ки дар бораи воқеоти Аврупо маълумот пайдо кунанд. Акнун дақиқаҳову сонияҳо кофист, ки ҳар як фард дар бораи ҳама гуна манотиқу мамолик маълумот пайдо намояд. Чунонки таъкид намудем, имрӯз ҷаҳонро касе идора менамояд, ки иттилои бештар дар даст дорад. Вобаста ба маълумоти ««Newsru.com» дар соли 2005 72% иттилоот ба ИМА, Аврупо 23%, Русия 5%, Чин 3% рост меомадааст». Ин рақамҳо далел ва гувоҳи он мебошанд, ки кадоме аз даъвогарони мақоми абарқудрат дар давоми чанд соли охир зимоми салтанатрониро дар ҷаҳон дар дасти худ қарор дода метавонад.

Маълум аст, ки шаклгирии иттилоот дар доманаи ду ҷабҳа ба вуҷуд меояд. Ҷабҳаи аввал агар факту маълумот бошад, пас ҷабҳаи дувум ин андешаву фикр аст. Ахбор ва афкор ду ҷузъи тавъам аз маҳсули васоити ахбор ба шумор мераванд. Яке дигареро пурра месозад ва бидуни ҳам пойдор будани онҳо аз тасаввур берун мебошад. Мусаллам аст, ки имрӯз дар байни ҷомеа мафҳумҳои терроризм, экстремизм, инқилоби арғувонӣ, моҷарои сиёсӣ, мухолифати диниву мазҳабӣ, диктатура ва амсоли он хеле серистифодаанд. Ин вожаҳоро дар шароити кунунӣ масоили глобалӣ меномем.

Бидуни пайдо гаштани саволе маълум аст, ки тавлидгари ин ҳама вожаву мафҳумҳо бевосита васоити ахбор ба ҳисоб меравад. Дар доираи маҳз ин ҳама мафҳумҳову вожаҳо ҷанги иттилоотӣ имрӯз шиддат дорад. Сиёсатмадорону

идеологияҳо тавассути ахбори оммавӣ нахустину муҳимтарин таҳоҷуми худро ба роҳ меандозанд. Терроризми ҷаҳонӣ, ки имрӯз бо баҳонаи он кишварҳои алоҳида дар оташи ҷангу низоъҳо давомдор месӯзанд, ин нахуст ихтирои худи васоитаи ахбор буд, ки дар заминаи он тарҳу нақшаҳои ҳама гуна таҳоҷуми доманадор роҳандозӣ гаштааст. Пахши наворҳо аз сӯхтани осмонбӯсҳои амрикоӣ хоҳу нохоҳ ҳар як бинандаро то имрӯз мутаассир менамояд. Тарконидану сӯзонидану макотибу театру истгоҳу дигар ҷойҳои серодам, ки дар наворҳои телевизиониву интернетӣ чарх мезананд, ҳар як фардро ба риққат меорад. Истифодаи аксҳои иҳонатомез ба муқобили паёмбари мусалмонон пайравони ин динро дар тамоми чаҳон ба ҳаракат меорад. Бомбаборон гаштани мулкҳои мардумони бегуноҳи Фаластину Афғонистону Ироқу Сурияву ва дигар мамолики арабӣ ҳамарӯза дар гузоришҳову наворҳо нишон дода мешаванд, ки хеле ваҳшатзову даҳшатангез мебошанд. Маълум нест, ки чӣ буҳрон аст, аммо маълум он аст, ки имрӯз чанд нафар миллиардери «тақдирсоз» раванди зиндагии ҷаҳониёнро самти нав бахшидан мехоҳанд. Ҳамаи ин тамоюлро васоити ахбори оммавӣ ба миён овардааст меорад. Пас, журналистика имрӯз ба сифати як илми хосса таборӯз карда истодааст. Агар замоне дар илм будани ин соҳа шакку шубҳа вуҷуд дошта бошад, пас имрӯз ҷойи тардиде нест, ки дар қадами аввал маҳз журналистика бо ҳама гуна васила ба мафкураҳо таъсир бахшидан мехоҳад. Чун ҷаҳони имрӯза ҷаҳони афкор мебошад ва чун журналистика ин тавъам ба афкор аст, нақши он бузургтару густурдатар аз дигар соҳаҳо ва ҳатто аз ҳама силоҳ мебошад. Ин раванд бошад, ҷаҳонро дар ояндаҳои начандон дур ба як деҳкадаи боз ҳам кӯчактар табдил хоҳад дод.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Амвоҷи сухан.- Душанбе: Эҷод.- 2005.
2. Саъдуллоев А., Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион.(қисми 1,2).-Душанбе: Эҷод.- 2005;2007.
3. Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио. –Душанбе, 2005.
4. Усмонов И. Жанрҳои публисистика.-Душанбе,2009.
5. М.Муродов. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист.-Душанбе,2008.
6. М. Муродов. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ.-Душанбе,2011.
7. Муҳайё Орипова .Жанровая мозаика на ТВ.- Душанбе,2012.

СРЕДСТВА МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В ПЕРИОД ГЛОБАЛИЗАЦИИ

В данной статье автором рассмотрена роль и деятельность средств массовой информации в период глобализации. Глобализацию можно охарактеризовать как макромасштабный, многоплановый и внутренне противоречивый процесс нарастания общего в мировых системах — экономической, политической, социальной и правовой. Глобализация — процесс всемирной экономической, политической и культурной интеграции. В результате глобализации мир становится более связанным и более зависимым от всех его субъектов. В информационном обществе, многократно возрастают роль и значение средств массовой информации. Взаимодействие средств массовой информации и органов власти играет всё более важную роль в условиях трансформационных изменений общества. Средства массовой информации являются элементом гражданского общества. Они создают информационное пространство, позволяющее развивать современное общество в целом.

Ключевые слова: глобализация, период глобализации, информационное общество, средства массовой информации, информационное пространство, трансформационные изменения общества.

MASS MEDIA IN THE PERIOD OF GLOBALIZATION

In this article the author considers the role and activities of the mass media in the period of globalization. Globalization can be described as maiden macro scale, using a multidisciplinary and internally contradictory process of General rise in world systems - economic, political, social and legal. Globalization - the process of world economic, political and cultural integration. The globalization of the world becomes more connected and more dependent on all his subjects. In the information society, multiply increased the role and importance of mass media. Interaction of mass media and authorities is playing an increasingly important role in the conditions of transformational changes in the society. Mass media are an element of civil society. They create information space, to develop the modern society as a whole.

Key words: globalization, the period of globalization, information society, mass media, information space, transformational change society.

Сведения об авторе: ***А. Сангов*** - аспирант Таджикского национального университета

ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КИШОВАРЗ ДАР ТЕЛЕВИЗИОНИ «ҶАҲОННАМО»

Ҳақназар Каримов
Донишгоҳи миллииТоҷикистон

Пӯшида нест, ки «***Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат ин таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад***» (Паёми Президенти ҶТ апрели соли 2011). Рушду инкишофи соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳиму афзалиятноки сиёсати кунунии Ҳукумати мамлакат ба шумор рафта, устувору пойдории иқтисодиёти кишвар аз ин бахш вобастагии калон дорад. Тайи солҳои охир дар соҳаи кишоварзии мамлакат як қатор ислоҳоти муҳим ва ҷиддӣ амалӣ карда шуд, ки мақсади асосии онҳо афзоиши маҳсулоти ба содирот нигаронидашудаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат мебошад.

Ҳамзамон чунин иқдомҳои созандаву умедворкунандаи Ҳукумати Тоҷикистонро агарчи тамоми васоити ахбори оммаи дохил тавассути хабару гузоришҳои гуногун дар рӯзномаву нашрияҳо манзур намоянд, вале пешниҳоди маводу барномаҳои бахши кишоварзии Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» дастрасу фарқкунанда ва аз ҳама муҳим ба деҳқон манфиатовару нафърасон аст.

Яке аз барномаҳои аввалине, ки дар ин шабакаи хабарӣ таҳти унвони «Кишоварз» моҳи апрели соли 2008 таҳия ва пахш карда шуд, бинандаро метавонад ба далелҳои рӯшану мушаххаси соҳа дар чанд соли охир аз наздик муаррифӣ намояд. Муаллифи барнома таҳлили соҳаро аз соли 1997 то соли 2008 дар якҷоягӣ бо мутахассисону масъулини Вазорати кишоварзӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд,ки «истеҳсоли маҳсулоти ғалладона 2,3 баробар, картошка-6, сабзавот-3,3 ва мева 2-баробар афзоиш ёфтааст».

Ҳамзамон соҳаи кишоварзӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ ва ҳам дар раванди иҷрои лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ба андозаи 5,2 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ шудааст. Нуқтаи муҳимми дигаре, ки айни замон баҳри таҷдиди зерсохтори бахши кишоварзӣ, обёрӣ ва дигар шохаҳои соҳа равона шудааст, ин амалӣ гардидани 14-лоиҳаи сармоягузории давлатӣ мебошад.

Дар ин замина барномаи дигари «Кишоварз», ки ҳанӯз дар моҳи сентябри соли 2010 тариқи эфири телевизиони «Ҷаҳоннамо» дар ҳаҷми 16-дақиқа пахш гардид, таҳлилу дастоварди тамоми соҳаро фарогир буд. Аз ҷумла, дар барнома чунин омадааст: «Тамоюли пешрафт дар тамоми бахшҳои кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Натиҷаву мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки соли 2010 нисбат ба соли 2009 маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 7,7 дарсад, истеҳсоли картошка 13,6 дарсад, бунёди боғ ва токзорҳои нав 3 маротиба, чорвои калон 28,5 ҳазор сар, парранда 522,6 ҳазор сар, истеҳсоли гӯшт 6,6 дарсад, шир 4,9 дарсад, асал 9,8 дарсад ва тухм 23,1 дарсад зиёд шудааст».

Мисоли дигаре, ки зикраш хеле бамаврид аст, ин таҳия ва пешниҳод гардидани барномаи соҳавии «Ҳуқуқи Шумо ба замин» мебошад, ки беш аз як сол боз тариқи эфири ин Шабакаи хабарӣ пахш мегардаду манфиату афзалияташ барои деҳқонону кишоварзон, дар маҷмӯъ барои сокинони диёр дастрасу мувофиқ аст.Бартарии ин барномаро метавон баъди пахшу пешниҳод шуданаш аз ин ё он гӯшаи кишвар эҳсос намуд.Муаллифи барнома Парвиз Аминов аксаран маводашро аз ҳаёти муқаррарии деҳқонон ва шароити феълии онҳо омода карда, баъди пахшу манзур гардиданаш ҳатман натиҷагирӣ менамояд. Исботи бебаҳси ин иқдом айнан ёдовар ва ба шакли воқеӣ зикр намудани яке аз барномаҳои ӯ мебошад. Барномаи «Ҳуқуқи Шумо ба замин» санаи пахш 26-марти соли 2011, ҳаҷм 15-дақиқа ва макони сабт шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд.

Саҳмдори хоҷагии деҳқонии ноҳияи Истаравшани вилояти Суғд Ҳамдам Муъминов новобаста аз сардӣ ва боришоти зиёди сол пайваста меҳнат карда, мақсад дорад,ки ҳосилнокӣ ва қоидаҳои агротехникии заминро дар сари вақт иҷро намояд. Навор аз шароити кору хоҷагидории ин деҳқони асил шурӯъ гардида,то ба кадом натиҷаҳо муваффақ шуданаш анҷом меёбад. Ҳамзамон хоҷагидор чунин мегӯяд: «Аз

чанд барномаҳои қаблии шумо як теъдод ҳуқуқу уҳдадориҳои худро аз бар намуда, натиҷааш бароям манфиатбахшу боровар гардид.

Тарзи бастани шартномаи дуҷониба, ҷуброн кардани манфиатҳои ҳуқуқиамро каме дер фаҳмида бошам ҳам, вале муносибати Ассотсиатсияи хоҷагии об ва дигар мақомоти давлатӣ бароям фаҳмотару дастрас шуд. Масалан, соли гузашта бо иллати саривақт таъмин накардани меъёри об бо замини хоҷагӣ ҳосили парваридаам хазон шуду, натиҷааш бесамар, ҳоло он ки тибқи шартномаи дуҷониба бояд ин ниҳоди соҳавӣ масъулияташро бе муроҷиати дигар мақомоти давлатӣ амалӣ менамуд. Хушбахтона, дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ хисороти мавҷуда барқарор гардиду корамон муътадил».

Аз ин ки ҳадафи асосии барнома ҳимояи ҳуқуқҳои деҳқон мебошад, аксари маводҳояш бо ҷалби коршиносону мутахассисон таҳия мегардад. Маҳсули самараи дигари чунин барномаҳои соҳавӣ пешниҳоди таҷдиди хоҷагиҳои калону серсоҳа ва ташкили шаклҳои нави хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад,ки чанде пеш аз ин минтақаи ҷумҳурӣ пахш гардида буд. Дар ин замина намояндаи Раёсати кишоварзии мақомоти давлатии вилояти Суғд таъкид намуда мегӯяд, ки: «Дар ноҳияи Истаравшан то имрӯз ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ идома дошта, айни замон мутахассисони соҳаи заминсозӣ дар минтақа аз 10-хоҷагии калонҳаҷм, наздики якуним ҳазор хоҷагии хурди гуногуншакл ташкил намудаанд, ки онҳоро бо сертификати замин таъмин намуданд. Маҳз ҳамин натиҷа буд,ки имрӯз ҳосилнокӣ дар минтақа то ҷое боло рафтаасту ҳавасмандии заминдор бошад рӯз аз рӯз меафзояд».

Ҳамзамон маърифати истифодаи замин ҳам аз ин минтақаи ҷумҳурӣ барои заркорони калонтарин вилояти мамлакат вилояти Хатлон боиси зикру таъкиди хос аст. Барномаи «Ҳуқуқи Шумо ба замин» санаи пахш моҳи сентябри соли 2010, ҳаҷм 17-дақиқа, макони сабт ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон, муаллиф Парвиз Аминов, наворбардор Баҳриддин Бобокалонов, коргардон Ҳасаншо Саидов, танзимгар Фаридун Солиев. Сухан ва назари мусоҳибони барнома: «Ман саҳмдори хоҷагии деҳқонии «Дилшод». Барномае, ки чанде қабл аз тариқи ин Телевизиони хабарӣ аз ҳаёт ва шароити деҳконони вилояти Суғд дидам бароям хеле мувофиқ омад, зеро дар он маърифати заминдорӣ истифодаи ҳар порча замин ва шаклу усулҳои муосири хушк намудани зардолую дигар меваҷоти минтақа бароям маъқул шуда,чандест, ки бо истифода аз ин таҷрибаи пешқадам зиндагиямон хубтару натиҷаҳоямон қонеъкунанда ба назар мерасад».

Паҳлӯи калидии дигари барномаҳои хабарии Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» дар он аст, ки аксари сокинону бошандагон ва деҳқонони шаҳру деҳот моҳияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ»-ро аз худ карданд.Вале барои пурра намудани нуктаи зикргардида метавонем самтҳои асосии онро бароятон манзур гардонем:

1. Ташкил ва бунёди шаклҳои хоҷагии деҳқонӣ;
2.Ваколати сардори хоҷагии деҳқонӣ;
3.Хусусиятҳои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ;
4.Уҳдадорӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми соҳа, аз худ карда шуда ба таври васеъ истифода гардиданд.

Албатта, чунин комёбиҳо, агар аз як тараф натиҷаи пахшу манзур гардидани чунин барномаҳои соҳавӣ дар расонаҳои хабарӣ бошад, аз ҷониби дигар дастгири намудани тадбирҳои иловагии Ҳукумати мамлакат дар беҳдошти фаъолияти ин соҳаи афзалияноки хоҷагии ҳалқ мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлилу натиҷагирии чунин асноду далелҳои умедворкунандаи деҳқонону заркорони қисме аз шаҳру ноҳияҳои кишвар шаҳодати ҳарчи зудтар расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат таъмини амнияти озуқавории кишвар мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо».- С.2009-2011.
2. Зафар Саидов. Фаридун Саидов. «Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон.-2012.
3. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҷёи миллат. Ҷилди ҳафтум. -Душанбе: Ирфон, 2007.- 480 с .

ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНО- ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОЛОЖЕНИЯ СЕЛЬСКИХ ТРУЖЕННИКОВ НА ТЕЛЕВИЗИОННОМ КАНАЛЕ «ДЖАХОННАМО»

Данная статья посвящена изучению темы отражения социально-экономического положения сельских тружеников Таджикистана на талевизионном канале «»Джахоннамо».

Ключевые слова: телевидение, сельскохозяйственная отрасль, труженники села, фермерские хозяйства, стратегические цели, социально-экономическое положение тружеников, телевизионный канал «Джахоннамо».

REFLECTION OF SOCIO - ECONOMIC SITUATION OF RURAL LABORERS ON THE TELEVISION CHANNEL «JAHONNAMO»

This article is devoted to studying of a theme reflect the socio-economic situation of rural workers of Tajikistan on талевизионном channel «»Jahonnamo».

Key words: TV, agricultural sector, труженники villages, farms, strategic objectives, the socio-economic situation of the toilers, the TV-channel Jahonnamo».

Сведения об авторе:*Х.Каримов*-соискатель Таджикского национального университета. Телефон: **93-501-15-16**

МАХСУСИЯТИ ИНЪИКОСИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МАТБУОТИ ТОҶИК

Ҳаитпур Расул
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чанд соли охир дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон, махсусан дар матбуот матолибе ба назар мерасанд, ки таърихнигорон ва журналистон дар бораи пайдоиши халқи тоҷик ва ӯзбек назарҳои мухталиф ва ҷолибро рӯйи варақ меоранд. Дар ин ҷо мавзӯъро аз осори таърихӣ ва матбуот зери таҳқиқ мегирем.

Агар матолиби ВАО-ро ба таври хулоса мулоҳиза намоем, хоҳем дид, ки аз замонҳои қадим то ба ҳол риштаҳои дӯстию ҳамкорӣ миёни ду халқ-тоҷику ӯзбек вуҷуд дорад. Онҳо бо ҳам ба муқобили душманон ва истилогарон мубориза мебурданд. Дар ин бора профессор И. Усмонов менависад: «Дӯстии беолоишу самимию бисёрасраи тоҷикону ӯзбекон аз қадимулайём ба ҳамагон маълум аст. Дар давоми садсолаҳо халқи тоҷику ӯзбек бо ҳамдигар зиндагиву кор кардаанд, бо ҳамдигар сохтанд ва бар зидди душманон мубориза бурданд. Онҳо дар тӯли қарнҳо бо ҳамдигар дӯсту бародар гардиданд» [1].

Таърихи халқҳои тоҷик ва ӯзбек ба ҳам наздик ва шабеҳ буда, рушди он дар як сарзамин ба вуҷуд омадааст. Тоҷикон ва ӯзбекон халқҳое ҳастанд, ки дар як ҳавзаи маданиву сиёсӣ -Бухоро ё Осиёи Миёна умр ба сар мебаранд. Ба ақидаи академик Б. Ғафуров: «Тоҷикон ва ӯзбекон, ки ташаккули халқияти онҳо дар асоси умумии нажодӣ қарор гирифтааст, бо ҳамдигар алоқаи хеле наздик доранд» [2]. Ба ҳамин монанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар бораи дӯстиву хешутабории халқҳои тоҷику ӯзбек меоварад: «Дар таърих кам воқеъ шудааст, ки ду халқ бо ҳамдигар мисли тоҷикону ӯзбекҳо ба чунин дараҷа наздик ва омехта гашта бошанд. Муносибатҳои деринаи дӯстӣ ва хешутабории ин ду халқи қадимаи Осиёи Миёна онҳоро ба ҳамдигар хеле наздик кардаанд. Суннату анъанаҳо, расму оийнҳо ва ҳатто феълу атвори мо ба якдигар ба дараҷаи ҳайратовар шабоҳат доранд» [3]. Ҳар се муаллифи зикршуда ба он таъкид кардаанд, ки тоҷикону ӯзбекон халқҳои ба ҳам наздик ва дӯсту бародар ҳастанд.

Таърихи ҳар халқу миллат пур аз талошҳо, ҷангҳо ва рақобатҳои нек аст. Ва ин дар муносибатҳои халқҳои тоҷику ӯзбек низ воқеиятест. Е.К. Мейендорф бар он аст: «Халқи Бухоро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешавад яке ғолиб ва ҳукмрон, дигаре мағлуб ва мутеъ. Якумро ӯзбекҳо ва дувумро тоҷикҳо ташкил медиҳанд. Охириҳо худро аҳолии ибтидоии сарзамин медонанд ва шояд аз суғдиҳои қадимӣ пайдо шудаанд» [4].

Таърихи ташаккули ин ду халқ, махсусан давлатдории мустақили онҳо баҳсҳо ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, инъикоси он низ дар воситаҳои ахбори омма ҳамсон нест. Ин ба сиёсат иртибот дорад.

Агар ба таърихи пайдоиши ду халқ-тоҷикону ӯзбекон таваҷҷуҳ кунем, ба мо маълум мегардад, ки Осиёи Миёна ватани азалии халқи тоҷик ва гузаштагони вай – суғдҳо, бохтариҳо, сакоиҳо ва дигарон аст ва онро В.В. Бартолд ба истилоҳи «халқҳои эронӣ» [5] ёдоварӣ кардааст. Академик Б. Ғафуров дар хусуси пайдоиши халқи ӯзбек

чунин менависад: «Дар охирҳои асри XV ва ибтидои асри XVI ӯзбекҳои бодиянишин бо сардории Муҳаммад Шайбонихон Мовароуннаҳри марказӣ ва андаке баъдтар тамоми қисмати боқимондаи давлати Темуриёнро забт намуданд» [6]. Ӯзбекҳо дар ин минтақа дар асри XVI, яъне соли 1501 муқим шудаанд. Пас ҳадди ақал мо 500 сол зиндагии муштарак дорем. Аммо аз замони аморати қабилаҳои ӯзбек то шурӯи асри XX вазни сиёсии ӯзбекон дар кишвар нисбат ба тоҷикон зиёдтар шуд, бо ин аз салтанат дур мондани тоҷикон, ҳукмронии муғулҳо, темуриҳо, ӯзбекҳо, манғитҳо дар замони империяи рус бо туркҳои Осиёи Миёна ҳамроҳ ва ҳамақида шудани туркони Русия, дар замони империяи усмонӣ таъсир расондани Туркия ба муҳити фарҳангии Осиёи Миёна сабаб шуданд. Дар натиҷа дар замони инқилоб ва тақсимоти ҳудуди миллӣ пантуркистҳо бартарӣ пайдо карда, дар тақсимоти ҳудуди миллӣ ҳуқуқи халқи тоҷик поймол гардид. Ин мавзӯъ ҳамеша ҳамчун мафкураи миллӣ ва фарҳангии тоҷикон боқӣ монд. Аммо дар замони Шӯравӣ тарҳу инъикос кардани ин мавзӯъ дар воситаҳои ахбори омма имконнопазир буд, зеро он ба сиёсати дӯстии халқҳо, ки давлати Шӯравӣ пеш гузошта буд, мувофиқат намекард. Профессор И. Усмонов ба ВАО-и замони Шӯравӣ ишора намуда, зикр намудааст: «ВАО-и шӯравӣ барои ифодаи идеологияи расмии шӯравӣ, давлати шӯравӣ, шахсияти идеалии шӯравӣ мувофиқ карда шудааст» [7]. Дар ҷойи дигар ӯ ин фикрро тақвият бахшида, менависад: «Системаи иртиботии омма, чун ҳар кадом системаи дигари Давлати Шӯравӣ барои он вуҷуд дорад, ки он вазифаеро, ки бо роҳбарони давлат барояш муайян кардаанд, иҷро намояд» [8]. Аз ин рӯ, радио ва телевизионҳои ҳарду ҷумҳурӣ гуфтору намоишҳои дӯстона, консертҳои муштарак, намоишҳо бо забонҳои ҳамдигар доштанд. Дар Тоҷикистон матбуоти зиёди маҳаллию ҷумҳуриявӣ бо забони ӯзбекӣ, дар Ӯзбекистон чунин матбуот бо забони тоҷикӣ нашр мешуданд. Ҳамчунин матбуоти Тоҷикистону Ӯзбекистон бахшида ба санаҳои таърихӣ ва ҷашнҳои ягона саҳифаҳои махсус нашр мекарданд. Яъне инъикоси масоили таърихӣ, этникӣ ва фарҳангӣ танҳо хислати мусбат дошт.

Дар замони “сотсиализми барканор” танҳо дар асарҳои илмӣ ва адабӣ, ҳар гоҳ ёди таърих мешуд, оид ба ноадолатии тақсимоти ҳудуди миллӣ, инъикоси таърихи асримиёнагӣ мақолаҳо, шеърҳо пайдо мешуданд. Дар ин маврид инчунин олимони бузурги тоҷик А.Баҳоваддинов, М.Р.Шукуров, М. Шакурӣ, Р. Масов, М.Осимӣ асарҳо навиштанд. Асари аллома Б. Ғафуров «Тоҷикон» намунаи олии чунин таҳқиқот аст.

Дар солҳои шастуму ҳафтодум дар адабиёти тоҷик ҳам дар насру ҳам дар назм асарҳое пайдо шуданд, ки ба ин ё он ҳад ин мавзӯъро тарҳ мекарданд. Ин ба асарҳои устод С. Улуғзода, М. Қаноат, Б. Собир, Лоиқ, Гулрухсор бештар дахл дорад, ки аксарияти онҳо дар матбуот нашр шуданд. Шеъри зерини Б. Собир гӯё таърихи муносибати ин ду халқ аст:

Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,
Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт,
Душмани суратпарасташ сурати Беҳзод бурд,
Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт [9].

Ҳамин маъниро ҳанӯз соли 1974 М. Қаноат дар достони «Тоҷикистон-исми ман», ки дар рӯзҳои 50-солагии таъсиси давлати Тоҷикистони Шӯравӣ дар рӯзномаи расмии “Тоҷикистони Советӣ” чоп кард, изҳор дошт:

«Як кас расиду ногаҳон гаҳвораи моро гирифт.
Як кас надида ҳарфро, «Қонуни» Синоро гирифт» [10].

Дар солҳои 1970-1980 ин маъноҳо, он чи аз «Тоҷикон» ва адабиёти зикршуда, бармеояд гоҳ-гоҳе дар воситаҳои ахбор, махсусан нашрияе чун “Маориф ва маданият” ба табъ мерасиданд.

Аммо аксари матлаб дар хусуси дӯстӣ, ҳамкорӣ ва муносибати неки ду халқ ва ду ҷумҳуриро дар бар мегирифт, ки ин ҳақиқати замони Шӯравӣ аст. Ба назар мерасад, ки кудуратҳо дар таърихи дур монданд ва зиндагии нек пеш меояд. Саҳифаҳои тараннуми дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки ҳам дар матбуоти миллии давлатии Тоҷикистон (“Тоҷикистони Советӣ”, “Совет Тожикистони”, “Коммунист Таджикистана”) ва ҳам дар матбуоти расмии Ӯзбекистон (“Правда Востока”, “Совет Узбекистони”, “Ҳақиқати Ӯзбекистон”) нашр мешуданд, як мақсад доштанд-якпорчагии давлати шӯравӣ бояд ҳифз шавад. Матбуот, радио ва телевизион ин чорчӯбро қатъӣ риоя мекард.

Аммо замони истиқлолият имконоти ВАО-ро дар инъикоси ин масоил афзуд. Матбуоти аз сензураи Шӯравӣ ҷудо шуда, махсусан нашрияҳои мустақил дар баробари инъикоси мусбати зарурати ҳамкориҳо, дӯстӣ, инчунин ба инъикоси проблемаҳои мавҷуда низ таваҷҷуҳ карданд.

Мубоҳисаҳои илмии таърихӣ, забонӣ, миллӣ ва этнографии матбуоти имрӯза, аз ҷумла ба чунин таҳқиқот асос мекунанд, ки дар илм зикр шудаанд.

Академик Б. Ғафуров қайд намудааст, ки дар асрҳои VII–VI пеш аз милод сар то сари Осиёи Миёнаро комилан халқиятҳои эронӣ – бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо, гурӯҳҳои сакоӣ ва ғайра ишғол мекарданд. Дар асоси ин халқиятҳо ва, қабл аз ҳама, бохтариҳо ва суғдиҳо дар марҳилаҳои аввали асри миёна халқи тоҷик ташаккул ёфт [11]. Профессор И. Усмонов низ ба ҳамин назар аст, ки: «Баъдҳо бар асоси халқиятҳои шарқиэронии Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, бохтариҳо, суғдиён ва ба дараҷаи камтар дигар ҷузъҳои таркибии нажодӣ, халқи тоҷик ба вуҷуд омад. Халқи тоҷик аз қабилаи ориёии суғдӣ, бохтарӣ ва сакоӣ пайдо шуд ва дар ибтидо вай на танҳо дар Эрон набуд, балки аз онҳо бо махсусиятҳои чашмрас фарқ мекард» [12].

Дар замони Хилофати Араб, ягонагии динӣ гӯё дар муқобили ягонагии этникӣ амал кард ва таҷриба нишон дод, ки дар ин давра аслан мавқеи сиёсатдорон бартарӣ пайдо кард ва ин бар зарари халқи тоҷик анҷом гирифт. Зеро роҳбарӣ дар ин империя бар дӯши туркони усмонӣ: муғулҳо, қарохониҳо салчуқиҳо, темуриҳо, барлосҳо ва хонадони ӯзбекҳо буд. Дар ҳамин давра таъбири «турку тоҷик» барои тавсифи ду унсури асосии нажодии аҳолии Осиёи Миёна ба миён омад.

Инъикоси масъалаи мазкур ҳамеша дар воситаҳои ахбори оммаи ду кишвар ихтилоф ба амал меорад. Дар ин бобат воситаи ахбор аз илм дида, бештар ба эҳсос мемонад. Инъикоси ин мавзӯъ дар ВАО, таъсири ВАО ба ҷараёни воқеаҳо аз ҳамин чиз вобаста аст. Дар матбуоти замони истиқлолият дар ҳарду кишвар ҳам гоҳе норизоӣ ва эътирозҳо ба муқобилгузорӣ табдил меёбад.

Мавзӯи робитаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ҳам дар чорчӯби фаҳмиши сиёсӣ ва ҳам миллӣ дар ВАО баррасӣ мекунанд. Матбуот барои тарбияи худшиносии миллӣ, ватанпарастӣ, тарғиби анъанаю суннатҳои асили фарҳанги миллӣ, таърихи пайдоишу инкишофи ҳар халқу миллат бо назардошти талаботи давру замон маводи таҳлиливу илмӣ ба табъ мерасонад.

Воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон, аз ҷумла «Нигоҳ», «Озодагон» перомуни ин мавзӯъ мақолаву шарҳҳои зиёде нашр мекунанд. Онҳо ин ақидаро пеш меронанд, ки «Халқи тоҷик яке аз шохаҳои қадимаи мардуми ориёиҳо мебошад, ки дар натиҷаи ташаккулёбии халқҳои эронию тӯроniҳои қадим пайдо гардидааст. Дар нимаи аввали асри XI ин халқ истилоҳи «тозик»-«тоҷик»-ро гирифт, ки дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ташаккул ёфта буд» [13].

Барои рӯзномаи «Нигоҳ» ва мухбирони вай суроғ ва инъикоси ҳақиқати таърихӣ ҷузъи масъалаи ҳуввияти миллӣ аст. Зоҳидов О. нигоштааст: «Миллати тоҷик дар асрҳои VIII-IX ташаккул меёбад ва ин раванди ташаккули миллат ба пойдоркунии давлат рост меояд. Бинобар ҳамин, мардуми тоҷик баробари пойдор кардани давлат ва забони миллии худ ба миллат мубаддал мегардад. Аз маркази давлат, ки Бухоро буд, оҳиста забон ба тамоми минтақаи атроф паҳн мегардад ва боқимондаҳои забони суғдӣ, бохтарӣ, тохар ва ҳайтолиро бо худ омехта мекунад ва лаҳҷаҳои маҳаллиро оҳиста якранг менамояд» [14].

Матбуот ҳақиқатеро менигорад, ки таҳлили амиқи илмӣ ва исботи қотеъ дорад. Ҳафтаномаи «Озодагон» навиштааст: «Тоҷик ҳамчун халқ ҳанӯз дар охири садаи VIII аз оғози садаи IX ташаккул ёфта, забонашон форсии нав ба шумор мерафт ва аввалин шоире, ки тамоми асарҳои хешро ба ин забон навиштааст, Рӯдакӣ буд» [15].

Матбуоти тоҷик бо таҳлил ва нишон додани санаҳои таърихӣ исбот карданӣ мешавад, ки халқи тоҷик дар асрҳои VIII-IX ташаккул ёфтааст. Айнан ҳамин чизро низ китобҳои илми таърих нишон медиҳанд. «Давраи ниҳоии ташаккули давлатдории халқи имрӯзи тоҷик ба куллӣ ба давлати Сомониён марбут аст, ки дар давоми асрҳои IX-X ба туфайли баъзе воқеаҳои таърихӣ ба дунё омад» [16].

Ҳанӯз ҳам дар матбуоти даҳаи аввали шӯравӣ Аббос Алиев дар хусуси пайдоиши халқияти туркҳо навишта буд: «Дар қарни X аввалин ҳукумати мусулмон-туркҳо мавсум ба «Қарахонӣ» ба саҳна меоянд, ки онҳо Ҳафтрӯд ва дар авохири қарни X

Мовароуннаҳрро мегиранд. Аз ин вақт дигар давраи «турк» кардани халқи ин сарзамин шурӯъ мешавад» [17].

Зафари Мирзоён менигорад, ки ончуноне таърихнигорони барҷастаи мағрибиву машриқӣ ба таҳқиқ овардаанд, пайдоиши калимаи ӯзбек ба сулолаи Шайбониён пайваста аст. Ба таърихдонон равшан аст, ки Шайбон яке аз набераҳои Чингизхон, муассиси хонадони Шайбониҳо, бародарони хонҳои Қипчоқ, Боту Ноён ва Барка буд. «Шайбон дар ҷангҳое, ки муғулон дар Маҷористон соли 1241 мебурданд, аз худ шуҷоат нишон дода буд ва агар муғулҳо он ҷо мемонданд, наздик ба яқин буд, ки ҳукуматро ба ӯ вомегузоштанд. То поёни асри XIV тамоми навоҳии Олтой, то Турқой (Тургай) таҳти тасарруфи Шайбон қарор дошт» [18]. Дар ин ҷо сухане аз Рене Груссе меоварад, ки тамоми тоифаҳо ва қабилаҳо мутеи Шайбониён шуда буданд ва аз миёнаҳои қарни XIV, ба номи ӯзбек номидаву шинохта шудаанд. Абулхайр соли 1428 дар 17 солагӣ расман ба унвони «хон» ва «подшоҳи юрт» ва «подшоҳи шайбонӣ», дар канори шаҳри Тура, воқеъ дар Сибирия эълом шуд. Ӯ аз соли 1430 то 1431 ҳатто Хоразмро гирифт ва Урганҷро низ ғорат кард. Ҳамчунин дар ин маврид зикр гардидааст, ки ба ақидаи Бартолд муассиси воқеии қудрату ҳашамати ӯзбекон, шаҳзодаи шайбонӣ Абулхайр аст, ки зиндагии пур аз ҳаводисе дошта, моҷароҷӯӣ ба ном будааст [19]. Ба ҳамин монанд маҷаллаи «Раҳбари дониш» соли 1928 навишта буд, ки «Дар қарни XVI ӯзбекҳо ба саҳна омада, Мовароуннаҳрро гирифта, шарқи Эронро ҳам мегиранд. Аз дасти ӯзбекҳо шарқи Эронро силсилаи Сафавиҳо пас мегиранд» [20].

Ин назари илмии муҳаққиқон ва публитсистони тоҷик ба таҳқиқоти олимони ӯзбек гӯё мухолиф аст, зеро таърихнигорони ӯзбек исбот кардан мешаванд, ки номи ӯзбек қаблан пайдо шудааст. «Дар асрҳои XI–XII ташаккули халқияти ӯзбек асосан ба анҷом расида, минбаъд ба худ номи «ӯзбекҳо»-ро мегирад» [21].

Ҳақиқати амр ин аст, ки ҳарду ҳам ҳақанд. Қабилаҳои ӯзбек шояд пештар аз асри XVI ташаккул ёфтаанд, аммо онҳо сокинони Осиёи Миёна набуданд. Олимон ва публитсистони тоҷик замони дар қаламрави Осиёи Миёна пайдо шудани онҳоро дар матбуот баҳс мекунанд, зеро баҳси матбуоти тоҷик аслан таърихи халқи ӯзбек нест, балки таърихи тоҷикон ва Осиёи Миёна ва вобаста ба онҳо намоён шудани қабилаҳои дигар аст.

Дар ҷойи дигар Мирзоён З. бо такя ба ақидаи таърихшиноси тоҷик, Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ дар мавриди пайдоиши қавми ӯзбек меоварад: «Ташаккулёбии халқи ӯзбек дар ҳудуди тоҷикнишин, аз асрҳои XV – XVI шурӯъ шуда, дар асрҳои XVII – XIX қисман ва баъди ташкил ёфтани Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба охир мерасад. Дар таърихи Ӯзбекистон ташаккули ӯзбеконро ба асрҳои XI – XII нисбат медиҳанд. Саволе ба миён меояд, ки бо кадом далелҳо? Ку забони адабии ӯзбекон, кани тамаддуну фарҳанги хоси онҳо, кани номи этникӣ, кани ноҳияҳои яклухти зисти ӯзбекзабонон? Ҳамаи ин шартҳо на танҳо дар асрҳои XI – XII, ҳамчунин дар асрҳои XV – XVII низ вуҷуд надоштанд. Пас дар кадом асос ташаккулёбии ӯзбеконро аз асрҳои XI – XII меҳисобанд?» [22].

Воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон ҳангоми тасвири воқеаҳои таърихӣ ба осори илмии асрҳои XVIII-XIX ва аввали асри XX таваҷҷуҳ мекунанд. Онҳо бештар аз муаррихоне чун Мейендорф Е.К., Фридрих Э., Хаников Н.В., Бартолд В.В., Шишов А.А. иқтибос мекунанд. Масалан, дар такя ба онҳо менигоранд, ки боҳамомезӣ, баҳампайвандии халқҳои тоҷику ӯзбек дар замоне, ки соҳиби ҳамин ном буданд, аслан аз давраи Темуриҳо шурӯъ шуда, дар давраи Шайбониҳо ташаккул меёбад ва тавре, ки А.Шишов менависад, ӯзбекҳо ҳама чизи тайёрро аз тоҷикон гирифта ва аз худ карда, ба шогирди гапгири халқи мағлубкардаашон-тоҷикон табдил ёфтанд. Муҳаққиқ бо таъкиди он ки «ӯзбекҳо пешрафтатарин қабилаи туркони Осиёи Миёна ва Эрон мебошанд, вале ҳар чӣ дар рӯзгор доранд: хонасозӣ, деҳқонӣ, либоспӯшӣ, хурду хӯрок, ҳар чӣ дар давлат доранд,- одоби подшоҳӣ ва девондорӣ, силоҳдорию паҳлавонпарварӣ, ҳар чӣ дар гуфтору номгузорӣ доранд, аз тоҷикон гирифтаанд» [23].

Журналистикаи мустақили тоҷик дар такя ба донишмандони бузурге чун С. Айнӣ, Б. Ғафуров ташаккули этникии ӯзбеконро низ шарҳ дода, дар ин ҳол чун муҳаққиқи асарҳои илмӣ менависанд: «Инкишофи минбаъдаи этникии халқи ӯзбек бо чанд роҳ ҷараён ёфт. Бо ташаккули ваҳдат ва робитаи арзӣ тадриҷан аз байн рафтани хусусияти парокандагии ҷойгиршавӣ ва сохтмони иҷтимоӣ ба амал омад. Баробари ин дар миқёси

васеъ бо турккунонии аҳолии маҳаллии тоҷикзабон бо шаклҳои мухталифи дузабонӣ ва дар айни замон тоҷиккунонии гурӯҳҳои ҷудогонаи ӯзбекон давом мекард. Ҳамаи ин тамоюлоти мураккаб, мухталиф ва зидди якдигар ҷамъан ба бартараф шудани тафовути ҷузъҳои таркибӣ ва аз ҷиҳати этникӣ мутамарказ гардидани халқи ӯзбек оварда расонданд» [24].

Матбуот муносибати байниҳамии қабилаҳои турк ва муттаҳид кардани онҳоро аз сиёсати давр медонад: «Туркон ба қабилаҳо тақсим буданд ва ҳамин омил байни ин қабилаҳо доим зиддиятро медарорад, ки барои муттаҳидшавӣ монеа мемонад. Ҳоло низ қабилаҳои туркон, ки зуракӣ ӯзбек, қазоқ, қирғиз ва туркман карда шудаанд, номи қабилаҳои худро гум накардаанд» [25].

Дар ҳамин ҷо як чизи хеле муҳимро, пеш аз ҳама, қайд кардан лозим аст, ки ба навиштаи матбуот шабоҳат дорад. Профессор И. Усмонов овардаанд: «Қабилаҳои туркӣ ва чиноиву муғулҳо муттаҳид шуда, ватани умумиро ҳанӯз пеш аз истилои араб Туркистон гуфтанд ва дертар дар асрҳои XII-XIII ҳар кадом номҳои худ-ӯзбек, қирғиз, туркманро қабул карданд ва имрӯз ҳеҷ кадоми ин давлатҳо ва халқҳо номи кунуниашро сарфи назар карда, худро турк намегӯянд» [26].

Ба нигоштаи ҳафтаномаи мустақили «Озодагон» аз охири садаи XIX ва аввали садаи XX донишмандони таърихшинос, ховаршинос ва забоншиноси ҳалқҳои гуногуни ҷаҳон исбот кардаанд, ки «бо сабаби (шарофати) ба ҳам омезиш ёфтани баъзе аз гурӯҳи тоҷикон бо туркон афзудани муҳоҷирони бегонаи турк ба сарзамини ориёӣ (баъди фурӯпошии хоқонияти турк дар садаи VII) дар тӯли садсолаҳо дар садаи XVI (ва танҳо дар ин замон) халқияти ӯзбек ташаккул меёбад» [27]. Навиштаи матбуоти мустақил ба китобҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Айнан ҳаминро А. Шишов қайд кардааст: «Дар соли 1507 Темуриҳо аз ҳокимият дур андохта шуданд ва ҷойи онҳоро ӯзбекҳо, ки дар замини тоҷикон қатъан соҳибӣ мекарданд, ишғол намуданд» [28].

Воситаҳои ахбори омма дар инъикоси таърихи пайдошавии қабилаҳои турк дар Осиёи Миёна ба асарҳои В.В. Бартолд, А.А. Шишов Б. Ғафуров, Е.К. Мейендорф, М. Бобохонов, Р. Масов, М. Шакурӣ ва И. Усмонов бештар такя менамоянд, ки дар онҳо омадааст: «Тобистони соли 1500 Бухороро ӯзбекҳо ишғол намуда, то имрӯз дар дасти худ нигоҳ медоранд. Сипас, дар қарни XVIII манғитҳо соҳиби Бухоро шуданд ва дар соли 1758 муддате ҳокимони тоҷики Чин Фарғонаро то Тошканд ба худ пайвастанд. Дар ин даврони турктозиҳо аҳволи соҳибзамини Осиёи Миёна-тоҷикон бисёр душвор буд» [29].

Дар таҳқиқи муаллифони муосир низ ақидаҳои зиёде перомуни ҷойи таърихии ҳар халқи Осиёи Миёна равшан карда мешавад. Масалан, З. Мирзоён дуруст менависад, ки: «Тоҷикону ӯзбеконро сарнавишт, бидуни пурсише аз каси дигар, дар ин паҳнаи худододи Вароруд ҷойгоҳи абадӣ бахшидааст. Ҳар беморандешаи бар сари маснад нишаста, яке аз ин ду қавмро инкор кунаду дар пайи ҷудоии онҳо бошад, ба хиёнат даст меёзонад» [30].

Матбуоти мустақил ҳамзамон бо мақолаву асарҳои илмӣ мақолаҳое ҳам нашр мекунанд, ки дар онҳо эҳсос ба илм бартарӣ пайдо мекунад. «Ӯзбакҳо аз дигар қавмҳои турку муғул мутамоизанд, вале ба далели тафовути забонӣ бо тоҷикҳо ҳам унси андаке доранд ва мавқеияташон дар минтақа чизе ҳам монанди ҷойгоҳи тоҷикон аст, ба тафовутҳои камтар» [31].

Аз нигоштаҳои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ва навиштаҳои таърихшиносони ватаниву хориҷӣ маълум гардид, ки баъди турку муғули бодиянишин бо роҳбарии Шайбонихон дар ҳудуди асрҳои XV ва XVI ба Мовароуннаҳр ва Хуросон сар даровардан, халқияти ӯзбек аз ҳамон вақт номи худро пайдо мекунад. Баъди ба вуҷуд омадан ва мавқеъ пайдо кардани халқи ӯзбек дар Осиёи Марказӣ раванди туркгароӣ ё ин ки ӯзбекгароӣ ташаккул меёбад.

Навиштаҳои матбуоти мустақил ба асарҳои илмӣ такя мекунанд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки робитаҳои таърихии тоҷикону ӯзбекҳо нисбат ба дигар халқҳои Осиёи Миёна ба ҳам наздиканд. Ба ин тартиб, агарчанде ки халқҳои тоҷик ва ӯзбек дар замонҳои гуногун ташаккул ёфта ва забони ин халқҳо ба гурӯҳҳои мухталифи забонҳо тааллуқ дошта бошад ҳам, бунёди аслии нажодию антропологии онҳо як аст. Тақдири таърихии ин халқҳо ва маданияти онон пайвандҳои ногусастанӣ дорад. Тоифа ва қавмҳои туркӣ ва шарқиэронӣ, тоҷикон, ӯзбекон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна дар

хоки як давлати таъсисёфта, дар як шаҳр ва деҳкада паҳлӯ ба паҳлӯ зиндагӣ мекарданд. Матбуоти мустақил ба таърихи халқҳо аз нигоҳи ҷудоиандозӣ нигоҳ накардааст ва дар баҳсҳояш низ худхоҳӣ нест.

Баъзе тафовутҳои қавмию нажодие, ки дар навиштаҳои матбуот баҳс мешаванд, ҳеҷ гоҳ асоси муқобилгузории як халқ бо халқи дигар набуда, хислати бозгуфтани воқеияти таърихиро доранд. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар тараққиёти тамаддуни умумиинсонӣ ҳамаи мардумони Осиёи Миёна саҳми бузург гузоштаанд. Воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ҳам расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ ба масъалаҳои таърихи асримиёнагии халқҳои тоҷику ӯзбек аз он дидгоҳ наздик мешаванд, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ миёни тоҷику ӯзбекҳо рақобатҳои ҷиддӣ мавҷуд нест. Онҳо асрҳо ба ҳам бо некӣ зистаанд ва имкони ҳамкории дӯстонаи онҳо нисбат ба ҳар кадом халқҳои дигари Осиёи Миёна бештар аст. Донистани ҳақиқати таърихӣ ва эътирофи он бошад, барои аз миён бардоштани кинаву носозгориҳо мусоидат менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Усмонов И. Правда о таджиках. – Душанбе, 2006. – С. 3.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон. –Душанбе, 2008.- С.7.
3. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ.-Ҷ.3.-Душанбе, 2001. - С. 397.
4. Мейендорф Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару.-М.: Наука, 1975. – С. 103.
5. Бартольд В. Сочинение.-Т.2. -Ч.1.- С. 451.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. –Душанбе, 2008.- С. 513.
7. Усмонов И. Журналистика. Ҷ. 4. - Душанбе, 2011. – С. 429.
8. Ҳамон ҷо. – С. 436.
9. Собир Б. Аз «Гули хор» то «Симхор». –Москва, 2003.- С.36.
10. Қаноат М. Осори мунтахаб. Ҷ. 1. - Душанбе, 1982.– С. 98.
11. Ғафуров Б. Тоҷикон. –Душанбе, 2008.- С.43
12. Усмон И. Тоҷикон. - Душанбе, 2001. – С. 34.
13. Раҳимқулов Ҳ. Дар Ӯзбекистон ҳам тоҷикем! Ё саҳву хатогиҳои таърихии давлатдорони тоҷикон дар чист?// Нигоҳ -2009.-29 декабр
14. Зоҳидов О. Лӯхтакҳои сиёсӣ ва фоҷеаи миллии тоҷикон.// Нигоҳ. -2009. -22 октябр.
15. Беков С. Таҳрифи таърих- ҷиноят аст!.//Озодагон. -2009.-26 август.
16. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. К. 1. -London,1999. – С. 117.
17. Гулмуродзода П. Забон ва худшиносии миллӣ. – Душанбе, 2007.- С.207
18. Мирзоён З. Ислом Каримов вассофи Темури ланг.//Нигоҳ.- 2011.-12 январ
19. Ҳамон ҷо.
20. Гулмуродзода П. Забон ва худшиносии миллӣ. – Душанбе, 2007. – С.208.
21. История Узбекской ССР, Т. 1, 1967. - С. 380.
22. Мирзоён З. Ислом Каримов вассофи Темури ланг.//Нигоҳ.- 2011.-12 январ.
23. Шишов А.А. Таджики. –Ташкент.1910.- С.76.
24. Ғафуров Б. Тоҷикон. –Душанбе, 2008.- С.515-516.
25. Зоҳидов О. Лӯхтакҳои сиёсӣ ва фоҷеаи миллии тоҷикон.// Нигоҳ. -2009. -22 октябр.
26. Усмон И. Тоҷикон. - Душанбе, 2001. – С. 34.
27. Беков С. Таҳрифи таърих- ҷиноят аст!.//Озодагон. -2009.-23 июл
28. Шишов А.А. Таджики. –Ташкент.1910.- С.87.
29. Усмон И. Тоҷикон. - Душанбе, 2001. – С. 257.
30. Мирзоён З. Ислом Каримов вассофи Темури ланг.//Нигоҳ.- 2011.-12 январ
31. Раҷабиён Д. Бӯйи хоки хуногин. //Нигоҳ.-2010. -16 июн.

ОСОБЕННОСТИ ОСВЕЩЕНИЯ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА И УЗБЕКИСТАНА В ТАДЖИКСКОЙ ПЕРИОДИКЕ

Статья посвящена исследованию исторических особенностей зарождения и развития таджикско-узбекских отношений сквозь призму их оснащения в периодике различного периода. В нем, в частности отмечается, что отношения таджикских и узбекских народов в досоветское, советское и первые годы постсоветского периода основывались на доброжелательных соседских отношениях. В статье автором затронуты особенности освещения спорных моментов межкультурных и межэтнических связей Таджикистана и Узбекистана в современной таджикской периодике, в частности, относительно достояния таджикских мыслителей и поэтов, а также исторического наследия таджикского народа, которые после национально-территориального размежевания 1924 г. остались на территории соседней страны. На основе обобщения и сравнительной оценки мнений, отечественных и зарубежных специалистов по данной проблематике, автором обоснованы специфические свойства изложения и трактовки исторических фактов, которые были опубликованы в прессе на различных этапах формирования и развития межгосударственных связей двух соседних стран.

Ключевые слова: таджикский и узбекский народ, дружба и сотрудничество, история, отражение, важные проблемы, исторические события, этнический прогресс, столетие.

FEATURES OF LIGHTING THE RELATION OF TAJIKISTAN AND UZBEKISTAN IN THE TAJIK PERIODICAL PRESS

Article is devoted researches of historical features of origin and development of the tajik-uzbek relations through a prism of their equipment in the periodical press of the various period. In it, in particular it is noted that the relation of the tajik and uzbek people in pre-Soviet, Soviet and the first years of the Post-Soviet period were based on the benevolent neighbor's relations. In article the author mentioned features of illumination of disputed issues of cross-cultural and interethnic communications of Tajikistan and Uzbekistan in the modern Tajik periodical press, in particular, concerning property of the tajik thinkers and poets, and also historical heritage of the tajik people which after national - territorial delimitation of 1924 remained in the territory of the neighboring country. On the basis of generalization and a comparative assessment of opinions, domestic and foreign specialists in this perspective, the author proved specific properties of a statement and treatment of historic facts which were published in the press at various stages of formation and development of interstate communications of two neighboring countries.

Key words: tajik and uzbek people, friendship and cooperation, history, mutual, reflection important problems, historical events, ethnical progress, century.

Сведения об авторе: ***Хаитпур Расул*-** аспирант Таджикского национального университета

ТЕМАТИКА ИНВАЛИДНОСТИ В ТАДЖИКСКИХ СМИ: ОСНОВНЫЕ СТРАТЕГИИ ПРЕССЫ

Яна Якубова
Российско-Таджикский (славянский) университет

Социальная интеграция инвалидов в Таджикистане стала в последние годы одним из главных публично провозглашаемых государственных трендов социальной сферы. В 2008 году Республика Таджикистан подписала Конвенцию ООН о правах инвалидов. В 2010 году были приняты важнейшие поправки в законе об инвалидах, касающиеся права детей с инвалидностью на инклюзивное обучение в неспециализированных общеобразовательных школах. Именно продвижение этой инициативы было одним из главных направлений деятельности многих общественных организаций, включая СМИ.

Негласная дискриминация лиц по признаку наличия инвалидности стала признаваемым фактом: на совете по социальным вопросам, который прошел 13 мая 2008 года, президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон отвел ключевую роль проблемам людей с инвалидностью, на нем обсуждались вопросы взаимоотношений инвалидов с обществом, стереотипов инвалидности и даже того, какие выражения корректно или некорректно использовать в отношении этой категории людей. Значение журналистики, как важнейшего инструмента социальной интеграции инвалидов, было признано на высшем уровне. Так, 30 ноября 2009 года при союзе журналистов РТ прошел круглый стол о социальной ответственности СМИ в связи с рассмотрением тематики инвалидности.

Приятно констатировать факт тенденции появления интереса журналистов к тематике инвалидности в таджикских СМИ. Однако на данном этапе эта заинтересованность базируется больше на жалости. Журналисты не стремятся изучить данную проблематику и преподнести ее аудитории в новом аспекте. Они воспроизводят существующие социальные стереотипы об инвалидности.

Нередко журналисты прибегают к не совсем гуманным методам в подаче того или иного материала, связанного с инвалидами. Примером тому является материал, опубликованный в общественно-политическом издании «Азия-Плюс» «Что с нами будет?» Автор материала детально описывает жизнь 15- летнего мальчика с синдромом Дауна. Называя его «получеловеком» и призывая помочь ему стать полноценным человеком путем пожертвований со стороны «нормальных» людей, обращает внимание читателя не на возможности принять мальчика в общество, как полноценного члена, а на невозможность пройти мимо, не пожертвовав ему денег. Призывая к гуманизму, автор вызывает у аудитории сострадание, жалость, желание помочь. Эти посылки, в конечном итоге, приводят к побочным эффектам, о которых писали авторы теории наркотизирующей дисфункции СМИ П. Лазарсфельд и Р. Мертон. Наркотизирующая дисфункция состоит в том, что СМИ могут исчерпывающе информировать аудиторию о проблеме, создавая при этом у читателя

иллюзию социального участия. Гражданин может быть доволен своим высоким уровнем интереса и информированности, при этом он оторван от реальных социально организованных действий по ее преодолению. Его совесть абсолютно чиста. Он находится в курсе дела. Он информирован. Он имеет массу идей о том, что должно быть сделано. Но не более того. «Усталость сострадать» у потребителей информации происходит примерно так же, как эмоциональное выгорание у людей, связанных по своей профессии с оказанием помощи и деятельностью в чрезвычайных ситуациях: оно возникает от переизбытка событий, вызывающих это сострадание. Э. Даунс писал: «Жалкий образ вымазанной нефтью чайки или мертвого солдата бледнеет, после того как ты видишь это дюжину раз».[1,187-190]

Читатель привыкает к боли и страданиям, о которых он слышит слишком часто, он теряет чувствительность, становится равнодушным. Освещение темы инвалидности опасно последствиями этих двух эффектов. Таким образом, для журналистов обозначается вполне

определенная профессиональная проблема: как сделать привлекательной для

читателя тематику инвалидности? Большое значение для решения этой проблемы имеет профессионализм журналистов, который пока в таджикских СМИ отсутствует. Безусловно, писать или готовить видеоролики на данную тематику нелегко. Это не новости, и никоем образом не «сенсация». Однако если журналисты научатся правильно и интересно подавать материал такого характера, то аудитория рано или поздно заинтересуется. Ведь как это не парадоксально, скандальная информация про звезд, кто с кем разводится, кто что ест, кто как одевается, вызывает у читателя особое внимание, потому что журналисты отшлифовывают ее так, что сразу становится интересно. Для того чтобы незначительные новости вызывали у нас любопытство, они снабжаются хлесткими заголовками вроде: «мир потрясен»», «все в шоке!», «свидетели онемели!», «все упали!», «такого еще не видели!». Однако, заинтересовавшись подобной заметкой, мы никогда не находим в ней событий или высказываний, соответствующих громкому названию, но снова и снова попадаемся на удочку и прочитываем эти сообщения, теряя время и засоряя мозги информационным мусором.

Изучая публикуемые материалы, связанные с вопросами инвалидности, понимаешь, что журналисты не стремятся вникнуть в эту тему и в своих героев. Как правило, забывают, что они не только должны создавать позитивные медиаобразы, и тем самым менять отношения общества к инвалидам. Одно из главных завоеваний – влияние на законодателей и разработка законодательных инициатив, которые легли бы в основу нормативно – правовых актов в защиту прав людей с ограниченными возможностями. На сегодняшний день в законодательстве Республики Таджикистан, к сожалению, отсутствует акт реабилитации инвалидов. Кроме того, социальный пакет, выделяемый на нужды людей с ограниченными возможностями, катастрофически мал. По данным министерства труда и социальной защиты населения, «пенсия по инвалидности в 2012 году составила порядка 65,5 сомони» [5,12].

Данная сумма не охватывает минимальный набор продуктов питания. Не говоря уже о непродовольственных товарах и услугах, необходимых для сохранения здоровья. Средства массовой информации, а именно многие редакции не понимают, что, не изменяя представление о людях с инвалидностью, они тем самым теряют целый аудиторный сегмент, который вполне может быть рентабельным.

Дабы не быть голословной, приведу пример. Летом 2010 года в США вышла книга исследователя Бетт Холлера, под названием «Репрезентация инвалидности в аблеитском мире», основанная на одноименной докторской диссертации и содержащая результаты и исследования 11 американских печатных изданий. В книге затрагивались вопросы инвалидности, их социализации и интеграции в общество. СМИ привлекло это событие. Многие американские издания уделили большое внимание выходу данной книги. «The Guardian» пишет «…Книга действительно носит познавательный характер, она раскрывает инвалидность совершенно в другом аспекте. Автор нашел современный подход для настоящей социализации инвалидов. Это гениально…» [5].

Результатом явилась, заинтересованность правительства США, которое в свою очередь выпустило ряд поправок в отношении социальной обеспеченности инвалидов. Кроме того, по данным комитета по трудоустройству инвалидов, численность принятия на работу

инвалидов количественно возросла, доказательством тому служат слова, сказанные Начальником Департамента по трудоустройству инвалидов Альберта Мэтью, опубликованные в 13 номере газеты «USA Today» за 2012 год. «Проблема трудоустройства людей с ограниченными возможностями всегда стояла очень остро. Однако, за последние 6 месяцев, нами было устроено на работу порядка 60% людей, при том, что в прошлом году цифра не достигала даже 30%. На мой взгляд, это очень хороший показатель…» [6]. Заметно увеличилось число публикаций на эту тему, которые носили именно просветительский характер, а не воспроизводили существующие представления. Инвалиды стали аудиторией, которая стала вызывать коммерческий интерес у редакций. Появились новые рекламные ролики, призывающие приобрести технику специально для инвалидов. Приятно отметить, рекламные ролики за рубежом проходят под лозунгом: Жить, нельзя опускать руки!

Активные люди с инвалидностью заявили о себе, о своей многочисленности, о потребности в расширении тематики на повестке дня, и это открыло целый аудиторный сегмент, не охваченный производителями информации и рекламы. Спрос породил предложение, и в СМИ появились соответствующие материалы, что позволило редакциям расширить аудиторию и привлекать дополнительных рекламодателей. Данный пример является прямым доказательством того, что инвалиды могут быть абсолютно нормальными людьми. Таким образом, следуя логике, на основе американского опыта можно смело делать следующие выводы: 1. Концепция «Публичных арен»С. Хилгартнера и Ч. Боска, которая гласит «… в условиях пропускной способности изданий, естественно ограниченной количеством печатных полос, масштаб проблемы определяется количеством внимания, уделяемого ей функционерами публичных арен: политиками, судьями, журналистами, членами научных и религиозных организаций и других сообществ, принимающих активное участие в организации общественной жизни страны» [2,185]. Для привлечения внимания к тематике инвалидности необходимо лобби публичных элит. 2. Задача журналистов в процессе преодоления аблеизма - (дискриминации инвалидов) – придавать своим материалам просветительский характер, уделяя в текстах больше внимания именно информации об инвалидности, а не изложению собственных эмоций или созданию эффектов, рассчитанных на эмоциональную читательскую реакцию. Так как основным инициатором лоббирования являются журналисты, они первые должны брать инициативу в свои руки. Ведь инициативы публичных арен недостаточно для того, чтобы сделать тематику инвалидности привлекательной для читателя. Она должна отвечать и другим критериям: драматичность, новизна, актуальность, соответствие культурным предпочтениям. А это уже непосредственная компетенция и задача самих СМИ. Для того чтобы оценить, насколько сегодня таджикские СМИ готовы к ее выполнению, необходима оценка состояния их практики в настоящий момент. А для этого требуется анализ публикаций об инвалидности в крупных общественно-политических изданиях, в круг интересов которых входят социальная проблематика вообще и проблематика инвалидности в частности. Кроме того, необходимо соотнести позиционирование людей с инвалидностью на страницах массовой прессы с самопозиционированием их самих через публичные источники, каковыми являются блоги и специализированная пресса, последние из которых напрочь отсутствуют в Таджикистане. СМИ, повышая уровень открытости информации в современном таджикском обществе, создавая экспериментальные сайты, даже не пытаются создать сайт, связанный с инвалидами. Как правило, тематикой новосозданных сайтов и блогов в Таджикистане становятся новости и информация развлекательного характера. Акбарали Сатторов, генеральный директор ООО «Чархи Гардун», в своем интервью на тему: «Инвалиды, Религия, Общество» объясняет это тем, что это не событие последних 24 часов. Оно распространяется постоянно, изо дня в день. Не обладает динамизмом и новизной, необходимыми для того, чтобы эта ситуация была «новостью» [4].

Британский психолог Ричард Уайзмэн в своей работе "Assumptions" ("Предположения") пишет следующее: «В общественном сознании произошла своеобразная «нормализация» ситуации с проблемами инвалидов. Для подавляющего большинства эта проблема по-прежнему остается чем-то

далеким, угрожающим почти исключительно так называемым «группам

риска» (меня это не коснется, это где-то там….). Это базисная иллюзия собственного бессмертия, сквозь которую человек смотрит на всех, кого постигло горе»[5]. Как мы уже говорили выше, общество привыкло к изоляции инвалидов, поэтому их проблемы, так же, как глобальные проблемы человечества, такие как предотвращение термоядерной войны, несбалансированность во взаимодействии человека и природы, ВИЧ и т.д.

– это что-то далекое, происходящее с кем-то другим и массовому читателю неинтересное.

Ҳусни зан: муҳимтарин унсур эътимод аст, зеро алорағми вуҷуди адами таъйини иҷтимоӣ, фиқадони иттилоот ва эҳтимоли хатар, афроди даргир дар равобити иҷтимоӣ ба иллати эҳсоси мубтанӣ, ки нисбат ба ҳам доранд, ба идомаи робита мепардозанд ва дар мавқеиятҳои мухталиф ба якдигар эътимод мекунанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин мавридҳо, эътимодро ҳусни зани фард нисбат ба афроди ҷомеа таъриф мекунем, ки ин амр муҷиби густариш ва тасҳили равобити иҷтимоии фард бо соири афроди ҷомеа мешавад. Дар ин ҷо барои касби эътимоди бештар дар равобити иҷтимоӣ бояд маърифату садоқат, сароҳати саҳим кардан, тамойюлоти ҳамкориҷӯёна итминон истифода намуд, то равобити иҷтимоӣ мустаҳкам ва эътимод ҷалб шавад.

Хулос, бо таваҷҷуҳ ба густариши шабакаҳои моҳвораӣ ва дар назар гирифтани ин ки ҳудуди ду ҳазор шабакаи радио, телевизион ва ҳамчунин вуҷуди шабакаҳои иҷтимоии густурда чун интернет, “fasebook” “WEB” ва ғайра мебошанд.

Радио ва телевизион барои ҷалби мухотаби худ бояд:

1. Масоили фанниро ба сурати густурда бо кормандони тахассусӣ дар тамоми умури омӯзишӣ ва дар ҷазби онҳо кӯшиш кунад.
2. Сохти барномаҳои ҷаззоб, зебо ва пурмуҳтаво барои нишондан мухотаб канори телевизион.

3. Сохти барномаҳои омӯзишӣ, тафреҳӣ, саргармӣ ба сурати танз ва шеър барои мухотабон.

4. Истифода аз коршиносони сиёсӣ ва хабарнигорони мутахассис ва коромад дар амри хабаррасонӣ ва иттилоърасонии мардум.

5. Хабаррасонӣ ва иттилоърасонии ҳар чи зудтар (фаврӣ) барои ҷалби мухотаб доштан, садоқат, шаффофият, фаврӣ будан, барои эътимод бахшидан ба мухотаб.

6. Истифода аз муҷрии хабарии тавоно дар заминаи илмии хабаррасонӣ ва дорои дониши тахассусӣ барои телевизион, истифода аз коргардонони зубда ва боҳуш.

7. Истифода аз таҷҳизоти модерн барои кори хабаррасонӣ ва омӯзиш додни хабарнигорон дар шабакаҳои телевизионӣ умуре ҳастанд, ки барои ҷалби эътимод зарурӣ ва лозим мебошанд.

Дар поён, барои мисол дар соли 2008 дар интихоботи раёсати Ҷумҳурии Эрон, телевизиони Эрон бо баргузории мунозира байни номзадҳои мунтахаб ва ҳамчунин, коршиносони мутахассиси сиёсӣ ва имконоти фаннӣ ва ҳунарӣ тавонистанд 84 % мухотаб барои телевизион ҷазб кунанд ва эътимоди мардум ба телевизион зиёд шуда буд. Вале як моҳе баъд аз интихобот ба иллати адами садоқат ва шаффофият надоштани хабарҳо ва тарафдорӣ аз ҷиноҳи пирӯзии интихобот кам кам мухотабҳои телевизион рӯ ба коҳиш рафт ва эътимоди аввалия салб гардид ва ба самти шабакаҳои моҳвораӣ, “fasebook” ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ рӯй оварданд, ки ин худ хисоратҳои зиёдеро барои давлат ва радио ба ҳамроҳ дошт. Пас, бояд ҳамон тавре ки барои ҷазби мухотаб ва эътимоди он ба телевизион талош кард, бояд барои нигаҳдории мухотаб ҳам кӯшиш намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Меҳдии Амирконӣ. Эътимод чист. -Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Шаҳид Биҳиштӣ.- 2007.
2. Аҳмади Ғиёсванд. Эътимоди шаҳрвандон ба расона. –Теҳрон: Фаслномаи мутолеоти миллӣ.- 2009.
3. Алиаоғари Пурмуҳаммадӣ. Телевизион ва мухотаб. –Теҳрон: Марворид, 2007.
4. Рашидпур Иброҳим. Иртиботи ҷамъӣ ва рушди миллӣ. –Теҳрон: Муассиса, мутолеот ва таҳқиқоти иҷтимоии донишгоҳи Теҳрон, 2008.
5. Фаромарзи Рафеъпур. Эътимод ва ондумӣ. -Теҳрон: Суруш.- 2006.
6. Раҷабзодаи Таҳмосибӣ. Роҳнамои тавлиди барномаи телевизионӣ. –Теҳрон: Суруш.- 2005.
7. Биер Юкеф Н.С. Телевизион ва дектаринҳо дар Ғарб. Тарҷумаи Муҳаммадалии Ҳифозатӣ. –Теҳрон: Маркази мутолеот ва таҳқиқоти барнома.- 2008.

ДОВЕРИЕ ТЕЛЕВИДЕНИЮ

В статье автором рассмотрены проблемы и перспективы деятельности телевизионных каналов в Исламской Республике Иран. Телевидение - один из самых широкодоступных видов СМИ и остается лидирующим каналом информации. В сравнении с ним другие каналы коммуникации занимают куда более скромные позиции. Телевидение в общественном сознании является не только важнейшим источником оперативной повседневной информации о текущих событиях, но и главным, по сути, источником знаний о мире вообще, представлений о жизни. Интернет за несколько лет заработал себе серьезный кредит доверия, и большинство пользователей верят в то, что видят в блогах, на различных сайтах или просто в социальных сетях. Несмотря на указанные проблемы, интернет сегодня еще обладает значительным кредитом доверия пользователей, который телевидение уже во многом потеряло.

Ключевые слова: средства массовой информации и пропаганды, телевидение, идеологическая функция телевидения, интернет, кредит доверия пользователей, доверие интернету и телевидению в Иране.

TRUST TELEVISION

In the article the author considers the problems and perspectives of the activity of TV channels in the Islamic Republic of Iran. TV is one of the most commonly available types of media and is a leading source of information. In comparison with other communication channels occupy a much more modest position. TV in the public consciousness is not only an important source of daily information about current events, but also the main, in fact, a source of knowledge about the world in General, perceptions of life. Internet for several years has earned itself a serious vote of confidence, and most people believe what they see in blogs, on various websites or just in social networks. Despite these challenges, the Internet today still has considerable credit of trust of users and a TV lost much.

Key words: media and propaganda, TV, ideological function of television, Internet, credit trust, trust in the Internet and television in Iran.

Сведения об авторе: ***Мухсин Ризои*** – аспирант Таджикского национального университета

ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ РӮЗНОМАНИГОРИИ ҲИНД ВА ЭРОН

Меҳрии Рафъатӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърихи матбуоти Эрону Ҳинд ба воситаи ҳузур ва нуфузи забони форсӣ ва ҳунар, фарҳанг ва тамаддуни эрониву исломӣ ба муддати ҳашт қарн бо якдигар гиреҳ хӯрданд. Дар Ҳиндустон на танҳо забону адабиёти форсӣ густариш ёфт, балки аввалин матбуоти форсизабон арзи ҳастӣ кард ва Калкута яке аз муҳимтарин пойгоҳи матбуоти форсӣ гардида, аввалин давраи таърихи рӯзноманигорӣ дар Ҳинд бо забони форсӣ шакл гирифт. То он ҷо, ки Сайидҷамолиддини Асъадободӣ ва Муайидулисломи Кошонӣ саҳми муҳиме дар наҳзати истиқлоли Ҳинд доштанд, ки он аз тариқи қаламзанӣ барои матбуот будааст. Таърихи санъати чоп ва нашр дар Ҳиндустон ба таърихи матбуоти форсизабон оғози муштараке доранд. Нахустин дастгоҳи чоп дар Ҳиндустон тавассути як мусташриқи инглисӣ Чарлз Вил Кингз дар шаҳри Ҳугулии Бангол роҳандозӣ шуд, ки барои аввалин бор дар канори ҳуруфи Банголӣ, ҳуруфи форсиро низ тарроҳӣ кард.

То соли 1837 мелодӣ забони форсӣ забони расмии минтақаи Бангол буд ва китобҳои зиёде, аз қабили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, девони Ҳофиз аввалин бор дар Калкута ба чоп расид.

Барои аввалин бор Ҷемс Огустус Ҳики дар соли 1780 мелодӣ як ҳафтанома бо номи «Бангол газет» чоп кард. Ин ҳафтанома бо ҳаҷми кӯчак ва бо номи дигаре «Калкате Ҷенерол Адвер Тойзер» ба унвони аввалин рӯзнома дар сарзамини Ҳинд шинохта шуд.

Дар соли 1780 Ворен Ҳестингез аввалин фармондори компанияи Ҳинди шарқӣ дар Бангол иқдом ба таъсиси мадраса дар Калкута барои омӯзиш ва тарвиҷи забони форсӣ ва арабӣ кард, ки коллеҷи Муҳаммадони Калкута ном гирифт. Баъд аз он марокизи омӯзиши мунтазам ба забони форсӣ дар соири нуқоти Ҳинд эҷод гардид.

Бархе муҳаққиқон бо унвони нахустин пайдоиши матни форсӣ дар матбуоти Ҳинд ба чопи як огаҳӣ дар нашрияи «Индиана газет» дар соли 1781 ишора мекунанд ва баъд аз он метавон гуфт, ки таърихи пайдоиши рӯзноманигории форсӣ дар соли 1784 бо интишори ҳафтаномаи «Калкате газет» оғоз гардид. Ин нашрия дорои як сутуни матолиби форсӣ буд, ки муҳтавои он интишори ахбори Деҳлӣ ва Қалъаи сурх ё ҳамон маркази ҳукумат буд. Ба тадриҷ санъати матбуот ва рӯзноманигорӣ дар Ҳинд рушду густариш ёфт. Чопи нахустин нашрияҳои банголӣ, форсӣ, урду ва ҳиндизабон аз Калкута оғоз гардид. Роҷо Ром Муҳон Рой пас аз таъсиси ду ҳафтанома ба забонҳои англисӣ ва банголӣ дар соли 1821 ҳафтаномаи форсизабони «Миръот-ул-ахбор»-ро дар 12 апрели соли 1822 поягузорӣ кард, ки метавон онро аввалин нашрияи форсӣ маҳсуб кард. Бархе манобеи эронӣ ба рӯзномаи форсизабони дигар бо номи «Ҳиндустонӣ» ё «Ахбори Ҳиндустонӣ», ки тавассути Мусавӣ Икромалӣ дар Калкута мунташир мешуд, ишора карданд, вале то ба ҳол намунае аз ин нашрия дастрас нашудааст.

Муҳон Ройи ҳинду таҳти таъсири мутолиоти фалсафӣ, мабнӣ бар ақлгароӣ ва озодандешӣ забонҳои арабӣ, форсӣ, «Қуръон», улуми исломиро омӯхт ва «Миръот-ул-ахбор» ҳовии сармақолаҳои олимона ва ҷасурона буд ва дидгоҳҳои озодихоҳонаи он муваффақ ба ҷалби ҳимояти афроди мутараққии ҷомеа шуд. Меҳварҳое, ки ин рӯзнома дар интишори матолиби худ думбол мекард иборат буд аз:

1. Тарвиҷи сулҳу оштӣ байни фарҳангҳо ва адёни мухталиф;
2. Таҳрими фалсафа ва фарҳанги бостонии Ҳинд;
3. Таваҷҷуҳ ба фарогирии улуми ғарбӣ, навгароӣ ва ислоҳот;
4. Инъикоси интизороти мардум ва табақаи маҳруми ҷомеа;
5. Эҷоди пули иртиботӣ байни масъулини ҳукумат ва мардум;
6. Интиқод ҳамроҳ бо пешниҳоди созанда аз бархе сиёсатҳои давлат.

Дар шумораи нахусти «Миръот-ул-ахбор» ҳадаф аз интишори ин ҳафтанома ба забони форсӣ адами тасаллути мардуми кишвар ба забони англисӣ ва қобили дарки забони форсӣ тавассути ҳамаи ақшори ҷомеа унвон шудааст. Вай дар рӯзномаи худ ба густариши умури мазҳабӣ ва ислоҳоти умумӣ пардохт. Ин рӯзнома агарчи дар Ҳинд ва

барои мардуми он кишвар таҳия мешуд, вале шумораҳое аз он ба дасти бозоргонон, мусофирон ва маъмурони давлатӣ ба Эрон роҳ пайдо мекард. Замоне, ки дастури контрол ва назорат бар матбуоти Ҳинд аз сӯйи давлати Англия дар соли 1823 содир шуд, нашрияи «Миръот-ул-ахбор» бо салоҳдиди мудири он дар наздик ба солрӯзи таъсисаш таътил шуд. Муҳаққиқон ин иқдомро аввалин ҳаракати эътирозомези матбуот ба масъалаи сонсур ва маҳдудсозии матбуот медонанд.

Нашрияи дигар бо номи «Ҷоми ҷаҳоннамо» ба забони урду ва қабл аз «Миръот-ул-ахбор» интишор ёфта буд ва баъд аз ду шумора вижаномае ба забони форсӣ дар канори ин нашрия интишор дод. Ин вижанома тавонист бо ҷалби таваҷҷуҳи мухотабони худ ба тадриҷ ҷойи нусхаи урдузабонро бигирад ва ба унвони дувумин рӯзномаи форсизабон ба муддати пеш аз ним қарн ба ҳаёти худ идома дод.

Ба ғайр аз ин нашрияҳо дар Ҳиндустон матбуоти форсизабони дигар, аз қабили «Шамс-ул-ахбор», «Ахбори сейри омпур», «Оинаи Искандар», «Гулшани Навбаҳор», «Дурбин», «Ҳабл-ул-матин» аз соли 1823 то соли 1888 по ба арсаи матбуот гузошт

Сайидфариди Қосимӣ пажӯҳишгари таърихи матбуоти Эрон менависад, ки «беш аз 207 унвон нашрияи форсӣ дар ҳаждаҳ кишвар мунташир мешудааст, ки бештари теъдоди он, яъне 65 унвон марбут ба Ҳиндустон аст» [4,36] ва ин Пажӯҳишгар эълон медорад, ки бештарин теъдоди ин нашриёт дар шаҳри Калкута мунташир шудааст.

Фақат дар солҳои 1822 -1837 ҳадди ақал 9 рӯзнома комилан ба забони форсӣ ва 5 рӯзномаи дузабонӣ ё чандзабонӣ, ки яке аз забонҳояшон форсӣ буда, дар Ҳинд мунташир шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар ҳеч яке аз сарзаминҳои аслии форсизабонон рӯзномае интишор намеёфт.

Соли 1841 –ро бояд соли дурахшиши интишори рӯзномаи форсӣ дар Ҳинд донист, ки дар ин сол ҳашт унвон нашрия ба забони форсӣ мунташир шуд. То соли 1857 ҳеч гоҳ дар Ҳинд панҷ нашрияи мураттаби форсӣ ба табъ нарасидааст. Аз он сол ба баъд ҳамвора 2 ё 3 нашрияи форсӣ мунташир мешуд.

Дар қарни Х1Х дар Ҳиндустон танҳо забоне, ки дар масоили ҳуқуқ ва молӣ мавриди истифода қарор мегирифт, забони форсӣ буд. Ба ин гунае, ки давлати Англия барои анҷоми масоили идорӣ, бозоргонӣ ва молии худ аз нерӯҳои мутарҷим мусаллаҳ ба забони форсӣ баҳра мебурд.

Дар соли 1837 компанияи Ҳинди шарқӣ бо вазъи қонун ба унвони қонуни шумораи 29 перомуни забони бумӣ эълон кард, ки аз ин пас забони расмии кишвари Ҳинд забони англисиӣ хоҳад буд ва корбурди забони форсиро амалан мамнӯъ кард.

Сарзамини Ҳинд барои матбуоти Эрон навиди дигар буд. Зеро 15 сол пас аз интишори аввалин ҳафтанома дар Калкута дар соли 1837 мелодӣ нахустин нашрия дар Эрон бо ҳиммати Мирзосолеҳи Шерозӣ бо номи «Коғази ахбор» мунташир шуд, ки тавонист се сол умр кунад.

Дар рушд ва шукуфоии рӯзноманигорони Эрон андешаҳои истиқлолталабонаи Ҳинд нақши муассир доштанд. Афроде чун Мавлавӣ Муҳаммад Боқир-мудири нашрияи «Деҳли урдуахбор», ки бо чопи мақолаҳои интиқодӣ муҷиботи таҳрики афкори умумиро фароҳам меовард, вале лизо тавассути давлати Англия дастгир ва тирборон шуд.

Дар ин арса набояд нақши Сайидҷамолиддини Асадободиро дар ҷунбиши истиқлолталабонаи Ҳинд аз ёд бурд. Қалами буранда ва тунди ӯ алайҳи истеъмори Англия дар рӯзномаҳои форсизабони дохил ва хориҷи кишвар дар рӯшангарии ҷомеаи Ҳиндустон бисёр муассир буд.

Неҳру таъсири ин андешмандро дар бедории мардуми Ҳиндустон ба унвони бузургтарин ислоҳталабии қарни Х1Х муаррифӣ кардааст [7, 14-15].

Сайидҷамолиддин дар мубориза бо истеъмор такяи хос бар муборизоти матбуотӣ дошт. Ӯ замоне, ки дар Ҳайдаробод сокин буд (1881), нашрияи дузабонаи «Муаллими шафиқ» - ро ба кӯмаки яке аз шогирдонаш ба номи Муҳиб Ҳусейн мунташир карда, бештарин ҳиммати худро дар интишори матолиби форсӣ ва урду алайҳи истеъмори Англия гузорида буд.

Мақолаҳои интиқодии Сайидҷамолиддин сабаб шуд, ки давлати Англия ӯро аз Ҳинд табъид ва нашрияро тавқиф ва таътил кунад.

Аз мондагорҳои Сайидҷамолиддин дар ҳирфаи рӯзноманигории интиқодӣ метавон аз ҳафтаномаи «Урват-ул-вускӯ» ном бурд, ки пас аз табъид аз Ҳинд дар

Фаронса мунташир шуд ва решаи интишори нашрия низ дар Ҳайдарободи Ҳинд буд. Номи нашрия аз номи ташкилоти махфии «Урва»-и он шаҳр гирифта шуда, ҳазинааш низ аз сӯйи он ташкилот пардохт мегардид.

Интишори ин нашрия сабаб шуд, ки нуфузи Сайидҷамолиддин дар Ҳинд ва чанд кишвари дигари таҳти султаи Англия пештару бештар гардад. Бархе аз таърихнигорони матбуот навиштаанд, ки давлати Англия дар дасти ҳар кас нусхаи нашрияро медид, ҷаримаи нақдӣ мекард.

Ин рӯзнома низ пас аз интишори ҳаждаҳ шумора таътил шуд.

Сайидҷамолиддини Асадободӣ дар нашрияи «Қонун»-и Мирзомалкумхон, ки дар Лондон ба табъ мерасид, мақолаҳои интиқодӣ ба табъ мерасонд.

Ҳинд дар асри инқилоби машрутият аслитарини макон барои матбуоти интиқодӣ буд ва бо таваҷҷуҳ ба фазои бастаи сиёсии Эрон дар замони Қоҷор рӯзномаҳо дар хориҷ аз кишвар интишор меёфт ва онҳоро матбуоти дар табъид мегуфтанд, ки дар ин миён муҳимтарин рӯзномаҳои интиқодӣ дар Ҳинд чоп мешуд.

«Ҳабл-ул-матин», ки дар соли 1888 тавассути Сайидҷалолиддини Ҳусайнии Кошонӣ маъруф ба Муайидулислом дар шаҳри Калкута мунташир шуд, бо ҳимоят ва ташвиқ ва тарғиби Сайидҷамолиддин ба таъсиргузортарин рӯзнома дар асри машрутият табдил шуд.

Ин нашрия дар матолиби худ амалан зулм, ситам ва фасоди дарбор ва ҳукумати Эронро ифшо ва ба сароҳат мавриди нақд қарор медод ва ба ҳамин далел интишори он дар хориҷ аз Эрон ҳамеша ба ҷасорат ва сароҳати қалам машҳур буд. Мудири нашрия эътиқод ба иттиҳоди руҳониён ва равшанфикрон ба матбуот дошт. Ва ба ҳамин далел дах сол нашрияро ройгон барои уламои Эрон, Наҷаф ва равшанфикрон дар қораҳои мухталиф ирсол мекард.

Вуруди «Ҳабл-ул-матин» ба муддати 4 сол ба Эрон мамнӯъ буд, ки ба равишҳои мухталиф ба дохили кишвар анҷом мегирифт. Ин рӯзнома дар Эрон ва назди машрутахоҳон, аз ҷумла Сайидҷамолиддин ҷузъе аз матбуоти муқаддас ба шумор мерафт.

Тазаккурот ва ҳамалоти нависандагони «Ҳабл-ул-матин» ва гӯшзадҳои намояндагони расмии Эрон ба давлати Ҳинд мабнӣ бар хатарнокии қалами нависандагон муҷиб шуд, ки ҳукумати англисии Ҳинд ба баҳонаи талоши рӯзнома ва мудирияти он дар тира намудани равобити Эрону Ҳинд тасмим ба ихроҷи Муайидулислом аз Ҳиндустон гирифтанд.

Рӯзномаи ӯ, ки бозуи рости машрутият маҳсуб мешуд, ба муддати ҳашт сол тавқиф ва таътил шуд. Нашри муҷаддади нашрия дар ҳоле оғоз шуд, ки Муайидулислом ба иллати беморӣ наметавонист онро таҳриру такмил кунад ва ба ҳамин далел духтари ӯ ба унвони дабири дувум идораи онро бар уҳда гирифт. Нашрия то соли вафоти Муайидулислом (1930) мунташир шуд. «Ҳабл-ул-матин» - и Ҳиндустон дар соли 1325 ҳичрии қамари тавассути Мирзосаиди Ҳасани Кошонӣ-бародари Муайидулислом дар Теҳрон ба сурати рӯзона чоп шуд

Шароити ҳоким дар Эрон, ки таҳаммули сабки нигориши тундутези ин нашрияро надошт, баъди ду сол давлати Эрон дастури тавқиф ва таътилии онро содир кард.

«Ҳабл-ул-матин» ба муддати 40 сол дар арсаи матбуоти интиқодӣ ба фаъолияти худ идома дод ва ба унвони пойдортарин нашрияи форсизабон дар хориҷ аз кишвар маъруф шуд.

Тафаккури падидовардагони «Ҳабл-ул-матин» муҷиб шуд, ки Мирзо Ҳасан пас аз озодӣ аз зиндон аз Эрон ба шаҳри Калкута биравад ва дар он ҷо нашрияи интиқоди ба номи «Озод»- ро мунташир кунад.

Носири Парвин муҳаққиқи таърихи матбуот перомуни ин гуна нашриёт менависад: «Дар ҳангомаи машрутахоҳӣ, ки озодии қалам ҷойгузини инҳисори давлатии иттилоърасонӣ шуд, рӯзномаҳои ислоҳталаби бурунмарзӣ нуфузи пешинро дар дохили кишвар надоштанд, вале аз сӯйи дар эҷоди ҳамбастагӣ миёни эрониёни хориҷ аз кишвар мекӯшиданд ва аз сӯйи дигар дар ҳадди худ афкори умумии ҷаҳониёнро бо ормонҳо ва дурустии хостаҳои худкомиситезони дохили кишвар ва ҳамчунин дахолатҳои бегонагон дар умури дохилии Эрон ошно месохтанд» [6, 30].

А Д А Б И Ё Т
1. Амин Муҳаммад. Роҷо Ром Муҳон Рой ва “Мирот-ул-ахбор”//Маҷаллаи равобити фарҳангии Ҳинду Эрон.- Калкута, 2006, ҷ. 59.
2. Зокир Ҳусейн, Абдураҳим. Матбуоти сиёсии Эрон дар асри машрутият.- Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1368.
3. Қосимӣ Саидфарид. Саргузашти матбуоти Эрон. – Теҳрон: Созмони чоп ва интишороти вазорати Иршод,1380.
4. Мувасиқӣ Саидаҳмад. Сайидҷамолиддини Асадободӣ муслеҳи мутафаккир ва сиёсатмадор.- Қум: Бӯстони китоби Қум 1380.
5. Носирӣ Парвин. Таърихи матбуоти Эрон ва дигар порсинависон.-Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1377.-ҷ. 2.
6. Таваккулӣ Абдулҳусейн. Рӯзномаҳои форсизабони шибҳаи қораи Ҳинд// Эрон, 1381, соли 8, шумораҳои 2348 ва 2362.
7. Chapter VI: Journalisam",Report of the Committee for Promotion of Urdu, Ministry of Human Resource development (Govern ment of India), News Dehli, 1975).

ВЗАИМОВЛИЯНИЕ ИНДИЙСКОЙ И ИРАНСКОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ

В данной статье говорится о появлении первой персиязычной прессы В Индии и взаимодействии индийской и иранской журналистики. Также подчеркнут вклад таких просветителей как Роджо Ром Мухан Рой, Мирзосолех Шерози, Икромали Мусави, Сайидджамолиддин Асъадоболи, Муайидулислом Кошони и Сайидджалолиддин Хусайни Кошони в укрепление двухстороннего сотрудничества и развитие передовой мысли народов.

Ключевые слова: пресса, реформаторство, культурное сотрудничество, иранская и индийская журналистика, взаимовлияние, иранская пресса, индийская пресса.

MUTUAL INFLUENCE OF INDIAN AND IRANIAN JOURNALISM

This article considers the emergence of the first персиязычной press In India and interaction between Indian and Iranian journalism. Also highlight the contribution of such educators as rodjo Rum Мухан Roy, Мирзосолех Sherozi, Икромали Mousavi, Сайидджамолиддин Асъадоболи, Муайидулислом Кошони and Сайидджалолиддин husayni Кошони in strengthening of bilateral cooperation and development of progressive ideas of the peoples.

Key words: media, the reformation, cultural cooperation, Iranian and Indian journalism, interference, the Iranian press, the press in India.

Сведения об авторе: Мехри Рафъати – соискатель Таджикского национального университета

НАҚШИ МАТБУОТ ДАР ҲИФЗ ВА ҲИРОСАТ АЗ ЗАБОНИ ФОРСӢ

Алиасгар Зулфагарӣ
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Мо бояд риояти қавоиди забонро мисли риояти қавонини кишвар ва одоби либос пӯшидан муҳтарам бишуморем ва галат нанависем ва дуруст сухан бигӯем»
(Маликушшуаро Баҳор)

Шак нест, ки ҳифз ва ҳиросати забон, адабиёт ва хати форсӣ амри бисёр муҳим аст. Ҳама афроди як ҷомеа бояд дар посдорӣ аз фарҳанг, эътиқодот, муқаддасот ва арзишҳои ҷомеаи худ бисёр саъй ва талош дошта бошанд. Яке аз арзишҳои муҳим дар ҳар ҷомеа забон, адабиёт ва хати он ҷомеа аст. Чӣ бисёр забонҳое, ки ба далели бетаваҷҷуҳӣ ва саҳлангории гӯйишворонашон дар гузари замон мансух мегарданд ва дар натиҷа, фарҳанг ва ҳуввияти онҳо низ нобуд ва мансух мешавад. Ба таври қатъӣ дере намегузарад, ки ҳатто номе аз он кишвар ё миллат низ боқӣ намемонад ва агар бахт бо онҳо ҳамроҳ бошад, шояд битавон дар китобҳо ва манобеи таърихӣ номе аз онҳо пайдо кард. Бинобар ин, зарурӣ ва ҳайётӣ аст, ки масъулини болои кишварамон таваҷҷуҳи хоссе ба забон, адабиёт ва хатти форсӣ дошта бошанд ва ҳифзу ҳиросат аз меҳани азизамонро маҳдуд ба марзҳои хокӣ ва обӣ накунанд ва бо баҳрагирӣ аз назарот ва таҷрибиёти андешмандон, шароитеро фароҳам ованд, то хадшае ба забони куҳан ва аслии форсие, ки ҳуввияти ҳар эронӣ маҳсуб мешавад, ворид нагардад:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ (Фирдавсӣ).

Таърифи матбуот ва рӯзнома

Ба рӯзномаи айём дар ҳама пайдост,
Агар бихоҳӣ донист, рӯзнома бихон (Унсурӣ).

Дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муин матбуот чунин таъриф шудааст: «Матбуот-ҷамъи матбӯъ, навиштаҳои чопӣ, рӯзномаҳо, маҷаллаҳои матбуотӣ, мансуб ба матбуоти табъшуда, чопшуда, матбаа-чопхона» [1,37].

Дар қонуни матбуот мансуб ба соли 1364 матбуот чунин таъриф шудааст: «Матбуот иборатанд аз нашриёте, ки ба таври муназзам бо ном собит, таърих ва шумораи радиф дар заминаҳои гуногуни хайрӣ, интиқодӣ- иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, кишоварзӣ, фарҳангӣ, динӣ, илмӣ, фаннӣ, низомӣ, ҳунарӣ, варзишӣ ва назоири инҳо мунташир мешавад».

Ансории Лорӣ низ ба нақл аз китоби «Таърихи таҳлили матбуоти Эрон» навиштаи Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ менависад: «Вожаи рӯзнома калимаи мураккаб аз «рӯз» ва «нома» аст ва лафзи **рӯзномаҷ** ва **рӯзномаҷа** сурати муарраби он аст, ки то авохири давлатдории Қоҷория нависандагони эронӣ ба кор мебаранд. Аммо рӯзнома ба маънои роиҷи кунунӣ дар Ҳиндустон бо иқтибос аз тарҷумаи таҳтуллафзии newspaper ба кор рафт [1,39].

Тафовути тарзи интишори матбуот бо соири васоили иртиботи ҷамъӣ. Тафовутҳои бисёри айнии матбуот ва соири васоил иртиботи ҷамъӣ вуҷуд дорад. Дар ин қисмат бо баҳрагирӣ аз каломи арзишманди доктор Козим Муътамад Нажод-падари улуми иртиботот ва рӯзноманигорӣ дар Эрон, ба тафовути тарзи интишори матбуот бо соири васоили иртиботи ҷамъӣ ишора мешавад.

Интишори даврагӣ муҳимтарин хусусияти матбуот ба шумор меравад. Бояд донист, ки рӯзномаҳои рӯзона ва маҷаллаҳои ҳафтагӣ, вақоеъ ва масоили ҷориро ба ҳамон тартиби китобҳо ё радиоҳо ва телевизионҳо мунташир намесозанд, зеро ки китобҳо воқеаҳоро ва масоилеро, ки аҳамияти хос пайдо кардаанд ва дар фурсатҳои кофӣ мавриди арзишёбӣ қарор гирифтаанд, интишор медиҳанд. Дар ҳоле ки вақоеъ ва масоили мавриди назари радио ва телевизион ё дар ҳамон лаҳазоти вуқӯъ ё дар фосилаи камӣ пас аз он интишор мебинад ва чун гардонандагони ин ду василаи иртиботӣ кӯшиш доранд, ки ҷараёни онҳоро ба суръат пахш намоянд, имкони арзёбӣ ва таҷзия ва таҳлили дақиқ пайдо намекунанд. Аммо дар рӯзномаҳо хабарҳо на монанди он чи дар китобҳо мунташир мегардад, бо таъхир рӯ ба рӯ мешаванд, на мисли хабарҳои радиоӣ ва телевизионӣ бо шитобзадагӣ ҳамроҳ ҳастанд.

1. **Вусъати ахбор**. Фиристандаҳои радиоӣ ва телевизионӣ, ҳар бор ки ба интишори ахбор мепардозанд, ҳадди аксар бист то сӣ хабари кӯтоҳро, ки дар воқеъ камияти онҳо ба як саҳифаи рӯзнома ҳам намерасад, пахш мекунанд. Ба илова, барои интишор ҳар кадом аз ахбор ба тариқи шифоҳӣ ва ё ҳамроҳ бо тасовир, фосилаи замонии бисёр кӯтоҳе, ки аз ду ё се дақиқа таҷовуз намекунанд, ихтисос медиҳанд. Бад-ин тартиб қайдҳои онҳо дар амал ба иллати суръати баёни гӯяндагон ва тағйири тасовир, он тавре ки бояд ва шояд дар зеҳни шунавандагон ва бинандагон нақш намебандад ва ҷанбаи фирор пайдо мекунанд. Дар сурате ки рӯзномаҳои чопӣ дар саҳифаҳои мутааддиди худ метавонанд садҳо хабари мухталиф дарҷ намоянд ва чанд баробар ахбори кӯтоҳи радиоӣ ва телевизионӣ матлаби ироадиҳанда ва таваҷҷуҳи афродро ба худ ҷалб кунанд.
2. **Давоми ахбор.** Хабарҳои радиоӣ ва телевизионӣ ҳамеша қобили истифода наменонанд ва дар сурате ки шунавандагон ва бинандагон натавонанд дар вақтҳои муайяни пахши ахбор ба радио гӯш диҳанд ё ба телевизион нигоҳ кунанд, дигар барои касби хабарҳои мунташиршуда аз ин васоил имкони ҷадиде ба даст намеоваранд. Дар ҳоле ки матбуот ба таври мудовим қобили баҳрабардорӣ ҳастанд ва ахбори онҳоро метавон ба дилхоҳ дар вақтҳои мухталифи шабонарӯз, дар маҳалли кор, дар автобус ё хона нигоҳ карда, ба диққат мутолиа намуд ва дар сурати лозима дубора мурур кард ва бо хабарҳои рӯзномаҳои дигар муқоиса намуд. Илова бар ин, хабарҳои рӯзномаҳоро метавон нигаҳдорӣ кард ва ба унвони маъхаз ва манобеи мутолиот ва таҳқиқот дар оянда мавриди истифода қарор дод.
3. **Тунӯи ахбор.** Дар матбуот ба сабаби шароит ва имконоти васеътаре, ки барои таҳия ва интихобу дарҷи матолиб вуҷуд доранд, тунӯи ахбор беш аз барномаҳои хабарии радиоӣ ва телевизионию синамоӣ аст. Дар рӯзномаҳои чопӣ метавон бо таваҷҷуҳ ба гурӯҳҳои мухталифи хонандагон ва хостаҳо ва алоқаҳои мутафовити онон сутунҳо ва

сафҳаҳо ва ҳатто чопҳои ҷудогона эҷод кард ва анвои бешумори хабарҳои умумӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, варзишӣ, фарҳангӣ ва амсоли онҳоро чоп намуд.

Тафовути сабки нигориши матбуотӣ ва адабӣ. Агарчи нависандаи китоб ва рӯзноманигор ҳар ду обзори мушобеҳеро ба кор мегиранд, аммо тафовутҳои зиёди байни сабки нигориши матбуотӣ ва адабӣ вуҷуд дорад. Дар зер ба бархе аз ин тафовутҳо ишора мешавад:

1) . Як асари адабӣ бо ҳадафи ироаи як эҳсос, як андеша, як моҷаро ва ба салиқаи нависанда шакл мегирад. Нависанда мавзӯъро интихоб мекунад ва бо сабку салиқа худи онро мепарварад. Рӯзноманигор бояд хабарҳо, гузоришҳо, мақолаҳо ва мавзӯъҳоеро бингорад, ки дорои арзишҳои хабарӣ аст. Ӯ таслими раванди рӯйдодҳост ва чорае ҷуз инъикоси рӯйдодҳо ва тозаҳо, он ҳам матбуоти майл ва хоставу ниёзи мухотаби худ надорад.

2) . Нависандаи як асари адабӣ ҳар вақт дар худ ҳавсала, завқ ва эҳсосу ангезаи навиштан ёфт, менависад. Мумкин аст, як асар моҳҳо ва солҳо зери дасти нависанда бимонад ва ӯ бахшҳое ё тамоми онро борҳо бознависӣ кунад. Ҷуз дар мавориди нодир, ҳаргиз касе нависандаеро ба хотири таъхир дар ироаи асари худ зери фишор намегузорад. Дар рӯзноманигорӣ чунин нест, хабар ва гузориш агар дар соат ва рӯзи худ таҳия, навишта ва арза нашавад, беэътибор хоҳад буд.

3) . Кайфияти забони як асари адабӣ ба интихоби нависандаи он ихтиёр мешавад. Печидагӣ, истиора, ташбеҳ ва дигар саноеи лафзӣ ва маънавии адабиёт дар асари адабӣ на танҳо бад нест, ки лозим аст. Дар рӯзноманигорӣ аслан, муҳим интихоби забонӣ аст, ки бо кӯмаки он битавон ҳар мафҳумро ҳар чӣ содатар, сареътар ва ҷомеътар ба хонанда ё мухотаб мунтақил кард. Ин забон барои ҳар рӯзноманигор аз рӯйи таҷриба ва бар асари омӯзиш ҳосил мешавад.

4) . Дар асари адабӣ тозагӣ фақат дар нахустин давраи интишор имтиёзи муҳимме аст. Осори адабии хуб дар ҷомеа мондагор мешавад. Имрӯза, қарнҳо мегузарад, ҳанӯз ин осор эътибор ва аҳамияти худро ҳифз кардаанд. Дар матбуот ҳар хабар ҳар гузориш ва ҳар сармақола фақат дар рӯзи интишор ва дар замони вуқӯи рӯйдод доро эътибор аст. Дуруст фардои он рӯз, он хабар ва гузориш ба таърих мепайвандад ва танҳо аз назари баррасиҳои таърихӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

5) .Нависандагии адабӣ кори доим, замондор ва мураттаби алоқаи онон бар сари як замони муайян (ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар моҳ…) хонандаи матбуот ва мухотаби расонаҳо, дар саросариро ироа кунанд. Замони муқаррари хостори дарёфти паём аз расона ҳастанд.

6) . Нависандаи як асари адабӣ қайде дар риояти айниятҳои ҳаводис надорад. Дар воқеъ, ин аз имтиёзҳои як асари адабӣ аст, ки дар он тавсифҳо, ғулувҳо ва хаёлпардозиҳо роҳ ёбад. Ин аносир як асари адабиро зеботар ва ширинтар мекунад. Дар рӯзноманигории асл «айнӣ будан»-и гузориш ва хабар, аз усули ғайриқобили гуфтугӯ аст. Дар таърифи хабар мегӯем: Хабар бардошти айнӣ аз воқеиятҳост, ки дорои як ё чанд арзиши хабарӣ бошад ва эҳтимолан таҳти таъсири авомили даруни созмонӣ ва беруни созмонӣ шакл гирифтааст.

7) . Паёмнависони матбуот бар хилофи нависандагони адабӣ бо хонандагони ҳирфаӣ ва ошно бо насри адабие, ки теъдодашон низ маҳдуд аст, сару кор надоранд. Мухотабони онҳо гурӯҳи бузурге аз хонандагон аст, ки мисли тӯдаи бешакл ба сӯйи рӯзнома меоянд, матлабро мехонанд ва тавқеъ доранд, ҳама матолиби онро бифаҳманд. Аз миёни ин тӯдаи ноҳамгун одамҳои босавод, донишомӯзон, донишҷӯён ва ҳатто устодони донишгоҳ дар зумраи мухотабон ва хонандагони матбуот ҳастанд. Пас, муҳимтарин шохиси нигориши матбуотӣ он аст, ки бо истифода аз «забони меъёр» ин тӯдаи бешаклро шакл диҳад ва онҳоро бо як забони муштараки матбуотӣ ба якдигар пайванд диҳад. Соданависӣ асли аввал барои анҷом бахшидан ба тӯдаи бешакли хонандагони як нашрия аст.

8) . Нигорандаи сабки нигориши матбуотӣ бар хилофи нависандаи адабӣ аз изҳори назари шахс ҷиддан худдорӣ мекунад. Ӯ дар интиқоли хабар ва гузоришҳои хабарӣ аз ироаи тафсирҳои худ парҳез мекунад ва ин гуна тафсирҳоро дар мақолаҳои тафсирӣ ё гузоришҳои таҳлилӣ ироа медиҳад. Аксари хонандагон, бештар аз он ки ба дунболи ақоиди шахсии нависандаи матлаб бошанд, ба дунболи арзу ниёзҳои хабарии худ мебошанд.

9) . Шаммаи хабарӣ бо қудрати ташхис ва тамизи хабар, яке аз мушаххасҳои муҳимми як рӯзноманигори хуб дар кори гузиниши хабарҳост, ки пас аз он нигошта мешавад.

10) . Нависандагони адабӣ, маъмулан ниёзе ба шаммаи хабарӣ надоранд ва он чӣ ки барояшон бештар аҳамият дорад, нигориши макнуноти қаблӣ ба беҳтарин шеваи ҳунарӣ барои ҷазби хонандагони осори хеш аст.

Зарурати ошноии рӯзноманигорон бо усул ва қавоиди нигориш, дастури забон ва хатти форсӣ. Ин гумон, ки ҳар касе забонаш форсӣ бошад, бидуни он ки дар қавоиди забон ва ба корбурди он диққати огоҳона бикунад, метавонад ҳадф ва манзури худро ба рӯшанӣ бинависад, пиндори нодире аст. Дар воқеъ, ҳар нависанда бояд бо усули нигориш, қавоиди дастури забон ва дастури хат ошно бошад, то битавонад дар кори худ муваффақ бошад. Бо нигоҳе ба пешина матбуоти Эрон дармеёбем, ки дар гузаштаи на чандон дур афроди дорои дониш ва завқи адабӣ бидуни иттилоъ аз қавоид ва усули рӯзноманигорӣ қадам дар арсаи матбуот мегузоштанд. Имрӯза вазъ ба гунаи дигаре аст, яъне бештар рӯзноманигорон ё баъдтар академик ва ё ба шакли тачрибӣ бо усул ва қавоиди рӯзноманигорӣ ошно ҳастанд. Лекин ба ҷанбаҳои адабии кори нависандагӣ такрибан бегона ҳастанд. Аз он ки мухотабони расонаҳои навишторӣ қишри васее аз ҷомеа ҳастанд, рисолати хабар ва муҳимме аз ҳайси ривоҷи одатҳо ва равишҳои саҳеҳ ба дӯши онҳост. Дар воқеъ, мардум навиштаҳои матбуотро мустанад фарз мекунанд ва ин тасвирро доранд, ки ҳар чӣ матбуот менависанд, сурати матлуб аст. Аз ин рӯ, рӯзноманигорон зимни огоҳӣ аз усул ва қавоиди рӯзноманигорӣ бояд бо усул ва қавоиди нигориш, дастури забон ва хатти форсӣ низ ошно бошанд.

Тафовут байни вироиши навиштаҳои матбуотӣ ва соири навиштаҳо. Воқеияти хабар ғайриқобили тағйир аст. Вирасторони ҳирфаии матбуот ба равшанӣ медонанд, ки моҳияти хабар тағйирнопазир аст, яъне хабарро наметавон қалб кард ва онро тағйир дод. Агар бороні шадид сабаби ҷорӣ шудани сел дар шаҳр мешавад, наметавон ба ҷойи сел аз зилзила ном бурд, худкӯширо наметавон қатл таъбир кард. Рисолати хабарӣ иқтизо мекунад, ки хабар бекаму кост, бидуни тафсир ва изҳори назар ба огоҳии ҳамагон бирасад. Он чӣ дар мавриди вироиши хабар, аз ҷумла ихтисор ва кӯтоҳ кардани он ва тағйири сабки нигориш ва танзими техникӣ гуфта шуд, дар мавриди вироиши китоб сидқ намекунад. Сабки навишти китоб агар ба мазоқи вирастори китоби хеш наояд, ӯ ҳаққи тағйири сабки навиштро надорад. Он чӣ байни вироиши хабар ва китоб ва ҳар навиштаи дигар муштарак аст, ислоҳи ғалати имлоӣ ва риояти дастури забон аст. Албатта, бояд гуфт вироиши китоб кори басе вақтгир ва душвору аз сурати вироиши матбуоте, ки лозими умури рӯзноманигорӣ аст, ба дур аст. Аммо кори тахассусӣ аст ва вирасторони китоб ба гурӯҳҳои мухталиф ва тахассусҳои гуногун тақсим мешаванд ва аз умумият ва куллияти кори рӯзноманигорӣ мустаснӣ ҳастанд.

Ба таври куллӣ вироиши китоб низ ба ду ҷанбаи фаннӣ ва муҳтавоӣ тақсим мешавад, ки вироиши фаннии мутааддид ва матнӯъ аст. Масалан, аъмоли қавоиди расмулхат ва нишонаҳои фасл ва васл, параграфбандӣ, танзими зернавиштҳо ва ирҷоъ, яккадаст кардани сабти вожаҳо ва истилоҳот, мушаххас кардани ановини осор бо пораи вожаҳо ва ибораҳо, сабти лотинии истилоҳоти фаннӣ ва мафоҳими илмӣ, таъйини маҳалли тасовир, намудорҳо ва ҷадвалҳо, иҷрои завобити фромулнависӣ, татбиқи силсиламаротиби унвонҳо, зери унвонҳо ва дигар умури фаннӣ.

Дар вироиши муҳтавоӣ маҳдудияти аслии вирастор дар тағйири сабки асар ва ҷуз бо иҷозаи худи нависанда наметавон дар он даст бурд. Вирастори китобҳои тарҷумашуда низ фақат дар арсаи ҳифзи якдастии забон метавонад изҳор ва амал кунад [2,339-340].

Аҳамияти вироиш ва дурустнависӣ дар матбуот нисбат ба соири матолиби навишторӣ. Бар касе пӯшида нест, ки расонаҳои навишторӣ бо қишр ва гурӯҳе аз мардум сару кор доранд. Онҳо бо гурӯҳҳои бузурге аз хонандагон, ки мисли тӯдаи бешакл ба сӯйи рӯзнома меоянд, матолибро мехонанд ва тавқеъ доранд, ҳама матолиби онро бифаҳманд, дар иртибот ҳастанд. Аз миёни тӯдаи ноҳамгун, одамҳои босавод, донишомӯзон, донишҷӯёён ва ҳатто устодони донишгоҳ дар зумраи мухотабон ва хонандагони матбуот ҳастанд. Аз ин рӯ, матбуот чун донишгоҳи бузург ва ҳамагонӣ дар ривоҷи анвои одатҳо ва равишҳои дуруст ё нодуруст нақши муҳимме дорад.

Борҳо шунидаем, ки афрод барои исботи саҳеҳ ва дурустии каломи худ онро ба нашрия ва нашриёти хосе мансуб мекунанд. Ин зеҳният аз он ҷо ба вуҷуд омад, ки мардум ҳамвора нависандагон ва бавижа рӯзноманигоронро афроди бо дониши адаби боло қаламдод карда, ба таври тамом ва камол ба навишатҳои онҳо эмон доранд. Ҳол он ки агар ин донишгоҳи ҳамагонӣ дучори лағзиш ва дар корбурди калимаҳо, суръати ғалати онҳоро мавриди истифода қарор диҳад, бетардид ин бадомӯзӣ чун сели хурӯшон ба сӯйи якояки афроди ҷомеа ҷорӣ хоҳад шуд ва онро дар ташхиси саҳеҳе аз сақим дучори сардаргармӣ хоҳад кард.

Чароии адами таваҷҷуҳи бархе нашриёт ба маъқулаи муҳимми вирасторӣ. Иллати ин амрро бояд дар фақри моллии расонаҳо, фақри тахассусӣ ва фақри фарҳангӣ дид. Мутаассифона, дастандаркорони нашриёт нахустин сарфаҷӯйиҳои худро дар таҳририя лиҳоз мекунанд ва чун нодида гирифтани мизи вирасторон зоҳиран монеае бар сари роҳи интишори нашрия нест, муҳаррирон ҷузъи нахустин қурбониёни ин масъала мебошанд. Аз сӯйи дигар норасоии муҳаррири коромад ва ҳирфаӣ дар ин иртибот ба ин маъзул афзудааст. Дар шароите, ки норасоии хабарнигорони бо таҷриба, дабирони шоиста ва сардабирони корозмуда дар соҳаи рӯзноманигорӣ башиддат эҳсос мешавад, чи гуна метавон муҳаррironеро ёфт, ки ҳамтирози сардабирони нашриёт битавонанд қобилиятҳо ва коркардҳои паёмро афзоиш диҳанд.

Мавзӯи фақри фарҳангӣ низ аз он ҷо ношӣ мешавад, ки мутаассифона, нависандагон ва рӯзноманигорон, замоне ки ҷойгоҳи расонаи худро ёфтаанд, камтар пазирои интиқод аз сӯйи ҳамкорони худ мешаванд ва бо кӯчактарин ислоҳи навиштори худ, барошуфта ва муътариз мешаванд ва мавқеияти муҳаррironро мавриди таҳдид қарор медиҳанд. Дар чунин шароите аст, ки муҳаррирони тавоно дар мавқеияти сардабирон қарор мегиранд ва дар баробари ҳар ду вазифа хатаре, ки ба он супурда шудааст, коркардҳои онон камранг мешаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ансории Лорӣ Муҳаммад Иброҳим. Назорат бар матбуот дар ҳуқуқи Эрон.- Теҳрон, 1357.-320с.
2. Бадеӣ Наим ва Ҳусейн Қандӣ. Рӯзноманигории навин.- Теҳрон, 1378.-491с.
3. Озаранги Абдулҳасан. Шаммае аз иттилоот ва иртиботот.- Теҳрон, 1378.-231с.
4. Пурҷаводи Насруллоҳ. Дар бораи вироиш. Чопи 3.- Теҳрон, 1375.-260с.
5. Таваккалӣ Аҳмад. Мусаласи тиллоии навиштан барои матбуот.Чопи 1.- Теҳрон, 1383.-152с.

РОЛЬ ПЕЧАТИ В ЗАЩИТЕ И СОХРАНЕНИИ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье автором рассматривается роль печати в защите и сохранеии персидского языка на примере иранской печати.

Ключевые слова: персидский язык, печать, печатные издания Ирана, редакторы, защита языка.

ROLE OF THE PRESS IN THE PROTECTION AND CONSERVATION OF THE PERSIAN LANGUAGE

In this article the author examines the role of the press in the protection and сохранеии Persian language on the example of the Iranian print.

Key words: Persian language, printing, publications Iran, editors, protection of the language.

Сведения об авторе: ***Алиасгар Зулфагари*** - соискатель кафедры иностранных языков АН РТ

СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ АБРЕШИМ ВА РОҲИ АБРЕШИМ

Сулаймони Усмон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар гоҳе ки сухан дар бораи абрешим меравад, роҳҳои тиҷоратии он, ки аз давраҳои хеле қадим, ба воситаи онҳо корвонҳои молу ашё рафтуомад мекарданд, пеши назар мерасанд.

Корвонҳои пур аз молу ашё, ки дар байни амволи онҳо абрешим яке аз қиматтарин матоъ ба ҳисоб мерафт, роҳҳои тӯлонӣ ва мушкилгузареро тай менамуд, ки сабаби ба вуҷудоии кашмакашҳо барои ҳифзи молу чизҳояшон бо роҳзанон мегардид.

Тибқи маълумоти таърихнигорон истифода аз абрешим, хеле барвақт, ҳатто дар замони Ҷамшед низ маъмул будааст. Тавре ки дар ин бора “Таърихи Табарӣ” дар қисмати “Подшоҳии Ҷамшед” хабар медиҳад: “Ва аз паси ӯ Ҷамшед буд. Ва гурӯҳе гӯянд, ки бародари Таҳмурас буд. Ва гурӯҳе гӯянд, ки хеши ӯ буд. Ва чунин гӯянд, ки он кӣ нахустин силоҳ кард, ӯ буд. Ва силоҳи мардумон аз чӯбу санг буд. Ва шамшеру ҳарбаву корд ӯ кард. Ва карбос оварду абрешим ва қаззу рангҳои алвон” [2,68].

Аз хабари “Равзат- ус- сафо”, яъне “Ҷамшед ба истихроҷи қаззу абрешим пардохт”(10,666) низ, чунин бармеояд, ки дар замони подшоҳии Ҷамшед абрешим, на танҳо аз ҷойҳои дигар оварда мешуд, балки дар кишвари ӯ низ истеҳсол ва мавриди истифода қарор мегирифтааст. Вале дар бораи чӣ гуна, аз куҷо ва аз кадом роҳ оварда шудани он иттилое вуҷуд надорад.

Дар замони Дорюши Кабири Ҳахоманишӣ, ки тамаддун ба дараҷаи аълои худ расида буд, додугирифти маҳсулот бо кишварҳои дигар, бахусус, робитаи байниҳамдигари бо сатрапҳои таҳти назорати онҳо, хеле ривоҷ ёфта буд. Дорюши Кабир, тавре ки аз катибаҳо маълум мегардад, ҳангоми сохтани кохи Шуш, аз маводи зиёди сохтмонӣ истифода намудааст. Шейл (V.Sheil) аъзои гурӯҳи бостоншиносони фаронсавӣ ва хонандаи хатти мехии ин ҳайат катибаеро, ки аз зери пояи қасри Шуш ёфт шуда, қисматҳое аз он рехта, вале дар мафҳуми навиштаҳо таъсири чандоне нарасида буд, тарҷума кард.

Дар катибаи мазкур, ки ҳоло дар осорхонаи Париж қарор дорад, чӣ гуна сохта шудани қаср шарҳ ёфта, дар фасли панҷуми он аз Бохтар, Суғдиён ва Хоразм бурдани тилло, санги қимати лоҷувард ва фирӯза зикр гардидааст.

Далели дигаре, ки ин гуфтаро тасдиқ менамояд, бозёфтҳои бостоншиносон аз “Ганҷинаи Ҷайҳун” (Омударё) аст, ки онро соли 1878 кашф намуда буданд. Тибқи маълумоти бостоншиносон шояд ашёи он ба ганҷинаҳои асрҳои шашум ва панҷуми қабл аз милод тааллуқ дошта бошад. Аз ҷумлаи ашёи ҷолиби “Ганҷинаи Сайҳун” аробаи заррине аст, ки на танҳо аз лиҳози шоҳкории заргарӣ қобили аҳамият аст, балки намунае аз як аробаи салтанатиро намудор месозад. Дар як дастбанди тиллоии ин маҷмӯа, зинатдиҳӣ бо пораҳои санги лоҷувардӣ дида мешавад, ки дорои аҳамият буда, аз санъати ороишии он аср шаҳодат медиҳад.

Васфи комили ганҷинаи мазкур ба номи “Ганҷинаи Сайҳун” соли 1926 аз тарафи Далтон низ мунташир шуда буд, ки нақшҳои он бо нақшҳои тахти Ҷамшед комилан мутобиқ аст .

Таърихнигор ва бостоншиноси эронӣ Алии Сомӣ дар ҷилди чаҳоруми “Гузоришҳои бостоншиносӣ...” ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин навишта буд: “Дар зимни ашёи “Ганҷинаи Ҷайҳун”, ки қаблан зикри он рафт зарфи заррине аст бо нақши уқоби густурдабол. Дар тахти Ҷамшед низ ду сутуни азим бо сари уқоб ва як сафҳаи лоҷварӣ бо уқоби густурдабол ба даст омадааст. Ва дар даргоҳи шарқии кохи садсутун низ ҳайвони хайёлии Гриффон ҳаҷҷорӣ шуда, ки сару минқори он шакли уқоб, вале танаи ҳайвонӣ дорад” [19, 232].

Бозёфтҳои ганҷина бори дигар гӯёи он аст, ки додугирифти ашё дар замони Ҳахоманишиён бо роҳҳои корвонгузар хеле маъмул будааст. Ва Дорюш низ кӯшиш мекард, ки роҳҳои нав ба нав созад ва ба ин восита масъалаи тиҷорат ва додугирифтро низ ҳал намояд.

Бо абрешим мубодила шудани соири молу ашё низ яке аз василаи тиҷорат дар даврони бостон ба ҳисоб мерафт, чуноне ки дар ин бора донишманди мазкур навиштааст: “Ба таври куллӣ дар ҳар нуқтае аз дунё ва дар ҳар кишваре аз кишварҳои бостонӣ бо ҷинсе, ки дар он навъҳои бештар вуҷуд дошт ва мавриди ниёзи мардум буд, додуситад василаи мубодилаи коло қарор мегирифт. Масалан, дар баъзе навоҳӣ гӯшмоҳӣ, баъзе ҷоҳо санги ҷахмоқ, чинӣ, марворид, санги яшм, косаи сангпушт, абрешим, катон, баъзе дигар чорпоён монанди гов ва асбу хар, дар Юнон ҳам чорпоён ва дар Ҷопун биринҷ ва дар Осиёи Марказӣ бастаи чойи қолабзада” [20. 136].

Қолинбофӣ дар замони Ҳахоманишиҳо, яке аз ҳунари хеле куҳан маҳсуб мешуд. Гузаштагони онҳо, яъне эрониёни қадим аз ҳамон замоне, ки дар зери чодарҳо зиндагӣ мекарданд, аз пашми гӯсфандон фаршҳо мебофтанд, ки нишонаҳои он дар осори боқимондаи онҳо ба мушоҳида расидаанд, ки ба асри дувоздаҳи қабл аз милод тааллуқ дорад. Сипас, ҳунармандони давраи Ҳахоманишӣ онҳоро бо рангҳои ҳархела зебу зинат доданд, то он ҷое ки машҳури ҷаҳон гашт ва ба дигар кишварҳо содир гардид.

Доктор Исо Беҳном бостоншинос, устоди донишгоҳи Теҳрон баъди дидор аз фаршҳои кашфшудаи Ҳахоманишиён дар Позирик мақолае таҳти унвони “Фанни зарибофӣ дар Эрон”, ки дар шумораи понздаҳуми маҷаллаи “Ҳунар ва мардум” (соли 1342) ба нашр расида буд, чунин изҳори назар намудааст: “Бовар намекунам, ки падарони мо 2500 сол қабл масокини худро бо қолӣ фарш мекарданд. Вақте суҳбат аз қолии макшуф дар Позирик ба миён омад, тасаввур мекардам, мақсуд гилем аст. Дар воқеъ гилем фақат тору пуд дорад, вале қолӣ илова бар тору пуд шомили гирехҳо аз пашм ё абрешим аст, ки онро ба сурати махмал менамоёнад ва нақшҳои зебои онро ба вуҷуд меоварад. Дар Ленинград вориди толорҳое шудам, ки қолиҳои Позирик дар он ниҳода шуда буд. Ба чашми худ дидам, ки воқеан қолӣ ҳастанд на гилем ва ба илова бисёр зебо ҳастанд. Зебоӣ ва марғубияти ҷинси онҳо нишон медод, мардуме, ки онҳоро бофтанд қарнҳост ба ҳунари қолибофӣ ошноӣ доранд”[Ниг.: 20. 269].

Тавре ки аз навиштаи ин донишманд бармеояд, кор гирифтан аз абрешим таърихи бостонӣ дошта, на танҳо барои сару либос, балки барои қолинбофӣ низ, ба кор рафтааст.

Либос ва тарзи таҳия намудани он дар замони Ҳахоманишиҳо таваҷҷуҳи эронишиноси олмонӣ Хайд Мори Куҳро низ ба худ ҷалб намуда буд. Ӯ дар бахши “Либос”- и китобаш “Аз забони Дорюш” роҷеъ ба ин масъала фикру назари худро баён намуда, ҳатто дар корхонаҳои дарбори шоҳ ба амал овардани абрешимро имконпазир дониста, навиштааст: “Ин имкон вуҷуд дорад, ки дар коргоҳҳои дарбори шоҳ абрешим низ ба амал оварда мешудааст. Тавлиди абрешим аз дер боз дар Чин маъмул буд, аммо аз пиллаи абрешим чунон ҳифозат мешуд, ки ба хориҷ аз кишвар роҳ намеёфт. Дар гӯри шумораи панҷи ёдшудаи Позирик дар канори ашёи воридотӣ аз Эрон, қитъапарчаи абрешимии чинӣ бо сӯзандӯзии бисёр зариф ва бофтаҳои абрешимии дигаре пайдо шудааст. Ҳатман шоҳони Эрон низ қодир ба доро шудани ин чизи пурбаҳо будаанд. Махсусан, ки дар Ҳиндустон аз оғози ҳазораи аввали пеш аз милод ва шояд ҳеле пештар, абрешими худрӯй ба даст меомад ва ҳамин тавр дар Ошур. Порчаи абрешим фақат метавонад аз тариқи эрониҳо ба Отан роҳ ёфта бошад. Бинобар ин, метавон гумон бурд, ки эрониҳо абрешимро мешинохтанд ва аз он барои либосҳои гаронбаҳои худ истифода мекарданд” [22. 244-245].

Дар бахши “Ганҷинаи ҳунари Эрони бостон, Қафқоз ва Осиёи Миёна”-и китоби В.Г Луконин, ки он дар ососи манбаъҳо ва бозёфтҳои бостоншиносон ва намоишгоҳи толори Георгиеви Эрмитаж ба анҷом расида буд, чунин зикр гардидааст: “Ҳунари Эрон дар намоишгоҳ, дар муқоиса ва баъзан дар муқобилгузорӣ бо ҳунари Қафқоз, Осиёи Миёна ва Осиёи Марказии асрҳои VIII то милод ва асри VIII милодӣ намоиш дода шуд. Чунин қиёс таърихан асос ёфтааст на барои он ки тақдири ин халқҳо умумӣ ва дар ин ҳудуд ҷой гирифтаанд, балки барои он аст ки саҳмгузории халқҳои Қафқоз ва Осиёи Миёна дар фарҳанги Эрон хеле назаррас аст. Ҷиҳати дигар он аст, ки ба сифати идеяи асосии намоиш масъалаи робитаи дутарафаи тамаддунҳо пешниҳод гардид. “Ин масъала, на ба омӯзиши тамаддунҳое, ки дар ҳудуди марзу буми мушаххаси сиёсӣ ва ё давлатҳои алоҳида, ки аз аср ба аср дучори тағйирот шудаанд, балки дар сарзаминҳои нисбатан васеъ дар ҳудуди минтақаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, дар он ҷойҳое, ки дар замонҳои гуногун, гоҳҳо якчанд давлатҳо ва ё якчанд гурӯҳҳои этникӣ вуҷуд доштанд, асос ёфтааст” [6,91].

Таърихнигорон таъсири ҳунари эрониёнро ба кишварҳои дигар, аз ҷумла, ба ҳунари халқҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ, Чин ва ҳатто аз Атлантик то уқёнуси Ором паҳн гардидани онро низ зикр намудаанд. Масалан, тибқи ишораи бостоншиносон дар пуштаҳои Олтой, порчаҳои (матоъҳо) бисёр хуб ёфт шуданд, ки асосан ба асри V то милод тааллуқ доранд. Дар дафнгоҳи пешвоён дар Ноил-уле (шимоли Муғулистон) ҳам порчаҳои беҳтарини эронӣ пайдо шуда буд.

Тибқи маълумоти маъхазҳо ва бозёфтҳои бостоншиносон тамоми молҳо, аз ҷумла, абрешим, ки дар давраҳои бостонӣ, яке аз беҳтарин ва қиматтарин матоъ ба шумор мерафт, тавассути роҳи абрешим аз Эрон ба Чин ва дигар кишварҳо, кашонда мешуд.

Ин ҳунар минбаъд идома ёфта, дар давраи Сосониён дубора авҷ гирифт ва тибқи ишораи донишмандон абрешим яке аз маҳсулоти асосии санъатгарон маҳсуб шуд. Донишманди Дания, профессори донишгоҳи Копенгаген, устоди илми луғати эронӣ Артур Кристенсен (A. Christensen) дар бахши “Саноат ва тиҷорату ҷодаҳо” ба ин масъала дахл намуда, фикри сайёҳи машҳури чинӣ Ҳиюн Тсиёнгро (Hiuen Tsiang), ки дар оғози қарни ҳафтуми милодӣ вазъияти мамлакатҳои мағриби Осиёро шарҳ дода буд, аз асари S.Beal (Ниг.:15.137) иқтибос намудааст, ки ӯ ба таври хулоса дар бораи маҳсулоти саноатии Эрон чунин маълумот дода буд: “Маҳсулоти умдаи ин кишвар тилло ва нуқраву мису булури кӯҳӣ ва марвориди нодир- ул- вуҷуд ва маводи гаронбаҳои дигар аст. Санъатгарони ин мулк порчаҳои абрешимӣ ва пашмиву қолин ва чизҳои дигар мебофанд”.

Кристенсен, сипас дар ин кор таҷрибаи зиёд доштани эрониёнро дар истифода аз асирони ҷангӣ, ки ба гурӯҳҳо тақсим намуда, дар қисматҳои мухталифи кишвар сокин буданд, шарҳ дода, ба кадом корҳо машғул шудани онҳоро дар асоси навиштаҳои Ҳеродот, Масъудӣ ва Шпигел (Shpiegel) чунин тавсиф кардааст: “Шопури дувум асиронеро, ки дар шаҳри Омида дастгир карда буд, байни Шушу Шуштар ва соир билоди Аҳвоз ҷой дод. Ва ин мардум анвои ҷадиди абрешимдӯзӣ ва зарибофиро дар он ҷо ривоҷ доданд. Бештари вақтҳо ин қабил маконҳо, ки ба василаи асирон обод мешуд, ба зудӣ хароб шуда, гоҳе ҳам давому пойдорӣ меёфт”. Ӯ дар ҷойи дигари асари худ баъд аз шарҳи роҳҳо ва шоҳроҳҳои тиҷоратӣ, абрешимро, ки яке аз молҳои асосӣ ва муҳим ба ҳисоб мерафт, чунин шарҳ медиҳад: “Муҳимтарин молҳое, ки ба сурати транзит аз Эрон мегузашт, абрешим буд, аммо чун эрониён миқдори бисёре аз абрешими хоми Чинро, ки ворид мекарданд ба худ тахсис медоданд, қодир буданд, ки маҳсулоти хешро ба ҳар қимате бихоҳанд, ба мамлакатҳои мағриб замин бифурӯшанд. Аз қарни шашум ба баъд, аҳолии Бизонс ба шинондани ниҳоли дарахти тут ва тарбияти кирми абрешим муваффақ шуданд ва то андозае аз ворид кардани абрешими хориҷӣ бениёз гардиданд. Туркон ба таҳрики иттибои суғдии худ кӯшишҳо карданд, аз Хусрави аввал иҷозаи убур додани абрешими худро аз хоки Эрон ҳосил кунанд, аммо натиҷае набахшид” [Ниг.: 15.137- 140].

Маълумот роҷеъ ба абрешим ва шеваи корбурди онро дар замони Сосониён, инчунин, дар асарҳои донишмандони дигар аз ҷумла, дар асару мақолаҳои Э.Ҳертсфелд (Herzfeld) [12] низ дучор меоем.

Алии Сомӣ дар бахши “Либос ва зинатҳои шоҳона”-и китоби худ “Тамаддуни Сосонӣ” ба ин масъала таввақҷуҳ намуда, аз китоби “Тоҷ”-и Ҷоҳиз иқтибосеро меоварад, ки дар он аз тарзи дӯхта шудани либосҳои шоҳон сухан рафта, чӣ гуна аз абрешим кор гирифтани онҳоро дар ин давра нишон медиҳад: “ Ва он чиро, ки подшоҳон бар рӯйи пироҳан мепӯшиданд, гоҳ буд, ки то як сол бибардоштанд ва бархе аз ҷомаҳои фарох ва гаронбаҳоро, ки бар домонаш бӯтаҳои абрешимӣ ё зардӯхти пуркор буд, солҳо мепӯшиданд” [21,18].

Тавсифи либосҳои шоҳона бо порчаҳои ҳариру дебо ва абрешим дар “Муқаддима”-и Ибни Халдун низ зикр ёфтааст: “Одат ба ин ҷорӣ будааст, ки

дар порчаҳои ҳариру дебо ва абрешим, ки барои ҷомаи салотин таҳия мешуд, бо риштаҳои зар ё риштаҳои ғайри зар, ки ранги он бо ранги замина тафовут дошт, номи шоҳон ё аломатҳоеро, ки мухтас ба эшон буд мебофтанд. Аз ин ҷомаҳо ба ашхосе, ки шоҳ мехост эшонро ташриф диҳад, ё ба яке аз вазоифи давлат бигуморад иҷозаи пӯшидан ато мешудааст. Низ мегӯянд, ки пеш аз ислом шоҳони Эрон мефармуданд, ки дар порчаи ҷомаи эшон, хоҳ суратҳо ва тимсолҳои худашонро ва хоҳ бархе суратҳо ва ашколеро, ки ба ҷиҳати ин кор муайян шуда буд, нақш кунанд” [16.140].

Дар бораи тарзи либоспӯшии замони Сосониён ва аз порчаҳои пашмӣ ва абрешими таҳия шудани онҳоро донишманди дигар адиб, нависанда ва муаррихи бузурги Эрон дар қарни чаҳорум ва оғози қарни панҷум, Абӯмансур Абдумалик ибни Муҳаммад Саолабии Нишопурӣ, ки дар ҳарду равиш, ҳам дар равиши насри маснӯъ ва ҳам дар равиши мурсал устод буд, чунин тавсиф намудааст: “(Шоҳ) Пурсид муносибтарин либос кадом аст? Гуфт либосе аст, ки барои баҳор аз порчаи марв ё дабиқӣ ва барои тобистон аз порчаи тузӣ ва шатавӣ ва барои пойиз (тирамоҳ) аз ақшамои (порчаи нахӣ) рай бо пуди (нах) дуло (дуто) ё порчаи махлут ва барои зимистон аз порчаи пашмӣ ва абрешимӣ ё пӯсти хаз таҳия шуда бошад ва дар шиддати сармо либоси абрешимӣ ва пашмӣ, ки аз ҳамон порча астаркашӣ шуда бошад. Ва порчаи ғафсе гирди он ниҳанд ва пурсид роҳҳатарин бистар кадом аст? Гуфт болиштҳои зарии иборат аз пар, ки яке рӯйи дигаре ниҳода бошанд” [18.341].

Тиҷорат ба роҳи корвон меҳвари иқтисодии давлати Портҳо низ маҳсуб мегардид. Дар давраи Сосониён савдои байналмилалӣ дубора эҳё гардида, моли асосӣ ба мисли асрҳои пеш, абрешим ба ҳисоб мерафт, ки дар пешравии иқтисод ва муносибатҳои дипломатӣ ҳам нақши муҳим бозида буд. Матоъҳои абрешимӣ ба сифати туҳфа ба шоҳон сафирон, сардорони қавму қабоил ва соир коргарони давлатӣ супорида мешуд.

Суғдиён ҳам дар асри VI истеҳсоли порчаҳои абрешимиро зиёд намуда, кӯшиши барқарор намудани тиҷоратро бо Византия ба роҳи дигар, ки вориди Эрон намешуд, пеш гирифтанд. Шоҳони Бизонс низ, дар навбати худ кӯшиш мекарданд, ки аз инҳисори савдогарони эронӣ халос шаванд. Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки Бизонс ва ҳоқони турк чандин бор сафирони худро иваз намуданд ва дар натиҷа роҳи нави тиҷорат ба воситаи Қафқоз низ барқарор гардид [Ниг.: 9. 13].

Аз ахбори донишмандони бизонсӣ ва арабӣ ҳам бармеояд, ки Суғдиён бо абрешими худ дар бозори ҷаҳони абрешим нақши муҳим бозидаанд. Вале тибқи навиштаҳои донишманди рус А.А. Иерусалимская [Ниг.:5.119-126] абрешими суғдӣ то даврaҳои наздик, маъмулу машҳур набуд. Ва моро барои нахуст, бозёфтҳои баъд дар соҳаи таърихи бофандагӣ бо абрешими ҳақиқии суғдӣ, ки ба номи занданичӣ ёд мешавад, ошно сохт ва дар ин бора таҳқиқоти Д. Шеперд ва В.Б. Ҳенинг низ возеҳу равшан шаҳодат медиҳанд.

Онҳо мувофиқи назари муаллифи мазкур, бар чунин ақидаанд, ки дар кори бофти абрешими суғдӣ, ҳам таъсири бофти эронӣ ва ҳам то андозае таъсири бофти чинӣ ҳис карда мешавад. Лекин, чанде аз далелҳои манбаъҳои хаттӣ, имконият медиҳанд, тахмин намоем, ки ба бофти абрешими суғдӣ, инчунин таъсири марказҳои абрешимбофии бизонсӣ низ, расидааст. Ӯ барои тасдиқи фикр ба омилҳои нишондодаи Менандр, ки онҳоро Н.В. Пигулевская [9.207] ҳам, мавриди таҳлил қарор дода буд ва ба андешаҳои Н.Митина [7], ки сари ин масъала фикрҳои ҷолибе баён кардааст, пайравӣ намояд

Донишмандони мазкур, ба қавли Иерусалимская, саршавии хатти алоқаро байни Суғд ва Бизонс, ки дар охири асри VI ба воситаи Қафқози Шимолӣ, баъди нокомии музокироти сафири Суғд Маниах бо Хусрави I дар бораи фурӯши абрешим дар Эрон, мегузашт, зикр намудаанд, ки кушодашавии ин роҳ, сабаби зиёдшавии матоъҳо (порчаҳои абрешимӣ ва ғ.) шуда буд, ки намуна барои тақлид буда метавонад.

Тавре ки аз асару мақолаҳои ин донишмандон, бармеояд марказҳои абрешимбофии Суғд, аз танҳо аз таъсири бофти эронӣ, чинӣ, бизонсӣ ва кишварҳои зери итоати он бархурдор буд, балки бо бофтаҳои худ низ ба онҳо таъсир расонида, кӯшиши бо роҳи худӣ ороиш додан ва ба тиҷорат пешниҳод карданро доштааст, ки ба ин бозёфтҳои аз гӯрхонаҳо пайдо шуда низ, гувоҳӣ медиҳанд.

Танҳо дар солҳои охир [5.58], вақте ки ба таври муназзам равиши бофти абрешим омӯхта шуд ва якчанд кашфиёти муҳим дар таърихи бофандагии бостон ба анҷом расид, асоси нисбатан боварибахш барои муайян кардани макон ва замони тайёр намудани гурӯҳҳои алоҳидаи матоъҳо ба вуҷуд омад.

Ба қатори охир, гурӯҳи матоъҳои абрешимии суғдӣ, ки ба маҳаллаи Занданаи назди Бухоро тааллуқ дошт, дохил мешавад.

Д.Шеперд ба қавли муаллифи мақола, дар тарафи дигари яке аз порчаҳои ин навъ, навиштаи суғдиеро бо номи порчаи “занданачӣ” пайдо кард, ки бешак макони сохту бароварди чунин абрешимҳо буд, ки на танҳо барои таърихшиносони соҳаи бофандагӣ ва барои таърихшиносони Осиёи Марказӣ, балки чӣ хеле ки аз равиши минбаъда дида шуд, бешубҳа барои таърихшиносони Қафкози Шимолӣ низ бисёр муҳим мебошад.

Шеперд таҳқиқоти худро танҳо ба як гурӯҳи ин абрешимҳо, ки ба номи занданачии I ёд мешавад бахшида, чанде аз хусусиятҳои равиши бофти онҳоро мавриди омӯзиш қарор дода буд. Вале Иерусалимская, тибқи маводи банашррасида, боз тақрибан 20 навъҳои чунин абрешимҳоро, ки дар осорхонаҳои мухталифи Аврупо ва Амрико (яъне дар Берлин, Ганновер, Брюсел, Леж, Лион, Париж, Лондон, Рим, Флорентсия, Вашингтон, Ню–Йорк, Лос – Анҷелос ва ғ.) мавҷуданд, зикр намудааст, ки ба гуфтаи ӯ боз ду гурӯҳи дигар занданачии II ва занданачии III-ро ташкил медиҳанд, ки дар якҷоягӣ бо ҳашт навъи занданачии I маводи кофиро барои андешаронӣ роҷеъ ба хусусиятҳои абрешимҳои суғдӣ, ба умум дода метавонанд.

Муаллифи мақола бо нишон додани тамоми хусусиятҳои ин навъи абрешимҳо, бори дигар исбот намуд, ки бофтаи порчаҷои абрешимии Суғдиён бо сохти худ, аз дигар намуди бофтаҳо тафовут дорад. Ӯ дар ин навъи абрешимҳо, ба ҷуз иқтибосот аз услубҳои бизонсӣ ва сосонӣ, равиши махлути рангорангро бо бахшҳои иловагӣ ва бофтаҳои хоси онҳо таҳқиқ намуд, ки ба бофтаҳои бизонсӣ ва сосонӣ хос нестанд. Намунаи ин навъи матоъҳои абрешимӣ бо нақшу нигори худ, нисбат ба бофтаи матоъҳои абрешимии сосонӣ, қустантанӣ ва ё искандарӣ, ки то ҳол омада расидаанд фарқ дошта, на ҳамеша мутаносиб, балки бештар вилоятӣ ҳастанд. Новобаста аз ин, услуби бофтаи онҳо бисёр маҳкаму устувор мебошад. Дар матоъҳои абрешимии суғдӣ, дар баробари сужетҳои гуногуни иқтибосшуда, бештар бузҳои кӯҳӣ, аспҳо, гавазнҳо нақш шудаанд. Дар байни навъҳои таҳқиқшуда, нақшу нигорҳои бесужет низ, мушоҳида мешаванд.

Д.Шеперд дар таҳқиқоти худ сифати пасти рангҳои: сафед, сурх, сабз, кабуд, тиллоӣ, қаҳвагӣ ва бофтаи дағали гулдӯзиҳо бо ҳошияҳои махсусро, ки дар натиҷаи муқоиса маълум гардида буд, ошкор сохт. Иерусалимская ба онҳо сифат ва хусусияти бисёр муҳимми дигар, яъне дар онҳо тамоман вуҷуд надоштани тоби нахҳо ё риштаҳоро илова намуд, ки ин ҷиҳат матои занданачиро аз маҳсулоти марказҳои ғарбӣ фарқ мекунонд.

Дар байни порчаҳои абрешимии аз Мошевой Балка ва Хасаут ёфташуда низ, чанде аз ин порчаҳо вуҷуд доштанд, ки ба хусусиятҳои матоъҳои суғдии дар мақола зикр намуда, пурра мувофиқат менамуданд.

Дар ин ноҳияҳо ба ҷуз порчаҳои абрешими суғдӣ, матоъҳои абрешими бизонсӣ ва чинии зиёде пайдо шуда буд, ки аз додугирифти ин кишварҳо шаҳодат медиҳанд. Лекин, омили асосии дар ин ноҳияҳои хурди кӯҳӣ, ин гуна зиёд авҷ гирифтани тиҷорати мол, бахусус матоъҳои беҳтарини абрешимӣ ва дастраси мардуми одӣ гардидани он, ки яке аз молҳои пуразриш ва қиматбаҳои он замон ба ҳисоб рафта, бештар барои туҳфа ба шоҳону сарварон

фиристода мешуд, то ба ҳол баҳснок буда, фикру назарҳои мухталиферо ба вуҷуд овардааст.

Тибқи гуфтаи донишмандон, қаблан, яъне то солҳои 60-уми асри XX, то ба даст омадани бозёфтҳои ноҳияҳои мазкур ягона манбае, ки имконияти иртиботро дар ин ҷанба нишон медод шадда (қатори муҳра) буд, ки ба он В.Б. Деопик дар таҳқиқоти худ "Таснифоти шаддаҳои Кафқози Шимолӣ" низ, ишора намудааст. Солҳои 30-уми асри XX мақолаи дигаре аз тарафи А.Н. Дячков-Тарасов [Ниг.:5.72] таҳти номи "Роҳи номаълуми тиҷоратии қадим аз Хоразм ба Бизонс тавассути Қафқоз" ба нашр расид, ки аз он то таҳқиқ шудани бозёфтҳои ин ноҳияҳо, дақиқ мушаххас намудани ин роҳ, ки он баъдан, тибқи таҳқиқоти бостоншиносон роҳи доимоамалкунандаи тиҷоратӣ аз Осиёи Марказӣ ба Бизонс дониста шуд, имконпазир гардид.

Сипас, дар асару мақолаҳо ва таҳқиқу бозёфтҳои бадастовардаи бостоншиносон, таърихан, чӣ гуна нақш доштани ин роҳи тиҷоратӣ, ки ба воситаи он молу матоъҳои абрешимӣ бурда мешуданд, мавриди арзёбӣ қарор гирифта, маълуму машҳур шуд.

Имконияти ба ин роҳ рафтуомади номураттаби корвонҳои тиҷоратӣ, қабл аз ин дар ахбори манбаъҳои хаттӣ [Ниг.: 9. 203-207] низ гуфта шуда буд ва яке аз охирин хабарҳо ин буд, ки Суғд дар асри VI дар "Шоҳроҳи абрешим" аз Чин ба Ғарб қарор дошта, пиллапарварӣ ва абрешимбофиро аз худ намуда, аз охири асри VI бозори фурӯшро ҷустуҷӯ кард ва онро дар Эрон наёфта, ба Бизонс, ки дар он замон аз дасти тоҷирони эронӣ, ки абрешими хоми чиниро инҳисор намуда буданд, ба дод омада, кӯшиш мекард, ки ба ҷуз роҳи Эрон, ҷодаи дигареро барои иртибот ба Осиёи Марказӣ ва бо мақсади аз он ҷо гирифтани ашёи хом пайдо кунад. Ҳамин тавр, рафтуомади сафирон имконият ба вуҷуд овард, ки ҷодаи тиҷоратӣ ба воситаи Қафқози Шимолӣ, ҳалли худро ёбад.

Дар манбаъҳои хаттӣ [Ниг.:9.203-207-270], рафтуомади чанде аз сафирони суғдӣ ва бизонсӣ оварда шудааст, ки ҳама ба воситаи Қафқоз, ба роҳе, ки тибқи гуфтаи онҳо аз соҳили баҳри Арал ва соҳили шимолии баҳри Хазар ба гузаргоҳи Волга сипас, ба Қафқози Шимолӣ то Алан ва аз он ҷо ба роҳи Дарин ба Моварои Қафқозу Апсилия ва аз баҳри Сиёҳ то Риону Трапезунда ва аз он ҷо бо асбҳои пуста (почта) то Қустантания тӯл кашида буд, сурат мегирифт. Рафтуомад ба ин роҳ дар асри VII ба қавли донишмандони мазкур [Ниг.:13.16-17] ҳатто дертар, то вақте ки арабҳо дар ҷанубу ғарб ба ҳаракати корвонҳои суғдиён муқобилият накарданд, идома дошт ва ба истилоҳи онҳо ин роҳи хуб омӯхташуда ва доимамалкунанда тахмин шуда буд.

Албатта, ба назари мо, бовар кардан ба бозёфтҳои бостоншиносӣ ва таҳлили онҳо дуруст аст, лекин чӣ гуна таҳлил ва таъсиррасонӣ аст, ки манбаъҳои асри VI тасдиқ мекунанд, ки дар ин замон дар Бизонс, чӣ гуна истеҳсол кардан ва чӣ будани абрешимро намедонистанд, то вақте ки дар давраи ҳукмронии Юстиан як форс тухми кирми пилларо наёварда ва онро аз шоха гирифта, ба баргҳои тут сар надод.

Донишманди рус Пигулевская Н.В., ки солҳои тӯлонӣ рӯйи масоили таърихи Бизонс таҳқиқоти зиёдеро ба анҷом расонидааст, дар мақолаи худ (8) ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, зикр менамояд, ки Прокопий дар ин бора нақли нисбатан муфассалеро, ки ба ҳақиқат наздиктар аст дар ихтиёр дорад. Ба ақидаи ӯ, ду роҳиби аз Ҳинд омада мефаҳманд, ки император Юстиниан дар робита ба ин мушкилӣ дорад ва форсҳо ба онҳо фурӯши абрешими хомро қатъ кардаанд, пешниҳод менамоянд, ки парвариши кирми абрешимро ба роҳ монанд. Юстиниан ба роҳибон ваъда медиҳад, ки, агар онҳо ба ваъдаи худ вафо кунанд ҳадяҳо медиҳад. Сипас, онҳо дубора ба Серинда, ки бори аввал корашон барор нагирифта буд рафтанду кирми абрешимро ба Бизонс оварда, бо барги тут таъмин намудаанд. Ҳамин тавр, онҳо абрешим ҳосил карда, ба ин кор машғул шуданд.

Ба тахмини ин донишмандон, сафари якуму дувуми роҳибон солҳои 550, 552 ва бозгашти онҳо солҳои 553, 554 сурат гирифтааст. Ва тиҷорат ба Шарқи Миёна ва Шарқи Дур низ он замон ва дертар, асосан, дар дасти тоҷирони суриягӣ ва форсҳо буда, савдо ба қавли онҳо, ба забони суриёнӣ будааст. Ин савдогарони мусофир низ кирми абрешимро метавонистанд ба Бизонс баранд, лекин аз куҷо бурдани онҳо норавшан мондааст.

Манбаъҳо ҳам, тибқи гуфтаи муаллифи мазкур, мухолифи ҳамдигаранд. Масалан, Фаеофани Бизонсӣ мегӯяд, ки онҳо (яъне роҳибон) аз кишвари "Серҳо" омадаанд. Ва илова мекунад, ки шаҳрҳои тиҷоратӣ ва бандаргоҳҳо нахуст ба форсҳо ва сипас, ба туркҳо гузашта буд, мумкин нест, ки шаҳрҳо ва бандарҳои чинӣ дар назар дошта шавад. Дар нақли Прокопий ду ном: Ҳинд ва Серинда ба кор рафтааст. Пас, на Чин, балки ягон вилояти шимоли Ҳинд ё Осиёи Марказӣ дар назар аст. Шояд, бештар, сухан дар бораи шаҳрҳо, марказҳои тиҷоратӣ ва бандарҳое меравад, ки ба тиҷорати абрешим машғул буданд ва ин дар навбати аввал Осиё, марказҳои суғдӣ мебошад, ки аз болои онҳо ҳукмронии сиёсӣ аз Кӯшониён ба Ҳайтолиҳо ва аз онҳо ба туркҳо гузаштааст. Ба ин ҷо муғони форсӣ меомаданд ва онҳо низ метавонистанд кирми абрешимро баранд. Серинда тибқи хулосаи Пигулевская ин дуроҳа ё чорроҳаи байни Шарқи Дур ва Наздик ва ҳамон Осиёи Марказӣ буд, ки дар он ҷо суғдиҳои меҳнатдӯст ба косибӣ ва тиҷорат машғул буданд.

Баъди ба сари ҳокимият омадани туркҳо, суғдиён, ки вилоятҳои асосии фарҳангиро дар ихтиёр доштанд, зери таъсири онҳо монданд.

Суғдҳо тибқи ахбори манбаъҳои ҳамон давра дар роҳи калони корвонгузар сукунат доштанд. Дар аввал онҳо ба фурӯши ҳосили зироат, косибӣ, миёнчи дар фурӯши абрешим ва сипас, ба тайёр намудани худи абрешим, ба рангубор ва гулкории он машғул шуда, мехостанд бозори фурӯши худро дошта бошанд. Дар ин бора маълумоти бостоншиносӣ роҷеъ ба роҳи абрешим аз девори Чин то соҳилҳои Нил низ, мухталиф аст.

Дафнгоҳи Лу-Лан, дар шимоли атрофи дашти Лоб-Нор, ки аснодиҳи чинӣ онро ба асри III мансуб медонад, шаҳодат медиҳад, ки додугирифти тиҷоратӣ, хусусияти дутарафа дошт, зеро дар баъзе аз дафнгоҳҳо, на танҳо матоъҳои абрешимӣ, балки матоъҳои пашмӣ низ, пайдо шуданд. Порчаи қолин дар яке аз дафнгоҳ, кори махсуси даббоғии ҳавзаи Торим ба шумор меравад. Ва дигар матоъҳои пашминӣ дафнгоҳи Лу-Лан ҳам, аз он ҷо баромада буд. Шаҳрҳо ва рустоҳои қад-қади дарёи Торим аз давраҳои хеле қадим ба даббоғии матоъҳои пашмӣ машғул буданд. Аз ҷумла, зикр мешавад, ки бавуҷудоии чанде аз навъи матоъҳо пештар аз Чин будааст. Ин равиши тайёркунии матои пашмӣ, қаблан дар Чин барои абрешим низ, қабул шуда буд. А. Стейн расмҳои матоъҳои пашмии аз Лу-Лан пайдошударо эллинистӣ (юнонӣ) номидааст.

Матоъҳои пашмии ҳавзаи Торим берун аз ҳудуди он, аз ҷумла, дар Чин ҳам, бозори фурӯши худро дошт.

Дар яке аз онҳо ба қавли Стейн [14.907-909], ки онро Пигулевская низ, дар мақолааш мавриди таҳлил қарор додааст, тарзи тайёркуниаш ба коптӣ монанд буда, дар он тасвири хоси чинии парандаҳо дар пойҳои аспҳо мавҷуд аст.

Ҳамин тавр, маълумоти бостоншиносӣ то асри IV ва ҳафриёти дафнгоҳҳо дар Остона (Турфон), донишмандони мазкурро ба хулосае овард, ки дар Суғд, Самарқанд, Фарғона, Бухоро ва ҳавзаи дарёи Торим матоъҳои абрешимӣ истеҳсол мекарданд. Намунаҳои абрешими суғдӣ то Дун-Хуан ва то худи девори бузурги Чин ҷое, ки дастхатҳои зиёди суғдӣ ёфт шудааст, расида буд.

Масъалаи сохтори қавму қабоил, давлатдорӣ, муносибатҳои сиёсиву тиҷоратии халқҳои Осиёи Марказӣ бо соир кишварҳо дар асари донишманди тоҷик, аллома Ғафуров Б.Ғ. [3] низ хеле возеҳ ва дар асоси маводи зиёде аз манбаъҳо ва маъхазҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки ба ҳар кадоме аз фикру назарҳои мухталиф, тибқи маводи таърихию бостоншиносӣ ва дар мавқеи худ посух дода шудааст.

Мо медонем, ки дар давраи Кӯшониён аз Осиёи Миёна,-навиштааст Ғафуров,- (С.У.), - роҳи тиҷорат, аз ҷумла, “роҳи абрешим” мегузашт, ки Осиёи Марказӣ ва Римро ба ҳам мепайваст, баъдтар кирмакдорӣ ва шоҳибофӣ дар худи Осиёи Миёна ривоҷ меёбад. Дар ғарб истеҳсоли шоҳӣ умуман вуҷуд надошт, бинобар ҳамин ҳам, империяи Византия ва ҳам Рим фақат нигарони шоҳие буданд, ки аз Осиёи Марказӣ ва Миёна оварда мешуд ва зимнан дар ин савдо савдогарони форс миёнчигӣ мекарданд.

Византиҳо чанд бор кӯшиданд, ки бевосита аз Ҳиндустон шоҳӣ гиранду дар ин кор ба форсҳо муҳтоҷ набошанд, вале кӯшишҳо бар абас рафт, зеро Эрон ба ин кор зид буд. Форсҳо аз миёнчигии худ пули ниҳоят калон мегирифтанд, бинобар ҳамин онҳо аз як тараф, наемонданд, ки Византия бевосита бо фурӯшандагони абрешим робита дошта бошад ва аз тарафи дигар, чӣ қадар хоҳанд, ҳамон қадар нархи молро боло мебардоштанд. Ҳукумати Византия, ки нархи абрешимро ба тартиб андохтанӣ буд, ба ҳеҷ кор муваффақ нашуд.

Дар миёнаҳои асри VI тухми кирмак ба Византия ҳам оварда шуд, вале барои тараққии саноати шоҳӣ вақти тӯлоние лозим буд [3. 218].

Ба умум, муаррих дар ин масъала ақидаи Н.В Пигулевскаяро [Ниг.: 3. 219], пурра тарафдорӣ намуда, ҳеҷ асосе надоштани Л.Н. Гумилёвро, ки ӯро танқид кардааст, зикр менамояд. Вале Л.Н. Гумилёв ҳам мисли ҳамаи дигар муҳаққиқон,- илова намудааст ӯ – (С.У.), дар як бобат ҳақ аст, корро тавре тасаввур кардан лозим не, ки чӣ тавре Н.В.Пигулевская менависад,” туркҳо ба муомилоти васеи тиҷоратӣ рағбат надоштанд”. Аслан гирем, ашрофи туркҳо хеле “пӯхта” шуда буд ва нағз мефаҳмид, ки муомилоти васеи тиҷоратии байналхалқӣ, алалхусус, фурӯши шоҳӣ чӣ манфиате дорад. Маҳз ба ҳамин сабаб ташаббуси суғдиён ба хоқони турк маъқул шуд.

Аллома Б.Ғафуров дар қисмати “Ҳунармандӣ ва тиҷорат” [Ниг.:3.234]–и фасли дувуми боби дувум, ки ба Тахористон бахшида шудааст, фикру назари муаррихон ва бостоншиносонро мавриди таҳлил қарор дода, дар баробари дигар ҳунарҳо, ривоҷ ёфтану ба дараҷаи камолот расидани ҳунари бофандагӣ; аз Хатлон овардани шоҳии хушсифати гуногунранг; дар байни осори Тахористон ба даст омадани урчуқи сафолӣ ё сангӣ ва бо ин олоти одӣ ресмон ресидан; вуҷуд доштани дастгоҳҳои бофандагӣ ва ба воситаи онҳо бофтани газворҳои пашмину пахтагинро зикр намуда, дар хусуси матои абрешим бо назардошти гуфтаи Л.И.Албаум чунин хулоса намудааст: “Дар масъалаи матои абрешим бояд ҳаминро гуфт, ки пештар мавҷуд будани онро бечуну чаро ба содироти Чин вобаста мекарданд. Навтарин бозёфтҳои бостоншиносӣ далолат мекунанд, ки кирмакдорӣ ва шоҳибофӣ дар ибтидои асрҳои миёна дар Осиёи Миёна пурра аз худ шуда буд. Дар боби ҳунармандии Суғд дар ин бора таваққуф хоҳем кард. Алҳол, фақат хотирнишон менамоем, ки дар қасри Зангхона (вилояти Сурхондарё) дар қабатҳои асри V - VIII пилла ёфт шудааст [3. 234 – 235].

Дар қисмати “Ҳунармандӣ ва тиҷорат”- и фасли севуми боби дуюми асари Б.Ғафуров, ки ба Суғди асрҳои VI -VII , бахшида шудааст, ин масъала мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар он: ривоҷ ёфтани ҳунари бофандагӣ, шарҳи бозёфтҳои бостоншиносӣ, ба хусус, шарҳи бозёфтҳо дар Қалъаи Муғ, ки қариб 150 намунаи матоъ ёфт шуда, тибқи ҳисобу китоби М.П.Винокурова аз 135 намуди матои ин Қалъа, ки ӯ тадқиқ кардааст, 90 тоаш пахтагӣ, 44 тоаш абрешимӣ ва фақат 1 тоаш пашмӣ буда, ба чор намуд ҷудо кардани газворҳои соф абрешимӣ ва шарҳи онҳо, яъне чӣ гуна бофта ва нақшу нигор доштани онҳо, нишон дода шуда, муаллифро ба чунин натиҷа расонидааст, ки мегӯяд: “Эҳтимол, баъзе намудҳои газворҳои абрешимӣ аз Чин ҳам омада бошанд, вале қисми асосии он, бешубҳа, дар худи Суғд тайёр карда мешуд” [Ниг.: 3. 256- 257].

Таҳлилу ҷамъбасти фикру ақидаҳои донишмандон: Бентович И.Б., Винокурова М.П., Ҳеннинг В.В., Шеперд Д., Беленитский А.М., Шишкин В.А.,

дар бораи ҳунари бофандагӣ; намунаи матоъҳо; шарҳи бозёфтҳои Қалъаи Муғ; намунаи шоҳиҳо дар музейҳои мамлакатҳои Аврупо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин ҳунар дар Суғд хеле ривоҷ ёфта буд ва суғдиҳо низ, кӯшиш мекарданд, ки бо кишварҳои хориҷ муносибати додугирифт дошта бошанд. Яке аз чунин роҳҳои тиҷоратии абрешим, тавре ки аз таҳлили мақолаҳои дар боло зикршудаи Иерусалимская А.А., бармеояд, роҳ тавассути Қафқози шимолӣ будааст, ки ба ин бозёфтҳои сағонаи Мошевая Балка ҳам далолат мекунад.

Б. Ғафуров ҳангоми таҳлили мақолаҳои: А.А. Иерусалимская В.А. Лившитс ва В.Г.Луконин ба ин масъала дахл намуда, навиштааст: “Савдои хориҷӣ бо роҳҳои бисёр ба мамлакатҳои шарқ ва ғарб, инчунин ба аҳолии даштҳои шимол бурда мешуд. Масалан, робитаҳои тиҷоратии Осиёи Миёна ва Византия хеле равнақу ривоҷ дошт. Як қисми ин тиҷорат ба воситаи Эрон ва қисми асосии он ба воситаи Қафқози шимолӣ анҷом дода мешуд. Ба Суғд аз Византия шоҳӣ меоварданд. Дар Суғд аз рӯйи намунаҳои онҳо шоҳиҳои аҷоиб мебофтанду боз ба ғарб бурда мефурӯхтанд. Дар сағонаи Мошевая Балка (дар Қафқози шимолӣ) пораи шоҳии суғдӣ ёфт шуд, ки тақлидан ба шоҳиҳои Византия бофта шудааст, вале аз рӯйи бисёр хусусиятҳояш маълум, ки шоҳии суғдӣ мебошад” [3. 258].

Таҳлилу баррасии асарҳо ва мақолаҳои донишмандони дар боло зикргардида, бахусус, таҳлили бозёфтҳои бадастовардаи бостоншиносон бори дигар шаҳодат медиҳанд, ки коркард ва хариду фурӯши абрешим ва ба кадом роҳҳои корвонгузар мавриди тиҷорат қарор гирифтани он, дар замони Сосониён хеле ривоҷ гирифта буд.

Таъсири санъати бофтаҳо ва нақшу нигори Сосониён ва Бизонсиён, бахусус, ба бофтаи абрешими Суғд, тавре ки аз мақолаҳои Иерусалимская ва дигарон низ бармеояд, возеҳу равшан гардид, аммо масъалаи дигаре, ки то ба ҳол мубҳам ва аз назарҳо дур мондааст, ин ҳамон ҷанбае аст, ки на танҳо ба санъати суғдӣ, балки ба умум, ба санъати бештаре аз кишварҳо таъсир расонида буд. Ва он тибқи маълумоти муаллифони “Таърихи Табарӣ” ва “Равзат- ус- сафо” дар замони Ҷамшед маъмулу машҳур будааст, ки шоҳиди ин гуфтаҳо, назари донишманди Эрон, бостоншинос Исои Беҳном низ, буда метавонад, ки ҳангоми дидани порчақолини кашфшудаи Ҳахоманишиён аз Позирик, дар намоишгоҳи Санкт-Петербург рух дода буд. Порчақолини мазкур, тавре ки номбурда ишора мекунад, бо гиреҳҳои абрешимӣ бофта шудааст.

Қаблан, ба ин бозёфтҳо аллома Ғафуров Б.Ғ. низ ишора намуда, гуфта буд: “Бозёфтҳои ҳафриёти қӯрғонҳои мансуб ба асрҳои VI- IV пеш аз милоди Олтой, ки ашёи аз пӯст, пашм ва намад сохташуда дар шароити яхбандии доимӣ ба хубӣ маҳфуз мондаанд, дар бораи алоқаҳои маданӣ ва тиҷоратии Эрони ҳахоманишӣ ва Осиёи Миёна шаҳодат медиҳанд. Порчаҳои матои пашмӣ ва гилеми пат, ки дар қӯрғони панҷуми Позирик ёфт шудаанд, хеле ҷолиби диққатанд. Онҳо аз дараҷаи баланди ҳунари бофандагӣ ва қолинсозии онвақта шаҳодат медиҳанд. Баъзеҳо чунин мепиндоранд, ки ин гилемро устодони форс ё мидӣ тайёр кардаанд, ба ақидаи дигарон вай моли ҳунармандони Осиёи Миёна аст. Эҳтимоли қавӣ меравад, ки ин гуна гилемҳо ҳам дар Эрон ва ҳам дар Осиёи Миёна тайёр карда мешуданд, зеро тариқи бофт, нақшу нигор ва сужети лавҳаҳои дар онҳо тасвиршуда барои бисёр халқҳои эронизабон хос ва умумист” [3. 90].

Агар чунин далелҳо ва нақли Муқотил ибни Сулаймони Бухороӣ, ривоятгари ҳадисҳо, ки дар бораи Сулаймон пайғамбар писари Довуд пайғамбар гуфта буд: “Ҷиниён барои ӯ бисоте бофтанд аз зарру абрешим як фарсанг дар як фарсанг ва ӯро сарире буд заррин” ба назар гирифта шавад, пас бояд тағйироте дар фикру ақидаҳо низ, сурат бигирад.

Порчақолини бадастовардаи бостоншиносон шоҳиди он аст, ки бофти абрешим ва тиҷорати он ба роҳҳои шоҳии замони Ҳахоманишиён дар даврае,

ки сарзаминҳои осиёӣ дар ҳайати сатрапҳои ин Империяи бузург қарор дошта, муносибатҳои рафту омад ва додугирифт устувор гардида буд, ривоҷ ёфт ва сабаби таъсири байниякдигарии фарҳангҳо, ки шояд асрҳо қабл вуҷуд дошта бошад, дубора барқарор гардид. Ва ин таъсири фарҳангҳо, бо гузашти айёми мақдуниён ва ташкилёбии давлати абарқудрати Сосониён ва зиддиятҳои қавму қабоили дохилии осиёӣ, эҳё шуд. Ва рафтуомади корвонҳои тиҷоратӣ, ки хеле мушкил шуда буд, бо гузашти замон, оҳиста- оҳиста ба ҳолати пешинаи худ баргашт. Вале таъсири давлатҳои дигар, аз ҷумла, давлати Бизонс барои бе дахолати Эрон ба даст овардани абрешим ва ё дигар молҳои қиматбаҳо, ки аз як тараф масъалаи боҷдиҳӣ ва аз тарафи дигар, ки мехостанд ба ин васила, таъсири фарҳанг, бахусус, дину ойини худро ба Суғдиёну Тахориён ва Бохтариёну Хоразмиён расонанд, мушкил шуда буд. Аз ин лиҳоз, онҳо кӯшиш намуданд, ки тиҷоратро ба роҳи Қафқоз, гарчанде барои онҳо душвор ҳам бошад, оғоз намоянд ва фоидае ба даст биёранд.

Роҳи интихобнамудаи онҳо замоне амалӣ гардид, ки суғдиён аллакай тамоми равиши бофти абрешим ва санъати гулкории онро медонистанд ва маҳсулоти тайёрнамудаи худро, на танҳо ба Эрону Бизонс, балки ба Чину Шарқи Дур низ мебурданд. Ва гумон меравад, ки шояд абрешим ва ё худи порчақолини аз Позирик пайдошуда ҳам маҳсули дасти суғдиён бошад. Санъати абрешимбофии суғдӣ, сипас дар давраи исломӣ ба дараҷаи аълои худ расида буд, ки ба ин ҳадиси шоҳидовардаи Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал- Бухорӣ дар “Китоби намоз” роҷеъ ба қабои абрешимии пуштчок, ки ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу аллайҳи ва саллам ҳадя шуда буд, далел буда метавонад, ки гуфта буд: “375. Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал Лайс ба мо нақл кард, аз Язид, аз Абулхайр, аз Уқба ибни Омир, ки гуфт: “ Ба пайғамбар, салла- л -Лоҳу аллайҳи ва саллам, қабои абрешимии пуштчок ҳадя карданд. Ӯ онро пӯшиду намоз хонд. Баъд (аз намоз) берун шуд ва ҳазаркунон онро бо шиддату дуруштӣ аз тан бадар карду гуфт: “ Насазад, ки парҳезкорон инро пӯшанд” [1. 154].

Ба шароити мусоиди тиҷорати байналхалқӣ, ки дар замони Ҳахоманишиҳо ба вуҷуд омада буд, ҳеҷ шакке нест ва шоҳиди ин гуфтаҳо авҷ гирифтани тиҷорат ва ба кишварҳои тобеи он сафар кардани сайёҳон ва донишмандон буда метавонад, ки таърихниго- рон низ, борҳо зикр намудаанд.

Муносибатҳои тиҷоратӣ бо халқҳои Осиёи Миёна, бахусус, дар замони Дорои аввал хеле устувор гардид ва рафтуомади корвонҳо бо маҳсулоти зарурӣ, мисли: пӯст, пашм, абрешим, тилло, лоҷувард ва ақиқу фирӯза хеле ривоҷ ёфт, ки ба ин сарчашмаҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ ҳам, ишора кардаанд.

Тиҷорати молҳои зикрёфта, пас аз шикасти давлати бузурги Ҳахоманишиён ва ҷангҳои мақдуниён то замоне қатъ гардида, сипас, дар давраи Кӯшониён ва пасон дар замони Сосониён густариш ёфт.

Чанде аз донишмандон, аз ҷумла, таърихшиноси шинохтаи америкоӣ Ричард Нелсон Фрай низ, дар фасли даҳуми асари худ “Мероси Осиёи Марказӣ” [11.161-165], ба ин масъала дахл намуда, чӣ гуна кашф шудани кирми абрешим ва бофтани порча аз нахи онро мутобиқи шаҳодати сарчашмаҳои чинӣ дар ҳазораи севуми пеш аз милод, зикр намудааст. Тибқи ишораи ӯ: “Раванди комили абрешимресиро чиниён дар тӯли қарнҳо пинҳон медоштанд ва хориҷиён то асрҳои нахустини солшумории мо намедонистанд, ки кирми абрешим баргҳои тутро мехӯрад ва либоси абрешимӣ чӣ гуна тайёр мешавад. Ҳам дар Чопун ва ҳам дар сарзаминҳои ғарб истеҳсоли абрешим дертар оғоз шуд, ҳарчанд Ҳинд тибқи сарчашмаҳои нахустини санскрит дар ин маврид истисно мебошад [11.161].

Шояд, навиштаҳои Фрай дар хусуси сарчашмаҳои чинӣ дар бораи кашфи кирми абрешим ва бофтани порча аз нахи он, то андозае қобили қабул бошад, вале гуфтаи он ки ... хориҷиён то асрҳои нахустини солшумории мо намедонистанд, ки кирми абрешим чӣ гуна тайёр мешавад ва сарчашмаҳои

нахустини санскрит дар ин маврид истисно мебошад, қобили пазириш буда наметавонад, зеро аз таҳлили маводи ба дастомада, маълум гардид, ки маълумот дар бораи абрешим ва равиши бофтани он, на танҳо дар сарчашмаҳои нахустини санскритӣ, балки тибқи ахбори "Таърихи Табарӣ" ва дигарон, дар замони шоҳ Ҷамшед маъмулу машҳур буда, бо роҳҳои тиҷоратии шоҳӣ бурда шудани он дар замони Ҳахоманишиён, ҳодисаи муқаррарӣ будааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал- Бухорӣ. Саҳеҳи ал- Бухорӣ.Ҷ.I. / Аз арабӣ тарҷумаи Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев.- Душанбе: "ЭР-граф", 2004.- 524с.
2. Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷ.I. /Таҳияи матн: Муҳаммадҷон Умаров, Файзулло Бобоев, Далер Қаноатов. -Теҳрон: Алҳудо, 1380 / 2001.- 817с.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав.- Душанбе: Дониш, 2008.- 870с.
4. Иерусалимская А.А. О Северокавказском "Шелковом пути" в раннем средневековье. / Советская археология.- М., 1967, №2. – С. 55- 78.
5. Иерусалимская А.А. К вопросу о связях Согда с Византией и Египтом. (об одной уникальной ткани из северокавказского могильника Мощевая Балка). / Народы Азии и Африки.- М., 1967, №3.- С.119- 126с.
6. Луконин В.Г. Древний и раннесредневековый Иран.- М.,: Наука, 1987.- 295с.
7. Митина Н.З. Фрагмент шелковой ткани из Мощевой Балки. /Сообщения Государственного Эрмитажа. Т. X, 1956.
8. Пигулевская Н.В. Византийская дипломатия и торговля шелком в V-VII вв./ Византийский временник. – М., 1947, Том I (XXVI).-С. 184-214.
9. Пигулевская Н.В. Византия на путях в Индию.- М.,- Л., 1951.- 410с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2.- М.: СЭ, 1969.- 948с.
11. Фрай Р.Н. Мероси Осиёи Марказӣ (Аз замонҳои бостон то истилои туркҳо) /Тарҷума аз инглисӣ Баҳриддин Ализода (Т).- Душанбе, 2000.- 287с.
12. Herzfeld E. Archaeological history of Iran. – London, 1935.-
13. Shepherd D.G., Henning W.B. Zandaniji Identified. / Aus der welf der islamischen kunst, Festschrift fur E. Kuhel.- Berlin, 1959.-
14. Stein A. Innermost Asia: Detailed report of explorations in Central Asia, Kansu and Eastern Iran, Carried out and described…vols. I-III. Oxford, 1928.-
15. ارتور کریستنسن . ایران در زمان ساسانیان . ترجمهٔ : رشید یاسمی. چاپ سوم، مؤسسهٔ انتشارات نگاه.- تهران، 1389.-
16. ابن خلدون . مقدمه . به اهتمام کاترمر.- بیروت ، 1335.-
17. داستان داود و سلیمان ، برگرفته از تفسیر روض الجنان و روح الجنان. به جمع و تألیف و تصحیح:عسکر حقوقی. مؤسسهٔ انتشارات امیرکبیر.- تهران، 1369.- 62 ص.
18. شاهنامهٔ ثعالبی درشرح احوال سلاطین ایران. به قلم ابومنصورعبدالملک بن محمد ثعالبی نیشابوری. ترجمهٔ : محمودهدایت.- چاپخانهٔ مجلس، تهران، 1369. –
19. علی سامی. مجلد چهارم گزارشهای باستان شناسی حاوی کاوشهای هشتسالهٔ بنگاه علمی تخت جمشید درپاسارگاد وتخت جمشید وتپه های ماقبل تاریخی.- شیراز، 1338.-
20. علی سامی. تمدن هخامنشی.جلد دوم.- شیراز: چاپخانهٔ موسوی،1342.- 347 ص.
21. علی سامی. تمدن ساسانی. جلد دوم.- شیراز: چاپخانهٔ موسوی،1344. - 371 ص.
22. هایدماری کخ. از زبان داریوش!... مترجم: دکترپرویزرجبی.- تهران: کارنگ،1383.-360

НЕСКОЛЬКО СЛОВ О ШЕЛКЕ И ШЕЛКОВОМ ПУТИ

В данной статье делается попытка осветить и анализировать мнение учёных об истории появления шелка и шелкового пути на основе исторических и современных материалов.

Ключевые слова: шелк, шелковый путь, история, значение, роль, мнение учёных.

A FEW WORDS ON SILK AND SILK ROAD

This article seeks to highlight and analyze the views of scientists about the history of silk and Silk Road on the basis of historical and modern materials.

Key words: silk, Silk Road, history, values, role, scientific opinion

Сведения об авторе: ***Сулаймони Сулаймони Усмон*** - аспирант Таджикского национального университета

М У Н Д А Р И Ҷ А - С О Д Е Р Ж А Н И Е

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

НАЗАРЕ БА ЧАНД НОМИ ЛИБОС ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ
С.М. Исматов *3*

НАҚШИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФӢ ДАР ТАЪЙИН НАМУДАНИ ҲУДУДИ (ХАРИТАИ) ЭТНИКӢ
Х. Ш. Кабиров *6*

ТВОРЧЕСКОЕ НАСЕДИЕ ГЕРБЕРТА МАРШАЛЛА МАКЮЭНА И ТЕОРИЯ КОММУНИКАЦИИ
М. Бекмурадов *9*

ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ВАРЗИШ АЗ ҶИҲАТИ СОХТ
А.Н.Шафоатов *12*

КАЛИМАҲОИ ОККАЗИОНАЛӢ ВА САБАБҲОИ ТАВЛИДИ ОНҲО ДАР НУТҚ
М. Музофиршоев *20*

АТРИБУТИВНЫЕ ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКИЕ СОЧЕТАНИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
С. А. Хайдарова *22*

О ДВУСОСТАВНОМ ХАРАКТЕРЕ ПРЕДЛОЖЕНИЙ СО СЛОВАМИ КАТЕГОРИИ СОСТОЯНИЯ
Е.С. Паташкова *27*

ИЗУЧЕНИЕ ИНФИНИТИВА УЧАЩИМИСЯ - ТАДЖИКАМИ
М.Ф. Камолова *33*

ПРОБЛЕМА ГИБКОСТИ И ИЗМЕНЧИВОСТИ ЯЗЫКОВОЙ НОРМЫ СОВРЕМЕННОГО РУССКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА
З. Р. Юсупова, Х. Назаралиев *35*

ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ ВА МАВҚЕИ ОНҲО ДАР ИБОРАҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ
М. Темурова *40*

ИНТЕРНАЦИОНАЛЬНЫЕ СЛОВА В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ, ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
Парвина Исматуллоева *44*

ОСОБЕННОСТИ СЕМАНТИКИ ИСОЧЕТАЕМОСТИ АНГЛИЙСКИХ ГЛАГОЛОВ TOAMUSE,TO ENTERTAIN, TO GRIP, TO INTEREST, TO THRILL
М.Рахимов *47*

ФОРМИРОВАНИЕ И СТРУКТУРА ТЕРМИНОЛОГИИ ПОЛЕЗНЫХ ИСКОПАЕМЫХ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
Ш.С. Раззокбердиев *52*

МУРОДИФҲОИ ФЕЪЛҲОИ ЁВАРИ НАМУДҲОИ МУТЛАҚ ВА ДАВОМДОРИ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛИИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ
Бурҳониддин Аловиддинов *56*

МАВҚЕИ ВОЖАИ ХОНА ДАР ТАШАККУЛИ ИСМҲОИ МУРАККАБ

(дар мисоли забони «Маснавии маънавӣ»)
Д. Назаралиева …… ***60***

ИБОРАҲОИ ИСМИИ ИЗОФИИ ҚОЛАБИ ИСМУ СИФАТИ АСЛӢ ДАР АФСОНАҲОИ ХАЛҚИИ ТОҶИКӢ
Салтанат Қодирова …… ***62***

МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ, ЛЕКСИЧЕСКИЙ И СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СЕМАНТИЧЕСКИ КЛАССИФИЦИРОВАННЫХ ПЕРСИДСКИХ БАНКОВСКИХ ТЕРМИНОВ И ИХ АНГЛИЙСКИХ ЭКВИВАЛЕНТОВ
Мохаммад Садеги …… ***72***

ТЕОРИЯ СТРУКТУРАЛИЗМА В ЯЗЫКОЗНАНИИ XIX ВЕКА
Р.У. Бокиев…… ***77***

ВОПРОСЫ ГЕНДЕРНОЙ СТРАТЕГИИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ
Н.И. Шарипова …… ***81***

МУКОЛАМА ЯКЕ АЗ РОҲҲОИ САМАРАБАХШИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ
Б. Х. Ҷабборова …… ***84***

КАЛИМАСОЗИИ ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ КАЛИМАҲОИ СИНОНИМӢ
Талабшо Назриев …… ***87***

НАҚШИ ПАСВАНДҲОИ ИСМСОЗ ДАР ЗУҲУРИ ВОЖАҲОИ СЕРМАЪНО ДАР ОСОРИ НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ
Замира Абдуллоева …… ***91***

ҶУМЛАИ СОДАИ ЯКТАРКИБАИ МУАЙЯНШАХС ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ
М. Р. Назарова …… ***95***

ТАДҚИҚИ ЛИНГВОСТАТИСТИКИИ АНТРОПОНИМИЯИ ТОҶИКОНИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ
Ш. Ҳайдаров …… ***99***

ТАҲАВВУЛ ДАР ДАСТУРНАВИСИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ ДАР ЭРОН
Ғуломризо Аскарӣ…… ***105***

ВИЖАГИҲОИ ҲОЛ (ҚАЙД) ДАР “КАЛИЛА ВА ДИМНА”
Ҷаъфари Рӯдсаробӣ…… ***108***

БАРРАСАИИ ДИДГОҲҲОИ ДАСТУРНАВИСОН ДАР БОРАИ ФЕЪЛҲОИ МУРАККАБ ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ
Хадиҷаи Меҳдизода Номӣ …… ***111***

ЗЕБОИШИНОСӢ ВА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ НАЗАРИ ҶАЛОЛУДДИН МАВЛАВӢ
Муҳаммадҷаъфар Шариатмадорӣ…… ***116***

СОХТОРГАРОӢ
Беҳҷат Турбатинажод…… ***120***

ОПРЕДЕЛЕНИЕ МЕСТА ВАЛЕНТНОСТИ ОБЪЕКТНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ
С.О. Ходжаева, Р.Фузайлов …… ***123***

БАРРАСИИ СОХТОРИИ ВОЖАГОНИ МИНЕРАЛ ДАР ЗАБОНҲОИ ФОРСӢ ВА АНГЛИСӢ БО ТАВАҶҶУҲ БА УСУЛИ СОХТИ ВОЖА
Фараҳноз Ҳоҷимуҳаммад Самиӣ …… ***127***

ИФОДАИ МАФҲУМИ «ЗАН» ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ
Гулчеҳра Сафарова ……. ***130***

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

ВАЗЪИ ЗАБОН ВА АДАБИ ФОРСӢ ДАР АСРҲОИ XVI- XVII ҲИНДУСТОН
О. Ш.Саидқаъфаров…….. ***136***

УБАЙДИ РАҶАБ - ТАРАННУМГАРИ ТАБИАТ
Ф. Ҳусейнзода ***143***

ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ МАЪДАНИ ПОНҒОЗӢ
(муҳити адабии Хӯқанди асрҳои XVIII – XIX)
Зебо Абдулазизова ……... ***150***

ВЛИЯНИЕ ЛЬВА ТОЛСТОГО НА ТАДЖИКСКУЮ ЛИТЕРАТУРУ
Гуландом Рустамзода ……. ***155***

ШОИРИ МУНАҶҶИМ ВА ҲИКМАТШИНОС
Нурмуҳаммад Одинаев ……... ***161***

МУХТАСОТИ ТАСВИРИ ТАБИАТ ДАР ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ
Л. Сафаров ……... ***170***

АСАРҲОИ ИЛМИИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ
Ҳ. У. Солиев ……. ***173***

АҲАМИЯТИ АФКОРИ АДАБИЮ ЭСТЕТИКӢ ВА ТАЪРИХИИ ТАЗКИРАҲОИ АДАБИЁТИ ФОРС – ТОҶИК
Султон Саидзода…… ***176***

МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА "СОҚИНОМА"-И МАЛИКУШШУАРОИ БАҲОР
Ниёзалӣ Қамбаров ……... ***180***

АРЗИШҲОИ ИНСОН БО ХУЛҚИ ҲАМИДА
З.П. Иноятова …… ***184***

НИГОҲИ ИҶМОЛӢ БА ЗИНДАГИНОМАИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ
О. Ш.Саидқаъфаров …… ***188***

ТАРҶУМАҲОИ ҲАБИБУЛЛО ФАЙЗУЛЛО
Н.С. Шамсов ……. ***196***

РӮДАКӢ ВА ТАШАККУЛИ ҚАСИДА ДАР АСРҲОИ IX – X
Карим Шокир ……... ***203***

ШАРҲИ ҲОЛ ВА ЭҶОДИЁТИ КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО
Рисолат Зоирова …… ***206***

ЗУЛОЛИИ ХОНСОРӢ ВА МАСНАВИҲОИ Ӯ
Я. Сармаст…… ***209***

ЧАШМАНДОЗЕ БА РӮЗГОРИ ИБН АН-НАДИМ ВА «АЛ-ФЕҲРИСТ»-И Ӯ
Меҳровар Раҳмонов ……... ***211***

АМИРИ ПОЗВОРӢ АМИРХОНӢ ВА СУРУДҲО ДАР МОЗАНДАРОН
Кейван Пахлаван Езатуллоҳ …… ***216***

ТАҶАЛЛИИ ҲИКМАТИ НАЗАРӢ ДАР ШЕЪРИ НИЗОМӢ
Шариатфар Саид Алиакбар……..…… ***218***

ДИДГОҲҲОИ АДАБИИ НИЗОМӢ ДАР «МАХЗАН-УЛ-АСРОР»
Мариам Вафисанӣ* *227

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

НАҚШИ БАРНОМАИ «ХОКИ ВАТАН» ДАР ТАШАККУЛИ ВАҲДАТ ВА ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ
Саидмуроди Хоҷазод* *233

ИДЕЙНО - ТЕМАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ В ГОДЫ ВОВ
Н.Н. Салихов, Ш.Б. Муллоев* *239

АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОН
Илҳомҷон Ҳамидов* *245

ВАО ДАР ЗАМОНИ ҶАҲОНИШАВӢ
Сангов Амирхӯҷа* *249

ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КИШОВАРЗ ДАР ТЕЛЕВИЗИОНИ «ҶАҲОННАМО»
Ҳақназар Каримов*..... *252

МАХСУСИЯТИ ИНЪИКОСИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МАТБУОТИ ТОҶИК
Ҳаитпур Расул* *254

ТЕМАТИКА ИНВАЛИДНОСТИ В ТАДЖИКСКИХ СМИ: ОСНОВНЫЕ СТРАТЕГИИ ПРЕССЫ
Яна Якубова* *260

ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКИХ ИНТЕРНЕТ СМИ
Ориёна Зардова* *264

ИРНА ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ ҶАҲОН
Захро Акбарӣ* *268

ЭЪТИМОД БА ТЕЛЕВИЗИОН
Муҳсин Ризоӣ* *271

ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ РЎЗНОМАНИГОРИИ ҲИНД ВА ЭРОН
Меҳрии Рафъатӣ* *276

НАҚШИ МАТБУОТ ДАР ҲИФЗ ВА ҲИРОСАТ АЗ ЗАБОНИ ФОРСӢ
Алиасгар Зулфагарӣ*..... *279

СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ АБРЕШИМ ВА РОҲИ АБРЕШИМ
Сулаймони Усмон* *283

БА МАЪЛУМОТИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» мақолаҳое чоп мешаванд, ки онҳо дорои натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ оид ба илмҳои табиӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ мебошанд.

Ҳангоми ирсоли мақолаҳо муаллифон бояд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия бо забонҳои русӣ ва англисӣ набояд аз 10 саҳифаи чопи компютерӣ зиёд бошад.

Мақола бояд дар системаи Microsoft Word тайёр карда шавад. Дар баробари нусхаи чопии мақола нусхаи электронии он низ пешниҳод карда мешавад. Мақола дар компютер ҳуруфчинӣ гардида (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, фосилаи байни сатрҳо – 1,5 см., ҳошияҳо: боло – 3 см, поён – 2,5 см, чап – 3см, рост – 2 см;), ҳамаи саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

Дар саҳифаи якум унвони мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф ва ё муаллифон нишон дода мешавад. Дар сатри сеюм номгӯи муассисаи таълимӣ, суроға ва e-mail. Баъд аз як фосила матни асосии мақола оғоз меёбад. Дар охири мақола баъд аз рӯйхати адабиёт аннотатсияҳо бо забонҳои русӣ, англисӣ ва калидвожаҳо (8-10 калима) оварда мешавад.

Рӯйхати адабиёт бо тартиби умумӣ баъд аз матни мақола оварда мешавад. Он набояд зиёда аз панҷ-шаш номгӯи адабиётро дар бар гирад. Қоидаи тартибдиҳии рӯйхати адабиёт бояд риоя карда шавад.

Мақолаҳои илмие, ки ба редаксия ирсол карда мешаванд, бояд варақаи экспертӣ, маълумотномаи муаллифӣ (барои мақолаҳои силсилаи табиӣ), тақризи мутахассисони соҳаро дошта бошанд.

Пешпардохт барои чопи мақола аз аспирантон гирифта намешавад.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла баргардонида мешаванд.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Масъули чоп: **М. Ибодова**
Масъули бахш**: Г. Зоғакова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**,
И. Ҳакимова

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редактор серии Филология: **Г. Зоғакова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева,**
И. Хакимова
ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj